ISSN 2074-1847

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**2022. № 9**

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

**2022. № 9**

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

**2022. No. 9**

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2022**

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Муассиси маҷалла:**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Маҷалла соли 1990 таъсис ёфтааст.**



**САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**:

***07.00.00 – Таърих ва археология***

| | |
|---|---|
| **Акрамов Зикриё Иномович** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Искандаров Қосимшо** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Якубов Юсуфшоҳ** | *Доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ* |
| **Расулиён Қаҳҳор** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Самиев Холмаҳмад Давлатович** | *Номзади илмҳои таърих, дотсент* |
| **Шарипов Раҳмоналӣ Ятимович** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |

***09.00.00 – Фалсафа***

| | |
|---|---|
| **Қурбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Идиев Хайриддин Усмонович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Олимов Кароматулло** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АМИТ* |
| **Раҳимов Мухсин Ҳусейнович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Ахмедов Саид** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |

***13.00.00 - Педагогика***

| | |
|---|---|
| **Иматова Лутфия Маҳмадиллоевна** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Файзализода Ҷумахон Хол** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Раҷабзода Маҳмадулло** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Ҳоҷиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Мухамметов Гапур Бабаевич** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*
*Дар маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои таърих, фалсафа ва педагогика барои чоп қабул мегарданд. Маҷалла мақолаҳои илмии муаллифонро аз рӯи ихтисосҳои зерин барои чоп қабул менамояд:*
***Таърих ва бостоншиносӣ:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*
***Фалсафа:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*
***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.** – 2022. – №9
ISSN 2074-1847
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №180/МҶ-97, аз 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



**© ДМТ, 2022**

# ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

**Учредитель журнала:**
**Таджикский национальный университет.**
**Журнал основан в 1990 г.**



**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:**

***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета*

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** – *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА*:***

**Исмонов Кароматулло** – *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

***07.00.00 – История и археология***

**Акрамов Зикриё Иномович** – *Доктор исторических наук, профессор*
**Искандаров Косимшо** – *Доктор исторических наук, профессор*
**Якубов Юсуфшох** – *Доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ*
**Расулиён Каххор** – *Доктор исторических наук, профессор*
**Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** – Доктор исторических наук, профессор
**Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** – *Доктор политических наук, профессор*
**Самиев Холмахмад Давлатович** – *Кандидат исторических наук, доцент*
**Шарипов Рахмонали Ятимович** – *Доктор политических наук, профессор*

***09.00.00 – Философия***

**Курбонов Абдурахмон Шерович** – *Доктор философских наук, профессор*
**Идиев Хайриддин Усмонович** – *Доктор философских наук, профессор,член-корр НАНТ*
**Олимов Кароматулло** – *Доктор философских наук, профессор, академик НАНТ*
**Рахимов Мухсин Хусейнович** – *Доктор философских наук, профессор*
**Ахмедов Саид** – *Доктор философских наук, профессор*

***13.00.00 – Педагогика***

**Иматова Лутфия Махмадиллоевна** – *Доктор педагогических наук, профессор*
**Файзализода Джумахон Хол** – *Доктор педагогических наук, профессор*
**Раджабзода Махмадулло** – *Доктор педагогических наук, профессор*
**Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** – *Доктор педагогических наук, профессор*
**Мухамметов Гапур Бабаевич** – *Доктор педагогических наук, профессор*



Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016, №1925.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки и научным специальностям:
***История и археология:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*
***Философия:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*
***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
– 2022. – № 9
ISSN 2074-1847
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 180/ЖР-97 от 19.02.2021г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



**© ТНУ, 2022**

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Founder of the journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 1990.**

**CHIEF EDITOR:**

***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Ismonov Karomatullo** — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD**:

***07.00.00 - Historical Sciences and Archeology***

**Akramov Zikriyo Inomovich** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Iskandarov Kosimsho** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Yakubov Yusufshoh** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Rasulien Kahhor** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Mitzoev Niyoz Mirzobadalovich** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Samiev Kholmakhmad Davlatovich** — *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor*
**Sharipov Rakhmonali Yatimovich** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*

***09.00.00 – Philosophical sciences***

**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Idiev Khairiddin Usmonovich** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Olimov Karomatullo** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Rakhimov Mukhsin Khuseinovich** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Akhmedov Said** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*

***13.00.00 – Pedagogical sciences***

**Imatova Lutfiya Makhmadilloevna** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Faizalizoda Jumakhon Khol** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Rajabzoda Mahmadullo** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Hojimatova Gulchehra Masaidovna** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Mukhammetov Gapur Babaevich** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
*Doctor of Historical Sciences, Professor*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1925.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science and scientific specialties:

**History and archeology:** 07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15
**Philosophical sciences:** 09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14
**Pedagogical sciences:** 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik and Russian languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University.** – 2022. – №9

ISSN 2074-1847

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**

**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

**УДК:93.327(575.3) (572.2)**

# ҲОЛАТ ВА ДУРНАМОИ РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА РОССИЯ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР

*Мирзоев Н.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Соли ҷорӣ ба барқарор гардидани робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия 30-сол сипарӣ гардид.

Федератсияи Россия яке аз шарикони муҳимми стратегии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таъмини суботу амният ва пешрафти иқтисодии кишвар ва минтақа нақши калидӣ дорад. Муносибатҳои Тоҷикистон ва Федератсияи Россия решаҳои амиқи таърихӣ доранд. Ҳанӯз аз давраҳои қадим халқҳои тоҷику рус байни ҳам робитаҳои наздики тиҷоратӣ ва фарҳангӣ доштанд.

Дар даврони навини таърихӣ Россия аз аввалин давлатҳое буд, ки истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, 8 апрели соли 1992 робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд. 4 майи соли 1992 сафорати Федератсияи Россия дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ ёфт. 17 июли соли 1992 нахустин сафири Россия М.И. Сенкевич фаъолияти дипломатии худро дар Тоҷикистон оғоз намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ моҳи декабри соли 1993 намояндагии худро ба сафорат табдил дод ва Р. Мирзоев Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Россия таъин гардид.

Аз соли 1992 то ба соли 2020 байни Тоҷикистон ва Федератсияи Россия беш аз 250 созишномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расидааст.

Шартнома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарӣ, ки 25 майи соли 1993 дар Москва ба имзо расидааст, заминаи асосии муносибатҳои давлатии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Ин ҳуҷҷат заминаи ҳуқуқии муносибатҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро ибтидо гузошт.

Муносибатҳои Тоҷикистону Россия аз оғози истиқлол инкишофи пайгирона дошта, амалан тамоми соҳаҳои ҳаёт: сиёсат, иқтисодиёт, тиҷорат, саноат, ҳарбӣ – техникӣ, гуманитарӣ, молияву қарз, энергетика, мудофиаи шаҳрвандӣ, илму фарҳанг, маориф ва ғайраро дар бар мегиранд.

Рушд ва раванди муносибатҳои Тоҷикистону Россияро Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 23 апрели соли 2014 чунин баён намуда буд: «Тавсеаву рушд ва густариши муносиботи дарозмуддату босуботи Тоҷикистон бо шарики асосии стратегии мо – Федератсияи Россия низ аз ҳадафҳои асосии мост. Аслан сатҳ, мазмун ва муҳтавои равобити гуногунҷанбаи Тоҷикистону Россияро на танҳо манфиатҳои геополитикӣ ва прагматизми иқтисодӣ, балки ҳамчунин заминаҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва пайвандҳои инсонӣ муайян месозанд.

Ҳарчанд мо сатҳу муҳтавои равобити худ, дараҷаи эътимод ва боварии тарафҳоро бо Федератсияи Россия хеле баланд арзёбӣ менамоем, рушду густариши минбаъдаи равобити ҳамаҷонибаи судманд бо ин кишвар, устувортар ва амиқтар намудани пайвандҳои иқтисодӣ ва алоқаҳои фарҳангӣ, қавитар сохтани ҳамкориҳои сиёсиву низомӣ ва низомиву техникӣ бо ин давлати дӯст аз самтҳои афзалиятноки равобити Тоҷикистон бо Россия аст ва чунин хоҳад монд».

Робитаҳои Тоҷикистон ва Россия ба принсипҳои эътимоду боварӣ, ҳусни тафоҳум ва шарики озмудашуда асос ёфтаанд. Чунин сатҳи робитаҳои давлатӣ, пеш аз ҳама, натиҷаи муколама ва машваратҳои доимии роҳбарони сиёсии ҳарду мамлакат аст.

Сарони ҳарду давлат мунтазам дар доираи сафарҳои давлатӣ, корӣ дар форумҳои байналмилалӣ боздидҳо ва мулоқотҳо ба амал оварда, аз рӯйи муҳимтарин масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамта табодули назар менамоянд. Ташрифи расмии

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи апрели соли 1999 ба Россия ба муносибатҳои шарикии стратегии ду мамлакат таҳкурсии мустаҳкам гузошт. Дар ҷараёни сафари расмӣ ду санади хеле муҳим – Аҳднома дар бораи ҳамкориҳои ҳамиттиҳодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба асри XXI нигаронидашуда ва Аҳднома дар бораи мақом ва шартҳои ҳузури пойгоҳи ҳарбии Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. То ба ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ягон давлати хориҷӣ чунин аҳдномаҳоро имзо накарда буд. Имзои чунин аҳдномаҳои шарикии старатегӣ аз сатҳи баланди эътимоду боварӣ миёни сарони ҳарду кишвар ва аз таҷрибаи амалияи ҳамзистии даврони нави посошуравӣ бармехест. Ин чанд омил дошт:

Аз оғози даврони истиқлолият Россия ба воқеаҳои сиёсии Тоҷикистон, муқовиматҳои сиёсӣ воқеъбинона баҳо дода, оқибатҳои фоҷиабори онро барои миллати тоҷик ва амнияти минтақа дарк карда, роҳи баҳамсозӣ, дарёфти сулҳу салоҳро дар ҷумҳурӣ ҷустуҷӯ мекард. Россия дар қатори дигар кишварҳо ташаббускори даъват намудани музокироти байни тоҷикон буд. Бисёр рамзист, ки музокироти сулҳи байни тоҷикон 5 апрели соли 1994 маҳз дар шаҳри Москва оғоз ёфта, 27 июни соли 1997 дар ҳамон ҷо бо имзои «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ» дар Тоҷикистон ба охир расид. Саҳми Россия дар пойдории сулҳ дар Тоҷикистон хеле калон аст.

Дар таҳкими муносибатҳои иттиҳодӣ ва шарикӣ, тақвият ва рушди робитаҳои дуҷониба нақши пешбарандаро сарони давлатҳо мебозанд. Намунаи барҷастаи чунин муносибатҳо ташриф ва сафарҳои расмӣ ва давлатии онҳо ба кишварҳои якдигар аст. Ин сафарҳо характери доимӣ гирифта, аксаран бо натиҷаҳои дилхоҳ анҷом меёбанд. Аз ҷумла, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон апрели 2001, июни 2004, июли 2007, октябри 2007, августи 2013, феврали 2014, 2019 ба Россия сафарҳои расмӣ анҷом дод. Президенти Россия В.В.Путин ба Тоҷикистон ноябри соли 1999, июли 2000, октябри 2001, апрели 2003, октябри 2004, августи 2008, сентябри 2011, октябри 2012, феврали 2017, 2020, сентябри 2021 сурат гирифтанд. Ин сафарҳо ва ташрифот ҳам аз нигоҳи фосилавӣ ҳам аз нигоҳи муҳтаво хеле беназир буда, аз сатҳи баланди робитаҳои дӯстона гувоҳӣ медиҳанд. Дар ҷараёни ин ташрифот масъалаҳои муҳимми баҳамсозии Тоҷикистону Россия дар соҳаҳои ҳарбӣ ва сарҳадот, таъмини амнияти минтақа, тавсеаи алоқаҳои тиҷоратӣ – иқтисодӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ баррасӣ гардида, як қатор созишномаҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои калонҳаҷми соҳаи гидроэнергетика ва фулузоти ранга, истихроҷи газ, нафт ва канданиҳои фоиданок ба имзо расиданд.

Миёни Тоҷикистон ва Россия робитаҳои байнипарлумони фаъолона рушду тавсеа меёбанд.

3 – 5 апрели соли 2003 Раиси Шурои Федератсияи Россия С.М. Миронов ба Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дод.

30 – уми ноябри соли 2005 дар шаҳри Душанбе маҷлиси Комиссияи байнипарлумонӣ оид ба ҳамкорӣ байни Думаи давлатии Федератсияи Россия ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки он ба кушодашавии нахустин намоишгоҳи миллии Россия дар Тоҷикистон мувофиқ омад. Қонунгузорони ҳарду ҷониб масоили муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Россия, ҳолати шартномавию ҳуқуқии муносибатҳо, рафти иҷрои қарори нишасти ҳаштуми байниҳукуматӣ дар бораи ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

14 - 15 декабри соли 2005 боздиди расмии Раиси Думаи давлатии Федератсияи Россия Б. В. Гризлов аз шаҳри Душанбе ба вуқуъ пайваст, ки дар рафти он ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Сарвазир Оқил Оқилов, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Хайруллоев, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев мулоқот намуд.

Дар чорчӯбаи робитаҳои байнипарлумонӣ моҳи феврали 2006 сафари кории ҳайати Кумитаи Шурои Федеративӣ оид ба корҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо сарварииВ. А. Густов ба Тоҷикистон доир гардид.

24 – 26 августи соли 2006 Раиси Шурои Федератсияи Россия С. М. Миронов ба Тоҷикистон ташрифи расмӣ оварда, дар кушодашавии форуми байнипарлумонии «Россия – Тоҷикистон: ҳамкории байниминтақавӣ» иштирок намуд.

Сергей Миронов ҳамчунин дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди намояндагони соҳаи илм ва адабиёт баромад намуд. Дар ҷараёни сафари расмии С.М. Миронов шартнома дар бораи ҳамкорӣ байни Шурои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия ва Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шуд. Бо мақсади татбиқи шартномаи мазкур дар назди Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи доимамалкунанда оиди кор бо Шурои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия таъсис дода шуд. Сергей Миронов бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва бо дигар шахсони расмӣ вохӯрӣ ва суҳбатҳо гузаронид.

11-13 октябри соли 2006 маҷлиси навбатии Комиссияи байнипарлумонӣ оид ба ҳамкорӣ байни Думаи давлатии Федератсияи Россия ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Москва баргузор гардид. Қонунгузорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои дуҷониба байни кишварҳо ва дурнамои ин робитаҳоро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар нимаи аввали соли 2007 ҳайати парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии С. Хайруллоев бо даъвати Раиси Думаи давлатии Федератсияи Россия Б.В.Гризлов ба шаҳри Москва сафари расмӣ анҷом дод.

Моҳи августи соли 2007 боздиди расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев ба шаҳри Москва сурат гирифт, ки дар рафти он бо раиси шаҳри Москва ва Раиси Шурои Федератсияи Россия С.Миронов оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ, инчунин ташкил ва гузаронидани Форуми дуюми байнипарлумонӣ гуфтушунид анҷом дод.

Аз 17 то 20 сентябри соли 2007 форуми дуюми байнипарлумонии «Россия – Тоҷикистон: ҳамкории байниминтақавӣ» дар Москва ва Оренбург баргузор шуд. Ба сифати ташкилдиҳандагони форум Шурои Федеративӣ ва Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуданд.

Феврали соли 2022 форуми навбатии байнипарлумонии «Тоҷикистон – Россия: ҳамкории байнимингтақавӣ» дар ш. Душанбе баргузор гардид. Дар форум раиси Шурои федералии Россия В.М. Матвиенко иштирок намуд.

Инкишофи робитаҳои байнипарлумонӣ ба мустаҳкам кардани робитаҳои ҳамаҷонибаи байнидавлатӣ мусоидат менамояд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика самти дигари афзалиятноки ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Россия ба ҳисоб меравад. Татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ барои Тоҷикистон барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ аҳамияти калон дорад. Ин ба тараққиёти соҳаҳои саноат ва истеҳсолот метавонад таъсир расонида, барои рушди минбаъдаи он замина фароҳам орад.

Мувофиқи Созишномаи имзошуда, Россия татбиқи лоиҳаҳои энергетикиро дар Тоҷикистон соли 2005 оғоз намуд. 15 апрели соли 2005 дар ҳузури сарвазири Тоҷикистон Оқил Оқилов ва раиси идораи РАО «ЕЭС Россия» А. Б. Чубайс корҳои сохтмонӣ дар НБО «Сангтӯда» оғоз ёфтанд. Иқтидори он 670 МВт буда, истеҳсоли солонаи барқ 2,7 млрд КВт/соатро ташкил медод. Россия ба сохтмон дар ҳаҷми 200 млн доллар маблағгузорӣ намуд.

20 январи соли 2008 маросими ба истифода додани навбати аввалини «Сангтӯда – 1» баргузор гардид. Дар маросими кушодашавӣ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, муовини сарвазири Россия Сергей Наришкин, раиси ширкати РАО «ЕЭС Россия» Анатолий Чубайс иштирок намуданд. То охири соли 2008 се агрегати НБО «Сангтӯда – 1» ва соли 2009 истгоҳи барқӣ пурра ба истифода дода шуд.

Сохтмони НБО «Сангтуда – 1» калонтарин лоиҳаи энергетикӣ дар ҳудуди ИДМ буда, барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар такони ҷиддӣ хоҳад дод.

Дар моҳи июни соли 2006 дар вазъияти тантанавӣ намояндагии тиҷоратии Россия дар Тоҷикистон ба фаъолият шуруъ намуд, ки вазифаи он мусоидат кардан ба инкишофи

робитаҳои иқтисодии байни ду кишвар -Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва мустаҳкам кардани робитаҳо байни ширкатҳои ин ду кишвар мебошад. Вазифаи дигари ин намояндагии тиҷоратӣ мустаҳкам кардани робитаҳо байни соҳибкорони ин ду кишвари ба ҳам дӯст ва ба онҳо додани машваратҳою расонидани кумаки ҳуқуқӣ мебошад.

Россия имрӯз ба шарики боэътимоди тиҷоратии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ҳиссаи Россия дар савдои хориҷии ҷумҳурӣ 30 фоизро ташкил медиҳад. Гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Россия дар соли 2020 беш аз 1 млрд.- ро ташкил додааст.

Дар солҳои охир муносибатҳо байни субъектҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоннок гардидаанд. Робитаҳои мустақили иқтисодиву сиёсӣ бо зиёда аз 70 субъекти Федератсияи Россия амалӣ карда мешаванд. Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаҳру вилоятҳои Москва, Олтой, Ҷумҳурии Бошқордистон, вилоятҳои Оренбург, Омск, Астрахан, Иваново, Челябинск, Свердловск, Саратов ва дигар минтақаҳо хеле вусъат ёфтаанд.

Дар байни самтҳои манфиатбахши ҳамкории дуҷониба байни субъектҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон самтҳои зеринро, ба монанди таъсиси корхонаҳои муштарак бо сикли пурраи коркарди пахта ва ҳамчунин коркарди меваю сабзавотро қайд кард. Рушди туризм байни минтақаҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самтҳои ояндадори ҳамкории байниминтақавии байни ду кишвар маҳсуб меёбад.

Ҳамкориҳо дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг босуръат тараққӣ карда истодаанд. Дар тавсеаи ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ нақши намояндагии «Россотрудничество» хеле назаррас аст.

Таъсиси фонди «Русский мир» 24 октябри соли 2008 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни воқеаи сурурбахши ҳаёти илмиву фарҳангии ҷумҳурӣ мебошад. Дар маросими ифтитоҳи он Раиси шурои Федератсияи Россия С.М. Миронов ва директори Фонди «Русский мир» В.А. Никонов иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар суханрониҳо қайд гардид, ки робитаҳо байни Тоҷикистон ва Россия беш аз пеш, босуръат инкишоф ёфта, соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва гуманитариро фаро мегиранд. Майлонҳои инкишофёбандаи муносибатҳои гуманитариро қайд карда, нотиқон ҷиҳати такмили асосҳои меъёрӣ – ҳуқуқии раванди муносибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ изҳори ақида намуданд.

Самти муҳимми робитаҳои гуманитарӣ байни Тоҷикистон ва Россия соҳаи маориф ва тарбияи кадрҳо мебошад. Ҳамкорӣ дар ин соҳа ба як силсила санадҳои ҳуқуқӣ ва Созишномаҳои байниҳукуматӣ асос ёфтааст, ки ба он дохил мешавад: Созишнома дар бораи ҳамкории илмӣ – техникӣ (25 майи 1993) дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, илм, маориф, тандурустӣ, иттилоот, варзиш ва сайёҳӣ (19 сентябри 1995), Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи илмӣ ва илмӣ – педагогӣ, кадрҳои илмӣ – педагогии дараҷаи олӣ (12 феврали 1997), Оид ба шароитҳои таъсис ва фаъолияти Донишгоҳи Русияву – Тоҷикистон (славянӣ) дар шаҳри Душанбе (10 июни 1997) ва ғайра. Аммо санади бунёдӣ барои рушди ҳамкориҳои соҳаи маориф Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (25 майи 1993) ва Аҳднома дар бораи баҳамсозии иттиҳодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба асри XXI нигаронидашуда (16 апрели 1999) ба ҳисоб мераванд. Аз ҷумла, дар моддаи 11 Аҳдномаи соли 1999 омадааст, ки ҳарду давлат барои наздик шудани системаи миллии маориф бо роҳи нигоҳ доштани фазои ягонаи таълимӣ ва интеллектуалӣ, аз ҷумла дар асоси барномаҳои муштараки омӯзондани донишҷӯён ва муҳассилин, тайёр кардани мутахассисон, эътироф намудани баробарии ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумот ва додани унвонҳо ва дараҷаи илмӣ мусоидат менамоянд.

Яке аз саҳифаҳои дурахшони робитаҳои соҳаи маориф ифтитоҳи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе мебошад. Донишгоҳ соли 1996 дар ҳайати се факултет – табиатшиносӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ таъсис дода шуд. Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ ба маркази бонуфузи таълимӣ ва

илмии ҷумҳурӣ табдил ёфтааст, ки дар тули фаъолияти худ онро беш аз 20 ҳазор ҷавонон хатм намудааст.

Соли 2009 дар шаҳри Душанбе филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ҳайати ду факултет – информатика ва муносибатҳои байналхалқӣ таъсис дода шуд. Соли 2012 дар шаҳри Душанбе филиалҳои Донишкадаи энергетикии Москва ва Донишкадаи оҳан ва фулузоти Москва ифтитоҳ гардид. Таъсиси ин донишкадаҳо фазои таълимӣ ва илмии ҷумҳуриро вусъат бахшида, дар тарбияи кадрҳои баландихтисос саҳми арзанда мегузоранд. Сафи донишҷӯёни тоҷик дар макотиби олии Россия сол то сол меафзояд. Дар панҷ соли охир беш аз 5 ҳазор донишҷӯёни тоҷик дар мактабҳои олии Россия ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

Дар таҳкими муносибатҳои Тоҷикистон ва Россия нақши забонирусӣ хеле муҳим аст. Дар ҷумҳурӣ мувофиқи Конститутсия ба забони русӣ мақоми забони муошырати байни миллатҳо дода шуда, барои истифодаи васеи он шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд. 4 апрели соли 2003 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи беҳтар кардани омӯзиши забони русӣ содир гардид, ки ба боло бурдани мақоми забони русӣ равона карда шудааст. Дар мактабҳои миёна ва олии ҷумҳурӣ гурӯҳҳои русӣ амал мекунанд, дар фазои иттилоотии кишвар матбуоту воситаҳои ахбори омма, радио ва телевизион ба забони русӣ барномаҳо нашр ва пахш менамоянд.

Ҳамкориҳои илмӣ байни муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бомуваффақият идома доранд. Сафарҳои илмӣ ба кишварҳои якдигар, иштирок дар ҳамоишҳо ва конфронсҳои илмӣ, коркарди лоиҳаҳои муштараки илмӣ, нашри асарҳои илмӣ, мубодилаи иттилооти илмӣ байни ду кишвар номгӯйи нопурраи он тадбирҳо ва амалҳое мебошанд, ки дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои илмӣ олимон ва муассисаҳои илмии Тоҷикистон ва Россия анҷом медиҳанд.

Робитаҳои фарҳангӣ байни Тоҷикистон ва Россия дар даврони навин бо ҳифзи анъанаҳои деринаи робитаҳои фарҳангӣ мазмун ва мундариҷаи нав ба худ касб намуданд.

Густариши робитаҳои фарҳангии байни ду кишварро як силсила санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байниҳукуматӣ таъмин менамоянд. Аз ҷумла, дар моддаи 11 Аҳднома дар бораи баҳамсозии иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба асри XXI нигаронидашуда омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия барои вусъат бахшидан ва ҳифзи қаробати фарҳангӣ ва маънавии халқҳои ҳарду давлат талош меварзанд. Тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки робитаҳои тарафайнро дар соҳаи фарҳанг, маориф, илм, тандурустӣ тақвият дода, барои барқарор намудани робитаҳо миёни ходимони санъат, фарҳанг, макотиби олӣ, марказҳои тадқиқотӣ ва ВАО мусоидат намоянд.

Дар заминаи ин санадҳо дар солҳои аввали истиқлолият робитаҳои фарҳангӣ рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Моҳи октябри соли 1994 ҷамъияти фарҳангии «Тоҷикистон – Россия» таъсис ёфт, ки ба гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ, таъсиси ҷамъиятҳои фарҳангӣ, таблиғи дастовардҳои илмиву фарҳангӣ машғул мешуд.

Моҳи майи соли 1997 дар шаҳри Москва рӯзҳои фарҳанг ва санъати Тоҷикистон баргузор гардид. Июни соли 1997 дар шаҳри Душанбе ҳафтаи дӯстии Тоҷикистон ва Россия доир гардид. Дар ин чорабиниҳои фарҳангӣ ҳунармандони номдори рус, Иосиф Кабзон, Валерий Шкарупа, Олег Газманов, Дмитрий Маликов, Лада Денс ва ғайраҳо иштирок ва ҳунарнамоӣ карданд.

Сафарҳои ҳунарӣ, гузаронидани рӯзҳо ва ҳафтаҳои фарҳангӣ, намоишу фестивалҳои мусиқӣ ва фарҳангӣ, таҷлили ҷашнҳо ва санаҳои таърихиву адабӣ, тадбирҳо ва чорабиниҳое мебошанд, ки боиси таҳкиму густариши робитаҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Россия мегарданд. Робитаҳои адабӣ байни ду мамлакат дар шакли нашру муаррифии асарҳои адибон, баргузории ҷашнҳо, маҳфилҳо ва санаҳои таърихиву адабӣ ба вуқуъ мепайваст. Масалан, соли 1999 дар як қатор донишкадаҳо ва муассисаҳои илмии Тоҷикистон 200-солагии зодрӯзи асосгузори адабиёти классикии рус А.С. Пушкин ботантана қайд карда шуд. Соли 2005 дар хонаи миллатҳои шаҳри Москва шаби эҷодии нависандаи тоҷик Тимур Зулфиқоров баргузор гардид. Соли 2012 дар Москва 100-солагии шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода қайд карда шуд. Соли 1998 дар нашриёти

«Статистика» - и шаҳри Москва маҷмуаи ҳикояҳои нависандагони ҷавони тоҷик Б. Абдураҳмонов «Барфи аввал», Баҳманиёр «Баҳои ҳаёт» нашр гардиданд. Дар озмуни байналмилалии ИДМ, ки дар шаҳри Москва дар доираи ярмарка – намоишгоҳи «Санъати китоб» доир гардид. Асарҳои нависандагони тоҷик А. Ҳамдам, А. Чигрин «Озар аз Уструшана ё шамшери Спартак» сазоврои ҷоиза гардиданд. Робитаҳои адабӣ байни Тоҷикистон ва Россия рӯ ба рушд доранд.

Ҳамин тариқ, ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва низомии Тоҷикистон ва Россия ба манфиати ҳарду кишвар равона гардида, ҳадафи муҳимми онҳо таъмини шароити мувофиқ баҳри бунёди давлати мутараққӣ ва пешрафта аст. Ба ақидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, «Россия шарики стратегӣ на танҳо дар чаҳорчӯбаи ИДМ, балки дар миқёси байналмилалӣ буд ва ҳаст».

### АДАБИЁТ


1. Дубовицкий, В. В. Подведение итогов, осознание перспектив // Таджикско-российские отношения на современном этапе: состояние и перспективы / В. В. Дубовицкий //Материалы круглого стола, 4 марта 2002 г. - Душанбе, 2002. - С. 14-24.
2. Искандаров, Б.И. Россия и Таджикистан/ Б.И.Искандаров, Р.М.Масов. − Душанбе: Ирфон, 1984. – 159 с.
3. Маликов, Х.М. Роль России в формировании основ таджикской государственности (1917-1929 гг.)/ Х.М. Маликов // Мат.межд. конф.: Роль России в становлении таджикской государственности. -Душанбе, 2008.-С.86-.69.
4. Мамадазимов, А. Новый Таджикистан. Вопросы становления суверенитета / А. Мамадазимов. — Душанбе: Шарки озод, 1996.-172 с.
5. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопастность /Т.Н. Назаров. - М., 2000.
6. Назаров Т.Н. Дипломатияи муосири точик / Т.Н.Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе, 2006.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба МО ҶТ // Ҷумҳурият: 23 апрели 2014.
8. Пирумшоев, Х., Маликов М. Россия-Таджикистан: история взаимоотношений /Х.Пирумшоев, М.Маликов. ─ Душанбе: РТСУ, 2009. ─ 688 с.
9. Россия – Таджикистан: горизонты сотрудничества. Составили И.У.Саттаров, Н.И.Нурова. - Душанбе, 2007.
10. Саидов З. Таджикистан межгосударственные отношения в период становления внешней политики / З.Саидов. - Душанбе, 2014.
11. Саидов З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе / З.Ш. Саидов. – Душанбе: Авасто, 2006.
12. Саидов З.Ш. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков / З.Ш.Саидов. - Душанбе: Контраст, 2011.
13. Сатторзода А. Теоретические аспекты многовекторности во внешней политики / Таджикистан и современный мир. -2009. -С. 4-15.
14. Сатторзода А. Парламентская дипломатия и внешняя политика Республики Таджикистан (2000-2010) / А.Сатторзода, М.Султонов. - Душанбе: Истеъдод, 2010.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Душанбе, 1995.


## ҲОЛАТ ВА ДУРНАМОИ РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА РОССИЯ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР


Соли ҷорӣ ба барқарор гардидани робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия 30-сол сипарӣ гардид. Федератсияи Россия яке аз шарикони муҳимми стратегии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таъмини суботу амният ва пешрафти иқтисодии кишвар ва минтақа нақши калидӣ дорад. Россия дар қатори аввалин кишварҳое буд, ки истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, бо ҷумҳурии мо робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд. Робитаҳои ду кишвар бар асоси беш аз 250 санади баимзорасидаи байнидавлатӣ амалӣ гардида, натиҷаҳои муфид ба бор овarданд. Дар миёни созишномаҳое, ки ба имзо расидаанд, ду созишнома, аввалан Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ аз 25 майи соли 1993 ва Аҳднома дар бораи ҳамкориҳои ҳамиттиҳодии ба асри 21 нигаронида шуда муҳим мебошанд, ки барои муносибатҳои ду кишвар заминаи эътимодноки ҳуқуқиро фароҳам оварданд. Дар раванди рушди робитаҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, нақши роҳбарияти олии ҳарду кишвар муҳим мебошанд. Дар даврони истиқлолият сафарҳо, мулоқотҳо ва диду боздидҳои роҳбарони ҳарду кишвар -Президенти Федератсияи Россия В.Путин ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба ҳукми анъана даромаданд. Дар натиҷаи ин сафарҳо якчанд санадҳои муҳимми байнидавлатӣ ба имзо расиданд, ки муносибатҳои ду кишварро ба марҳилаи нави шарикии стратегӣ табдил доданд. Имрӯз, робитаҳои сиёсии байни ду кишвар дар сатҳи эътимодбахш ба роҳ монда шуда, аз рӯйи бисёр масъалаҳои байналмилалӣ Тоҷикистон ва Россия мавқеи ягона ва ё наздик доранд. Сатҳи баланди робитаҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба манфиати халқҳои ҳарду кишвар равона карда шуда, натиҷаҳои судманд ба бор меоранд.Дар мақола марҳалаҳои ташаккул, самтҳои авлавиятнок ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ-фарҳангии Тоҷикистон ва Россия баррасӣ гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** робитаҳо, дурнамо, давлатҳо, муосир, ҳамкорӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, илм, фарҳанг, авлавият, минтақа, ҷаҳон.

**СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА И РОССИИ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ**

В этом году исполнилось 30 лет со дня устоновления дипломатических отношений между Республикой Таджикистаан и Российской Федерацией. Российская Федерация является одним из важных стратегических партнеров Таджикистана и играет ключевую роль в обеспечении стабильности и экономическом развитии республики и региона. Россия была одной из первых стран, которая признала госсударственную независимость Республики Таджикистан и установила с нашей республикой дипломатические отношения. Взаимоотношение двух стран основывается на более чем 250 межправительственных соглашений, которые успешно действуют и дают свои плоды. Среди этих соглашений особо выделяются два договора, первый: Договор дружбы, сотрудничества и взаимодействия, заключённый 25 мая 1993 г., второй: Договор о союзническом взаимодействии, направленный на 21век, заключённый в 1999 г. В развитии политических отношений двух стран важную роль играют взаимоотношения политических руководителей -Президента Российской Федерации В.Путина и Президента Республики Таджикистан Э.Рахмона. Их взаимоотношения носят доверительный, устойчивый и последовательный характер. В результате визитов лидеров двух стран были заключены ряд важных и основополагающих документов, соглашения и договора, которые дали импульс взаимовыгодному сотрудничеству двух стран и подняли их на уровень стратегического партнёрства. Сегодня по многим международным и региональным проблемам Таджикистан и Россия имеют единую или близкую позицию. Эти взаимоотношения носят взаимовыгодный характер и направлены на защиту интересов обоих стран.В статье освещается основные этапы становления и развития политико-экономических и научно-культурных взаимоотношений Таджикистана и России на современном этапе.

**Ключевые слова:** взаимоотношение**,** партнер, стратегия, стабильность, экономика, политика, наука, культура, приоритеты, регион, мир.

**FORMATION AND PROSPECTS OF RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND RUSSIA AT THE PRESENT STAGE**

This year marks the 30th anniversary of the establishment of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation.The Russian Federation is one of the important strategic partners of Tajikistan, which plays a key role in ensuring stability and economic development of the republic and the region. Russia was one of the first countries that recognized the state independence of the Republic of Tajikistan and established diplomatic relations with our republic. The relationship between the two countries is based on more than 250 intergovernmental agreements that are successfully operating and bearing fruit. Among these agreements, two treaties stand out, the first one: the Treaty of friendship, cooperation and cooperation, concluded on may 25, 1993. second:the Agreement on allied interaction aimed at 21st century concluded in 1999 In the development of political relations between the two countries play an important role the relationship of the political leaders -the President of Russia Vladimir Putin and President of Tajikistan Emomali Rakhmon. Their relationship is trusting, sustainable and consistent. As a result of these visits, a number of important and fundamental documents, agreements and agreements were concluded, which gave impetus to the mutually beneficial cooperation of the two countries and raised them to the level of strategic partnership. Today, Tajikistan and Russia have a common or close position on many international and regional issues. These relations are mutually beneficial and are aimed at protecting the interests of both countries.The article highlights the main stages of the formation and development of political, economic, scientific and cultural relations between Tajikistan and Russia at the present stage.

**Keywords: relationship,** relationship, partner, strategy, stability, economy, politics, science, culture, priorities, region, world.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзоев Ниёз Мирзобадалович*** **–** Институти илмӣ-тадқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии бахши илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **nmmirzoev@mail.ru** Телефон:**919160026**

**Сведение об авторе:** ***Мирзоев Ниёз Мирзобадалович*** – Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела экономических и гуманитарных наук. **Адрес** 734025, РеспубликаТаджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **nmmirzoev@mail.ru** Телефон:**919160026**

**About the authors:** ***Mirzoev Niez Mirzobadalovich*** – Research Institute of the Tajik National University, doctor of historical sciences, Professor, chief researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences. **Address: 734025,** Republic of Tajikistan, Dushanbe, RudakiAvenue 17. E-mail:**nmmirzoev@mail.ru** Phone: **919160026.**

УДК:930.1 (581)

# ТАҒЙИРОТҲОИ СИЁСӢ ДАР ОҒОЗИ СОЛҲОИ 30-ЮМИ ҚАРНИ XX ДАР АФҒОНИСТОН ВА ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДОИР БА МУОСИРСОЗИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ: ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИЮ НАЗАРИЯВӢ

*Саидов Х.С., Шарипов М. Ф.*
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар даҳаи сеюми асри XXI Афғонистон дар ҳолати буҳрони амиқи системавӣ қарор дорад. Ба сари қудрат омадани «Толибон» натиҷаи дилхоҳро ба бор наовард. Дар кишвар фазои нобоварӣ байни гурӯҳҳои мухталифи этникӣ ва сиёсӣ ҳамчунон боқӣ мемонад. Афғонистон то ҳол кишваре боқӣ мемонад, ки дар он вазъи низомию сиёсӣ то ҳол барои мусолиҳаи миллӣ ва муколамаи созандаи байни миллатҳо шароит фароҳам наовардааст. Инчунин, ҳукумати бонуфуз ва қавие надорад, ки ҳадди ақал битавонад мамлакатро аз буҳрони шадиди сиёсӣ берун биоварад.

Муҳиммияти гузоштани чунин саволҳо ба он вобаста аст, ки дар таърихи нави Афғонистон дар низоми давлатдории Афғонистон дигаргуниҳои бузург ба амал омадаанд. Ҷомеаи Афғонистон объекти таҷрибаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва эҷоди моделҳои гуногуни ҳукумат шудааст. Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки дар байни муҳаққиқон то ҳол нуқтаи назари ягонаи ба таври умум эътирофшуда оид ба сатҳи давлатдории иҷтимоӣ дар Афғонистон вуҷуд надорад. Дар мамлакат анъанаи таърихӣ дар масъалаи тарбияи аҳолӣ дар руҳияи давлатдорӣ вуҷуд надорад, шуури иҷтимоии қавму қабилавӣ, сатҳи пасти зиндагӣ, афзалият доштани манфиатҳои қавмӣ бар манфиатҳои давлатӣ ба пешравии кишвар ва ба вуҷуд овардани сохтори самарабахши низоми давлат ва сиёсати берунӣ мусоидат намекунад. Ба даст овардани ризоияти миллӣ ба ном «консенсуси либералӣ» дар байни қавму қабилаҳои кишвар метавонист боиси боло рафтани обрӯи мамлакат дар сатҳи байналмилалӣ гардад. Аммо, мутаассифона, дар ин масир дигаргуниҳое ба чашм намерасанд.

Ҳамаи ин дар якҷоягӣ пеш бурдани сиёсати ҳаматарафаи мутамаркази беруниро дар ин мамлакат душвор мегардонад.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки омилҳои зерин ба раванди ташаккули давлати миллӣ дар Афғонистон таъсири ҷиддӣ мерасонанд: ба вуҷуд омадани масъалаи паштунҳо дар робита бо рақобати қудратҳои ҷаҳонӣ; мақоми сипарие, ки маъмулан ба давлати Афғонистон хос мебошад; сохтори қавмию қабилавӣ ва монанди инҳо [12].

Таҳаввули давлатдории Афғонистон имрӯз ба мавридҳои зерин оварда расонд: пароканадагӣ дар ҷомеа, ифротгароии сиёсӣ, сиёсати қавмӣ дар минтақа ва ташаккули ҳама гуна сохторҳои гуногуни минтақавии протодавлатӣ. Ҳамаи ин посухи илмиро тақозо мекунад, ҳадди ақал дар сатҳи чунин саволе, ки оё сохтори давлатӣ дар ин кишвар дар ибтидои асри XX дар заминаи гуфтугӯйи сиёсиву ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст ё не? Барои нигоҳ доштани модели устувори давлати Афғонистон ва эҷоди як ҷомеаи муосир дар ин кишвар чӣ корҳое анҷом дода шуданд?

Чунин ба назар мерасад, ки ба ин муносибат омӯзиши фаъолияти қонунгузории давлати Афғонистон аҳамияти хосса пайдо мекунад. Дар асоси ин баррасӣ бояд қайд намуд, ки таҳлили масъалаҳои қонунофаринӣ дар давлат ҳам аз нигоҳи таҳқиқоти назариявӣ ва сиёсӣ ва ҳам аз лиҳози татбиқи мақсади бунёди давлат ҳамчун институти иҷтимоӣ муҳим аст.Натиҷаи фаъолияти қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, ки қоидаҳо ва тартиби муносибатҳои ҷомеа ва давлатро муқаррар мекунанд. Сифати қонунгузорӣ бештар муайян мекунад, ки ин меъёрҳо маҳз чӣ хоҳанд буд ва то кадом андоза ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Аз нуқтаи назари илми

таърихи ҳуқуқ такмили ҳамкории шахсият, ҷомеа ва давлат, дараҷаи аҳамияти меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун танзимгари иҷтимоӣ ва нишондиҳандаи алоқамандии ҳокимияти давлатӣ бо ёрии ҳуқуқ қисман бо мазмун ва самтҳои конунгузорӣ дар давлат муайян карда мешавад.

Дар шароити Афғонистони солҳои 30-юми асри XX яке аз муҳимтарин фаъолиятҳои давлат қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунофаринӣ буд. Бояд гуфт, ки дар ҳар давлат тартиби қонунгузорӣ бевосита ба таҳкими пояи ҷомеа, ташаккули меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, аҳамияти масъалаҳо ба баррасӣ ва таҳлили институти қонунофаринӣ, инчунин хусусиятҳои назариявӣ ва ҳуқуқии мафҳуми қонунофаринӣ марбут мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, аз нигоҳи мантиқи расмӣ, зарурати муайян кардани мафҳуми «ҳуқуқшиносӣ» ва робитаи он бо мафҳуми «ташаккули ҳуқуқӣ» ва «ҳуқуқсозӣ» ба миён омадааст. «Ташаккули ҳуқуқӣ раванди табиӣ-таърихии ташаккули ҳуқуқ мебошад, ки дар рафти он таҳлил ва арзёбии воқеияти ҳуқуқии ҷорӣ, таҳияи афкору консепсияҳо оид ба танзими ҳуқуқии оянда, инчунин таҳия ва қабули талаботи меъёрӣ ба амал меояд» [7,с.24]. Дар доираҳои илмӣ ду таърифи мафҳуми қонунгузорӣ мавҷуд аст - васеъ ва маҳдуд. Ба маънии васеъ қонунофаринӣ ҳамчун раванди ташаккули низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки он амалияи судиро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи он ҳолати судӣ ба вуҷуд меояд, яъне иҷозат додани расму оин ва раванд мувофиқи иродаи тарафҳои шартномаи меъёрӣ. Аз нуқтаи назари маҳдуд (ба он аксарияти олимон ҳамфикранд) қонунофаринӣ фаъолияти интишор, коркард ва бекор намудани маҳз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Дар байни олимон таърифҳои гуногуни мафҳуми қонунофаринӣ ба назар мерасанд. Масалан, М. Н. Марченко кайд мекунад, ки ин фаъолият аз ҷиҳати моҳияти иҷтимоии худ раванди ба қонун даровардани иродаи давлат, ба расмият даровардани он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун, ҷараёни табдили фармоишҳои давлатӣ ба қоидаҳои хислати умумидошта мебошад [9,с.548,551]. Муҳаққиқ Н. Матузов бошад, қонунгузориро ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба қабул, тағйир додан ва бекор кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян намуда, хусусияти илмӣ, кордонӣ ва самаранокиро принсипҳои қонунофаринӣ меномад [10,с.292-293].

В. С. Бабаев чунин мешуморад, ки қонунгузорӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар қабул, коркард ва бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Аз нуқтаи назари ӯ, принсипҳои асосии қонунофаринӣ инҳо мебошанд: характери оммавии қонунгузорӣ, демократияи қонунгузорӣ, хислати илмии қонунгузорӣ ва алоқамандии он бо амалияи татбиқи ҳуқуқ [13,с.400-403].

Ба андешаи мо, бо назардошти бархӯрди маҳдуди дарки қонунгузорӣ метавон гуфт, ки қонунофаринӣ ин фаъолияти фаъол ва муташаккили субъектҳои салоҳиятдор оид ба интишор, коркард ва бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки мазмуни онҳо ба ҳайси меъёру принсипҳои ҳуқуқи фитрӣ, эҳтиёҷот ва манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, тартиби муттаҳид намудани қонунгузорӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Татбиқи ин нуктаҳои назариявӣ дар шароити Афғонистон дар давраи таҳлилшаванда душвор аст. То ин замон модели давлатдории афғонӣ бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад: серқавмӣ будан, теъдоди ками аҳолии шаҳрнишин, табақабандии норавшани иҷтимоӣ, дуализми қудрат (марказӣ - маҳаллӣ), ҳамгироии унсурҳои анъанавӣ ба сиёсӣ ва низоми дорои ҳадди ақали муассисаҳои муосир [6,с.211].

Ба ғайр аз ин, муҳаққиқ Ю. П. Лалетин ба хусусиятҳои иҷтимоию географӣ - сохти қабилавии ҷомеаи Афғонистон, яккаю танҳо мондани маҳалҳои сершумори аҳолинишин дар минтақаҳои баландкӯҳи Афғонистон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад [8,с.289].

Аз нигоҳи таърихӣ мазмуни иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ-қонунии давраи ибтидоии фаъолияти қонунгузории давлати Афғонистон бинобар маҷмуи омилҳои объективӣ ва

субъективӣ (махсусан қабилавӣ ва шахсӣ) хеле мураккаб, номувофиқ ва аз назари ботинӣ зиддиятнок буд. Бояд гуфт, ки даҳсолаи аввали баъди барқарор гардидани истиқлолият (солҳои 1919 –1929), риҷоли сиёсии кишвар тамоми кӯшишу талошро ба кор гирифтанд, ки дар Афғонистон дар соҳаи васеи қонунгузорӣ ислоҳоти амиқ амалӣ намоянд [11,с.89]. Қайд кардан бамаврид аст, ки солҳои 1919 – 1929 давраи дурахшонтарин ва пурсамартарини фаъолияти қонунгузорӣ буд. Дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоию ҳуқуқӣ 77 санади қонунгузорӣ таҳия ва қабул карда шуд [14]. Асосан, он бо буҳрони амиқи сиёсӣ ва қисман қонунӣ ва суқути режими ҷавонафғонон бо сарварии Амонуллоҳхон дар моҳи январи соли 1929 анҷом ёфт.

Ҳамчун нуқтаи ибтидоии шартие, ки қонунгузории давлати Афғонистонро дар ин давра нишон медиҳад, се омилро ҷудо кардан мумкин аст: якум, сохтори патриархалӣ-қабилавӣ, ки ба пайдоиши субъектҳои протодавлатие, ки ба онҳо хонҳо сарварӣ мекарданд, мусоидат кардааст; сониян, нуфузи фавқулода бузурги руҳониёни мусулмон ва намояндагони «гурӯҳҳои муқаддас» (аз авлоди паёмбар – сайидҳо, ки имтиёзҳои зиёд, аз ҷумла ҳуқуқи махсуси дахлнопазирии замин доштанд); севум, шурои қабилаҳо — ҷиргаҳо, ки мақомоти ҳаллу фасли тамоми корҳои дохилии қабила ва пешбурди парвандаҳо буданд. Амонуллоҳхон соли 1919 бо британиягиҳо ҷанг оғоз кард ва ба истиқлолияти Афғонистон дар умури дохилӣ ва хориҷӣ ноил шуд. Тағйирот дар ҳаёти кишварҳои ҳамсояи Осиё ба паҳн шудани эҳсосоти ба истилоҳ «ҷавонафғонон» мусоидат кард. Маҳз дар ҳамин мавҷ қабули аввалин Конститутсияи Афғонистон дар соли 1923 сурат гирифт, ки давлатдории монархиро тасдиқ кард. Мақоми давлатии дини исломро муқаррар намуд, масъулияти подшоҳро дар назди қонун эълон кард, озодии шаҳрвандии ҳамаи тобеон, сарфи назар аз миллаташон, аз худсарии ҳукуматдорон ва мансабдоронро ҳифз намуд, барҳам додани ғуломӣ ва меҳнати иҷборӣ, таълими умумии ҳатмии ибтидоиро кафолат дод. Додгоҳҳо вазифадор карда шуданд, ки парвандаҳоро тибқи принсипҳои шариат, инчунин, қонунҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятӣ баррасӣ кунанд. Барои ҳисоботи давлат дар назди ҷомеа Ҷиргаи ҳарсола - маҷлиси намояндагони қабила (хонҳо ва пирон) таъсис дода мешуд, ки дар он пирон ва дигар аъзоёни ҷирга, ки бо салоҳияти подшоҳ таъин мешуданд, аз тамоми гӯшаю канорҳои мамлакат ҷамъ меомаданд ва дар бораи корҳои дар давоми сол анҷом дода ҳисобот медоданд.

Конститутсия низоми нави сиёсиро муқаррар намуд: сарвари давлат подшоҳ (собиқ амир) буд, ки аъзои Шурои вазиронро бо сардории сарвазир интихоб ва таъин мекард. Шурои давлатӣ ва шуроҳои вилоятию округӣ ташкил карда шуданд, ки аз ҳайати интихобшуда ва таъиншуда иборатанд. Конститутсияи нав сохтори иҷроияи маҳаллӣ, аз ҷумла мунисипалитетҳоро таъсис дод. Дар ҳукумат намояндагони қаноти муҳофизакор ба руҳониён ва дастгирии Англия такя намуда, ба муқобили ислоҳотчиён мубориза мебурданд. Ислоҳоти Амонуллоҳхон ба ашрофзодаҳои қабилаҳои афғон, ки аз сабукиҳо ва имтиёзҳои андоз ҷудо шудан намехостанд, мувофиқ набуд, зеро Конститутсия баробарии халқҳои Афғонистонро эълон карда буд. Ин боиси он мешуд, ки гурӯҳҳои зинафъ ба доир шудани ислоҳот халал ворид намоянд. Дар баробари ин, ба зиммаи оммаи васеи халқ навъҳои нави андозҳо гузошта шуданд, ки ин ба рафти ислоҳот шуҳрат зам накард. Ислоҳот, ки, асосан, хусусияти фарҳангӣ ва маишӣ дошт (ҷорӣ намудани либоси аврупоӣ, тақвими насронӣ, аз ҷумъа ба панҷшанбе гузарондани рӯзи истироҳат, лағви чодар), боиси хашми руҳониён гардид, ки ба норозигии омма рост омад. Ҳукумати Амонуллоҳхон дар бораи барҳам додани аксарияти навгониҳо эълон кард, вале дар моҳи январи соли 1929 шоҳро сарнагун карданд. Аммо амир Амонуллоҳхон дар давраи хукмронии худ дар солҳои 1919 — 1929 худро ҳамчун ислоҳотгари бузург нишон дода, дар дигаргунсозиҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷомеаи Афғонистон саҳми назаррас гузошт. Амир барномаи ислоҳотро муайян карда, 64 ислоҳот пешниҳод кард [1,с.74]. Баъд аз ӯ дар натиҷаи табаддулоти давлатӣ Бачаи Сақо (ҳукмронӣ дар моҳҳои январ-октябри 1929) ба

сари қудрат омад, бино ба маълумоти баъзе маъхазҳо, муриди (шогирди) яке аз пирон (пешвоёни руҳонӣ) таъсирбахш дар ҳаёти динӣ ва сиёсии қабилаи Муҷадидҳои паштун [3,с.141-163] буд. Шоҳи нав дар соли 1929 бо номи Ҳабибуллоҳхон ба тахт нишаста, бо фармонҳои худ ба таври маҷбурӣ пӯшидани сару либоси миллиро ҷорӣ намуд. Таълими фанҳои дунявӣ, аз ҷумла риёзӣ ва англисӣ манъ карда шуда, муносибати эҳтиромона ба руҳониён ва улуми динӣ муқаррар карда шуд. Ҳамаи муассисаҳои таълимии англисӣ, франсузӣ ва олмонӣ баста шуданд, нозирони ахлоқ, ки риояи қонунии шариатро назорат мекарданд, дар замони Амонуллоҳхон барҳам дода шуда буданд, дубора эҳё карда шуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки маҳз ҳамин фармонҳо қариб ки ҳарф ба ҳарф ба фармонҳои «Толибон» шабоҳат доранд (фармонҳои Аморати Исломии Афғонистон, ки баъди 70 соли ҳодисаҳои тасвиршуда дар Афғонистон ба сари қудрат омаданд). Ба истиқрори қудрат аз тарафи Муҳаммад Нодирхон ва сулолаи нав дар Афғонистон дар моҳи октябри соли 1929 дар таҳаввулоти таърихии қонунгузории муосир ва рушди иҷтимоии Афғонистони мустақил, дар маҷмуъ, марҳалаи нав оғоз ёфт. Муҳаммад Нодирхон Кобулро забт карда, режими Ҳабибуллоҳхони Калакониро, ки (ҳамроҳи наздиктарин ҳамсафонаш ба Ҷабал-ус-сироҷ акибнишинӣ карда буд) сарнагун карда, дарҳол ба амалӣ намудани мақсади асосии худ, ҳамаҷониба мустаҳкам намудани сулолаи худ шуруъ намуд. 15 октябри соли 1929 тибқи нақшаи хуб тарҳрезишуда дар маҷлиси намояндагони баргузидаи ашрофони афғон, руҳониёни барҷастаи мусулмон ва сарони дастаҳои қабилавӣ Муҳаммад Нодирхон бо номи Муҳаммад Нодир подшоҳи Афғонистон эълон карда шуд. Барои таҳкими қудрати худ ҳукумати нави Афғонистон ба фаъолияти қонунофаринӣ шуруъ мекунад. Дар ин самт Муҳаммад Нодир таҳияи қонуну санадҳои қонуниро муҳимтарин авлавият медонист. Ӯ бо ин роҳ як ҳукумати худкомаи сахтгире, ки тавони саркӯби ҳар гуна мухолифат ва таъмини суботро ба вуҷуд овард. Ҳамин тариқ, пас аз ҷамъбасти гуфтаҳои боло метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1.Омӯзиши институти қонунофаринӣ аз ҷиҳати ҷамъбаст ва ба низом даровардани донишҳои мавҷуда дар ин соҳа, инчунин, асоснок намудани пешниҳодҳо оид ба такмили қонунсозӣ ҳамчун як намуди фаъолияти қонунсозӣ аҳамияти бузурги назариявию амалӣ дорад.

2. Қонунофаринӣ муҳимтарин марҳилаи ниҳоии ташаккули ҳуқуқ, яъне, мафҳумҳои «ташаккули ҳуқуқ» ва «ҳуқуқофаринӣ» буда, аз нуқтаи назари мантиқи расмӣ ба таври куллӣ ва ҷузъӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд.

3. Дар адабиёти илмӣ, мутаассифона, мафҳуми ягонаи мушаххаси қонунофаринӣ вуҷуд надорад ва олимони мухталифи ҷомеашинос низ номгӯйи принсипҳои қонунофариниро пешкаш ва асоснок мекунанд.

4. Вобаста ба шароити Афғонистон пас аз ба сари қудрат омадани Муҳаммад Нодиршоҳ (1929) режими нав ба татбиқи барномаи ислоҳоти дорои хусусияти зерин шуруъ мекунад: ба воситаи тақвияти фаъолияти қонунофаринӣ ба тағйир додани низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи афғонӣ даст зада, асоси ҳокимияти диктаторӣ дар Афғонистонро тақвият мебахшад.

Муқарриз: Нуриддин П.- н.и.с., дотсенти ДМТ

**АДАБИЁТ**


1. Афганистан: прошлое и настоящее. – Изд.: «Общественные науки и современность», 1981. -150 с.
2. Абдуллаев К. Как в Афгане водонос стал эмиром. Правдивая история жизни Бачаи Сако. Часть 1. - 26.11.2007. - Режим доступа: http://www.centrasia.ru/newsA. php?st=1196034360 (Дата посещения: 10.01.2011.)
3. Бойко В.С. Власть и оппозиция в Афганистане: особенности политической борьбы в 1919 – 1953 гг. -392с.
4. Васильев А. История Востока / А Васильев. - М., 2013. -614с.
5. История вооруженных сил Афганистана. 1747-1977. Под ред. Ганковского Ю.В. М., 1985. -286с.
6. Коргун В.Г. История Афганистана. XX век / В.Г. Коргун. - М.: Ин-т Востока РАН; Крафт, 2014. -С. 211.
7. Калинин, А. Ю. Правообразование: понятийно-категориальный и структурно-функциональный состав (историко-теоретическое исследование): дис. ... докт. юрид. наук / А. Ю. Калинин. - СПб., 2010. -С. 24.

8. Лалетин Ю.П. Государство и племя в политической системе Афганистана // Восток и политика: Политические системы, политические культуры, политические процессы: Науч.-метод. комплекс / А. Д. Воскресенский (ред.). - М.: Аспект Пресс, 2011. - С. 289.
9. Марченко, М. Н. Теория государства и права: учебник / 2-е изд., перераб. и доп./ М. Н. Марченко. - М.: Проспект, 2014. -С.548, 551.
10. Матузов, Н. И. Теория государства и права: учебник / 4-е изд., испр. и доп. / Н. И.Матузов, А. В. Малько. - М.: Изд. дом «Дело» РАНХиГС, 2013. -С. 292-293
11. Особенности модернизации на мусульманском Востоке. Опыт Турции, Ирана, Афганистана, Пакистана. (Отв. ред. В. Я. Белокреницкий. – ИВ РАН, 2007г.). С.89.
12. Саидов Х.С. Афганистан в поисках путей национально-государственного развития / Х.С. Саидов. - М., 2020. -С. 12.
13. Теория государства и права: учебник для бакалавров. Под ред. В.К. Бабаева; 3-е изд., перераб. и доп. - М.: Юрайт, 2014. -486с.
14. Poullada, Leon. Reform and Rebellion in Afghanistan, 1919-1929. Comwell (Ithaca and London), 1973. (В книге приведены список законодательных актов периода правления Аманулла-хана)

## ТАҒЙИРОТҲОИ СИЁСӢ ДАР ОҒОЗИ СОЛҲОИ 30-ЮМИ ҚАРНИ XX ДАР АФҒОНИСТОН ВА ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДОИР БА МУОСИРСОЗИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ: ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИЮ НАЗАРИЯВӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ-таърихии ислоҳот ва ҳуқуқофаринӣ дар фаъолияти давлати Афғонистони солҳои 30-юми асри XX мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Тавaҷҷуҳи махсус ба кӯшиши муосирсозии ҷомеа ва давлат, мубoризаи қувваҳои асосии сиёсӣ дар давраи ҳукумати Амонуллоҳхон, Нодиршоҳ ва қавми ӯ дода шудааст. Дар давраи баррасишаванда барои тақвияти асосҳои ҷомеаи афғонӣ яке аз навъҳои муҳимми фаъолият дар ҳукумати ба воситаи табаддулот бақудратрасида таҳия ва қабули қонунҳои нав ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мебошанд. Аз нуқтаи назари илми муосири таърихию ҳуқуқӣ ва аз нигоҳи илми таъриху ҳуқуқи муосир қонунофаринии дар таҳкими институти ҳокимият қувваи олии ҳуқуқӣ дорад. Аз ин рӯ, зарурати муайян кардани мафҳуми «ҳуқуқшиносӣ» ва робитаи он бо мафҳуми «ташаккули ҳуқуқӣ» ва «ҳуқуқофаринӣ» аз нигоҳи мантиқи расмӣ аз истилоҳи таърихию назариявӣ ба миён омадааст. Муаллифон дар асоси таҳлил ба хулосае меоянд, ки ҳукумати нави Афғонистон ба мақсади мустаҳкам намудани иқтидори худ ба вусъати фаъолияти қонунбарории худ шуруъ мекунад. Дар ин самт Муҳаммад Нодиршоҳ таҳияи қонуну қоидаҳои навтаринро авлавияти муҳимтарин медонад, то як ҳукумати худкомаи сахтгире, ки тавони саркӯби ҳар гуна мухолифатро дошта бошад, арзи ҳастӣ кунад. Режими нав барномаи ислоҳотро муайян намуда, дар назди худ вазифаҳои зиёд гузошт: бо роҳи ташаккул додани заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии режими нав, дигаргунсозии куллии тамоми низоми ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодиро дар роҳи прогресси иҷтимоӣ ба амал барорад. Сиёсати ислоҳоти Муҳаммад Нодиршоҳ маънои тағйири мақсаднок дар низоми фаъолияти қонунгузории давлатро дошт ва аз нигоҳи таърихӣ ва замонӣ ин марҳилаи ибтидоии бунёди заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳукумати нави Афғонистон буд.

**Калидвожаҳо:** Афғонистон, тағйироти солҳои 30-юми асри XX, қонунофаринӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Конститутсия, ислоҳот, муосирсозӣ, ҳукумати худкома, Луя Ҷирга.

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ ИЗМЕНЕНИЯ В НАЧАЛЕ 30-Х ГГ. XX ВЕКА В АФГАНИСТАНЕ И ФОРМИРОВАНИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ОТНОШЕНИИ МОДЕРНИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ: ИСТОРИКО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ

В данной статье исследованы и обсуждены теоретико-исторические аспекты реформ и законотворчества в деятельности афганского государства в 30-е годы 20 века. Особое внимание уделено попыткам модернизации общества и государства, борьбе основных политических сил в период правления Амонулла-хана, Надир-шаха и его людей. В рассматриваемый период одним из важнейших видов деятельности уполномоченной в результате переворота власти по укреплению основ афганского общества является разработка и принятие новых законов и правовых актов. С точки зрения современной историко-правовой науки и с точки зрения современной историко-правовой науки правотворчество обладает высшей юридической силой в укреплении института власти. Поэтому возникла необходимость определения понятия «юриспруденция» и его соотношения с понятиями «правообразование» и «правотворчество» с точки зрения формальной логики с историко-теоретической точки зрения. На основе анализа авторы приходят к выводу, что новое правительство Афганистана начинает расширять законотворческую деятельность с целью укрепления своего потенциала. В этом направлении Мухаммад Надиршах считает важнейшим приоритетом разработку новейших законов и постановлений для установления жесткой самодержавной власти, способной подавить любую оппозицию. Новый режим определил программу реформ и поставил перед собой множество задач: сформировав политико-правовую базу нового режима, осуществить полную трансформацию всего общественного, политического и экономического строя на пути общественного прогресса. Политика реформ Мухаммеда Надир-шаха означала целенаправленное изменение системы законодательной деятельности государства, и с исторической и временной точки зрения это был начальный этап построения политико-правовой базы нового правительства Афганистана.

**Ключевые слова**: Афганистан, перемены 30-х годов XX века, законотворчество, нормативно-правовые акты, Конституция, реформы, модернизация, самодержавное правительство, Луя джирга.

**POLITICAL CHANGES IN THE EARLY 30S OF THE TWENTIETH CENTURY IN AFGHANISTAN AND THE FORMATION OF LEGISLATIVE ACTIVITY FOR THE MODERNIZATION OF PUBLIC ADMINISTRATION: HISTORICAL -THEORETICAL ASPECTS**

The article examines the theoretical and historical aspects of the reform and lawmaking in the activities of the Afghan state in the 30s of the twentieth century. Particular attention is paid to attempts to modernize the Afghan society and state, the struggle of the main political forces during the rule of Ammanula Khan, Nadir Shah and his clan.In the period under review, in order to strengthen the foundations of Afghan society, one of the most important activities in the new government that came to power as a result of a coup d'état is the development and adoption of new laws and regulations. And from the point of view of modern historical and legal science, lawmaking has the highest legal force in strengthening the institution of power. Therefore, in historical and theoretical terms, there is a need to define the concept of "lawmaking" and its relationship with the concept of "legal formation" from the point of view of formal logic.Based on the analysis, the authors come to the conclusion that in order to strengthen its power, the new government of Afghanistan is beginning to expand its legislative activities. In this direction, M. Nadir Shah considers the development of the latest laws and regulations to be the most important priority in order to create and strengthen in every possible way a tough authoritarian government capable of suppressing any opposition and ensuring stability.Outlining the program of reforms, the new regime set itself broad tasks: through the formation of the political and legal basis of the new regime, to carry out a profound transformation of the entire socio-political and economic system in the direction of social progress. The reform policy of M. Nadir Shah meant a purposeful change in the system of legislative activity of the state, and in historical and chronological terms, this was the initial stage in the creation of the political and legal basis of the new Afghan government.

**Key words:** Afghanistan, political change, 1930s, lawmaking, normative legal acts, constitution, reform, modernization, authoritarian power, Loya Jirga.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидов Ҳомид Саидович*** **-** Донишгохи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ ва дипломатия. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30. E-mail: **homid-saidov@mail.ru**

***Шарипов Мамадкарим Файзалиевич*** **–**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, саромӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 61. E-mail: **sharipov.m.f@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Саидов Хомид Саидович*** – Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор политических наук, профессор кафедры международных отношений и дипломатии. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица М. Турсунзаде, 30. E-mail: **homid-saidov@mail.ru**

***Шарипов Мамадкарим Файзалиевич*** **–** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица С.Айни, 61. E-mail: **sharipov.m.f@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Saidov Khomid Saidovich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, Doctor of Political Sciences, Professor of the Department of International Relations and Diplomacy. Address: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, M. Tursunzade street, 30. E-mail: **homid-saidov@mail.ru**

***Sharipov Mamadkarim Faizalievich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, senior lecturer of the Department of History of the Tajik people. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, S. Aini street, 61. E-mail: **sharipov.m.f@mail.ru**

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

**УДК: 130. 3 (575.3) –(575.1)**

# ЭВАЛД ИЛЕНКОВ: «ФЕНОМЕНИ ҲЕЛЕН КЕЛЛЕР» ВА ҚОБИЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ИНСОН

***Аминов* Ф.А.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳияи консепсияи фаъолият, ки ҳанӯз дар фалсафаи классикии олмонӣ оғоз ёфтаю дар осори К. Маркс, Д. Лукач, Л. Витгенштейн, Л.С. Виготский, Э.В. Иленков, А.Н. Леонтев ва даҳҳо дигар мутафаккирон такмил ёфтааст, хушбахтона баъд аз тарҷумаи осори фаъолиятшиносони шуравӣ дар Ғарб аз ҷониби иттиҳодияҳои илмии фалсафию антропологӣ соҳиби эътирофу эҳтиром гаштааст. Аз ҷумла, ба таълимоти Э. Иленков низ баъд аз тарҷума ва нашри осори ӯ дар Ғарб муҳаққиқини аврупоию америкоӣ шинос шуда, дар шахсияти ин мутафаккир олими барҷаста ва файласуфи шаҳирро шинохтанд. Дэвид Бэкхерст доир ба мақоми Иленков дар фалсафа ҳарф зада, ӯро дар сафи муҳаққиқони шинохтаи фалсафаи қарни XX мегузорад [1–2]. Дар таҳкиқоти Д. Бэкхерст Э. Иленков чун файласуфи моҳиятшиносу борикбин муаррифӣ мегардад, ки проблемаи «олӣ буданро»–ро ба таври хосса ва такрорнопазире омӯхтааст. Дар таҳқиқоти мо бошад, проблемаи қобилиятҳои фаъолиятбору иҷтимоӣ дар фаҳмиши Э. Иленков арзёбӣ мегардад. Аз нигоҳи Э. Иленков, қобилият бо тамоми гуногунияташ имкон надорад ҳатто дар шакли «нишона»-ҳо («задатки») ҳам қаблан то замони ба ҷараёни фаъолиятӣ ворид шудани инсон, дар таркиби хромосом, ДНК ё РНК қарор гирифта бошад. Психикаи инсон ҳам наметавонад дар табиату руҳонияти ботинии инсон, то замони ба ҷараёни ҳаёти воқеияш, ҳузур дошта бошад. «Психикаи хосси инсон бо ҷамъи хусусиятҳояш танҳо ҳамчун функсияи махсуси фаъолияти инсонӣ пайдо мешавад (на «бедор шудан»), яъне ҳамон фаъолияте, ки олами фарҳанг, олами ашёҳоро сохтаю дар оянда барои инсон онро хоҳад сохт» [7, с.33]. Олами фарҳанг, олами ашёҳо ва ҳама чизе, ки бо дасти инсон ва бо ширкати садҳо наслҳои ивазшавандаи инсон сохта шудаанд, натиҷаи фаъолияти маънавӣ ва фаъолияти моддии худи инсонанд. Домани фарогирандаи фаъолият хело васеъ буда, имкониятҳои фаъолият номаҳдуданд. Ҳатто он ҷое, ки аз эҷод шудани камтарин қобилияту малакаи инсонӣ умеде нест, фаъолияти пешбар ва бетаваққуф барои худ роҳ меҷӯяд. Э.В. Иленков аз зумраи муҳаққиқонест, ки ба неруи фаъолиятии инсон итминони беандоза дошта, аҷоибтарину нодиртарин зуҳуротҳоро аз раванди фаъолияти дар ҷомеа ташаккулёфтаи инсон умедвор аст. Дар адабиёти психологии Ғарб ҳангомаи калон дар бораи ба фаъолияти ҳаётии инсонӣ ворид шудани духтараки нобиною гунг бар иллати он ки гӯё «нишонаҳои» қобилияти модарзодӣ зӯран аз худ дарак дода бошанд, паҳн гашта буд. Таҳти унвони «Феномени Ҳелен Келлер» ин ҳодиса маълум аст. Иленков дар ҷараёни воқеию ҳаётӣ, бо фаро гирифтани олами предметӣ таълиму тарбияи Элен Келлерро, ки мураббии хурдсоли ӯ Анне Сулливан анҷом додааст, сабаби ба маҷрои омӯхтани забон ворид шудани ин тифли нобино медонад: «… бо роҳбарии дугонаи хурдсоли худ – хизматгордухтари ҳабаш, ки амалан ҳамаи корҳои муқаррарии ба ҳаёту рӯзгори фермаи падар алоқамандро, ба ӯ ёд додааст. Ана, ҳамин ҳолати ҳалкунанда имкон дод, ки муаллими болаёқат – Анна Сулливан ба Ҳелен забонро биомӯзад» [7, с.34-35]. Ташаккули забони тифл ҳамеша мавзуи меҳварии антропологҳо ва равоншиносон қарор дорад. Равоншиноси олмонӣ Вилгелм Вундт, ки ӯро аксар вақт падари равоншиносии муосир меноманд, ба масъалаи пайдо шудани забони тифл таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Дар фаҳмиши Вилгелм Вундт ҷараёни ташаккули забони тифл характери фаъолиятию иҷтимоӣ дошта, аз муҳити тарбияю таълим ва аз хусусиятҳои фаро гирифтани тифл дар доираи муқаррароти лингвистию забоншиносии дастрас бармеояд. Назариётчии забоншиносӣ,

лингвисти олмонӣ Герман Паул зикр мекунад [4], ки «дигаргуниҳои забонии фард дар натиҷаи фаъолияти муштараки ду омил – ба воситаи фаъолияти спонтанӣ, нутқ ва тафаккури ӯ дар шакли забон ва тавассути таъсири фардҳои дигар, ба амал меоянд». Э.В. Иленков назарияи Герман Паулро ҳамчун фаҳмиши устувори методологӣ шинохта, чунин менависад: «Чуноне ки худи Паул мушоҳида кардааст, нутқи тифл моҳиятан на забони тифл, балки забони мураббӣ ва доя аст» [3, с.44]. Ба андешаи Э. Иленков, пешбарандаю намояндаи қобилиятҳо фардҳои мушаххасе ҳастанд, ки зиндагӣ ва фаъолияти онҳо на дар шароити инкубаторӣ ва дур аз муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки дар муҳити муомилаю мубодила бо одамони дигар сурат мегирад. Мушоҳида мешавад, ки баъзеҳо дар як тахассус то ҳадде муваффақ мегарданд, ки ба назар маҳорати фавқултабиӣ ҷилва медиҳад. Одамон дар ҷараёни машқу тамрин, машғулияти бардавоми як тахассус танҳо ҳамон амалиётҳои алоҳидаю маҳдуди ҳамешагиашонро инкишоф медиҳанд, ки ба назари мушоҳидакунанда гӯё ҳамин ҳунар ё тахассус сирф сифати биологию узвии ӯ бошад: «… тангию маҳдуд будани ихтисос – чунон ҳолатест, ки дар ҳувияти ҳар фард яке аз қобилияти ӯ то сатҳи маслуқонаю зишт, яктарафаю гоҷнамо инкишоф дода шуда, маҳоратҳои дигар фаромӯш, пахшгашта ва нокомил мемонанд. Дар ҳадди охир ҳеҷ яке аз ин афрод наметавонанд «инсони бо ҳуруфи калон», балки ҳиссаи «нимма», «чаҳоряк» ё аз он ҳам ҳиссаи хурдтари инсонӣ бошанд» [5, с.48]. Дар ҳамин замина «мантиқшиносе» тавлид мешавад, ки ба ғайр аз мантиқ чизеро намедонад, ё ин ки «рассом» ё «ғижакнавоз» ва ғ., ки ба чизи дигаре таваҷҷуҳ надорад, ба ҷуз ҳамон нозукии тахассусиаш… «Банкир» тавлид мешавад, ки пул ӯро барои дидани ҳама чизи дигар халал мерасонад, идома медиҳад Эвалд Иленков. Ҳар кадом ҳунару қобилияти яктарафае, ки то ҳадди кулминатсионии такомули худ расидааст, танҳо дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоии инсонӣ ба даст омада, натиҷаи талаботи индивидуалии пешбарандаи ҳамин истеъдод аст, ки аз зарурияти ҳаётии ӯ бармеояд. Парвариши яктарафаи қобилиятҳои индивидуалии инсонӣ танҳо дар майдони бархӯрди ҳазорон манфиату талаботҳои таърихию ҷамъиятӣ сурат гирифта, аз воқеияти зиндагию рӯзгори инсонҳо маншаъ мегирад, на аз «потенсияи» дар «ҳувияти инсон» нуҳуфта. Инсон ҳамеша ба умумияти муайяни иҷтимоии таърихӣ – ба гурӯҳи иҷтимоӣ, страт (қишри маҳдудтари иҷтимоӣ), коллектив, гурӯҳи этникӣ ва миллию мазҳабӣ, ҷамъият, инсоният, яъне куллияте (всеобщее) тааллуқ дорад. Э.В. Иленков моҳияти умумиятро чунин баён мекунад: «Синоними робитаи мутақобилаи мушаххас, ки ҳамаро дар як воҳидияти кулл, дар як мушаххасот (Карл Маркс инро «якҷоягӣ дар гуногуншаклӣ» муайян кардааст) муттаҳид месозад, ин ба ҳадди беохир аз ҳам ҷудопазирии фардҳост… Ҳамин тавр, фаҳмиши умумию кулл моҳияти ҳар кадоме аз онҳоро ташкил дода, қонуни мушаххаси мавҷудияти онҳост. Якхелагии онҳо танҳо замина ва шарти пешакии «умумияти мушаххас», яъне муттаҳидии онҳо дар томияти мушаххасе аст, ки ба шаклҳои гуногун дар дохили хеш тақсим гаштаанд» [9, с.324]. Воқеан ҳам, инсон дар ҷараёни фаъолияти предметӣ ба ҳазорон микрошароитҳое рӯ ба рӯ мешавад, ки ҳамин фарқиятҳои тарзи ҳаёти ӯ, гуногунии қобилияту сифатҳои ӯро эҷод мекунад. Яке аз омилҳои ташаккули қобилият ин сатҳи омодагии маърифатӣ, тарзу ҳаҷми аз худ намудани донишҳою таҷрибаи ҷамъиятӣ мебошад. Дар ҷомеаи иттилоотии замони муосир ҳамин омил, яъне усулу тарзҳои аз худ намудани унсурҳою механизми мураккаби технологию иттилоотӣ дар роҳи эҷод шудани қобилиятҳои мураккабтару комилтар, хосатан нақш мебозанд. Илму технологияи муосир танҳо пешаи гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоӣ набуда, балки қишрҳои гуногуни ҷомеа низ ба он фаро гирифта мешаванд. Ба ҳамин маъно академик В.А. Лекторский дар бораи таваҷҷуҳи хоссаи Э.В. Иленков ба проблемаи омӯзиши имкониятҳои фаъолиятӣ зимни таълиму тарбияи тифлакони маъюбу барҷомонда ба некӣ ёдовар шуда, чунин менависад: «Сарнавишти инсон аз ояндаи илм ва аз имкониятҳои (ё ғайриимконият) дастрасии илмию техникии олам ҷудонопазир аст, махсусан дар робита ба инкишофи технологияи муосири иттилоотӣ ин масъала равшан мегардад. Масалан,

Э.В. Иленков ба ин мавзуъ аҳамияти махсус дода, солҳои охири ҳаёти худ ба фалсафа, равоншиносӣ ва амалияи тарбияи гунгу нобиною ношунаво машғул мешавад» [12, с.7]. Дар ҳақиқат заҳмату ранҷи онҳое, ки ба таълиму тарбияи наврасон машғуланд ва бар ивази фаъолияти пурмашаққати омӯзгорӣ дар андешаи кӯдак ҳаваси хондану омӯхтанро ҷой мекунанд, дар назарияҳои биологии қобилият танҳо ҳамчун «омили кумаккунандаи» зуҳур кардани қобилиятҳо тасвир мешаванду халос. Талаботҳои зиндагӣ, муқаррароти ҳаёти иҷтимоӣ, мотиватсияи аз шароитҳои ҳаёти ҷамъиятӣ беруншаванда дар чунин назарияҳо агар номбар ҳам гарданд, нақши ҳалкунанда надоранд ва бо чунин ҳукм ба сифр баробар карда мешаванд. Иленков масали машҳури мардумӣ: «Ба тифл нигоҳ карда, ба коре, ки модар мекунад, назар наандохтан»-ро таъкид намуда, даъват мекунад, ки муҳити оила, тинҷию оромии дунёи кӯдак, рафтору гуфтори волидайн ва миллиардҳо сабабҳои ҷараёни зиндагӣ, дар эҷод шудани қобилияту истеъдоди кӯдак омили асосӣ ва ҳалкунандаи шакл гирифтани шахсияти инсони оянда хоҳанд буд. Андешаҳои Иленков равону фаҳмо ва бо сабки адабиётнигорӣ навишта шудаанд ва дар асари ӯ «Шахс аз чӣ оғоз мешавад» (Э.В. Ильенков. Что такое личность? // С чего начинается личность. – М, 1984) услуби кабинетии академӣ камтар мушоҳида мегардад. Дар ҳар сурат проблемаи эҷоди қобилиятҳои инсониро ӯ бисёр моҳирона, таъсирнок ва содаю ҳамафаҳм ба қалам овардааст. Чунин андеша, ки гӯё дар таркиботи ДНК талаботу эҳтиёҷ (ё қобилияти пешакӣ ва ё «нишонаи») он ҷой дошта бошад, дар фаҳмиши Иленков қобили қабул нест: «Фаҳмо аст, ки дар ҳеҷ як кислотаи дезоксирибонуклеинӣ ин талаботҳо навишта нахоҳанд шуд. Аз лиҳози генезиси худ ҳамаи онҳо сад фисад иҷтимоӣ буда, мебояд дар шароити педагогӣ ташаккул ёфтаю сохта шаванд» [7, с.39]. Ин асар ба омӯзгорон, равоншиносон ва ҳамаи онҳое, ки ба таълиму тарбия ва ташаккули қобилиятҳои кӯдак сарукор доранд, нигаронида шудааст. Дар баёни ҳукм ва андешаҳои худ Иленков қотеона, оштинопазирона ва бо итминони комил тасаввуротҳои модарзодию фитрӣ будани қобилиятро маҳкум карда, ҳама ҳолати ба дӯши табиат «бор» кардани ноуҳдабароии педагогиро ҳаққонӣ писханд мезанад. «Тасаввурот дар бораи тавлиди модарзодӣ, пайдоиши табии қобилияти (ё ғайриқобилӣ) мустақилона андеша рондан – ин ҳамзамон натиҷа ва сабаби воқеии нотавонии (ноқобилии) омӯзгор аст, ки дар ин бархӯрди омилу шароитҳо, вазъиятҳо ҳолати инкишофи интеллект ва ё маъюб сохтани онро сарфаҳм намераванд» [7, с.45]. Дар баъзе мақолаҳои публитсистӣ ва ҳатто илмии фалсафию психологӣ (хусусан баъди заволи Иттиҳоди шӯравӣ) назарияи қобилиятҳои фаъолиятию талаботиро, мутаассифона ҳамчун «мадоҳии ба хотири назарияи марксизм» бавуҷудомада баҳогузорӣ мекунанд. Хабарҳои зиёд ба воситаи ахбори омма нашр мешаванд, ки аз кашфиёти «навтарини» олимони генетик ва микробиологҳо «мужда» мерасонанд. Ҳарчанд ки дар таҳқиқоти генетикҳо доир ба ҳузур доштани қобилиятҳои иҷтимоӣ дар таркиботи мағзи сар ё генҳо масъала ба миён намеояд. Генетикҳо асосан дар бораи беҳтар сохтани солимии организми инсон, васеъ намудани имкониятҳои мудофиавии организми инсон аз таъсири омилҳои зиёновари муҳит ва бемориҳо, таҳлили ҷузъитарин ва майдатарин хосиятҳои ҷисми инсон ба хотири дароз намудани умри инсон, таҳқиқот мегузаронанд. Генетикҳо ва микробиологҳо даҳҳо бор таъкид мекунанд, ки тағйир додани функсияҳои ҷисми инсон ҳанӯз маънои тағйир додани характер ва эҷод кардани дунёи маънавию қобилиятҳои ӯ ва умуман сифатҳои иҷтимоии ӯ нест, вале боз ҳам «ифшогарони табиати инсон» воҳимаю валвалаи сенсатсиониашонро ҳарчӣ зудтар ба маълумоти шавқмандони проблемаи қобилиятҳои инсонӣ расониданӣ мешаванд. Олимоне, ки ба клонсозӣ (нусхабардории аҷсоми инсон) машғуланд, дар суҳбатҳояшон дар бораи тавлиди айниятдори ҷисми биологӣ нақл карда, ҳатман таъкид мекунанд, ки одамони монанди падар ё модаре таваллуд шуда, ҳувияти иҷтимоии волидайнро мерос нагирифта, танҳо дар шароитҳои зарурии ҳаётиашон, қобилияту характер ва психикаи ба муҳити иҷтимоии ӯ хосро соҳиб мешаванд. Э. Иленков аз зумраи он файласуфоне аст, ки таълимоти инсоншиносии Карл Маркcро на бо супориши дастгоҳи идеологӣ, балки бо тақозои зарурияти таҳқиқотҳои илмӣ таҳлил намуда, моҳияти воқеии осори Маркcро фаҳмою

осонбаён ба риштаи андешаронихҳои фалсафӣ гиреҳ месозад. Идеяи марксизми воқеиро инкишоф дода, Иленков андешаҳои устувору қотеонаи худро доир ба проблемаи қобилиятҳои инсон, қобилиятҳое, ки характеру моҳияти фаъолиятию предметӣ доранд, ба миён мегузорад. Ҳамин ҷиҳати нотакрори таҳқиқоти Э. Иленковро В.С. Степин чунин баҳогузорӣ мекунад: «Э. Иленков идеяи марксизми аутентиро (саҳеҳро) инкишоф медиҳад, ки он комилан инкишофи нодир аст» [14, с.118]. Академик В.А. Лекторский менависад, ки нимаи дуюми асри гузашта дар фалсафаи шуравӣ як марҳилаи эҳёи (ренесансии) фалсафаи эҷодӣ оғоз гардид, ки яке аз пешоҳангони ҳамин ҷунбиш Э. Иленков буд. Ин марҳила тобиши наву саҳифаи наомӯхтаест, ки бояд дар оянда муҳаққиқон биомӯзанд. Зеро ин давра марҳилаи воқеии «баргаштани фалсафа ба коркарди эҷодкоронаи проблемаҳои хусусиаш буд… Пешсафони ин ҳаракат Э.В. Иленков ва А.А. Зиновев – хатмкардагони ҷавони факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва буданд. Сипас ба доираи таъсири онҳо дигарон ҷалб шуданд» [14, с.88]. Э. Иленков омӯзиши қобилиятҳои инсониро ҳамчун проблемаи умумифалсафӣ дониста, онро дар баробари нерӯҳои дигари моҳиятии инсон ҳамчун проблемаи меҳварии фалсафагароӣ дар таркиби донишҳои фалсафӣ оид ба инсон мешуморад. Воқеан, назарияҳои педагогию психологӣ, физиологию сотсиологиеро пайдо кардан маҳол аст, ки он ҷо зимни тавзеҳи қобилиятҳои инсон ба осори мутафаккирони файласуф ишора нашуда бошад. Ҳама назарияҳои инсоншиносии муосир низ барои таҳкими андеша ва мавқеи методологию равшан сохтани принсипҳои таҳқиқотиашон ҳатман ба натиҷагириҳои фалсафӣ рӯ оварда, пайраҳаи ҳаракати таҳқиқотиашонро мунаввар месозанд. Э. Иленков истиноду иқтибосоварии ин муҳаққиқонро чун қонеъсозии анъанаи таҳқиқотии онҳо баҳогузорӣ карда, мавқеи ғайританқидии онҳоро, ки ба авторитетҳо чун ба объекти таъзим назар мекунанд, ҳеҷ намепазирад: «Гап сари он меравад, ки ҳамаи назарияҳои педагогии қобилият (аз ҷумла, назарияҳое, ки роҳҳои ташаккули қобилиятро меомӯзанд) рӯирост ва ё хомӯшона аз баъзе сарчашмаҳои фалсафӣ, гоҳ ба таври анъанавӣ, гоҳ бо таъсири низомҳои воломақоми фалсафӣ, каму зиёд ба таври ғайританқидӣ истифола мекунанд» [8, с.376]. Қобилияти инсон дар консепсияи Э. Иленков тамоили предметӣ гирифта, дониши инсон ва маърифати назариявии инсон аз хусусияту сифатҳои объекту предмети маърифатшаванда мундариҷаи хешро соҳиб мегардад. Танҳо дар алоқамандӣ ба предмет, ба предмете, ки эҷод гашта, сохта шудаю дигаргун мегардад, инсон хусусиятҳои сифатии хешро ба вуҷуд меорад. Дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ, дар раванди интериоризатсия қобилияту талабот ташаккулу такомул меёбад. Қобилияти маърифатии инсон, донишу инкишофи интеллектуалии ӯ мундариҷаи хешро аз хусусияту сифатҳои предмети омӯхташавандаю аз ҷониби инсон дигаргуншаванда, касб мекунад. «Дар ҳақиқат дониш ба маънои аниқи он, ҳамеша дониш дар бораи предмет аст. Предмети муайянро, «умуман» наметавон фаҳмид, агар низоми муайяни зуҳуроти онро, чи агар кимиёвӣ, психикӣ ва ё зуҳуроти дигаре бошад» [8, с.381]. Раванди ташаккули қобилият танҳо дар ҷодаи фаъолият, фаъолияте, ки ба предмет нигаронида шудааст, сурат мегирад. Аз худ намудан ва ё аз ёд намудани маводи мавриди маърифат қарор гирифта, бе ҳузури предмети маърифатшавандаю таҳқиқёбанда, танҳо ба нутқ номбар кардани образи «визуалӣ» буда, сирф тасаввуроти холӣ асту бас: «Ин ҷо фаъолияти тартиби дигаре – фаъолияте тақозо мешавад, ки бевосита ба предмет нигаронида шуда бошад. Фаъолияте, ки предметро тағйир медиҳад, на образи онро. Зеро маҳз дар рафти хамин фаъолият нахуст образ, яъне тасаввуроти мушоҳидашавандаи предмет пайдо мешавад, на тарҳу нақшаи пешакии инструксияи шифоҳан додашуда ё «қоидаи» он» [8, с.382]. Предмети олии маърифатӣ худи инсон аст, ки хештанро дар ҳар ипостасе (дар ҳар тобиши рӯй) баён карда, илму санъату ахлоқ чун шаклҳои гуногуни худшиносии инсон эҷод мешаванд. Дар ҳар дастоварди маънавию моддӣ ва дар ҳар дигаргунсозиҳои ҳаётӣ накши инсон сабт шуда, сатҳи худшиносӣ ва зинаи муайяни такомули қобилияти ӯ он ҷо ифода меёбад. Мунаққидони назарияи қобилиятҳои иҷтимоӣ муаллифони ин назарияро дар муносибаташон ба инсони алоҳида

сарзаниш намуда, зикр мекунанд, ки инсони эҷодкору озод гӯё побанди шароитҳои иҷтимоӣ ва «винтики» муқаррароти фаъолиятҳои ҷамъиятӣ гаштааст. Дар сурате ки инсони озоду эҷодкор худ зодаи ҳамин фаъолияти ҳаётию ҷамъиятӣ буда, мотиву талаботҳою манфиатҳои ӯ, манбаи илҳоми эҷодии ӯ аз ҳамин муносибатҳои ҷамъиятии ӯ бармеоянд. «Инсон, чи дар хештан ва чи дар симои каси дигар, ҳамон «предмети олӣ барои инсон» аст, ки айнан хешро дар ипостасҳои (ҷилваҳои) гуногун – ҳам дар илм, ҳам дар санъат ва ҳам дар ахлоқ баён месозад. Охириҳо – сирф шаклҳои гуногуни зуҳури худшиносии инсон ҳастанд, ки худ дар хештан («дар худ ва барои худ») ҳеҷ як «арзиши» мутлақе надоранд» [10, с.312]. Тафаккуру шуур ва психикаи инсон дар раванди аз худ (маърифат) намудани зуҳуротҳои ҳаёти муҳит, қабул намудани образи предметҳо шакл гирифта, иловатан вобаста ба даҳҳо омилҳои дигар, ки бевосита аз хусусиятҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бармеоянд, эҷод шудаю шакл мегиранд. Дар робита ба аз худ намудану фаро гирифтани муносибатҳоли ҳаётӣ дар шуури инсон назарияи интериоризатсия таҳия шудааст. Дар таълимоти Э. Иленков, инчунин аз нуқтаи назарияҳои дигари қобилиятшиносӣ, фаъолиятшиносӣ ва предметшиносӣ психикаи инсон сирф натиҷаи фаъолияти ҳаётию ҷамъиятии одамон аст. Психика ва шуури инсон танҳо дар доираи муносибатҳои ҳаётӣ, дар ҷараёни бархӯрди тифли инсон бо ҷомеаи инсонии то ӯ вуҷуддошта пайдо шуда, хусусияту сифатҳои психикии ӯ сирф зодаи ҳамон муҳитест, ки ӯ он ҷо тавлид шудаву ба камол расидааст. Инсон дар ҷодаи таълиму тарбия, ҷараёни омӯзишу маърифати олам ҳастии инсонии хешро соҳиб шуда, таҷрибаи ҳаётии хешро сирф дар саҳнаи ҳаёти иҷтимоӣ ба наслҳои дигар ба мерос мегузорад: «… Дар ҳайати функсияҳои олии психикии инсон мутлақан ҳеҷ чизи ирсие нест ва буда наметавонад, ҳамаи психика ин маҳсули ҳаёт ва ба маънои васеи он натиҷаи тарбият аст, яъне аз насл ба насл на бо роҳи табиию ирсиятӣ, балки сирф бо роҳи «маснуӣ, сохташуда» дода мешавад» [6, с.83]. Э. Иленков аз зумраи он муҳаққиқонест, ки адешаҳои фалсафии хешро дар алоқамандии наздик бо амалияи ҳаётию ҷамъиятӣ эҷод мекунад. Ба огоҳон маълум аст, ки аз соли 1963 инҷониб дар шаҳри қадимаи Загорск (ҳоло Сергиево-Посад, вилояти Москва) мактаб – интернат барои кӯдакони кару гунгу нобино фаъолият дорад. Э. Иленков ва А.Н. Леонтев ба ҷараёни таълим ва таҳияи методҳои педагогию психологии ин муассиса шинос буда, дар заминаи ҳамкориҳои муштарак бо итминони комил арз доштанд, ки танҳо дар ҷараёни фаъолияти муштараку алоҳида миёни таълимгирандаю муаллим, ин афроди ноилоҷмондаю оҷиз ба раванди ҳаёти ҷамъиятӣ фаро гирифта мешаванд. Гурӯҳи таҳқиқотии педагог ва психолог А.Н. Мешеряков, анъана ва усулҳои таълимии И.А. Соколянскийро, ки нобиноёну кару гунгҳоро бо фаро гирифтанашон дар доираи фаъолияти предметӣ ба сӯйи шахсияти ҷамъиятию инсоният ҳидоят месохт, идома дода, ба муваффақиятҳои ношуниде ноил гаштанд. А.Н. Мешеряков бо Э. Иленков ва А.Н. Леонтев ҳамкории зич дошта, чаҳор хатмкунандаи мактаб – интернат барои аз худ намудани барномаи мактаби олӣ ба факултаи психологияи МГУ ҷалб шуданд. Ҳоло ду нафари онҳо А.В. Суворов ва С.А. Сироткин ба нобиноияшон нигоҳ накарда, олимони унвондори психологияю фалсафа мебошанд, ки аз мактаби таълимии А.Н. Мешеряков ва Э. Иленков баҳра бурдаанд. А.Н. Мешеряков омода сохтани шароити таълим ва муҳити омӯзиши амалӣ – предметиро шарти муҳимми кор бо тифлони ҳам нобино ва ҳам кару гунг меҳисобад. Афзалияти фаъолияти предметӣ дар роҳи таълиму тарбия, эҷод шудани қобилиятҳои инсонӣ ва ҷараёни маърифати олам аз ҷониби А.Н. Мешеряков низ дар яке аз мақолаҳои ҳамонвақтааш (соли 1972) равшан зикр мегардад: «Муҳайё намудани шароите, ки он ҷо маърифати предметҳо барои тифл зарур аст, роҳи мувофиқ аст. Танҳо ҳамон вақт имконият пайдо мешавад, ки фаъолияти тақрибӣ дар ӯ ташаккул ёбад» [11, с.80].Кори тарбиятдиҳанда, мураббӣ дар чунин муассисаҳо хело мураккаб аст. Камтарин бепарвоӣ ва хунукназарӣ сарнавишти тифли нобиною кару гунгро ба сӯйи бадбахтӣ тела медиҳад. А.И. Мешеряков зикр мекунад, ки тифли нобиною ношунаво ҳамон замон ба предметҳои ӯро иҳотакунанда шинос мегардад, ки агар мураббӣ ӯро ба одитарин малакаи худхизматрасонӣ дар роҳи қонеъ намудани эҳтиёҷҳои зиндагиаш раҳнамоӣ намояд:

«Кӯдакро меомӯзонанд, то ки қошуқу лаълиро истифода кунад, дар курсии назди стол бинишинад, дар ҷойгаҳи катча хоб биравад, сар ба болишт гузорад, курпаро ба болои худ бикашад ва ғ.». Ба таҳқиқи проблемаи қобилият, таҳияю эҷод шудани сифату хусусиятҳои инсон аз мавқеи иҷтимоию сабабӣ, ки бо предмет ва олами атрофи ӯ алоқамандии ногусастанӣ дорад, ҳанӯз Б. Спиноза таваҷҷуҳи хосса дошт, ки муҳаққиқоне, чун Э. Иленков ва дигар намояндагони назарияи фаъолиятшиносии шуравӣ онро устуворона инкишоф доданд. Дар ин мавзуъ А.В. Сурмава менависад: «Б. Спинозаро матбахи дохилии физиологӣ, ки бидуни он – табиист, ҳеҷ як амали аҷсоми фикркунанда имкон надорад, ҷалб намесозад, балки таваҷҷуҳи ӯро робитаҳои сабабӣ, ки ҷисми фикркунанда қобил аст ба олами ҷисмҳои берунӣ алоқа кунад, ҷалб менамояд… Ягона назариётчие, ки ба чунин хулоса омадааст, Э.В. Иленков буд, ки фаҳмиши худро доир ба Б. Спиноза дар асари «Мантиқи диалектикӣ» баён кардааст» [13, с.135-136]. Ҳамин тавр Э. Иленков намояндаи шинохтаи фалсафаи шуравии нимаи дуюми қарни XX аст, ки консепсияи предметӣ – талаботии қобилиятҳои инсониро пешниҳод намуда, эҷод шудани қобилиятҳоро дар ҷодаи фаъолияти инсонӣ имконпазир медонад.

**АДАБИЁТ**


1. Бэкхерст Д. Проблема идеального в наследии Ильенкова / Дэвид Бэкхерст // Альманах «Востока», Выпуск № 9 (21), сентябрь 2004 г. [Электронный ресурс] – URL: http://www. situation.ru/app/j_art_558.htm. (Дата обращения: 6.02.2018).
2. Бэкхерст Д. Философия деятельности / Дэвид Бэкхерст // Вопросы философии. – 1996. – № 5. – С. 72-79.
3. Вундт В. Психология народов / В. Вундт. – М.: «ЭКСМО», 2002. – 863 с.
4. Голубева-Монаткина Н.И. Предыстория психолингвистики: Герман Пауль / Н.И. Голубева-Монаткина [Электронный ресурс] – URL: https:// iling-ran.ru /library/psylingva /sborniki/Book1996/ Prilog henie. Htm. (Дата обращения: 09.04.2022).
5. Ильенков Э.В. Об эстетической природе фантазии / Э.В. Ильенков // Вопросы эстетики. Вып. 6. – М., 1964. – С. 46-92.
6. Ильенков Э.В. Психика человека под «лупой времени» / Э.В. Ильенков // Природа. – 1970. – № 2. – С. 88-91.
7. Ильенков Э.В. Учитесь мыслить смолоду / Э.В. Ильенков. – М.: Издательство «Знание», 1977. – 64 с.
8. Ильенков Э.В. Философия и культура / Э.В. Ильенков. – М.: Политиздат, 1991. – 462 с.
9. Ильенков Э.В. Что такое личность? / Э.В. Ильенков // С чего начинается личность. – М.: Политиздат, 1984. – С. 319-358.
10. Ильенков Э.В. Что там, в Зазеркалье? / Э.В. Ильенков // Искусство и коммунистический идеал. – М.: Исскуство, 1981. – С. 300-323.
11. Мещеряков А.И. Познание мира без слуха и зрения / А.И. Мещеряков // Природа. – 1972. – № 2. – С. 78-84.
12. О настоящем и будущем. (Размышления о философии) / Беседа Б.И. Пружинина с В.А. Лекторским // Вопросы философии. – 2007. – № 1. – С. 3-15.
13. Сурмава А.В. Полтора кило мозгов или живое мыслящее тело? / А.В. Сурмава // Вопросы психологии. – 2006. – № 1. – С. 135-136.
14. Философия и демократия в современном мире. Актуальные проблемы гуманитарного сотрудничества. – М.: Прогресс-Традиция, 2009. – 128 с.


**ЭВАЛД ИЛЕНКОВ: «ФЕНОМЕНИ ҲЕЛЕН КЕЛЛЕР» ВА ҚОБИЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ИНСОН**


Мундариҷаи асосии таҳқиқотро таҳлили проблемаи қобилияти инсон дар эҷодиёти файласуфи шинохтаи шуравӣ Э.В. Иленков ташкил мекунад. Муаллиф итминон дорад, ки Э.В. Иленковро метавон ҳамчун яке аз бунёдгузорони назарияи предметӣ-фаъолиятии қобилият ном бурд. Ӯ мушкилоти қобилиятро дар ягонагӣ бо проблемаи шуур, фаъолияти ҳаётӣ, хосият ва сифати мағзи сари инсон, истифодаи тестҳо ва санҷиши қобилиятҳо, бо масъалаи пайдоиши хирад, интеллект ва талаботҳои инсон, таҳқиқ кардааст. Зикр мегардад, ки мувофиқи андешаи Э.В. Иленков, қобилият бо ҷамъи гуногуниаш, ҳатто дар шакли «нишонаҳо» ҳам наметавонад то замони ворид шудани одамон ба раванди фаъолият дар ин ё он шакле, чи дар хромосомҳо, чи дар ДНК ва РНК, вуҷуд дошта бошанд.Психикаи инсон низ наметавонад то вақти ворид шудани инсон ба раванди ҳаётии хеш, вуҷуд доштаю вазифа иҷро намояд. Таваҷҷуҳи бештаре ба ғавғои дар адабиёти Ғарб паҳншудае дар бораи ба ҳаёту фаъолият қадам задани духтарчаи кару гунг ҷалб мегардад, ки гӯё ба шарофати нишонаҳои ирсии хеш, шахсияти фаъолиятноке шуда бошад. Ин овозаю ғавғо таҳти унвони «феномени Ҳелен Келлер» маълум аст. Муаллиф ин «Феномен»-ро таҳқиқ намуда, комилан бо Э.В. Иленков розӣ мешавад, ки Ҳелен Келлер аз ҷониби тарбиятдиҳандаи хурдакаки худ Анна Сулливан, ки ӯро ба ҳаракатҳои предметӣ ва амалиётҳо фаро гирифта, забонро ёд додааст, тарбия ёфтааст. Аз нуқтаи

назари муаллиф, қобилиятҳо аз ҷониби афроди алоҳида муаррифӣ мешаванд, ки фаъолияти онҳо на дар инкубатор, на берун аз муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки дар миёни муколамаю муомила бо дигар одамон роҳандозӣ мешаванд. Дар мақола назарияи фаъолиятии Э.В. Иленков баррасӣ мегардад, ки мувофиқи он тарбияи яктарафа ва рушд додани қобилиятҳои инфиродии инсонӣ танҳо дар натиҷаи бархӯрд ва зиддияти ҳазорон манфиату талаботҳои воқеияти ҳаётӣ ба вуҷуд меоянд, на аз «потенсия» ва ё биологияи инсон. Андеша асоснок мегардад, ки Э.Иленков инсоншиносии марксистиро на бо супориши дастгоҳи идеологии ҳизби дар замони шуравӣ ҳукмрон, балки аз лиҳози зарурати оммафаҳм намудани мероси Маркс инкишоф додааст.

**Калидвожаҳо:** олӣ будан, «феномени Ҳелен Келлер», фаъолияти ҳаётӣ, воқеияти предметӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, қобилият, талабот, фаъолият, «нишонаҳо».

## ЭВАЛЬД ИЛЬЕНКОВ: «ФЕНОМЕН ЭЛЕН КЕЛЛЕР» И ПОЗНАВАТЕЛЬНЫЕ СПОСОБНОСТИ ЧЕЛОВЕКА

Основное содержание исследования составляет анализ проблемы человеческих способностей в творчестве выдающегося советского философа Э.В. Ильенкова. Автор уверенно считает, что Э.В. Ильенкова по праву можно назвать одним из основателей теории предметно-деятельностных способностей. Он исследовал проблему способностей, взятую в единстве с проблемами идеального сознания, жизнедеятельности, свойствами и качествами головного мозга человека, использованием тестов в измерениях способностей, с проблемой происхождения разума, интеллекта, потребностей человека. Подчеркивается, что, по Э. Ильенкову, способности со всем их многообразием, даже в виде «задатков» не могут существовать до вступления людей в процесс деятельности и не существуют в каком бы то ни было виде, в хромосомах, ДНК и РНК. И психика человека не может существовать и функционировать до вступления человека в реальный свой жизненный процесс. Значительное внимание уделяется большей шумихе в психологической литературе стран Запада по поводу деятельности глухонемой девочки, которая, якобы благодаря своим врожденным задаткам, стала деятельной личностью. И эта шумиха известна под названием «Феномен Элен Келлер». Вопросы эти в публицистической форме изложены в книге Э.В. Ильенкова «Учитесь мыслить смолоду». Автор, исследуя этот «феномен» в реальном жизненном процессе, целиком соглашается с Э. Ильенковым в том, что Элен Келлер воспитывалась своей маленькой воспитательницей Анне Сулливане, которая приобщила её к предметным действиям и операциям, учила её языку. По мнению автора, способности как таковые представлены отдельными индивидами, деятельность которых происходит не в инкубаторе, и не вне общественных отношений, а в среде общения и обменов с другими людьми. В статье излагается деятельностная концепция Э.В. Ильенкова, согласно которой одностороннее воспитание и наращивание человеческих индивидуальных способностей происходят только в результате противостояния и столкновения тысяч интересов, потребностей в реальной жизненной действительности, а не в «потенции» и биологии человека. Обосновывается мысль о том, что Э. Ильенков марксистское человекознание развивал не по поручению идеологического аппарата господствовавшей в советское время партии, а исходя из необходимости популяризации наследия Маркса.

**Ключевые слова**: идеальность, сознание, «феномен Элен Келлер», жизнедеятельность, предметная действительность, общественные отношения, способности, потребность, деятельность, «задатки».

## EWALD ILYENKOV: "THE PHENOMENON OF HELEN KELLER" AND HUMAN COGNITIVE ABILITIES

The main content of the study is the analysis of the problem of human abilities in the work of the outstanding Soviet philosopher E. V. Ilyenkov. The author confidently believes that E. V. Ilyenkov can rightly be called one of the founders of the theory of object-activity abilities. He investigated the problem of abilities, taken in unity with the problems of the ideal, consciousness, life, properties and qualities of the human brain, the use of tests in measuring abilities, with the problem of the origin of the mind, intellect, human needs. It is noted that, according to E. Ilyenkov, abilities with all their diversity, even in the form of "inclinations" cannot exist before people enter the process of activity, do not exist in any form in chromosomes, DNA and RNA. And the human psyche cannot exist and function until a person enters his real life process. Considerable attention is paid to the great hype in the psychological literature of the West about the deaf-mute girl who entered into life and activity, who, as if due to her innate inclinations, became an active person. And this hype is known as the Helen Keller Phenomenon." Questions from and B In a journalistic form are set out in the book by E. V. Ilyenkov "Learn to think from a young age." The author, researchins this “phenomenon” in a real life process, fully agrees with E. Ilyenkov that Helen Keller was brought up by her little teacher Anna Sullivane, who introduced her to objective actions and operations, taught her the language. According to the author, abilities as such are represented by separate individuals, whose activities take place not in an incubator and not outside social relations, but in the environment of communication and exchanges with other people. The article describes the activity concept of E.V. Ilyenkov, according to which one-sided upbringing and building up of human individual abilities occur only as a result of confrontation and clash of thousands of interests, needs from real life reality, and not from the "potencies" and human biology. The idea is substantiated that E. Ilyenkov developed Marxist human knowledge not on behalf of the ideological apparatus that dominated the Soviet era, based on the need to popularize the legacy of Marx.

**Key words**: ideality, "phenomenon Helen Keller». relations,words: consciousness, objective reality, public vitality, ability, need, activity, patches,

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аминов Файзалӣ Азимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-63-47-45**. E-mail: **Faizali/Aminov58@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Аминов Файзали Азимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-63-47-45**. E-mail: **Faizali/Aminov58@mail.ru**

**Information about the author:** ***Aminov Faizali Azimovich*** – Tajik National University, candidate of philosophical sciences, docent. **Address**: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Phone: 918-63-47-45**. E-mail: **Faizali/Aminov58@mail.ru**

УДК:1(091)

# БАРРАСИИ МУХТАСАРИ НАЗАРИЯИ ҚИЁС ДАР МАНТИҚИ ИБНИ СИНО

*Амондуллоев Б.С.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Абуалӣ ибни Сино яке аз маъруфтарин симоҳои илмии асримиёнагии тоҷик аст, ки дар ғановати маънавиёти башарӣ, махсусан дар соҳаи мантиқ, саҳми беназир гузоштааст. Як қисмати асосии мантиқи Ибни Синоро масъалаи қиёс ташкил мекунад.

Тамоми осори фалсафии Ибни Сино, ба истисној асарҳои рамзиаш, бо мантиқ оғоз мешаванд ва ӯ мантиқро «олати таҳсили донишҳои илмӣ» [12, с. 124] меҳисобад. Муҳимтарин асари фалсафии мутафаккир «Китоб-уш-шифо» аст, ки онро низ бо равиши маъмулии хеш аз мантиқ оғоз намуда, ин мабҳасро ба чордаҳ фасл ҷудо менамояд ва мавзуъҳои минбаъдаро, ки унвони онҳоро «Мақолот» номида, бо ҳамон қонунмандии мантиқӣ баррасӣ мекунад. Масалан, фасли сеюми мақолаи дуюм аз фанни аввалро, ки «Дар мушорикот (умумиятҳо) ва мубойинот (фарқиятҳо)-и боқимонда» унвон дорад, бо ҳамон назариёти мантиқӣ, ки дар муқаддимаи ин асар оварда ва ду назарияи асосии мантиқро «таърифе, ки моро ба тасаввуроти саҳеҳ, дарки дурусти маонӣ, бурҳонҳое, ки василаҳои тасдиқ ва имтиёзи байни савоб ва носавобро мерасонад» [9, с. 67] меҳисобад, таҳлил намудааст, ки дар мантиқи муосир низ истифода мешавад.

Ибни Сино мантиқро методологияи маърифати илмии донишҳои иктисобӣ ва илм меҳисобад. Ӯ таъкид дорад, ки барои омӯзиши илм донишҳои мантиқӣ муҳиманд. Чунин бардошти Ибни Сино аз мантиқ, ки онро ҳам илм ва ҳам василаи дарёфти дониши саҳеҳ меҳисобад, бо ақидаи мантиқшиносони муосир низ мувофиқат дорад. Мутафаккир дар «Ишорот ва танбеҳот» зарурати омӯзиши мантиқро чунин тавсиф намудааст: «Пас, илми мантиқ-илме аст, ки дар вай биёмӯзанд вуҷуҳи интиқолот аз маоние, ки дар зеҳни одамӣ ҳосил бувад, ба маоние, ки хоҳад, ки ҳосил кунад ва низ аҳволи он маонӣ бидонад ва адади аснофи он чи тартиб ба ҳайати интиқол дар вай бар ваҷҳи истиқомат бошад ва аҳволи он асноф, ки на чунон бошад» [3, с. 350].

Дар соҳаи мантиқ Ибни Сино асосан ба Арасту пайравӣ намудааст[17, с. 90]. Ӯ дар масъалаи гароиш доштан ба орои арастуӣ дар осори гуногунаш ишораҳо дорад. Масалан, дар «Китоб-уш-шифо» таъкид мекунад, ки дар мураттаб намудани мафҳуму мавзуъҳои илми мантиқ: «...кӯшиш ба харҷ додам, то тартиберо, ки дар китобҳои соҳиби мантиқ (яъне Арасту) ҳаст, риоя намоям» [9, с. 85]. Аммо ин маънои онро надорад, ки Ибни Сино аз чаҳорчӯбаи мантиқи арастуӣ берун нашуда бошад. Таҳлили мантиқи Ибни Сино нишон медиҳад, ки ӯ ба мантиқ ва вазифаҳову мавзуъҳои он нисбат ба Арасту диди фарохтар дорад ва кӯшидааст иштибоҳоти Муаллими аввалро ислоҳ намояд. Ин мазмунро дар мавзеъҳои гуногуне равшан таъкид намудааст. Дар муқаддимаи «Мантиқи Машриқия» чунин баён намудааст, ки «...ҳар касе баъди Арасту меомад, бояд хатоҳо ва иштибоҳоти ӯро дар илм ислоҳ намуда, усулҳои овардаи ӯро ба шохаҳо тақсим менамуд. Лекин касоне, ки баъди Арасту омадаанд, аз уҳдаи дарки мероси ӯ набаромадаанд ва умри худро сарфи фаҳми ҷиҳатҳои беҳтаринаш намуда, тарафҳои ноқиси онро кӯр-кӯрона ва бо таассуб омӯхтаанд... Лекин мо...барои ҳар чиз сабабе ҷустуҷӯ карда, ҳар чӣ рост буд рост ва ҳар чӣ дурӯғ буд, дурӯғ шуд» [5, с. 59-60].

Арасту мантиқро ба қиёс ва мутааллиқоти он маҳдуд мекунад ва бар ин назар аст, ки «мантиқ илме аст дар бораи қиёс ва чигунагии таълифи он» [15, с. 29]. Вале Ибни Сино бо

тафаккури созандаву нававар ба мантиқ рӯ овардааст. Ба қавли худаш, «...дар он (мантиқ– А.Б.) асрору латоиферо ворид кардам, ки китобҳои мавҷуда аз он тиҳӣ буданд» [9, с. 85-86]. Ӯ мантиқро чунин таъриф додааст: «Мантиқ илмест, ки роҳи аз муқаддима ба даст овардани натиҷаро меомӯзад» [4, с. 445]. Ҳарчанд ин таъриф бо таърифи Арасту мазмунан қаробати зиёд дорад, аммо бо иваз намудани шакл Ибни Сино ишорат ба диди нав дар ин мавзуъ мекунад, ки ба наворарихоҳияш далолат мекунад.

Ба ҳар навъ, Ибни Сино бо такя ба мантиқи арастуӣ донистан ва истифодаи дурусти қиёсро муҳимтарин мақсади илми мантиқ унвон мекунад. Ба қавли худи мутафаккир: «Мақсади аввал ва зотии мо оид ба синоати мантиқ донистани қиёсҳо ва он қисм аз онҳое мебошад, ки дар баёни қиёсҳои бурҳонӣ баҳс мекунад ва мақсади дувуми мо маърифати навъҳои дигари қиёсҳост. Пас, баъзеи онҳо, масалан қиёсҳои ҷадалӣ, аз тариқи машқ кардан бо онҳо ва гузаштан аз онҳо ба онҳо ба донишҳои бухронӣ барояшон суд дошта, манфиатҳои дигаре (низ) доранд; донистани баъзеи онҳо, мисли қиёсҳои суфистоӣ, барои эмин доштани худ аз (зарари) онҳо аз қабили хитоба ва шеър моро дар корҳои шаҳрдорӣ ва низоми иҷтимоӣ судманд аст» [10, с. 30]. Аз ин навишта, инчунин, метавон натиҷагирӣ намуд, ки Ибни Сино қиёсҳоро ба бурҳонӣ ва ғайрибурҳонӣ ҷудо мекунад ва маърифати қиёсҳои бурҳониро муҳимтар меҳисобад. Мо низ кӯшиш мекунем баҳсҳоямон асосан атрофи қиёсҳои бурҳонӣ бошад.

Ба андешаи муҳаққиқи соҳаи мантиқ д.и.ф. Худойдодзода Ф.Б. Ибни Сино таълимоташро дар бораи қиёс ба таври мукаммал ва муфассал баррасӣ намуда, баъзе навовариҳоро дар ин соҳа худаш махсус қайд мекунад (такмил додани таснифи қиёсҳо ва илова бар бурҳони хулф). Хизмати ӯ махсусан дар инкишофи назарияи қиёсҳои шартӣ (гипотетикӣ), ки аз ҷониби муаллифи Органон, сарфи назар аз ваъдааш дар «Аналитикаи якум», ки ба таври махсус ба ин мавзӯъ дахл мекунад, (Ибни Сино бовар дошт Арасту дар бораи қиёсҳои шартӣ китобе навиштааст, ки баъдан шояд гум шудааст) хеле бузург аст [18,с.143].

Агар мо ин андешаи Ибни Синоро бо афкори дар мавзуи қиёс ироашудаи донишмандони Давраи наву навини Аврупо, ки усули дедуктивии арастуиро танқид мекарданд муқоиса намоем, пурра мутобиқат намекунад. Дар ин давра муҳаққиқоне, ба мисли Френсис Бекон(1561-1626), Рене Декарт (1596-1650), Ҷон Стюарт Милл (1806-1873) ва дигар таҷрибагароёне, ки қонуниятҳои қиёси арастуӣ ва пайравони онро танқид менамуданд, муътақид буданд, ки қиёс дониши нав намедиҳад, зеро матлаб дар яке аз муқаддимаҳо ифода шудааст ва зарурат ба натиҷа нест. Дар ин сурат он арзиши илмиашро аз даст медиҳад.

Аксари мантиқиёни Давраи наву навини Аврупо мантиқи индуктивӣ ё татбиқиро ҷонибдорӣ менамуданд ва онро ҷойгузини мантиқи қиёси дедуксионӣ донистанд. Вале, ба ҳар навъ, дар мантиқи муосир низ қиёс арзишманд буда, як қисмати таркибии ин илмро ташкил медиҳад. Иллати аслии чунин нақд гирифтани баъзе мантиқиёни ин давраи Аврупо ба таври мутлақ аз Арастуву пайравони ӯ дар он аст, ки «онҳо аз мероси арзандаи мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик дар соҳаи мантиқ бехабар буданд» [16, с. 28-29]. Маврид ба зикр аст, ки дар таълимоти Ибни Сино масъалаи қиёс ба таври васеъ таҳлил мешавад ва «қариб тамоми масъалаҳои назарияи хулосаи илми мантиқи ҳозираро дар бар мегирад» [14, с. 117].

Пас аз Ибни Сино аксари мантиқиёни шарқиву ғарбӣ, аз қабили Ибни Рушд (1126-1198), Насируддини Тӯсӣ (1201-1274), Қутбиддин Шерозӣ (1236 ё 1237-1311) ва Дунс Скотт(1265 ё 1266-1308) аз равиши истифҳоми мантиқии Ибни Сино ва равиши таҳлилии

ӯ, ки баҳри пешгирӣ аз иштибоҳ ва таҷридӣ шудани баҳсҳо ва мафҳумҳою қазияҳо истифода намудааст ва аз равиши арастуӣ фарқи назаррас дорад, васеъ истифода намудаанд, ки ифодакунандаи ҷойгоҳи махсус доштани ин мутафаккир дар ҷодаи мантиқ аст. Як қатор муҳаққиқоне, ки дар ин самт таҳқиқ намудаанд, ин андешаро тасдиқ мекунанд: «Қутбиддини Шерозӣ дар мавриди илми мантиқ низ аз Ибни Сино пайравӣ намуда» [11, с. 101].

Агар ба сохтори мантиқи Ибни Сино таваҷҷуҳ шавад, аз бисёр ҷиҳат бо мантиқи шаклии муосир мувофиқ аст. Масалан, қисми мантиқиёти «Китоб-уш-шифо» аз баёни алфоз, хелҳои далолати шакл ба маъно ва хелҳои далолат ба моҳият оғоз мешавад, ки бо барномаҳои мантиқи муосир мувофиқат дорад. Дар масъалаи қиёс бошад, Ибни Сино нисбат ба мантиқиёни пешина таҳқиқоти муфассалтар анҷом додааст. Ин қисмати фаъолияти илмии мутафаккирро ба назар гирифта, мантиқшиносони муосир бар ин назаранд, ки «низоми мантиқии Ибни Сино назар ба низоми Арасту ва Форобӣ пурраю мукаммалтар аст» [16, с. 27].

Ибни Сино дар масъалаи қиёс ба Арастуву Форобӣ такя намудааст, аммо бо андешаҳои бикр дар ғановати он саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ қиёсро чунин таъриф медиҳад: «Қиёс қавлест, ки аз чанд қавл таркиб ёфта, ҳар гоҳе он қавлҳо пазируфта шаванд, аз онҳо зотан қавли дигаре бармеояд» [4, с. 454]. Манзур аз «қавли дигар» ин ҷо натиҷа аст. Ибни Сино қиёсро аз муқаддамот ва натиҷа иборат медонад. Ин таърифро, агар бо таърифи қиёси Арасту: «нутқест, ки агар дар он чизе тахмин шуда бошад, пас ҳатман як чизи олие аз он чизи пешниҳодшуда бармеояд, зеро дар пешниҳод вуҷуд дорад» [13, с. 120], муқоиса кунем, монандии назаррас ҷой дорад. Дар «Донишнома» низ Ибни Сино қиёсро ба ҳамин мазмун чунин таъриф додааст: «Қиёс ба ҷумла сухане бувад андар вай суханоне гуфта, ки чун пазируфта ояд, суханоне, ки андар вай гуфта омада бувад, аз он ҷо гуфторе дигар лозим ояд» [2, с. 189].

Дар ин масъала бо андешаҳои муҳаққиқи тоҷик М. Диноршоев наметавон ҳамраъй нашуд. Ӯ пас аз таҳқиқоти зиёд ба натиҷае расидааст, ки татбиқи назарияи мантиқии Арастуву Ибни Сино нишон медиҳад, ки «мутафаккири мо ҳангоми таҳқиқи масоили мантиқ–масоили алфоз, мақулот, қазоё, қиёс, ҷадал, бурҳон – ба дастовардҳои мантиқи Арасту муттако будааст ва онро бо андешаҳои нав, хусусан дар риштаи қазияҳои шартӣ ва қиёсҳои шартӣ ба андозаи зиёд ғанӣ гардонидааст» [15, с. 318].

Яке аз назаррастарин қисмати мантиқи Ибни Сино қиёс буда, мутафаккир онро муҳимтарин шакли натиҷагирӣ меҳисобад. Ба назари ӯ, «гаравиданро ва тасдиқ карданро роҳ ҳуҷҷат аст. Ва ҳуҷҷат се гуна аст: қиёс ва истиқро (индуксия –А.Б.) ва мисол» [2, с. 188]. Пас, қиёс яке аз василаҳои зарурии бовар намудан ба ҳукм ва тасдиқ намудани он аст. Дар ин масъала низ пайравии Ибни Сино аз Арасту мушоҳида мешавад. Зеро ӯ низ ҳуҷҷатро аз истиқро, тамсил ва қиёс иборат медонист.

Дар мабҳаси қиёс, чуноне ки қаблан ишора шуд, Ибни Сино кӯшидааст ба ҷузъиёти масоили ин мавзуъ, ки Арасту ва мантиқиёни баъд камтар таваҷҷуҳ намудаанд, равшанӣ андозад. Ӯ қиёсро ба комил ва ғайрикомил тақсим намудааст. Қиёси комилро қиёсе ҳисобидааст, ки зарурати чизе, ки аз он барояд, аз вазъи он равшан шавад. Қиёси ғайрикомил, мувофиқи навиштаи ӯ, «он аст, ки аз он чизе барояд, лекин дар ибтидои амр равшан нест, ки ин аз он лозим ояд. Вале, агар хоҳем ки онро равшан намоем, бо чизи дигаре равшан намоем, лекин он бояд аз ҷумлаи чизҳои пешгуфта хориҷ набошад» [8, с. 46].

Ибни Сино қиёсро ба иқтиронӣ ва истисноӣ ҷудо менамояд. Дар қиёси иқтиронӣ лафзи мутағаййир такроршаванда буда, қазияи монанд, яъне лафзе, ки дар ҳар ду муқаддима муштарак буда, алоқамандии онҳоро таъмин мекунад ва дар натиҷа ҷой надорад, «ҳадди авсат» номида мешавад ва чизи аз он ҳосилшударо «натиҷа» мегӯянд. Натиҷаи қиёси иқтиронӣ дар муқаддимаҳояш равшан билфеъл ифода намешавад, балки билқувва аст [10, с. 305]. Қиёси иқтиронӣ дар натиҷаи ба ҳам омадани «муқаддимаи кеҳин (суғро ё асғар)» ва «муқаддимаи меҳин (кубро ё акбар)» ҳосил мешавад. «Муқаддимаи кеҳин» аз қазияе ба даст меояд, ки мавзуи натиҷа дар он бошад ва «муқаддимаи меҳин» қазияест, ки маҳмул (предикат)-и натиҷа андар вай бувад [2, с. 190].

Дар таълимоти Ибни Сино, бар хилофи аксари мантиқиён, муқаддимаи кеҳинро аввал ва муқаддимаи меҳинро дуюм меорад ва дар устувор нигоҳ доштани ҷойгоҳи онҳо таъкид намудааст. Масалан, дар қазияи «Ҳар **ҷисм**е мусаввар аст» ва «Ҳар мусавваре **муҳдас** аст» вожаи мусаввар дар ҳар ду қазия ҳаст ва такрор омада, аммо калимаи ҷисм ва муҳдас дар ин қазияҳо танҳоянд. «Ҷисм», «мусаввар» ва «муҳдас»-ро дар ин мисол «ҳад» мегӯянд. Пас, «мусаввар»-ро, ки дар ҳарду муқаддима такрор омада, «ҳадди миёна» меноманд ва «ҷисм»-ро, ки мавзуъ (субъект) аст, «ҳадди кеҳин» ва «муҳдас»-ро, ки маҳмул (предикат) аст, «ҳадди меҳин» меноманд. Ҳарду қазияи мазкурро «муқаддима» мегӯянд. Аз маҷмуи мавзуъ-«ҷисм» ва маҳмул-«муҳдас» хулоса бароварда мешавад, ки «Ҳар **ҷисм**е **муҳдас** аст» ва онро «натиҷа» мегӯянд. Муқаддимае, ки мавзуи натиҷа дар вай аст, «муқаддимаи кеҳин», агар маҳмули натиҷа дар вай бошад, «муқаддимаи меҳин» меноманд. Гирд омадани ин муқаддимаҳоро «иқтирон» мегӯянд, ки ном гузоштани ин гунаи қиёс аз он аст.

Қиёси иқтиронӣ, дар навбати худ, ба ҳамлӣ ва шартӣ тақсим мешавад. Қиёси иқтиронии ҳамлӣ он аст, ки ҳарду муқаддимаи он қазияҳои ҳамлӣ бошанд. Ибни Сино қазияи ҳамлияро ҷумлае донистааст, ки «дар он бо вуҷуди шайъе, ки маҳмули шайъи дигар аст, ҳукм равад» [6, с. 530]. Яъне, қазияи ҳамлия дар хабари худ ҷозим аст. Дар қазияи ҳамлия мубтадоро «мавзуъ» ва хабарро «маҳмул» мегӯянд. Дар қиёси иқтиронии шартӣ ҳарду муқаддима қазияҳои шартианд.

Кайфияти ниҳоди «ҳадди миёна»-ро ба нисбати ҳадди асғар ва акбар шакли қиёс мегӯянд. Ҳадди асғар лафзе, ки дар натиҷаи қиёс мавзуъ ё муқаддам аст. Муқаддам гуфторест, ки дар худ «агар»-ро дорад. Ҳадди акбар лафзе, ки дар натиҷаи қиёс маҳмул ё толӣ (хабар) аст. Толӣ гуфторест, ки баъди муқаддам омада, калимаи «пас он»-ро дорад. Дар ин мавзуъ дар «Донишнома» Ибни Сино шаклҳои сегонаи қиёси иқтирониро бо мисолҳо ба таври муҷаз нишон медиҳад [2, с. 190-194], ки дар асари «Уюн-ул-ҳикмат»-аш низ омада, вале мисолҳо на ба шакли қазияи мушаххас, балки тавассути рамзҳои мантиқӣ нишон дода мешаванд [7].

Шакли аввали қиёси иқтирониро, дар навбати худ, Ибни Сино ба чор зарб (модус) ҷудо мекунад: аввал, қиёсе, ки аз ду куллияи муҷиба (қазияи куллии тасдиқӣ–А.Б.), ба мисли «Ҳар ҷисме мусаввар аст», «Ҳар мусавваре муҳдас аст» ва натиҷа «Ҳар ҷисме муҳдас аст»; дувум, қиёсе, ки аз ду куллӣ, лекин куброву солиб (қазияи куллии инкорӣ–А.Б.) иборат бошад, мисолаш: «Ҳар ҷисме мусаввар аст», «Ҳеҷ мусаввар қадим набувад», аз он лозим ояд, ки «Ҳеҷ ҷисм қадим набувад»; сеюм, қиёсе, ки дар он суғро (муқаддимаи хурд – А.Б.)-и муҷиби ҷузвӣ ва кубро (муқаддимаи калон–А.Б.)-и муҷиби куллӣ бошад, мисолаш: «Бархе гавҳарҳо нафс аст», «Ҳар нафсе сурати илм пазирад», пас, «Бархе гавҳарҳо сурати илм пазирад»; чаҳорум, қиёсе, ки суғрои муҷиби ҷузвӣ ва куброи солиби куллӣ бошад,

масалан, «Баъзе гавҳарҳо нафс аст» ва «Ҳеҷ нафс ҷисм нест», пас, «Бархе гавҳарҳо ҷисм нест» [2, с. 188-191]. Қиёси муттасил низ айнан ба ҳамин тартиб аст.

Шакли дувуми қиёси иқтирониро низ ба чор зарб ҷудо менамояд, ки дар асоси муҷиб ё солиб будани муқаддима, аммо дар ҳар ҳолат муқаддимаи кубро куллӣ бошад ва ҳадди миёна маҳмули ҳарду муқаддима аст. Ба ҳар кадом шаклҳои ишорашуда Ибни Сино мисолҳо оварда, таҳлили ҳамаҷониба намуда [2, с. 191-192], ки дар мантиқи имрӯза ҳам арзишманд аст. Ба таври мухтасар амсилаашро метавон чунин нишон дод: Аввал, аз ду куллӣ ва куброи солиб иборат аст: ҳар А В аст, ҳеҷ С В нест, пас, ҳеҷ А С нест. Дуюм, аз ду куллӣ ва суғрои солиб: ҳеҷ А В нест, ҳар С В аст, пас, ҳеҷ А С нест. Сеюм, аз ҷузвии муҷиби суғро ва куллии солиби кубро: бархе А В аст, ҳеҷ С В нест, пас, бархе А С нест. Чаҳорум, аз ҷузвии солиби суғро ва куллии муҷиби кубро: на ҳар А В аст, ҳар С В аст, пас, на ҳар А С аст.

Шакли сеюми қиёси иқтиронӣ аз шаш зарб иборат буда, муҷиб будани суғро ва куллӣ будани муқаддима шарти он маҳсуб мешавад. Дар ин шакли қиёс ҳадди миёна дар ҳарду муқаддима мавзуъ (субъект) аст. Зарб (модус)-ҳои шашгонаи чунин шакли қиёс ба тариқи зайланд:

Зарби аввал, аз ду куллии муҷиб, ки натиҷааш муҷибаи ҷузъия аст. Мисолаш: Ҳар В А аст ва ҳар В С аст, пас, бархе А С аст.

Зарби дувум, аз ду куллӣ ва куброи солиба, ки натиҷааш солибаи ҷузъист, ба мисли ҳар В А аст ва ҳеҷ В С нест, пас, ҳар А С нест.

Зарби сеюм, аз ду муҷиб ва суғрои ҷузвӣ, ки натиҷааш муҷибаи ҷузъист, ба мисли бархе В А аст ва ҳар В С аст, пас, бархе А С аст.

Зарби чаҳорум, аз ду муҷиб ва куброи ҷузвӣ, ки натиҷааш муҷибаи ҷузъист, ба мисли ҳар В А аст ва бархе В С аст, пас, бархе А С аст.

Зарби панҷум, суғрояш куллии муҷиб ва куброяш ҷузвии солиб, ки натиҷааш солибаи ҷузъист, ба мисли ҳар В А аст ва на ҳар В С аст, пас, на ҳар А С аст (ин қисми қиёси иқтиронӣ ба хилофи дигар ақсоми зикршуда шакли баръакс надорад, ҳарчанд дар қиёси хулф онро фарз кардан мумкин аст–А.Б.).

Зарби шашум, аз суғрои муҷиби ҷузвӣ ва куброи солиби куллӣ сохта мешавад, ки натиҷааш солибаи ҷузъист, ба мисли бархе В А аст ва ҳеҷ В С нест, пас, ҳар А С нест [2, с. 191-192].

Дар масъалаи шаклҳои қиёси иқтиронӣ Ибни Сино, бар хилофи мантиқиёни баъдӣ, куллан ба Арасту такя намудааст. Ба далели он ки Ибни Сино ба мисли Арасту ба се шакли қиёси иқтиронӣ қоил буд: аввал, ҳар вақте ки маҳмул дар суғро ва мавзуъ дар кубро бошад; дувум, маҳмул ҳам дар суғро ва ҳам дар кубро бошад; сеюм, вақте мавзуъ ҳам дар суғро ва ҳам дар кубро бошад [1, с. 190]. Баъдтар мантиқиёни минбаъда шакли чаҳорум, яъне ҳадди миёнаи мавзуъ дар суғро ва маҳмул дар кубророро илова намудаанд, ки дар назарияи қиёси Ибни Сино мушоҳида намешавад.

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои мутафовити мантиқи Ибни Сино аз мантиқиёни пешина, махсусан Форобӣ, дар қиёсҳои иқтиронии шартӣ мушоҳида мешавад. Ибни Сино қиёси иқтиронии шартиро гуфторе ҳисобидааст, ки яке аз муқаддимаҳо ё ҳарду қазияҳо шартианд. Ӯ қиёси иқтиронии шартиро вобаста ба муқаддамоташон ба қиёсҳои иқтиронии шартии муттасил, мунфасил, муттасили ҳамлӣ, мунфасили ҳамлӣ, мунфасили муттасил, муттсили мунфасил ҷудо мекунад.

Дар таълимоти мантиқии Ибни Сино қиёси истисноӣ ҳамонест, ки «дар он дониш бо роҳи муайян намудани яке аз ҷиҳатҳои зиддият, ки хулоса мебошад, меафзояд» [14, с. 123]. Мутафаккир қиёси истисноиро «иборат аз ду муқаддима, ки яке аз онҳо шартӣ ва дигаре вазъ ё рафъи яке аз ду ҷузъи он аст» [8, с. 63] меҳисобад. Мисоли қиёси истисноии муттасил: «Агар Абдулло навишта истода бошад, дасташро меҷунбонад» [4, с. 459]. Агар муқаддимаи «вай менависад» истисно гардад, натиҷа мебарояд, ки толӣ «вай дасташро меҷунбонад» низ истисно мегардад ё агар нақизи толӣ «вай дасташро меҷунбонад» истисно гардад, берун меояд, ки нақизи муқаддимаи «вай менависад» низ истисно гардад [4, с. 459]. Мисоли қиёси истисноии мунфасил: «Ин шумор ё ҷуфт бувад, ё тоқ», «Лекин тоқ нест, пас ҷуфт аст» ё «Лекин ҷуфт нест, пас тоқ аст» [1, с. 194]. Чунин тарзи қиёс дар мантиқи асримиёнагӣ бо истилоҳи модуси толлендо поненс ифода мешуд, ки натиҷагирии ҷудоии қатъиро ифода менамуд ва дар мантиқи шаклии муосир низ дида мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқи мантиқи Ибни Сино д.и.ф. Худойдодзода Ф.Б. хусусияти қиёси истисноӣ бар хилофи қиёси муттасила аз нигоҳи Ибни Сино дар он аст, ки хулосаи он дар яке аз муқаддимаҳои он баръало ошкор аст. Масалан, «Агар касе таб дошта бошад, набзи ӯ тез мешавад. Набзи ин шахс тез аст. Пас, ин шахс таб дорад» [19, с.80]

Мутафаккир дар ин масъала дар «Китоб-ан-наҷот» [3, с. 45-73] хеле баҳси муфассал ороста, бо мисолҳои мушаххас онҳоро нишон додааст. Аз равиши кориаш бармеояд, ки кӯшидааст нисбати мабоҳиси мантиқии пешиниён таҳлилаш муҷазтар ва равшантар бошад. Зеро масоили қиёс, ки дар мантиқи Ибни Сино матраҳ мегардад, бо муназзамият ва шомили навъҳову қисмҳои ин мавзуъ будан, аз мантиқи қаблӣ фарқ дорад.

Дар назарияи қиёси Ибни Сино қиёси ғайриҳақиқӣ низ таҳлил шудааст. Ӯ дар «Китоби ҳидоя» қиёси ғайриҳақиқиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Аввал, қазияҳое, ки аз ду қазияи салбӣ пайдо мешаванд. Масалан, «ё набот, ё ҷамод буда наметавонад» [4, с. 460]. Дувум, қиёси ғайриҳақиқӣ аз қазияҳе, таълиф меёбад, ки яке муҷиба ва дигаре солибаи мутабоин бошанд. Масалан, «Ё вай ғарқ намешавад, ё дар об буда метавонад», ки натиҷааш истиснои нақизи дигараш аст. Ҳар кадом аз нақизи ин дуро истисно кунем, боқӣ айнан натиҷа медиҳад.

Ибни Сино масъалаи қиёси мураккабро низ дар мавриди назарияи қиёс матраҳ намуда, хеле мӯшикофона таҳлил намудааст. Дар ин масъала аз илми ҳандаса мисол меорад. Ба ибораи худаш: «Бо мо хатест нишони вай АБ бодо ва ҳамехоҳем, ки бар ин хат бар бурҳон шакле кунем сесӯ... ҳар гоҳ ки нуқтаи А-ро маркази паргор кунем ва то нуқтаи Б бигушоем ва доира кунем гирди ӯ, боз биёему нуқтаи Б-ро марказ кунем ва ба даври нуқтаи А доира кунем гирди Б, яке мар дигарро ломаҳола буранд. Бар буридангоҳ нуқтаи Ҷ аломат кунем ва аз он аломат хатти рост ба А оварем ва хатте рост ба Б. Пас, гӯем, ки ин шакл, ки дар миёни нуқтаҳои АБҶ аст, мусалласе аст, ҳар се паҳлӯ баробар... Пас, андар сухан қиёс чунин ба кор баранд» [2, с. 195]. Ин ҷо натиҷаи қиёс боз муқаддимаи қиёси дигарӣ шуда истодааст, ки онро мантиқиён қиёси мураккаб гуфтаанд. Илова бар ин, ин ҷо Ибни Сино ишораи нозуке намуда истодааст, ки модари ҳамаи фигураҳои геометрӣ давра аст.

Дар мабҳаси қиёсҳои мураккаб Ибни Сино зерфасле таҳти унвони «қиёси хулф» дорад. Қиёси хулф, мувофиқи нишондоди ӯ, «мураккаб бошад аз ду қиёс: яке иқтиронӣ ва дигаре истисноӣ» [3, с. 403]. Шакли қиёси иқтиронӣ бо таъкиди Ибни Сино аз ихтироотӣ ӯст: «қиёсе аст аз ҷумлаи қиёсҳои иқтиронии ғариб, ки ман берун овардаам» [2, с. 196]. Дар ин қиёс матлуб аз ҷиҳати дурӯғ ҳисобидани нақизаш маълум мегардад: «даъворо дуруст

кунад, бад-он ки хилофи ӯро ботил кунад. Ва хилофи ӯро бад-он ботил кунад, ки аз вай муҳол лозим оварад. Ва ҳар чӣ аз вай муҳол лозим ояд, муҳол бувад» [2, с. 196].

Яъне, ба назари Ибни Сино, ба воситаи қиёси хулф метавон андешаҳои гуногунро мушаххас ва равшан баён намуд, зеро ҳар қазияе, ки нодуруст бошад, хилофи он дуруст аст.

Дар мантиқи «Китоб-уш-шифо» Ибни Сино ин масъаларо ба таври зер шарҳ додааст: «Агар ҳар Ҷ В нест гӯем: Агар қавли мо чунин бошад, ки: ҳар Ҷ В дурӯғ нест, пас, ҳар Ҷ Б аст. Бар он муқаддимаи содиқ меафзоем, ки он: ҳар Б А аст. Аз қиёсҳои иқтироние, ки шартӣ шуморидемашон натиҷа медиҳад: Агар қавли мо: Ҳар Ҷ Б дурӯғ нест, пас, ҳар Ҷ А аст. Сипас мегӯем: лекин ҳар Ҷ А нест, пас он хулфи муҳол мебошад. Дар ин ҳол метавонад нақизи толӣ истисно шавад, пас нақизи муқаддам натиҷа медиҳад, ки он: ҳар Ҷ Б аст» [10, с. 318].

Дар мабҳаси қиёс Ибни Сино ба масъалаи истиқрову тамсил низ баҳси муфассале оростааст. Ба назари ӯ, истиқро натиҷагирии куллист, ки ба воситаи умумисозӣ ва ҷамъбасти хусусиятҳои ҳар як чизҳои муайяни ҷузъиёти зерфасли кул сурат гирифтааст. Ин мазмунро дар «Донишнома» мутафаккир чунин баён намудааст: «Истиқро он бувад, ки ҳукме кунанд бар мавзуе куллӣ аз он қабл, ки ҳукм андар ҷузвиёти он мавзуъ ёбанд, чунонки гӯянд: «Ҳар ҳайвоне ба вақти хоидан зафри зерин ҷунбонад». Агар битавонанд ҳар якеро аз ҷузвиёт ёфтан бар ин ҳукм, то ҳеҷ наҷаҳад, ҳукм ба куллӣ яқинӣ бувад» [2, с. 197].

Дар «Китоб-ан-наҷот» масъалаи истиқро баррасӣ шуда, шаклҳои он, ки дар «Донишнома» сарфи назар шудаанд, мушаххас мегарданд. Ба ибораи Ибни Сино: «Истиқро ҳукм бар мавзуи куллист, ки он ҳукм дар ҷузъиёти он куллӣ мавҷуд аст. Агар ҳукм бар ҳамаи ҷузъиёт бувад, «истиқро том», агар бар аксарияти ҷузъиёт бувад, «истиқрои машҳур» ном дорад» [8, с. 71]. Аз ин навиштаи Ибни Сино маълум мешавад, ки ӯ ду навъи истиқроро аз ҳам фарқ мекунад ва онҳо истиқрои том, ки натиҷааш яқинист ва истиқрои машҳур ё ноқис, ки натиҷааш эҳтимолӣ аст.

Ибни Сино тамсилро аз истиқро сусттар меҳисобад ва чунин таъриф додааст: «Тамсил ҳукм бар чизи муайянест, ки он ҳукм дар чизи дигари муайян ё чизҳои дигари муайян мавҷуд аст, зеро он ҳукм барои маънии монанди ӯ куллист. Ва ҳукми маҳкум алайҳ бар матлуб буда, ҳукми аз он нақлшуда мисол ва маънии шабеҳи он ҷомеъ аст. Мисолаш: «Олам ҳодис аст, зеро ҷисми муаллаф аст, ки шабеҳи бино бошад ва бино ҳодис аст. Пас, олам ҳодис аст». Пас, ин ҷо олам, бино, ҷисмият ва муҳдас мавҷуданд» [8, с. 71].

Тамсил дар «Донишнома» чунин таъриф дода шудааст: «Мисол он бувад, ки ҳукм кунанд бар чизе бад-он чи андар монанди ӯ бинанд» [2, с. 198]. Аз ин таърифҳо бармеояд, ки Ибни Сино ду навъи тамсил: куллӣ ва ҷузъиро аз ҳам фарқ менамуд. Тамсили куллӣ дар асоси монанд намудани баъзе сифатҳо ба ҳамаи ашёи гурӯҳе, ки монанд ҳастанд ба даст меояд ва онро «бештар андар корҳои тадбирӣ ва андар фиқҳ ба кор баранд» [2, с. 198]. Тамсили ҷузъӣ монандкунӣ аз ҷузъ ба ҷузъ аст. Мисол: «чунонки гӯӣ: «Он мисол фалон аст» ва «Он мисол бостор аст». Натиҷа ояд, ки «Бархе фалон бостор аст» [2, с. 198].

Дар назарияи қиёси Ибни Сино ба ғайр аз қиёсҳои бурҳонӣ навъҳои дигари қиёс, аз қабили қиёсҳои ҷадалӣ, суфистоӣ, хитобӣ ва шеърӣ низ муфассал таҳлил шудаанд, ки баррасии онҳо аз маҷоли як мақола берун аст ва ба таҳқиқи фарохтаре дар доираи рисолаи илмӣ бояд анҷом дода шавад.

Хуллас, дар мантиқи Ибни Сино назарияи қиёс мавқеи калидӣ дошта, он дорои шаклҳои гуногун аст. Мутафаккир бо такя ба мантиқи арастуӣ он шаклҳои қиёсро таҳлил намуда, кошифонаву халлоқона ба онҳо изофаҳое намудааст, ки саҳми ӯро дар ташаккули ин назария нишон медиҳад. Назарияи қиёси Ибни Сино, агар дуруст корбаст шавад, дар ташаккули донишҳои яқинӣ пурбор хоҳад буд.

**Муқарриз: Ахмедов С.- д.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома// Осори мунтахаб. –Ҷ. 1. –Душанбе, 1981. –477 с.
2. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома. Осор. –Ҷ. 1. –Душанбе, 2005. –852 с.
3. Абуалӣ ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Осор. –Ҷ. 1. –Душанбе, 2005. –852 с.
4. Абуалӣ ибни Сино. Китоби ҳидоя. Осор. –Ҷ. 2. –Душанбе, 2005.–802 с.
5. Абуалӣ ибни Сино. Мантиқи Машриқия. Осор. –Ҷ. 2. –Душанбе, 2005.–802 с.
6. Абуалӣ ибни Сино. Уюн ал-ҳикмат. Осор. –Ҷ. 2. –Душанбе, 2005.–С. 530.
7. Абуалӣ ибни Сино. Уюн-ул-ҳикмат.www/ al- mostafa. com. (нусхаи электронӣ, бо забони арабӣ, санаи мурочиат 15-11-2021)
8. Абуалӣ ибни Сино. Китоб ан-наҷот. Осор. –Ҷ. 3. –Душанбе, 2007. –528 с.
9. Абуалӣ ибни Сино. Шифо. Осор. –Ҷ. 5. –Душанбе, 2009. –657 с.
10. Абуалӣ ибни Сино. Мантиқ, қиёс ва бурҳон. Осор. –Ҷ. 6.–Душанбе, 2013. –960 с.
11. Амирхон Ш.Т. Таснифоти илмҳо дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -№6. –С. 97-103.
12. Амондуллоев Б.С. Мақоми Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули фалсафаи тоҷик/ Б.С. Амондуллоев //Маводҳои семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд». –Душанбе, 2021. –С. 122-127.
13. Аристотель. Сочинения. -Т. 2. –М., 1978. –688 с.
14. Болтаев М.Н. Ақидаҳои фалсафии Абуалӣ ибни Сино / М.Н.Болтаев. –Душанбе: Ирфон, 1969. –155 с.
15. Диноршоев М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино / М. Диноршоев.–Душанбе: ЭР-граф, 2017. 656 с.
16. Сайфуллоев Н.М. Мантиқ / Н.М.Сайфуллоев, Ю.В. Ивлев. –Душанбе: Дониш, 2013. –317 с.
17. Худойдодов Ф.Б. Сравнительный анализ силлогистики Аристотеля и Ибн Сины / Ф.Б. Худойдодов. – Душанбе, 2017. –258 с.
18. Худойдодов Ф.Б. Понятие силлогистики в логическом учении Ибн Сины / Ф.Б. Худойдодов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – №3/5(142).
19. Худойдодов Ф.Б. Взгляд Ибн Сины на исключительные силлогизмы / Ф.Б. Худойдодов // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – №3/2(198).


**БАРРАСИИ МУХТАСАРИ НАЗАРИЯИ ҚИЁС ДАР МАНТИҚИ ИБНИ СИНО**


Яке аз муҳимтарин қисматҳои мантиқи Ибни Синоро назарияи қиёс ташкил медиҳад ва мутафаккир онро муҳимтарин шакли натиҷагирӣ меҳисобад. Ибни Сино қиёсҳоро ба бурҳонӣ ва ғайрибурҳонӣ ҷудо мекунад ва шинохти қиёсҳои бурҳониро муҳимтар меҳисобад. Аз ин рӯ, дар ин мақола кӯшиш шудааст баҳсҳо асосан атрофи қиёсҳои бурҳонӣ сурат бигиранд. Дар масъалаи қиёс Ибни Сино ба Арастуву Форобӣ такя намудааст, аммо бо андешаҳои нав дар ғановати он саҳми назаррас гузоштааст. Мутафаккир кӯшидааст ба ҷузъиёти масоили ин мавзуъ, ки Арасту ва мантиқиёни то замони ӯ камтар таваҷҷуҳ намудаанд, равшанӣ андозад. Махсусан, дар таҳлили қиёсҳои иқтирониву истисноӣ ва қиёси хулф навгониҳо дорад. Назаррастарин ҷанбаи фарқкунандаи мантиқи Ибни Сино аз мантиқиёни пешина, дар қиёсҳои иқтиронии шартӣ мушоҳида мешавад. Пас аз Ибни Сино аксари мантиқиёни шарқиву ғарбӣ, аз қабили Ибни Рушд(1126-1198), Насируддини Тӯсӣ (1201-1274), Қутбиддини Шерозӣ (1236 ё 1237-1311) ва Дунс Скотт(1265 ё 1266-1308) аз методҳои мантиқии Ибни Сино васеъ истифода намудаанд, ки ифодакунандаи ҷойгоҳи махсус доштани ин мутафаккир дар ҷодаи мантиқ аст. Дар ҳар сурат, назарияи қиёси Ибни Сино, агар дуруст корбаст шавад, дар ташаккули донишҳои яқинӣ натиҷаи хуб хоҳад дошт.



**Калидвожаҳо**: Ибни Сино, мантиқ, қиёс, бурҳон, тасдиқ, инкор, илм, дониш, натиҷагирӣ.

**КРАТКИЙ ОБЗОР ТЕОРИИ СИЛЛОГИЗМА В ЛОГИКЕ ИБН СИНЫ**

Одной из важнейших частей логики Ибн Сины является теория силлогизмов, и мыслитель считает ее важнейшей формой умозаключения. Ибн Сина разделяет силлогизмы на мотивированные и немотивированные и считает распознавание мотивированных силлогизмов более важным. Поэтому в этой статье мы попытались сосредоточиться на аргументах. В вопросе силлогизма Ибн Сина опирался на Аристотеля и Фараби, но внес значительный вклад в его обогащение посредством своих новых идей. Мыслитель попытался осветить детали этого явления, на которые и Аристотель и другие логики его времени мало обращали внимание. Особенно, есть новшества в анализе вымышленных и исключительных сравнений и силлогизмов. Самый поразительный аспект логики Ибн Сины отличается от предшествующих логиков сравнениями условной изобретательности. После Ибн Сины большинство восточных и западных логиков, таких как Ибн Рушд (1126-1198), Насириддин Туси (1201-1274), Кутбиддин Ширази (1236 или 1237-1311), и Дунс Скотт (1265 или 1266-1308) следовали логике Ибн Сины и широко использовали для обозначения особого места этого мыслителя на пути логики. Во всяком случае, теория аналогии Ибн Сины, при правильном применении, хорошо повлияет на формирование определенного знания.

**Ключевые слова**: Ибн Сина, логика, силлогизм, мотив, утверждение, отрицание, наука, знание, вывод.

**A BRIEF OVERVIEW OF THE THEORY OF SYLLOGISM IN AVICENNAS LOGIC**

One of the most important parts of Ibn Sina's logic is the theory of analogy, and the thinker considers it the most important form of inference. Ibn Sina distinguishes between superstitious and non-superstitious analogies and considers it more important to recognize allegorical analogies. Therefore, in this article, we have tried to focus on the arguments. On the issue of comparison, Ibn Sina relied on Aristotle and Pharaoh, but with his new ideas he made a significant contribution to its enrichment. The thinker tried to highlight the details of this subject, to which Aristotle and the logicians of his time paid little attention. In particular, there are innovations in the analysis of fictional and exclusive comparisons and analogies. The most striking aspect of Ibn Sina's logic differs from previous logicians in comparisons of conventional ingenuity. After Ibn Sina, most Eastern and Western logicians such as Ibn Rushd (1126-1198), Nasir ad-Din at-Tusi (1201-1274), Qutb ad-Din at-Shirazi (1236 or 1237-1311), and Duns Scott (1265 or 1266-1308) followed the logic of Ibn Sina Sino and were widely used to indicate the special place of this thinker on the path of logic. In any case, Ibn Sina's theory of analogy, if properly applied, will have a good effect on the formation of certain knowledge.

**Key words:** Ibn Sina, logic, analogy, proof, assertion, negation, science, knowledge, conclusion.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **Amoni79@mail.ru**. Телефон: **93-534-34-60**

**Сведение об авторе:** ***Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры истории философии и социальной философии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Amoni79@mail.ru**.Телефон: **93-534-34-60**

**Information about the author:** ***Amondulloev Begmurod Salomatulloevich*** - Tajik National University, candidate of philosophical sciences, assistant of the department of history of philosophy and social philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. E-mail: **Amoni79@mail.ru.**
Phone: **93-534-34-60**

**УДК:378.15**

# ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ИННОВАЦИОННЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

***Шарифзода Файзулло, Лутфуллоев Махмадулло, Негматов С.Э.***
**Академия образования Таджикистана**

Новшества могут применяться как к решению отдельных вопросов, так и к работе образовательных учреждений в целом. Различают функционирующий (пассивно-приспособительный) и инновационный (развивающий) типы развития учреждения, при котором управленческие решения принимаются на основе учета возможных социально-педагогических изменений и осуществляющие опережающую реакцию на них. Исходя из этого, одни образовательные учреждения работают в режиме функционирования, другие - в режиме развития. Именно последние относятся к инновационным образовательным учреждениям, т.к. их педагогические системы находятся в постоянном приближении к удовлетворению все возрастающих запросов личности и общества. В режиме развития работает большинство так называемых авторских школ.

Авторская школа - это образовательное учреждение, деятельность которого основана на психолого-педагогической идее автора или авторского коллектива. Авторские школы различаются по имени их создателей, а также философской или психолого-педагогической концепции, лежащей в их основе. Они могут реализовывать как старые (например, идея школы Монтессори, идея вальдорфской школы, идея школы Френе, идея школы дальтон-план, идея самоценности детства Корчака), так и новые идеи (например, идея школы диалога культур, идея школы-парка, идея школы-клуба, идея школы обучения детей без отбора, идея школы свободы и сотрудничества, идея педагогической поддержки, идея разновозрастного коллектива, идея диалектического обучения и др.).

В настоящее время отдельными учеными или коллективами составлены авторские программы по различным направлениям обучения и воспитания.

Сущность педагогических поисков, экспериментальной работы в авторских школах может, например, состоять в поиске новых, отличных от существующей практики целей образования; нового содержания образования при сохранении его традиционных целей и содержания; новых форм организации учебного процесса и воспитательного коллектива и других направлений.

В процессе работы авторская концепция дополняется и нередко видоизменяется коллективом педагогов, реализующих эту концепцию. *Авторская школа является одним из типов экспериментальной площадки, которая присваивается Министерством образования РТ и органами народного образования после проведения всесторонней экспертизы.*

*Авторских школ в Таджикистане - единицы.* За последние годы, после обретения Таджикистаном независимости появились школы с колоритными названиями: «Гимназия», «Президентский лицей», «Школа-гимназия», «Гимназия Сарпараст» и др. Среди этого многообразия есть и такие школы, где инноваций нет. Но во многих школах инновации имеются. Таковыми в наши дни являются не только гимназии и лицеи, но и школы с углубленным изучением отдельных предметов, получившие аккредитацию после нескольких выпусков своих учеников.

***Гимназия*** реализует общеобразовательные программы основного общего и среднего (полного) общего образования, обеспечивающие дополнительную (углубленную) подготовку обучающихся по предметам гуманитарного профиля, и может реализовывать общеобразовательную программу начального общего образования.

***Лицей*** реализует общеобразовательные программы основного общего и среднего (полного) общего образования, обеспечивающие дополнительную (углубленную) подготовку

обучающихся по предметам технического или естественно-научного профиля, и может реализовывать общеобразовательную программу начального общего образования.

***Средняя общеобразовательная школа с углубленным изучением отдельных предметов*** реализует общеобразовательные программы начального общего, основного общего и среднего (полного) общего образования, обеспечивающие дополнительную (углубленную) подготовку обучающихся по одному или нескольким предметам.

В наше время в системе образования немало и негосударственных образовательных учреждений, среди которых встречаются и подлинно инновационные учебные заведения. Они не входят в систему государственных учреждений (муниципальные, частные, от общественных и религиозных учреждений).

**Инновационная деятельность в системе высшего профессионального образования**

Реформа системы высшего профессионального образования Республики Таджикистан детерминирована следующими факторами мирового развития:

–прогрессом науки и техники;

–стремительным развитием информационных технологий;

–развитием современного конкурентного рынка труда;

–темпом изменений в сферах производства и услуг.

Наиболее значимыми тенденциями, определяющими развитие системы высшего профессионального образования, являются:

–интернационализация содержания профессионального образования с приведением стандартов в соответствие с международными требованиями к уровню подготовки специалиста;

–освоение ключевых и профессиональных компетенций, позволяющих быстро реагировать на изменения рынка труда;

–непрерывность профессионального образования в течение всей жизни человека;

–переход от предметного обучения к межпредметно-модульному на компетентностной основе, обеспечивающему гибкость профессионального образования [5].

В глобальном индустриальном обществе, ориентированном на знания и услуги, устаревание одних профессий и появление новых становится естественным процессом. Сегодня, по некоторым оценкам темпы прироста новых знаний составляют 4-6 процентов в год. Это означает, что большую часть профессиональных знаний специалист должен получить после окончания вуза. Следовательно, для поддержания конкурентоспособности специалисту необходима готовность к постоянному самосовершенствованию. С точки зрения глобального бизнеса, важными компетенциями становятся: поиск знаний, обмен знаниями и быстрая инновационная перестройка собственной деятельности. Таким образом, на современном рынке труда на первое место выдвигается «интеллектуальный капитал», производящий инновации и способствующий росту производительности труда.

Традиционная подготовка специалистов, ориентированная на формирование знаний, умений и навыков в предметной области, всё больше отстаёт от современных требований. Основой образования должны стать не столько учебные дисциплины, сколько способы мышления и деятельности. Необходимо не только выпустить специалиста, получившего подготовку высокого уровня, но и включить его уже на стадии обучения в разработку новых технологий, адаптировать к условиям конкретной производственной среды, сделать его проводником новых решений, успешно выполняющим профессиональные функции.На основе учета требований рынка труда к подготовке специалиста формируются стратегические направления реформы образования: обеспечение нового уровня качества подготовки специалистов и формирование гибкой системы подготовки кадров, способных легко адаптироваться к быстро изменяющимся условиям профессиональной деятельности [23].

Реализации этих приоритетных направлений способствуют педагогические инновации. Инновации в образовательной деятельности - это использование новых знаний, приёмов, подходов, технологий для получения результата в виде образовательных услуг, отличающихся социальной и рыночной востребованностью. Изучение инновационного опыта показывает, что большинство нововведений посвящены разработке технологий.

Внедрение новых технологий в образование позволяет получить доступ к большому объему информации, качественно повысить уровень используемых знаний. Умение осуществлять поиск и анализ информации, применять полученную информацию в процессе обучения и выполнения профессиональной деятельности является обязательным условием для достижения успехов практически в любой сфере. Подготовка специалистов, обладающих наряду с высокой профессиональной подготовкой в предметной области знаниями в области информационных технологий, является основой развития современной системы образования.Новые технологии направлены на практическую реализацию психолого-педагогических условий, оптимально адаптированных к взаимодействию педагога и обучаемых. Дидактические характеристики этих личностных технологий складываются из следующих особенностей учебно-воспитательного процесса:

–задачного построения и проблемной структуры учебной информации;

–вариативности в подходе к учебным возможностям студентов;

–дифференцированного управления учебной деятельностью;

–демократических форм (диалоговых и фасилитационных) организации учебного процесса.

Внедрение в учебный процесс современных технологий постепенно меняет функцию преподавателя с доминирующей на поддерживающую, заставляя осваивать функции консультанта, тьютора. По мнению В.А. Сластенина, такой переход требует «специальной психолого-педагогической подготовки, так как в профессиональной деятельности преподавателя реализуются не только специальные, предметные знания, но и современные знания в области педагогики и психологии, технологии обучения и воспитания. На этой базе формируется готовность к восприятию, оценке и реализации педагогических инноваций» [22]. Новые технологии обучения требуют от вузовского преподавателя (помимо профессиональной компетентности в своей предметной области) педагогического мастерства. Г.В. и Н.Б. Лаврентьевы в своей работе дают перечень тех новых педагогических знаний и умений, которые требуют от преподавателя развивающие технологии обучения:

–умения диагностировать цели обучения и воспитания;

–более глубокого, системного знания учебного предмета и его научных основ;

–умения переструктурировать учебный материал с индуктивного изложения в логику индуктивно-дедуктивного проблемного изложения целой темы, а не одного урока;

–умения моделировать в учебном процессе (в его целях, содержании, формах, методах и средствах обучения) профессиональную деятельность будущего специалиста;

–умения организовать самостоятельную работу студентов для подготовки к семинару, деловой игре, мозговому штурму и т.п.;

–умения свободно владеть активными методами обучения;

–умения обеспечить благоприятный психологический климат, сотрудничество преподавателя и студента [9].

Педагогическая деятельность, включая её инновационную составляющую, осуществляется на основе педагогического опыта. Рассмотрим отличительные черты различных видов педагогического опыта, в соответствии с классификацией, представленной в таблице № 1.

**Таблица 1. Отличительные особенности различных видов педагогического опыта**

| Виды педагогического опыта | **Отличительные особенности** |
|---|---|
| Традиционный | деятельность, соответствующая известным образцам удовлетворительные и хорошие стабильные результаты стремление к реализации принципа соответствия дидактическим и методическим требованиям |
| Передовой | деятельность основывается не только на известных образцах, но и на новейших научно-методических |

| | |
|---|---|
| | достижениях<br>хорошие и высокие стабильные результаты<br>стремление к реализации принципа новизны приемов, методов и средств обучения |
| Новаторский | деятельность имеет новые, не встречавшиеся ранее в практике, элементы<br>высокие стабильные результаты<br>выходит за рамки методических предписаний<br>стремление к реализации принципа оптимальности деятельности педагога и обучаемого, основанного на взаимодействии в достижении результата |

Инновационный или новаторский опыт связан с осознанием педагогом необходимости перемен, нововведений. Применительно к педагогическим процессам инновация означает введение нового в цели, содержание, методы и формы обучения и воспитания, организацию совместной деятельности преподавателей и студентов.

Положительный опыт реализации любого нововведения тесно связан с инновационным поведением, через которое проявляются личностные отношения субъекта к происходящим переменам и выражающимся во включении педагога в деятельность по созданию, освоению и использованию педагогических новшеств в практике обучения и воспитания студентов, созданию в вузе определенной инновационной среды [23]. Подготовка педагога к инновационной деятельности в ходе профессионального становления характеризуется следующими особенностями:

–процесс подготовки педагога к инновационной деятельности непрерывен, т.к. становление инновационной практики – это постоянно изменяющийся процесс;

–профессиональное становление педагога, ориентированного на инновационную деятельность происходит за счет его участия в инновационной деятельности и специально организованных рефлексивно-аналитических, проектировочных и образовательных процессах;

–для осуществления процесса профессионального становления педагога формируются общие представления об образе отдаленного будущего, об инновационной деятельности ближайшего периода, а также организуется совместное проектирование предстоящей деятельности и освоение каждым педагогом знаний, умений, способов необходимых для ее реализации.

Инновационная направленность деятельности педагога включает также такую важную составляющую, как внедрение в практическую педагогическую деятельность результатов психолого-педагогических исследований. Исследовательская работа обогащает внутренний мир педагога, развивает творческий потенциал, повышает научный уровень знаний. Педагоги тем успешнее справляются с решением педагогических задач, чем выше их научная компетентность. По данным З.Ф. Есаревой только те педагоги достигают высших уровней научно-педагогической деятельности, у которых происходит органическое взаимодействие научного и педагогического творчества [5].

Успех инновационной деятельности преподавателя зависит не только от его готовности стать субъектом нововведений в педагогической деятельности, но и определяется рядом объективных факторов, таких как:инновационная политика учебного заведения, в котором работает преподаватель;финансовые возможности вуза;мотивационные установки профессорско-преподавательского состава.

Среди причин неудач внедрения инновационной деятельности в учебный процесс вузов можно выделить следующие:ограниченный ресурс времени, большая часть которого отводится на репродуктивное обучение;требования ГОС, которые диктуют и отслеживают избыточный объем обязательной для усвоения информации, которая должна быть воспроизведена в зачетах и экзаменах;недостаток часов на индивидуальную работу со студентом;

–содержание зачетов и экзаменов ориентировано на воспроизведение сообщенных знаний и алгоритмов действий.

Необходимо особо отметить, что реформа высшего профессионального образования в Таджикистане невозможна без внедрения инновационных образовательных технологий, основанных на принципиально новых формах взаимодействия теории и практики, и напрямую зависит от готовности учебных заведений и преподавателей к инновационной деятельности.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Амонашвили Ш.А. Обучение. Оценка. Отметка / Ш.А. Амонашвили. - М., 1980.
2. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии / В.П. Беспалъко. - М., 1989.
3. Выбор методов обучения в средней школе. Под ред. Ю.К. Бабанского. -М., 1981.
4. Выготский Л.С. Собр. Соч. Т. 6 / Л.С. Выготский. - М., 1984.
5. *Давыдов, Л.Д.* Модернизация содержания среднего профессионального образования на основе компетентностной модели специалиста: автореф.дисс….к.пед.наук/ Л.Д. Давыдов. – М., 2006. – 26 с
6. Есарева З. Ф. Особенности деятельности преподавателя высшей школы / З. Ф. Есарева. - Л.: Изд-во Ленинградского университета, 1974. - 112 с.
7. Загвязинский В.И. Теория обучения. Современная интерпретация / В.И. Загвязинский. - М., 2001.
8. Занков Л.В. Дидактика и жизнь. Избр. Труды / Л.В. Занков. - М., 1990.
9. Лаврентьев, Г.В. Лаврентьева, Н.Б. Инновационные обучающие технологии в профессиональной подготовке будущих специалистов. [Электронный ресурс] - http://www.asu.ru/cppkp/index.files/ucheb.files/innov/Part1/chapter1/literature.htm.
10. Лернер И.Я. Проблемное обучение / И.Я. Лернер.- М., 1974.
11. Лихачев Б.Т. Педагогика / Б.Т. Лихачев. - М., 1996.
12. Матюшкин А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении / А.М. Матюшкин. - М., 1972.
13. Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе / М.И. Махмутов. - М., 1977.
14. Наин А.Я. Педагогические инновации и научный эксперимент / А.Я.Наин // Педагогика. -1996. -№ 5.
15. Пидкасистый П.И. Процесс обучения в условиях демократизации и гуманизации школы: учебное пособие / П.И.Пидкасистый, Б.В. Горячев. - М., 1991.
16. Подымов Л.С. Подготовка учителя к инновационной деятельности / Л.С. Подымов. - М., 1995.
17. Поляков С.Ф. В поисках педагогической инноватики / С.Ф. Поляков. - М., 1989.
18. Поташник М.М. В поисках оптимального варианта / М.М. Поташник. - М., 1984.
19. Поташник М.М. Инновационные школы России: становление и развитие / М.М. Поташник. - М., 1996.
20. Сарапулов В.А. Инновации и опытно-экспериментальная работа в образовательных учреждениях: опыт педагогического осмысления проблемы / В.А. Сарапулов. - Чита, 1997.
21. Сластенин В.А. Педагогика: инновационная деятельность / В.А.Сластенин, Л.С. Подымова. - М., 1997.
22. Сластенин, В.А. Педагогика: учебное пособие для студентов педагогических учебных заведений. - 3-е изд / В.А. Сластенин. - М.: Школа-Пресс, 2000. - 512с.
23. Чернилевский, *Д.В.* Дидактические технологии в высшей школе: учебное пособие для вузов / *Д.В.* Чернилевский. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002. - 473с.
24. Шахмаев Н.М. Дидактические проблемы применения технических средств обучения в средней школе / Н.М. Шахмаев. - М., 1983.
25. Юсуфбекова Н.Р. Общие основы педагогических инноваций: опыт разработки теории инновационного процесса в образовании / Н.Р. Юсуфбекова. - М., 1991.


## ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Мақола ба навъҳои инноватсионии рушди муассисае бахшида шудааст, ки дар онҳо қарорҳои идоракунӣ дар асоси ба назар гирифтани тағйироти имконпазири иҷтимоию педагогӣ ва амалисозии вокуниши фаъол ба онҳо қабул карда мешаванд. Дар асоси ин, баъзе муассисаҳои таълимӣ дар реҷаи фаъолият, баъзеи дигар дар реҷаи рушд фаъолият мекунанд. Ин охирин ба муассисаҳои таълимии инноватсионӣ тааллуқ дорад, зеро, системаҳои педагогии онҳо доимо ба қонеъ гардондани талаботи рӯзафзуни шахс ва ҷамъият наздик мешаванд. Аксарияти мактабҳои ба истилоҳ муаллифӣ, дар реҷаи рушд кор мекунанд. Тайёри анъанавии мутахассисон, ки ба ташаккули дониш, малака ва маҳорат дар соҳаи фаннӣ нигаронда шудааст, аз талаботи замон торафт ақиб мемонад. На фақат мутахассисеро омода кардан лозим аст, ки ба дараҷаи олӣ тайёрӣ дидааст, балки вайро аллакай дар марҳилаи таълим ба кор карда баромадани технологияи нав ҷалб кардан, ба шароити муҳити конкретии истехсолот мутобиқ кардан, ба дирижёр табдил додан лозим аст, то ки қарорҳои нав, вазифаҳои касбиро бомуваффақият иҷро кунад. Асоси таълим бояд бештар фанҳои таълимӣ, тарзи фикрронӣ ва рафтор бошад. Дар асоси ба назар гирифтани талаботи бозори меҳнат оид ба тайёр кардани мутахассис самтҳои стратегии ислоҳоти соҳаи маориф ташаккул меёбанд: таъмини сатҳи нави сифат дар тайёр кардани мутахассисон ва ташаккули низоми чандири омодасозии кадрҳо, метавонад ба шароити зудтағйирёбандаи фаъолияти касбӣ ба осонӣ мутобиқ шавад. Навовариҳои педагогӣ ба татбиқи ин самтҳои афзалиятнок мусоидат мекунанд. Омӯзиши таҷрибаи инноватсионӣ нишон медиҳад, ки аксари инноватсияҳо ба рушди технологияҳо бахшида шудаанд.

**Калидвожаҳо:** мактаби муаллифӣ, муассисаҳои таълимӣ, таълими диалектикӣ, гимназия, литсейи президентӣ, мактаб-гимназия, консепсия, сармояи зеҳнӣ, хонанда, манбаъ.

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ИННОВАЦИОННЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В статье рассматривается инновационный (развивающий) тип развития учреждения, при котором управленческие решения принимаются на основе учета возможных социально-педагогических изменений и опережающей реакции на них. Исходя из этого, одни образовательные учреждения работают в режиме функционирования, другие - в режиме развития.Именно последние относятся к инновационным образовательным учреждениям, т.к. их педагогические системы находятся в постоянном приближении к удовлетворению все возрастающих запросов личности и общества. В режиме развития работает большинство так называемых авторских школ. Традиционная подготовка специалистов, ориентированная на формирование знаний, умений и навыков в предметной области, всё больше отстаёт от современных требований. Основой образования должны стать не столько учебные дисциплины, сколько способы мышления и деятельности. Необходимо не только выпустить специалиста, получившего подготовку высокого уровня, но и включить его уже на стадии обучения в разработку новых технологий, адаптировать к условиям конкретной производственной среды, сделать его проводником новых решений, успешно выполняющим профессиональные функции. На основе учета требований рынка труда к подготовке специалиста формируются стратегические направления реформы образования: обеспечение нового уровня качества подготовки специалистов и формирование гибкой системы подготовки кадров, способных легко адаптироваться к быстро изменяющимся условиям профессиональной деятельности.Реализации этих приоритетных направлений способствуют педагогические инновации.. Изучение инновационного опыта показывает, что большинство нововведений посвящены разработке технологий.

**Ключевые слова**: авторская школа, образовательные учреждения, диалектическое обучение, гимназия, президентский лицей, школа-гимназия, концепция, интеллектуальный капитал, студент, ресурс.

## ACTIVITIES OF INNOVATIVE EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

| *видеть*<br>*трогать*<br>*писать*<br>*править*<br>*брать* | *играть*<br>*крыть*<br>*гулять*<br>*следовать*<br>*сидеть* |

**Образец.** *Ученик* ***писал*** *товарищу письмо. Ученик в сочинении* ***описал*** *свое пребывание летом в летнем лагере.*

После проработки этих заданий полезно предложить студентам тексты для той же цели.

*Среди ночи разыгралась метель. Зашевелились, тревожно зашумели, застонали, заскрипели над головой сосны. Тучи колючего снега поволокло по земле. Шелестящий мрак заплясал над ухающим, искрящимся пламенем. Но снежная буря не встревожила Алексея. Он спал сладко и жадно, окутанный благотворным теплом костра.*

(Б. Полевой, Повесть о настоящем человеке).

Задание по тексту: **Выписать из данного текста глаголы совершенного вида и составить ряд простых предложений с этими глаголами.**

*Но ползти было уже трудно. Руки дрожали и, не выдерживая тяжести тела, подламывались. Несколько раз он ткнулся лицом в талый снег. Казалось, земля во много раз увеличила силу своего притяжения. Невозможно было преодолевать ее. Неудержимо хотелось лечь и отдохнуть хоть немного, хоть полчасика. Но сегодня Алексея с особой неистовостью тянуло вперед. И, превозмогая вяжущую усталость, он все полз и полз, падал, поднимался и снова полз, не ощущая ни боли, ни голода, ничего не видя и не слыша, кроме звуков канонады и перестрелки.*

(Б. Полевой, Повесть о настоящем человеке).

Задание по тексту: **Выписать из данного текста глаголы несовершенного вида и образовать от них глаголы совершенного вида.**

*К полудню, когда тени под деревьями стали черными, а солнце заглянуло через вершины на просеку дороги, Алексей смог сделать всего около тысячи пятисот шагов и устал так, что каждое новое движение доставалось ему напряжением воли. Его качало. Земля выскальзывала из-под ног. Он поминутно падал, мгновение неподвижно лежал на вершине сугроба, прижимаясь лбом к хрустящему снегу, потом поднимался и делал еще несколько шагов. Неудержимо клонило в сон. Тянуло лечь, забыться, не двигать ни одним мускулом.*

(Б. Полевой, Повесть о настоящем человеке).

Задание по тексту: **Выписать из данного текста все глаголы, причем от глаголов несовершенного вида образовать глаголы совершенного вида и наоборот.**

*Странное состояние переживал Алексей. С тех пор как он поверил, что путем тренировки может научиться летать без ног и снова стать полноценным летчиком, им овладела жажда жизни и деятельности. Теперь у него была цель: вернуться к профессии истребителя. С тем же фанатическим упрямством, с каким он обезножев, выползал к своим, стремился он и к этой цели.*

*Еще в ранней юности привыкший осмысливать свою жизнь, он прежде всего точно определил, что он должен сделать, чтобы достичь этого как можно скорее, не тратя попусту драгоценного времени.*

(Б. Полевой, Повесть о настоящем человеке).

Задание по тексту: **Выписать из данного текста все глаголы и указать, к какому виду относится каждый глагол.**

После выполнения упражнений, предназначенных для усвоения понятий о совершенном и несовершенном виде, необходимо предложить студентам выполнить задание на различение вида у глаголов с отрицанием. В предложениях типа ***Солнце еще не прогрело землю, Ласточки не прилетели*** студенты могут выделить глаголы, поставить к каждому глаголу вопрос и установить вид глагола. Такие работы будут необходимым добавлением к существующим упражнениям.

Следует обратить серьезное внимание на повторение видов при изучении таких новых для студентов форм, как повелительное и условное (сослагательное) наклонения и безличные глаголы.

Повторение видов связывается с изучением повелительного наклонения. Студентам предлагается от данной неопределенной формы образовать повелительное наклонение и записать в два столбика: в один – глаголы совершенного вида, в другой – несовершенного.

Различение видов можно добавочно ввести и в некоторые другие упражнения. Например, предложить от данных форм образовать и записать повелительное наклонение. Вполне уместно при этом добавочно предложить студентам определить вид каждого глагола в повелительном наклонении.

При изучении условного (сослагательного) наклонения важно требовать от студентов, чтобы они отмечали, какого вида каждый глагол. Нужно обратить особое внимание на совершенный вид в сослагательном наклоне102ИИ: выше указывалось, что у глаголов условного (сослагательного) наклонения студенты часто принимают совершенный вид за несовершенный.

Полезно на примерах показать студентам, что глаголы условного (сослагательного) наклонения могут быть и совершенного, и несовершенного вида, дать студентам задания на подыскание парных глаголов (***решили бы – решали бы, хотел бы захотел бы***).

Здесь целесообразно предложить, например, такую работу: студенты от данной неопределенной формы образуют и записывают условное (сослагательное) наклонение и устанавливают вид каждого записанного глагола.

Характеристику безличных глаголов нужно дополнить указанием, что не только личные, но и безличные глаголы могут быть совершенного и несовершенного вида, показать это на соответствующих примерах (***подморозоли-подмораживало***). От студентов следует требовать, чтобы они определяли вид и у безличных глаголов.

**Рецензент: Рузиева Л.Т. – д.п.н., профессор ТНУ**


**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бондарко А. В. Вид и время русского глагола (значение и употребление) / А. В. Бондарко. -М.: Просвещение, 1971. -С. 387.
2. Белошапкова В.А. Современный русский язык: Синтаксис. Учебное пособие / В.А. Белошапкова. - М.: Высшая школа, 1977. -С.415.
4. Валгина Н.С. Современный русский язык. Учебник / Н.С. Валгина, Д.Э.Розенталь, М.И. Фомина. -М.: Логос, 2002. -С.528.
6. Виноградов В.В. Русский язык. Учебник / В.В. Виноградов. -М.: Наука,1972. -С.370.
7. Винокур Г.О. Форма слова и части речи в русском языке // Избранные работы по русскому языку / Г.О. Винокур. – М.: Знание, 1959. -С. 685.
8. Галкина-Федорук Е.М. Безличные предложения в современном русском языке//Вопросы синтаксиса современного русского языка. Под ред. Виноградова В.В. - М.: Знание, 1950. -478.
9. Гвоздев А.Н. Современный русский язык. В 2 частях / А.Н. Гвоздев. - М.: Просвещение, 1973. -С.573.
10. Петрухина Е.В. Русский глагол: категории вида и времени / Е.В. Петрухина. – М.: МАКС Пресс, 2009. – 208 с.
11. Успенская, Л.В. Основные структурные особенности современного таджикского языка по сравнению с русским языком / Л.В.Успенская // Материалы межреспубликанской научной конференции по вопросам улучшения преподавания русского языка в национальных школах. -Ташкент, 1958. -С. 38-54.
12. Файзов, М. Учебник таджикского языка для русскоязычных. Отв.ред. С.Д.Холматова. -Ч.2: Морфология и основы синтаксиса. -Душанбе: Нодир, 2001.-143с.


## УСУЛИ ФЕЪЛҲОИ КОМИЛ ВА НОКОМИЛ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ

Дар раванди омӯзиши забони русӣ донишҷӯёни тоҷик ба душвориҳои зиёд дучор мешаванд. Аз ин душвориҳо муҳимтаринашро метавон ҷудо кард азхудкунии навъҳои феъл мебошад.Таҳлили корҳои хаттӣ ва посуххои шифоҳии донишҷӯён нишон медиҳад, ки навъҳои феъл дар омӯзиши забони русӣ аз ҷониби донишҷӯёни тоҷик яке аз осебпазиртарин ҷойҳо ба шумор меравaнд. Дар вақти шуруъ ба омӯзиши навъҳои феъл дар гурӯҳҳои тоҷикӣ равшан тасаввур кардан лозим аст, ки хонандагон ба чӣ гуна душвориҳо дучор мешаванд, онҳо бо чӣ чизи нав, барои забони модариашон ғайримуқаррарӣ дучор мешаванд. Дар системаи феълии русӣ аспект тамоми шаклҳои феълро фаро мегирад. Ягон шакли грамматикие нест, ки маънои мушаххасро ифода накунад. Ба ҳамин тариқ, назар аз дигар категорияҳои феъл — кайфият, замон, шахс, шумора, ҷинс, ки танҳо дар категорияҳои алоҳидаи шаклҳои феъл вуҷуд доранд, фарқ мекунад. Намудҳои феъли русӣ аз ҷиҳати тарҳ аз ҷиҳати маъно мураккаб ва гуногун мебошанд. Масъалаи категорияи намудҳо дар забони русӣ ҳамеша мушкилтарин масъалаи забоншиносӣ буд ва то вақтҳои охир мавриди баҳс қарор дошт (масалан, шумораи намудҳо, маънои онҳо, навъҳо, шаклҳои гуногуни як калима мебошанд ё калимаҳои гуногуни сохташуда аз як реша ва ғ.). Аммо бо вуҷуди ин, тақсимоти ҳамаи феълҳо ба ду намуд собит шудааст: мукаммал (аз ҷумла маънои яквақта, лаҳзаӣ) ва нокомил, ки маънои зиёдро низ дар бар мегирад.

**Калидвожаҳо:** усулҳои таълим, забони русӣ, феъл, масдар, камол, нокомил, замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда, кайфият.

## ПРИЕМЫ РАЗЛИЧЕНИЯ ГЛАГОЛОВ СОВЕРШЕННОГО И НЕСОВЕРШЕННОГО ВИДА НА ЗАНЯТИЯХ РУССКОГО ЯЗЫКА

В процессе изучения русского языка таджикские студенты встречают много трудностей. Из этих трудностей можно выделить самую существенную – это усвоение видов глагола.Анализ письменных работ и устных ответов студентов показывает, что виды глагола представляют собой одно из наиболее уязвимых мест при изучении русского языка таджикскими студентами. Приступая к изучению видов глагола в таджикских группах, необходимо ясно представлять себе, с какими трудностями столкнутся студенты, что новое, несвойственное их родному языку встретят они. В системе русского глагола вид охватывает все глагольные формы. Нет ни одной грамматической формы, которая не выражала бы видового значения. Этим вид отличается от остальных категорий глагола - наклонения, времени, лица, числа, рода, присущих лишь отдельным разрядам глагольных форм. Виды русского глагола представляют собой семантически сложную и по оформлению многообразную грамматическую категорию. Вопрос о категории вида в русском языке всегда представлял наиболее трудную лингвистическую проблему и до последнего времени является дискуссионным (например, о количестве видов, значении их, о том, являются ли виды разными формами одного слова, или разными словами, образованными от одного корня, и т.д.). Но несмотря на это, устоявшимся является членение всех глаголов на два вида: совершенный (включая в него значение однократности, мгновенности) и несовершенный, в который включается и значение многократности.

**Ключевые слова:** методика преподавания, русский язык, глагол, инфинитив, совершенный вид, несовершенный вид, прошедшее время, настоящее время, будущее время, наклонение.

## TECHNIQUES OF DIFFERENTIATION OF PERFECT AND IMPERFECT VERBS IN RUSSIAN LESSONS

In the process of learning the Russian language, Tajik students encounter many difficulties. Of these difficulties, the most significant one can be singled out - this is the assimilation of the types of the verb.An analysis of the written works and oral answers of students shows that the types of the verb are one of the most vulnerable places in the study of the Russian language by Tajik students. When starting to study the types of the verb in Tajik groups, it is necessary to clearly imagine what difficulties the students will face, what they will meet with something new, unusual for their native language.In the Russian verb system, aspect covers all verb forms. There is not a single grammatical form that would not express a specific meaning. In this way, the view differs from the other categories of the verb - mood, tense, person, number, gender, which exist only in certain categories of verb forms. The types of the Russian verb are a semantically complex and diverse grammatical category in terms of design. The question of the category of species in the Russian language has always been the most difficult linguistic problem and has been debatable until recently (for example, the number of species, their meaning, whether species are different forms of one word, or different words formed from the same root, and etc.). But despite this, the division of all verbs into two types is well-established: perfect (including the meaning of one-time, instantaneous) and imperfect, which also includes the meaning of multiplicity.

**Key words:** teaching methods, Russian language, verb, infinitive, perfective, imperfective, past tense, present tense, future tense, mood.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатов Мақсадҷон Изатуллоевич*** - Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калони кафедраи забони русӣ. **Суроға:**735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Шарипов, 3. E-mail: **akila.ru@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Давлатов Максадчон Изатуллоевич*** - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры русского языка **Адрес:**735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Шарипова 3.E-mail: **akila.ru@mail.ruI**

**Information about the author:** ***Davlatov Maksadchon Izatulloevich*** - Dangara State University Senior Lecturer of the Department ofRussian Language. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Sharipova street 3. E-mail: **akila.ru@mail.ruI**

УДК: 370: 891.550

# ПРИНСИПҲОИ АХЛОҚИ УМУМИБАШАРӢ ДАР АШЪОРИ СУФИЁНАИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

*Ҳусейнов Н.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Принсипи асосии таълимоти ахлоқии Ҷалолуддини Румӣ олиҳимматӣ аст, ки он дар дастгирии инсон зоҳир мегардад:

*Аждаҳое хирсро дармекашад,*
*Шермарде рафту фарёдаш расид.*
*Шермардонанд дар олам мадад,*
*Он замон, к-афгони мазлумон расид.*
*Бонги мазлумон зи ҳар ҷо бишнаванд,*
*Он тараф чун раҳмати Ҳақ медаванд [6, с. 88].*

Чунин аҳкоми ахлоқӣ идеологияи ҷамъияти "Футувват" (ҷавонмардӣ)-ро ифода менамояд. Тибқи низомномаи ин ҷамъият, узви он шахсе мешавад, ки нисбати дигарон ҳисси бадбинӣ надорад, тамаъкору ҳасадхӯр нест. Ин ҷамъият хазинаи умумӣ дошт ва ҳар як аъзои он дар ғанигардонии хазинаи ахлоқӣ ҳиссаи худро мегузошт.

Дар ҳокимияти олиҳимматӣ орзуи инсон, ки дар он онҳо дар руҳияи сулҳу оромӣ умр ба сар мебаранд, Ҷалолуддини Румӣ чунин «ҳокимият»-ро бе роҳбарӣ аз тарафи шоҳи одилу маърифатпарвар тасаввур карда наметавонист. Азбаски чунин шоҳони "маърифатпарвар" ва "олиҳиммат" дар ҳаёт вуҷуд надоштанд, Ҷалолуддини Румӣ барои ифодаи идеали ахлоқии худ ба идеалисозии шахсиятҳои таърихӣ рӯ меовард, ки достони «Иброҳими Адҳам» шаҳодати он аст. Иброҳими Адҳам, ки подшоҳи Балх буд, аз подшоҳӣ даст мекашад ва аз пайи худошиносӣ ва хизмат ба мардум мешавад:

*Шайх воқиф гашт аз андешааш,*
*Шайх чун шер асту дилҳо бешааш.*
*Чун риҷову хавф дар дилҳо равон,*
*Нест махфӣ бар вай асрори ҷаҳон.*
*Дил нигаҳ доред, эй беҳосилон.*
*Пеши аҳли тан адаб бар зоҳир аст,*
*Ки Худо з-эшон ниҳонро сотир аст [6, с. 109].*

Арзишҳои ахлоқи умумибашарии Ҷалолуддини Румӣ дар маҷрои

суфия баён ёфтаанд, ҳарчанде ки ахлоқи ҷамъияти инсонӣ ва принсипу мафҳумҳои ба он алоқаманд ба таври васеъ баррасӣ мегарданд. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки низоми андешаҳои худро дар хусуси арзишҳои ахлоқи умумбашарӣ дар ду низом ифода мекунад: ахлоқи ҷомеи инсонӣ дар умум, яъне назария, арзишҳо, принсипҳои ахлоқӣ, инчунин низоми ахлоқии суфия. Илова бар ин, ин ду ҷанба ё ду ақида доир ба ахлоқ ба ҳамдигар мухолиф нестанд, балки аз нуқтаи назари Ҷалолуддини Румӣ ба ҳамдигар алоқаманд буда, низоми ахлоқи умумимусулмониро ташкил медиҳанд.

Дар робита ба ин қайд мегардад, ки дар арзишҳои ахлоқи умумибашарии Ҷалолуддини Румӣ таъсири назарияву анъанаҳои манбаи зардуштидошта эҳсос карда мешавад.

Ба ақидаи Ҷалолуддини Румӣ, инсон чун ақли илоҳӣ имконияти такомулёбиро дораду асоси кушодашавӣ (равшаншавӣ)-и ҳисро ишқ ташкил медиҳад:

*Дидани дида физояд ишқро,*
*Ишқ дар дида физояд сидқро.*
*Сидқ бедории ҳар ҳис мешавад,*
*Ҳиссҳоро завқ мунис мешавад [8, с. 110].*

Ҷалолуддини Румӣ чунин қайд мекунад: ҳарчанде ки халқҳои гуногун бо забонҳои гуногун гуфтугӯ мекунанд, вале корҳои хуби онҳо асоси боварии умумиро барои ҳамаи мардуми олам ташкил медиҳанд, чунки забони дил аз ҳама болотар аст. Ба ақидаи Ҷалолуддини Румӣ, худи инсон бояд роҳи худро интихоб намояд – некӣ ё бадӣ – бо

меҳнати худ бо амалҳои худ онро татбиқ кунад, зеро ҳар инсонро баҳри меҳнат офаридаанд:

*Ҳар касеро баҳри коре сохтаанд,*
*Майли онро дар дилаш андохтанд.*
*Дасту по бе майл ҷунбон кай шавад?*
*Хори кас бе обу боде чун равад? [8, с. 152].*

Ин дарки гуманистии моҳияти инсон аз тарафи Ҷалолуддини Румӣ ба он ҷиҳатҳои мусбие, ки дар таълимоти шоир ҷой доранд, ҷавобгӯ аст. Бузургии Ҷалолуддини Румӣ дар он аст, ки тавассути шакли тасаввуфии ашъори ӯ муҳаббати устувор ба одамони зинда бо азобу машаққат ва шавқу завқи онҳо роҳ меёбад. Ӯ худаш инро "парастиши дил", "Каъбаи дил" меномад: бо дили пурҳаяҷони худ ӯ гӯё ки мехоҳад торикиро барои ҷафокашон ва радшудагон равшан созад.

Тасодуф нест, ки Ҷалолуддини Румӣ дар ашъори худ ҳамаи одамонро, новобаста аз дину мазҳаб ва баромади иҷтимоӣ, ба дӯстию бародарӣ даъват менамояд. Ба ӯ сатрҳои зерин дар бораи дӯстию бародарии одамон мансуб аст.

*Ҳарфи бадро бар забон бурдан хатост,*
*Кофиру муъмин ҳама халқи Худост [6, с. 23].*

Асарҳои Ҷалолуддини Румӣ ба хазинаи фарҳанги умумибашарӣ дохил мешаванд, чунки онҳо мазмунан гуманистӣ буда, муҳаббат ба инсон парастиши Инсонро ифода мекунанд. Ашъори ӯ бо хушоҳангии нотакрор хонандаро ба ваҷд меорад. Қиссаи «Подшоҳ ва канизак» бад-ин ҷиҳат баёнгари ҳолати даруни инсон аст. Ин қисса василае аст, ки барои пардабардорӣ аз асрори дарунии инсон ҳидоят карда мешавад:

*Хуштар он бошад, ки сирри дилбарон,*
*Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон [8, с. 136].*

Дар назми суфиёнаи Ҷалолуддини Румӣ инсони комил, ки ботини худ ҳама чизро мебинад, мавқеи махсус дорад. Шоир маҷозан, дар образи шутур инсони комилро нишон медиҳад. Шутуре мерафт ва муше лаҷоми ӯро мекашид. Чун шутур ба оромӣ аз пайи ӯ равон буд, худписандӣ мушро мағрур кард. Дар роҳ ба наҳри обе расиданд. Муш чун чашмаш ба об афтод тарсид ва истод:

*Муш он ҷо истоду хушк гашт,*
*Гуфт шутур: «Эй рафиқи кӯҳу дашт!*
*Ин таваққуф чист? Ҳайронӣ чаро?*
*По бинеҳ мардона, андар ҷӯ даро.*
*Ту қаловуҷию пешоҳанги ман,*
*Дар миёни раҳ мабошу тан мазан»*
*Гуфт: «ин оби шигифт асту амиқ,*

Ман ҳаметарсам, зи ғарқоб, эй рафиқ» [11, с. 113].

Ба симои инсони комил масалҳои сершуморе дар "Маснавии маънавӣ" бахшида шудаанд. Шоир дар достони «Ошиқу маъшуқ»-и «Маснавии маънавӣ» дар образи ошиқе, ки пеши маҳбуби худ хидматҳо ва ҷонфишониҳояшро миннат мегузорад ва барои сидқу вафои худ шоҳид меоварад, дар образи Юсуф менависад:

*Оқилонро як ишорат бас бувад,*
*Ошиқонро ташнагӣ з-он кай равад? [11, с. 229].*

Юсуф дар кучое, ки зиндагӣ мекунад, он ҷо биҳишт аст, ҳарчанде ки он қаъри чоҳ бошад. Дар ин ҷо ривоят дар бораи Юсуф, писари хурдии Яъқуб, ки ӯро бародарони золими ҳасадхӯр ба чоҳи беоб партофта, ба падарашон хабар доданд, ки ӯро гӯё ҳайвони дарранда хӯрдааст, дар назар дошта мешавад. Ин ривоят дар ислом, аз Қуръон сар карда, ки дар он ба Юсуф сураи XII бахшида шудааст, то нақлҳои гуногуни динӣ коркард гардида, тавсеа ёфтааст. Дар адабиёти суфиёна образи Юсуф рамзи исмат, покии руҳӣ, валӣ ва муаббир, ки аз илми ғайб огоҳӣ дорад, гаштааст. Зебоии нотакрори ӯ чун инъикоси зебоии илоҳӣ дар симои инсонӣ тафсир меёбад. Дар адабиёти Шарқи мусулмонӣ Юсуф қаҳрамони аксари асарҳо гаштааст. Ғояе, ки дар ҷавоби маъшуқ ифода ёфтааст, фаҳмост: суфӣ бояд бо субъекти ишқи худ, яъне Худо якҷоя шавад.

Мақсади назми суфиёнаи Ҷалолуддини Румӣ ва дигар шоирони суфӣ дарки Худо мебошад. Ба ин идеал нияту рафтори суфиён тобеъ аст. Консепсияи “роҳ”-и суфиёна аз ғояи покшавии ахлоқ ва комилии инсон бармеояду он бояд ҳолатҳои устувори ахлоқӣ-маънавӣ, кӯтоҳмуддати руҳиро тай кунад. Ғояҳои суфия, сарфи назар аз муборизаи руҳонияти расмӣ бо он, дар тамоми олами мусулмонӣ босуръат паҳн гаштанд. Ин ғояҳо ба ислом маънавиёти маъмулро ворид сохта, водор сохтанд, ки ба инсон, нақш ва мавқеи ӯ дар ҷомеа ва табиат таҷдиди назар карда шавад. Дар робита бо ин дар суфия аксари муҳаққиқон на танҳо фалсафаи динӣ, балки дини оммавии исломро мебинанд. Дар он яке аз самтҳои тавсеаёфта самте мебошад, ки бо консепсияи “ваҳдатулвуҷуд” асос ёфтаасту коркади ниҳони он бо номи зодаи Андалусия, Суфӣ Ибн ал-Арабӣ (1165-1240), яке аз муассирони Ҷалолуддини Румӣ, ки қариб тамоми умрашро дар мамлакатҳои арабии Шарқи Наздик гузаронида буд, алоқаманд аст.

Ҷалолуддини Румӣ ҳамеша мекӯшид, ки дар эҷодиёти худ афкори заминӣ ва идеалӣ, инсонӣ ва тасаввуфиро ба ҳам пайвандад. Ӯ мисли ҳамаи суфиён мекӯшид фаҳмаду бо қувваи бузурги назми худ масъалаи муносибати байни инсону Худоро ҳал намояд. Мутаассифона, ӯ намефаҳмид, ки чунин масъала вуҷуд надорад, он тахайюлист. Аз нуқтаи назари ӯ, мукаммалии ҳама он чизе дар олам бунёдшуда дар инсон таҷассум меёбад. Инсон ҳақиқатро дарк карда, як давраи рушдро ба охир расонида, дарҳол давраи дигареро оғоз мекунад. Аммо Ҷалолуддини Румӣ истеъдоди бузурги шоирӣ дошт. Диди дидактикии ӯ, ки дар образҳои назмӣ ба вуҷуд омадаанд, мулоҳизаҳои пайдарпайи мантиқиро, ки тавассути ақл сохта мешаванд, ба хотир намеоранд. Иштиёқи ӯ илҳому бехудист. Ин хусусан дар ғазалҳои ӯ эҳсос мегардад. Бинобар ин, Р. Николсон дуруст қайд кардааст: «Румӣ на файласуф ва мутафаккир, балки шоири суфӣ мебошад. Ӯ низоми муайяне надорад, вале фазои зебоиро ба вуҷуд меорад, ки таҳлил барои ӯ мамнуъ аст» [13, с. 227].

Ҷалолуддини Румӣ тамсил меофарад ва инсонро ба шинохти қадри хеш даъват мекунад. Инсон бояд марҳилаҳои шинохт ва басиратро пайи ҳамдигар тай намояд, то ба мақоми воло бирасад. Инсон сони нахуде аст, ки бояд пухта гардад. Сипас, шоир бинишу такомули инсонро дар мавриди табдилу таҳвил баён мекунад, то ки ба марҳилаи болотар рушд ёбад. Ин забони ҳол ва саргузашти инсон аст:

*Бишнав ин тамсилу қадри худ бидон,*
*Аз балоҳо рӯй магардон, эй ҷавон [14, с. 204].*

Ҷалолуддини Румӣ дар достони «Обгир ва се моҳӣ», ки аз «Калила ва Димна» гирифта шудааст, дар бораи ангезаи рафтори инсонишудаи ҳайвонот нақл мекунад:

*Қиссаи он обгир аст, эй ануд,*
*Ки дар ӯ се моҳӣ ашгарф буд.*
*Дар «Калила» хонда бошӣ, лек он,*
*Қишри қисса бошаду ин магзи он [6, с. 203].*

Булуғи шахсияти инсон бо огоҳӣ ва идрок аз нуқоти ғайрисареъ ва рамзгуна ҳосил мешавад:

*Он ки рамзеро бидонад ӯ саҳеҳ,*
*Ҳоҷаташ н-ояд, ки гӯяндааш сареҳ.*
*Ин бало аз кавданӣ ояд туро,*
*Ки накардӣ фаҳм нуқта, рамзҳо [6, с. 462].*

Назми суфиёна чун як шохаи назми асримиёнагии форсу тоҷик назари хосеро ба ахлоқ, рафтори ахлоқона дар бар мегирад. Дар доираи ин назми боқимонда, Ҷалолуддини Румӣ ҷойи махсуси инсонро муқаррар намуд. Ин ҳикмати Ҷалолуддини Румӣ дар тафсири суфиёнаи ахлоқ баён гардидааст. Тибқи ақоиди шоир, ба мафҳуми ахлоқ категорияҳои адолат, хирад, порсӣ ва ҷавонмардӣ дохил мешаванд ва категорияҳои “арастуӣ” ҳисоб меёбанд. Шоир ба онҳо боз як қатор категорияҳои дигари суфиёнаро илова мекунад: боварӣ, ирода, ишқ, саъю кӯшиш, таваккул, таҳаммул ва ғайра. Дар назми суфиёнаи Ҷалолуддини Румӣ онҳо тафсири махсус доранд ва аз тасаввуроти равияҳои дигар, аз ҷумла пайравони шарқии Арасту, ки асосан ҷонибдори ҳамин принсипҳои ахлоқӣ мебошанд, фарқ мекунанд.

Ҷалолуддини Румӣ ба адолат аҳамияти бештаре медиҳад ва онро яке аз сифатҳои Худо медонад. Худи мафҳуми адолат дар анъанаҳои мусулмонӣ яке аз сифатҳои Худо эътироф мегардад. Тибқи назарияи суфиёнаи идроки сифатҳои Худо, онро солики роҳи тариқат бояд аз худ кунад. Солики роҳи тариқат бояд дар кору рафтор, сухан ва пиндор одил бошад, яъне беадолатӣ накунад, сухане нагӯяд, ки он ба амали номатлуб оварда расонад ё сарчашмаи зӯроварӣ гардаду шарро ба бор орад.

Дар масали "Дар бораи он ки Иблис аввалин кофире буд, ки қиёс кард", Ҷалолуддини Румӣ Иблисро аввалин шахсе медонад, ки ба адолати Худо шубҳа оварда, оташро бо хок қонунӣ будани таъзим ба хокро муқоиса карда, оташро аз хок болотар донистааст. Иблис аввалин мунаққид, шаккок мебошад, ки қавоиди догмавиро зери шубҳа гузоштааст. Ҳамзамон, Иблис аввалин нафарест, ки бо Худо мубоҳиса карда, аз ин роҳ чун методи муайянкунии ҳақиқат истифода мебарад. Иблис ба Худо эътироз мекунад: - «Ман аз оташаму ӯ (одам) аз хок. Агар аз мабдаъ гирем, ӯ аз торики таркиб ёфтаасту ман аз рӯшноӣ».

Дар эҷодиёти Ҷалолуддини Румӣ Иблис чун рамзи озмоиш муаррифӣ мегардад. Дар якчанд порчаи "Маснавии маънавӣ" ӯ чун васвасакор дар сари роҳи солик баромад мекунад. Дар ин ҷо мубориза беамон байни некӣ ва бадӣ оғоз мегардад. Адолати некӣ дар он ифода меёбад, ки он аз рӯйи адолати худ ба инсон имкон медиҳад, ки дар ин санҷиш ғолиб барояду ба дараҷаи камолоти маънавӣ расад.

Мафҳуми адолат дар осори Ҷалолуддини Румӣ ҳам ба маънои суфиёна ва ҳам универсалӣ, яъне подош барои рафтори мувофиқи он баён карда мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи услуби истиораи баён, мафҳуми адолати Румӣ дорои якчанд маъно мебошад. Чунончи, барои омма дастур дода мешавад, ки аз пешдоварӣ (ба бадӣ бо бадӣ ҷавоб додан) даст кашед, вале дида нодида гирифтан аз бадӣ ва рафтори бадкор низ барои омма гуноҳ аст. Дар ин ҷо принсипи подош барои рафтори мувофиқ ошкор кардани бадӣ дасткашӣ аз рафтори бад, инчунин ҷазо барои бадрафториро дар назар дорад.

Ҷалолуддини Румӣ адолатро ба аъмоли шоҳону ҳокимон маҳдуд намесозад. Давлат ва ҳокимиятро бо сохти психика, рафтори инсон ва иродаи ӯ муқоиса карда, ба хулосае меояд: мисли он ки хусусияти ҳокимияти ҳоким бояд ҳокимияти боадолатона бошад, инсон низ дар муносибат бо асли худ бояд одил бошад, яъне ҳар як фард дар ҳаёти худ адолатро пешаи худ қарор диҳад. Ҷалолуддини Румӣ ин ақидаро дар достони «Подшоҳ ва надиму вазир»-и «Маснавии маънавӣ» ба тариқи зайл ифода менамояд:

Подшоҳе бар надиме хашм кард,  
Хост, то аз вай барорад дуду гард.  
Кард шаҳ шамшер берун аз ғилоф,  
То занад бар вай ҷазои он хилоф [12, с. 200].

Ин шоҳ вазире дошт, ки бисёр назди ӯ гиромӣ буд ва шоҳ ба ӯ эҳтиром дошт. Шоҳ мехост сари надими худро бибурад, вале вазир аз шоҳ илтиҷо кард. Шоҳ шамшери худро ба ғилоф андохт:

Чунки омад пойи ту дар миён,  
Розиам, гар кард муҷрим сад зиён [12, с. 200].

Дар ин ҷо ӯ барои ҳар як фард маънои адолатро мефаҳмонад. Адолатро дар фаъолияти шоҳ ва инсони одӣ дар шаҳри дили худ оромии ботини ӯ таъмин менамояд. Ба ақидаи ӯ, инсон замоне дар шаҳри бадани худ одилона ҳукмронӣ менамояд, ки агар бо рафтори ношоиста ба ӯ зарар нарасонад.

Ҷалолуддини Румӣ дар масали "Дар бораи порсоӣ ва бадие, ки бо либоси порсоӣ оро дошта шудааст", адолати мусулмониро вайрон карда, ба мубориза алайҳи золимон даъват менамояд. Ин хусусият дар достони "Маснавии маънавӣ" пайгирӣ мегардад, чунки суфия ва мактабу равияҳои он идеологияи қабатҳои миёна ва пасти иҷтимоии шаҳрро инъикос мекарданд, бинобар ин, дар онҳо руҳияи зиддифеодалӣ баръало намоён буд. Ба дини расмӣ, ки бо машинаи давлатӣ ва ягонагии тақсимнашавандаи теократӣ (тарзи давлатдорие, ки дар он ҳокимияти сиёсӣ дар дасти руҳониён мебошад) зич алоқаманд аст, муқобил гузошта, суфия, сарфи назар аз мақсадҳое, ки ин ё он намоянда (ё ҷамъиятҳои маҳаллӣ)-и он дар назди худ мегузошт, ногузир ба муқобили тартиботи ҳуқуқии мавҷудаи

давлатӣ баромад мекард. Ин ба шакли дасткашии қатъӣ аз ягон хел алоқа бо ҳукуматдорон ё ба шакли муноқишаи бевосита бо онҳо, вақте ки дарвешон ба ҳаракатҳои қашшоқони шаҳр ё деҳа сарварӣ мекарданд (чун қоида, онҳо аъзоёни ҷамъиятҳои "Қаландария" "Бектошия" ва "Ҳайдария" буданд) ифода меёфт.

Ҷалолуддини Румӣ дар "Маснавии маънавӣ" дарки дигари адолатро низ баррасӣ мекунад. Ин мафҳумро дар ҳошияи назарияи суфиёна таҳлил намуда, ӯ адолатро чун асбоб барои озмоиши солик мефаҳмад ва ҳама гуна мушкилотеро, ки дар сари роҳи солики тариқат пайдо мешавад, дуруст мешуморад. Тавозуъ, таҳаммул ва сифатҳои дигари ахлоқии инсон маънои сирф суфиёна доранд.

Ҷалолуддини Румӣ чун намояндаи суфиён "зеҳнӣ" ва "прагматикӣ" дар масалҳои пандуахлоқӣ ва ҳимматҳои худ, нақлҳои моҳирона ташкилкардааш, таърихҳои зебову ҳазлҳои аз одоб беруни худ ба шакли дастрас бо забони содаву фаҳмо камолот, зебоии зоҳирӣ, ахлоқӣ, ботинии инсонро тараннум намуда, боввариро ба ақли ӯ ифода мекард:

*Оқибатбин аст ақл аз хосият,*
*Нафс бошад к-ӯ набинад оқибат.*
*Ақл к-ӯ маглуби нафс, ӯ нафс шуд,*
*Муштарӣ моти Зуҳал шуд, наҳс шуд [6, с. 154].*

Бояд қайд кард, ки барои ифодаи маҷозии фикр Ҷалолуддини Румӣ аз масалу нақлу ривоятҳои мазмуни гуногундошта истифода бурдааст. Дар "Фиҳӣ мо фиҳӣ" Ҷалолуддини Румӣ суҳбати шайх Мавлавиро ба қавли худ овардааст: «Саид Бурҳониддин Муҳаққиқ нутқ меронд. Шахсе гуфт: "Шунидам, ки фалоние туро таъриф кардааст". Ӯ ҷавоб дод: "Ман бояд бидонам, ки ӯ худаш ба ин дараҷа расидааст, ки маро фаҳмидаасту таъриф кардааст. Агар ӯ маро аз нутқи ман дарк карда бошад, пас ин дарк нест, зеро ки калима, ҳарф, овоз, лабҳо ва даҳон ҷовидонӣ нестанд, балки танҳо аломатанд. Агар аз рӯйи корҳоям фаҳмида бошад, пас ин ҳамчунин аст. Агар аз рӯйи моҳият (асл) идрок намуд, пас эътироф месозам, ки маро метавонад таъриф кунаду ин таъриф, дарвоқеъ, ба ман дахл дорад. Дар акси ҳол ин ғалат аст. Мисли он ки подшоҳе писарашро дод. Рӯзе подшоҳ ангуштариро дар дасташ пинҳон карда, пурсид: "Писарам, бигӯ дар дасти ман чист? " Ӯ ҷавоб дод: "Он доирашакл, **минерал**, дар байнаш сӯрохе дорад". Шоҳ гуфт: "Аломатҳое, ки ту гуфтӣ санги осиё аст". Шоҳ хитоб кард: Ашёи аникро ту танҳо бо қувваи дониш ва омӯзиш муқаррар намудӣ, вале барои фаҳмидани он ки санги осиё дар даст намеғунҷад ва онро ба даст гирифтан мумкин нест, ақлат нарасидааст... [3, с. 43].

"Маснавии маънавӣ" аз масалҳои начандон калон иборат аст ва тавассути онҳо Ҷалолуддини Румӣ ғояҳои ахлоқӣ-маънавии худро баён мекунад ва дар натиҷа низоми образии достон ба тавri рамзӣ фаҳмида мешавад. Дар чунин муодил мазмуни масал бо хулосаҳои аз он баромада, новобаста аз хулосаҳои ахлоқӣ-маънавии дар он ҷойдошта тағйир меёбад. Аз ин бора масали дигари Ҷалолуддини Румӣ - "Забоншинос ва завраҳрон" шаҳодат медиҳад: «Забоншиносе ба завраҳ нишаст. Худписандона ба завраҳрон рӯ оварда, пурсид: "Ягон вақт наҳвро омӯхта будӣ? "Не" – ҷавоб дод ӯ. Забоншинос гуфт: "Дар ин ҳолат ту нисфи ҳаётатро аз даст додӣ". Завраҳрон ғамгин шуд, вале аз ҷавоб худдорӣ намуд. Ҳамин лаҳза, бод ба завраҳ бархурду завраҳрон аз забоншинос пурсид: "Канӣ бигӯй, ту шино карда метавонӣ?". Ӯ ҷавоб дод: "Не зебописари ширинсухан". Завраҳрон гуфт: "Дар чунин ҳолат ту тамоми ҳаётатро аз даст додӣ: завраҳи мо ба қаър фурӯ рафта истодааст» [6, с. 54].

Дар достони дидактикии "Фиҳӣ мо фиҳӣ" Ҷалолудддини Румӣ барои ороиш додани нақлҳо – суҳбатҳои худ бо мақсади истифода аз ашъори ишқии халқӣ на ба назми "адабӣ", балки ба эҷодиёти халқ рӯ меовард. Бертелс Е.Э. қайд мекунад, ки маҷлис он замон дар рӯзҳои муайяни ҳафта, дар вақти муайян ва ҷойи муайян гузаронида мешуд [3. 172-173]. Дар маҷлисҳо суҳбатҳо бо истифода аз масалҳо барпо мегардиданд. Чунин нақлҳо, бешубҳа, байни қабатҳои гуногуни аҳолӣ ба тавri васеъ тавсеа ёфта буданд. Ин суҳбатҳо диққати шунавандагонро ба худ ҷалб менамуданд. Бо истифода аз ин, Ҷалолуддини Румӣ нақлу масалҳои машҳурро бо мавзуи асосии вазъҳои худ мувофиқ гардонида, он чизе ба ӯ даркориро ба даст меовард. Тафсири масалҳо барои доираи васеи одамон лозим буд.

Тасвири зиндаи Ҷалолуддини Румӣ ин мусобаи шир дар пистони ҷон аст, ки эҳтиёҷ ба кашанда дорад, то равон гардад:

*Ин сухан шир аст дар пистони ҷон,*
*Бе кашанда хуш намегардад равон [108, с. 136].*

Ҳамон тавре ки муҳтавои қисса нишон медиҳад, шунавандаро огоҳ мекунад, ки агар аъзо чашму гуш нагардад, ишқ ва шинохти фаҳм вуҷуд надорад ва қиссаҳо дар шакли саргармӣ боқӣ хоҳанд монд ва заминаи рушду камоли инсон нахоҳанд гардид. Ташвиқи қиссаҳо афкор, бедорӣ ва умеди шунавандаро эҷод мекунад.

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки маҳз зери таъсири суҳбатҳои суфиёна асари Ҷалолуддини Румӣ "Фиҳӣ мо фиҳӣ" навишта шуд. Ин асарро шоир "Фиҳӣ мо фиҳӣ" номид, то ин ки ҳар як хонанда ё шунаванда хулосаи худро барорад.

**Муқарриз: Ахмедова М.С.- н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Арипов М. (Орифи). Из истории педагогической мысли таджикского народа. -Т. 1. – Душанбе: Дониш, 1962. - 161 с.
2. Бертельс Е.С. История персидско-таджикской литературы / Е.С. Бертельс. – М.: Наука, 1960. - 556 с.
3. Бертельс Е.С. Избранные труды // Суфизм и суфийская литература / Е.С. Бертельс. – М.: Наука, 1965. - 522 с.
4. Брагинский И.С. 12 миниатюр. - От Рудаки до Джами / И.С. Брагинский– М.: Наука, 1976. - 310 с.
5. Брагинский И.С. Из истории таджикско-персидской литературы / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1970. - 522 с.
6. Джалаладдин Руми. Притчи в «Маснави». – Душанбе: Гос.изд. Таджикистана, 1963. - 278 с.
7. Джалаладдин Руми. Поэма о скрытом смысле. // Избранные притчи. / (пер. с перс. Наума Гребнева). – М.: Изд.вост.лит., 1986. - 270 с.
8. Джалаладдин Руми. Газели. Притчи. – Душанбе: Адиб, 1988. - 170 с.
9. Измайлов А.Э. Народная педагогика // Педагогические воззрения народов Средней Азии и Казахстана / А.Э. Измайлов. – М.: Педагогика, 1991. - 256 с.
10. Кодиров К. Суфийско-нравственные поучения Джалаладдина Руми / К. Кодиров. – Душанбе: Маориф, 2000. - 27 с.
11. Кодиров К. Концепция «совершенного человека» в таджикско-персидской литературе XI-XII вв. // Санаи и Джалаладдин Руми / К.Кодиров. – Душанбе: Маориф, 2000. - 126 с.
12. Кодиров К. Педагогика и дидактика суфизма / К. Кодиров. – Душанбе: Маориф. 2000. - 168 с.
13. Курбонмамадов А. Эстетическая доктрина суфизма / А. Курбонмамадов– Душанбе: Дониш, 1987. - 107 с.
14. Лутфуллоев М.Л. Возрождение педагогики Аджама / М.Л. Лутфуллоев. – Душанбе: Дониш, 1997. - 148 с.
15. Обидов И.О. Мораль и воспитание в учениях суфизма / И.О.Обидов, С.Сарибаш, К.Кодиров. – Душанбе: Маориф, 1998. - 30 с.


**ПРИНСИПҲОИ АХЛОҚИ УМУМИБАШАРӢ ДАР АШЪОРИ СУФИЁНАИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ**


Дар мақола қайд карда шудааст, ки принсипҳои ахлоқии умумибашарии Ҷалолиддини Балхӣ қуллаи назми тасаввуф буда, «Маснавии маънавӣ» - энсиклопедияи тасаввуф ба шумор меравад. Ақидаҳои Ҷалолиддини Балхӣ иборат аз асолати таълиф аст, ки тамсил дар ашъори тасаввуфӣ аз андарзҳои муаллиф бармеояд: ахлоқ дар ривояти сюжетӣ ҷой дода шудааст. Таъкид мешавад, ки принсипҳои ахлоқии умумибашарии ашъори Ҷалолуддини Балхӣ бояд дар чаҳорчӯбаи тасаввуф дарк шаванд, зеро тасаввуф бузургтарин ва таъсирбахштарин ҷараён дар асрҳои миёна буд. Истиораи принсипҳои ахлоқии инсонӣ дар дидгоҳи Ҷалолиддини Балхӣ рамзҳои суфиёнаро дигаргун месозад, тағйир медиҳад, ба онҳо мазмуни дигар, на тасаввуфӣ, балки панду ахлоқӣ медиҳад. Айният додани инсон ва Худо дар ашъори суфиёна аз сабаби абстракт будани он ба амал меояд ва тавассути истиораи мушаххаси ба таври рамзӣ фаҳмидашаванда, ки ҳар як хонанда ба таври худ дарк мекунад, ифода карда мешавад. Ҳамаи ин ба густариши ҳайратовари ашъори тасаввуфи дар замони Ҷалолиддини Балхӣ мусоидат намуд. Қайд карда мешавад, ки Ҷалолиддини Балхӣ барои ифодаи маҷозии принсипҳои ахлоқии умумибашарӣ аз тамсил, афсона, латифа, қиссаву ривоятҳои дорои хусусияти гуногун ба таври васеъ истифода кардааст. Панду насиҳат дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ», «Маснавии маънавӣ» то ҳадде расидааст. Ин ашъори педагогӣ ва дидактикӣ дар истиораҳои бешумори дорои мазмуни на тасаввуфӣ, балки панду ахлоқиянд. Дар мақола моҳияти образи «инсони комил», на танҳо дар образи бадеӣ, балки бо андешаҳои ибратбахшу тарбиявӣ низ кушода шудааст. Ҷалолиддини Балхӣ ба симои инсони комил чунин хислатҳо, ба монанди имон, некукорӣ, амали хайр, боадолатӣ, самимият, мардонагӣ, саховатмандӣ ва ғайраро нисбат медиҳад.

## ОБЩЕЧЕЛОВЕЧЕСКИЕ МОРАЛЬНЫЕ ПРИНЦИПЫ В СУФИЙСКОЙ ПОЭЗИИ ДЖАЛАЛИДДИНА БАЛХИ

В статье отмечается, -что общечеловеческие моральные принципы Джалалиддина Балхи это вершина суфийской поэзии, а “Маснавии маънави” (“Стихи, обращенные к внутренней сути вещей”) – энсклопедия суфизма. Замысл Джалалиддина Балхи заключается в своеобразии композиции, где притчи в его суфийской поэзии вытекают из сентенций автора: мораль поучения сплетена с сюжетным повествованием. Подчеркивается, что общечеловеческие моральные принципы поэзии Джалалиддина Балхи необходимо понимать в рамках суфизма, ибо суфизм был самым крупным и влиятельным течением средневековья. Метафора моральных человеческих принципов в воззрениях Джалалиддина Балхи трансформирует, преобразует суфийские символы, придает им иное содержание, не мистическое, а морально-этическое. Отождествление человека и бога в суфийской поэзии происходит из-за его абстрактности и выражается посредством конкретной метафоры, понимаемой иносказательно, которую каждый читающий воспринимал по-своему. Все это способствовало изумительному распространению суфийской поэзии в эпоху Джалалиддина Балхи. Отмечается, что для метафорического выражения общечеловеческих моральных принципов Джалалиддин Балхи широко использовал притчи, басни, анекдоты, рассказы и предания различного характера. Нравопоучения получают в “Фиҳи мо фиҳи” (“В ней то, что в ней суть”), “Маснави маънавӣ” (“Стихи, обращенные к внутренней сути вещей”) в бесчисленных метафорах педагогических и дидактических поэм не мистическое содержание, а морально-этическое. В статье также раскрывается сущность образа “совершенного человека” (“инсони комил”), не только как художественного образа, но и как поучительной и назидательной идеи. Джалалиддин Балхи наделяет образ совершенного человека такими качествами, как вера, добродетель, благодеяние, справедливость, искренность, мужество, щедрость и т.д.

## GENERAL HUMAN MORAL PRINCIPLES IN THE SUFI POETRY OF JALALIDDIN BALKHI

The article notes that the universal moral principles of Jalaliddin Balkhi are the pinnacle of Sufi poetry, and Masnavii Manavi (Poems addressed to the inner essence of things) is an ensclopedia of Sufism. The idea of Jalaliddin Balkhi lies in the originality of the composition, where the parables in his Sufi poetry stem from the author's maxims: the morality of teaching is penetrated into the plot narration. It is emphasized that the universal moral principles of Jalaliddin Balkhi's poetry must be understood within the framework of Sufism, for Sufism was the largest and most influential movement in the Middle Ages. The metaphor of moral human principles in the views of Jalaliddin Balkhi transforms, transforms Sufi symbols, gives them a different content, not mystical, but moral and ethical. The identification of man and God in Sufi poetry occurs because of its abstractness and is expressed through a concrete metaphor, understood allegorically, which each reader perceived in his own way. All this contributed to the amazing spread of Sufi poetry in the era of Jalaliddin Balkhi. It is noted that Jalaliddin Balkhi widely used parables, fables, anecdotes, stories and legends of various nature for the metapharic expression of universal moral principles. He achieves moral teachings in “Fihi mo fihi” (“In her is that which is in her”), “Masnavi manavi” (“Poems addressed to the inner essence of things”). These pedagogical and didactic poems are in countless metaphors, non-mystical content, but moral and ethical. The article also reveals the essence of the image of the “perfect man” (“insoni komil”), not only in an artistic image, but also in instructive and edifying ideas. Jalaliddin Balkhi endows the image of a perfect person with such qualities as faith, virtue, grace, justice, sincerity, courage, generosity, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳусейнов Насриддин Муқимҷонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.. Телефон: **(+992) 908-77-75-34**.

**Сведение об авторе***:* ***Хусейнов Насриддин Мукимджонович*** – Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 908-77-75-34**.

**Information about the author:** ***Huseynov Nasriddin Mukimdzhonovich*** - Tajik National University, competitor of the university-wide department of pedagogy **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 908-77-75-34.**

УДК:37.543

# МУРУРЕ БА МАСОИЛИ ТАДРИСИ ХУДШИНОСӢ ВА АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ДАР ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

*Азизов С. Н.*

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар дунёи муосир, ки аз як тараф, дигаргунии низомҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва аз тарафи дигар - пешрафти фановариҳои иттилоотиву иртиботӣ марзи фарҳангу тамаддунҳоро хира сохтаву дар баробари ҷараён додани раванди “муколамаи фарҳангҳо” мунҷар ба “бархӯрди тамаддунҳо” низ гаштааст, пойдории миллатҳо беш аз пеш ба дараҷаи худшиносии миллӣ ва чигунагии муносибати миллат ба арзишҳои фарҳангиву таърихиаш вобаста шудааст. Чунончи, ҷаҳонишавӣ ва ҳамчунин тавсеа додани низоми демократӣ аз ҷониби давлатҳои Аврупо дар сарзаминҳои Шарқ ва Африқо, ки бешак пурзӯртарин ҷараёнҳои дигаргунсозии низомҳои иҷтимоиву сиёсии имрӯз ҳастанд, ба таври нохоста ба фарҳангу тамаддун, расму оин ва урфу одати миллатҳо ва мардуми сарзаминҳои алоҳида бархӯрд карда, ба унсурҳои фарҳангие, ки бар низоми худ мухолиф ва ё дастикам нолозим медонанд, зарба мезананд. Ва ё осон шудани таблиғи ҳар гуна идеология, ҷаҳонбинӣ ва ё фарҳангу урфу одат, ки натиҷаи пешрафти фановариҳост, метавонад бар он хатм шавад, ки қишри аз нигоҳи идеологӣ осебпазири як миллат бо пазируфтани аносири бегонаи фарҳангӣ фарҳангу тамаддуни таърихӣ ва арзишҳои миллии худро ба нобудӣ расонанд. Ҳамин ҷост, ки масъалаи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар қаринаи воқеияти имрӯз масъалаи бақо ва ё фанои ҳар миллат шинохта шудааст.

Баҳси худшиносии миллӣ ва арзишмеҳварӣ дар робита ба шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ печидатар аст. Аз як тараф, хонандагон аз назари равоншиносӣ дар марҳалае аз зиндагӣ қарор доранд, ки ҳанӯз дидгоҳу боварҳо, ҷаҳонбинӣ ва билохира шахсияти онҳо дар ҳоли шаклгирист. Чунин ҳолат дар робита ба шакл додани ҳисси худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои он якбора ҳам ҷанбаи мусбат ва ҳам манфиро дорост. Ҷанбаи мусбати ин ҳолат мавҷуд будани имконияти тарбият додани хонандагон дар руҳияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар марҳалаи аввали ташаккули шахсияти онҳост. Ҷанбаи манфӣ дар он зоҳир мешавад, ки бинобар надоштани пойгоҳи мустаҳками дидгоҳу боварҳои фарҳангу тамаддуни миллӣ кӯдакон метавонанд ба осонӣ зери таъсири таблиғоти ғояҳо, фарҳанг, расму оин ва ҷаҳонбинии ба миллати худ бегона ва ё ҳатто зиддиятнок қарор бигиранд.

Аз тарафи дигар, насли нав, яъне ҳамин хонандагон ҳамчун ояндаи миллату давлат эътироф шудаанд, ки ҷомеа мехоҳад тақдиру ояндаи миллати худро ба онҳо вогузор кунад. Дар ин сурат, бояд ин ҳақиқатро ба хубӣ дарк кард ва пазируфт: насле, ки бе тарбияи худшиносии миллӣ ва ҳисси эҳтиром ба арзишҳои таърихиву фарҳангӣ тарбият меёбад, наметавонад бақои пешиниёни худро ҳамчун миллат таъмин кунад. Ба ибораи дигар, тарбияи хонандагон дар руҳияи худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ на фақат барои имрӯзи миллату давлат зарур ва пураҳамият аст, балки пеш аз ҳама, ба хотири давом ёфтани таърихи миллат дар шароити мураккаби ҷаҳони имрӯзу оянда масъалаи ҳаётан муҳим ба назар мерасад.

Бо назардошти ин ки адабиёти бадеӣ яке аз асоситарин унсури таърих, фарҳанг ва тамаддуни халқи тоҷик ба ҳисоб меравад ва шинохтатарин мероси фарҳангии мо маҳз дар

ин ҳавза офарида шудаанд, метавон чунин натиҷа гирифт, ки тавонмандиҳои адабиёт дар татбиқи масоили худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ бепоён аст. Ҳамин аст, ки омӯзиши адабиёти халқи тоҷик дар муассисаҳои таълимӣ набояд ва наметавонад фақат ба худи адабиёт маҳдуд шавад. Бо ин ҳисоб, дарси адабиёт дар раванди таълим, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти миёна тавре бояд ба роҳ монда шавад, ки хонандагон битавонанд аз тавонмандиҳои тарбияи маънавию ахлоқии адабиёти бадеӣ баҳравар шаванд.

Метавон ба қатъият иддао намуд, ки тамоми офаридаҳои ҷовидонаи бузургони ҳавзаи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик ҷавҳари миллӣ доранд. Шинохту муайян кардани ҷанбаҳои вобаста ба худшиносии миллии офаридаҳои адабӣ бо мақсади омӯзонидани онҳо ба хонандагон яке аз вазифаҳои муҳимми дарси адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёна маҳсуб мешавад.

Сотим Улуғзода яке чеҳраҳои дурахшони адабиёти муосири тоҷик аст, ки дар раванди эҷоди асарҳояш ҳамвора ба таърих, фарҳанг, тамаддун ва ҷойгоҳи миллати тоҷик таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Дар ин роҳ мақоми насри таърихии Сотим Улуғзода баланд арзёбӣ шудааст. Романҳои “Фирдавсӣ”, “Восеъ” ва қиссаи “Ривоти суғдӣ” аз ҷумлаи машҳуртарин намунаҳои насри таърихии Сотим Улуғзода ба ҳисоб меравand, ки дар барномаҳои дарси адабиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷой дода шудаанд. Дар ин асарҳо нависанда зимни муроҷиат ба таърихи халқи худ бо мақсади муаррифӣ ва арҷгузорӣ ба гузаштаи пурифтихор ва пурғановати миллати тоҷик тавре асарофаринӣ кардааст, ки дар натиҷа заминаи хубе барои истифодаи ин осор дар раванди тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ муҳайё гардидааст.

Агарчи насри Сотим Улуғзода, бахусус насри таърихии ӯ, дар илми адабиётшиносӣ ба таври густарда нақду баррасӣ шудааст, аммо дар пажӯҳишоти педагогӣ дар ин робита коре анҷом нагирифтааст. Дар ҳоле ки насри таърихии ин нависандаи забардасти халқи тоҷик дар робита ба тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ аз тавонмандиҳое бархӯрдор аст, ки метавонад сатҳу сифати таълиму тарбия дар ин роҳро куллан тағйир бидиҳад.

Агарчи худи баҳси худшиносии миллӣ (на худшиносӣ, ки ба фард ихтисос мегирад) фақат дар асри XX вориди доираҳои илмӣ гардидааст, бо вуҷуди ин, пажӯҳишоти пурмоя ва ҷолиби бисёре дар ин замина сурат гирифтааст. Дуруст аст, ки ин пажӯҳишот фақат дар доираи як илми муайян сурат нагирифтаанд, балки баҳси худшиносии миллӣ қариб дар тамоми улуми инсонӣ таҳқиқ шудааст. Албатта, дар ин раванд нақши илмҳои фалсафа, равоншиносӣ ва педагогика муҳимтар ба назар мерасад.

Шинохтатарин пажӯҳишгарони аврупоии мавзуи мавриди баҳси мо М. Баррет [31], Ҷ. Мак [34], Ҳ. Кон [32], Р. Костерман [33], Р. Шотс [35] ҳастанд, ки ҳам дар масъалаи назарияи худшиносии миллӣ ва ҳам дар таҳлили равандҳои ташаккул ва иқтидоргирии ин падида дар ҷомеаҳои аврупоӣ таҳқиқот гузаронидаанд.

Бо пайдоиши назарияи миллат дар таҳқиқоти илмӣ олимони шуравӣ ҳам ба пажӯҳиши масоили назариявии худшиносии миллӣ пардохтанд, ки дар ин миён осори илмии А. Г. Агаев [2], Ю. В. Бромлей [5], А. Ф. Дашдамиров [10], Ю. И. Семенов [24], А. С. Токарев [25], Н. Н Чебоксаров [28] дар ҷараён гирифтани пажӯҳишоти баъдӣ дар ин самт нақши калидӣ доранд.

Ҳамчунин, шоёни зикр аст, ки муҳаққиқони муосири рус, ба монанди С. Абашин [1], А. Г. Здравомислов [14], В. Капитсин [15], мушкилоти марбут бо ҳамбастагии мафҳумҳои иҷтимоии монанди миллат, натсионализм, худшиносиро аз дидгоҳи рӯйкардҳои

методологии ҷадид ва бештар бар равишҳои сохторгароии иҷтимоӣ ва абзоргароии ақлонӣ ба таври ҷиддӣ мавриди таҷзия ва таҳлил қарор додаанд.

Дар ин миён шумори қобили таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ ҳам дар мавриди паҳлуҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва сиёсиву педагогии масоили худшиносии миллӣ пажӯҳишоти методологӣ анҷом додаанд. Дар ин маврид зикри ному кори М. Ғаффорова [6], М. Диноршоев [12], Х. Додихудоев [13], К. Бекзода [4], Н. Орифҷонова [3], С. Сафаров [23], Ф. Турсунов [26], С. Ҷононов [11], С. Давлиёрова [19], М. Ғафуров [7], М. Турсунова [27] зарур ба назар мерасад.

Масъалаи дараҷаи омӯзиши паҳлуҳои педагогии масоили худшиносии миллиро метавон бо зикри кори муҳаққиқи ватанӣ Муборак Турсунова – "Хусусиятҳои педагогии шаклгирии худшиносии миллӣ (дар мисоли муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии фарҳангиву ҳунарӣ)" баррасӣ кард. Дар ин рисолаи номзадӣ муҳимтарин паҳлуҳои назариву таҷрибавии мавзуи мавриди баҳс таҳқиқ шудаанд, аммо бинобар аввалин кори илмии ватанӣ будани ин пажӯҳиш дар самти татбиқи масоили худшиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва пайдоиши назариёти нисбатан тоза дар ин маврид ин пажӯҳиш аз назари педагогикаи муосир нокомил ба назар мерасад.

Ҳамчунин, дигар пажӯҳишгарони тоҷик, аз қабили М. Лутфуллоев [19], Ф. Шарифзода [30], И. Каримова [16], К. Қодиров [18], М. Орифов [21], А. Паҳлавонов [22], А. Нуров [20], Ҳ. Қаюмова [17], Д. Шарифова [29], Ф. Гулмадов [8] дар масъалаҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи миллӣ, ҷараён додани раванди таълим дар роҳи башардӯстӣ, эҷоди назарияи таълими фарогир бо назардошти тарбияи хонандагон дар руҳияи эҳтиром ба забон ва адабиёти миллӣ, назарияи пайдоиши андешаҳои педагогии миллати тоҷик дар давраҳои алоҳида, таъсири расму оини миллӣ ба тарбияи кӯдакони томактабӣ, арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, умумибашарии хонандагон ва ҷавонон, фарҳанги рафтори хонандагони синфҳои поёнӣ дар оила, мушкилоти тарбияи ахлоқӣ-ватандӯстии хонандагон дар асоси рушди тафаккури интиқодӣ, худогоҳии хонандагон дар раванди таҳсил, тарбияи ватандӯстӣ, сулҳхоҳӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон дар асоси фарҳанги педагогии тоҷикон, асосҳои назарии шаклгирии боварҳои маънавию ахлоқии хонандагон корҳои арзишманд ва мондагор анҷом додаанд.

Чунончи, мурури корҳои анҷомшуда нишон медиҳад, то ҳанӯз масъалаи татбиқи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар раванди таълиму тарбияи хонандагон бо истифода аз методу усулҳои педагогии таҳқиқи илмӣ пажӯҳиш нашудааст. Гузашта аз ин, масоили муайян сохтани тавонмандиҳои дарсҳои адабиёти тоҷик дар роҳи тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, барномарезии методҳои истифода аз осори адабӣ дар тарбияи худшиносии миллӣ, моделсозии худи раванди тарбияи худшиносӣ, равишҳои муассирсозии тарбияи худшиносӣ ва тарвиҷи арзишҳои миллӣ дар дарсҳои адабиёт, ҳамчунин тавонмандиҳои насри таърихии Сотим Улуғзода дар роҳи тарбияи худшиносии миллӣ комилан аз назари илми педагогикаи тоҷик дур мондаанд.

Дар ҳоли ҳозир зарурати тарбият додани эҳсоси худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ дар вуҷуди хонандагон, ки битавонад натиҷаҳои лозим ва дарозмуддат бидиҳад, ба миён омадааст. Дар шароити муосири такмил ва ислоҳоти соҳаи маориф таҷзияву таҳлили ин масъала ҳам дар самти илмӣ-таҷрибавӣ ва ҳам дар самти методологӣ арзишманд ба назар мерасад.

Тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси осори адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, аз ҷумла насри таърихии Сотим

Улуғзода, муассир мегардад, агар ба таври муназзам ва ҳадафмандона аз тавонмандиҳои осори адабии миллӣ дар роҳи тарбияи худшиносии миллӣ ва эҳтирому ифтихор аз арзишҳои фарҳангӣ дар дарсҳои адабиёт истифода шавад.

Дувум, қонунмандиҳои педагогӣ, равоншиносӣ ва эстетикии тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллии хонандагони синфҳои болоӣ, ки аз ҷумлаи сифатҳои маънавии барои шахсият ва ҷомеа зарурӣ ва ҳамчунин, яке аз равишҳои афзоиш додани нишондиҳандаҳо дар раванди омӯзиш ва донишандӯзии онҳо ба ҳисоб меравашд, мушаххас карда шаванд.

Савум, аз миёни осори адабии дар барномаҳои дарси адабиёт ҷойдошта асарҳои ба руҳия ва сатҳи худшиносии миллӣ ва ҳисси эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ муассир таҷзия ва таҳлил карда шаванд.

Чаҳорум, бо истифода аз донишҳои педагогӣ ва равоншиносӣ раванди шаклгирии худшиносии миллӣ ва ҳисси эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Панҷум, дар ҷараёни таълиму тарбияи фаъол аз дарсҳои ғайримаъмулӣ, ки ба ташаккули унсурҳои тафаккури бонизоми хонандагони синфҳои болоӣ дар атрофи масъалаи худшиносии миллӣ ва қонеъсозии ниёзҳои донишандӯзии онҳо равона шудааст, истифода шавад.

Ба андешаи мо, барои ҳамаҷониба дар мисоли насри таърихии устод Улуғзода татбиқ намудани масоили худшиносӣ ва арзишҳои миллӣ омӯхтан ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани моҳият, мафҳум ва ҳамчунин мушаххасоти сифатии унсурҳои тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ аз назари фалсафӣ ва равоншиносӣ-педагогӣ, муайян кардани шароити муассири педагогии истифодаи тавонмандиҳои дарсҳои адабиёти тоҷик дар мактабҳои миёна, ки руҳияи худшиносии миллӣ ва ҳисси эҳтирому ифтихор аз арзишҳои фарҳангиву таърихии хонандагони синфҳои болоиро боло мебарад, инчунин омӯзиши масъалаи инъикоси мавзуъҳои худшиносӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ дар насри таърихии Сотим Улуғзода, таҳия ва роҳандозӣ кардани модели ҷараён ва асосҳои тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар системаи таҳсилот ва ниҳоят - таҳияи равишҳои интихоби осори адабӣ дар масоили алоҳидаи тарбияи худшиносӣ ва тарвиҷи арзишҳои миллӣ дар мисоли насри таърихии Сотим Улуғзода зарурат дорад.

Дар робита бо татбиқи ин масъала, яъне татбиқи масоили худшиносӣ ва арзишҳои миллӣ дар раванди таълими адабиёти тоҷик дар мисоли насри устод Улуғзода аз ҷониби мо дар се давра бархе корҳои мушаххас иҷро шуданд. Чунончи, дар марҳалаи аввал масъалаҳои назарӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Адабиёти илмӣ, адабӣ, таърихӣ, педагогӣ, методии ба мавзуи таҳқиқ алоқаманд баррасӣ ва таҳлил шуданд. Омӯзиши моҳият, мафҳум ва хусусиятҳои равонӣ-ахлоқии худшиносӣ, худшиносии миллӣ ва ҳисси ифтихор аз арзишҳои миллӣ, масъалаи тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ анҷом гирифт. Мубрамияти мавзуъ, асосҳои назариявии пажӯҳиш муайян ва рӯйкардҳои илмӣ ба ташкили пажӯҳиш коркард шуданд. Омӯзиш ва шарҳи сарчашмаҳои барои анҷоми пажӯҳиш лозим сурат гирифт.

Дар давраи дувум баъзе таҷрибаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида шуданд. Ҳамчунин, дар ин давра таҳлили таҷрибаи педагогии муассисаҳои таълимӣ анҷом ёфт, баъзе норасоиҳои ҷараёни тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ миёни хонандагони синфҳои болоӣ мушаххас шуданд. Таҳияи маводҳо барои

баргузории озмоишҳои педагогӣ дар масъалаи тарбияи асосҳои худшиносии миллӣ ва тарвиҷи арзишҳои фарҳангӣ сурат гирифт. Озмоиши таквинӣ гузаронида шуд, ки ворид намудани ғояҳои ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳисси ифтихору эҳтироми арзишҳои фарҳангиву таърихии миллӣ ба раванди таълими дарсҳои адабиётро дар назар дорад.

Дар давраи сеюм натиҷаҳои пажӯҳиш ба ҳам оварда шуданд. Дар ин давра натиҷаҳои корҳои озмоишӣ коркард шуданд, роҳҳои ворид кардани натиҷаҳои пажӯҳиш ба фаъолияти кории педагогон баррасӣ гардиданд, натиҷаҳои алоҳидаи пажӯҳиш миёни педагогҳо муаррифӣ ва ташвиқ шуданд.

Бояд гуфт, ки чунин иқдом, яъне дар мисоли осори адабии нависандагону шуарои бузурги мо дар ниҳод ва мағзи толибилмони макотиби миёна ҷойгузин намудани арзишҳои миллӣ ва дуруст фаҳмонидани масъалаҳои худшиносӣ, чи инфиродӣ ва чи умумимиллӣ, иқдоми беҳтарин муассиртарин дар илми педагогика мебошад. Осори бузургони адабиёт, аз ҷумла насри таърихии устод Улуғзода беҳтарин омӯзаҳое доранд, ки чун воситаи аёнӣ масъалаҳои бисёр мушкилфаҳми худшиносиву арзишҳоро барои хонандагон пешниҳод мекунад ва фаҳму дарки онҳоро осон мегардонад.

**Муқарриз: Ахмедова М.С.- н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абашин С. О самосознании народов Средней Азии (как Александр Игоревич поспорил с Джоном) / С.Абашин // Восток. -1999. - № 4. – С. 115-124.
2. Агаев А. Г. Нация и ее сущность, и самосознание / А. Г. Агаев // Вопросы истории. -1967. -№7; Козлов В. И. Проблема этнического самосознани я и ее место в теории этнос а / В. И. Козлов // Сов. этнография, 1974 . - №2. – С. 47-53.
3. Арифджанова Н.Р. Национальная идея таджикского народа как предмет социально-философского анализа: Автореф. канд. фил. Наук / Н.Р. Арифджанова. - Душанбе, 2004. – 26 с.
4. Бекзода К. Аз таърихи худшиносии точикон. – Душанбе, 2006. – 284 с.
5. Бромлей Ю. В. Этносоциальные процессы: теория, история, современность / Ю. В. Бромлей. - М.: Наука, 1987.
6. Гафарова М. К. Общественное сознание (особенности его обновления) / М. К.Гафарова, В.А. Фомина. – Душанбе, 2001. – 247 с.
7. Гафуров М.О. Социально-философский анализ межнациональных отношений в контексте национального самосознания: Автореф. канд. пол. Наук / М.О. Гафуров. - М., 1998. – 27 с.
8. Гулмадов Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов: Автореферат дис…док-ра пед. наук / Ф. Гулмадов. - Душанбе, 2016. - 45 с.
9. Давлиёрова С.Т. Национальное самосознание: социально-философский анализ: Автореф. канд фил. Наук / С.Т. Давлиёрова. -Душанбе, 2007. – 24 с.
10. Дашдамиров А. Ф. К методологии исследовани я национально психологических проблем / А. Ф. Дашдамиров // Сов. этнография, 1983 . - № 2.
11. Джононов С. Формирование национального самосознания в условиях государственного строительства Таджикистана: Автореф. д-ра пол. Наук / С.Джононов. - Душанбе, 2010. – 54 с.
12. Диноршоев М. О некоторых принципах философии национального мира / М. Диноршоев // Фонус. – 2001. № 3. – С. 48-52.
13. Додихудоев Х. Регионализм как феномен общественного сознания / Х.Додихудоев // Известия АН. Серия философия и правоведения. – 2001. - №1-4.
14. Здравомыслов А. Г. Фундаментальные проблемы социологии конфликт а и динамика массового сознания / А. Г.Здравомыслов // Социологическое исследование. -1993. - № 8. – С. 113-132.
15. Капицын В. М. Национальная идентификация и политико-правовые стратегии государства // Национальный вопрос и государственное строительство / В. М. Капицын. - М., 2001. – 548 с.
16. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы: Автореф. дисс. … докт. пед. наук / И.Х. Каримова. – Душанбе, 2000. – 50 с.
17. Қаюмова Х. Т. Воспитания патриотизма, миролюбия и толерантности учащихся начальных классов на основе педагогической культуры таджиков: Дисс... докт. пед. наук / Х. Т. Қаюмова. – Душанбе, 2020. – 304 с.
18. Кодиров К.Б. История воспитания, школы и педагогической мысли таджиков с древнейших времён по возникновения ислама: автореф. дисс. на соиск.док.пед. наук / К.Б. Кодиров. - Душанбе, 2000. – 51 с.
19. Лутфуллоев М. Тарбияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ. Маҷмуаи мақолаҳо / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 1999. – 138 с.
20. Нуров А. Кори якҷояи оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол / А. Нуров. - Душанбе, 1989. – 267 с.

21. Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи точик. – Душанбе: Нашрдавточик. - 1962. – 143 с.
22. Паҳлавонов А. Афкори педагогии халқи точик дар асрхои X-XII: Автореф. докт. илми пед./ А. Паҳлавонов. – Душанбе, 1995. – 42 с.
23. Сафаров С.С. Социально-политические особенности национальных и религиозных проектов в Таджикистане // Динамика развития национальных и религиозных проектов в Центральной Азии / С.С.Сафаров. – Душанбе, 2006.
24. Семёнов Ю. И. Развитие общественно-экономических формаций и объективная логика эволюции религии / Ю. И.Семёнов // Вопросы научного атеизма. Вып. 20. Актуальные проблемы истории атеизма и религии / Редкол. А. Ф. Окулов (отв. ред.); Акад. обществ. наук ЦК КПСС. Ин-т научного атеизма. – М.: Мысль, 1976. – С. 43– 61. – 327 с.
25. Токарев С. А. Проблема типов этнических общностей / С. А. Токарев // Вопросы философии. -1964. - № 11. – С. 59-64.
26. Турсунов Ф.А. Социокультурные особенности становления и развития национального самосознания (на примере таджикского народа): Автореф. канд ист. наук / Ф.А. Турсунов. - Душанбе. 2002. – 28 с.
27. Турсунова М. Г. Педагогические особенности формирования национального самосознания (на примере средних специальных учебных заведений культуры и искусств Республики Таджикистан): Автореферат канд. пед. наук. 13.00.01 / М. Г. Турсунова. – Душанбе, 2005. – 24 с.
28. Чебоксаров Н. Н. Народы. Расы. Культуры / Отв. ред. Ю. В. Бромлей. – 2-е изд. испр., доп. / Н. Н.Чебоксаров, И. А.Чебоксарова. – М.: Наука, 1985. - 271 с.
29. Шарипова Д. Я. Теоретические основы преобразования нравственно – патриотического воспитания младших школьников на основе развития критического мышления: Автореф... дисс. докт. пед. наук / Д. Я. Шарипова. – Душанбе, 2012. - 54 с.
30. Шарифзода Ф. Педагогика. Назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 544 с.
31. Barrett, M., Lyons, E., & del Valle, A. (2004). The development of national identity and social identity processes: Do social identity theory and self-categorization theory useful heuristic frameworks for developmental research? In M. Bennett & F. Sani (Eds.), The development of social self (pp. 159–188). Hove: Psychology
32. Kohn, H. (1994). Western and eastern nationalism. In J. Hutchinson & A. D. Smith (Eds.), Nationalism (pp. 162–165). Oxford: Oxford University Press.
33. Kosterman, R., & Feshbach, S. (1989). Toward a measure of patriotic and nationalistic attitudes. Political Psychology, 10(2), 257–274.
34. Mack, J. E. (1983). Nationalism and the self. Psychohistory Review, 11 (2–3), 47–69.
35. Schatz, R. T., & Lavine, H. (2007). Waving the flag: National symbolism, social identity, and political engagement. Political Psychology, 28(3), 329–355.

## МУРУРЕ БА МАСОИЛИ ТАДРИСИ ХУДШИНОСӢ ВА АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ДАР ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи омӯзгорӣ ва илми педагогика – дар асоси таълиму тадриси осори адабии бузургони адабиёт, аз ҷумла насри таърихии Сотим Улуғзода ба хонандагони муассисаҳои таълимии умумии миёна расонидан ва фаҳмонидани масъалаҳои худшиносӣ ва бархе арзишҳои миллӣ ихтисос дорад.Баҳси худшиносии миллӣ ва арзишмеҳварӣ дар робита ба шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити кунунӣ хеле печида аст. Аз як тараф, хонандагон аз назари равоншиносӣ дар марҳалае аз зиндагӣ қарор доранд, ки ҳанӯз ҷаҳонбинӣ ва шахсияти онҳо дар ҳоли шаклгирист. Чунин ҳолат дар робита ба шакл додани ҳисси худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои он якбора ҳам ҷанбаи мусбат ва ҳам манфиро дорост. Ҷанбаи мусбати ин ҳолат мавҷуд будани имконияти тарбият додани хонандагон дар руҳияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар марҳалаи аввали ташаккули шахсияти онҳост. Ҷанбаи манфӣ дар он зоҳир мешавад, ки бинобар надоштани пойгоҳи мустаҳками дидгоҳу боварҳои фарҳангу тамаддуни миллӣ кӯдакон метавонанд ба осонӣ зери таъсири таблиғоти ғояҳо ва ҷаҳонбинии ба миллати худ бегона қарор бигиранд. Ба андешаи муаллиф, барои ҳамаҷониба дар мисоли насри таърихии устод Улуғзода татбиқ намудани масоили худшиносӣ ва арзишҳои миллӣ таҳия ва роҳандозӣ кардани модели ҷараён ва асосҳои тарбияи худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар системаи таҳсилот ва ниҳоят - таҳияи равишҳои интихоби осори адабӣ дар масоили алоҳидаи тарбияи худшиносӣ ва тарвиҷи арзишҳои миллӣ дар мисоли насри таърихии Сотим Улуғзода зарурат дорад.

**Калидвожаҳо:** худшиносӣ, худшиносии миллӣ, арзишҳои миллӣ, таълим, хонанда, тарбия, насри таърихӣ, ҷаҳонбинӣ, ғоя, раванд, ташаккул, эҳсос.

**ОБЗОР ВОПРОСОВ ОБУЧЕНИЯ САМОПОЗНАНИЮ И НАЦИОНАЛЬНЫМ ЦЕННОСТЯМ В СОВРЕМЕННОЙ ПЕДАГОГИКЕ**

Статья посвящена одному из важнейших вопросов в области педагогики - на основе преподавания великих литературных произведений, в том числе исторической прозы Сотима Улугзода разъяснять учащимся общеобразовательных школ вопросы национального самосознания и некоторых национальных ценностей. Дискуссия о национальном самосознании и ценностях применительно к идентичности учащихся средней школы очень сложна в нынешних условиях. С одной стороны, учащиеся средних школ психологически находятся на том этапе жизни, когда их мировоззрение и личность еще только формируются. Эта ситуация имеет как положительные, так и отрицательные стороны с точки зрения формирования чувства национального самосознания и уважения к его ценностям. С положительной стороны есть возможность воспитывать учащихся в духе самопознания и защиты национальных ценностей на ранних этапах развития личности. Минус в том, что из-за отсутствия прочной базы взглядов и убеждений национальной культуры и цивилизации дети легко поддаются влиянию пропаганды идей и мировоззрений, чуждых их нации. По мнению автора, для комплексного применения вопросов самопознания и национальных ценностей на примере исторической прозы Сатима Улугзаде необходимо разработать и реализовать некую модель процесса и основы самопознания и защиты национальных ценностей в системе образования и, наконец, необходима целенаправленная пропаганда национальных ценностей на примере исторической прозы Сатима Улугзаде.



**Ключевые слова:** самосознание, национальное самосознание, национальные ценности, обучение, воспитание, учащиеся, историческая проза, мировоззрение, идея, процесс, формирование, чувство.



**REVIEW OF TEACHING SELF-KNOWLEDGE AND NATIONAL VALUES IN MODERN PEDAGOGY**

The article is devoted to one of the most important issues in the field of pedagogy - on the basis of teaching great literary works, including the historical prose of Sotim Ulugzod, to explain to students of secondary schools the issues of national identity and some national values.The discussion about national identity and values in relation to the identity of secondary school students is very difficult in the current conditions. On the one hand, secondary school students are psychologically at the stage of life when their worldview and personality are still being formed. This situation has both positive and negative aspects in terms of the formation of a sense of national identity and respect for its values.On the positive side, there is an opportunity to educate students in the spirit of self-knowledge and protection of national values in the early stages of personality development. The downside is that due to the lack of a solid base of views and beliefs of national culture and civilization, children are easily influenced by the propaganda of ideas and worldviews that are alien to their nation.According to the author, for the complex application of issues of self-knowledge and national values on the example of the historical prose of Satim Ulugzade, it is necessary to develop and implement a certain model of the process and the basis for self-knowledge and the protection of national values in the education system and, finally, targeted promotion of national values is necessary on the example of the historical prose of Satim Ulugzade.



**Key words**: self-consciousness, national self-consciousness, national values, education, upbringing, students, historical prose, worldview, idea, process, formation, feeling.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Азизов Сафарбек Нуриддинович–*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, устоди кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиш. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, Телефон: **(+992) 905-99-88-31.**

**Сведение об авторе:** ***Азизов Сафарбек Нуриддинович*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, переподаватель кафедры педагогики факультета педагогики и физической культуры. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар. Телефон:.**: (+992) 905-99-88-31.**

**Information about the author:** ***Azizov Safarbek Nuriddinovich-*** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Pedagogy, Faculty of Pedagogy and Physical Education. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Tel.: **(+992) 905-99-88-31.**

УДК:37.018.1-

# ТАШХИСИ МАВҚЕИ ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИЁТИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН

*Бобоҷонова Н.Д., Мансурова А.Р.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Таъсири институти оила дар синну соли наврасӣ ва дар тули тамоми ҳаёти инсонӣ давом мекунад. Тавре ки И.С.Кон нишон медиҳад: "Нақши оиларо ҳамчун ҳуҷайраи ибтидоии ҷомеа ва омили муҳимми иҷтимоишавӣ муболиға, яъне аз ҳад зиёд нишон додан мушкил аст, чунки меҳру муҳаббат ва ғамхории бевоситаи волидайн метавонанд ҳамон меҳрубониву навозишкории ҳиссиёти табиии инсониро таъмин созанд, ки фардро ҳамчун шахсият мукаммал ва бой месозад, оила ҳамчун гурӯҳи ибтидоӣ баромад менамояд, ки дар он иртиботи маҳрамонаи на танҳо фарзандон ва волидайн, балки ҳам наврасони синну солашон мухталиф байни ҳам амалӣ менамоянд" [6, с.108]. Дар ҳақиқат, муносибати дуҷониба, яъне оила ба наврасон ва наврасон ба оила муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин бобат таҳлили оила аз мавқеи наврас ва баҳодиҳӣ ба рафтору кирдор ва фаъолияти волидайн аз нигоҳи наврас зарур буда, ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон омили таъсиррасон ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон кадом омилҳо ба таври мусбӣ ё ба таври манфӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд, дар равоншиносӣ яке аз масъалаи пурбаҳс мебошад. Олимон бештар доир ба тағйироти таркиби оила, афзоиши миқдори оилаҳо бо як волидайн, шумораи талоқ, ҳолатҳои истиқомати алоҳидаи волидайн, ки дар оянда оилаи навро бунёд месозанд, кори тадқиқотӣ бурда, нишон доданд, ки имрӯзҳо чунин оилаҳо, ба мисли "омехта", "барқароршуда", "қабулшуда" афзун гаштаанд [7, с.49]. Муносибати байни аъзоёни оила дар чунин оилаҳо ба тарз ва хислатҳои мухталиф арзёбӣ гардида, на дар ҳама ҳолатҳо якдигарфаҳмӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ ба назар мерасад. Зеро дар чунин оила фарзандон аз оилаҳои пешина ва фарзанди умумии оиларо фаро мегирад. Аз ин ҷо, оилаи омехта аз нуқтаи назари фарзандон аз оилаҳои пешин "қабулшуда" ва фарзанди умумии оилаи навбунёд – оилаи комил эътироф мегардад.

Олимон ишора менамоянд, ки дар тадқиқоти худ Кларк-Стюарт муносибатҳои сетарафаро дар аксари оилаҳо нишон дода, таъкид намудааст, ки таъсири модар ба фарзанд хислати бевоситаро доро аст, ҳол он ки падар ба фарзанд бештар тавассути модараш, яъне ғайримустақим таъсир мерасонад. Фарзанд бошад, бештар ба ҳарду - падару модар ба таври мустақим таъсир мерасонад [6, с.110]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки фарзандон ба меҳру муҳаббат ва ғамхории волидайн ниёз доранд ва дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии онҳо он ҳамчун меъёри асосӣ баромад мекунад.

Замони ҳозира пур аз тазод, гуногунрангии ҳаёти инсонӣ, тақдири эшон, масъулияти гуногуни волидайн нисбати фарзандони хеш арзёбӣ мегардад. "Аксари падару модарон доир ба муносибати боварибахш бо наврасон андеша менамоянд. Чунин муносибати дуруст ба наврас имконият медиҳад, ки мушкилиҳои бавуҷудояндаро паси сар намояд. Дар ин ҳолат, дар синну соли наврасӣ, ӯ тамоми хушбахтӣ ва хурсандиҳо, инчунин бадбахтиҳои худро бо ҳам мебинанд. Муҳимаш он аст, ки дар ӯ ҳиссиёти аз ҳама муҳим – ҳиссиёти муҳофизатӣ пайдо мешавад" [8, с.7].

Намуди муоширати соф ва озод нигоҳи наврасро дигаргун сохта, онҳо дар симои падару модар идеалҳои худро мебинанд ва кӯшиш мекунанд, то ба онҳо монанд шаванд.

Г.Юнусова қайд менамояд, ки “наврас муошират намуда, маҳорати иртиботиро инкишоф медиҳад, санъати мухталифи муоширатро тадқиқ менамояд ва якеи онро интихоб мекунад, ки ба худаш мувофиқат мекунад” [15, с.757-760] Дар ҳақиқат, дар замони муосир ҷустуҷӯ ва истифодаи санъати муошират аз ҷониби наврасон ба таври мухталиф арзёбӣ мегардад. Бархе аз онҳо бо истифода аз чорчӯбаи ахлоқ муоширатро бо ҳамсолон ва калонсолон ба роҳ мемонанд, бархе аз онҳо меъёрҳои ғайриахлоқии рафтору кирдорро мавриди истифода қарор медиҳанд. Маҳз муносибати наврас дар оила аввал аст: “Оила кӯдакро, пеш аз ҳама, ба аъзои оила ва хешовандони хун равона мекунад ва танҳо он вақт ба муҳити иҷтимоии ҷомеа ба умум равона мекунад” [2, с.128-129].

Агар наврас дар тарбияи хеш насиҳатҳои калонсолони оиларо қабул намояд ва дар амал иҷро кунад, он гоҳ ӯ дар оянда мавқеъ ва манзалати худро бе ягон монеа муайян месозад ва мушкилиҳои зиндагиро бо як мароми муайян паси сар мекунад. Олимон ишора менамоянд, дар чунин ҳолат Крайг қайд кардааст, ки нақши бибӣ ва бобо махсусан дар оилаҳои нопурра ва дар он ҳолате, ки агар модар барои кор кардан маҷбур шавад, муҳим мебошад [6, с.131].

Ҳолате, ки наврас дар оилаҳои дуюми падар ё модар бошад, муаммоҳои зиёд бо мушкилиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Ҳаёт собит намудааст, ки пас аз вафоти модар фарзандони мард нисбати зани дуюми падари хеш ноҳурматӣ ва нописандӣ зоҳир мекунанд. Онҳо дар симои зан гунаҳкореро мебинанд, ки ҷойи модари онҳоро гирифтааст. Дар ҳолате ки падар ё хешовандони ӯ ба фарзандон бегуноҳии занро собит насозанд, чунин вазъ шуданаш мумкин аст, ки зани дуюм низ бо фарзанди хеш чунин оиларо партофта меравад. Яъне, оилаи дуюм низ пароканда мешавад. Падар то барпо намудани оилаи дуюм бояд аз ҷиҳати равонӣ фарзандонашро омода намояд ва огоҳ созад, ки зани дуюми ӯ барои фарзандонаш ҳамчун модар мебошад, ки ҳангоми зиндагии умумӣ доштан ба нигоҳубини хона-тозагӣ, пухтупаз, тарбияи фарзанд, дарстайёркунӣ, ҳангоми беморӣ ва амсоли инҳо аҳамият дода, муҳити созгорро дар оила ба вуҷуд меорад.

Чунин ҳолатҳо дар ҷомеаи муосир ва оилаҳо бештар ба назар мерасанд. Азбаски барои зан ҷудо шудан аз оилаи дуюм ору номус мебошад, дар аксари ҳолатҳо онҳо ба чунин мушкилӣ ва муаммоҳои оилавӣ тоқат ва таҳаммул мекунанд. Аз мисоли овардашуда, аён мегардад, ки наврасон аз шахсони бузург ва наздики оилаи хеш бештар бо муносибати нодуруст ва муошировати бераҳмона дучор мегарданд. Аз ин ҷо, бо боварии комил гуфтан метавон, ки мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон муҳим арзёбӣ гардида, дар чунин вазъият таъсири манфии он дар ташаккули шахсияти наврас ба назар мерасад.

Д.Балико чунин қайд намудааст: “Аксари падару модарон аз рӯйи принсипи зерин амал менамоянд: агар аз инсон ҳама чизро кашида гирӣ, сипас нимашро баргардонӣ, он гоҳ ӯ ба ту тамоми умр миннатдор мешавад. Дар ҳақиқат, маҳз аксарият бо чунин тарз муҳаббат ва сипосгузорӣ муваффақ мешаванд. Волидайн фарзандони худро намешунаванд. Дар волидайн ҳамеша ҳадафҳои созанда вуҷуд доранд, ба мисли бедор кардани шавқи китобхонӣ ё дарсомӯзӣ, маҷбур намудан баҳри мадад расонидан ба модар дар иҷрои корҳои хонагӣ, бо медал мактабро хатм намудан, боинтизомӣ, покизакорӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳадафмандӣ, содиқӣ, вафодориро омӯзонидан... Аммо аз рӯйи ин меъёрҳо на ҳамаи ҳадафҳо амалӣ карда мешаванд, ё ки тамоман баръакс мешавад. Дар наврас ҳиссиёти бадбинӣ ба хониш, ба меҳнати хонагӣ, гирифтани маълумот, фарҳанг, маънавиёт ва худи ҳаёт пайдо мешавад. Лекин наврас ин холигиро пурра намуда, машғулияти дигар - интернет, компютер, телевизор, маводи мухаддир ва ғайраро пайдо мекунад” [3, с.14]. Дар

ҳақиқат, агар наврасон зарурати иштирок ва дарки манфиатҳояшро дар муносибат бо волидайн дар оила ҳис накунанд, ҳиссиёти ногувор, эътироф нагардидан, бадбинӣ дар эшон ба вуҷуд меояд. Ғамхорӣ ва меҳру муҳаббати оилавиро дарк нанамуда, дар онҳо кинаю адоват, номеҳрубонӣ нисбати волидайн ва ҳадафҳои созандаи онҳо ба вуҷуд меояд. Ворид шудан ба ҳар гуна гурӯҳҳои "шубҳаовар" ва дӯстони "ғараздошта" ба он оварда мерасонад, ки на танҳо оила, балки тамоми ҷамъият онҳоро маҳкум менамоянд.

Наврасон кӯшиши наздик будан бо падару модар, хоҳару бародар, дӯстону наздикон дошта, итминон доранд, ки дар оила фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва дастгирӣ ҳукмфармо мегардад. Мисол, В.Н. Дружинина чунин фарзияро пешниҳод мекунад: "Кӯдак бештар аз ҷиҳати зеҳнӣ ба волидайн монанд мешавад, ки бо он вай аз ҷиҳати эҳсосот наздик мебошад ва бо ӯ бештар муомила мекунад ва ба ӯ пайравӣ менамояд" [5, с.132]. Аммо на ҳама вақт муошират дар оила ҳисси қаноатмандиро дар наврасон ба вуҷуд меорад.

Дар тадқиқоти М.В.Оршанская маълумотҳое ба даст оварда шудаанд, ки маънои оилаи хубро дар ҷаҳонбинии наврас инъикос менамоянд, ки дар он наврасон ҳиссиёти қаноатмандиро нишон медиҳанд [12, с.18]. Волидайн кӯшиш менамоянд, ки вақти холигии худро бо ҳамроҳии фарзандон гузаронанд, ба театр, музей, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва истироҳатӣ ҳамроҳ раванд. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки падару модарон фаъолияти ҳамҷоя бо фарзандони хешро доранд - китоб мутолиа мекунанд, ҳамроҳ дарс меомӯзанд, ба онҳо мадад мерасонанд, муҳофизат менамоянд. Дар ҳақиқат, "табиист, ки чунин таъсироти мутақобилаи волидайн ва наврасон ба наздикшавии муносибати байни онҳо оварда мерасонад, вазъияти оромиву осудагӣ, амният ва бехатарӣ, боварӣ ба муваффақиятҳои назаррас, имони комил ба оянда ба вуҷуд меояд" [7, с.51].

Қайд кардан бамаврид аст, ки муносибати мусбӣ дар оила асоси иҷтимоишавии мусоид ба ҳисоб рафта, маҳз он наврасро аз вазъиятҳои дохилӣ ва берунии вазнину асабонӣ муҳофизат менамояд. Яке аз вобастагии муҳим ин кӯшиши чун волидайн эътироф гардидан, будан ва қабул гардидани ӯ ба ҳисоб меравад. Ин ҷузъиёти зарурии ташаккули шахсияти наврас шуморида мешавад. Наврасон аз ҳолати ҳиссиётии волидайн вобастагӣ дошта, он хусусияти интиқолиро соҳиб аст. Рад намудан, эътироф накардан, низоъҳои оилавӣ, кайфияти бад ва ногувори калонсолон дар наврасон вазъи номусоидро ба вуҷуд меорад.

В.Г.Казанская вобастагии наврасро аз оила, яъне падару модар чунин дар омӯзиши худ инъикос намудааст [7, с.52]. Комилан диққатро ба худ ҷалб мекунанд. Наврасон кӯшиши сустшавиро аз вобастагии волидайн доранд, қариб 35%-и онҳо иқрор мешаванд, ки ҳатто агар ҷазо гиранд ҳам, ба нияти худ мерасанд. Ҳамин қадар наврасон низ боварӣ доранд, ки амали нолозимаро иҷро намекунанд. Наврасон эътимод доранд, ки падару модарон доир ба манфиат ва шакли машғулияти онҳо ягон маълумоти кофӣ надоранд. Чунин эътирозҳо сол аз сол афзуда, бегонашавиро дар наврасон ба вуҷуд меоранд. Барои 65%-и наврасон кӯшиши ба даст овардани маблағи иловагӣ ва итминону боварӣ ба худ ба вуҷуд меояд [7, с.53].Дар ҳақиқат, оила сарчашмаи муносибатҳои наврас ба ҳаёт эътироф гардидааст. Дар мисоли волидайн ва воридшавӣ ба фаъолияти ҳамҷоя бо онҳо наврасон тарзи ҳаёти онҳоро дар аксар ҳолат такрор менамоянд. Дар заминаи арзишҳои оилавӣ ва қоидаҳои иҷтимоии рафтор мутобиқшавии иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

"Хеле аҷиб аст, ки аксарияти падару модарони ғамхор ва бомасъулият чунин андеша доранд, ки "ман туро ҳақорату дашном ва сарзанишу маломат мекунам, зеро ки дӯст медорам". Аммо наврасон ба чунин тарзи муносибат ҳарчанд зоҳиран розӣ бошанд ҳам,

итминони комил надоранд. Ба мо ва ба фарзандонамон низ танқид шунидан писанд намеояд. Мо ҳеҷ гоҳ боварӣ ҳосил намекунем, ки роҳбаре, ки ҳама вақт моро танқид менамояд, дар асл эҳтиром ва ба таври хуб муносибат мекунад. Бо фарзандон ва волидайн низ чунин аст. Ҳиссиёти манфӣ, ки дар натиҷаи танқид ба вуҷуд меояд, баръакс, таъсироти мухолифро ба вуҷуд меорад. Хулоса, фарзандонро кам танқид ва сарзаниш намудан лозим аст. Танқиди мунтазам ва танбеҳ – ин раванди нохуш ва ногувор ба ҳисоб меравад, ки фарзандонро хеле ғамгин ва парешон, кайфиятро вайрон, хушиҳои зиндагиро заҳролуд месозад ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ва матлуб намеорад. Азбаски муаммоҳо ба таври мунтазам ба вуҷуд меоянд, бинобар ин мо онҳоро ба тарзи дигар ҳал намуданамон лозим аст” [10, с.10]. Албатта, сарзаниш ва танқидҳои мунтазам доираи амал ва рафтору фаъолияти наврасонро маҳдуд месозанд. Наврасон ҳиссиёти бадбинона пайдо намуда, нисбати падидаҳои мухталиф аз нигоҳи манфӣ баҳо медиҳанд. Дар ин ҳолат волидайн бо нигоҳи нек ва суханҳои нек ба наврасон бештар суҳбатҳо доир намуда, бо мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ ва таҷрибаи зиндагии хеш бояд фаҳмонанд, то ки онҳо ҷаҳонбинии васеъ ва кайфияти хуб дошта бошанд, оқибати рафтору кирдори худро дарк намуда, фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва боварибахш дар оила ҳукмфармо бошад.

Н. Литвак чунин қайд намудааст: “Агар мо аз ягон гапи ночиз муаммо созем, он гоҳ фарзандон одат мекунанд, ки ягон амали онҳо писанди мо нест ва дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани муаммои ҳақиқӣ, онҳо комилан боварӣ пайдо намекунанд ва намефаҳманд, ки дар ҳақиқат вазъият ҷиддӣ мебошад. Аммо вақте ки наврас боварӣ дорад, ки ба ӯ беҳуда хӯрдагирӣ намекунанд, он гоҳ дар шумо имконияти бештар пайдо мешавад, ки дар лаҳзаи мураккаб наврас ба танқид ва сарзаниши шумо гӯш диҳад. Нисбати хулқу хӯ ва тинати фарзандони хеш некбинона рафтор намоед”[10.12]. Шахсияти наврасро эътироф намуда, нисбати ташаккули ҷаҳонбинӣ, тафаккур, маънавиёт ва эҳсосоти ӯ аҳамияти ҷиддӣ дода, муносибати некбинона ва боварии ҳамдигарӣ аз ҷониби аъзоёни оила зарур мебошад. Дар ин ҳолат назари наврас нисбати волидон дигаргун гашта, фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром байни онҳо ба вуҷуд меояд.

Эрих Фромм чунин таъкид кардааст: “Яке аз шартҳои муҳим он ба шумор меравад, ки инсони дар ҳаёти наврас нақши муҳимро ишғол намуда, бояд ба имкониятҳои ӯ боварӣ дошта бошад. Мавҷудияти чунин боварӣ тарбия ва фиребгариро тафриқаандозӣ менамояд. Тарбия ин мададрасонӣ ба наврас баҳри амалишавии қобилиятҳои ӯ мебошад. Фиребгариву қаллобӣ баръакси тарбия ба ҳисоб меравад. Чунки ба вуҷуд надоштани боварӣ ва эътиқоди он ки наврас хуб ба воя мерасад, агар калонсолон ба ӯ амалҳои матлуб ворид созанд ва руҳафтода месозад, агар ба ӯ чизи бефоида ва номаъқул диҳанд” [14, с.59]. Дар ҳақиқат, истифодаи механизмҳои созанда ва мусбӣ дар тарбияи наврасон ва бунёди фазои боварии мутақобила дар оила кафолати он аст, ки заминаи мустаҳкам ва бунёдӣ дар ташаккули шахсияти наврасон гузошта мешавад. Муносибат ва муошрати нек бо наврасон ҳиссиёти эҳтироми ҳамдигарӣ ва фазои боэътимодро ба вуҷуд меорад. Ва баръакс. Агар аз ҷониби волидайн муносибати дағалона, дашном ва таҳқирҳо нисбати наврасон истифода гардад, ҳиссиёти беэҳтиромӣ, бадбинӣ, душманӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолат наврасон аз ҷаҳони ботинии худ калонсолонро огоҳ намесозанд, ягон хел иртиботи созанда ба вуҷуд намеояд, масофаи байни волидайн ва наврасон торафт афзун гардида, фазо ва муҳити носозгор ба амал меояд, ки чунин вазъият дар оила силсилаи муаммоҳоро ба вуҷуд меорад.

Э.Фромм қайд менамояд, ки бодиққатӣ дар муносибат бо одамони дигар ин, дар навбати аввал, маҳорати гӯш кардан мебошад [14, с.54]. Агар волидайн наврасонро гӯш карда, хулосаҳои зарурӣ бароварда тавонанд, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дар муносибати мутақобилаи онҳо муҳити ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд меояд. Аксари падару модарон умуман ба фарзандони худ гӯш надода, маслиҳату насиҳатҳои нолозима медиҳанд, манфиат ва ҳадафҳои фарзандони худро дарк намекунанд. Ин ҳолат боис мегардад, ки наврасон ба калонсолони оила ҳиссиёти бовариро гум намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки наврасон ҳамаи он амалу рафторҳое, ки бузургони оила - падару модарон иҷро мекунанд, такрор мекунанд. Дар урфият мегӯянд, ки “падару модар барои фарзандон намунаи ибрат ҳастанд”. Ин ҳақиқатест, ки дар масири таърихи инсонӣ комилан собит гардидааст. Аз ин ҷо, хулоса кардан мумкин аст, ки падару модар чӣ гуна тифоқона ҳамроҳ зиндагӣ намоянд, фазои оилавӣ соф бошад, ҳамон қадар наврасон арзишҳои оилавиро хуб дарк менамоянд. Агар дар оила муҳити созгор ҳукмфармо бошад, он гоҳ фарзандон низ арзишҳои оилавӣ, ба мисли меҳру муҳаббат, эҳтироми ҳамдигарӣ, меҳнатдӯстӣ, иттифоқӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва хислатҳои дигари ҳамидаро аз худ менамоянд. Баръакси ҳол, агар фазои оилавӣ номусоид бошад, ҷанҷолҳо байни аъзоёни оила ба таври тезутунд сурат гиранд, ҳар як узви оила вазифа ва уҳдадории худро ба субот нарасонад, бемасъулиятии калонсолон зоҳир гардад, он гоҳ ояндаи неки чунин наврасонро андеша намудан ғайриимкон мегардад. Наврасони дар чунин оилаҳои носозгор ба воя расида, аз ҷиҳати равонӣ ва ахлоқӣ суст инкишоф ёфта, дар ҷомеа мақом ва мавқеи худро муайян карда наметавонанд. Ин вазъият боис мегардад, ки аз чунин наврасон шахсони ба оила ва ҷамъияти имрӯза нолозим ва манфӣ ба воя расанд. Онҳоро мунтазам маҳкум, танқид ва сарзаниш менамоянд. Падару модарон бо наврасон бештар суҳбатҳои инфиродӣ доир намуда, ҳолати ботинии онҳоро пурсон шуданашон зарур аст. Дар ин бобат З.Некрасова чунин таъкид намудааст: “Бадбахтии қариб тамоми волидайн дар он аст, ки мо ба таври хуб гуфтугӯ менамоем, аммо ба таври бад мешунавем. Барои наврас муҳим аст, ки ӯро шунаванд. Фикру мулоҳизаҳои шуморо вай ба таври кифоя гӯш кардааст, акнун ба ӯ зарур аст, ки андешаи худро иброз намояд. Ва ба таври ҳаққонӣ наврас шуморо гӯш карда метавонад, танҳо пас аз он ки ҳамаи он чизе ки дар ботинаш ҳаст, баён созад. Гӯш кардани фикру андешаи ӯро ёд гиред ва ӯ аз сари нав ба суханҳои шумо гӯш медиҳад” [11, с.268]. Дар воқеъ, ҳаёти имрӯза нишон медиҳад, ки муносибат бо наврасон бештар ба таври яктарафа сурат мегирад, яъне фақат падару модарон фикру мулоҳизаҳо, сарзаниш ва танқидҳои хешро баён месозанду бо ҳамин гӯё ки муаммо ҳал мешавад. Аммо воқеият чунин нест, мушкилиҳо ва муаммоҳои ботинии наврасон ногуфта мемонанд. Вазъи равонӣ ва ботинии наврас дар ҳолати мувозинат қарор намегирад. Савол ба вуҷуд меояд, ки чӣ тавр, бо кадом усул бояд фазои якдигарфаҳмӣ дар оила барқарор карда шавад. Дар чунин ҳолат З.Некрасова истифодаи усулҳои зеринро тавсия медиҳад. Ба мисли: дарёфти лаҳзаҳои зарурӣ-агар наврас худаш суҳбатро оғоз намояд ва дар бораи худ ва дӯстонаш андешаашро иброз намояд, он гоҳ ба волидайн лозим аст, ки ҳама корҳояшро партофта, ба фарзандаш гӯш диҳад; муҳайё намудани шароит-ҳамкории якҷоя бо наврас муҳити созгор барои гӯш кардани ҳамдигар дар муҳити оила ба шумор меравад; ташкили анъанаҳо-саёҳати бегоҳирӯзӣ, ба таври ҳамҷоя омодасозии хӯриш ё хӯроки болаззат ва амсоли инҳо [11, с.267].

Қобили қайд аст, ки тарзи тарбияи писарон аз духтарон фарқ дорад. Дар тарбияи писарон ба падар мақоми хосса вогузошта мешавад. Муҳиммияти шахсияти падар, пеш аз

ҳама, дар он ифода меёбад, ки барои писар ӯ ҳамчун ибрати мардӣ эътироф мегардад. Чунончи, олимон таҳлил намуда, ба нигоҳи А.И. Захаров такя намуданд, ки ӯ ба ҳақиқати пастшавии қобилияти эҳсос дар писарон ҳангоми баҳодиҳии падари майзадаро (дар муқоиса бо писароне, ки падарашон солим ҳастанд) нишон медиҳад [6, с.111]. Тарбияи оқилона ва ғамхоронаи падарӣ ба ташаккули ҷасорату мардӣ дар писарон ва назокату нафосати духтарон мусоидат менамояд. Қайд намудан лозим аст, ки ҳолати равонии писари дар синну соли хурди наврасӣ падараш партофта рафта, нисбат ба оилаҳои комил, аз ҳамсолони худ бештар вобаста гардида, ба худ боварии пастро дорад. Инро И.С.Кон низ тасдиқ менамояд ва ӯ менависад: "Писарон аз оилаи нопурра бо ҳамсолонашон робитаро мушкилтар барпо мекунанд. Набудани падар ба пешравии дарсомӯзӣ ва худҳурматии фарзандон таъсири манфӣ мерасонад, хусусан ба писарон" [9, с.282].Агар писар ба шакли омодаи рафтори падарӣ такя намояд, он гоҳ рафтор ва вазъияти руҳии ӯ бештар устувор мегардад. Дар духтарон набудани падар дар синну соли наврасӣ бештар арзёбӣ мегардад ва онҳо онро ба таври мушкил мегузаронанд. Падарони хуб қобилият ва хоҳиши мадад расонидан ба духтарони худро доранд. Аз ин ҷо, модар фарзандашро дар хона зиндагӣ намуданро меомӯзад, падар бошад, баҳри баромадан ба ҷаҳон мадад мерасонад. Яъне, модар дар дилбастагии пуртаъсир, падар бошад, дар мустақилияти муассир масъулияти хосса дорад. Агар дар оила ба таври мунтазам ҷанҷолҳо рух диҳанд ё яке аз волидон вуҷуд надошта бошад, наврас тарбияи комилро гирифта наметавонад [6, с.113].

Тарбияи имрӯзаи наврасон аз пешина фарқият дорад. Дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон дар замони ҳозира якчанд тамоюли мусбӣ ва манфӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Ҳарчанд меъёр ва принсипҳои тарбия дигаргун нашудаанд, аммо сатҳ ва дараҷаи қабул ва истифодаи он аз ҷониби наврасон ҳархела мебошад. Имрӯзҳо истифодаи интернет аз ҷониби наврасон нисбат ба дигар намуди машғулият, масалан мутолиаи китоб бештар гардидааст. Тамоми волидайн баҳри назорати дар кадом макон будани фарзандони худ ба онҳо телефони мобилӣ харидорӣ мекунанд, ки ин амали эшон натиҷаи мусбӣ ва манфӣ низ дорад. Ба ғайр аз телефони мобилӣ, таҳсил дар мактабҳои хусусии беҳтарин, марказҳои забономӯзӣ, харидории мошинаҳои шахсӣ ва ҳуқуқи истифодаи он, саёҳат дар давлатҳои хориҷа-ин як қисми он шароитҳо мебошад, ки волидайн баҳри фарзандашон муҳайё месозанд. Оилаҳое ҳастанд, ки бо меҳнати ҳаррӯзаи худ зиндагии худро пеш мебаранд ва дар ин ҳолат шароити дар боло номбаршуда муҳайё намегардад. Наврас маҷбур ҳаст, ки барои дарёфти маблағ бо корҳои мавсимӣ машғул гардад. Аз ин ҷо, доираи тафаккури онҳо вобаста ба шароити оилавӣ ба таври маҳдуд ва номувофиқ ташаккул меёбад.

Олимон нигоҳи равоншиноси машҳури олмонӣ А.Адлерро тадқиқ намуда, ба хулоса омаданд, ки ба ақидаи вай муҳаббати солими модар дар натиҷаи ғамхории ҳақиқӣ дар ҳаққи одамон ҷараён мегирад ва ба модар имконият фароҳам меоварад, ки дар фарзандаш манфиати иҷтимоиро тарбия намояд. Агар ӯ танҳо шавҳари худро афзал донад, аз фарзандон ва ҷамъият канораҷӯӣ намояд, фарзандонаш худро фиребхӯрда ва номатлубу нохоҳам ҳис менамоянд. "Дилхоҳ рафтори калонсолон, ки дар фарзандон ҳиссиёти хунукназарӣ ва беаҳамиятиро ба вуҷуд меорад, ба талафи мустақилият ва беқобилиятӣ ба ҳамкорӣ оварда мерасонад. А.Адлер манфиати иҷтимоиро чун нишондиҳандаи солимии равонии шахсият эътироф намудааст. Инкишоф наёфтани онро бошад, сабаби асабоният меҳисобад" [6, с.114].Бояд нигоҳи наврас нисбати рафтору кирдори калонсолони оила чӣ

гуна баҳогузорӣ карда мешавад, ба назар гирифта шавад. Зеро ки ҳисси ифтихор аз падару модар ва оилаи худ маҳз дар синну соли наврасӣ ташаккул меёбад. Баръакси ҳолат низ ҷой дорад. Ҳисси бадбинӣ ва хусумат нисбати волидайн, беэҳтиромӣ ва эътироф накардани онҳо аз тарзи муомилот ва муошират бо фарзандон сурат мегирад. Аз ин ҷо, хулоса баровардан мумкин аст, ки агар фазои оилавӣ солим бошад, он гоҳ дар чунин муҳити соф нигоҳ ва сатҳи инъикоси ҷаҳонбинии наврасон низ ба таври мусбӣ арзёбӣ мегардад. З.Некрасова чунин қайд кардааст: “Ду амалиётҳои мухолиф (сахт нигоҳ доштан ё тамоман дур шудан) аз рӯйи мазмуни худ як хел мебошанд. Ин хоҳиши озод шудан, яъне озодсозии худ аз масъулият аст. Ва дар навбати аввал, он кулли падару модарони серташвиш ва мондашударо фаро мегирад, ки таваҷҷуҳро на ба наврас, балки ба ҳиссиёт ва таассуроти худ медиҳанд. Баръакс амал намоед. Дар навбати аввал доир ба фарзанди эътирозкунанда, доир ба ҳолат ва муаммоҳои ӯ андеша ронед, танҳо пас аз он мушкилиҳои худро фикр кунед. Ҳарду аломатро ҳамҷоя созед. Он гоҳ шумо метавонед сар диҳед, вале ҳамроҳӣ кунед, боздоред, аммо боварӣ ва ҳамдигарфаҳмиро нигоҳ доред. Идора накунед, балки равона намоед” [11, с.265]. Аксари падару модарон нисбати фарзанди наврас бепарвоӣ зоҳир менамоянд. Тақдири онҳоро ба одамони бегона вомегузоранд, наврасон дар кӯча тамоман аз меъёрҳои ахлоқӣ дур ба воя мерасанд. Бархе аз волидон бошанд, тамоми шароитҳоро баҳри фарзандон муҳайё месозанд. Қобили қайд аст, ки ҳар як усули истифодашуда самара ва натиҷаи худро дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон мегузорад.Наврасон аз оилаҳои носозгор волидайни худро ҳамчун одамони ба таври нокифоя таҳаммулпазир қабул менамоянд, ки ба тадбирҳои тарбиявии ҷазодиҳӣ моил мебошанд [16]. Ғайр аз ин, В.Фарес ва К.Ренк таъкид намуданд, ки ҳиссиёти мусбӣ ба модар ва падар бо муаммоҳои нисбатан пасти муассир ва рафторӣ иртибот доранд. Чи қадаре ки дараҷаи ҳиссиёти манфӣ ба модар ва падар баланд бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти муаммои рафтори наврас баланд мебошад. Умуман, муносибати наврасон ба волидайни худ аз ҳаракати наврасон сахт вобастагӣ дорад [17].

Мувофиқи нигоҳи баъзе аз олимон, муносибати наврасон бо калонсолон бештар тағйир меёбад. Новобаста аз дигаргуншавии хислати муошират оила яке аз вазифаҳои муҳимми худ – коммуникативӣ (муошират)-ро ба субот мерасонад. Муошират бо ҳамсолон талаботи иртиботро дар як сатҳ қаноатманд месозад, муошират бо волидайн дар сатҳи мухталиф амалӣ мегардад. Ва чунин муошират низ талаботи наврасон ба ҳисоб меравад. Хислати муошират бо волидайн яке аз меъёрҳои муҳимми шахсӣ - мавқеи шаҳрвандии наврасро ба воситаи муҳокимаи муаммоҳои иҷтимоӣ муайян менамояд [1].

Олимон таъкид менамоянд, ки “дар асоси таҳлили назариявӣ хусусиятҳои муносибати байниҳамдигарии волидайн ва наврасон муайян карда шуд: озодӣ ва мустақилият; нигоҳдории қисми ҳаёти худ аз ҷониби наврас; ивази дараҷаи муошират ба болиғ-болиғ; нишон додани фардияти худ аз ҷониби наврас; зарурияти паст намудани сатҳи назорат; муроҷиат ба наврас баҳри мададрасонӣ ва маслиҳатдиҳӣ” [4, с.103]. Наврас бояд дарк намояд, ки ӯро чун шахсият эътироф менамоянд. Давраи наврасӣ бо воридшавии фарзанд ба ҳаёти болиғ фарқ мекунад, ӯ мустақил ва соҳибихтиёр гардиданро меомӯзад, худро шинохта, ҷойгоҳи худро муайян месозад. Муҳим аст, ки атрофи наврас шароити мусоид баҳри ташаккул ва рушди шахсияти ӯ тавассути идрок, фаҳмиш, таҳсин, дастгирӣ, муттасилӣ, пайдарҳамии амал, асосноксозии талаботҳои худ фароҳам оварда шавад.

С.А.Водяха, Е.С.Дадакина дар дараҷаи эмпирикӣ хусусиятҳои муносиби байнишахсиро дар шакли “наврас-волидайн” аз методикаи тестӣ “Наврасон доир ба волидайн” истифода карда, ба таври зерин инъикос намудаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот онҳо ба хулосаҳои зерин омаданд: писарон нисбатан аз модарон худмухтор буда, муносибат дар заминаи боварӣ ва эҳтиром ба роҳ монда шудааст. “Нисбати духтарон модарон ҷиддӣ буда, серталабӣ зоҳир мекунанд. Умуман, муносибати ҳамаи онҳо бо модарашон ба таври мусбӣ арзёбӣ мегардад, ки аз боварӣ ва эҳтироми ҳамдигарӣ бармеояд. Дар писарон муносибат бо падарон бештар мусбӣ ифода гардида, иззату эҳтироми ҳамдигарӣ ҷой дорад. Муносибати духтарон нисбати падарашон низ хуб буда, худдорӣ ва тамкинро интихоб намуданд. Умуман муносибати ҳамаи онҳо нисбати падарашон дар заминаи эҳтиром ва боварии ҳамдигарӣ ба роҳ монда шудааст” [4, с.104]. Ҳамин тавр, шунидан ва эҳтироми шахсияти наврас аз ҷониби волидайн ба манфиати эшон буда, муҳити созгор ва фазои солимро ба вуҷуд меорад.

**Муқарриз: Юнусова Н.- д.и.п., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Адамовская, О. Н. Особенности нейровегетативного, гормонального и психоэмоционального статуса подростков на начальных этапах полового созревания / О. Н. Адамовская, И. В.Ермакова, Н. Б. Сельверова // Новые исследования. – 2015. – № 3 (44). – С. 27-42.
2. Антонов А.И. Социология семьи / А.И.Антонов, В.М. Медков. - М., 1996.
3. Балыко Д. НЛП для родителей: 11 законов эффективного воспитания подростка / Д. Балыко. - Москва, 2009.
4. Водяха С.А. Особенности отношения подростков к родителям //Психология семьи в современном мире / С.А.Водяха, Е.С. Дадакина Материалы Международной научно-практической конференции 18-19 октября 2017г. -Екатеринбург, 2017. -С.103-120.
5. Дружинин В.Н. Психология семьи / В.Н. Дружинин. - Екатеринбург, 2006.
6. Жукова М.В. Психология семьи и семейного воспитания: конспекты лекций / М.В.Жукова, В.Н.Запорожец, К.И. Шишкина. -Москва, 2014.
7. Казанская В.Г. Подросток: социальная адаптация. Книга для психологов, педагогов и родителей / В.Г. Казанская. -Санкт-Петербург, 2011.
8. Самое важное о воспитаниии подростка. Брошюра ЮНИСЕФ. -Минск, 2016.
9. Кон И. С. Ребёнок и общество / И. С. Кон. — М.: Академия,2003.
10. Литвак Н. Наши хорошие подростки / Н. Литвак. -Москва, 2010.
11. Некрасова З. Перестаньте детей воспитывать, помогите им расти / З. Некрасова. -Москва, 2011.
12. Оршанская М. В. Влияние фрустраций на социализацию подростков: Автореф. дис. канд. психол. наук / М. В. Оршанская. – СПб., 2003.
13. Фромм Э. Искусство любви / Э. Фромм. – М.: Класс, 1990.
14. Юнусова Г. Особенности взаимоотношений родителей с детьми-подростками в полных и неполных семьях / Г.Юнусова // Молодой ученый. – 2015. – № 13. – С. 757-760.
15. Michaels, G. Y., Meese, L. A., Stollak, G. E. Seeing parental behavior through dif-ferent eyes: Exploring the importance of person perception processes in parents and children // Genetic Psychology Monographs. – 1983. – № 107. – P. 3-60.
16. Sherer, D. G., Melloh, T., Buyck, D., Anderson, C., Foster, A. Relation between children’s perceptions of maternal mental illness and children’s psychological adjustment // Journal of Clinical Child Psychology. – 1996. – № 25. – P. 156-169.


## ТАШХИСИ МАВҚЕИ ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИЁТИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН

Оила яке аз ниҳодҳои муҳимми тарбия ва иҷтимоишавии фарзанд мебошад. Аз мавқеи волидон дар оила, муносибати онҳо байни якдигар ва бо наврасон тарбияи ҳиссиёти ахлоқии онҳо муайян карда мешавад. Наврас дар оила барои худ намунаи ибратро интихоб мекунад ва писар ва духтар дар ин маврид намунаи ба худ хосро доранд. Дар оилаи пурра ва нопурра низ тарбияи наврас гуногун сурат мегирад. Агар писар дар оила бе падар тарбия шавад, пас ӯ бо ҳамсолони худ муносибати хуб ба роҳ монда наметавонад. Дар оилаи дуюм муносибати наврасон бо модари нав вазнинтар мешавад, аммо ҳамин тавр низ мавқеи наврас бо падари нав мушкил мешавад ва муаммоҳои дар муносибати наврас ва модари нав, падари нав мавҷуд буда дар равоншиносӣ таҳқиқ шудаанд. Дар оилаи нопурра ва дуюм фарзандҳои тарбияёфта аз волидони худ муносибати гарм ва самимиро пайдо карданашон душвор мешавад ва дар ин муддат ба онҳо намунаи ибрат дигар ашхос мешаванд ва заминаи каҷрафторӣ шуда метавонанд. Ҳангоме ки аз волидонаш

барои худ посухҳои зарурира наврас дарёфт карда натавонад, дар ин ҳолат чунин холигиро шабакаи интернет пурра мекунад. Дар тарбияи ахлоқии наврасон боз таъсири бобо ва бибии онҳо дида мешавад, ки бештар чунин намуд дар оилаҳои нопурра дида мешавад.

**Калидвожаҳо:** оила, тарбия, ҳиссиёти ахлоқӣ, наврас, волидон, рафтори муносиб, намунаи рафтор, пайравӣ.

## ДИАГНОСТИКА РОЛИ СЕМЬИ В ФОРМИРОВАНИИ НРАВСТВЕННЫХ ЧУВСТВ У ПОДРОСТКОВ

Семья является одним из главных институтов воспитания и социализации ребенка. Из положения родителей в семье, их отношений между собой и с подростком определяют этические чувства ребенка. Подросток выбирает для себя образец поведения и подражания, но девушка или парень выбирает себе согласно своему воспитанию. В полной и неполной семье воспитания ребенка также отличается. Если парень воспитывается в семье без отца, то ему будет сложно выстроить хорошие отношения со своими сверстниками. Во второй семье отношения между подростками и новой мамой усложняются, но также положение подростка усложняется в отношении нового отца и проблемы и сложности в отношениях между новой матерью и новым отцом исследуются в различных направлениях психологии. Детям, воспитанным в неполной семье, и во второй семье будет сложно находить теплые и искренние отношения, и в этом случае им образцом подражания могут стать совсем дургие люди, что будет основанием девиантного поведения. Когда подросток не сможет найти подходящего ответа на вопросы и проблемы, которые его волнуют, он будет обращаться в интернет, который будет заполнять пустоту в отношениях и для него станет источником получения информации. На этическом воспитании подростка также оказывают влияние дедушка и бабушка, и такая форма отношенийй в большинстве случаев наблюдается в неполных семьях или когда создается вторая семья матерью или отцом.

**Ключевые слова:** семья, воспитание, этические чувства, родители, поведение подобающее, образец поведения, последовательность.

## DIAGNOSIS OF THE ROLE OF THE FAMILY IN THE FORMATION OF MORAL FEELINGS IN ADOLESCENTS

The family is one of the main institution of upbringing and socialisation of kids. The condition of parents in family their relationship between them and with teenagers is defined ethical feeling of children. Teenager chooses a pattern of behaviour and imitation but girls or boys choose for themselves in accordance with their upbringing. In full and non-full family an upbringing of children also id differ. If boy is upbrought in family without father then for him will be difficult to built good relation with their siblings. In second family the relationship of teenager with mother- in-law also is difficult, but also a condition of teenager will be difficult with father-in-law. Difficulties of problems in relationship between mother-in-law and father-in-law is researched in different trends of psychology. Kids, upbrought in non-full family and second family will be difficult to find a warm and sincere relations and in this case a pattern of imitation for them will be other people that will be a reason of deviant behaviour. When teenager cannot find relevant response for problems and questions which is worried him, he will appeal to Internet which is full out a hole in relations and for him will be source of receiving an information. In ethical upbringing of teenagers also make an influence grandfathers and grandmothers and such form of ralations in major situation is observed in non-full families or when second family wll be built by mather or father.

**Key words:** family, upbringing, ethical feeling, parents, relevant behaviour, behaviour pattern, consistence.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Бободҷонова Назира Дадоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумӣ. **Суроға:** 734700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. Телефон: **92 777-34-69.**
***Мансурова Азиза Рафиқовна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров", дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.. Телефон: 92 770-34-69.

**Сведение об авторах**: ***Бободжонова Назира Дадоевна*** –Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, преподаватель общеуниверситетской кафедры общей психологии. А**дрес:** 734700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова 1.Телефон: **92 777-34-69**.
***Мансурова Азиза Рафиковна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, доцент общеуниверситетской кафедры общей психологии. А**дрес:** 734700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова, 1.Телефон: **92 770-34-69**.

**Information about the authors: *Bobodzhonova Nazira Dadoevna* -** Khujand State University named after academician B. Gafurov, teacher of the general university department of general psychology. **Address:** 734700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue 1. Phone: **92 777-34-69.**
***Mansurova Aziza Rafikovna*** **-** Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Associate Professor of the General University Department of General Psychology. **Address:** 734700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue, 1. Phone: **92 770-34-69.**

УДК:370.889(575.3)

# АҚОИДИ ПЕДАГОГӢ ДАР ШОҲАСАРҲОИ «БӮСТОН» ВА «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ

***Раҳимова Г., Манонова Р.А., Аюбова Д.А., Раҷабова Н.Р.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров,**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар Шероз ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоии худро дар ин шаҳр гирифтааст. Баъд дар мадрасаи «Низомия»-и Бағдод, ки дар он машҳуртарин олимон дарс мегуфтанд, таҳсили худро давом дод ва дониши худро дар соҳаҳои илмҳои гуногуни замонааш такмил дод. Пас аз хатми мадраса ба сафари мамлакатҳои мутамаддини он замон баромадааст. Ӯ ба Ироқ, Шом, Ҳиҷоз, Байтулмуқаддас, Хоразм, Балх, Ҳиндустон ва дигар шаҳрҳо сафар намудааст.

Нависандаи ҷаҳонгаштаю донишандӯхта дар миёнаҳои солҳои 50-уми асри XIII дар шаҳри Димишқ манзил гирифт. Вай дидаю шунидаҳояшро ба риштаи назм кашида, бузургтарин асари худ «Бӯстон»-ро навишт. Охири соли 1257 баъди ғарибиҳои 60-сола ба ватани аслии худ Шероз баргашт ва соли 1258 шоҳасари ҷаҳоншумули дигари худ «Гулистон»-ро навишт.

Саъдӣ ақидаҳои пандуахлоқии худро дар «Гулистон» ва «Бӯстон» баён намудааст. «Гулистон» аз ҳашт боб иборат аст. Дар ҳар як боби он нуқтаҳои дақиқро дар бораи таълиму тарбия ва ахлоқ пайдо кардан мумкин аст. Саъдӣ ба қувваи таълиму тарбия дар ташаккулёбии шахсияти инсон боварии комил дошт. Ба ақидаи Саъдӣ, мақсад аз таълиму тарбия аз он иборат аст, ки кӯдакро бодиёнат, паҳрезкор, хирадманд, сухандон тарбия намояд, то ки дар зиндагӣ дасти ҳоҷат пеши касе дароз накунад. Чунончӣ, дар боби ҳафтуми «Бӯстон» гуфтааст: «Писарро хирадманд ва пахрезкор ба воя расон ва касбу пешаеро мувофиқи имконаш ёд деҳ».

Мақсади асосии таълимро Саъдӣ дар тарбияи ахлоқ, омӯхтани касбу ҳунар донистааст. Чунончи, ӯ фармудааст: «...Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар ҳунар омӯзед, ки мулк ва давлати дунё эътимодро нашояд. Ва симу зар дар сафар маҳалли хатар аст, ё дузд ба як бор бибарад ё хоҳад ба тафориқ бихӯрад, аммо ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда ва агар ҳунарманд аз давлат биафтад ғам набошад, ки ҳунар дар навбати худ давлат аст. Ҳунарманд ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар луқма чинад ва сахтӣ бинад».

Дар ташаккулёбии шахсияти инсон нақши тарбия, таълим, илму дониш, муҳит ва дигар омилҳоро муҳим шуморидааст. Омӯзишу парвариш, аз нуқтаи назари Саъдӣ, вақте натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки таълиму тарбия муфид бошад, ба илму амал равона шуда бошад. Саъдӣ тарбияро яке аз омилҳои асосии ташаккулёбии шахсияти инсон шуморида, чунин гуфтааст:

*В-одамиро, ки тарбия накунӣ,*
*То ба садсолагӣ харе бошад!*

Умуман, Саъдӣ ирсиятро дар ташаккулёбии шахс инкор накарда буд, вале боварии комил дошт, ки инсон танҳо дар натиҷаи тарбия такомул меёбад. Чунончи, Саъдӣ дар як ҳикояти худ дар «Гулистон» овардааст (мазмунан):

Подшоҳе писари худро ба мураббие супоридааст, ки ӯро дар қатори фарзандони худ тарбия намояд. Мураббӣ ин хоҳиши подшоҳро ба ҷо овардааст. Баъди гузаштани замоне

фарзандони мураббӣ хушахлоқ ва хирадманд шуданд, вале писари подшоҳ чизе нашуд. Подшоҳ аз ин воқеа ғамгин шуда, мураббиро сарзаниш мекунад. Мураббӣ ба подшоҳ чунин ҷавоб медиҳад: ки тарбия яксону табоеъ мухталиф. Яъне тарбият як хел аст, аммо табиатҳо гуногунанд.

Дигар сарчашмаи муҳимми ташаккулёбии шахсиятро Саъдӣ дар омӯхтани илму дониш дидааст. Мувофиқи ақидаи Саъдӣ, дониш барои мо васоили саодати маънавии зиндагониро фароҳам намуда, моро дар зиндагӣ ба сӯйи ҳақиқати ҳаёт раҳнамоӣ менамояд. Дониш дар инсон ба воситаи пурсиш ва кӯшиш ҳосил мешавад.

Ба ақидаи Саъдии Шерозӣ, ҳар як фард дар зиндагӣ бояд кӯшиш намояд, ки дониш омӯзад, зеро гетӣ лаззату нишоти худро дастраси касоне мекунад, ки ҳамеша дар талаби дониш бошанд. Саъдӣ илм ва илмомӯзиро низ яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккулёбии шахсият донистааст. Сарчашмаи илму донишро Саъдӣ дар тарбияю таълим, китоб, табиат ва олами воқеӣ медид. Ӯ омӯхтани илму донишро дар алоқамандӣ бо амалия ва ҳаёт тавсия намудааст. Ба ақидаи мутафаккир, қимати илм дар амал аст ва самараи дониш дар кӯшиши ҳар як инсон, зеро ки манзур аз хондан амал кардан аст. Дар ин боб ӯ гуфтааст: Ду кас ранҷи беҳуда бурданду саъйи бефоида карданд: Яке он ки гирд оварду нахӯрд ва дигар он ки илм омӯхту амал накард:

*Илм чандон ки бештар хонӣ,*
*Чун амал дар ту нест, нодонӣ.*

Мутафаккир омӯхтани илмро на барои лаззати руҳии инсон, балки барои дар ҳаёт аз он истифода бурдан шуморида, донишро ба ҳаёту амалия вобаста кардааст. Ҳамин тавр, ӯ назарияи алоқаи илму донишро ба амалия пешниҳод намуда, чунин гуфтааст: «Ҳар кӣ илм хонду амал накард, бад-он монад, ки гов ронду тухм наяфшонд», ё ки «Олими беамал занбӯри беасал аст».

Саъдӣ гуфта буд, ки инсон тамоми илму донишро дар давоми таҳсили мактабӣ аз бар карда наметавонад. Бинобар ин, баъди ба ҳаёти мустақилона қадам гузоштан, ӯ бояд саъю кӯшиш намояд, ки ба худомӯзӣ машғул шавад ва аз ҳамаи имкониятҳои зиндагӣ истифода барад.

Мутафаккир табиат, ҷамъият ва китобро сарчашмаи дигари илму дониш мешуморад. Ба фикри ӯ, табиат ва ҷамъият сарчашмаи бузурги дониши инсон ба шумор меравад. Инсон дар давоми ҳаёти худ маҳз аз табиату ҷамъият касби илму дониш мекунад.

Китобро Саъдӣ сарчашмаи тафаккур, амал ва таҷрибаҳои гузаштагон донистааст. Китобро, пеш аз ҳама, ӯ рукни муҳимми дониш ва таълиму тарбияи инсон дониста, таъкид намудааст, ки он тамоми мушкилот, камию костии зиндагиро даво мекунад. Мутолиаи китоб ҳангоме судманд мегардад, ки ба инсонҳо ёрӣ расонад ва бо амалия пайвандад.

Сарчашмаи дигари ташаккулёбии шахсро Саъдӣ дар таълими дурусти инсон дидааст. Ба ақидаи ӯ, таълими дуруст инсонро бомаърифату донишманд менамояд.

Ӯ гуфта буд (мазмунан): «Барои он ки донишомӯз битавонад аз таълими устод баҳраманд гардад, бояд худро мисли саҳфаҳои сода пок созад, то гуфтаҳои устод дар ӯ нақш банданд, вагарна саъйи беҳуда ва аз хирмани дониш тӯшае бар нахоҳад гирифт». Мутафаккир барои камолоти инсон чунин системаи таълиму тарбияро пешниҳод намуд: тарбияи оилавӣ, таълиму тарбияи мактабӣ ва сафар кардану ҷаҳон дидан.

Саъдӣ тарбияи насли наврасро асосан вазифаи оила, махсусан падару модар ҳисоб карда, гуфта буд, ки агар падару модар хоҳад, ки аз худ номи нек боқӣ гузоранд, бояд ба тарбияи фарзандон машғул шаванд:

*Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,*

*Писарро хирадмандӣ омӯзу рой,*
*Ки гар ақлу рояш набошад басе,*
*Бимириву ва аз ту намонад касе.*

Мувофиқи ақидаи ӯ, тарбияи кӯдакро бояд аз рӯзи аввали ба дунё омаданаш сар кард, зеро нахустин лаҳзае, ки инсон чашм мекушояд, мехоҳад оламу муҳити атрофро дониста гирад. Вақте ки ӯ қадам мегузорад, кӯшиш менамояд, ки дар бораи атрофи худ маълумоти бештаре ба даст орад. Кӯдак ҳамин ки ба забон омад, пурсишҳои зиёде мекунад ва мехоҳад ҳақиқати зиндагиро дониста гирад. Ба фикри Саъдӣ, носозиҳои оилавӣ равони ӯро ба ташвиш оварда, сафои қалбӣ ва нишоти табииро аз онон мегирад. Аз ин рӯ, вай дӯстию рафоқати падару модарро яке аз омили асосии дуруст тарбия намудани фарзанд мешуморад.

Мутафаккир қайд намудааст, ки агар падару модар ба тарабияи фарзандон машғул нашаванд, дигарон ба тарбияи ӯ машғул мешаванд. Бинобар он:

*Писарро накӯ дору роҳатрасон,*
*Ки чашмаш намонад ба дасти касон!*
*Ҳар он кас, ки фарзандро гам нахӯрд,*
*Дигар кас гамаш хӯрду бо ном кард.*

Саъдӣ модарро аввалин мураббӣ ва тарбиядиҳандаи тифл донистааст. Меҳру муҳаббати ӯро нисбати фарзанд биҳишти ҷовидонии меҳр дониста буд. Мутафаккир таъкид намуда буд, ки дар хурдсолӣ ба бачагон бояд тарбияи динӣ, маданӣ, ақлӣ ва ҷисмонӣ дода шавад. Саъдии Шерозӣ дар ашъори худ дар бораи навъҳои тарбия сухан ронда, барои дуруст тарбия намудани насли наврас се навъи тарбияро муҳим ва зарур шуморидааст: ин тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ ва меҳнатӣ аст.

Саъдӣ дар такомули инсон тарбияи фикриро дар ҷойи аввал гузошта, барои инсон чӣ гуна аҳамият доштани онро борҳо таъкид карда буд. Ӯ пешрафти ақлро барои ҳосил намудани сифатҳои неки ахлоқӣ зарур шуморида, инкишофи ақлии бачагонро бо тарбияи ахлоқии онҳо вобаста намудааст. Тарбияи ахлоқии насли наврас дар таълимоти педагогии Саъдӣ чун мавзуи асосӣ ва марказӣ ҳисобида шудааст. Мақсад ва вазифаҳои тарбияи ахлоқиро Саъдӣ дар насли наврас ба тарбия намудани ҳисси инсондӯстӣ, ғамхорӣ кардан дар ҳаққи инсон ва эҳтироми шаъну шарафи фард иборат донистааст. Саъдӣ таъкид кардааст, ки пеш аз ҳама бачагонро ба ҳурмат ва эҳтиром кардани падару модарон одат кунонидан лозим аст ва пас дар ин асос нисбат ба дигарон ҳисси ҳурмат доштан ва шафқат кардан бояд тарбия карда шавад.

Саъдии Шерозӣ дар тамоми асарҳояш, хусусан дар «Бӯстон» ва «Гулистон» ба тарбия диққати калон додааст. Вай ҳамчун тарбиятгар, маърифатпарвар, инсондӯсту мутафаккири бузург ба ахлоқӣ ҳамида, ростгӯию поквиҷдонӣ, қадршиносию олиҳимматӣ, меҳнатдӯстию инсондӯстӣ эътибори хосса додааст. Саъдӣ асарҳояш ақлу хиради одамиро дар авлавият қарор додааст. Одами боақл ҳеҷ гоҳ ба ҳирс, буғсу ҳасад, кинаю адоват, дурӯғу дурӯягӣ ва шаҳвоният дода намешавад. Ба хислатҳои бади инсон: худписандӣ, кибру ғурур, ороиши аз ҳад зиёд, бедонишӣ, бемаданиятӣ, нодонию ҷоҳилӣ, мунофиқию бехаридиро дохил намуда, худро аз ин хислатҳо эмин нигоҳ доштанро тараннум намудааст.

Ба назари мо, мисоли зерин тамоми дархости Саъдии Шерозиро нишон медиҳад:

*Ба даст овардани дунё ҳунар нест,*
*Якеро, гар тавонӣ, дил ба даст ор!*

Ё худ:

*Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,*
*На ҳамин либоси зебост нишони одамият.*
*Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,*
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият?

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ, ба ақидаи Саъдӣ, дар насли наврас тарбия намудани ҳисси хоксорӣ мебошад. Ба ақидаи ӯ, одами хоксор ва донишманд ҳеҷ гоҳ ба бузургию фазилати худ ишорае намекунад, чунки сифатҳои беҳтарини инсонӣ худ аз худ дар гуфтору рафтори одам зоҳир мегарданд ва ҳеҷ гоҳ ба таърифу тавсиф эҳтиёҷ надорад.

Мутафаккир инчунин, дар осори худ доир ба одоби сухан, муоширату ва таъсири онҳо ибрози назар намудааст:

*Сухан гарчи дилбанду ширин бувад,*
*Сазовори тасдиқу таҳсин бувад.*
*Чу як бор гуфтӣ, мағӯ боз пас,*
*Ки ҳалво чу як бор хӯранд бас!*

Ҳамин тавр, Саъдӣ мехост тавассути осори худ насли наврасро дар роҳи хушахлоқӣ, хушрафторӣ, хушгуфторӣ, одобу муомилаи нек, рафтору гуфтори шоиста, хоксорӣ, дӯстӣ ва дигар идеалҳои ахлоқӣ тарбия намояд.

Саъдӣ ба масъалаҳои тарбияи ахлоқии насли наврас дахл намуда, як таълимоти том ба вуҷуд оварда буд. Дар таълимоти Саъдии Шерозӣ бисёр ақидаҳои пешқадам ҳастанд, ки ба таҷрибаи ҳаёт ва гуфтаҳои пурҳикмати халқӣ асос ёфтаанд ва то ҳол қимати худро гум накардаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Афкори мухтасари педагогӣ. –Хуҷанд, 1995.
2. Айнӣ С. Таҳзиб-ус-сибиён. –Душанбе: Маориф, 1994.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна / Б. Ғафуров. - Душанбе, 1981. -С. 607.
4. Волков Г.Н. Этнопедагогика / Г.Н. Волков. – Чебоксары: Чувашиздат, 1974.
5. А. Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. –Душанбе: Адиб, 1987.
6. У.Кайковус. «Кабуснаме» В кн. Энсиклопедия персидско-таджикской прозы. -Д.: Гл.науч.ред. ТСЭ.1986
7. Манонов А. Педагогика ва психология / А.Манонов, М.Раҳимова, М.Раҳимова. –Хуҷанд, 2001.
8. Манонов А. Тарбияи фарзанд дар оила / А.Манонов, Г.Раҳимова, Р.А.Манонова. –Хуҷанд, 1995.
9. Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. –Душанбе, 1962.
10. А. Сино. Пирӯзинома. –Душанбе: Маориф, 1980.
11. Н. Хисрав Саодатнома. Антология таджикской поэзии. –Душанбе: Маориф, 1957.
12. А. Ҷомӣ. Баҳористон. –Душанбе: -Адиб, 1987.
13. Ушинский К.Д. О народностей в общественном воспитании. Сбор.соч. в 2 томах / К.Д. Ушинский. - М.,1948. -С.69-166.


**АҚОИДИ ПЕДАГОГӢ ДАР ШОҲАСАРҲОИ «БӮСТОН» ВА «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ**

Саъдӣ ақидаҳои пандуахлоқии худро дар «Гулистон» ва «Бӯстон» баён намудааст. «Гулистон» аз ҳашт боб иборат аст. Дар ҳар як боби он нуктаҳои дақиқро дар бораи таълиму тарбия ва ахлоқ пайдо кардан мумкин аст. Саъдӣ ба қувваи таълиму тарбия дар ташаккулёбии шахсияти инсон боварии комил дошт. Ба ақидаи Саъдӣ, мақсад аз таълиму тарбия аз он иборат аст, ки кӯдакро бодиёнат, паҳрезкор, хирадманд, сухандон тарбия намояд, то ки дар зиндагӣ дасти ҳоҷат пеши касе дароз накунад. Чунончӣ, дар боби ҳафтуми «Бӯстон» гуфтааст: «Писарро хирадманд ва паҳрезкор ба воя расон ва касбу пешаеро мувофиқи имконаш ёд деҳ». Мақсади асосии таълимро Саъдӣ дар тарбияи ахлоқ, омӯхтани касбу ҳунар донистааст. Чунончи, ӯ фармудааст: «...Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар ҳунар омӯзед, ки мулк ва давлати дунё эътимодро нашояд. Ва симу зар дар сафар маҳалли хатар аст, ё дузд ба як бор бибарад ё хоҳад ба тафориқ бихӯрад, аммо ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда ва агар ҳунарманд аз давлат биафтад ғам набошад, ки ҳунар дар навбати худ давлат аст. Ҳунарманд ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар луқма чинад ва сахтӣ бинад». Дар ташаккулёбии шахсияти инсон нақши тарбия,

таълим, илму дониш, муҳит ва дигар омилҳоро муҳим шуморидааст. Омӯзишу парвариш, аз нуқтаи назари Саъдӣ, вақте натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки таълиму тарбия муфид бошад, ба илму амал равона шуда бошад.

**Калидвожаҳо:** Саъдӣ Шерозӣ, ақидаҳои пандуахлоқӣ дар «Гулистон» ва «Бӯстон», таълиму тарбия дар ташаккулёбии шахсияти инсон, тарбияи ахлоқ, омӯхтани касбу ҳунар.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ПРИНЦИПЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ "БУСТОН" И "ГУЛИСТОН" СААДИ ШИРАЗИ

Саади выразил свои нравственные взгляды в своих произведениях «Гулистан» и «Бустан». «Гулистон» состоит из восьми глав. В каждой главе вы можете найти конкретные пункты об образовании и морали. Саади полностью верил в силу образования и обучения в формировании человеческой личности. По словам Саади, цель воспитания и обучения состоит в том, чтобы воспитать ребенка сознательным, благовоспитанным, мудрым и разговорчивым, чтобы в жизни он не тянулся ни к кому нуждающемуся. Например, в седьмой главе «Бустона» он сказал: «Воспитай мудрого и благоразумного сына и научи его карьере по способностям». Саади считал главной целью образования нравственное воспитание, обучение профессиям. Например, он сказал: «…Мудрец посоветовал сыновьям научиться навыкам души отца, чтобы не доверять царству и состоянию мира. А проволока и золото - опасное место в пути, или вор возьмет, или захочет съесть, а искусство - источник роста и восходящего состояния, и если художник выпадет из состояния, не горюй, искусство, в свою очередь, есть государство. Куда бы он ни пошел, художник будет оценен и сядет на трон, а неумелый человек пострадает». Он считал важной роль воспитания, образования, науки и знаний, окружающей среды и других факторов в формировании личности человека. Воспитание и обучение, с точки зрения Саади, дает желаемый результат, когда образование и обучение полезны и направлены на науку и практику.

**Ключевые слова:** Саади Ширази, воспитательно-нравственные идеи в «Гулистане» и «Бустоне», воспитание и обучение в формировании личности человека, нравственное воспитание, обучение профессиям и ремеслам.

## PEDAGOGICAL PRINCIPLES IN WORKS "BUSTON" AND "GULISTON" SAADI SHIRAZI

Saadi expressed his moral views in his works "Gulistan" and "Bustan". "Guliston" consists of eight chapters. In each chapter you can find specific points about education and morality. Saadi fully believed in the power of education and learning in shaping the human personality. According to Saadi, the goal of upbringing and education is to raise a child to be conscientious, well-bred, wise and talkative, so that in life he will not reach out to anyone in need. For example, in the seventh chapter of Buston, he said: "Raise a wise and prudent son and teach him a career according to his ability." Saadi considered the main goal of education to be moral education, training in professions. For example, he said: “... The sage advised his sons to learn the skills of the father's soul, so as not to trust the kingdom and the state of the world. And wire and gold are a dangerous place along the way, or a thief will take it or want to eat it, and art is a source of growth and an ascending state, and if the artist falls out of the state, do not grieve, art, in turn, is the state. Wherever he goes, the artist will be appreciated and sit on the throne, and the inept person will suffer.” He considered the important role of upbringing, education, science and knowledge, the environment and other factors in the formation of a person's personality. Education and training, from Saadi's point of view, gives the desired result when education and training are useful and focused on science and practice.

**Keywords:** Saadi Shirazi, educational and moral ideas in "Gulistan" and "Buston", education and training in the formation of a person's personality, moral education, training in professions and crafts.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Раҳимова Гаҳҳарҷон*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

***Манонова Раъно Абдурахмоновна-*** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.**Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

***Аюбова Д.А.-*** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. **Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

***Раҷабова Н.Р.-*** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.**Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

**Сведение об авторах:** ***Рахимова Гавхарджон*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей педагогики. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1.

***Манонова Раъно Абдурахмоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат педагогических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169.

***Аюбова Д.А.-*** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, ассистент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169.

***Раджабова Н.Р.-*** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169.

**Information about the authors:** ***Rakhimova Gavkhardjon* -** Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.

***Manonova Rano Abdurakhmonovna* -** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik and Russian Languages. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni avenue, 169.

***Ayubova D.A.*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Assistant of the Department of Tajik and Russian Languages. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni avenue, 169.

***Radjabova N.R***. - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Tajik and Russian Languages. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni avenue, 169.

УДК: 371.0.16

# НИЗОМИ АРЗИШҲО ДАР ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОНИ МУОСИР

*Ҷӯраева М.З.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Маорифи муосири тоҷик масоили тарбияро дар мактаб ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа ҷудо мекунад. Аз ин рӯ, омӯзгорон, равоншиносон, ҷомеашиносон масъалаи тарбияи насли наврасро бо эҷоди низоми арзишҳо дар ҷомеа рабт медиҳанд. Аз ин лиҳоз, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти инсонпарваронаи таълим, афзалияти арзишҳои умумибашарӣ, рушди озоди шахсият, тарбияи шаҳрвандӣ ва муҳаббат ба Ватан муайян карда шудаанд. Биноан, дуруст муайян кардани арзишҳо ва идеалҳое, ки насли наврас бояд ба онҳо саъй кунад, муҳим аст [1].

Арзишҳо дар ташаккули стратегияҳои зиндагии наврасону ҷавонон нақши калидӣ доранд. Дар айни замон муҳассилеро тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки барои зиндагӣ нақша накашад ва барои чизи ҷиддитару мукаммалтар талош накунад. Ташаккули нақшаҳои зиндагӣ, стратегияҳои муассир дар шуур ва рафтори ҷавонони муосир вазифаи асосии ҷомеа ва давлат ба шумор меравад, махсусан дар давраи ислоҳоти иқтисодиву сиёсӣ, ки арзишҳои таҳмилӣ метавонанд арзишҳои воқеиро иваз кунанд. Аз ин рӯ, тарбияи насли наврас дар асоси арзишҳои анъанавии миллӣ барои рафъи зуҳуроти буҳронӣ, ки соҳаҳои муҳимми мавҷудияти ҷомеаи муосирро фаро мегиранд, мусоидат мекунад.

Арзишро на инсон, балки ҷомеа ба вуҷуд меорад. Ҷамъият меъёрҳои интихобро муқаррар мекунад, низоми ягонаи арзишро татбиқ мекунад. Инсон бояд дарк намояд, ки чизи аз ҳама қиматбаҳо дар ҳаёт чист, барои чӣ кӯшиш кардан лозим аст ва бо кадом роҳ ба он ноил шудан мумкин аст. Арзишҳо аз ҷониби одамон ихтироъ нашудаанд ва як навъ таъинот нестанд. Онҳо комилан ба шароити воқеӣ вобастаанд ва вақте самарабахш мешаванд, ки одамон онҳоро пурра дарк карда, бошуурона истифода баранд. Арзишҳо асли фарҳанги ҷомеа буда, тамоми соҳаҳои истеҳсолоти маънавӣ, ҳама шаклҳои шуури ҷамъиятиро муттаҳид мекунанд.

Тағйироти муосири иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони огоҳии ҷомеаро аз ҳадафҳо ва вазифаҳои рушд, муайян кардани низоми арзишҳое, ки ба тамоми ҷанбаҳои ҷомеа таъсир мерасонанд, фароҳам меорад. Аз ин рӯ, рушди муваффақонаи шахсият аз муайян кардани низоми арзишҳо вобаста хоҳад буд, ки тарбияи хонандагон дар мактаби муосир аз рӯйи он сурат мегирад. Инҳоянд чанде аз онҳо барои роҳнамоӣ кардан:

1.Арзишҳои миллӣ ҳамеша ватандӯстӣ ва ёрии ҳамдигарӣ ҳастанд. Тарбияи маънавиёт дар кишвари мо, чун анъана, самти саъю кӯшиш ва мазмуни фаъолияти ҳаётии одамонро муайян карда, дар майли инсон ба некхоҳӣ зоҳир мешуд. Биноан, дуруст муайян кардани арзишҳои маънавӣ ва идеалҳое, ки насли наврас бояд ба онҳо саъй кунад, муҳим аст.

2.Ташаккули арзишҳои фарҳангӣ дар байни муҳассилин бояд тавассути омӯзиши забонҳо, фолклор, ҳунарҳои мардумӣ, мусиқии миллӣ, адабиёт, назм, варзиш, расму оин, фалсафаи мардумӣ, ҷаҳонбинӣ, тавассути рушди амалии ҳунарҳои мардумӣ сурат гирад.

3.Омӯзиши талаботи фарҳангии ҷавонон, ҳамчунин, ифшои ҳатмии мазмуни талаботи ахлоқиро пешбинӣ мекунад.

4.Арзишҳои зеҳнӣ ва тарбиявии ҷавонон, пеш аз ҳама, аз нигоҳи неруи равонӣ ва эҷодии онҳо баррасӣ карда мешаванд. Дар байни арзишҳои ҳаётии ҷавонон таҳсилот ҷойи махсусро ишғол мекунад. Дар шароити дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа масъалаи арзиши таълим мубрамтар мегардад. Маълум аст, ки бисёр хатмкунандагон аз рӯйи ихтисоси худ кор намекунанд, зеро пайдо кардани ҷойи кор тибқи ихтисос душвор аст. Дар айни замон, касе аз рӯйи ихтисоси худ кор карданро кафолат намедиҳад, арзиши таҳсилоти олӣ ҳамчунон меафзояд.

5.Навовариҳое, ки дар мактаб амалӣ мешаванд, бояд амсилаи нави ташаккули шавқу рағбат ба таълимро ба вуҷуд оваранд. Он гоҳ умед кардан мумкин аст, ки хонандагон на

танҳо ба хотири соҳиби касбу ҳунар, балки, пеш аз ҳама, барои пайваста такмил додани донишҳои худ ва бо ҳамин ҳамеша ба замон мувофиқ омаданро меомӯзанд.

6. Ояндаи ҷомеа ба наврасону ҷавонон иртиботи бевосита дорад, аз ин рӯ, бояд дар самти рушди мустақилият, тавсеаи ҳуқуқҳо роҳ бигиранд, зеро арзишҳои зиндагии ҷавонони имрӯза фардои моро муайян мекунанд.

Ҳамин тариқ, сохт ва самтҳои арзишӣ ва дар айни замон комилан мушаххас мебошанд, ки онҳоро бо истифодаи усулҳои таҳқиқоти ҷомеашиносӣ ба таври кофӣ таҳия ва омӯхтан мумкин аст. Се даҳсолаи охириислоҳот нишон дод, ки тамоюлҳои арзишманди наврасону ҷавонони муосир гуногун буданд. Аммо таҳқиқоте, ки дар даҳсолаи охир дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон анҷом дода шудаанд, нишон медиҳанд, ки ин тағйирот то ҳол дар арзишҳои асосии фарҳангии тоҷикон, аз қабили фарзандон, дӯстон пурра ба вуҷуд наомадаанд. Ҳарчанд ноустувории иқтисодӣ ва сиёсӣ, сатҳи пасти некуаҳволии қисмати муайяни аҳолӣ, тафриқаи иҷтимоӣ ва ҷустуҷӯи тулонии роҳи баромадан аз буҳрон дар тафаккури аҳолӣ, аз ҷумла ҷаҳонбинии наврасону ҷавонон то дараҷае эҳсос карда мешавад. Биноан, авлавиятҳои коллективизм ва баробарҳуқуқӣ, ки барои фарҳанги тоҷик анъанавӣ буданд, набояд сарфи назар карда шаванд.

Бояд гуфт, ки дар яке тамоюлҳои арзишии ҷавонон – муносибат нисбат ба меҳнат дигаргуниҳои намоён ба амал омадаанд. Дар воситаҳои ахбори омма тарғиби симои коргари поквиҷдон, пешқадами истеҳсолот, умуман ҳар як одами меҳнаткаш аз байн рафтанаш мумкин аст. Коргар, техник, муҳандис будан обрӯманд набуд. Ба ҷойи «қаҳрамонони меҳнат» ситораҳои эстрада, ҳаҷвнигорон, тақлидкорон, ситорашиносон, рӯзноманигорон ва дигар гурӯҳҳо мӯд шуда монданд. Омили номусоиди сохтори арзишҳои муосири насли наврас набудани робитаи дақиқ байни кор (меҳнат) ва пул (маблағ) мебошад. Агар дар замони шуравӣ ин робита бо зуҳури баъзе тамоюлҳо заиф шуда бошад, ҳоло тамоман нест. Наврасону ҷавонон инро ба таври мукаммал эҳсос мекунанд. Чунин вазъият дар мавриди кори ҷолибе мушоҳида мешавад, ки дар рейтинги арзишҳои ифодагари “зиндагии хуб” дар ҷойҳои 4-5-ум ҷойгир шудааст ва ҳангоми баҳодиҳии имконоти дарёфти чунин кор тақрибан ҳар чорум мусоҳиб иқрор шуд, ки ин имконро барои худаш ниҳоят кам медонад. Ҳар сеюмин пурсидашуда ин мушкилотро махсусан барои худ таъҷилӣ номид.

Бояд гуфт, ки низоми анъанавии арзишҳои ҷомеаи Тоҷикистон таҳти фишори ҳамлаҳои фарҳангии хориҷӣ қарор дорад. Ин дар соҳаҳои гуногун зоҳир мегардад. Масалан, ҷавонон сахттарин «фишор»-и забониро аз сар мегузаронанд. Забон ҷавҳари фарҳанги ҳар миллат ва бузургтарин арзиши он аст. Тағйиротҳо ва суиистифодаҳои забонӣ ба шикастани тасвири маъмулии забонии ҷаҳони инсонӣ, иваз кардани унсурҳои пуштибони ҷаҳонбинии арзишӣ асос ёфтаанд. Ин раванд махсусан дар расонаҳои хабарии ҷавонон мушоҳида мешавад, ки ба таври зайл ба амал меояд: ба нутқ воҳиди нави луғавӣ ба таври сунъӣ ворид карда мешавад, ки авлавият пайдо мекунад (дар айни замон барои гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ муҳимтарин).

Чунин вожаҳоро ба гурӯҳи калимаҳое мансуб медонанд, ки «ба ягон воқеияти алоҳида он қадар иртиботе надоранд, ки онҳоро қариб дар ҳама гуна қарина (контекст) дохил кардан мумкин аст, доираи татбиқи онҳо ниҳоят васеъ аст». Масалан, вожаҳое чун "хавф", "воқеа" ва ғайра, ҷанбаҳои нави мусбат ва манфиро ифода мекунанд. Беэътиноӣ нисбат ба лексикаи тоҷикӣ, истифодаи ҳадди имконпазири калимаҳои хориҷӣ дар нутқи ҳаррӯза, имлои калимаҳо, ихтисорот, ба истилоҳ забони муоширати интернетӣ, таҳқиру тавҳин ва ғайра вуҷуд дорад. Аксарияти ҷавонон ба таври қатъӣ зидди таҳқиру тавҳин дар расонаҳо ҳастанд, аммо, мутаассифона, на дар суханронии ҳамарӯза, ки ба назари онҳо, чунин вожаҳо вобаста ба вазъият ва ҳатто қобили қабул мебошанд. Дар воситаҳои ахбори омма муносибатҳои нав фаъолона ташвиқу тарғиб карда мешаванд. Дар натиҷа, ҷавонон аз ҳувияти этнофарҳангии миллӣ бештар ҷудо мешаванд.

Тамоюли аз мероси фарҳангии миллӣ дур шудани ҷавонон ба назар мерасад. Ҷойивазкунии падидаҳои аслии рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон бо баҳонаи зараровар будан ба амал меояд. Вобаста ба ин, бояд ёдовар шуд, ки «фарҳанги тоҷик ва тафаккури тоҷикӣ, ки бо он мувоҷеҳ шудааст, ҳамеша равшании кайҳон, муносибати

ғайридавлатӣ ба ҷаҳон, роҳҳои ҳалли мушкилоти худро дар назар дошт, аз ҳисоби ҷаҳони беруна, балки аз ҳисоби қувваҳои ботинии руҳи шахс, зеро ин як манбаи воқеии неруи номаҳдуд аст» [8].

Бо вуҷуди ин, ҷавонони тоҷик нисбат ба насли калонсол сатҳи таҳаммулпазирии баландтар доранд, бахусус дар заминаи миллӣ. Ҳамчунин, мушкилоте вуҷуд доранд, ки бар асари зиддиятҳо, аз қабили сарват ва фақру бенавоӣ, таҳсилот ва камсаводӣ, арзиши тандурустӣ, ҳавас ба варзиш ва маводи мухаддир ба вуҷуд меоянд ва дар ин робита нашъамандӣ, тамокукашӣ, майзадагиро ҳам набояд фаромӯш кард.

Фаромӯш набояд кард, ки насли наврас ба далели ҷавонӣ ва надоштани таҷрибаи зиндагӣ бештар осебпазир аст.

Барои рушди бомуваффақият баҳодиҳӣ ба қобилиятҳои худ барои худмуайянкунӣ ва худшиносии шахс аҳамияти хосса дорад, чунонки маълум аст, худшиносӣ ҳамчун таҷзияи ҳадаф ва натиҷаи равандҳои ташаккули шахсият амал мекунад ва дар айни замон ҳамчун меъёри муваффақияти он низ. Он муваффақияти инфиродӣ ва худшиносии шахсро дар ҷомеа фаро мегирад. Худшиносӣ қобилияти қабули қарорҳо ва масъулият барои он, қобилияти рушди пайвастаи худ, рушди шахсӣ ва касбӣ, худидоракунӣ, такмили худ, эҷодкорро пешбинӣ мекунад. Дар рафти таҳқиқоти сотсиологӣ кӯшиш карда шуд, ки хислатҳои ба ҷавонони Тоҷикистони муосир бештар хос, муайян карда шаванд.

Аз маълумоти дар боло овардашуда чунин бармеояд, ки ҷавонони муосир бештар аз ҳама чунин хислатҳоро, ба монанди оромӣ, хоҳиши нишон додани шахсияти худ қадр мекунанд. Зиёда аз сеяки пурсидашудагон, дар маҷмуъ, дар ҳамаи гурӯҳҳои пурсидашудагон, ин хислатро дар байни дигар ҷавонон баланд арзёбӣ кардаанд. Мавҷудияти чунин хусусиятро тақрибан нисфи пурсидашудагон шахсан сабт кардаанд.

Дар байни муҳимтарин хислатҳои шахсияти ҷавонони Тоҷикистони муосир ҷойи дуюмро худхоҳӣ (тақрибан сеяки пурсидашудагон) ишғол мекунад, аммо танҳо 8,2% пурсидашудагон ба ин сифат шахсан ишора кардаанд. Ҷойи сеюмро майлу хоҳиши муваффақиятҳои моддӣ ишғол кард. Тақрибан сеяки пурсидашудагон (ҷавонони коргар ва хонандагони синфҳои болоӣ) иқрор шуданд, ки ин хислат ба ҷавонони муосир хос аст, аммо, на ба ҳама. Бояд зикр кард, ки сеяки пурсидашудагон бар ин боваранд, ки онҳо шахсият ҳастанд ва ҳамаи ҷавонони дигари тоҷик дар ин соҳа хеле ақиб мондаанд. Пеш аз ҳама, ин маълумот далели он аст, ки як посухдиҳандаи алоҳида худро бо оммаи умумии ҳамсолони худ муаррифӣ намекунад. Вай худро мувофиқи ягон амсилаи идеалии одами «хуб», ки дар шуури ӯ мавҷуд аст ва ба арзишҳои умумибашарӣ бештар мувофиқ аст, идеалӣ мекунад. Ҷолиб он аст, ки танқиди бузургсолон нисбат ба ҷавонон дар ҳама давру замон вуҷуд дошт. Чизи нав, ба назари мо, он аст, ки ҷавонон нисбат ба насли худ бештар интиқод мекунанд. Натиҷаҳои пурсиш ба таври возеҳ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар тамоюли арзишҳои ҷавонон таърифи возеҳи «хуб» чист ва чӣ «бад» аст, пурсишшудагон арзишҳоеро интихоб мекунанд, ки аз ҷониби ҷомеа тасдиқ карда шудаанд. Дар посуххои худ онҳо худро аз аксарият дур мекунанд. Аз ин бармеояд, ки барои ҷавонони муосири тоҷик «ман» ва «мо» аз ҳамдигар дуранд.

Ин падида аз ҷониби равоншиносон хеле хуб омӯхта шудааст ва аз буҳрони ҷамъиятии фард, ки хосси ҷомеаҳои ноустувор аст, шаҳодат медиҳад. Ба андешаи мо, дар рафти таҳқиқот як тамоюли нав дар шуури ҷавонон ошкор гардид: афзалияти арзишҳои мусбат нисбат ба арзишҳои манфӣ. Аз ҷумла, дар бораи афзалиятҳо дар интихоби самтҳои пурмазмуни бо арзишҳои умумибашарӣ алоқаманд, аз қабили меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ, риояи принсипҳо, фарҳанги умумӣ, қобилияти баҳодиҳии интиқодӣ ба худ ва қобилиятҳои худ сухан меравад.

Муносибатҳои хуб бо одамон, ҳамчунин қувваи ҷисмонӣ ва зебоӣ (ба маънои намуди зоҳирӣ) баҳои на онқадар баланд доранд. Мумкин аст, ки мусоҳибон дар посуххои худ амсилаи идеалии ҷавони муосирро бунёд кунанд, ки ба воқеияти зиндагӣ комилан мувофиқат намекунад.

Таҳқиқот исбот мекунад, ки ҳадафи асосии нигоҳ доштани пояҳои демократия ва арзишҳои демократӣ рушди мавқеи худи муҳассилин оид ба таҳсилот, ҳуқуқу уҳдадориҳо,

масъулияти шаҳрвандӣ ва итоат ба қонун, ба мушкилоти глобалии ҷомеа, ташаккули шахсият мебошад.

Дар асоси маводи назариявӣ ва эмпирикӣ, таҳқиқот нишон дод, ки фаъолиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим муваффақ мешаванд, агар муҳассилин худро узви комилҳуқуқи ҷомеа, яъне шаҳрвандони комил донанд ва ҳувияти миллии худро аз даст надиҳанд. Дар хонандагон малакаҳои ташкили кор ташаккул меёбанд, дараҷаи иштироки онҳо ва мувофиқ кардани манфиатҳои шахсии онҳо ба гурӯҳӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ сурат гирад. Масалан, дар мактабе, ки муаллимон ва хонандагон арзишҳои демократиро ба роҳбарӣ мегиранд, дар он ҷо механизмҳои худидоракунии мактаб татбиқ карда мешаванд, наврасон дар ҳаёти мактаб фаъолона иштирок меварзанд. Хонандагон бо маъмурият ва омӯзгорон барои ташкили системаи муштараки идоракунии мактаб ё татбиқи лоиҳаҳои худ ҳамкорӣ мекунанд. Онҳо омодаанд фикру андешаҳои худро ибрози кунанд ва ташаббусҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро пеш гиранд. Дар ҷое, ки ба муҳассил таваҷҷуҳ ва эҳтиром вуҷуд надорад, ташаббуси мусбӣ вуҷуд дошта наметавонад.

Ташкил ва гузарондани корҳои таҷрибавӣ нишон дод, ки ҳавасмандӣ ба фаъолияти ҷамъиятӣ вақте вуҷуд дошта метавонад, ки шахс бевосита дар ҳама гуна амалу фаъолият иштирок кунад ё ба таври эҷодкорона дониш ва малакаҳои ҳосилкардаашонро дар ҷараёни кори мустақилона татбиқ кунад.Дар тарбияи фарҳанги шаҳрвандии хонандагон, бозиҳо ва супоришҳои нақшофаринӣ нақши муҳим мебозанд, назорат ва донишу малакаи хонандагон дигар воситаи муҳимми баланд бардоштани фаъолнокии маърифатии хонандагон мебошад. Дар ин маврид ангезаи таҳсил барои муҳассил нақши хосса дорад.

Дарки қонунмандиҳои тарбия як роҳи ба даст овардани муваффақиятҳои педагогӣ дар раванди таълиму тарбия ба шумор меравад, зеро бе онҳо ягон шакл, намуд ва самтҳои корҳои тарбиявӣ, аз ҷумла АД ғайриимкон аст. Ба назари мо, қонунмандиҳои кори тарбия алоқаи асосии байни омилҳо, шароит ва натиҷаҳои ин равандро инъикос мекунанд ва принсипҳои кори таълимӣ ғояҳои бунёдӣ, заминаи арзишии муайянкунандаи мундариҷаи таълим, шаклҳо ва усулҳои ташкилии ҷараёни таълим мебошанд [9]. Принсипҳои корҳои тарбиявӣ барои дар амалия татбиқ намудани вазифаҳои педагогӣ ҳатмӣ мебошанд. Бояд зикр кард, ки онҳо ҳам дар ҳалли вазифаҳои умумӣ ва ҳам мушаххас саҳм мегузоранд.

Вобаста ба муқаррароти дар боло зикршуда мазмуни раванди таълим, такмили дастурҳои арзишӣ, тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ, муносибат ба Ватан, меҳнат, табиат, ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳамчун арзишҳои ахлоқӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ – профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров, Г.А. Фарҳанги маънавӣ ҳамчун шакли худшиносии шахсият (Анъанаҳо ва замони муосир) // Г.Ашуров // Маводи конфронси илмӣ-амалии «Фарҳанг, таҳсилот: асри XXI». -Душанбе, 2002. - 228с.
2. Қодиров, Қ.Б.Таърихи андешаҳои педагогии халқи тоҷик / Қ.Б.Қодиров. - Душанбе, 1998. - 235с.
3. Лутфуллоев, М. Дарс / М.Лутфуллоев. - Д., 1995. - 87с.
4. Лутфуллоев, М. Оғози тарбия / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 2002.
5. Лутфуллоев, М. Омӯзиши Қонуни асосӣ ва рамзҳои навин / М.Лутфуллоев, Т.Зиёев. - Душанбе: Саҳбо, 2006. - 220с.
6. Лутфуллоев, М. Педагогикаи башар / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 2008. - 143с.
7. Лутфуллоев, М. Ривоят оид ба ибтидои тарбия / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 2002. - 164с.
8. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи халқӣ / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 1997. - 150 с.
9. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи Шарқ / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 1997. - 116с.
10. Мадалиев, З.Д. Проблемы формирования и повышения правосознания молодежи: автореф. дис. канд. юрид. Наук / З.Д.Мадалиев. - Ташкент, 1992. - 21с.
11. Мадамеджанова, 3. Национальные отношения в Таджикистане.Этносы Таджикистана: реальность и перспективы развития //Бизнес
12. Мадатова, М.Т. Педагогические условия формирования ценностных ориентаций старших подростков во внеклассной деятельности общеобразовательной школы / М.Т.Мадатова. -АКД.-Д., 2012. - 21с.
13. Макаренко,А. С. Лекции о воспитании детей / А.С.Макаренко. Соч.Т. 4. – 1981 с.
14. Шарифзода, Ф. Педагогика: назарияи гуманизм ва ҷомеаи фарҳангӣ / Ф. Шарифзода. - Душанбе, 2010. - 544с.


**НИЗОМИ АРЗИШҲО ДАР ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОНИ МУОСИР**


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои вобаста ба низоми арзишҳо дар тарбияи хонандагон дар замони муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, арзишҳо дар ташаккули стратегияҳои

зиндагии наврасону ҷавонон нақши калидӣ доранд. Дар айни замон муҳассилеро тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки барои зиндагӣ нақша накашад ва барои чизи ҷиддитару мукаммалтар талош накунад. Ташаккули нақшаҳои зиндагӣ, стратегияҳои муассир дар шуур ва рафтори ҷавонони муосир вазифаи асосии ҷомеа ва давлат ба шумор меравад, махсусан дар давраи ислоҳоти иқтисодиву сиёсӣ, ки арзишҳои таҳмилӣ метавонанд арзишҳои воқеиро иваз кунанд. Аз ин рӯ, тарбияи насли наврас дар асоси арзишҳои анъанавии миллӣ барои рафъи зуҳуроти буҳронӣ, ки соҳаҳои муҳимми мавҷудияти ҷомеаи муосирро фаро мегиранд, мусоидат мекунад.Муаллиф зикр мекунад, ки тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ, муносибат ба Ватан, меҳнат, табиат, ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳамчун арзишҳои ахлоқӣ муҳим мебошанд. Фикрҳояшро ҷамъбаст карда, муаллиф ба хулосае меояд, ки дарки қонунмандиҳои тарбия як роҳи ба даст овардани муваффақиятҳои педагогӣ дар раванди таълиму тарбия ба шумор меравад, зеро бе онҳо ягон шакл, намуд ва самтҳои корҳои тарбиявӣ, аз ҷумла талқини арзишҳои демократӣ ғайриимкон аст.
**Калидвожаҳо:** арзишҳо, таълим, тарбия, хонандагон, қобилият, хатмкунанда, мактаб, шаҳрванд, ҳуқуқ, синфҳо, неруи зеҳнӣ, фаъолияти шахс, амалиёт, ташаккули ҷаҳонбинӣ.

## СИСТЕМА ЦЕННОСТЕЙ В ВОСПИТАНИИ СОВРЕМЕННЫХ УЧАЩИХСЯ

В статье раскрываются особенности системы ценностей в воспитании школьников в современное время. По мнению автора, ценности играют ведущую роль в формировании жизненных стратегий подростков и молодежи. В то же время невозможно представить себе ученика, который не планирует жизнь и не стремится к чему-то более серьезному и совершенному. Формирование жизненных планов, эффективных стратегий в сознании и поведении современной молодежи - ключевая задача общества и государства, особенно в период экономических и политических реформ, когда одноразовые или общие ценности могут заменить реальные ценности. Следовательно, воспитание подрастающего поколения на основе традиционных национальных ценностей поможет преодолеть кризис, который охватывает важные области современного общества. Автор отмечает, что в содержании образовательного процесса совершенствовались ценностные ориентиры, среди которых важное значение имеют гражданское и правовое воспитание, отношение к Родине, труду, природе, праву на жизнь как нравственные ценности. И моральные ценности этих элементов на этом не заканчиваются. Например, с этими ценностями тесно связаны исходная культура личности, формирование научного мировоззрения, совокупность образовательных компонентов, таких как гражданское действие, индивидуальная активность, его патриотическое и правовое воспитание и т. д. Обобщая свои мысли, автор приходит к выводу, что понимание законов воспитания является одним из способов достижения педагогических успехов в образовательном процессе, ведь без них невозможны никакие формы, виды и направления воспитательной работы, в том числе демократические ценности.
**Ключевые слова:** ценности, образование, воспитание, студенты, способности, выпускник, школа, гражданин, право, уроки, интеллектуальный потенциал, личностная активность, действие, мировоззрение.

## THE SYSTEM OF VALUES IN THE EDUCATION OF MODERN STUDENTS

The article reveals the features of the value system in the education of schoolchildren in modern times. According to the author, values play a leading role in shaping the life strategies of adolescents and young people. At the same time, it is impossible to imagine a student who does not plan life and does not strive for something more serious and perfect. Formation of life plans, effective strategies in the consciousness and behavior of modern youth is a key task of society and the state, especially during the period of economic and political reforms, when one-time or common values can replace real values. Consequently, the upbringing of the younger generation on the basis of traditional national values will help to overcome the crisis that covers important areas of modern society. The author notes that in the content of the educational process, value orientations have been improved, among which civic and legal education, attitude to the Motherland, work, nature, and the right to life as moral values are of great importance. And the moral values of these elements do not end there. For example, the initial culture of the individual, the formation of a scientific worldview, a set of educational components, such as civic action, individual activity, his patriotic and legal education, etc., are closely related to these values. Summarizing his thoughts, the author comes to the conclusion that the formation of the legal and civil personality of students in the classroom and in extracurricular activities, the range of phenomena, his abilities, the intellectual potential of each graduate find a worthy place in society and reflects his conscience and citizenship.
**Key words:** values, education, upbringing, students, abilities, graduate, school, citizen, law, lessons, intellectual potential, personal activity, action, worldview.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷӯраева Мутриба Зоировна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, докторанти Ph.D. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **986229696**

**Сведение об авторе**:- ***Джураева Мутриба Зоировна***- Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, докторант Ph.D. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **986229696**

**Informationabouttheauthor:** ***Juraeva Mutriba Zoirovna*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, doctoral candidate Ph.D. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone:**986229696**

УДК:372.891

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МОДУЛӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲО АЗ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ

*Малолай Дақиқ*
**Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон**

Илми муосири таълим ба замоне наздик шудааст, ки зарурати эҷоди технологияҳои педагогӣ ба миён омад, ки дар раванди таълим ташаккули шахсияти ҳар як хонанда ва фаъолияти ӯро таъмин менамояд. Чунин шароити таълимиро бояд фароҳам овард, ки хонанда барои ба даст овардани натичаҳои нави фаъолияти худ кӯшиш намояд. Фаъолияти эҷодии хонанда бо аз нав дида баромадани фаъолияти худ вобастагӣ дорад. Чунин ақидаронӣ бояд ӯро водор кунад, ки муносибати худро ба таълим дигар кунад, дар назди худ мақсадҳои баланд гузорад. Маълум аст, ки фаъолияти эҷодӣ метавонад дар фаъолият сурат гирад. Ин маънои онро дорад, ки мактабҳо бояд тадриҷан ба технологияҳои педагогӣ гузаранд, ки талабаро ба фаъолияти рушд ҷалб намояд.

Талаботи аввалини технологияҳои педагогӣ самаранокии онҳост. Ин дар он аст, ки ҳар як хонанда бояд ба фаъолияти фаъоли мустақили маърифатӣ, ташаккули шахсият, тарбияи фарҳанги муошират, сафарбар намудани кӯшишҳои ахлоқӣ ва ихтиёрии худ барои расидан ба ҳадаф дар таҳсил равона карда шавад.

Танҳо он технологияҳои педагогӣ дар ташаккули шахсияти талаба бомуваффакият арзёбӣ мегарданд, ки мазмун ва инъикоси шахсро дар бар мегиранд, яъне. дарк намудани талаба аз раванд ва натиҷаҳои фаъолияти худ, ба назар гирифтани баҳои онҳо аз тарафи дигарон, инчунин сабабҳо: чаро ин тавр шуд, ман чӣ хатогӣ роҳ додам, чаро хато кардам. Ворид намудани рефлексия дар раванди таълим ба худшиносӣ ва худогоҳии хонандагон мусоидат мекунад. Имрӯзд, ин ба мадди аввал мебарояд, зеро вакте ки хонанда шавқу рағбат ва имкониятхои худро надонад, маҳруки рушди хонандаро сохтан мумкин нест. Зарур аст, ки хонанда аз худ огоҳ бошад, ба худ аз диди дигарон баҳо диҳад ва барои кирдораш масъул бошад.

Омӯзиш бояд мақсаднок бошад, яъне, технологияи педагогӣ бояд ба кӯдакон дар ошкор намудани мазмуни шахсии ҳар як маводи дар дарс омӯхташуда кӯмак расонад, ҳавасмандгардонии фаъолияти ботинии хонандаро таъмин намояд, ба ҳар як хонанда имкон диҳад, ки меъёри таълим ва ҳатто бештар маводро мувофиқи шавқу қобилияташ аз худ намояд.

Мақсади асосии мактаби муосир ин ташаккул додани системаи таълиму тарбия мебошад, ки талаботи ҳар як хонандаро мувофиқи майлу рағбат ва қобилияти ӯ қонеъ гардонад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф парадигмаеро, ки муносибати донишҷӯро бо омӯзгор ба куллӣ тағйир додан лозим аст, ки дар он раванди таълим баррасӣ мешавад.

Раванди таълиму тарбия дар мактаб метавонад ё бо оҳиста-оҳиста такмил додани қисмҳои ҷудогонаи он ва ё бо роҳи тағйироти куллӣ бо татбиқи равиши систематикӣ инкишоф ёбад. Омӯзиши модулӣ имкон медиҳад, ки роҳи дуюми рушд амалӣ карда шавад.

Тибқи назарияи фаъолият, ки моаз таҷрибаи худ баррасӣамудаем, омӯзиш танҳо дар сурате самаранок мешавад, ки раванди таълим тавре ташкил карда шавад, ки хонанда мазмуни таълимро дар фаъолият аз худ кунад. Танхо дар ин сурат тарбия ба азхудкунии бошуурона ва доимии дониш ва инкишофи интеллекти талаба оварда мерасонад. Аз ин рӯ, консепсияи нав ин аст, ки хонанда бояд мустақилона омӯзад ва муаллим бояд идоракунии ҳавасмандии таълими худро амалӣ созад, яъне он аз ҳавасмандгардонӣ, мутобиқгардонӣ, машваратчигӣ ва назорати фаъолияти хонанда иборат мебошад. Интиқоли таълим ба заминаи предметию фаннӣ чунин технологияи педагогиро тақозо мекунад, ки ба хонанда рушди соҳаи ҳавасмандӣ, зеҳн, майл, мустақилият, дастаҷамъӣ, қобилияти амалӣ намудани худидоракунии фаъолияти таълимӣ ва маърифатиро таъмин намояд. Омӯзиши модулӣ имкон медиҳад, ки ин масъала амалан ҳал карда шавад.

Дар айни замон раванди таълим дар мактаби оммавӣ дорои ихтилофҳои ҳалнашуда мебошад:

- байни шаклҳои фронталии таълим, аз як тараф ва тарзи инфиродии азхудкунии дониш, инчунин суръати инфиродии фаъолияти таълимию маърифатии хар як хонанда, аз тарафи дигар;

- байни вазифаи тафриқаи таълим ва ягонагии мазмун ва технологияи таълим;

-байни тарзи фаҳмондадиҳӣ ва тасвирии таълим дар мактаб ва зарурати таъмини хусусияти фаъолияти таълим.

Омӯзиши модулӣ ҳама чизеро, ки дар назария ва амалияи педагогӣ ҷамъ оварда шудааст, муттаҳид мекунад ва ба консепсияи асосии назарияи ташаккули тадриҷии амалҳои равонӣ – асоси самти фаъолият асос меёбад. Идеяи фаъолияти талаба, возеҳият ва мантиқи муайяни амалҳои ӯ, тақвияти доимии амали ӯ дар асоси худдорӣ, суръати фардикунонии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ба таълими модулӣ аз таълими барномарезӣ интиқол ёфтааст. Муносибати кибернетикӣ таълими модулиро бо идеяи идоракунии фасеҳи фаъолияти дхонандагон, табдил ба худидоракунӣ ғанӣ гардонд. Ба гайр аз ин, усули рефлексивии раванди таълим истифода мешавад. Ҷамъбасти назария ва амалияи ҷамъоваришудаи дифференсиатсия, муфовиқгардонӣ, омӯзиши проблемавӣ - ҳамаи инҳо дар асосҳои таълими модулӣ, дар принсипҳо ва қоидаҳои сохтани он, дар интихоби усулҳо ва шаклҳои амалисозии раванди таълим муттаҳид шудаанд.

Моҳияти таълими модулӣ дар он аст, ки хонанда дар раванди кор бо модул комилан мустақилона (ё бо кӯмаки муаллим) ба мақсадҳои мушаххаси фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ноил мегардад.

Технологияи модулӣ ба шумо имкон медиҳад, ки зиддиятҳои инфиродӣ бартараф карда шаванд.

Барои гузаштан ба таълими модулӣ, фароҳам овардани шароити муайян зарур аст:

1. Ташаккули ангезаҳои мувофиқ дар байни омӯзгорон. Дар ин бобат иттиҳодияҳои методӣ, шуъбаҳо нақши калон мебозанд, ки онҳо бояд дараҷаи қонеъгардонии хонандагон ва муаллимонро аз хизмати таълимии мактаб бо он эҳтиёҷоти қонеънагардонданашуда муқоиса кунанд.

2. Омода будани мактаббачагон ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ва маърифатӣ - ташаккули дониш ва малакаҳои камтарини умумии таълимии барои ин зарур.

3. Имкониятхои моддии мактаб дар бобати бо ин барномаи амал (модулхо) таъмин намудани хар як талаба.

Фарқи байни таълими модулӣ ва дигар системаҳои таълимӣ чӣ гуна аст?

Мазмуни таълим бояд дар маҷмӯаҳои мустақили пурра (блокҳои иттилоотӣ) пешниҳод карда шавад, азхудкунии он мувофиқи мақсади таълим сурат гирад. Мақсади дидактикӣ барои хонанда мураттаб шуда, на танҳо ҳаҷми мухтавои омӯхташаванда, балки сатҳи азхудкунии онро низ дар бар мегирад. Ғайр аз ин, ҳар як талаба аз муаллим маслихатҳои хаттӣ мегирад: чӣ тавр оқилонатар рафтор кардан, дарёфти маводи зарурӣ ва ғайра.

Омӯзиши модулӣ тағйир додани шаклҳои муошироти байни омӯзгор ва дхонандагонро дар бар мегирад. Вай бо онҳо ҳам тавассути модулҳо ва ҳам мустақиман - бо ҳар як нафар алоҳида муошират мекунад. Маҳз модулҳо имкон медиҳанд, ки омӯзиш ба заминаи фаннӣ гузаронида шавад. Муносибатҳои байни муаллимон ва талабагон баробарвазн мегардад.

Ҳар як хонандаӯ бештари вақт мустақилона кор мекунад, ҳадаф гузоштан, нақшакашӣ, назорат, ташкил ва баҳодиҳии фаъолияти худро меомӯзад. Ва ҳамин тавр, ҳар кас метавонад сатҳи дониши худро муайян кунад, камбудиҳои донишу малакаро бубинад. Бешубҳа, омӯзгор фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагонро низ тавассути модулҳо ва бевосита идора мекунад, аммо ин идоракунии нармтар ва муҳимтар аз ҳама, сирф мақсаднок аст.

Мавҷудияти модулҳо дар асоси чопӣ ба муаллим имкон медиҳад, ки кор бо хонандагони алоҳидаро тавассути маслиҳат ба ҳар яки онҳо ва кӯмаки шахсӣ ба таври инфиродӣ кунад.

Дар дарси таълими модулӣ нақши муаллим оиди роҳбарӣ ба кори мактаббачагон, ислоҳи роҳҳои ҳалли вазифаҳои ба миён гузошташуда, маслиҳат, ёрӣ ва дастгирӣ ба талабагон кам карда мешавад. Дар баробари ин муаллим имконият дорад, ки дар синф бо ҳар як хонанда муошират кунад.

Дар охири дарси модулӣ натиҷаҳои кор ҷамъбаст карда мешаванд, бачаҳо аз рӯи ҳама вазифаҳои унсурҳои таълимии мавзӯъ хулосабарорӣ менамоянд ва дафтарҳои кориро барои тафтиш месупоранд. Хонандагоне, ки супоришхоро пеш аз муҳлат иҷро мекунанд, холҳои иловагӣ мегиранд.

Ҳангоми гузаронидани дарси модулӣ ба гурӯҳҳо муттаҳид намудани хонандагон таҷрибагузорӣ карда мешавад, ки дар он бояд чанд нафар хонандагони заиф ва миёна кор кунанд ва ҳадди ақал як хонандаи пурқувват талаб карда мешавад. Ҳамин тавр, дар раванди кор шогирди пурқувват ба сусткор ёрӣ мерасонад ва дар баробари ин дониши худро баланд мебардорад.

Дарсҳо бо истифода аз технологияи модулӣ ҷуфт-ҷуфт гузаронида мешаванд. Амалия нишон медиҳад, ки ин технологияро дар звеноҳои миёна ва олии мактаб бомуваффакият ҷорӣ кардан мумкин аст. Самараи раванди таълим дар сурате хеле баланд мешавад, ки хонанда усулҳои худтаълимкуниро азхуд карда бошад. Охир, вазифаи асосии муаллим аз он иборат аст, ки ба шогирдони худ мустақилона азхуд кардани дониш, омӯзондан ба кори мустақилона бо манбаъҳои гуногуни ахбор, инкишоф додани қобилияти зеҳнии хонандагонро омӯзонад.

Муваффақияти технологияи модулӣ аз сифати унсурҳои таълим, ки донишҷӯ бо онҳо кор мекунад, вобаста аст. Истифодаи якҷояи технологияҳои модулӣ ва иттилоотӣ барои рушди хонанда имкониятҳои калон фароҳам меорад.

Данная статья посвящена обзору истории географической науки, охватывающей несколько тысячелетий. В этот период полностью изменились тема, задачи и методы ее исследования. Долгий процесс постепенного становления и развития географии в буквальном смысле охватывает «универсальные» темы, как правило, они носят важный характер (получили оценку в течение всего процесса становления географии и обсуждаются по сей день). Такие темы определяют объект и предмет науки.В то же время усилились интеграционные тенденции в географии, что заставляет задуматься о необходимости всеобщей (комплексной, единой) географии, предусматривающей изучение пространственно-временных закономерностей взаимодействия природы и общества на глобальном, региональном и локальном уровнях.В развитии представлений о единой географии выделяют три основных этапа, каждому из которых соответствует определенная парадигма, которые в совокупности образуют парадигму целостности географии.На первом этапе , в рамках часовой парадигмы решалась задача анализа пространства геосистем на основе описательно-сопоставительного метода.

**Ключевые слова**: новый этап развития географии, решается проблема темпорального анализа географических систем, их естественно-исторический метод. разные исторические этапы.

## HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF GEOGRAPHICAL KNOWLEDGE

This article is devoted to an overview of the history of geographical science, covering several millennia. During this period, the topic, tasks and methods of its research completely changed. The long process of gradual formation and development of geography literally covers "universal" topics, as a rule, they are of an important nature (they were evaluated during the entire process of the formation of geography and are discussed to this day). Such topics determine the object and subject of science. At the same time, integration trends in geography have intensified, which makes us think about the need for a universal (complex, unified) geography, which involves the study of spatio-temporal patterns of interaction between nature and society at the global, regional and local levels. In In the development of ideas about a single geography, there are three main stages, each of which corresponds to a certain paradigm, which together form the paradigm of the integrity of geography. At the first stage, within the framework of the hourly paradigm, the problem of analyzing the space of geosystems was solved on the basis of a descriptive-comparative method.

**Key words**: a new stage in the development of geography, the problem of temporal analysis of geographic systems is being solved, their natural-historical method. different historical stages.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Тайиба Фазлӣ* -** Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ассистенти факултети таълиму тарбия.

**Сведение об авторе: *Тайиба Фазли* –** Университет Балх Исламской Республики Афганистан, ассистент факультета образования и воспитания.

**Information about the author:** ***Tayiba Fazli*** - Balkh University of the Islamic Republic of Afghanistan, assistant of the faculty of education and upbringing.

УДК:373:54

# ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ХИМИЯ

***Уроқов М.Д.,Бобоев Б.Ҷ.***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Фаъолияти педагогӣ ин амалиёт, омӯзиш, тайёрии методӣ, дониш, малака, ва омодагии омӯзгорон буда, дар он равиши системавӣ аз назар гузаронида мешавад, ки чун сохтори дурусти илмӣ ба ҳисоб рафта, ба хусусиятҳои касбӣ-методии омӯзгорони оянда мусоидат менамояд. Методология дар замони ҳозира ҳамчун илм муқарраркунандаи роҳҳо ва воситаҳои такмил додани фаъолияти илмӣ, афзудани донишҳои нав хизмат мекунад. Таҷриба ва озмоиш фақат дар он вақт метавонад ба аз худ кардани донишҳои нав оварад, ки агар онҳо мувофиқи мақсад ташкил карда шуда, методикаи тайёр кардан, гузаронидани онҳо кор карда шуда бошад. Аз ин ҷо метавон тасдиқ кард, ки метод ҳамчун маҳорати таҳқиқ ва методика, ҳамчун коркарди мақсадноки иҷрокунандаи вазифаҳои ҷузъӣ дар ин роҳ асоси афзудани ҳамон донишҳои илмӣ мебошад.

Нуқтаи назари тадқиқотчиёни мухталифро дида баромада, мо кӯшиш намудем, ки таваҷҷуҳро ба ҳамбастагии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ равона сохта, умуман мафҳуми «метод»-ро ҷудо намоем.

Роҳи дуруст барои ташаккули системаи донишҳо, ҷалби хонандагон ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, ки қобилияти синтезкунӣ, шарҳдиҳӣ, эвристикӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ дорад, имконияти воқеӣ муҳайё месозад. Амалӣ намудани ин вазифаҳо дар раванди таълим - тарбияи муносибати интегративиро ба усулҳои таълим бо назардошти имконияти тарбиявӣ талаб дорад. Ҷанбаҳои фалсафии мафҳуми «метод»-ро кушода, А.А. Макареня ду методҳои асосиро қайд менамояд: диалектикӣ ва методи ягонагии назария ва амалия. А.А. Макареня методи диалектикиро ҳамчун «методи асосии илми фалсафа» муайян намуда, онро «шакли умумии методи мушаххаси илмӣ, ки истифодаи он аз ҷиҳати диалектикӣ то охир мебарад», ҳисоб менамояд. Ду қисмати асосии методро ҷудо мекунад: «баромадан аз донишҳои абстрактӣ ба мушаххас ва ягонагии таърихӣ ва мантиқӣ» [1, с. 158-160].

Яке аз хусусиятҳои хоси инкишофи усулҳои таълими химия зиёд шудани таваҷҷуҳ ба мушкилоти омӯзиши химия дар муассисаҳои таълими мебошад. Маълум аст, ки методҳо дар раванди таълиму тарбия чунин вазифаҳоро иҷро мекунанд: таълимӣ, рушд, тарбиявӣ, бедоркунандагӣ, ҳавасмандкунӣ ва назорат- саҳеҳкунӣ ва амсоли инҳо мебошанд. Ба он нигоҳ накарда, ки вазифавҳои методҳои мухталиф вобаста ба синну соли хонандагон тағйир меёбад, метавонем методҳои мушаххасро, ки вазифаи муайянро иҷро мекунанд, ҷудо намоем. Ба ин методҳо мисол шуда метавонад кор бо китоб ва машқҳо, ки ба таври максималӣ барои панҷ вазифаи дар боло номбаршуда коршоям мебошад. Ҳикоя, лексия (маъруза), намоиш, шарҳдиҳӣ барои иҷро кардани вазифаҳои назоратӣ-саҳеҳкунӣ на он қадар мувофиқ мебошанд. Иҷрои вазифаҳои назоратӣ-саҳеҳкунӣ аз сабаби хусусияти хос доштанаш чунин методҳоро, ба монанди назорати таълимдиҳанда, назорати барномавӣ, инчунин, дар ин ҷо истифодаи метод - видео, бозиҳои маърифатӣ, баҳсу мунозира бисёр хуб ва лоиқи дастгирианд.

Ҳар як метод дар ягонагии вазифаи таълимӣ, тарбиявӣ ва рушд амалӣ карда мешавад. Лекин, ба назари мо, дар ҳамбастагӣ истифода бурдани методҳои таълим ва тарбия мувофиқи мақсад аст. Дар байни методҳои гуногун робитаи байниҳамдигарии органикӣ мавҷуд аст, ки онҳо якдигарро пурра мекунанд. Албатта, вазифаи ҳар як метод мушкилоти муайяни педагогиро ҳал намудан аст, лекин бевосита ё ин ки бавосита, барои иҷрои дигар вазифаҳо низ ёрӣ расонида метавонад.Роҳи дуруст барои ташаккули проблемаи методҳо ва донишҳо ба гуфти Н.Е. Кузнетсова чунин аст, ки метод асоси худро аз таснифи методҳои эвристикии таълим дар намуди фаъолияти эвристикии таълим мегирад [9, с 163].

Вобаста ба проблемаи таҳқиқшаванда, мо ба хулосае омадем, ки хуб мешавад, таносуиби мафҳуми «метод» ва «фаъолиятҳо»-ро нигоҳ дорем, дар ин ҳолат интегратсияи фаҳмиши методологӣ ва дидактикии метод нигоҳ дошта мешавад.Ҷанбаҳои фалсафии мафҳуми “метод”-ро кушода, А.А. Макареня ду усули асосиро зикр менамояд: диалектикӣ ва методи ягонагии назариявию амалиявӣ. Методҳои таълимро ҳамчун таҳсилоти мураккаб иборат аз қисмҳои зиёд дида мебарояд, дар як вақт се ҷанбаро ҷудо мекунад: маърифатӣ-таҳқиқотӣ, мантиқӣ, ташкилӣ. Дар асоси таснифи усулҳои таълим се меъёрро мебинад: сохти раванди таълим, мазмун, фаъолияти таълимгиранда ва омӯзгор. Вобаста ба ин, ӯ чунин гурӯҳи методҳоро ҷудо менамояд:а) умумимантиқӣ (индуксия, дедуксия, аналогия);б) усулҳои таҳқиқоти химиявӣ, ҳамчун усулҳои хосси таълими химия (мушоҳида, таҷрибаи химиявӣ, амсиласозӣ, тасвир, усулҳои назариявии таҳқиқ);в) умумипедагогӣ (методи ҳикоя, суҳбат, кори мустақилона).

Муаллиф дар таснифи худ муносибати сохторӣ - вазифавӣ (функсионалӣ) ва баробарсатҳиро амалӣ намуда, масъалаи дар раванди таълими фан дохил кардани усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқоти илмиро, ки барои дар хонандагон ташаккул додани амалиёти умумии таҳқиқ ёрӣ мерасонад, дида мебарояд. Дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии В.П.Горкунов методикаи тасвирӣ ва шарҳдиҳии илмӣ дар таълими химия инъикоси худро ёфтаанд. Мо ҷонибдорӣ фикри он ки дар таълими фанни химия кушодани моҳияти ҳодисаҳо, аз ҷумла, робитаҳои сабаб-оқибат аҳамияти калон дорад, мебошем.

Усулҳои таълим барои мустаҳкам ва васеъ гардидани донишҳои химиявии дар дарс гирифташуда истифода мешаванд. Дар вақти омода кардани хонандагон ба омӯзиш аз рӯйи китоб, муаллим нишон медиҳад, ки бо кадом маводи қаблан омӯхташуда маводи нави таълимиро муқоиса кардан ё якҷоя кардан зарур аст. Агар таҷрибаи химиявӣ дар дарс гузаронида шавад, пас тамоми раванди омӯзиши маводи дар китоб буда, ба қисматҳои алоҳида ҷудо карда мешавад, ки иҷрои он назорат карда мешавад. Пас аз қироат кардани порчаи матн, хонанда амалҳои зарурино иҷро мекунанд: фаҳмидан, дар хотир нигоҳ доштан, муқоиса кардан ва ғайра. Таҷрибаи гузаронидаи кори хонандагони муассисаҳои таълимӣ оид ба китоби дарсӣ аз хотираи дониши дар дарс гирифташуда оғоз меёбад.

С.Г. Шаповаленко, оид ба проблемаи методҳои таълими химия ақидаеро, ки солҳои 1948 баён намуда буд, рушд дода, масъалаи методҳои илмии даркро дида баромада, ба таври хос истифода кардани онҳоро дар раванди таълими химия таъкид менамояд ва панҷ роҳи гузаштан аз надонистан ба донистан дар таълим ба воситаи методҳои муайянро нишон медиҳад. Ба фикри ӯ, дилхоҳ роҳеро, ки ба аз худ кардани дониш мебарад, истифода бурдан лозим аст [13, с. 87-88].

«Методҳои хос ба мантиқи дарк» ва ба воситаҳои нави таълим-муҳокимаронӣ дохил карда шудаанд, бояд истифода намуд: индуксия, дедуксия ва аналогия, инчунин, амалиёти

фикрии асосӣ: таҳлил, синтез, хулосаи назариявӣ ва ҷамъбаст. Олим шароити интихоби методҳоро муайян намуд: вазифаҳои педагогӣ, мазмун ва хусусияти хосси маводи таълим, рушди хонанда, хусусияти зинаҳои раванди педагогӣ, миқдори вақт, мавҷудияти таҷҳизот. С.Г. Шаповаленко на танҳо ба вазифаҳои таълимӣ, балки методҳои тарбия низ аҳамияти калон медиҳад. Дар бораи ин аз рӯйи таърифоти методҳо ҳамчун роҳҳо ва воситаҳое, ки омӯзгор бевосита ба хонандагон равияҳои илмӣ, маҳорату малакаҳои маърифатӣ медиҳад, онҳоро ба фаъолияти ҷамъиятӣ - амал ҷалб намуда, тарбия мекунад, тарафдор буд.

Ҳамбастагии кор бо китоби дарсӣ ташаккули малакаҳои худидоракунӣ дар байни донишҷӯёнро дар бар мегирад. Боварӣ ҳосил кардан лозим аст, ки донишҷӯ маълумотҳоро на аз рӯйи чанд маротиба хондани матни китоби дарсӣ, балки дар натиҷаи таваҷҷуҳ бо қобилияти огоҳона ва дақиқ назарона хондааш аз худ мекунад. Методҳои намоишӣ, аз намоиш додани таҷрибаҳои химиявӣ ба хонандагон ва донишҷӯён бо падидаҳо, равандҳо, ашё дар шакли табиӣ иборат аст. Онҳо, пеш аз ҳама, барои ошкор сохтани таҷрибаи омӯхташуда хизмат намуда, инчунин барои шинос шудан бо намуди объект, сохтори дохилӣ ё ҷойгиршавии он дар як қатор объектҳои якхела ва васеъ истифода мешавад. Ҳангоми намоиш додани ашёи табиӣ, одатан аз намуди зоҳирӣ (андоза, шакл, ранг, қисмҳо ва муносибатҳои онҳо) оғоз ёфта, сипас ба сохтори дохилӣ ё хосиятҳои физикавӣ ва химиявӣ, ки махсус таъкид карда мешаванд (ҷобаҷогузории маводҳои химиявӣ, зарфҳои химиявӣ ва ғайра) мегузаранд. Намоиш аксар вақт бо нақшаи ашёи объектҳои тафтишшуда сурат мегирад. Намоиш додани таҷрибаҳо бо кашидани тахта ё нишон додани диаграммаҳое, ки фаҳмиши принсипҳоро дар асоси таҷриба осон мекунанд, оғоз мегардад.

Намоишро ҳамчун усули фаъоли шинохтан аз намоиши одӣ фарқ кардан лозим аст. Дар ҷараёни намоиши "фаъол" диққати донишҷӯён ба хусусиятҳои объектҳо, зуҳурот ва равандҳо, ба таври тасодуфӣ ҷалб карда мешавад. Дар натиҷа, онҳо аз ҷониби донишҷӯён зудтар, осонтар ва пурра эътироф карда мешаванд. Аз нуқтаи назари В.И. Загвязинский, дар методикаи таълими химия ин системаи таълим "ягонагии мақсадҳо, мазмун, механизмҳои дохилӣ, методҳо ва воситаҳои мушаххаси усулҳои таълим" фаҳмида мешавад [2, с.201].

Методҳои таълими анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ин самаранокии намоиш тавассути интихоби дурусти ашё, қобилияти муаллим барои равона кардани диққати хонандагон ва донишҷӯён ба ҷанбаҳои муҳимми зуҳуроти намоишшаванда ва инчунин омезиши дурусти усулҳои гуногун мусоидат мекунад. Усулҳои намоишӣ бояд тавре тарроҳӣ карда шаванд, ки ҳама хонандагон ва донишҷӯён объекти намоишшавандаро ба таври возеҳ дида тавонанд, агар имкон бошад, бо тамоми ҳиссиёт на танҳо бо чашми худ дарк карда, ҷанбаҳои муҳимтарини объект донишҷӯёнро ба ҳайрат орад ва диққати бештарро ҷалб кунад, инчунин имкон диҳад, ки андозагирии мустақилона таъмин карда шуда, хонандагон ва донишҷӯён ба пуррагӣ сифатҳои ашёҳоро омӯзанд.

Самаранокии тасвир бештар аз техникаи намоиш вобастагӣ дорад. Барои дуруст интихоб намудани воситаҳои аёнӣ ва як шакли тасвир, дар бораи ҳадафи дидактикӣ, мавқеъ ва нақши онҳо дар раванди маърифатӣ бодиққат фикр кардан лозим аст. Муаллим, инчунин, ба мушкилии муайян кардани миқдори оптималии маводи иллюстративӣ дучор меояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки шумораи зиёди тасвирҳо хонандагон ва донишҷӯёнро аз дарки моҳияти падидаҳои омӯхташуда дур мекунанд. Дар баъзе мавридҳо истифодаи маводи тақсимшаванда (аксҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва

ғайра) тавсия дода мешавад. Дар муассисаҳои таълимии муосир тахтаи электронӣ барои таъмини тасвирҳои баландсифат васеъ истифода бурда мешавад.

Методи ғайрианъанавӣ (видеоӣ) ҳамчун усули ҷудогонаи таълимӣ ба туфайли воридшавии босуръат ба амалия дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун манбаи нави пешниҳоди экран имконпазир гардид, ки аз инҳо иборат аст: проекторҳо, камераҳои филмҳо, телевизиони таълимӣ, видеоплейерҳо ва видеомагнитофонҳо, инчунин компютерҳои дорои маълумот мебошанд. Ин усул на танҳо барои донишандузии хонандагон ва донишҷӯён хизмат мекунад, балки барои назорат, мустаҳкамкунӣ, такрор, ҷамъбасткунӣ, систематизатсияи донишҳои онҳо ёрӣ мерасонад ва инчунин, тамоми вазифаҳои дидактикиро бомуваффақият иҷро мекунад. Ин метод асосан ба дарки визуалии иттилоот асос ёфтааст ва усулҳои индуктивӣ ва дедуктивии азхудкунии дониш, дараҷаи мухталифи мустақилият ва фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро дар бар гирифта, усулҳои гуногуни назорати раванди маърифатиро фароҳам меорад.

Холназаров С. қайд менамояд, ки "дар дарс методҳо ва усулҳои ҳавасмандкунии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон нақши калон доранд" Фикри С. Холназаровро тарафдорӣ намуда, бо боварӣ илова менамоем, ки дар ҳама давраҳои дарс методҳои таълим таъсири тарбиявӣ расонида метавонанд [12, с.130].Дар аксар маврид ин метод ҳамчун мусобиқа истифода бурда мешавад. Мусобиқаро метавонем барои ташкили ҳама лаҳзаҳои дарс истифода намоем ва метавонем дарси пурраи химияро дар намуди мусобиқа (санҷиши азхудкунии мавзуи мушаххас) низ гузаронем. Омӯзгорони фанни химия бисёр вақт ҷамъбасти мавзуи "Синфҳои пайвастагиҳои ғайриорганикӣ ва химиявӣ"-ро мегузаронанд, ки синфро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, супоришҳоеро бояд истифода баранд, ки ҳангоми иҷрои онҳо мусоҳиба ташкил кардан мумкин бошад. Масалан:

1. Аз рӯйи формулаҳои додашуда моддаҳоро тасниф намуда, ба се гурӯҳ ҷудо кунед.
2. Муайян намоед дар кадоми ин се зарф маҳлули ишқор мавҷуд аст.
3. Аз маҳлулҳое, ки дар ду зарф истодаанд, кадомаш кислота аст.

Машқ ҳамчун методи тарбия, хонандагонро ба фаъолияти бонизоми махсус ташкилкардашудаи фоиданок, роҳҳои ҳосил кардани малакаҳо, одат, маҳорати рафтори маданӣ, фаъолияти гуногуни муошират дар коллектив, кӯшишу ғайрат ба таълим ва омӯзиши химия сафарбар менамояд. Машқ ҳамчун амалиёти такроршавандаи доимӣ аз химия, тарз ё системаи батартибдарории рафтори хонанда дар ҳолатҳои муқарраӣ, дар шуури онҳо пайдо шудани одатҳои маърифатӣ, амалиёт ва рафтор ба ҳисоб меравад.

Методи ҳавасманд кардан бисёр вақт дар дарсҳои химия барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ истифода мешавад. Лекин омӯзгор на ҳама вақт ин методро истифода мебарад.

Вазифаи асосии омӯзгор интихоби методҳои самараноки таълим мебошад. Ҳар як усулро бояд самаранок истифода намуд, ки вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва донишҷӯёнро таъмин намояд.

**Муқарриз: Холназаров С.- д.и.п., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Макареня А.А. Методология химии / А.А. Макареня, В.Л. Обухов. - М.: Просвещение, 1985.- 158-160с.
2. Загвязинский В.И. Проблемы методов образования в современной общеобразовательной школе / В.И. Загвязинский. - М.: Педагогика, 1980. -С. 201.
3. Чернобельская Г.М. Методика обучения химии в средней школе: Учеб. для студ. высш. учеб. заведений / Г.М. Чернобельская. – 2000.

4. Зайцев О. С. Методика обучения химии: Теоретический иприкладной аспекты: учебник для студентов высших учебных заведений / О. С. Зайцев. – М.: ВЛАДОС, 1999.
5. Зубайдов. У.З. Методикаи таълими химия. Китоби дарсӣ барои мактаби олӣ / У.З. Зубайдов, С. Холназаров. – 2011.
6. Подласый И.П. Педагогика: Новый курс: Учеб. для студ. Высш. учеб. заведений / И.П. Подласый. -2001.
7. Лернер И.Я. Каким должно быть воспитывающее обучение // Химия в школе / И.Я. Лернер. – 1995. -С.15.
8. Кузнецовой Н. Е. Методика преподавания химии: учебное пособие длястудентов пед. ин-тов по хим. и биол. спец./ Н. Е. Кузнецовой. – М.: Просвещение, 1984.
9. Кузнецова Н. Е. Методика преподавания химии: учебное пособие длястудентов пед. ин-тов по хим. и биол. спец./ Н. Е. Кузнецова. – М.: Просвещение, 1984. – 63 с.
10. Зайцев О.С. Методика обучения химии: Теоретический и прикладной аспекты: Учеб. для студ. высш. учеб. заведений / О.С. Зайцев. -1999. -С.124.
11. . Иванова Р.Г. Проблема взаимосвязи содержания и методов обучения химии. Повышение эффективности методов обучения химии в средней школе Р.Г. Иванова. 1982. -С.45.
12. Холназаров С. Методикаи таълими химия / С. Холназаров, У. Зубайдов. – 2011. -С.130.
13. Шаповаленко С.Г. Методика обучения химии в восьмилетней и средней школе.1963 / С.Г. Шаповаленко. -С.87-88.
14. Титова И. М. Педагогическое общение как основа развивающего обучения / И. М. Титова // Химия в школе – 1996. – № 5.
15. Чернобельская Г. М. Теория и методика обучения химии: учебник по специальности «Химия» / Г. М. Чернобельская. – М.: Дрофа, 2010.

## ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ХИМИЯ

Дар педагогикаи муосир зери мафҳуми методҳои таълим усулҳои фаҳмондадиҳии маводи таълимӣ дар фаъолияти омӯзгор ва толибилм барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда фаҳмида мешавад, аз ин хотир методикаи таълими фанҳои гуногун бештар вазифаҳои ҳавасмандгардонӣ омӯзанда ва таълимдиҳиро иҷро менамоянд. Вобаста ба ин муаллифони мақола кӯшиш намудаанд, ки роҳҳои гуногуни фаҳмондадиҳӣ, муаррифӣ, омӯзонидан ва такмили маводҳои таълимиро ба толибилмон дар раванди таълими фанни химия бо таҳлили андешаҳои педагогҳои машҳури замони муосир баррасӣ намоянд. Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи педагогҳо Макареня А.А., Чернобелская Г.М., Кузнетсова Н. Е., Иванова Р.Г. ва дигарон, муаллифон қайд менамоянд, ки дар ҳама намуди фаъолияти таълимӣ омӯзгор бояд маҳорат, малака, сатҳи дониш ва қобилияти иҷрои амалии хонандагонро ба назар гирад.

**Калидвожаҳо:** методҳои таълим, фаъолияти таълимӣ, педагогика, методикаи таълими химия, мустақилият, фаъолияти эҷодии толибилмон.

## РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ САМОСТОЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ХИМИИ

В современной педагогике под методами обучения понимаются способы объяснения учебного материала в деятельности учителя и учащихся для достижения поставленных целей, поэтому задачи курса методики преподавания в основном выполняют функцию бдительности, обучаемости и воспитательной деятельности учащихся. В связи с этим авторы статьи анализируя взгляды видных современных педагогов, стараются рассматривать различные способы объяснения, ознакомления, обучения и укрепления учебного материала в процессе преподавания предмета химии. В результате изучения опыта педагогов Титова И.М., Анофрикова С.Ф., Лернера И.Я. и других авторы отмечают, что во всех формах учебной деятельности преподавателю необходимо учитывая умения, навыки, уровни знания и способности выполнения практических задач у учащихся, внедрять, три этапа учебного процесса: показательность, выполнение и контроль.

**Ключевые слова:** методы обучения, учебная деятельность, методика преподавания химии, самостоятельность, творческая деятельность учащихся.

## DEVELOPMENT OF CREATIVE ACTIVITY AND INDEPENDENCE OF STUDENTS IN THE PROCESS OF TEACHING CHEMISTRY

In modern pedagogy of teaching methods are understood as ways of explaining educational material in the activities of teachers and students in order to achieve the set goals, therefore, the tasks of the course of teaching methods mainly perform the function of vigilance, learning and educational activities of students. In this regard, the authors of the article, analyzing the views of prominent modern teachers, try to consider various ways of explaining, familiarizing, teaching and strengthening educational material in the process of teaching the subject of chemistry. As a result of studying the experience of teachers Titov I.M., Anofrikov S.F., Lerner I.Y. and other authors note that in all forms of educational activity, the teacher must, taking into account the abilities, skills, level of knowledge and ability to perform practical tasks among students, introduce three stages of the educational process: demonstration, implementation and control.

**Keywords**: teaching methods, educational activities, methods of teaching chemistry, independence, creative activity of students.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович*** **–** Донишгоҳи давлатии номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи химия ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735360, ҶумҳурииТоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Сафаров, 16.
***Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ., саромӯзгори кафедраи химия ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735360, ҶумҳурииТоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 987909008**
**Сведение об авторах:** ***Уроков Мирзомурод Давлатмуродович*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры химии и методики ее преподавания. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб улица С.Сафарова, 16.
***Бобоев Бахтиёр Джангиевич***– Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, преподаватель кафедры химии и методики ее преподавания,. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб улица С.Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 987909008**

**Information about the authors**: ***Uroqov Mirzomurod Davlatmurodovich*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki , teachers of the Department of Chemistry and Methods of its Teaching, **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16.
***Boboev Bakhtiyor Jangievich*** **-** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, teachers of the Department of Chemistry and Methods of its Teaching. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **(+992) 987909008**

УДК: 373.15

# ИНЪИКОСИ ҒОЯҲОИ ТАЪЛИМИ РУШДДИҲАНДА ДАР АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ ОЛИМОНИ АСРИ XX

*Қосимова Ф.Ҳ.*

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар замони имрӯза тамоми муассисаҳои таълимии кишвар дар тараққиёти худ марҳалаи сифатан навро аз сар мегузаронанд. Он бо дигаргунии куллии самтҳои афзалиятноки таълим алоқаманд буда, дар ин самт ташаккули шахсияти хонанда, рушди фаъолияти фикрии вай дар мадди аввал қарор дорад.

Дар солҳои 30-юми асри XX оид ба муаммои таълими рушддиҳанда аввалин шуда равоншиноси олмонӣ О.Зелтс тадқиқот бурда, таъсири таълимро ба фаъолияти фикрии мактаббачагон нишон дод. Дар давлатҳои Русия солҳои 20-50-уми асри гузашта аз ҷониби олимон Л.С. Виготский, С.Л. Рубинштейн, А.Н. Леонтев, Г.С. Костюк, Н.А. Менчинская, А.В. Запорожетс аввалин озмоишҳо оид ба таълими рушддиҳанда гузаронида шуда, тадқиқоти олимон ба назарияҳои аввалини ин муаммо замина гардид [1, с.352].

Солҳои 60-70-ум олимон Л.В. Занков, Д.Б. Элконин, Ш.А. Амонашвили, М.И. Махмутов, З.И. Калмикова, И.Я. Лернер, Т.А. Власова, В.И. Лубовская оид ба татбиқи амалии таълими рушддиҳанда дар муассисаҳои томактабӣ тадқиқот анҷом доданд [24, с.227].

Таҷрибаву мушоҳидаҳо ниҳон медиҳанд, ки бештари омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар фаъолияти хеш аз метод, шакл ва принсипҳои пешниҳоднамудаи муаллимони навовари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ба монанди В. Ф. Шаталов, Ш. А. Амонашвили, С. Н. Лисенкова, И. П. Волков, И. П. Иванов, Е. И. Илин ва дигаронро истифода мебаранд. Ҳар яке аз педагогони дар боло зикргардида дар раванди таълиму тарбия ба натиҷаҳои баланд сазовор гардидаанд. Ғояҳои пешқадами омӯзгорони навоварро дар ҷадвали зерин нишон медиҳем.

| Ғояҳои пешқадами педагогони навовар | Инъикоси ғояҳо |
|---|---|
| Ғояи ҳамкорӣ | Ин сабку услуби муошират, баробарӣ, ҳуқуқ ба худэҳтиромкунӣ, боварӣ ва масъулиятшиносист. |
| Омӯзонидан бе маҷбуриву зӯроварӣ | Ш.А. Амонашвили ба хонандагон баҳо намегузорад.<br>С. Н. Лисенкова баҳои ду намегузорад.<br>В.Ф. Шаталов дар журнали қайди баҳо катакчаҳои холӣ мегузорад. |
| Ғояи интихоби озод | Дар принсипи кори Ш.А. Амонашвили шакли супориш, иҷрои вазифа ва китоби мехондаашонро бачаҳо мустақилона интихоб менамоянд.<br>В.Ф. Шаталов ба бачаҳо 100 супориш месупорад.<br>Дар методикаи кори С.Н. Лисенкова – бачаҳо калимаҳои душвортаринро аз матн интихоб намуда, дар тахтаи синф менависанд. |
| Ғояи худидоракунӣ | Ш.А. Амонашвили ба хонандагон таҳлилу таркиб ва худбаҳодиҳиро меомӯзонад.<br>Дар дарсҳои И.П. Иванов матн ба таври |

| | |
|---|---|
| | коллективона таҳлил карда мешавад. |
| Ғояи худэҳтиромкунӣ – эҳтиром ба худ | Дар ҳамаи педагогон дида мешавад |
| Ғояи масъулиятшиносӣ | Масъулият аз болои рафтори худ. Хонанда соҳиби меҳнату фаъолияти худ дар дарс аст. Онҳо дарсро идора мекунанду аз он баҳра мебардоранд |

Оиди ба ҳам алоқамандии таълим ва инкишоф аз ҷониби олимони соҳаи педагогика нуқтаҳои назари гуногун пешниҳод гардидаанд. Масалан, дар ибтидои солҳои 30-юм аз ҷониби равоншинос А.В.Виготский ба соҳаи илм мафҳуми назариявии "минтақаи инкишофи наздик" ворид карда шуд, ки мувофиқи он кӯдак бо кумаки шахсони калонсол кореро анҷом медиҳад, ки то имрӯз мустақилона аз уҳдаи иҷрои он баромада наметавонист, яъне инкишофи психикӣ тавассути омӯзиш ташаккул меёбад. Мувофиқи таълимоти А.В.Виготский, он имконият ва қобилиятҳое, ки кӯдак дар вақти таълим соҳиб мегардад, "минтақаи инкишофи фаъол" мебошанд. Аз ин бармеояд, ки таълим ва инкишоф яклухти томро ташкил дода, таълим аз рушд пеш рафта, онро тақвият мебахшад ва худи таълим низ ба рушди фаъол такя менамояд [2, с.68].

Солҳои охир диққати омӯзгоронро муаммои таълими рушддидаҳанда беш аз пеш ҷалб месозад ва имконияти тағйиротҳо дар раванди таълимро омӯзгорон маҳз дар ҷорисозии ғояҳои олимони навовару эҷодкор мебинанд. Таълими рушддиҳанда ба омодасозии кӯдак ба ҳаёти мустақили "калонсолона" нигаронида шуда, мақсади асосии он ин аст, ки таълим ҳамон вақт самараи хуб мебахшад, ки агар он пеш аз инкишоф қадам гузорад.

Дар оғози солҳои 50-ум олим Л.В.Занков ғояҳои таълими рушддиҳандаро дар амал татбиқ намуда, низоми нави таълими ибтидоиро коркард намуд, аммо ин низом дар таҷрибаи мактабҳо ҷорӣ нагардид. [6,197]

Раванди фаъолияти таълимии хонандагони синфҳои ибтидоиро ба пуррагӣ омӯхта, Д.Б.Элконин қайд намуд, ки моҳияти таълими хонандаро аз бар кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо ташкил намекунанд, балки кӯдак бояд ҳамчун субъекти фаъоли раванди таълим доираи имкониятҳояшро баҳогузорӣ карда тавонад [24, с.227].

Оғоз аз солҳои 80-ум ин нуқтаи назари Д.Б.Элконин дар амал татбиқ гардид ва дар партави амалишавии он барномаҳои таълимӣ коркард гардида, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ аз чоп бароварда шуданд.

Омӯзгорон дар ин давра дар роҳи интихоби байни ду низоми таълимдиҳӣ қарор мегиранд. Мақсади ниҳоии таълими рушддиҳанда – талабот ба худтағйирдиҳист, яъне хонанда, пеш аз ҳама, бояд хоҳиш ва завқи хондану дониш гирифтанро дошта бошад. Барои ин барои хонанда пешниҳод намудани системаи фаҳмишҳо кофӣ набуда, "фаҳмидан" – меҳвари фаъолияти таълимии вай бояд бошад.

Имконият ва сифати азхудкунии донише, ки ба талаба дода мешавад, аз фаъолияти худи ӯ дар раванди таълим вобаста аст. Чӣ тарзе ки муаллим донишро пешниҳод нанамояд, муваффақияти таълим аз он вобаста аст, ки хонанда то кадом дараҷа онро аз худ намудааст. Ин ҳам дар таълими анъанавӣ ва ҳам дар таълими рушддиҳанда нақш ва аҳамияти муҳим дорад [19,с.96].

Вазифаи методикаи таълим ташкил ва дастгирии фаъолияти таълимии хонандагон мебошад. Омӯзише, ки ба аз худ намудани ҳалли муаммоҳои ҳамарӯза нигаронида

шудааст, ба фаъолияти таълимӣ асос меёбад. Ташкили чунин фаъолият, пеш аз ҳама, дар назар аст, ки хонандагон усули амали барои азхудкунии пешниҳодшударо равшан муайян ва дар хотир нигоҳ доранд, сониян, маънои онро фаҳманд, дар хотираашон пайваста такрор намоянд. Аммо, агар ҳамаи ин усулҳо барои рушди фаъолияти ҷустуҷӯию тадқиқотии хонандагон мувофиқ набошанд, пас муаллим бо кадом усулҳо онро ташкил карда метавонад? Муаллим бояд мутмаин бошад, ки хонандаи замони муосир ба чунин усул ниёз дорад. Мо бояд кӯшиш кунем, ки хонандагонро ба фаъолияти ҷустуҷӯӣ ҷалб созем ва дар ин ҳолат, ҳадди ақал ду шарт бояд риоя карда шавад. Аввалан, муаллим бояд худ иштирокчии тадқиқот бошад, на роҳбари он. Вай метавонад андешаи худро баён кунад, барои ҳалли ин мушкилот ғояҳои навро пешниҳод созад, аммо интихоби тарзи беҳтарини баромадан аз муаммо бояд ба ихтиёри хонандагон вогузор карда шавад.

Соҳаи эҷодиёти педагогиро фаъолияти амалию педагогии муаллим муайян менамояд, ки дар самтҳои зер ифода меёбад: фаъолияти мураттаб, ташкилотчигӣ, алоқавӣ, маърифатӣ.

1. Фаъолияти мураттаби муаллим ба интихоб, ба тартибот ва ба тарҳрезии маводи таълимию тарбиявӣ алоқаманд аст. Дар ин фаъолият муаллим ба нақша, барнома, китобҳои дарсӣ ва ба дастуру нишондодҳои методӣ такя намуда, ба ҳамаи он чизе, ки сарукор дорад, муносибати эҷодӣ менамояд ва мувофиқи вазифаҳои муайяну шароитҳои воқеӣ онҳоро тағйир медиҳад. Ин аст фаъолияти банақшагирӣ:

а) мазмуни фаъолияти оянда (дарс, дарси иловагӣ, машғулиятҳои берун аз синф);

б) сохтор ва пайдарҳамии амалиёти худ;

в) сохтор ва пайдарҳамии амалиёти талабагон.

2. Фаъолияти ташкилотчигии муаллим низ барои дар амал татбиқ кардани лоиҳаи муаллим хизмат мекунад. Фаъолияти мазкур низ се ҷиҳат дорад:

а) ташкили фаъолият оиди баррасӣ намудани мазмуни маълумот, баён (системаи донишҳо);

б) ташкили рафтори худ (амалиёти педагогӣ дар шароити воқеии фаъолият);

в) ташкили фаъолияти кӯдакон (ҷомеавӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ).

3. Фаъолияти алоқавӣ - соҳаи муносибати тарафайни муаллим ва талабагонро дар бар мегирад. Фаъолияти педагогӣ фаъолияти якҷояи таълимдиҳандагон ва таълимгирандагон, тарбиядиҳандагон ва тарбиягирандагон мебошад. Ин аст, ки муваффақияти фаъолият ба муносибати тарафайн вобаста аст.

4. Фаъолияти маърифатӣ, имкон медиҳад, ки муаллим:

а) объекти фаъолияти худ, яъне талабагон;

б) мазмун, воситаҳо, шаклу методҳои фаъолияти худ;

в) муваффақияту камбудиҳои шахсӣ ва фаъолияти худро бо мақсади такомули бошууронаи он мунтазам омӯзад.

Таълим дар марҳилаҳои инкишофи таърихӣ шаклҳои ташкилии гуногунро сипарӣ намудааст. Дар замонҳои хеле қадими инкишофи ҷамъияти инсонӣ таълим табиатан ба фаъолияти меҳнатии одамон пайваста пеш бурда мешуд. Кӯдакон ба касбу ҳунарҳои истеҳсолӣ ва маишии калонсолон пайравӣ намуда, ин ё он фаъолиятро меомӯхтанд ва баъди аз худ кардани касби шахси ҳунарманд вазифаи таълимиро анҷом додашуда медонистанд.

Татбиқи таълим, донистан ва самарабахш истифода бурдани шаклҳои гуногуни ташкили кори таълимиро тақозо мекунад.

Дарс якумин хазинаи маърифатиест, ки аз он толибилмон ҷавҳари инсонӣ-дониш, маълумот, тарбия мегиранд, руҳан инкишоф меёбанд.

Дар дарс эътибори муаллим ба вазифаҳои умда: маълумот, тарбия ва инкишофи шахсият нигаронида мешавад, ки ин талаботи давру замон низ мебошад. Ҳар як дарс дар асоси принсипҳои диалектикӣ: илмӣ, систематикӣ, дастрасӣ, алоқамандӣ бо ҳаёт, шуурнокӣ ва фаъолнокии таълим, устувор азхудкуннии дониш бо баҳисобгирии хусусиятҳои фардии хонандагон сохта мешавад. Дарси замонавӣ хусусияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯӣ дорад. Муаллим тавассути метод ва усулҳои беҳтарин дарсро шавқовар мегардонад: алоқамандии байни фанҳо, алоқамандии дарс бо ҳаёт, меҳнат ва таълими политехникӣ, меҳнати истеҳсолӣ ва фаъолияти берунازтаълимиро таъмин намуда, ба хусусиятҳои тарбиявӣ гирифтани машғулият эътибор медиҳад.

Дар дарс раванди таълими ибтидоӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсил, тарбия ва инкишофи шахсияти мактабиёни хурдсол бағоят аҳамияти калон дорад. Бояд ҳангоми аз худ кардани ҳар як мавзуъ, системаи дарсҳо ва тамоми мазмуни фанни таълимиро донист.

Ҳар дарс интихоби ба худ хосси метод ва усулҳои таълимиро тақозо мекунад. Бо роҳҳои гуногун омӯзонидани мавод дар дарс, хусусан дар синфҳои ибтидоӣ, аз тарафи муаллим пешакӣ ба назар гирифтани система ва низоми муайянро талаб мекунад, зеро дар рафти дарс худсарона иваз кардани метод ва усулҳои баёни мазмун мумкин нест, барои он ки ягонагии сохти мантиқии дарс вайрон мешавад. Талабагон маводи таълимиро ҳамон вақт ба осонӣ аз худ мекунанд, ки муҳокимаи муаллим система ва низоми ҷиддӣ дошта бошад.

Таҳсилоти анъанавӣ дар айни замон танҳо дар доираи ташаккул додани дониш, малака ва қобилият маҳдуд аст. Ин, албатта, муҳим аст, аммо ҳанӯз кофӣ нест. Аз сабабе ки кори таълиму тарбия дар мактаб як низоми максаднок аст, мактаб дар тарбияи хонандагон нақши пешбаранда дорад.

Марҳилаи имрӯзаи амалияи педагогӣ ин гузариш аз технологияи иттилоотию фаҳмондадиҳии таълим ба фаъолияти инкишофдиҳанда мебошад, ки доираи васеи сифатҳои шахсии кӯдакро ташкил медиҳад. Дар ин раванд на танҳо донишҳои азхудшуда, балки худи усулҳои азхудкунӣ ва коркарди иттилооти таълимӣ, инкишофи равандҳои маърифатӣ ва неруи эҷодии хонандагон низ муҳим мегардад.

Хусусияти инкишофёбандаи таълим дар тадқиқоти Д.Б. Элконин ва В.В. Давидов, пеш аз ҳама, бо он вобаста аст, ки мазмуни он дар асоси донишҳои назариявӣ сохта шудааст. Чунонки маълум аст, дониши таҷрибавӣ ба мушоҳида, тасвирҳои аёнӣ, хосиятҳои берунии ашё асос меёбад, умумисозии консептуалӣ бо роҳи нишон додани хосиятҳои умумӣ ҳангоми муқоисаи объектҳо ба даст оварда мешавад. Дониши назариявӣ бошад, аз доираи тасаввуроти ҳиссӣ берун баромада, ба тағйирёбии равонии абстраксия асос ёфта, муносибатҳо ва алоқаҳои дохилиро инъикос мекунад. Онҳо тавассути таҳлили генетикии нақш ва вазифаҳои муносибатҳои муайяни умумӣ дар дохили системаи интегралии элементҳо ташаккул меёбанд [4, с.247].

Нуқтаҳои муҳим дар тадқиқоти Д.Б. Элконин, В.В. Давидов амалияи умумииттифоқӣ дорад. Дар мантиқи расмӣ, он аз ҷудо кардани аломатҳои муҳим дар ашё ва муттаҳид кардани ашё аз рӯйи ин хусусиятҳо ба як мафҳуми умумӣ овардани онҳо иборат аст.

В.В. Давидов муқаррароти асосиеро, ки на танҳо мазмуни фанҳои таълимӣ, балки малакаҳоеро низ тавсиф мекунад, ки ҳангоми азхудкунии ин фанҳо дар фаъолияти таълимӣ дар хонандагон ташаккул меёбанд.

Муаммои таълиму тарбия дар маркази диққати доимии Л.С. Виготский ва пайравони ӯ қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки ба сифати омили пешбарандаи ташаккули шахсияти кӯдак ҷудо кардани омӯзиш маънои онро надорад, ки омӯзиш мантиқи инкишофи равонии ӯро комилан тобеъ мегардонад. Аз ин рӯ, инкишоф ва

омӯзиш ҳамчун ду раванди мустақил амал карда наметавонанд, онҳо ҳамчун мазмун ва шакли як раванди ягона ва ташаккули иҷтимоию фарҳангии шахсият алоқаманданд.

Тавре ки дар боло зикр гардид, мафҳуми минтақаи таълими рушддиҳанда роҳи пешравии шахсро дар раванди таълим ва фазои ботинии ҳаёти кӯдакро, ки ба таъсири ташаккули фарҳанг дучор мешавад, инъикос мекунад. Дар айни замон худи инкишофи равониро хамчун тағйироти сифатии шахсият маънидод мекунанд, ки дар рафти он равандҳои маърифатӣ вобаста ба синну сол бо суръати гуногун ташаккул меёбанд [3,с.187].

Таҳсилот ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди равонии кӯдак, дар ташаккули тамоми маҷмуи хислатҳои шахсияти ӯ тавассути чунин мафҳумҳо маънидод карда мешавад:

1. ДММ (дониш, маҳорат, малака);

2. ВАФ (воситаҳои амалҳои фикрӣ). Онҳоро метавон ба таври зерин тасниф кард:

а) аз рӯйи хусусияти воситаҳои тафаккури бартаридошта;

б) аз рӯйи амалҳои тафаккур: муқоиса, таҳлил, абстраксия, синтез, индуксия, дедуксия, ғайра;

в) аз рӯйи шакли натиҷа: офаридани образи нав, муайян кардани мафҳум, хулоса, қонуният, назария;

3. МХШ (механизмҳои худидоракунии шахсият).

4. ССЭАШ (соҳаи сифатҳои эстетикӣ ва ахлоқии шахс).

5. СФАШ (соҳаи фаъолияти амалии шахсият).

Ҳамин тариқ, таълими рушддиҳанда ҳамеша дар «минтақаи рушди наздик» сурат мегирад ва дар фаъолият ва муошират сурат мегирад. Мавқеи кории омӯзгор низ ба ҳамин нуқтаи назар асос ёфта, ҳамеша омодаи танзим, ҳавасмандгардонӣ ва расонидани кумак ба таълимгирандагон мебошад.

**Муқарриз: Раҳмонова Д.З.- н.и.п., дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Божович Л.И. Проблемы формирования личности / Л.И. Божович. - М.: Издательство «Институт практической психологии», Воронеж: НПО «МОДЭК», 2007. - 352 с.
2. Выготский Л. С. Собрание сочинений: В 6 т. Т. 3 / Л. С. Выготский. — М.: Педагогика, 1983. — С. 68.
3. Давыдов В.В. Принципы обучения в школе будущего / В.В. Давыдов. - М.: Просвещение, 2000. - 187с.
4. Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения / В.В. Давыдов. - М.: Просвещение, 1999. - 247 с.
5. Зак А.З. Развитие теоретического мышления у младших школьников / А.З. Зак. - М.: Педагогика, 2000. - 152 с.
6. Занков Л.В. Обучение и развитие / Л.В. Занков. - М.: Логос, 2005. - 197 с.
7. Занков Л. В. Избр. пед. труды / Л.В. Занков. - М., 1990. - С.96.
8. Зимняя И.А. Педагогическая психология. Учебник для вузов. - 2-е изд./ И.А. Зимняя. - М.: Логос, 2013. - 384 с.
9. Кабанова-Меллер Е.Н. Учебная деятельность и развивающее образование / Е.Н. Кабанова-Меллер. - М., 2001. - С. 7.
10. Калмыкова З.И. Продуктивное мышление как основа обучаемости / З.И. Калмыкова. - М., 2009. - С.241.
11. Кириллова Г.Д. Теория и практика урока в условиях развивающего обучения: Учеб. пособие для студентов пед. ин-тов./ Г.Д. Кириллова. - М.: Просвещение, 2010. - 159 с.
12. Кокарева З.А. Технологический подход к анализу современного урока / З.А. Кокарева. - Вологда, ВИРО, 2013. - 37 с.
13. Кукушин В.С. Современные педагогические технологии. Начальная школа. Пособие для учителей / В.С. Кукушин. - Ростов н/Д.: изд-во «Феникс», 2014. - 384 с.
14. Обучение и развитие: Экспериментально-педагогическое исследование. Под. ред. Л.В. Занкова. - М., 1995.
15. Перминова Л.М. Формирование общих учебных умений и навыков учащихся как условие повышения качества общего образования: Методическое пособие / Л.М. Перминова. - СПб.: Питер, 2016. - 64 с.
16. Рожина Л.Н. Развивающие технологии обучения / Л.Н. Рожина // Психология. - 2014. - №3 (25). - С. 38-51.
17. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии: Учебное пособие / Г.К. Селевко. - М.: АСТ, 2008. - 256 с.
18. Ситаров В.А. Дидактика: учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / В.А. Ситаров. Под ред. В.А. Сластенина. - М.: Академия, 2012. - 368 с.
19. Скаткин М.Н. Проблемы современной дидактики / М.Н. Скаткин. - М.: Педагогика, 2011. - 96 с.

20. Совершенствование учебно-воспитательного процесса как фактор развития личности ребенка: Из опыта работы учебных заведений Альшеевского района Республики Башкортостан: Сборник материалов. Отв. ред. И.Е. Карпухин; зам. отв. ред. А.С. Акбашева. - Стерлитамак: Стерлитамак. гос. пед. ин-т, 2011. - 175 с.
21. Современные образовательные технологии и их роль в развитии личности младших школьников: Сборник материалов научно-практической конференции. Череповец, 12 мая 2010 года / гл. ред. Т.Н. Караганова. - Вологда, 2011. - 147 с.
22. Харламов И.Ф. Педагогика / И.Ф. Харламов. - Мн.: Университетское, 2011. - 272 с.
23. Чуприкова Н.И. Умственное развитие и обучение. Психологические основы развивающего обучения / Н.И. Чуприкова. - М.: АСТ, 2013. - 480 с.
24. Эльконин Д.Б. Психология обучения младшего школьника // Избранные психологические труды / Д.Б. Эльконин. - М., 1989. - С. 227.
25. Якиманская И.С. Развивающее обучение / И.С.Якиманская. - М.: Педагогика, 2000. - 144с.

## ИНЪИКОСИ ҒОЯҲОИ ТАЪЛИМИ РУШДДИҲАНДА ДАР АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ ОЛИМОНИ АСРИ XX

Дар замони имрӯза тамоми муассисаҳои таълимии кишвар дар тараққиёти худ марҳалаи сифатан навро аз сар мегузаронанд. Он бо дигаргунии куллии самтҳои афзалиятноки таълим алоқаманд буда, дар ин самт ташаккули шахсияти хонанда, рушди фаъолияти фикрии вай дар мадди аввал қарор дорад. Мавзуи интихобгардида дар замони муосир актуалӣ ба ҳисоб меравад, зеро солҳои охир диққати омӯзгоронро муаммои таълими рушддидаҳанда беш аз пеш ҷалб месозад ва имконияти тағйирот дар раванди таълимро омӯзгорон маҳз дар ҷорисозии ғояҳои олимони навовару эҷодкор мебинанд. Таълими рушддиҳанда ба омодасозии кӯдак ба ҳаёти мустақил нигаронида шуда, мақсади асосии он ин аст, ки таълим ҳамон вақт самараи хуб мебахшад, ки агар он пеш аз инкишоф қадам гузорад. Муаллиф бар он ақида аст, ки мафҳуми минтақаи таълими рушддиҳанда роҳи пешравии шахсро дар раванди таълим ва фазои ботинии ҳаёти кӯдакро, ки ба таъсири ташаккули фарҳанг дучор мешавад, инъикос мекунад. Дар айни замон худи инкишофи равониро хамчун тағйироти сифатии шахсият маънидод мекунанд, ки дар рафти он равандҳои маърифатӣ вобаста ба синну сол бо суръати гуногун ташаккул меёбанд. Дар мақолаи мазкур тадқиқоти олимон оид ба масъалаи таълими рушддиҳанда, афзалиятҳо ва роҳҳои татбиқи он оварда шуда, қайд карда мешавад, ки имконият ва сифати азхудкунии донише, ки ба талаба дода мешавад, аз фаъолияти худи ӯ дар раванди таълим вобаста аст. Муаллим чи тарзе ки донишро пешниҳод нанамояд, муваффақияти таълим аз он вобаста аст, ки хонанда то кадом дараҷа онро аз худ намудааст. Ин ҳам дар таълими анъанавӣ ва ҳам дар таълими рушддиҳанда нақш ва аҳамияти муҳим дорад.

**Калидвожаҳо:** таълим, рушди фаъолияти фикрӣ, таълими рушддиҳанда, минтақаи инкишофи наздик, дониш, маҳорат, малака.

## ОТРАЖЕНИЕ ИДЕЙ РАЗВИВАЮЩЕГО ОБУЧЕНИЯ В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ПРЕДСТАВЛЕНИЯХ УЧЕНЫХ XX ВЕКА

Сегодня все образовательные учреждения страны вступают в качественно новый этап своего развития. Это связано с коренным изменением приоритетов образования, в котором на первый план выходит формирование личности учащегося, развитие его интеллектуальной деятельности.На современном этапе развития образования выбранная тема актуальна, так как в последние годы внимание педагогов все больше приковано к проблеме развивающего обучения, а педагоги видят возможность изменения образовательного процесса во внедрении новаторских и творческих идей педагогов. Развивающее образование направлено на подготовку ребенка к самостоятельной «взрослой» жизни, и его главная цель состоит в том, что образование эффективно только в том случае, если оно идет на шаг впереди развития.Автор считает, что понятие развивающей области обучения отражает то, как человек продвигается в процессе обучения, и внутреннее пространство жизни ребенка, на которое влияет формирование культуры. При этом само психологическое развитие трактуется как качественное изменение личности, в ходе которого с разной скоростью в зависимости от возраста формируются познавательные процессы.В данной статье представлены исследования ученых по вопросам развивающего обучения, его преимуществ и путей реализации, а также отмечается, что возможность и качество усвоения данных учащимся знаний зависит от их собственной деятельности в образовательном процессе. Как бы учитель не преподносил знания, успех преподавания зависит от того, в какой мере ученик усвоил их. Это важно как в традиционном образовании, так и в развивающем.

**Ключевые слова**: образование, формирование личности, развитие интеллектуальной деятельности, развивающее обучение, зона ближайшего развития, знания, умения.

**REFLECTION OF THE IDEAS OF DEVELOPMENTAL EDUCATION IN PEDAGOGICAL REPRESENTATIONS OF SCIENTISTS OF THE XX CENTURY**

Today, all educational institutions of the country are entering a qualitatively new stage of their development. This is due to a radical change in the priorities of education, in which the formation of the student's personality and the development of his intellectual activity come to the fore.At the present stage of development of education, the chosen topic is relevant, since in recent years the attention of teachers has been increasingly riveted to the problem of developmental education, and teachers see the possibility of changing the educational process in the introduction of innovative and creative ideas of teachers. Developmental education is aimed at preparing the child for an independent "adult" life, and its main goal is that education is effective only if it goes one step ahead of development.The author believes that the concept of a developing area of learning reflects how a person advances in the learning process, and the inner space of a child's life, which is influenced by the formation of culture. At the same time, psychological development itself is interpreted as a qualitative change in personality, during which cognitive processes are formed at different rates depending on age.This article presents the research of scientists on developmental education, its advantages and ways of implementation, and also notes that the possibility and quality of assimilation of knowledge by students depends on their own activities in the educational process. No matter how the teacher presents knowledge, the success of teaching depends on the extent to which the student has mastered it. This is important both in traditional education and in developing education.

**Key words**: education, personality formation, development of intellectual activity, developmental education, zone of proximal development, knowledge, skills.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қосимова Фирӯза Ҳабибовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторанти соли дуюми ихтисоси педагогика ва методикаи таълими факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **firuza.kasymova-83@mail.ru**

**Сведение об авторе**: ***Касымова Фируза Хабибовна*** **-** Худжанский государственный университет имени академика Б. Гафурова, докторант второго курса специальности педагогики и методики обучения факультета начального образования и специальной педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова 1. E-mail: **firuza.kasymova-83@mail.ru**

**Information about the author**: ***Kasymova Firuza Khabibovna*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov, second-year doctoral student in the specialty of pedagogy and teaching methods of the Faculty of Primary Education and Special Pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Avenue 1. E-mail: **firuza.kasymova-83@mail.ru**

УДК:796.011.3

# МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАСОЗИИ ДОНИШҶӮЁН БА ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТӢ ДАР РАВАНДИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

***Сафаров Ш.А., Миралиён Х.А.***
**Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов**

Дар замони мо рушди босуръати пешрафти илмию техникӣ, ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ сурат гирифта истодааст. Технологияҳои иттилоотӣ ба қисми ҷудонашавандаи фаъолияти ҳаётии инсон ва ҷомеа мубаддал гардида истодаанд, ки зарурати баланд бардоштани сифати раванди таҳсилотиро дар пай дорад.

Технологияи иттилоотӣ – ин маҷмуи методҳо, воситаҳои барномавӣ техникӣ ва равандҳои истеҳсолие мебошад, ки дар занҷираи технологӣ муттаҳид карда шуда, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, инттиқол ва инъикоси иттилоотиро таъмин менамояд [2, с. 59-62].

Дар истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ нақши калонро таъминоти барномавӣ–методӣ мебозад. Ҳоло кор доир ба эҷод ва ҷорӣ намудани маводҳои дидактикӣ ба раванди таълимӣ оғоз ёфтааст, ки дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ омод карда шудаанд. Хеле муҳим аст дар низоми омодасозӣ ва такмили ихтисос низоми ягонаи бисёрмодулии китобҳои дарсӣ ва маълумотномаҳои электронӣ, бонкҳои маълумот ва пойгоҳҳои донишҳо эҷод ва истифода шуда, китобхонаҳои иттилоотӣ рушд дода шуда, фаъолияти муштараки воситаҳои телекоммуникатсионӣ байни онҳо таъмин карда шавад [10, с. 26-29]. Технологияҳои аз ҷиҳати методӣ муосир дар низоми такмили ихтисос ва таҳсилоти бетанаффус бояд бо самтгирӣ ба истифодаи мушаххас дар раванди таълимӣ–тамринӣ, гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ кор карда шуда, хусусияти хосси намудҳои алоҳидаи фанҳои варзишӣ–педагогӣ ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тавр, масалан, қисми технологияҳо машғулиятҳои лексионӣ ва амалиро дастгирӣ намояд – инҳо китобҳои дарсӣ ва энсиклопедияҳои электронӣ, барномаҳои таълимӣ ва назоратӣ мебошанд, ки дар асоси технологияҳои мултимедиа таҳия карда шудаанд, қисми дигар – ҷустуҷӯ, коркард ва пешниҳоди иттилооти илмӣ–методӣ дар асоси технологияҳои интернетӣ буда, қисми сеюм метавонад ба эҷоди саҳифаҳои Web ва презетатсияҳо нигаронида шавад ва ғайра. Муҳиммияти махсусро технологияҳои иттилоотӣ ҳангоми иҷрои супоришҳои мустақилона дар компютери хонагӣ, ҳангоми ташкили таълими фосилавӣ, гузаронидани таҳиқотҳои илмӣ касб мекунанд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим имкон медиҳад самаранокии ташкил ва идоракунии кори мустақилонаи донишҷӯён баланд бардошта шуда, мазмуни таълим тавсеа дода шуда, методҳои муосир ва шаклҳои ташкилии таълим мавриди истифода қарор гиранд.

Ташаккули фарҳангии ҷисмонии шахсият қисми ҷудонашавандаи раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ мебошад. Он ба рушди қобилияти истифодаи нигаронидашудаи воситаҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва сайёҳӣ барои нигоҳдорӣ ва таҳкими солимӣ, омодасозии равонӣ–ҷисмонӣ ва худомодасозӣ ба ҳаёт ва фаъолияти касбии оянда равона гардидааст. Хусусияти ташкили машғулиятҳои тарбияии ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ афзалияти машғулиятҳои амалӣ маҳсуб меёбад, ки

дар он вазифаи рушди сифатҳои ҷисмонӣ бомуваффақият ҳал гардида, амалҳоии ҳаракатӣ таълим дода мешаванд [11].

Дар ин заминаи омодсозии назариявӣ бо лексияҳои камшумор ва тайёр кардани рефератҳо маҳдуд мешавад. Ин масъаларо бо роҳи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар маҷмуи электронии таълимӣ–методӣ оид ба фанни Тарбияи ҷисмонӣ ҳал кардан мумкин аст. Технологияҳои иттилоотӣ имкониятҳои иловагии ташкили таҳсилоти фосилшавии тарбияи ҷисмониро фароҳам меоранд. Онҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки ҳудудан аз муассисаи таҳсилот ҷудо буда, ба таври мустақилона вақти азхудкунии курси назариявиро муайян созанд [12, с. 32-39]. Истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбии тарбияи ҷисмонӣ, махсусан бо сабаби зарурати якҷоя кардани раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ бо фаъолияти варзишӣ, ҷамъомадҳои таълимӣ–тамринӣ ва мусобиқаҳо муҳим мебошад. Истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими донишҷӯёни варзишгар имкон медиҳад донишҷӯён ба фаъолияти фаъоли мустақилонаи беруназаудиторӣ оид ба азхудкунии курси назариявӣ ҷалб карда шуда, дар ин зимн ҷадвали инфиродии раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бо ҷадвалҳои тамринҳо ва мусобиқаҳо тарҳрезӣ карда шавад [11].

Истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, аз қабили фиттаҳои интерактивиии CD–ROM, лавҳаҳои электронии эълонҳо, гиперматни мулдимедиявӣ, имконият фароҳам меорад на танҳо фаъолнокии фаъолияти маърифатии донишҷӯён баланд бардошта шавад, балки инчунин ба таври мустақилона онҳо идора карда шаванд. Ҳавасмандгардонии робитаи барьакс, таъмини муколама ва дастгириии доимӣ ба туфайли технологияҳои муосир имконпазир мегардад [16, с. 314-316].

Дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар педагогика муқаррароти асосии психологӣ–педагогӣ ва методологии таҳиянамудаи Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, С.Л. Рубинштейн, Ю.К. Бабанский , Н.Ф. Тализина ва дигарон гузошта шудаанд. Таҳқиқоти бахшида ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ–иртиботӣ дар раванди таҳсилот имконпазир ва мақсаднок будани истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар ташаккули шахсияти таълимгиранда дар соҳаҳои гуногун ба таври боварибахш собит карда (И.Г. Захарова, В.Г. Беспалко, С. Пейперт, Г.К. Селевко ва дигарон), ҷанбаҳои психологии истифодаи компютерро дар раванди таълим баррасӣ мекунанд ( Е.И. Виштинетский , А.О. Кривошеев, Е. С. Полат ва дигарон).

Тавре ки Е.И. Виштинетский ва А.О. Кривошеев қайд мекунанд, истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаи таҳсилот бояд ба иҷрои вазифаҳои зерин равона карда шавад:

1. Дастгирӣ ва рушди муназзамии тафаккури таълимгиранда.

2.Дастгирии ҳама намудҳои фаъолияти маърифатии таълимгиранда дар касби дониш, рушд ва мустаҳкам намудани маҳоратҳо ва малакаҳо.

3. Татбиқи принсипи инфиродикунонии раванди таълим зимни нигоҳ доштани якпорчагии он.

Омузиш бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ–иртиботӣ дар муқоиса бо анъанавӣ дорои як қатор бартариҳо мебошад: технологияҳои иттилоотӣ–иртиботӣ ба фаъолшавии таълимгирандагон мусоидат мекунанд. На танҳо бозтавлиди иттилоот, балки корбарии он низ ба назар гирифта шудааст.

Пайдоиши технологияҳои гуногуни иттилоотӣ барои рушди қобилиятҳои фардии донишҷӯ шароити зарурӣ фароҳам меорад.

Мушкилоти ислоҳоти соҳаи маориф аз он иборат аст, ки кас наметавонад василаи мавҷудаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба низоми дидактикии мавҷуда илова кунад ва умедвор шавад, ки инқилоб дар таҳсилот худ аз худ ба амал хоҳад омад. Тавре ки олимони британиёӣ менависанд, бо назардошти ҷанбаҳои таърихӣ, психологӣ ва фалсафии масъала, бо такя ба консепсияҳои назариявии раванди таълим, технологияҳои иттилоотию коммуникативиро бо инфрасохтори таълим ҳамгиро кардан зарур аст.

Асри XXI асри технологияҳои олии компютерӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникативӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонии донишгоҳ раванди объективӣ ва комилан қонунманд мебошад. Рушди ҷомеаи инсонӣ дар ҷаҳон ва алалхусус дар Тоҷикистон муносибати илмиро ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ тақозо мекунад. Асоси рушди ҳар як раванд иттилоот мебошад.

Корбасти технологияҳои компютерӣ дар раванди тарбияи ҷисмонии донишҷӯён ҳамчун воситаи таъминоти методии раванди таълим хеле муҳим аст. Дар назари аввал компютер ва машғулияти тарбияи ҷисмонӣ номувофиқ ба назар мерасанд. Зеро, тарбияи ҷисмонӣ, пеш аз ҳама, ҳаракат аст. Хусусияти ҳар як фан гуногун аст, аммо принсипи умумӣ як аст – вазифаи омӯзгор аз фароҳам овардани шароит барои азхудкунии амалии дониш иборат аст. Ин принсипро дар машғулияти тарбияи ҷисмонӣ татбиқ намуда, қайд кардан мумкин аст, ки вазифаи омӯзгор аз интихоби чунин усулҳои таълим иборат аст, ки ба ҳар як таълимгиранда имкон медиҳад фаъолият, эҷодкории худро нишон дода, фаъолияти ҳаракатӣ ва маърифатии ӯро фаъол созад.

Технологияҳои муосири педагогӣ, алалхусус истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ, манбаъҳои интернетӣ имкон медиҳанд, ки дар ҳалли бисёр масъалаҳо, аз ҷумла баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати раванди таълим, баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ, баланд бардоштани ҳаҷм ва оптимизатсияи ҷустуҷӯи иттилооти зарурӣ, ташаккули малакаҳои иртиботӣ, ташаккули фарҳанги иттилоотӣ, қобилияти коркарди иттилоот, ташаккули малакаҳо оид ба гузаронидани корҳои таҳқиқотии таҷрибавӣ, тайёр кардани шахсияти босаводи иттилоотӣ, иҷрои корҳои роҳнамоии касбӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш натиҷаҳои ҳадди аксар ба даст оварда шаванд.

Эҷод ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсиониро дар соҳаи маориф пешбинӣ менамояд, ки бо як қатор омилҳо муайян карда мешавад:

1. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаи маориф интиқоли дониш ва таҷрибаи ҷамъшудаи инсониятро на танҳо аз насл ба насл, балки аз як шахс ба шахси дигар ба таври назаррас осон мекунад.

2. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосир сифати таълим ва таҳсилотро баланд бардошта, ба инсон имкон медиҳанд, ки ба дигаргуниҳои ҷории иҷтимоӣ муваффақтар мутобиқ шавад.

3. Татбиқи фаъолона ва самарабахши ин технологияҳо дар соҳаи маориф омили муҳимми навсозии низоми маориф дар асоси талаботи ҷомеаи муосир мебошад.

*Имкониятҳои истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар тарбияи ҷисмонии хонандагон ва донишҷӯён.* Дар айни замон рушди босуръати пешрафти илмӣ–техникӣ, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ҷараён дорад. Технологияҳои иттилоотӣ ба қисми

ҷудонашавандаи фаъолияти ҳаётии инсон ва ҷомеа мубаддал гашта истодаанд, ки зарурати баланд бардоштани раванди таҳсилотро дар пай дорад.

Аксари муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки мақсадҳо, мазмун ва технологияҳо дар низоми муосири маориф омодасозии пурарзиш ва саривақтии инсонро барои ояндаи наздики иттилоотӣ таъмин карда наметавонанд. Ин масъала ба омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ низ дахл дорад. Иттилоотикунонии таҳсилоти тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун пайомади иттилоотикунонии ҷомеа амал мекунад. аммо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар барномаҳои фанни Тарбияи ҷисмонӣ ба таври нокифоя дар адабиёти махсус инъикос ёфта, корбасти лозимаро дар амалия намеёбад [2, с. 59-62].

Мутаассифона, қисми назарраси аҳолӣ, дорои сатҳи баланди зеҳнӣ буда, қобил нест ҳолати равонию ҷисмонӣ ва сатҳи оптималии коршоямиро нигоҳ дорад, азбаски он дорои донишҳо ва маҳоратҳои дахлдор намебошад.

Барномаҳои таҳсилотии фанни Тарбияи ҷисмонӣ ба ғайр аз раванди тамринӣ бахшҳои назариявӣ ва методиро дар бар мегиранд, ки дар онҳо муҳиммияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва нақши он дар рушди шахсият ошкор гардида, азхудкунии методҳо ва усулҳои фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ – варзишӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои таълимӣ, касбӣ ва ҳаёти шахсият таъмин карда мешавад [9].

Аммо дар амалияи кунунии муассисаҳои таълимӣ зарурати баланд бардоштани сатҳи назариявӣ ва методии донишҳо ҷойи худро ба зарурати баланд бардоштани сифатҳои ҷисмонии хонандагон ва донишҷӯён ва таълими амалҳои ҳаракат медиҳад, зеро аксарияти ҷавонон сарбории ҳаракатиро танҳо дар машғулиятҳои таълимӣ ба даст меоранд.

Ҳамин тариқ, таълими амалҳои ҳаракатӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои ҷисмонӣ бо зарурати баланд бардоштани сатҳи назариявӣ ва методӣ ба ихтилоф медарояд [3, с. 13-18].

Технологияҳои иттилоотӣ ин ихтилофро ҳал намуда, бо кумаки онҳо хонандагон ва донишҷӯён метавонанд кори мустақилонаро анҷом диҳанд. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли иттилоот ба таври назаррас амалӣ карда шуда, мазмун, методҳо ва шаклҳои ташкили таълим, омодасозии варзишгарони баландихтисос, гузаронидани кори тарбияи ҷисмонӣ – солимгардонӣ бо аҳолӣ сифатан тағйир дода шаванд [1, с. 32].

Ба ақидаи А.Б. Евсеев, бадалшави афзалиятҳои таҳсилот боиси тағйирёби донишҳои касбшуда гардидааст: ба ҷойи аввал маҳоратҳои умумии таълими касбӣ ва самаранок истифода бурдани дониш баромадааст [9, с.17]. Ва нисбати тарбияи ҷисмонӣ – ин истифодаи донишҳо бо мақсади аз худ кардани малакаҳои нигоҳдории солимӣ, истифодаи методҳои худназораткунӣ, хударзёбии омодабошии ҷисмонӣ ва функсионалӣ мебошад.

Мақсаднокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ бо натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифон исбот карда мешавад. Ин масъалаҳо ба омӯзиши майлу рағбат ба таълим аз рӯйи методика бо унсурҳои технологияи нави иттилоотӣ, назорати компютери кори мустақилона, автоматикунонии идоракунии омодабоши ҳаракатии хонандагон дар асоси истифодаи техникаи компютерӣ, дастгирии иттилоотии омодасозии касбии мутахассисони тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш оид ба гимнастика, эҷоди барномаҳои компютерӣ барои гузаронидани имтиҳон оид тарбияи ҷисмонӣ ва арзёбии вазъи ҷисмонӣ дахл доранд [5; 6].

А.И. Ятсинин пешниҳод мекунад, ки ба раванди таълим низоми идоракунии автоматикунонидашудаи омодабоши ҳаракатии хонандагон ҷорӣ карда шавад, ки имкон

медиҳад дараҷаи рушди синфхонаҳои инфиродӣ ошкор карда шуда, раванди тарбияи ҷисмонӣ ба таври самаранок идора карда шавад [17, с. 123-124].

Мониторинг дар динамика дар тули тамоми муҳлати таълим гузаронида хоҳад шуд, ки якпорчагии манзараи муваффақиятноки таълимро аз як курс ба курси дигар фароҳам меорад.Чунин муносибат имкон медиҳад, ки назорати доимӣ аз болои таълимгиранда гузаронида шуда, тавсияҳо оид ба реҷаи ҳаракатӣ дода шуда, ба раванди таълиму тарбия ислоҳ ворид карда шавад. Гузашта аз ин, ин ба ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти илмӣ–таҳқиқотӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, малакаҳои хударёзбӣ мусоидат хоҳад кард.

Аз таҷриба медонем, ки раванди назорат яке аз амалияҳои меҳнатталаб ва пурмасъулият дар таълим мебошад, ки дар мавҷуд набудани меъёрҳои объективӣ ва механизмҳои самараноки муқоисаи натиҷаҳои таълим дар муассисаи таҳсилоти олии гуногун ифода меёбад.

Ба назари мо, инчунин ҷорӣ кардани барномаи компютерӣ барои арзёбии сатҳи вазъи ҷисмонии донишҷӯён мақсад мувофиқ мебошад, ки дар он барои ҳар як донишҷӯ шиносномаи солимӣ ҷо дода мешавад монда мешавад. Нишондиҳандаҳое, ки ба ин ҳуҷҷат дохил карда мешаванд, рушди ҷисмонӣ, омодабошии функсионалӣ ва ҷисмониро инъикос хоҳанд кард.

Лаҳзаи мусбат дар арзёбии донишҳои донишҷӯён, ба назари мо, метавонад ҷорӣ кардани чунин шакли назорат, ба монанди тестгузаронӣ ба раванди таҳсилоти тарбияи ҷисмонӣ бошад.

Тестгузаронӣ методи боэътимод, фаврӣ ва ба таври кифоя методи объективии ба даст овардани робитаи баръакс зимни таълим маҳсуб меёбад [4, с. 17-19].

Афзалияти назарраси технологияҳои муосири таҳсилоти ҷисмонӣ аз он иборат аст, ки онҳо, пеш аз ҳама, барои донишҷӯён ҷолиб буда, сатҳи ҳавасмандӣ ба варзиш ва ҳавасмандӣ ба машғулиятҳоро баланд мебардоранд [14, с. 82-84].

Машғулияти тарбияи ҷисмонӣ дар замони нав, ки ба шахсияти донишҷӯ нигаронида шудааст, ба қобилиятҳо, хоҳишҳо ва имкониятҳои ӯ самт дода шудааст. Тамрини шахсиятмеҳвар ин:

- фароҳам овардани шароит барои беҳтарсозии омодаги ҷисмони донишҷӯён, солимии онҳо, баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ;
- истифодаи шаклҳо ва методҳои гуногуни ташкили фаъолияти донишҷӯён дар машғулият;
- фароҳам овардани фазои ҳавасмандӣ барои кори гурӯҳӣ;
- истифодаи маводи дидактикӣ дар дарс, ки имкон медиҳад донишҷӯ намудҳои барои ӯ муҳимми фаъолиятро интихоб намояд;
- эҷоди фазо барои худифодакунии донишҷӯ мебошанд.

Дар мавриди муносибати интерактивӣ бошад, пас дар ин ҷо аз аввал бояд чунин далелро қайд кард, ки олимон–физиологҳо дер боз ба хусусияти фаъоли дарки иттилоот таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Инсоне, ки эҳсосоти мусбатро ҳис мекунад, “харитаи дарк”–ро осонтар эҷод мекунад ва онҳо босифаттар мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки аз ҷумла донишҷӯён низ таҷриба ва ғояҳоро осонтар ва дақиқтар ба хотир оварда, онҳоро дарк мекунанд [14, с. 82-84]. Яъне, агар донишҷӯ иштирокчии фаъоли раванди таълим гардад, ӯ иттилоотро беҳтар ба хотир мегирад. Ба ин принсип методҳои интерактивии таълим бунёд ёфтаанд.

Мақсади таълими интерактивӣ фароҳам овардани шароити бароҳати таълим мебошад, ки дар он донишҷӯ муваффақияти худ, камолоти зеҳнии худро эҳсос мекунад, ки худи раванди таҳсилотро босамар мегардонад.

Таълими интерактивӣ эҳсосот, шуурро фаъол месозад. Иттилоот дар шакли нав, ғайримуқаррарӣ пешниҳод карда мешавад, ки аллакай бо қонуниятҳо ва қолибҳои дар майнаи сари мо муқррарааргардида мувофиқат намекунад. Фаъолноксози ҳифзкуниро бо кумаки эҳсосот дар машғулиятҳои амали тарбияи ҷисмонӣ: кор дар гурӯҳҳои хурд аз рӯйи таҳлили машқҳои мушаххас, ҳадафҳои он, ширкат дар бозиҳои тақлидӣ ва фаъол истифода бурдан мумкин аст. Ҳангоми омӯзиши фанҳои сикли тарбияи ҷисмонӣ истифодаи методи ҳуҷуми зеҳнӣ, методи синектика (усулҳое, ки ба қиёс асос ёфтаанд), методи шабеҳсозӣ (истифодаи маҷозҳо), ки таъсири сахт мерасонанд, ба мақсад мувофиқ аст.

Шаклҳои интерактивии фаъолияти донишҷӯёни ҷавонро дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун тамоюл дар фаъолияти омӯзгорон дар заминаи парадигмаи шахсиятмеҳвари педагогӣ ва рушди тафаккури эҷодӣ дар онҳо ҳамчун тамоюл эътироф кардан мумкин аст. Истифодаи шаклҳои зикргардидаи инноватсионии таълими донишҷӯён ба дигаргуншави фаъолияти онҳо ба самти аз ҷиҳати шахсиятӣ муҳим мусоидат менамояд. Низомбандии минбаъдаи таҷрибаи педагогӣ, таснифи коркардҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуъ ва хулосаи муайяншуда дар асоси ин принсипҳои технологӣ, харитаҳои технологӣ оид ба ташаккули тарбияи ҷисмонии шахсият мусоидат хоҳад кард.

Раванди ташкили машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ на танҳо бо истифодаи воситаҳои муосир ва ғайримуқаррарии омодасозӣ: презентатсияҳо, тестгузаронии компютерӣ, олимпиадҳои фосилавӣ, истифодаи шабакаи интернет, ҷамъиятҳои шабакавӣ, балки инчунин бо ҷалби маводи рақамӣ, истифодаи сомонаҳои оммавӣ, инчунин стендҳои тамринӣ–ташхисӣ; модулҳои воқеиятноки маҷоз; низомҳои автоматикунонидашуда барои назорат ва идоракунии раванди тамринӣ ва ғайра ҳамроҳӣ мекунад [13, с. 44-46].

Кори доимӣ оид ба омодасози машғулиятҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ имкониятҳои навро барои инкишофи эҷодӣ ва такмили ихтисоси худи омӯзгорон фароҳам меорад.

Аз истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳама манфиат мебардоранд: донишҷӯён, волидон, омӯзгорон, зеро ин технологияҳо яке аз самтҳои умедбахш мебошанд, ки имкон медиҳанд самаранокии тарбияи ҷисмонӣ ва корҳои солимгардонӣ афзоиш ёбад. Ин ба ҳалли масъалаи дигар – баланд бардоштани шавқи донишҷӯён ба ташаккули тарзи ҳаёти солим низ мусоидат мекунад.

Технологияҳои иттилоотию иртиботӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим дар сатҳи нави баландтар ташкил карда шуда, азхудкунии пурраи маводи таълимӣ таъмин карда шавад.

**Муқарриз:Мирзоев А.Р. – д.и.п., профессори ДБССТ**

**АДАБИЁТ**


1. Беспалько В.П. Образование и обучение с участием компьютеров (педагогика третьего тысячелетия): учеб. – метод. пособие / В.П. Беспалько. М.; Просвещение, 2002. – 221 с.
2. Виноградов П.А. Спорт в мире информации / П.А. Виноградов, В.А. Савин // Теория и практика физической культуры, 1997. – №11. -С. 59–62.
3. Волков В.Ю. Компьютерные технологии в образовательном процессе по физической культуре / В.Ю. Волков // Материалы всерос. науч.–практ. конф. – СПб., 2000. – 323 с.

4. Гривко А. В. Компьютерное тестирование как форма организации текущего и промежуточного контроля знаний студентов / А. В. Гривко // Материалы Всероссийской научно–методической конференции: Оренбургский гос. университет. – Оренбург ОГУ, 2011. -С. 17–29.
5. Гурьев С.В. Компьютер в физическом воспитании [Текст]: учеб.–метод. пособие /С.В. Гурьев. -Екатеринбург: Изд–во ГОУ ВПО «Урал. гос. пед. ун–т.», 2005. – 130 с.
6. Гурьев С.В. Современные информационные технологии в физической культуре и спорте: монограф. /С. В. Гурьев. -Екатеринбург: Изд–во ФГАОУ ВПО «Рос. гос. проф.–пед. ун–т.», 2014. – 84 с.
7. Давыдова Т.П. Современные образовательные технологии на занятиях физической культурой // Научное сообщество студентов: междисциплинарные исследования: сб. ст. по мат. XXXV междунар. студ. науч.–практ. конф. № 24(35). URL: https://sibac.info/archive/meghdis/24(35).pdf (дата обращения: 02.03.2019).
8. Евсеев А. Б. Объективность оценки качества подготовки специалистов в условиях компетентностного подхода к обучению / А. Б. Евсеев //журнал «Научные проблемы гуманитарных исследований», 2008. –№ 11 (18).
9. Зайцева Т.И. Информационные технологии в образовании / Т.И. Зайцева, О.Ю. Смирнова. – М.: Просвещение, 2000. – 68 с.
10. Киршев С.П. Межпредметная задача как способ оценки качества подготовки тренеров в институтах физической культуры / С.П. Киршев, С.Д. Неверкович // Теория и практика физической культуры, 1989. – №8. – С. 26–29.
11. Кутепов М.М. Технология формирования профессиональных умений у будущих специалистов в области физической культуры: диссертация на соискание ученой степени кандидата педагогических наук/ М.М. Кутепов. - Нижний Новгород, 2003. - 163 с.
12. Кутепова Л.И. Дидактические условия формирования профессиональных компетенций //Современные тенденции развития технолого–экономического образования / Л.И. Кутепова. - Н. Новгород, 2014. -С. 32–39.
13. Лихачев, О.Е. Интерактивное обучение в физическом воспитании студентов вуза /О.Е. Лихачев, Ю.В. Шиховцов, И.В. Николаева//Здоровье нации: современные ориентиры в физическом воспитании учащейся молодежи: материалы Всероссийской заочной научно–практической конференции, 15 апреля 2013. -Самара. С. 44–46.
14. Мокеева Л.А., Шиховцов Ю.В., Николаева И.В. Физическая культура в вузе: интерактивные методы обучения//OlymPlus. Гуманитарная версия. 2015. –№ 1. -С. 82–84.
15. Тимошенков В.В. Основные направления применения вычислительной техники в физической культуре и спорте / В.В. Тимошенков // Теория и практика физической культуры, 1993. -№1. -С. 13–18.
16. Угодчикова Н.Ф. О современных подходах к совершенствованию иноязычной подготовки в магистратуре. В сборнике: «Профессиональное лингвообразование» / Н.Ф. Угодчикова, Е.А.Алешугина, Д.А. Лошкарева //Материалы девятой международной научно–практической конференции. Уварова Наталья Львовна, Рыбалко Татьяна Григорьевна. -Нижегородский институт управления, 2015. -С. 314–316.
17. Яцынин А. И. Автоматизация управления двигательной подготовленностью школьников на основе применения компьютерной техники / Физическая культура, спорт и туризм юга России в XX1 столетии / А. И. Яцынин //Материалы 2–й региональной научно–практической конференции. – Ставрополь–Кисловодск (14–17 июня 2001г.), 2001. – 288 с.

## МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАСОЗИИ ДОНИШҶӮЁН БА ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТӢ ДАР РАВАНДИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Дар мақола масъалаҳои омодасозии донишҷӯён ба истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Қайд карда мешавад, ки рушди ҷомеаи имрӯза зарурати истифодаи тамоми технологияҳои нави иттилоотӣ–коммуникатсиониро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ тақозо мекунад. Зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар таълими тарбияи ҷисмонӣ боиси шубҳа нест, аммо ҷанбаҳои назариявӣ, дидактикӣ ва методии чунин кор ҳанӯз ҳам омӯзиши ҳамаҷониба ва аниқро талаб мекунанд. Ҳол он ки корбасти технологияҳои компютерӣ дар раванди тарбияи ҷисмонии донишҷӯён ҳамчун воситаи таъминоти методии раванди таълим хеле муҳим аст. Дар асоси таҳлили интишороти сершумор оид ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин таҷрибаи кор дар муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ муаллифон дар бораи зарурати фароҳам овардани захираҳои иттилоотӣ – таҳсилотӣ ва ҷорӣ намудани онҳо дар раванди таълим хулоса бароварда, таъкид мекунанд, ки таълими самараноки фанни Тарбияи ҷисмонӣ бо истифодаи технологияҳои компютерӣ ба фаъолнокшавии фаъолияти маърифатии донишҷӯён, татбиқи методҳои муосири назорат, арзёбӣ ва мониторинги солимӣ ва омодабошии ҷисмонӣ мусоидат хоҳад кард.

**Калидвожаҳо**: донишҷӯ, технологияҳои иттилоотию коммуникативӣ, машғулиятҳо, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, муассисаи таҳсилоти олӣ, таълими интерактивӣ.

## ВОПРОСЫ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ К ПРИМЕНЕНИЮ ИНФОРМАЦИОННО – КОММУНИКАТИВНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ

В статье рассматриваются вопросы подготовки студентов к применению информационно – коммуникативных технологий в процессе физического воспитания и спорта. Отмечается, что развитие общества сегодня предполагает использованиея все новых и новыхинформационно-коммуникативных технологий во всех сферах жизни, в том числе в физическом воспитании. Необходимость применения информационно-коммуникативных технологий в процессе физического воспитания не вызывает сомнений, однако теоретические, дидактические и методические аспекты такой работы все еще требуют всестороннего и глубокого изучения. Поэтому применение информационно-коммуникативных технологий как средства методического обеспечения учебного процесса является очень важным. На основе анализа многочисленных публикаций по использованию современных информационно-коммуникативных технологий в области физкультуры и спорта, а также опыта работы в физкультурном вузе, авторы делают вывод о необходимости создания информационно-образовательных ресурсов и их внедрении в учебный процесс и делают заключение, что эффективное обучение дисциплине «Физическое воспитание» с использованием компьютерных технологий будет способствовать активизации познавательной деятельности студентов, реализации современных методов контроля, оценки и мониторинга здоровья и физической подготовленности.

**Ключевые слова**: студент, информационно – коммуникативные технологии, занятия, физическое воспитание, спорт, вуз, интерактивное обучение.

## ISSUES OF PREPARING STUDENTS FOR THE USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE PROCESS OF PHYSICAL EDUCATION

The article discusses the issues of preparing students for the use of information and communication technologies in the process of physical education and sports. It is noted that the development of society today requires the need to use all new information and communication technologies in all spheres of life, including in physical education. The need to use information and communication technologies in the process of physical education is beyond doubt, but the theoretical, didactic and methodological aspects of such work still require a comprehensive and deep study. At the same time, the use of information and communication technologies as a means of methodological support of the educational process is very important. Based on the analysis of numerous publications on the use of modern information and communication technologies in the field of physical education and sports, as well as work experience in a physical education university, the authors conclude that it is necessary to create information and educational resources and their implementation in the educational process and conclude that effective teaching of the discipline «Physical education» with the use of computer technologies will promote the activation of students’ cognitive activity, the implementation of modern methods of control, assessment and monitoring of health and physical fitness.

**Key words**: student, information and communication technologies, classes, physical education, sports, university, interactive learning.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафаров Шодӣ Асомуродович* -** Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов**,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректор. **Суроға:** 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Лучоб, 53.

***Миралиён Хайрулло Абдусалим* -** Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов**,** омӯзгори калон. Нишонӣ: ш. Душанбе. **Суроға:** 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Лучоб, 53. E-mail**: khayrullo_m@mail.ru** Телефон: **+(992) 93. 526. 26. 55**

**Сведение об авторах:** ***Сафаров Шоди Асомуродович* –** Таджикский государственный институт физической культуры имени С. Рахимова**,** доктор педагогических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734053, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Лучоб, 53.

***Миралиён Хайрулло Абдусалим*** - Таджикский государственный *институт физической культуры* имени С. Рахимова**,** старший преподаватель. **Адрес:** 734053, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Лучоб, 53. E-mail**: khayrullo_m@mail.ru** Телефон: **+(992) 93. 526. 26. 55**

**Information about the authors:** ***Safarov Shodi Asomurodovich*** - Tajik State Institute of Physical Culture named after S. Rakhimov, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Rector. **Address:** 734053, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Luchob street, 53.

***Miraliyon Khairullo Abdusalim*** - Tajik State Institute of Physical Culture named after S. Rakhimov, senior lecturer. **Address:** 734053, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Luchob street, 53.
E-mail: **khayrullo_m@mail.ru** Phone**: +(992) 93. 526. 26. 55**

УДК: 370.871 (575.3)

# МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ БОНУВОН ДАР РУШДИ СОҲАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШИ ТОҶИКИСТОН

*Шарипов Ш.Б.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар бунёди ҷомеаи демократии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба маърифати занону бонувон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Чун зани маърифатнок метавонад бо заковату ҳушмандӣ, на танҳо мавқеи пешоҳангӣ дошта бошад, балки ҷомеаро тарбият намоянд. Занон дар дар ҷомеаи Тоҷикистон қисми зиёди аҳолиро ташкил карда, дар пешрафти соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат нақши муассир мебозанд. Айни ҳол дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар занону духтарони соҳибкасбу соҳибмаърифат дар соҳаи маориф, тандурустӣ, варзиш, соҳибкорӣ фаъолияти назаррас дошта, дар корҳои давлатӣ низ шумораи онҳо афзуда истодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид намудаанд, ки “Мо дар самти татбиқи сиёсат баҳри дастгирии ҷавонон ҳамзамон, дар мамлакат ба рушди варзиш ва солимии аҳли ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир менамоем. Варзиш ҳамчун зеботарин шуғли инсон таърихи куҳан дошта, воситаи муҳимми беҳдошти саломатӣ ва таблиғи тарзи ҳаёти солим ба ҳисоб меравад, барои таҳкими дӯстии одамон ва муаррифии давлату миллатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозад. Дар замони муосир варзиш ва рушду пешрафти соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар радифи сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амсоли ин, ба ҳайси як қисми таркибиии сиёсати давлат эътироф гардида, аз воситаҳои асосии муаррифии кишвари соҳибихитиёри мо миёни ҷомеаи байналмилаӣ маҳсуб мегардад” [9, с.314-315].

Даврони соҳибистиқлолӣ дар назди ҷавонон, аз ҷумла занону духтарон рисолати пурмасъулияти ватандароию ватансозиро пеш гузошт. Ин рисолати муҳимми таърихӣ тақозо менамояд, ки онҳо бо тарбияи насли худогоҳу худшинос қарзи фарзандиро дар назди Ватан содиқона иҷро намоянд.

Саҳм ва мақоми бонувон, ҷавондухтарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар мамлакат боиси таҳсин аст. Варзиш дар ҷаҳони муосир аз маъмултарин соҳаҳо дониста мешавад. Имрӯз наврасону ҷавонон ва ҷавондухтарон дар риштаҳои гуногуни варзиш ба машқу тамрин машғул буда, дар баробари ин, бо истифода аз малакаву истеъдоди хеш дар чорабиниҳои гуногуни варзишӣ иштирок ва бо ишғол намудани мақомҳои ифтихорӣ обрӯи кишвари хешро дар сатҳи байналмилалӣ баланд мебардоранд.

Сарвари давлат чунин иброз намудаанд: “Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ мо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуққии танзимкунандаи соҳаро таҳия ва ба тасвиб расонидем, ки муҳимтаринаш Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи варзиши кӯдакон ва наврасон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тайёрии варзишӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш”, “Консепсияи миллии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низомномаи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ” ва “Низомнома доир ба аккредитатсияи давлатии федератсияҳои варзишӣ” мебошад” [9, с.315].

Дар таълимоти Пешвои миллат мақом ва нақши бонувони тоҷик аҳамияти хосса дошта, таъкид ва даъват доранд, ки: ”Дар таъриху тамаддуни чандҳазорсолаи мо занон нақши басо бузургу саҳми арзанда гузоштаанд. Онҳо баробари тарбияи фарзанд ва ҳифзи чароғи хонадон барои пойдории халқу миллати хеш дар радифи мардон пайкору ҷонбозиҳо намудаанд. Борҳо таъкид кардем, ки дар саҳифаҳои дурахшони таърихи миллатамон номҳои Гурдофарид, Томирис, Маликаи Бухорхудот, Робиаи Балхӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Зебунисо, Нодира ва даҳҳо модарону хоҳарони хирадманду фарзона, донишманду оқила, размандаву ҷасур бо ҳарфҳои заррин сабт шудаанд.Зеро кору пайкори онҳо то ҳанӯз намунаи ибрат, сабақи зиндагӣ, сазовори пайравӣ ва ифтихори миллати тоҷик мебошад.Занони тоҷик бо руҳи озод, иродаи қавӣ, афкори наҷибу ахлоқи ҳамида ва муҳаббату садоқати бепоён дар ҳама давру замон бори ҳастии миллатро кашиданд” [8, с.63].

Дар соҳаи варзиш миёни бонувони варзишгар нафароне ҷой доранд, ки номи кишварро на танҳо дохил, балки дар хориҷ низ баланд бардошта, боиси муаррифӣ гардидани кишвар дар сатҳи ҷаҳонӣ шудаанд. Яке аз чунин бонувони варзишгар, ки ҳамеша бо ба забон овардани исмаш ифтихору сарфарозӣ моро фарогир мешавад, Зебунисо Рустамова мебошад. Зебунисо Рустамова, барандаи медали биринҷии Бозиҳои тобистонаи олимпии Монреали Канада дар соли 1976 оид ба камонварӣ мебошад.

Зебунисо Рустамова дар асри гузашта, бори дигар ба ҷаҳониён собит сохт, ки бонуи тоҷик бонуи товоно, ҷасур ва дорои иродаи қавист. Зеро ҳамин гуна хусусиятҳои ин варзишгарбонуи тоҷик буд, ки дар бузургтарин чорабини варзишӣ –Бозиҳои олимпӣ, ки он қуллаи баландтарин дар риштаи варзиш донparam мешавад, соҳиби мақоми ифтихорӣ гардиду номи бонуи тоҷикро ба ҷаҳониён муррифӣ сохт.

Дар риштаи варзиш камонварӣ яке аз машғулиятҳои қадимтарин ва хеле шавқовари варзишӣ мебошад. Чи тавре ки Ф.Энгелс дар асари худ “Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат” навиштааст, “камон, зеҳи камон ва тир аслиҳаҳои хеле мураккаб мебошанд, ки ихтирои онҳо, таҷрибаҳои дуру дарозу ақли расо ва аз ин рӯ, бо бисёр ихтирооти дигаре шинос буданро низ талаб мекунад” [12, с.14-15].

Муаррихи юнонӣ Ҳиродот тасдиқ мекунад, ки саворгардӣ ва камонварӣ яке аз машғулиятҳои асосии тарбиявии эрониёни қадим ба шумор мерафтанд ва аз кӯдакӣ ин ҳунарро меомӯзониданд.

Камонварӣ дар сарзамини тоҷикон таърихи қадим дорад ва дар замони шуравӣ умри дубора ёфт.Аз байни камонварони тоҷик варзишгарони шуҳратманд, ба мисли Зебунисо ва Нуринисо Рустамоваҳо, В. Пряхин, В. Панжин, Ҳ. Раҷабов, Ҳ. Сулаймонов ва дигарҳоро номбар кардан мумкин аст [12, с.14-15].

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ соҳаи камонварӣ якбора рӯ ба таназзул ниҳод. З. Рустамова ин ҳолатро чунин маънидод мекунад, ки сабаби асосӣ якбора кам гаштани кадрҳои камонварӣ дар кишвар буд.

Зебунисо Рустамова барои бонувони тоҷик намунаи ибрат аст.Зебунисо Рустамова 29 январи сроли 1955 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Мавсуф хатмкардаи Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба Садриддин Айнӣ) ва Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон мебошад. Ӯ ҳанӯз дар 15-солагӣ чемпиони Тоҷикистон оид ба камонварӣ гардида, дар 20-солагӣ дар ин соҳаи варзиш мақоми чемпиони ИҶШС-ро дарёфтааст. Ӯ ғолиби мусобиқоти сатҳҳои мухталиф, аз ҷумла чемпиони мутлақи ҷаҳон дар

Интерлакени Швейтсария (соли 1975), ҷоизадори медали биринҷии Бозиҳои олимпиии Монерали Канада (соли 1976), чемпиони якчандкаратаи ҷаҳон дар ҳайати тими ИҶШС (соли 1975 дар Интерлакен, соли 1985 дар Сэули Кореяи Ҷанубӣ ва соли 1987 дар Сиднейи Австралия), дорандаи медали нуқраи Чемпионати ҷаҳон дар Австралия (соли 1977), чемпиони якчандкаратаи Европа (соли 1976 дар Копенгагени Дания, соли 1985 дар Измири Туркия ва соли 1986 дар Парижи Франсия), 15 карат чемпиони ИҶШС, 20 карат рекордсменкаи Европа, ИҶШС ва Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин, ғолиби мусобиқаи байналмилалӣ дар Фаронса, "Ҷоми Амбразионна", мусобиқоти ҷаҳонӣ дар Олмон, Куба, Шветсия мебошад. Чандин маротиба дар мусобиқоти маъруфи "Динамо" ва неруҳои мусаллаҳи ИҶШС мақоми қаҳрамонӣ касб намудааст. Устоди шоистаи варзиши ИҶШС ва Тоҷикистон аст [3, с.4].

Барҳақ , Зебунисо Рустамова дар асри XX беҳтарин варзишгари тоҷик ва бонуи номавари кишвараш эътироф шудааст. Ӯ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ низ саҳми калон мегузорад. Зебунисо Рустамова солҳои 1986-1992 дар вазифаи ҷонишини раиси Кумитаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ҶШС Тоҷикистон, солҳои 1992-1995 раиси Кумитаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тули солҳои 1992-2000 ноиби президенти Кумитаи олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2000 ба ҳайси роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази дастгирии занон ва кӯдакони Зебунисо Рустамова" фаъолият дорад. Ҳамзамон, аз соли 2003 то кунун раиси Ассотсиатсияи олимпичиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои хизматҳои шоён дар рушди варзиш бо ордени "Нишони фахрӣ" ва медали "Барои меҳнати шуҷоатнок" сарфароз гардонида шудааст [3, с.4-5, 10, 78].

Бино ба гуфтаи Зебунисо Рустамова, имрӯз дар вилояти Хатлон, Суғд ва шаҳри Душанбе муассисаи давлатии мактаби махсуси камонварӣ таъсис дода шудаст, аммо то ҳозир майдони варзишии ҳозиразамон вуҷуд надорад. Дар ин минтақаҳо варзишгарони мо масофаи олимпӣ барои машқу тамрин надоранд, майдонҳои тамринӣ, ба навъи камонварии миллиамон дуруст меояд. Инчунин, кадрҳои соҳавӣ низ намерасанд. Варзишагорони беҳтарини мо ба мусобиқаҳои ҷаҳонӣ аз сабаби надоштани маблағ сафарбар карда намешаванд. Алиаҳмад Мирзоев, президенти Федератсияи камонварӣ андеша доранд, ки "риштаи камонварӣ назар ба дигар соҳаи варзиш маблаҷи зиёдеро талаб мекунад" [15, с. 9].

Бинобар ин Сарвари давлат чунин таъкид менамоянд: "Моро лозим аст, ки масъалаи тайёр намудани кадрҳоро, пеш аз ҳама, дар дохили кишвар дуруст ба роҳ монем. Кӯшиш намоем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат мутахассисони ба рақобати бозори меҳнат тобоварро тарбия кунем" [5, с.343-344].

Дар қатори 22 намуди варзиш чавгонбозӣ (хоккеи болои сабза) ба дастури бозиҳои Олимпиада -80 дохил шуда буд. Бозии мазкур бо номи "поло" ва "хоккей"-и болои сабза машҳур аст. Номи аслии он "чавгонбозоӣ" буда, аспакӣ ва пиёда иҷро карда мешавад. Дар байни бозиҳои варзишӣ чавгонбозӣ таърихи хеле қадимӣ дорад, ки ба ин маълумотҳои таърихӣ, археологӣ, этнографӣ ва илмию бадеӣ гувоҳӣ медиҳанд [12,с. 25].

Баробари чавгонбозии аспакӣ чавгонбозии пиёда ҳам тараққӣ кардааст, ки сонитар хоккеи болои сабза ном гирифтааст. Дар замони гузашта чавгонбозӣ дар майдонҳои васеъ барпо мегашт. То ҳол дар баъзе маҳалҳои Тоҷикистон номи мавзеи бозӣ, аз ҷумла дар Ғарм "Дашти чавгонӣ", дар Қалъаи Дарвоз "Майдони чавгон", боқӣ монданд. Далели

дигар аст, ки чавгонбозӣ дар Осиё Миёна имрӯз дар Помир боқӣ буда, онро хурду калон дӯст медоранд [12, с.27].

Мувофиқи сарчашмаҳо занҳо ҳам баробари мардон ба ҳарду намуди чавганбозӣ (аспакӣ ва пиёда) бозӣ мекардаанд ҳанӯз дар замони Хусрави Парвиз занон гӯй ва чавгонбозӣ мекардаанд [11, с.28].

Соли 1982 дар спартакиадаи ҷавонон дастаи бонувони чавгонбози тоҷик низ таъсис ёфт.Дар ҳамон спартакиада тими мунтахаби бонувони кишвар дар миёни 15 дастаи ИҶШС ҷойи дуюмро ишғол намуданд. Чавгонбозони тоҷик дар се спартакиада – солҳои 1979, 1983, 1987 ҷойи панҷум-шашумро ишғол намуд. Инчунин, дар даврони Шуравӣ дастаи занонаи "Суғдиён" ва дастаи мардонаи "Тоҷикагрегат"-и Душанбе дар лигаи якум баромад карда, дар Чемпионати Иттиҳоди Шуравӣ бомуваффақият иштирок мекарданд.

Соли 1992 Тоҷикистон узви Федератсияи ҷаҳонии чавгонбозӣ гардид, вале чавгонбозӣ низ пош хурд ва қариб аз байн рафт. Аз соли 2000 сар карда, чавгонбозӣ дар гӯшаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ аз нав ташаккул ёфт.

Айни ҳол дар чор минтақаи ҷумҳурӣ наврасону ҷавонон ба чавгонбозӣ фаро гирифта шудаанд. Гурӯҳҳои писарон ва духтарон дар мактабҳои варзишии шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва ноҳияҳои Мастчоҳ, Ашт, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Муъминобод фаъолият доранд. Аз ҳисоби варзишгарони беҳтарин тими мунтахаби Тоҷикиистон созмон дода шудааст, ки дар чорабиниҳои минтақавию байналмилалӣ ширкат мекунад [16,с. 9].

Дар даврони Истиқлолият бо дастгирӣ ва ғамхории Ҳукумати мамлакат, махсусан Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бонувон дар ҷодаи варзиш ба дастовардҳои зиёди варзишӣ ноил гардиданд. Яке аз варзишгарбонувоне, ки бо истифода аз имкониятҳои фароҳамгардида, дар даврони соҳибистиқлолӣ малакаи варзишии бонуи тоҷикро ба ҷаҳониён ошно сохту дар баробари ин Парчами Тоҷикистонро миёни давлатҳо баланд бардошт, Мавзуна Чориева –барандаи медали биринҷии Бозиҳои тобистонаи олимпии Лондон-2012 оид ба бокс мебошад.

Мувофиқи таҳлилҳо дар мусобиқаҳои варзишии дохилӣ варзишгарбонувон фаъолона иштирок намуда, дар нимсолаи соли ҷорӣ (с.2019) дар доираи баргузории марҳилаҳои интихобӣ дар қаламрави кишвар 2660 мусобиқаҳои интихобии марҳилаи якум ва дуюм дар сатҳи дохилимактабӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва минтақавӣ доир гардиданд, ки дар онҳо 28135 нафар, аз ҷумла 73555 бонувон иштирок намуданд.

Бино ба иттилои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, дар мусобиқаҳои варзишии касбӣ, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ доир гардиданд, дар XVIII чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 71 мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ аз намудҳои футбол, волейбол, тӯби дастӣ, чавгонбозӣ, лижаронии кӯҳӣ, варзиши сабук, шоҳмот, гӯштини миллӣ ва теннис 1409 варзишгарбону иштирок кардаанд.

Солҳои охир дастоварди бонувони варзишгар дар мусобиқаҳои хориҷӣ афзуд. Варзишгарбонувоне, ки то ин дам дар мусобиқаҳои байналмилалӣ аз риштаҳои гуногуни варзиш дорои медал ва ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд, инҳо мебошанд: Зулқайнарова Шоира медали нуқра, Холова Идимоҳ медали биринҷӣ ва Ойматова Муниса медали нуқра аз намуди бокс, Бегмуродова Фотима, медали тилло аз намуди кудова к-1, Маҳмадова Насибахон медали нуқра аз варзиши сабук, Сабрина Абророва медали нукра ва Саидова Рухшона медали биринҷӣ, Муҳриба Ҳотамӣ медали тилло (с.2014) аз намуди

шоҳмот, Кристина Пронженко медали тилло, Шарифова Гулсумбӣ медали тилло, Маҳбуба Тоштемирова медали нуқра ва Ҷумаева Лолахон, медали нуқра аз намуди варзиши сабук, Гадоева Фотимахон, медали тилло аз намуди варзиши ҷиуҷитсу, Исматова Муниса, медали нуқра, Мадинаи Маҳмудшоҳ, медали нуқра, Сафарова Хосият, медали нуқра, Сафарова Меҳрубон, медали нуқра, Ҳалимова Муфара, медали тилло ва Миршакарзода Ширинмоҳ, медали нуқра аз варзиши тэквондо ВТФ, Лутфинисо Ҷурабоева медали тилло аз карате-до, Моҳру Ҳалимова, медали нуқра соли 2016 ва медали биринҷӣ соли 2018 дар Чемпионати Осиё аз риштаи тэквондо, Даря Галчанская медали нуқра, Мухакова Баҳор медали нуқра ва Жасмина Нурматова медали биринҷӣ аз варзиши гимнастикаи бадеӣ мебошанд.

Айни ҳол, бино ба иттилои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бонувоне, ки ба намудҳои олимпии варзиш ва ғайриолимпии варзиш машғуланду Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд, 836 нафар мебошанд. Инчунин, дар моҳи аввали соли 2019 ба 65 мусобиқаҳои байналмилалӣ 284 нафар, аз ҷумла 24 бону сафарбар гардиданд.

Дар маҷмуъ, имрӯз бонувон бо самияти хос ба варзиш машғул буда, аз заҳмату талош ва кӯшишҳои пайвасташон метавон хулоса кард, ки дар оянда низ бо маҳорату малакаи варзиши хеш варзишии тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам бештар муаррифӣ менамояду бо ба даст овардани мақомҳои ифтихорӣ парчами кишварро миёни дигар давлатҳо баланд мебардоранд ва саҳми худро дар рушди варзиши меҳан мегузоранд.

Пешвои миллат оид ба мавқеи зан, бонувони тоҷик чунин иброз намудааст: "Зан-модар вазифаи басо муқаддасу пурмасъулият - тавлиду тарбияи фарзанд ва дар ниҳоди ӯ парваридани арзишҳои наҷиби инсонӣ –амсоли меҳанпарастӣ, ҷавонмардӣ ва накукориро бар дӯш дорад. Модари тоҷик имрӯз бонуест ҳамидаву меҳрубон, нексиришту ботамкин ва қавииродаю шуҷоатманд, ки рисолати модариву қарзи шаҳрвандиашро бо ҳисси масъулиятшиносӣ адо намуда, сазовори эҳтироми аҳли ҷомеа гардидааст. Дар раванди сифатан нави таърихиву сиёсии Тоҷикиистон занону мақому маназалати худро шинохта, бо фаъолияти пурсамар ва дастовардҳои тоза фазои ҷомеаи моро ҳусни хосса мебахшанд [8, с.64].

Ин нуктаҳоро дар рисолати варзишгар ва имрӯз модар, қаҳрамони Бозиҳои олимпӣ М.Чориева дидан мумкин аст. Ӯ таъкид месозад, ки "ман зиндагиямро бо воситаи варзиш ёфтам. Обрӯю эҳтиромро аз варзиш ёфтам. Чи хел мешавад, ки ман варзишро дӯст надорам. Варзиш солимии ҷомеаро таъмин мекунад… Дар рӯзи варзишгарон бори дигар ба бонувон мурочиат мекунам, ки ба варзиш машғул шаванд, зеро ҷомеаи солим аз насли солим вобаста аст ва шумо бонувон ба дунёоварандаи насли солимед.

Варзиш қудрати муаррифии ҳам инсон ва ҳам миллату давлатро дорад, ки ин хусусият дар дигар касбҳо камтар дида мешавад. Варзиш солимии ҷомеаро таъмин месозад, варзиш дӯстии халқҳоро мустаҳкам мекунад, варзиш ватану миллатро муаррифгар аст. Муваффақ ҳамоне мешавад, ки дар ҳолатҳои мушкил варзишро тарк накунад ва мерасад рӯзе варзиш ӯро соҳиби ному нон мекунад" [6, с.9].

Дар баробари ин, қаҳрамони бозиҳои олимпӣ дастовардҳои дигар бонувони варзишгари тоҷики шуҳратамандро метавон қайд кард: Гулсумбӣ Шарифова, намояндаи варзиши сабук, соҳиби ду медали тилло дар мусобиқаҳои Осиёи Миёна мебошад. Ӯ моҳи октябри соли 2019 дар шаҳри Тошканд мусобиқаи 200 метрро дар 32,32 сония ва 400

метрро 56, 666 сония тай карда, натиҷаи беҳтарин ва рекорди нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошт.

Сабрина Абророва, шоҳмотбоз, узви Шурои ҷумҳуриявиии “Динамо”-и ВКД, ҷоизадори чемпионати Осиё дар соли 2018 мебошад. Ӯ моҳи августи соли 2017 дар чемпионати Тоҷикиистон оид бо шоҳмот, ки дар шаҳри Панҷакент сурат гирифт, ҷойи дуюмро сазовор гашт. Дар чемпионати шоҳмоти Осиёи Ғарбӣ, ки соли 2018 дар шаҳри Тошканд баргузор шуд, ҷойи дуюмро ишғол намудааст. Инчунин, соли 2019 дар ҳамин чемпионат аз намуди зудбозӣ (рапид) сазовори ҷойи дуюм ва медали нуқра гардид. Беҳтарин дастоварди Сабрина медали тиллояш аз панҷуми бозиҳои ҷаҳонии наврасон (Worid Junior Compatiior) мебошад, ки дар шаҳри Ханти –Мансийск Федератсияи Русия баргузор шуд.

Шоира Зулқарнаёва, қаҳрамони шашкартаи Тоҷикистон оид ба бокс аст. Ӯ аввалин маротиба соли 2014 дар мусобиқаи сатҳи байналмилалӣ иштирок кардааст. Шоира соли 2019 дар мусобиқаи байналмилалӣ ба хотираи қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Д. Шопоков, ки дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон шуда гузашт, ширкат намуда, соҳиби медали тилло гардид.

Малика Лугатенко, тирандози №1-и Тоҷикистон миёни духтарон ба ҳисоб меравад. Малика аз 11-солагӣ ба ин ришта машғул шуда, дар мусобиқаҳои байни ҷавондухтарон ҷойи аввалро сазовор гардидааст. Ӯро ҳамчун беҳтарин варзишгарбонуи Тоҷикистон мешиносанд. Соли 2015 дар мусобиқаи Осиёи Марказӣ дар Қувайт ҷойи аввалро ишғол намуд.

Аҳлия Мӯъминова барандаи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва яке аз ғолибон ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва беҳтарин варзишгари соли 2019 мебошад. Ӯ дар риштаи гӯштини ҷудо, дар чемпионати Осиё байни наврасон соли 2019 ҷойи сеюмро ба даст овардааст. Ӯ, инчунин, моҳи апрели соли 2018 дар “Ҷоми кушоди Осиё” байни ҷавонон, ки дар шаҳри Тошканд гузашт, сазовори ҷойи сеюм гаштааст.

Сабрина Тӯраева, қаҳрамони даҳкаратаи Осиё ва қаҳрамони секаратаи ҷаҳон дар риштаи тэквондо ИТФ, барандаи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ӯ соли гузашта дар чемпионати ҷаҳон, ки дар шаҳри Пловдиви Булғористон гузашта буд, ҷойи дувумро сазовор шуд [2, с.9].

Соҳиба Азизова, аспсавор ва варзишгар дар риштаи мусобиқаҳои омехта мебошад. Ӯ дар моҳи феврали соли 2020 дар шаҳри Тошканд дар мусобиқа аз намуди муҳорибаҳои омехта ва аспдавонӣ сазовори ҷойи аввал ва медали тилло гардид. Ӯ мегӯянд, ки “ба варзиш машғул шудани бонувони тоҷик анъанавӣ буда, дар гузашта низ бонувон бо азму иродаи қавӣ ба ин ҷода қадам ниҳода, чун аҷдодони хеш саҳми худро дар рушди ин ҷода мегузоштанд. Пеш аз ҳама, варзишгар бояд муаррифгари фарҳангу маданияти хеш бошад. Вақте варзишгар дар мусобиқаҳо ғолибиятро ба даст меорад, аввалан парчами он давлат барафрохта мешавад ва бо либоси миллӣ баромад намудани варзишгар ин шаҳодати муаррифии миллату давлати хеш дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад. Ҳар як варзишгар, пеш аз ҳама, бояд ҳадаф дошта бошад. Баъдан барои иштирок дар мусобиқаи байналмилалӣ омадагии хуб бинад” [6, с.9].

Шоҳида Қаландарова дар Ҷоми Осиё оид ба ҷудо миёни наврасон ва навҷавонон, ки моҳи октябри соли 2018 дар Ҷопон баргузор гардид, дар миёни духтарон медали тиллоро ба даст овард [2, с. 9].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавонон, хусусан ҷавондутарон ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа таваҷҷуҳи махсус равон гардида, баҳри рушди малакаи зеҳниву ҷисмонии онҳо шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуда истодаанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯриҳояшон бо ҷавонон ҳамеша дар бораи рушди кишвар ёдовар шуда, иброз медоранд, ки ба таври шоиста муаррифӣ кардани ҷумҳурӣ дар арсаи ҷаҳонӣ бояд яке аз ҳадафҳои асосии қишри ояндадори ҷомеа бошад.

**Муқарриз: Хоҷамбердиев Ч.Т.– н.и.п., дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Абуалӣ ибни Сино .Қонуни тиб: Иборат аз 5 китоб. Андар умури ҳамагонии пизишкӣ. Китоби 1 - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Советии Тоҷик, 1991.-382 с.
2. Гурдофариди давр // Ҷавонони Тоҷикистон, №10 (9644), 05.03.2020. Душанбе: Шарқи озод, 2020.-16 с.
3. Ғаффоров У. Зебунисо Рустамова (Аз силсилаи "Ҳаёти одамони наҷиб") / У. Ғаффоров. -Хуҷанд: Ношир, 2015.-164 с.
4. Кошифӣ Ҳ. В. Кошифӣ. Футувватномаи Султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи "Ҳотамия". –Душанбе: Адиб, 1991.-320 с
5. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон.-Душанбе: Контраст, 2018.-422 с.
6. Муаррифгарони миллат //Ҷавонони тоҷикистон, №21 (9655), 21.05.2020. -Душанбе: Шарқи озод, 2020.-16 с.
7. Омӯзгоре, ки қаҳрамони олимпӣ шуд //Ҷавонони Тоҷикистон, №23 (9605), 06.06.2019. – Душанбе: Шарқи озод, 2019.-16 с.
8. Раҳмон Э. Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад (фишурдаи суханрониҳо зимни мулоқоту вохӯриҳо бо бонувони кишвар). Нашри дувум.-Душанбе: Адиб, 2013. -324 с.
9. Раҳмон Э. Уфуққҳои Истиқлол. -Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. -436 с.
10. Рустамова З. Зудтар! Баландтар ! Қавитар!/ З.Рустамова. –Москва: Нашриёти "Советский спорт", 2001.-136 с.
11. Турсунов Б. Чавгонбозӣ (дар гузашта ва ҳозира) / Б. Турсунов. - Душанбе: Дониш, 1982.- 128 с.
12. Турсунов Б.Бозиҳои миллии тоҷикӣ. –Душанбе: Ирфон, 1983.-128 с.
13. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007.-200 с.
14. Ховарӣ Х. Чавгонбозон: "Нон бошад, суруд ҳам мешавад! / Х.Ховарӣ, Г.Сухробзода //Чавонони Тоҷикистон. - №7 (96410, 13.02.2020). –Душанбе: Шарқи озод, 2020. -16 с.
15. Холмуродова М. Тиру камон мушкили "№1" дар камонварӣ / М. Холмуродова //Ҷавонони Тоҷикистон. - №15 (9649), 09.04.2020. –Душанбе: Шарқи озод, 2020. -16 с.
16. Шоҳбози Асомиддин. Чавгонбозӣ варзиши миллии тоҷикон аст! // Ҷавонони Тоҷикистон №20 (9550). 17.05.2018.с.9. –Душанбе: Шарқи озод, 2020.-16 с.


**МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ БОНУВОН ДАР РУШДИ СОҲАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақола аҳамият ва нақши духтарону занон дар рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Тоҷикистон таҳлил гардида, мушкилот ва дастовардҳои ин соҳа дар даврони Шӯравӣ ва солҳои истиқлолияти кишвар муайян карда шудааст. Дар он таълимоти Пешвои миллат оид ба тарбияи ҷавонони муосир, бахусус духтарон, мақоми онҳо дар муаррифии кишвар дар арсаи байналмилалӣ, нақши онҳо дар тарбияи насли солими наврас мавқеи хосса дорад. Чеҳраҳои таърихӣ таъкид шудааст, ки шоистаи намунаи духтарону занони тоҷик - Гурдофарид, Томирис, Маликаи Буҳорхудот, Робиаи Балхӣ, Маҳасти Хуҷандӣ, Зебунисо, Нодира ва даҳҳо духтарони шарифи миллатанд. Дар мақола ҳамчунин дар бораи вижагиҳои бозии миллӣ – камонварӣ, хоккейи саҳроӣ, иштироки духтарону занон дар намудҳои дигари варзиш барои муаррифии кишвар дар арсаи байналмилалӣ баррасӣ шудааст.Муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавонон, хусусан ҷавондутарон ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа таваҷҷуҳи махсус равон гардида, баҳри рушди малакаи зеҳниву ҷисмонии онҳо шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуда истодаанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯриҳояшон бо ҷавонон ҳамеша дар бораи рушди кишвар ёдовар шуда, иброз медоранд, ки ба таври шоиста муаррифӣ кардани ҷумҳурӣ дар арсаи ҷаҳонӣ бояд яке аз ҳадафҳои асосии қишри ояндадори ҷомеа бошад.



**Калидвожаҳо:** Пешвои миллат, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, занон, ҷавонон, истиқлолият, арсаи байналмилалӣ

## ЗНАЧЕНИЕ И РОЛЬ ДЕВУШЕК И ЖЕНЩИН В РАЗВИТИЕ ОТРАСЛИ ФИЗКУЛЬТУРЫ И СПОРТА ТАДЖИКИСТАНА

В статье анализированы значение и роль девушек и женщин в развитии физической культуры и спорта Таджикистана, выявлены проблемы и достижения в этой отрасли в советский период и годы независимости страны. В ней особое место уделено учению Лидера нации о воспитании современной молодёжи, в частности, девушек, указывается их статус в представлении страны на международной арене, их роль при воспитании здорового подрастающего поколения. Подчеркиваются исторические личности, которые заслуживают быть примером для таджикских девушек и женщин -- Гурдофарид, Томирис, Маликаи Бухорхудот, Робиаи Балхи, Маҳасти Худжанди, Зебунисо, Нодира и десятки других славных дочерей нации. Также в статье расматриваются особенности национальной игры –стрельбы из луки, хоккея на траве, участие девушек и женщин в других видах спорта для представления страны в международной арене. Автор отмечает, что в Республике Таджикистан особое внимание уделяется молодежи, особенно молодым женщинам, как активному слою общества, создаются благоприятные условия для развития их интеллектуальных и физических способностей. Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон во время встреч с молодежью всегда упоминает о развитии страны и высказывается о том, что достойное представление республики на мировой арене должно быть одной из главных задач перспективного сегмента общества.

**Ключевые слова:** Лидер нации, физическая культура, спорт, женщины, молодёжь, независимость, международная арена

## THE SIGNIFICANCE AND ROLE OF GIRLS AND WOMEN IN THE DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY OF PHYSICAL CULTURE AND SPORT IN TAJIKISTAN

The article analyzes the importance and role of girls and women in the development of physical culture and sports in Tajikistan, identifies problems and achievements in this industry during the Soviet period and the years of independence of the country. In it, a special place is given to the teachings of the Leader of the Nation on the education of modern youth, in particular, girls, their status in representing the country in the international arena, their role in raising a healthy younger generation is indicated. Historical figures are emphasized who deserve to be an example for Tajik girls and women - Gurdofarid, Tomiris, Malikai Buhorkhudot, Robiai Balkhi, Mahasti Khujandi, Zebuniso, Nodira and dozens of other glorious daughters of the nation. The article also discusses the features of the national game - archery, field hockey, the participation of girls and women in other sports to represent the country in the international arena. The author notes that in the Republic of Tajikistan special attention is paid to young people, especially young women, as an active layer of society, favorable conditions are created for the development of their intellectual and physical abilities. The leader of the nation, respected Emomali Rahmon, during meetings with young people, always mentions the development of the country and says that a worthy representation of the republic on the world stage should be one of the main tasks of a promising segment of society.

**Keywords:** Leader of the nation, physical culture, sports, women, youth, independence, international arena

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Шарипов Шодимурод Бегмуродович* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллими калони кафедраи варзиш ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведение об авторе:** ***Шарипов Шодимурод Бегмуродович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры физического воспитания и методики его преподавания. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1.

**Information about the author:** ***Sharipov Shodimurod Begmurodovich*** - Khujand State University named after Academician B.Gafurov, Senior Lecturer of the Department of Physical Education and Teaching Methods. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.

УДК:37.15(575.3)

# ОИЛА ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ВА ҶУЗЪИ АСОСИИ ҶОМЕА ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

***Каримова М.М.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Оила ҳамчун сарчашмаи таълиму тарбия ва ҷузъи асосии ҷомеа аъзоёни худро дар руҳияи инсондӯстиву башардӯстӣ, ватандориву ифтихори миллӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву илмомӯзӣ, маърифатпарвариву фарҳангшиносӣ, меҳнатдӯстиву ҳунармандӣ, далериву шуҷоатмандӣ, ҷавонмардиву фурӯтанӣ ва ахлоқи неки инсонӣ тарбия менамояд. Дар ин раванд, бечунучаро, падару модар ва дигар аъзоёни калонсоли оила нақши асосиро мебозанд. Барои дар фарзандон ташаккул ва рушд додани чунин фазилатҳои ахлоқи ҳамида ва ҳамчун инсони комил ба воя расонидани онҳо бе меҳру муҳаббат ва садоқати поки падару модар ва намунаи ибрат будани эшон аз имкон берун аст. Аз ин гуфтаҳо хулосае бармеояд, ки мо - падару модарон, бояд аз таҷрибаи ниёгони худ пурсамар истифода намуда, рисолати муқаддаси хеш - фарзандонро дар руҳияи эҳтиром ба халқу Ватан, ҳурмату эҳтироми падару модар ва калонсолон ва риояи арзишҳои милливу умумибашарӣ тарбият намудан, иҷро намоем.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таълиму тарбияи фарзандон дар даҳ соли охир сатҳан харобу коста гашта истодааст. Баъзе падару модарон дар ин масъалаи хеле муҳим ва барои ояндаи ҷомеа зарур бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд.

Мо шоҳиди он гашта истодаем, ки ахлоқи қисме аз ҷавонон коҳиш ёфта истода, онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои ғайриқонунӣ ҳамроҳ шуда, ба ҷинояткорӣ даст зада истодаанд ва ҳамаи ин, пеш аз ҳама, натиҷаи беаҳамиятии падару модарон мебошад.

Ҳол он ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оила, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модарро вазифадор месозанд, ки барои саломатӣ, рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанди худ ғамхорӣ намоянд, онҳоро ба ҳаёти мустақилона ва меҳнати софдилона омода сохта, дар руҳи эҳтиром ба Ватан, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд.

Ба ақидаи мо, далелҳои дар боло зикргардида ва дигар ҳолатҳое, ки дар ин самт дар ҷомеаи муосир ба вуқуъ пайваста истодаанд ҳаллу фасли бетаъхирро тақозо доранд.

Яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи мазкур омӯзиш ва таҳлили саҳифаҳои таърихи бою ғанӣ ва таҷрибаи зиндагии ниёгони бузургамон мебошад. Дар мавзуи назария ва амалияи тарбияи оилавӣ, нақш ва мақоми падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва ба камол расонидани инсони комил мутафаккирони бузурги халқи форсу тоҷик, ба монанди Имоми Аъзам, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Носири Хусрав, Насируддини Тӯсӣ, Муҳаммад Ғазолӣ, Ҳусайни Воизи Кошифӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигарон дар осори хеш мавриди омӯзиш, таҳлил ва муҳокима қарор додаанд. Яке аз чунин мутафаккирони бузурги халқи форсу тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад, ки боби чаҳоруми асари калонтарини худро, ки бо номи «Захират-ул-мулук» машҳур аст, ба масъалаи «Дар ҳуқуқи волидайн ва завҷ ва завҷа ва авлод ва обид ва ақориб ва асдиқо» бахшидааст.

Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки дар хусуси тарбияи фарзанд дар оила мухтасар таваққуф намуда, арзиши таълиму тарбиявии онро баҳри хонандаи сахтгиру арҷманд арзонӣ дорем.

Ақидаҳое, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кӯшидааст, то падару модар вазифадору уҳдадор будани худро дар таълиму тарбия ва ба камол расонидани фарзандони хеш ба хубӣ дарк намуда, тамоми дониш, таҷриба, ақлу хирад, санъат ва маҳораташонро барои дар амал татбиқ намудани ин масъала равона созанд.

Таҷрибаи садсолаҳои гузашта исбот намуд, ки таълимоти Алии Ҳамадонӣ дар боби вазифадор будани падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ба ҳаёти оилавӣ мувофиқ буда, ба ҳақиқати зиндагии воқеӣ наздик будааст. Зеро ақидаҳое, ки Алии Ҳамадонӣ дар

замони худаш пешниҳод карда буд, дар шароити ҷомеаи имрӯза низ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Дурустӣ, замонавӣ ва муҳим будани таълимоти мутафаккири бузургро қабул ва ба тавсиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (соли 2011), бори дигар исбот менамояд.

Фарзандони мо бояд дар руҳияи инсондӯстӣ, ватандорӣ, ифтихори миллӣ, худшиносию меҳнатдӯстӣ тарбия карда шуда, дар ниҳоди онҳо фазилатҳои неки ахлоқӣ ташаккул ва рушд дода шаванд, то ки эшон ҳамчун шаҳрвандони содиқи халқу Ватани худ ба воя расанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, чи тавре дар боло зикр гашт, дар осори илмию адабии хеш масъалаи таълиму тарбияи фарзанд дар оиларо ва вазифадор будани падару модарро дар ин самт ба риштаи омӯзиш ва таҳлил кашиданд, то волидайн огоҳӣ дошта бошанд ва дар лаҳзаҳои зарурат дар кори ҳаррӯзаашон самаранок мавриди истифода қарор диҳанд.

Хусусияти дигари ба мардум таъсиррасонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар он аён мегардад, ки вай ба воситаи ривоят, маслиҳат, ҳикоятҳо ва панду андарзҳои пурмазмуну нишонрас ба шуур ва ҷаҳонбинии падару модар таъсир расонида, дуруст будани фикрҳои хешро исбот менамояд.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ масъалаи тарбияи фарзанд дар оиларо ба зинаҳои адоҳида ҷудо карда ва аз рӯйи хусусиятҳои синнусолии ҳар як марҳила вазифаҳои асосии тарбияи онҳоро пешкаш кардааст. Дар ҳамон давру замон, яъне ҳафтсад сол муқаддам, пешниҳод кардани ақидаи муайяне ва аз рӯйи нишондодҳои ин ақида амалӣ гардонидани фикрҳои худ, пешравӣ ва навоварие дар ҳамин самт ба ҳисоб мерафт.

Аз рӯйи сарчашмаҳои педагогӣ маълум аст, ки мазмуни тарбияи кӯдак дар оила вобаста ба давраҳои синнусолӣ то ҳол ба тарзи бояду шояд кор карда нашудааст. Дар натиҷа ин дар ҷараёни тарбияи фарзандон мушкилиҳои зиёди педагогию психологиро ба миён меорад. Гузашта аз ин, таҳлили таҷрибаи кори тарбиявии бисёр оилаҳо нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои асосии садди роҳи ҳалли проблемаҳои тарбияи оилавӣ гаштан, надонистани вобаста ба хусусият ва давраҳои синнусолии кӯдакон ба роҳ мондани тарбия аз тарафи волидайн мебошад. Дар ҷумҳурии мо бошад, чи тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, падару модар дар ҷараёни тарбияи фарзандони худ на фақат моҳияти хусусиятҳои синнусолӣ ва давраҳои инкишофи онҳоро ба назари эътибор намегиранд, балки дар ин роҳ дар назди худ мақсад ва вазифаҳои муайян ҳам намегузоранд. Яке аз сабабҳо аз он иборат аст, ки донишҳои педагогию психологии бештари падару модарони мо ба талаботи замона ҷавоб дода наметавонанд. Бинобар ин, кӯшиш ва заҳмате, ки падару модар дар раванди тарбияи фарзандон ба харҷ медиҳанд, дар бисёр ҳолатҳо натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад.

Аз ин рӯ, масъалаи бамиёнгузоштаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба аҳамияти калон соҳиб аст. Ин масъала волидайнро водор менамояд, ки дар рафти ташаккули сифатҳои ахлоқии фарзандон хусусиятҳои синнусолии эшон ва давраҳои инкишофи онҳоро ба инобат гиранд. Илова бар ин, нишондодҳои ӯ ба падару модарон имконият медиҳанд, ки дар ҳар як зинаи муайяни синнусолӣ ва инкишофи кӯдак мақсад ва вазифаҳои муайяне гузошта, бахри амалӣ гардонидани онҳо дар оила шароитҳои зарурии педагогию психологӣ фароҳам оранд.

Алии Ҳамадонӣ мутобиқату бо ҳам алоқамандии тарбияву ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва инкишофи зинаҳои синнусолиро зарур мешуморад. Дар ин бобат ба волидайн донистани қонуниятҳои психологии инкишофи кӯдак мадад мерасонад.

Ақидаҳои Алии Ҳамадонӣ аз фикрҳои дигар олимони гузашта бо амиқӣ ва баҳисобгирии унсурҳои зиёди тарбия дар ҷодаи ташаккули инсони комил фарқ мекунанд.

Ба ақидаи Алии Ҳамадонӣ, падару модар бояд дар ҷараёни тарбия ташаккули сифатҳои шахсӣ ва қонуниятҳои инкишофи фарзандонро ба назари эътибор гиранд.

Мутафаккир се давраи асосии инкишофи фаҳму идрок, ақлу фаросат, шаҳвату худшиносӣ ва ғайраҳоро муайян кардааст.

Давраи аввалро тифлӣ номида, инҳоро барои кӯдакон хос медонад:

а) ҳақро аз ботил (ноҳақ) ва некро аз бад фарқ ва ҷудо карда натавонистан;

б) беғубор ва беғаш будани дил;

в) эътиқодашон ҳанӯз торик вале ҳоло ботил нагашта;

г) беғубор будани дил, ҷой надоштани кина ва хусумат;

ғ) нафсашон ҳоло зиёд ва шаҳваташон (худшиносияшон) бедор нагашта;

д) моилии табиати кӯдак ва аз ин рӯ ба осонӣ ӯро бо роҳи нек ё бад бурдан.

Давраи дувум, ки некро аз бад фарқ карда тавонистан ва барояшон чунин сифатҳо хос аст:

а) бедории шаҳват;

б) некро аз бад фарқ карда тавонистан ва бо сабаби бедории шаҳват ва шавқ баъзан худдорӣ карда натавонистан;

в) иродаи ноустувор доштан, ба гуноҳ ва бесабрии худ иқрор шудан;

г) бо сабаби маҳдудияти таҷриба ҳангоми зарурият роҳи дурустро интихоб карда натавонистан, вале дар зери роҳбарии дурусти падару модар, калонсолон ва устодон ба роҳи дуруст равона кардан.

ғ) ба воситаи тоату ибодат, таълиму тарбия ва маънавият хулқашро нек кардан;

Давраи сеюм бо сабаби ба вуҷуд омадани такони бузург дар табиати наврас бо роҳи хато рафтан ва дар ин роҳ қавӣ гаштан мушоҳида мегардад.

Дар ин давра дар онҳо амалҳои зерин мушоҳида мешаванд:

а) фосидии (вайронии) ахлоқ рафтору кирдор ва гуфтор.

Ба ақидаи Алии Ҳамадонӣ, масъулияти ҳар як падару модар дар назди ҷамъият маҳз дар давраи дувум ва сеюми синнусолӣ меафзояд. Инсон дар ин давра ба воситаи таҳсилу тадқиқ ва таҳлилу хулосабарорӣ моҳияти дунёи воқеӣ ва мақсади зиндагиро дуруст фаҳмида мегирад. Ба ӯ оқибати амалҳои неку бад маълум мегардад, вале ҳар кас дар интихоби роҳи неку бад мухтор аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, аз як тараф, зарурияти худтарбиякуниро тамоман инкор накарда, аз тарафи дигар, бар ин ақида буд, ки азнавтарбиякунӣ кори номумкин аст. Яъне, ба ақидаи ӯ, каси мушкилтарбияро аз нав тарбия карда, соҳиби хислатҳои неки инсонӣ намудан номумкин аст. Ҳамин тавр, духӯрагӣ дар ақидаҳои ӯ ба назар мерасад. Ҳамадонӣ вобаста ба синну сол авҷгирӣ ё камтаъсирии тарбияро низ ёдовар шудааст. Аз ҷумла, душвор будани давраи сеюм ва таъсири тарбиявӣ расондан ва онҳоро аз роҳи хато баргардондан.Ба ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, давраи сеюм давраи фасод ва муҳаббат буда, наврасон душвор умр ба сар мебаранд. Ислоҳи онҳо ба он дараҷае душвор аст, чӣ тавре кӯҳро ба нохун кандан, оҳани сардро куфта тағйир додан. Ба ибораи дигар, тарбия ва ислоҳи онҳоро ба монанди ба гург адаб омӯхтан ташбеҳ додааст.

Вале бо вуҷуди ин, Алии Ҳамадонӣ давраи сеюмро ба давраe дохил мекунанд, ки наврасон ба азнавтарбиякунӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳамин тавр, Ҳамадонӣ душвор будани азнавтарбиякуниро дарк карда буд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъсири тарбияро вобаста ба болоравии синну сол мутаносиби чаппа дониста, зарурият ва муҳиммияти тарбияро дар давраи тифлӣ таъкид кардааст. Аз ҷумла, таъкид кардааст, ки то давраи дар шуури кӯдак пайдо шудани тасаввуротҳои бардурӯғ ва одатҳои бад, пешдастӣ карда, амалҳои неку фаҳмишҳои дурустро тарбия кардан зарур аст. Умуман, ақидаҳои Алии Ҳамадонӣ дар бораи ба ҳисоб гирифтани қонуният ва хусусиятҳои синнусолӣ ва ба имкониятҳои синнусолӣ мувофиқ кунонидани ҷараёни тарбия барои падару модар ва дигар тарбиядиҳандагон ҳамчун дурдона дорои аҳамияти бузурги педагогию равоншиносӣ мебошанд.

Пас, аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба нақши тарбия дар ташаккул ва рушди шахсияти инсон баҳои баланд дода, аз ҳамзамонони

худ пеш рафтааст. Парваришу тарбияти бача ошно ва бино буда, бовиқору сангин, бомуруввату покдоман ва назиф (пок ҳалол) бошад ва роҳи муоширатро бидонад.

Дар баъзе оилаҳо падару модарон имкониятҳои синнусолии бачагонро ба инобат нагирифта, онҳоро ба он шаклҳои меҳнат ҷалб менамоянд, ки чи аз рӯйи мазмун ва чи аз рӯйи давомнокии худ ба синну соли онҳо мувофиқ нест. Ин, хусусан, дар баъзе оилаҳои серфарзанди деҳотиён бештар ба назар мерасад.

Масъалаи вазифадор будани падару модар дар тарбияи фарзанд ва аз синни хурдӣ машғул шудани онҳо ба таълиму тарбияи эшон дар осори хаттии ниёгони мо аз давраҳои хеле қадим ба оламиён маълуму машҳур мебошад.

Дар ин мавзуъ Расули акрам (с) фармудаанд:

«Ҳар шахсе аз Шумо вазифа дорад ва ҳамаи шумо нисбат ба шахсони таҳти фармони худ масъул ҳастед, пешво ва раиси мардум нисбат ба зердастони худ вазифа дорад ва масъул аст» [6, с. 56].

Дар ин радиф, оид ба таълиму тарбияи фарзанд ва аз чандсолагии фарзанд ба тарбияи ӯ шуруъ кардан, яъне хусусиятҳои синнусолии ӯро ба инобат гирифтан сухан рафта, ҳикояте оварда мешавад.

«Ҳикоят. Модаре фарзанди яксолаашро дар оғуш гирифта, назди донишманде ҳозир шуд ва аз вай савол кард, ки фарзандро чӣ гуна бояд тарбият намоӣ?

Донишманд ба фарзанд нигоҳ карда гуфт:

- Фарзандат чандсола аст? Модараш гуфт:

- Фарзандам яксола аст». Донишманд изҳори таассуф намуда, гуфт: -Шумо дувоздаҳ моҳ дар мавриди тарбияти ин бача бепарвоӣ кардаед. Эй кош аз рӯзи таваллуди ин кӯдак ба фикри тарбияти вай мебудед ва аз ман мепурсидед ки чӣ бояд кард» [6, с. 56]. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Саъдии Шерозӣ низ дар асарҳои хеш ба монанди дигар пешгузаштагони худ дар бораи ҳуқуқи волидайн дар тарбияи фарзанд ва ҳуқуқи фарзанд бар падару модар сухан ронда, таъкид кардаанд, ки волидайн ба таълиму тарбияи кӯдак бояд аз синни хурдсолиаш бипардозанд. Чунки, ба ақидаи Саъдӣ, аҳамияти таълиму тарбияи фарзанд аз хурдсолӣ дар он аст, ки зеҳн, ҳофиза ва фаҳмиши ӯ тоза буда, нуқтаҳои муҳимро зуд аз худ карда, дар хотир нигоҳ медорад. Бинобар ин волидайнро таъкид намудааст, ки фарзандонро аз овони кӯдакӣ дар зери назорати доимӣ гирифта, нагузоранд, ки ба одамони ахлоқи бад дошта ҳамнишин шаванд. Агар волидайн кӯдаконро аз зери назорат дур монда, ба тарбияи ӯ ба таври ҷиддӣ машғул нашаванд, фарзанди онҳо дар зери таъсири одамони ахлоқи баддошта бадахлоқ шуда мемонад.

*Ҳар он кас, ки фарзандро ғам нахӯрд,*
*Дигар кас ғамаш хӯрду овора кард.*
*Нигаҳ, дор з-омӯзгори бадаш,*
*Ки бадбахту гумраҳ кунад чун худаш! [17, с. 65].*

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таълимоти худ ба ақидаҳои гузаштагон такя намуда, тарбияи кӯдакро вазифаи муҳимми волидайн ҳисоб карда, таъкид намудааст, ки волидайн бояд дар бораи тарбияи фарзанд дар оила, пеш аз ҳама, дониши педагогӣ -психологӣ маҳорату малакаи муайян дошта бошад ва ба ташаккули беҳтарин сифатҳои ахлоқи инсонӣ дар онҳо машғул шаванд. Ба акидаи Алии Ҳамадонӣ, агар падару модар аз синни хурдсолӣ барои ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқии фарзандон шароити зарурӣ муҳайё накунанд, ҳаёт ва фаъолияти ӯро мувофиқи талаботи педагогӣ -психологӣ ба роҳ намонанд, дар ин ҳолат, дар бораи тарбияи дурусти фарзандон, ба воя расонидани онҳо ҳамчун инсони комил, ҳоҷати сухан рондан нест. Чунки, агар волидайн аз синни хурдӣ ба намуди зоҳирии кӯдак эътибор надиҳанд, аз ҷумла ба ӯ сару рӯ шустан, мӯйи сарро шона кардан, тарзи либос пӯшидан, қоидаҳои хӯрокхӯриро риоя кардан, ҷойи бозии худро ба тартиб даровардан ва дигарҳоро ёд надиҳанд, дар оянда, ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд.

Ҳаминро бояд таъкид намоем, ки чи тавре аз мазмуни сархати 9-и моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бармеояд, Қонуни мазкур имрӯз падару модаронро уҳдадор кардааст, ки онҳо фарзандони хешро бояд бо тамоми воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин намуда, барои гирифтани таълиму тарбияи замонавии фарзандон ҳамаи шароити заруриро муҳайё созанд.

Дар Қонун ин фикр чунин баён гаштааст: «…бо воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин намуда, барои таълиму тарбияи фарзанд шароити муносиб фароҳам оваранд» [4, с. 24-25].

Чи тавре маълум мегардад, Қонуни номбурда ба падару модар дар баробари уҳдадориҳо ҳуқуқҳои зиёдеро додааст. Ва ҳамаи онҳо, пеш аз ҳама, барои манфиат, саломатӣ, тарбия ва баланд бардоштани сатҳу сифати донишандӯзии фарзанд равона карда шудаанд. Барои он ки падару модар аз ин ҳуқуқҳо истифода баранд, аз талаботҳои ҷомеаи муосир, моҳияти раванди таълиму тарбия, талаботи стандартҳои мазмуни таҳсилот то андозае огоҳ бошанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дигар вазифаи асосии падару модаронро дар он мебинад, ки аз синни хурдӣ ба фарзандон ахлоқи неки инсонӣ омӯзонда, онҳоро аз луқмаи ҳаром хӯрдан ва аз дилбастагӣ ба нӯшу неъмати дунёӣ, дуруғгӯӣ, ҳирсу ҳасад, кибру ғурур, макру ҳила ва дигар хислатҳои бади инсонӣ дур нигоҳ доранд. Бузургвор ин ақидаро дар рисолаи «Захират-ул-мулук» чунин таъкид кардааст: «Ва аз дашном додан ва фаҳш ва лаънат ва бисёр гуфтан ва хев андохтан ва бисёр хандидан манъ кунанд. Ва дар хизмати пирон ва бузургон ва адаби нишастан ва бархостан ва роҳ рафтан таъкид кунанд» [7, с. 96].

Қайд намудан бамаврид аст, ки ин ақидаҳои Алии Ҳамадонӣ на танҳо дар замони худи ӯ, балки дар шароити имрӯзаи ҷомеаи мо низ хеле муҳим буда, тарбия намудани чунин хислатҳои неки инсонӣ ва пок сохтани ҳар як фарди ҷомеа аз хислатҳои бади аҳриманӣ вазифаи асосии волидайн мебошад. Чунки дар шароити кунунии ҷумҳурии мо, мутаассифона, на ҳамаи падару модарон мувофиқи тақозои замон фарзанди солим, соҳибмаърифат ва дорои хислатҳои волои ахлоқиро тарбия намуда, ба воя расониданро пурра эҳсос менамоянд. Ба ин паст будани маърифатнокӣ ва маданияти оиладории баъзе падару модарон сабаб мешавад. Гарчи дар байни халқи тоҷик мақоле мавҷуд аст, ки он чунин садо медиҳад: «Фарзанд азиз, одобаш аз он азизтар». Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳим ва асосии оилаи имрӯза ҳам, тарбия намудани инсони бомаърифат, инсондӯсту ватанпарвар, хушодобу меҳнатдӯст мебошад.

Кӯдаки маъсуми (бегуноҳӣ) навзод, ки баъзан ӯро ба гули ҳаёт монанд мекунанд, дар оила чашм кушода, оламро мебинад, ба олами воқеӣ шинос мешавад, падару модар, хоҳару бародар, хешу тборашро мешиносад, сухан гуфтан, табассум кардан, хестану нахустин қадам гузоштан, давидану афтиданро меомӯзад. Худшиносӣ, тасаввуроту ҷаҳонбинии ӯ аввалин бор дар оила, дар иҳотаи падару модар дар зери таъсири бевоситаи онҳо шакл мегиранд, вобаста ба мусбӣ ё манфӣ будани хулқу атвори волидон фарзандон хислатҳои мусбӣ ё манфиро аз худ менамоянд. Ба ақидаи Алии Ҳамадонӣ, ҳеҷ як кӯдак аз батни модар бо хусусиятҳои ба худ хос ба дунё намеояд. Хислатҳои баду нек дар замири кӯдак дар рафти зиндагӣ ва тарбияи ӯ ба вуҷуд омада, ташаккул ва инкишоф мeёбанд. Бачагон ба тарзи ҳаракатҳои волидон рафтору кирдор, тарзи муошират, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ ва ғайраҳо пайравӣ намуда, онҳоро аз худ менамоянд.

Аз ин рӯ, волидайн ва дигар калонсолони оила вазифадоранд, ки дар кӯдакон аз синни хурдсолӣ хислатҳои хуби инсониро ташаккул дода, нуқсонҳои онҳоро сари вақт ислоҳ намоянд. Ва кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки фарзандони худро аз бадмастӣ, нашъамандӣ, ҳаннотӣ ва дигар хислатҳои шарри инсонӣ дур созанд.Ба ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, агар падару модар, устод ва муаллимони кӯдак кӯшише ба харҷ дода, ӯро ба роҳи рост ҳидоят намуда, дар замири ӯ амалҳои хайрро тарбия кунанд, кӯдакро аз амалҳои бад дур нигоҳ дошта метавонанд.Дар ҳолати саъйи илм

кардан фарзандон некбахт тарбия ёфта, дар ҷаҳон хушбахт мегарданд ва волидайну устоди худро дар савоб шарик мегардонанд. Агар падару модар, устоду муаллим ё дигар тарбиядиҳанда соҳиби кирдорҳои бад: фосиқу ҷоҳил, зулмпарвару, бадкирдор бошанд, шогирдонро бадбахт гардонида, дар гуноҳи содир кардаи онҳо шарик мешаванд. Аз ривоятҳои овардашуда бармеояд, ки падару модар ва устоду муаллимон оинае мебошанд, ки бачагон акси худро дар он мебинанд. Дар ин бобат Ҳамадонӣ чунин овардааст:

«...Агар модар ва падар ва устод ва муаллими ӯ аз аҳли хайр ва салоҳ бошад, осори салоҳи эшон дар вой росих (устувор) гардад ва аз ӯ ёди илм ва тақво сақияи (сиришти, хислати) ӯ шавад ва некбахти ду ҷаҳон гардад ва модар ва падар ва устод ва муаллим дар савоби ӯ шарик бошад. Ва агар модару падар ва устоду муаллими ӯ фосқу ғофил ва ҷоҳил бошанд, осори зулмати фисқ ва зулму фитна уқбу кибр табъи ӯ шавад ва бадбахти ду ҷаҳон гардад ва модару падар ва муаллим ҷумла дар исми ӯ шарик бошанд...» [7, с.94].

Бояд зикр кард, ки Алии Ҳамадонӣ мартабаи устод ва муаллимро дар тарбияи бачагон ба мартабаи волидайн баробар дониста, таъкид кардааст, ки ба хотири тарбияи фарзандон, волидайну устодон бояд аз амали беҷо парҳезкор бошанд, то ки ба бачагон таъсири нек расонанд.

Ба қавли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ҳар як падару модар тарбияи фарзандро дар оила аз ҳисси инсондӯстӣ, ростқавлию ҳақиқатпарастӣ, парҳезкорӣ, дастгирии муҳтоҷон, бенавоён, ятимон ва камбизоатон оғоз намояд. Чунки адлу инсоф ва эҳсон роҳест, ки ҳар як шахсро ба сӯйи боргоҳи олӣ - инсондӯстӣ мебарад. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба чунин ақида аст, ки се фазилати неки инсонӣ аст, ки ҳар як падару модар бояд дар ниҳоди фарзандони худ парвариш намоянд. Ин се фазилати нек инҳоянд: « - Парҳез аз амали бади номуносиб, ки инсонро аз маъсият нигоҳ медорад. - Таҳаммули ба ҳар як шароит тоб оварда тавонистан, сабру тоқат доштан, ки инсонро аз ҷаҳлу ҷоҳилӣ нигоҳ медорад. - Хулқи нек, ки инсонро писанди аҳли ҷомеа мегардонад» [10, с.57].

Чи хеле маълум мегардад, мутафаккири бузург ба амал, рафтор ва муносибати ҳар як шахс аз диди равоншиносӣ баҳо дода, ба падару модар тавсия медиҳад, ки дар раванди тарбияи фарзандон ин омили равониро низ ба инобат гиранд.

Алии Ҳамадонӣ ба падару модарон таъкид сохтааст, ки фарзандони хешро аз рафтор ва амали бад пешгирӣ намоянд, яъне хислатҳои шарри инсонӣ дар замир ва қалби кӯдак ҷой нагиранду реша надавонанд. Ба қавли бузургвор, дар ҳолате ки дар ниҳоди фарзанд хислатҳои неки инсонӣ аз синни кӯдакӣ парвариш меёбанд, ӯ тамоми умр ба корҳои хайр мепардозад ва ҳамин тавр худро аз маъсият нигоҳ медорад. Дар ин ҷо айни муддаост хотиррасон намоем, ки мутафаккир дар рисолаи «Минҳоҷ-ул-орифин» низ нисбати мавзуи поктинатӣ ва парҳезгорӣ, ҳамчун як воситаи беҳтарини пок сохтани ахлоқи инсон, изҳори ақида карда, чунин таъкид менамояд:

- «Дар банди чизе мабош, то озод шавӣ».
- «Бар неъмати кас ҳасад макун, то офият ёбӣ».
- «Ҳавои нафсро хилоф кун, агар диловарӣ».
- «Бизоати дунёро, харидор мешав, то зиён накунӣ».
- «То динӣ, нафсро дар кор ор, то ба фармон бошад» [10, с. 39-45].

Фазилати дувуме, ки Алии Ҳамадонӣ ба падару модар тавсия кардааст, ки дар ниҳоди фарзанд бояд ташаккул диҳанд, таҳаммулпазирӣ ва сабру тоқат мебошад.

Файласуфи бузург, сабру таҳаммулро яке аз сифатҳои зурурии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ҳисобида, онҳоро барои оромии руҳу равон, омили асосии осудагӣ ва осоиштагии ҳаёти инсон ва воситаи бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ медонад. Ӯ шахсеро, ки дар ҳолати хашму бетоқатӣ, қаҳру ғазаб ва зулму ситам сабру таҳаммулро боло медонаду сабру тоқат мекунад баҳои баланд дода, аз номи Расули акрам (с) чунин овардааст: «Расул алайҳиссалом фармуд, ки дар офариниш ҳеҷ шаробе аз шарибони суварӣ ва маънавӣ шарбате аз ашрабаи руҳонӣ ва ҷисмонӣ таҷарруъ накард. Ва фозилтар ва маҳбубтар назди Ҳақ ҷалла ва аъло аз ду шарбат, яке таҷарруи шарбати хашм дар ҳолати қаҳр ба қуввати ҳилм, дигар, шарбати таҳаммули мусибат ба қуввати сабр» [10, с. 121].

Алии Ҳамадонӣ ба волидайн тавсия додааст, ки сифатҳои сабру тоқат ва таҳаммулро дар фарзандони хеш аз синни хурдсолӣ ташаккул диҳанд, парвариш намоянд. Фазилати дигаре, ки Алии Ҳамадонӣ аз падару модар талаб кардааст дар фарзандони худ тарбия намоянд ин хулқи нек мебошад. Мутафаккир ҷонибдори чунин ақида буд, ки ҳар як инсон бояд соҳиби дили бекинаю адоват, кибру ғурур ва қалби поку хулки нек бошад ва дар ин маврид ӯ писандидаи аҳли ҷомеа мегардад. Дар рисолаи «Қуддусия» Алии Ҳамадонӣ чунин таъкид кардааст:

*Чу ту дар дунё накардӣ кори соз,*
*Дар қиёмат чун шавӣ аз аҳли роз? [11, с. 8].*

Мутафаккир ҳар як инсонро таъкид менамояд, ки бояд дар зиндагӣ ба корҳои нек машғул бошад. Агар ки ӯ дар зиндагӣ ба корҳои бад даст зада бошад, пас ӯ ҳеҷ гоҳ ба умеди он нашавад, ки дар қиёмат орому осуда мешаваду биҳишт насиби ӯ мегардад. Ва биҳишт танҳо насиби ҳамон нафароне мегардад, ки соҳиби хулқи неку қалби пок мебошанд. Ба ақидаи Алии Ҳамадонӣ, асоси одаму одамгарӣ ба некномии инсон ҳам аз рафтору кирдори нек ва хулқу атвори нек иборат мебошад. Аз ин рӯ, бузургвор яке аз роҳҳои поку беолоиш ва бою ғанӣ гардонидани ахлоқ ва ҷаҳони маънавии инсонро дар рафтору кирдори нек, гуфтори нек ва хулқи нек мебинад. Хулоса, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар тарбияи фарзанд падару модарро масъул ҳисобида, аз эшон талаб намудааст, ки ба таълиму тарбияи кӯдакон аз синни хурдсолии онҳо машғул шаванд.

Ба ақидаи ӯ, дар тарбияи фарзандон падару модар танҳо ҳамон вақт ба комёбиҳо ноил мегарданд, ки масъалаҳои мавҷуд бударо дар якҷоягӣ ҳал намоянд.

**Муқарриз: Ашурова Ш.К. – н.и.п., дотсенти ДДБ ба номи Носири Хусрав**

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2012.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 2012 .
3. Константинов Н.А. Таърихи педагогика / Н.А.Константинов, Е.Н. Мединский. - Душанбе, 1982. – 502 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». - Душанбе, 2012. - 160 с.
5. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). - Душанбе: Ирфон, 2007. - 616 с.
6. Лутфуллоев М. Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ / М.Лутфуллоев, Д. Мирзохоҷа - Д., 2011. - 320 с.
7. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. (таҳиягарон Ҳ. Асозода, Турдиев Қ.). -Душанбе: Ирфон, 2008. - 372 с.
8. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Асноди ҳолия. 229 (б) тоҷикӣ.
9. Маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон». май – 2014. www.bonuvon.tj. с. 22.
10. Ҳотам Асоев. Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳанги Шарқ. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 144 с.
11. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи Қуддусия (таҳиягар А.Кучаров). - Кӯлоб, 1993. –С. 8.
12. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Таҳияи Ҳ. Асозода. – Кӯлоб, 1993. - 160 с.
13. Нуров А. Ҳамкории оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ / А. Нуров. - Д., 1989.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 23 апрели соли 2014. - 47 с.
15. Раҳмон Э. Суханронӣ оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». 14 декабри 2010. – Душанбе: Шарқи Озод. - 31 с.
16. Раҳмонов Э.Ш. Мавқеи зан дар ҷомеа / Э.Ш. Раҳмонов. - Душанбе, 1997.


## ОИЛА ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ВА ҶУЗЪИ АСОСИИ ҶОМЕА ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ


Муаллиф дар таълифоти хеш қайд кардааст, ки таълиму тарбияи фарзандон дар солҳои охир сатҳан харобу коста гашта истодааст. Баъзе падару модарон ба ин масъалаи ҳаётан хеле муҳим ва бароиояндаи ҷомеа зарур бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд. Мо шоҳиди он гашта истодаем, ки ахлоқи қисме аз ҷавонон коҳиш ёфта истода, онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои ғайриқонунӣ ҳамроҳ шуда, ба ҷинояткорӣ даст зада истодаанд ва ҳамаи ин, пеш аз ҳама, аз беаҳамиятии падару модар дарак медиҳад. Ақидаҳое, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кӯшидааст, то падару модар вазифадору уҳдадор будани худро дар таълиму тарбия ва ба камол расонидани фарзандони хеш ба хубӣ дарк намуда, тамоми дониш, таҷриба, ақлу хирад, санъат ва маҳораташонро барои дар амал татбиқ намудани ин масъала равона созанд. Муаллиф таъкид намудааст, ки таълимоти Алии Ҳамадонӣ дар боби вазифадор будани падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ба ҳаёти оилавӣ мувофиқ буда, ба ҳақиқати зиндагии воқеӣ наздик аст. Ақидаҳое, ки Алии Ҳамадонӣ дар замони худаш пешниҳод карда буд, дар шароити ҷомеаи имрӯза низ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Ҳамчунин, андешаҳои мутафаккирони бузурги халқи форсу тоҷик оид ба мавзуи назария ва амалияи

тарбияи оилавӣ, нақш ва мақоми падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва ба камол расонидани инсони комил дар мақола гирд оварда шудаанд.
**Калидвожаҳо**: оила, мактаб, ҷомеа, таълиму тарбия, волидайн, падару модар, фарзанд, кӯдакон, насли наврас, ахлоқи ҳамида, инсондӯстӣ, одоб, меҳнат, ватандӯстӣ, маърифатпарвариву фарҳангшиносӣ, меҳнатдӯстиву ҳунармандӣ, далериву шуҷоатмандӣ.

## СЕМЬЯ КАК ИСТОЧНИК ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ И ОСНОВНАЯ ЯЧЕЙКА ОБЩЕСТВА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ МИР САЙДА АЛИ ХАМАДАНИ

Автор в своей статье пишет, что образование и воспитание в последние годы опустились на очень низкий уровень. Некоторые родители к этой очень важной общественной проблеме относятся очень безответственно. Мы видим, что уровень нравственности среди молодежи очень сильно опустился молодые люди очень часто становятся членами незаконных формирований и совершают преступления, и все это прежде всего происходит по вине родителей, дело в том, что родители в основном не занимаются воспитанием детей и бросают их на произвол судьбы. Мир Сайида Али Хамадани по поводу воспитания детей считает, что родители обязаны заниматься воспитанием и обучением своих детей. И по возможности все свои силы и средства и знания должны отдавать на это дело. Подобному этому взгляду в эту статью включены и другие взгляды средневекового мудреца Далее автор пишет, что учение Мир Сайда Али Хамадани в части обязанности родителей по подготовке детей к взрослой семейной жизни соответствует современным требованиям. А также в статье приведены многие взгляды великого таджикско-персидского мудреца о теории и практике семейного воспитания и роли родителей в воспитании полноценной личности.
**Ключевые слова:** семья, школа, общество, обучение и воспитание, родители, отец и мать, дитя, дети, подрастающее поколение, нравственное поведение, гуманизм, этика, труд, патриотизм, просветитель культуроведение, трудолюбие и мастерство.

## THE FAMILY AS A SOURCE OF EDUCATION AND UPBRINGING AND THE BASIC UNIT OF SOCIETY IN THE WORKS OF MIR SAYD ALIYA HAMADANI

The author writes in his article that education and upbringing in recent years have dropped to a very low level. On the part of some parents, this very important social issue is considered very irresponsible. We see that the level of morality among young people has dropped very much, young people very often become members of illegal organizations and commit crimes, and all this is primarily due to the fault of the parents, the fact is that parents generally do not raise their children and abandon them. to the mercy of fate.Mir Sayyid Aliya Hamadani, regarding the upbringing of children, believes that parents are obliged to engage in the upbringing and education of their children. And if possible, all his forces, means and knowledge should be sent to this matter. Similar to this view, other views of the medieval sage are included in this article.Further, the author writes that the teachings of Mir Sayd Aliya Hamadani in terms of the responsibility of parents to prepare children for adult family life meets modern requirements.And also the article contains many views of the great Tajik-Persian sage on the theory and practice of family education and the role of parents in the upbringing of a full-fledged personality.
**Key words**: family, school, society, education and upbringing, parents, father and mother, child, children, the younger generation, moral behavior, humanism, ethic, labor, patriotism, educator and cultural studies, hard work and skill.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Каримова Махфират Маҳмадалиевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, устоди кафедраи педагогика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 900-35-35-51.**

**Сведение об авторе:** ***Каримова Махфират Махмадалиевна*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава,кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры педагогики.**Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Бохтар, улица Айни, 67.
Телефон: **(+992) 900-35-35-51.**

**Information about the author:** ***Karimova Makhfirat Makhmadalievna*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, candidate of Pedagogy, Lecturer of the Department of Pedagogy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, st. 67 Aini Avenue. Phone: **(+992) 900-35-35-51.**

УДК:378.15

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КОММУНИКАТИВИИ МУЛТИЛИНГВИАЛӢ ДАР ЗИНАҲОИ ГУНОГУНИ ТАҲСИЛОТ БО НАЗАРДОШТИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

*Садуллаева Маҳина*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Системаи таълими кредитӣ ба тамоюли шаффофият ва интихоб аз ҷониби донишҷӯён асос ёфтааст. Тибқи низоми кредитии таҳсил дарсҳо дар шакли интерактивӣ гузаронида мешаванд.

Тасвияи (формулировка) салоҳиятҳо тафриқагузорӣ (дифференсатсия) карда мешавад. Дар робита ба ин масъала, шарҳи низоми мазкурро, ки нишондодҳои ташаккулёбии салоҳиятҳои коммуникативии мултилингвиалии хатмкунандагонро тавсиф менамоянд, пешниҳод мекунем.

**Зинаи бакалавриат.** Азбаски дар зинаи бакалавриат таълими тафриқавии забон афзалият дорад, ба раванди ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии мултилингвиалӣ ворид намудани унсурҳои мултилингвиалӣ дар чараёни дарсҳои забони хориҷӣ, тадриҷан донишҷӯёнро ба муҳити бисёрзабонӣ шомил кардан ва барои амалияи муошировати мултилингвиалӣ машғулиятҳои алоҳида гузаронидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Чунин иқдомҳои пайдарпай дар мултилингвизм барои ҳавасманд гардидани донишҷӯён дар ҷодаи омӯзиши забонҳои гуногун, шиносоӣ бо фарҳангҳои мухталиф, дарки муҳим будани он ки на як забон, балки омӯхтан ва донистани якчанд забон дар муҳити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир зарур мебошад, мақсади соҳиб шудан ба салоҳияти коммуникативии мултилингвиалӣ, инсиатсияи ташаккули субкомпетенсияҳое, ки ба ҳайати СКМ (МКК) дохил мешаванд, мубрамияти хосса касб намудаанд.

Бинобар ин, дар робита ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ҷорӣ намудани намудҳои назорат дар назар дошта мешавад, аз ҷумла:

- назорати ҷорӣ дар шакли саволномаҳои тестӣ ва пурсишномаҳо дар машғулиятҳои амалӣ;
- аттестатсияи фосилавӣ дар намуди санҷиш ва имтиҳон, ки ба ғайр аз назорати иҷрои супоришҳои асосӣ, инчунин натиҷаи мониторинги аз худ намудани донишҳо дар доираи забони омӯхташаванда, пешниҳоди саволҳоеро, ки характери мултилингвиалӣ доранд ва барои муайян намудани сатҳи дониши байнифарҳангӣ ва муошировати байнизабонӣ мусоидат менамоянд, дар бар мегирад. Барои гузаронидани назорати ниҳоӣ ва баҳодиҳӣ ба дараҷаи ташаккули донишҳои мултилингвиалӣ мутобиқ ба малака ва маҳорат, меъёрҳо ва ченакҳои баҳодиҳӣ муқарррар карда шудаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳар як нишондоди баҳодиҳӣ ба 0,1 хол баробар аст. Бо мақсади тафриқагузорӣ барои гирифтани ҳадди аксар ва ҳадди ақали холҳо нақши даҳяки ададӣ бутун муҳим арзёбӣ мешавад [1].

Ҳамин тариқ, омодагии лингвистӣ дар зинаи мазкур дар робита ба таълими забони хориҷӣ дар заминаи забони давлатӣ – забони тоҷикӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои академӣ ва касбии байни шахсиятҳо ва фарҳангҳо мусоидат мекунад.

Мазмун ва мундариҷаи фан доираи саволҳоеро фаро мегирад, ки онҳо бо ташаккули муошировати якзабонӣ, дузабонӣ ва бисёрзабонӣ ва омӯзиши асосҳои муошировати байналхалқӣ иртибот доранд (таҳлили хусусиятҳои фарҳангии иштирокчиёни гуногунзабони муошировати дузабона ва бисёрзабона; шарҳи амалҳои коммуникативӣ, тарзи табодули иттилооти бисёрзабона, ки мавзуи баҳси онҳо баррасии сабабҳои нофаҳмиҳои кросс-фарҳангӣ, проблемаҳои барқарор намудани муносибат ва мусоидат дар шароити диалог ва муҳити ғайридиалогии фарҳангҳо ва ғайраҳо мебошад) [2].

Мундариҷаи фан, инчунин, аз худ кардани қолабҳои нутқ, усулҳои муошират, ба роҳ мондани муносибату ҳамкориҳо ва ҳамдигарфаҳмиро тақозо менамояд. Инчунин, таҳлили намуд ва шаклҳои амалӣ гардонидани муошират (шахсӣ ё виртуалӣ) (маҷозӣ); баррасии принсипҳои таъсиррасонӣ байни ҳама унсурҳои фазои муошировати бисёрзабонӣ;

муҳокимаи масоили муносибатҳои байнизабонӣ ва ҳодисаҳои интерференсия; ҳосил намудани малакаҳое, ки муоширати хусусияти умумӣ, академӣ ва касбӣ доштаро таъмин мекунанд; такомули малакаҳои лексикӣ, грамматикӣ ва фонетикии забонҳои омӯхташаванда; аз худ намудани захираҳо талаботи зеринро тақозо мекунанд:

- аз худ намудани қоидаҳо (меъёр, талабот)-и муоширати гуногунзабонӣ (лингвистӣ, ахлоқӣ ва ғайраҳо), ки барои барқарор намудан ва ё қатъ кардани муносибатҳо бо намояндагони дигар муҳитҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд;
- донистани навъҳои муоширати байнишахсии кросс-фарҳангии муосир бо дарназардошти асосҳои муоширати мултилингвиалӣ (таъсири мутақоблаи ҷонибҳо тавассути гуфтугӯ) ва муоширати мултилингвиалии ғайрилафзӣ (образҳо, рамзҳо, аломатҳо, ишораҳо, ҳаракатҳо ва ғайраҳо, ки намояндагони фарҳангҳои гуногун истифода мебаранд);
- донистани шаклҳои муосири муоширати байнишахсии кросс-фарҳангӣ, ки он натиҷаи муоширати мултилингвиалии гуногунранг (иртибототи хаттӣ, шифоҳӣ, шифоҳию хаттӣ; нутқи монологӣ, диалогӣ, полилогӣ (гуфтугӯи бисёрнафара) маҳсуб меёбад;
- донистани тарзҳои муосири муоширати байнишахсии кросс-фарҳангӣ натиҷаи аз худ намудани натиҷаи амалҳо доир ба радабандии самаранокии муоширати гуногунзабонӣ; ба таври равшан баён карда тавонистани фикр бо забони ҳамсуҳбат(он); шунидани ҳамсуҳбат ва боадабона ба муоширати ҳамсуҳбатони бо забони дигар такаллумкунанда ҳамроҳ шудан; истифода бурда тавонистани имкониятҳои лафзӣ ва ғайрилафзӣ, истифодаи роҳу усулҳои санъати суханварӣ; риояи одоби муошират; тартиб додани нақшаи мусоҳиба; ба кор бурдани воситаҳои техникии коммуникатсионӣ ва ғайраҳо [3].

Дар тавсияҳои пешниҳодшуда диққати асосӣ ба тавсифи байнишахсии муоширати мултилингвиалӣ дода мешавад, ки ба сифати иштирокчиёни муошират афроде баромад мекунанд, ки онҳо субъектҳои фаъолияти бошуурона буда, дорои маҷмуи хусусияту хислат ва аломатҳои иҷтимоии муҳим ба ҳисоб меравнд ва фаъолияти худро дар муҳити иҷтимоии бисёрзабонӣ амалӣ месозанд.

Илова бар ин, бояд гуфт, ки тамоюли кросс-фарҳангии муоширати мултилингвиалӣ бо равобити зичи намояндагони фарҳангҳои гуногун ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ тавсиф карда мешавад, ки на фақат дар доира, ё ин ки дар миёни «чорроҳа», «дар ҳудуди муайян», «зимни бархӯрдҳо»-и фарҳангҳои лингвистӣ, балки инчунин дар контексти фазои байналмилалӣ амалӣ мегардад [4].

**Зинаи мутахассис**. Мавриди зикр аст, ки таълими мултилингвиалии донишҷӯёни ин зина дар ду давра ба амал бароварда мешавад:

а) муқаддимаи мултилингвизм;

б) амалияи равобити мултилингвиалӣ.

Дар давраи аввал таълими забони хориҷӣ ба таври тафриқавӣ, бо дарназардошти унсурҳои мултилингвиалӣ, ки дар таркиби худ мазмун ва намудҳои назорати якхеларо дар зинаи бакалавриат маҳфуз доранд, ба роҳ монда мешавад. Дар робита ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки тавсифи салоҳиятҳои таълимӣ, ки қаблан зикр кардем, ба тавсияи қобилиятнокӣ ва омода будан барои татбиқи робитаҳои мултилингвиалӣ бо забони давлатӣ (тоҷикӣ), дар ҳудуди кишварҳои ИДМ бо забони русӣ ва берун аз Тоҷикистон ва ИДМ бо забони англисӣ бо мақсади ҳамкориҳои тарафайни академӣ ва касбии байнишахсии кросс-фарҳангӣ дар давраи аввали ташаккули салоҳиятҳои робитаи мултилингвиалӣ дар хатмкунандагони зинаи мутахассиси донишгоҳ бояд сурат гирад [5].

Бояд гуфт, ки дар робита ба гузариши пурраи низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми кредитии таҳсил дар шуъбаи рӯзона, торафт фаъолияти зинаи мутахассис дар низоми таълими макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд шуда истодааст.

Азбаски дар давраи дуюми таҳсил бештар шакли машғулиятҳои амалии мултилингвиалӣ ҷиҳати фаъол гардидани малакаҳои робитаи гуногунзабонӣ истифода мешаванд, барои бартараф намудани монеаҳои психологӣ ва лингвистӣ, ҳамчунин, робитаҳои байнифарҳангӣ ва кросс-фарҳангӣ барои пурра қонеъ гардонидани талаботи

ҷонибҳо ва баъзан мавқуф гузоштани иҷрои корҳо, ҳалли проблемаҳои муҳимме, ки бо сабаби якдигарро нафаҳмидан ба вуқуъ омадаанд, мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки ба мундариҷаи фанни забони хориҷӣ масоили зерин ворид карда шаванд:

- татбиқи амалии имкониятҳои технологияҳои коммуникативии мултилингвиалӣ, истифодаи самараноки онҳо ҷиҳати таъмини робитаҳои байнифарҳангӣ ва кросс-фарҳангӣ;
- аз худ кардани механизми гузариш аз як рамз ба рамзи дигар ва бартараф намудани мушкилоти баамаломада;
- омӯзиши хусусиятҳои хосси фарҳангҳои ҷаҳонӣ, тавзеҳи мултилингвиалии консептҳои забонҳои дигар;
- баррасии махсусияти робитаю ҳамкориҳои кормандони инженерию техникии ватанӣ ва хориҷӣ;
- назорати ҷории пешрафт дар шакли мониторинги амалияи нутқи забонҳои гуногун (тартиб додани монологҳо, диалог ва матнҳои полилогӣ вобаста ба мавзуъҳои инженерию техникӣ, вазъиятҳои бақолабдорорандаи мултилингвизми табиӣ дар доираи фаъолияти касбӣ);
- аттестатсияи фосилавӣ, ки дар шакли санҷиш ва ё имтиҳон дар охири нимсола дар шакли тест (электронӣ, чопӣ) бо фаро гирифтани маводи омӯхташуда ва санҷиши нутқи мултилингвиалии диалогӣ ва полилогӣ дар ду супориш: яке дар шакли инфиродӣ иҷро карда мешавад; дигарӣ бошад, дар шакли ҷуфт-ҷуфт ё гурӯҳӣ баргузор мешавад [6].

Мавриди зикр аст, ки мавҷудияти тасвият дар шароити «континиуми бисёрзабонӣ» хеле муҳим мебошад, зеро дар зери мафҳуми «континиум» маҷмуи қисмҳои таркибии баробарҳуқуқ фаҳмида мешавад. Фазои рақамии иттилооти бисёрзабонӣ ва замони муосир, ки хусусияти рушди муназзам дорад, ки он тамоилҳои стратегии таҳсилоти муосирро нишон медиҳад. Ғайр аз ин, тавзеҳи мазкур самти мақсадноки салоҳияти ташаккулёфтаро мушаххас мекунад, ки дар ҷавҳари он аҳамияти сохтори муҳити махсус дар шароити донишгоҳ, ки ба бунёди фазои дохилидонишгоҳии бисёрзабонаи иттилоотӣ, ки барои ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии мултилингвиалӣ ва таҳаммулпазирии кросс-фарҳангӣ, барқарор намудани гуфтугӯҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар байни намояндагони забонҳои гуногун, барои дарки худшиносии фарҳангӣ ва забонӣ дар контексти гуногуншаклии лингвистию фарҳангӣ мусоидат менамояд, созгор мебошад [7].

**Зинаи магистратура.** Таълими мултилингвиалӣ дар зинаи мазкур бештар хусусияти амалӣ дошта, ба аз худ намудани салоҳиятҳои мултилингвиалӣ, рушди касбият ва баҳодиҳӣ ба фаъолияти худ нигаронида шудааст.

Дар зинаи магистратура навъҳои зерини назорат ба роҳ монда шудаанд: назорати ҷории пешрафт, ки аз тарафи омӯзгор амалӣ карда мешавад, ки зимни он дар шакли саволномаҳои тестӣ (чопӣ ва электронӣ) пурсиши шифоҳӣ (тавассути варақчаҳо, бозиҳо, воситаҳои техникӣ ва ғайраҳо) гузаронида мешавад; аттестатсияи фосилавӣ, ки дар шакли санҷиш ва имтиҳон дар анҷоми семестр (нимсола) дар шакли баҳодиҳӣ ба натиҷаи маводи азхудшуда ва санҷиши нутқи дузабонӣ ва бисёрзабонӣ ба таври инфиродӣ ва ё ҷуфт-ҷуфт, ё ин ки гурӯҳӣ гузаронида мешавад.

Инчунин, самти амалии зинаи мазкури таҳсил тақозо менамояд, ки дар байни омӯзгор ва донишҷӯён ҷиҳати омодагӣ ва иҷрои корҳои банақшагирифташуда назорати дуҷониба ба роҳ монда шавад. Донишҷӯ аз болои натиҷаҳои фаъолияти худаш назорат бурда метавонад (дар ин самт ташкили рӯзнома барои ба қайд гирифтани муваффақияту душвориҳо дар ҷодаи дастовардҳои мултилингвиалӣ ба мақсад мувофиқ мебошад).

Мазмуни курси магистратура дар самти омӯзиши забонҳо, на танҳо ҷиҳати ба роҳ монда тавонистани робитаҳои мултилингвиалӣ муайян карда мешавад, балки ҳамчун восита ё олоти рушди тафаккур ва фарҳанги шахсият ва таълими забони хориҷӣ чун манбаи иттилооти академӣ ва касбии бисёрзабонӣ ба инобат гирифта мешавад. Аҳамияти принсипалии ин зина дар он ифода меёбад, ки натиҷаи ҳаракату табодули иттилооти бисёрзабона аз як субъект ба субъекти дигар маҳсуб меёбад [8].

Дар робита ба ин, таълим дар зинаи мазкур ба омӯзиши пайдарпай ва бетанаффуси забонҳои тоҷикӣ ва хориҷӣ равона карда мешавад. Аз ин ҷо ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки ташаккули салоҳиятҳои байнифарҳангии муошират дар меҳвари ташаккули қобилиятнокӣ ва омодагии хатмкунандагони магистратура дар ҷодаи татбиқи технологияҳои иртиботии мултилингвиалӣ барои ҳамкориҳои академӣ ва касбӣ дар шароити континиуми бисёрзабонӣ муҳим мебошад.

Донишҷӯи зинаи магистратура аз рӯйи сатҳи омодагӣ, донишҳои амиқ ҳосил мекунад, ки минбаъд барои болоравии мансабӣ ва ишғоли вазифа мусоидат менамояд. Алалхусус, қобилияти кори илмӣ-тадқиқотӣ бурдан, фаъолияти таҳлилию машваратдиҳӣ доштан ва онро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар татбиқ татбиқ намудан, муҳим арзёбӣ мегардад.

Айни замон дар хориҷа бисёр ширкатҳое таъсис ёфтаанд, ки дар ҳайати онҳо намояндагони миллатҳои гуногун фаъолият мекунанд, ки ба ғайр аз салоҳиятҳои инжинерӣ-техникӣ, аз онҳо ҳамчунин доштани малакаҳои муошироти мултилингвиалӣ ва кросс-фарҳангӣ низ талаб карда мешавад [9].

Ба сифати далели дуюм майлу рағбати донишҷӯёнро ба навъҳои гуногуни фаъолияти инноватсионӣ, ки бо татбиқи технологияҳои нав, гаҷитҳо, дастгоҳҳу воситаҳои муосири истеҳсолот, ки дар хориҷа истеҳсол мешаванд; кооператсия ва тиҷорат бо ҷалби олимон ва мутахассисони гуногунзабон; рӯ овардан ба дастовардҳои илмии мутахассисони хориҷӣ ва амсоли инҳоро зикр кардан мумкин аст. Ҳамаи ин омодагии махсуси мултилингвиалиро талаб менамояд.

Билохира, таҳияи кори илмӣ-тадқиқотӣ, ки бо ҷамъоварии мавод ва таҳлили манбаъҳои гуногунзабон марбут мебошад ва он бевосита бо соҳаи фаъолияти инженерию техникӣ вобаста мебошад, ҳамчунин барои амалӣ намудани ғояву омоли худ ва назорати натиҷаҳои он бо истифодаи аз забонҳои модарӣ ва хориҷӣ, манзур намудани маҳсули фаъолияти инженерию техникӣ дар арсаи ҷаҳонӣ имконият фароҳам меоварад.

Мутобиқи гуфтаҳои боло, моҳияти интегратсионӣ ва тафриқавӣ доштани таълими мултилингвиалӣ, ки дар меҳвари он таҳкими таҷрибаи лингвистӣ қарор дорад, дар низоми таҳсилоти инженерию техникӣ тавассути гирдоварии донишҳои мултилингвиалӣ, ташаккул ва рушд додани малакаҳои амалии муошироти гуногунзабон дар доираи фаъолияти академӣ ва касбӣ ба муваффақ ноил шудан мумкин аст [10].

Ба сифати таълими иловагӣ – баъд аз таҳсилоти олии касбии сикли мултилингвиалӣ дар донишгоҳ, курси (фанни) «дидактикаи мултилингвиалии инженерӣ (муҳандисӣ) омӯхта мешавад, ки он назарияи таълими бисёрзабонӣ, муошироти байнифарҳангӣ ва фаъолияти муҳандисию техникиро дар бар мегирад ва дар шароити компютеркунонии идоракунии фаъолият татбиқ карда мешавад».

Ба ибораи дигар, шакли таҳсили пешниҳодшаванда дар доираи муттаҳид кардани мафҳумҳои коммуникатсия (муошират, мубодилаи афкор) ва технологияҳои коммуникатсионӣ сурат мегирад, ки дар он «коммуникатсия» (муошират, гуфтугӯ, табодули фикр) чун пули пайвасткунанда нақши муҳим дошта, воситаи фаъоли таъсирбахш дар байни субъект ва объект мебошад, ки ҳадафи он қабул ва интиқоли иттилоот маҳсуб меёбад [11].

Ҳамин тариқ, таълими мултилингвиалӣ ба омода намудани ҳайати зерини мутахассисон нигаронида шудааст:

а) забондонони компютерӣ ва рақамӣ, дата-муҳандисҳо, дата-саенистҳо, ки фаъолияти онҳо бо ҷамъоварӣ ва омода намудани маълумотҳо аз забонҳои гуногун марбут мебошад, коркарди матнҳои иттилоотии интихобшуда, ҷустуҷӯи маънои онҳо аз тариқи интернет ва сохтани интерфейсҳои наве, ки алоқаи байни инсон ва компютерро тавассути забонҳои табиӣ (амсоли тартиб додани антология, ҷудо кардани объектҳо, ҷустуҷӯи муродифи калимаҳо ва ғайра) таъмин менамоянд;

б) мушовирони кросс-фарҳангӣ, ки онҳо мақсад, майлу хоҳиш, моҳияти суханони шариконро дар шакли иртибототи воқеӣ ва маҷозӣ дуруст дарк мекунанд, тавсияҳои зарурирo ҷиҳати таъмини муносибатҳои судманд дар байни ҷонибҳо дар ҷодаи фаъолияти якҷояи илмӣ, инженерию техникӣ ва ҳоказо дуруст ба роҳ монда метавонанд;

в) IT- тарғибгарон ва продюссерҳои рақамиро тайёр мекунад, ки онҳо мутахассисони хуб дар ҷодаи иртиботот (коммуникатсия) ва истифодабарандагони маҳсулоти IT маҳсуб меёбанд, ки ширкатҳои ҷаҳонӣ ба онҳо ниёз доранд; чунин мутахассисон технологияҳои пешқадам, хизматрасониҳое, ки дар муҳити бисёрзабонӣ сурат мегиранд, ба тарғиби саводнокии рақамӣ шуғл доранд; истеъмолкунандагон ва истифодабарандагони ватанию хориҷиро ҷалб карда метавонанд; одамонро барои истифодаи технология ва хизматрасонии коммуникатсионӣ бовар кунонида метавонанд; ба стандартҳои нав гузаштан, тағйирёбии ақидаву нуқтаи назарҳо ва афзалият доданро асоснок карда метавонанд. Илова бар ин, маводи мақола барои мутахассисони дигар, ки фаъолияти онҳо ба самти мултилингвиалӣ ва ҳамчунин кормандони соҳаи муҳандисию техникӣ, ки хоҳиши баланд бардоштани сатҳи забондонӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии кросс-фарҳангӣ, беҳтар намудани саводи рақамиро доранд, нигаронида шудааст [12].

Масъалаҳои матраҳшударо ба инобат гирифта, метавон гуфт, ки ташаккули салоҳияти мултилингвиалии иртиботӣ дар дараҷаи зинаи таҳсилоти иловагӣ ва ё баъдаздипломӣ дар робита ба ташаккули қобилияту омодагии ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иртиботӣ ва иртиботии мултилингвиалӣ барои ҳамкориҳои академӣ ва касбӣ дар шароити континиуми рақамии бисёрзабонӣ равона гардидааст.

Масъалаи муҳимми дигар, фароҳам овардани муҳити махсуси таҳсилот дар шароити донишгоҳ ҳамчун муҳити мултилингвиалӣ ба ҳисоб меравад. Чунин муҳит маҷмуи шароитҳои дохилӣ ва берунию дар бар мегирад, ки дар он раванди мултилингвиалии таълимию тарбиявӣ ҷараён мегирад. Дар ин ҷода ба ҳайси унсурҳои муҳимми ёрирасон таъминоти илмӣ-методӣ, маводи таълимии бисёрзабона, фарҳангномаҳо, маълумотномаҳо, шаклҳои ташкили машғулиятҳои аудиторӣ ва берун аз аудитория, инчунин ҳамкориҳо бо донишҷӯён баромад мекунанд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки муҳити мултилингвиалӣ қисми таркибии фазои таҳсилоти донишгоҳ ба шумор рафта, зернизоми низоми таълимро дар донишгоҳ ташкил медиҳад [14].

Инчунин, заминаи моддию техникии раванди таълим (аз он ҷумла ТИК) аҳамияти хосса дорад. Дар ин самт нақши менеҷменти раванди таълиму тарбия ва назорат аз болои он ҳам муҳим арзёбӣ мегардад.

Ташаккули муҳити мултилингвиалӣ тавассути интегратсияи фаъолияти мултилингвиалии аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ, ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ дар ҷараёни бисёрзабонии мултилингвиалии кросс-фарҳангии дохилидонишгоҳӣ, ташкили маҳфилу клубҳо (варзишӣ, иҷтимоӣ, касбӣ) бо назардошти шавқу завқи донишҷӯён ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ба ғайр аз ин, муҳити мултилингвиалӣ ба шарти ҷорӣ намудани воситаҳои иттилоотию иртиботии дастрас ва технологияҳои рақамӣ дар донишгоҳ бунёд карда мешавад: шабакаи компютерӣ (вебинарҳои мултилингвиалӣ, лабораторияҳои маҷозӣ, барномаҳо, воситаҳои хизматрасонӣ ва ғайраҳо), комплексҳои интерактивӣ (дар аудитория бо намоиши панелҳо, тахтаҳои электронӣ ва дигар таҷҳизот ҷиҳати баромадан ба шабакаи бисёрзабонии интернетӣ), низоми лаҳзаинаи табодули иттилоот, шабакаҳои иҷтимоии гуногунзабон, мессенҷерҳо).

Муҳимтарин воситаҳое, ки иштироки озодонаи донишҷӯёнро дар арсаи мултилингвиалӣ ва табодули иттилооти бисёрзабонаро дар континиуми донишгоҳ таъмин мекунанд, телевизиони донишгоҳӣ (барои намоиши барномаҳои мултилингвиалӣ, филмҳо, роликҳо, муаррифӣ, слайдҳо ва ғайраҳо), радио (маълумотҳо, мусоҳибаҳо, барномаҳо, намоишномаҳо ва ҳоказо), нашрияҳо (рӯзномаҳои мултилингвиалӣ, маҷаллаҳо, маҷмуаҳо ва монанди инҳо) ба шумор мераванд [15].

Ба ҳамин минвол, консепсияи таълими мултилингвиалӣ, ки дар донишгоҳҳои техникӣ амалӣ карда мешавад, барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун шакли нави тадрис мусоидат менамояд ва он дар доираи вақти муайян аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва тарзи сохтори худ чун воҳиди машғулият (таълим) роҳандозӣ карда мешавад.

**Муқарриз: Карабаев Б.Б.- н.и.п., ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**

1. Долгополова С. В. Учебно-профессиональная мотивация студентов как фактор готовности к трудовой деятельности / С. В.Долгополова, Н. Е.Назарова, О. Н. Зуева // Человек и образование. -2015. -№ 2 (43). -С. 91-94.
2. Захарова Е.В. Формирование ценностных ориентаций в самостоятельной работе студентов с использованием информационных технологий / Е.В.Захарова, А.А.Сивцева // Современные проблемы науки и образования. -2007. -№ 3. -С. 35–40.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", аз 17.05.2018, №1529.
4. Низомнома дар бораи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2016, №19/24.
5. Практический курс английского языка.1курс. Учебник для пед.вузов по спец. «Иностр. яз.» / Л.И. Селянина, К.П. Гинтовт, М.А. Соколова и др., под ред. В.Д. Аракина.− 5-е издание, испр.−М.: Гуманит.изд. центр ВЛАДОС,1998.− 536с.
6. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.02.201. - №94.
7. Федеральные государственные образовательные стандарты высшего образования (ФГОС ВО) по направлениям подготовки бакалавриата, специалитета и магистратуры в, реализуемые в ФГОУВО «Ивановский государственный энергетический университет имени В.И. Ленина» до 2019 года [Электронный ресурс]. – Иваново, 2018. – URL: http://ispu.ru/node/12087 (дата обращения: 19.11.2019).
8. Хазова, С.А. Развитие конкурентноспособной личности в системе образования: автореф. дис. на соиск. учен. степ. д-ра пед. наук: 13.00.01, 13.00.08 / Хазова Снежана Александровна. – Майкоп, 2011. – 60 с.
9. Хуторской, А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты: доклад на отделении философии образования и теории педагогики 485 РАО 23 апреля 2002 [Электронный ресурс] / Центр «Эйдос». – URL: http://www.eidos.ru/journal/2002/0423.htm (дата обращения: 19.08.2014).
10. Чичерина, О.В. О разработке проектов научно-обоснованных концепций модернизации содержания и технологий преподавания учебных предметов [Электронный ресурс] / О.В. Чичерина. – URL: http://conf.apkpro.ru/doc/ (дата обращения: 27.11.2017).
11. Чошанов, М.А. Гибкая технология проблемно-модульного обучения: методическое пособие / М.А. Чошанов. – Москва: Народное образование, 1996. – 160 с.
12. Чугунова, Э.С. Социально-психологические особенности творческой активности инженеров / Э.С. Чугунова. Отв. ред. В.А. Ядов. – Ленинград: Изд. Ленингр. гос. ун-та, 1986. – 161 с.
13. Шамова Т. И. Активизация учения школьников / Т. И. Шамова. - М.: Педагогика, 1982. — 208 с.
14. Щукина, Г.И. Активизация познавательной деятельности учащихся в учебном процессе / Г.И. Щукина. – М.: Просвещение, 1979. –160с.
15. Эльконин Д.Б. Избранные психологические труды / Д.Б. Эльконин. – М.: Педагогика, 1989. – 560 с.

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КОММУНИКАТИВИИ МУЛТИЛИНГВИАЛӢ ДАР ЗИНАҲОИ ГУНОГУНИ ТАҲСИЛОТ БО НАЗАРДОШТИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

Мақола фарогири омӯзиши масоили ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии мултилингвиалӣ дар зинаҳои шакли таҳсили кредитӣ мебошад. Муаллиф иброз медорад, ки низоми таълими кредитӣ ба тамоюли шаффофият ва интихоб аз ҷониби донишҷӯён асос ёфтааст. Тибқи низоми кредитии таҳсил дарсҳо дар шакли интерактивӣ гузаронида мешаванд. Масоили ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии мултилингвиалӣ дар зинаҳои бакалавриат, мутахассис ва магистратура баррасӣ шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар зинаи бакалавриат таълими тафриқавии забон афзалият дорад. Зимнан, зикр шудааст, ки ба раванди таълим ворид намудани унсурҳои мултилингвиалӣ барои ворид шудани донишҷӯён ба муҳити бисёрзабонӣ мусоидат менамояд. Дар зинаи мутахассис таълими мултилингвиалии донишҷӯён дар ду давра ба амал бароварда мешавад: муқаддимаи мултилингвизм; амалияи равобити мултилингвиалӣ. Дар зинаи магистратура бошад, таълими мултилингвиалӣ бештар хусусияти амалӣ дорад ва ба рушди касбият нигаронида шудааст. Инчунин, самти амалии зинаи мазкури таҳсил тақозо менамояд, ки дар байни омӯзгор ва донишҷӯён ҷиҳати омодагӣ ва иҷрои корҳои банақшагирифташуда назорати дуҷониба ба роҳ монда шавад. Ба ибораи дигар, шакли таҳсили пешниҳодшаванда дар доираи муттаҳид кардани мафҳумҳои коммуникатсия (муошират, мубодилаи афкор) ва технологияҳои коммуникатсионӣ сурат мегирад, ки дар он коммуникатсия (муошират, гуфтугӯ, табодули фикр) нақши калидӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** шакли таҳсили кредитӣ, иртиботот, салоҳияти коммуникативӣ, зинаҳои таҳсил, таъминоти илмӣ-методӣ, мутахассис, бакалавриат, магистратура, технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ ПОЛИЯЗЫЧНОЙ ОБЩИНЫ НА РАЗНЫХ УРОВНЯХ ОБРАЗОВАНИЯ С УЧЕТОМ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ

Статья посвящена изучению формирования полиязычных коммуникативных компетенций на уровне кредитного образования. Автор констатирует, что кредитная система обучения основана на тенденции прозрачности и отбора студентов. По кредитной системе обучения занятия проводятся в интерактивной форме. Рассмотрены вопросы развития полиязычных коммуникативных компетенций на уровне бакалавриата, специалитета и магистра. Автор отмечает, что на уровне бакалавриата приоритетным является дифференцированное обучение языку. В то же время было отмечено, что включение полиязычных элементов в

образовательный процесс способствует вхождению обучающихся в полиязычную среду. На уровне специалитета полиязычное обучение студентов осуществляется в два этапа: введение в полиязычие; практика многоязычного общения. На уровне магистратуры полиязычное образование более практично и ориентировано на профессиональное развитие. Также практическая направленность данного уровня образования требует двустороннего контроля между преподавателями и учащимися по подготовке и реализации запланированных мероприятий. Иными словами, предлагаемая форма обучения происходит в контексте совмещения понятий коммуникации (общения, обмена идеями) и коммуникативных технологий, в которых коммуникация (общение, диалог, обмен идеями) играет ключевую роль.

**Ключевые слова:** кредитная форма обучения, общение, коммуникативная компетентность, уровни обучения, научно-методическое обеспечение, специалист, бакалавр, магистр, информационно-коммуникационные технологии.

## FORMATION OF MULTILINGUAL COMMUNICAL POWERS AT DIFFERENT LEVELS OF EDUCATION TAKING INTO ACCOUNT

The article covers the study of the formation of multilingual communicative competencies at the level of credit education. The author states that the credit system of education is based on the tendency of transparency and selection by students. According to the credit system of education, classes are conducted in an interactive form. The issues of developing multilingual communicative competencies at the bachelor's, specialist's and master's levels are considered. The author notes that at the bachelor's level, differentiated language teaching is a priority. At the same time, it was noted that the inclusion of multilingual elements in the educational process facilitates the entry of students into a multilingual environment.At the specialist level, multilingual education of students is carried out in two stages: introduction to multilingualism; the practice of multilingual communication. At the master's level, multilingual education is more practical and focused on professional development. Also, the practical direction of this level of education requires a two-way control between teachers and students for the preparation and implementation of planned activities. In other words, the proposed form of education takes place in the context of combining the concepts of communication (communication, exchange of ideas) and communication technologies, in which communication (communication, dialogue, exchange of ideas) plays a key role.

**Keywords:** form of credit education, communication, communicative competence, levels of education, scientific and methodological support, specialist, bachelor, master, information and communication technologies.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Садуллоева Маҳина Баҳридиновна*** **-**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, докторанти доктор Ph.D. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон**: (+992) 93-715-16-03**; E-mail: **mahinjul31@mail.ru**

**Сведениеоб авторе:** ***Садуллоева Махина Бахридиновна*** –Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант Ph.D**.** **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон**: (+992) 93-715-16-03**; E-mail: **mahinjul31@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sadulloeva Makhina Bakhridinovna*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, doctoral student Ph.D. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93-715-16-03;** E-mail: **mahinjul31@mail.ru**

УДК:371.16.1

# НАҚШИ ОИЛА ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ- ФАРҲАНГӢ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

*Ғайратова К.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қонуни Ҷумҳурии Точикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” дар руҳияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ҳисси накукорӣ ва муносибати боэҳтиромона тарбия намудани фарзандонро ба уҳдаи падару модар мегузорад [7. №762]. Вобаста ба дараҷаи тараққиёт ва пешравии ҷомеаи муосир қабули ин қонун талаботи ҷомеа аст, зеро бо дарназардошти мушкилоти нав ба нави замона бояд, раванди таълиму тарбия боз ҳам пурзӯр карда шавад. Оила ва муносибатҳои дохилии он аз унсурҳои зиёд иборат мебошанд, ки ҳангоми тарбияи фарзанд ҳар як хонавода бояд инро ба эътибор гирад. Яъне, ба он маънӣ ки аҳли оила ба ҳамдигар таъсири мутақобила мерасонанд.

Оила яке аз рукунҳои муҳим ва асосии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ муносибатҳои зану шавҳар, хешу табор, муносибатҳои иқтисодии оилавӣ, ташаккул ва рушди шахс, масъулият ва уҳдадории байни аъзоёни оиларо дар асоси қоидаҳои одобу ахлоқ ва талаботи муайяни қонунгузорӣ ба танзим медарорад. Инсон нахустин асосҳои феълу атвор, рафтор, кирдор муносибат ба худ ва дигарон, муносибат ба меҳнат, муносибат ба ҳаёти ҷомеаро маҳз аз оила меомӯзад. [15,с.19].

Фарзанд аввалин маротиба дар оила мафҳумҳои Ватан, озодӣ, падар, модар дӯст доштан, меҳрубон будан нисбат ба якдигарро дарк менамуда. Тарбияи оилавӣ асоси ҳама намудҳои тарбия мебошад, чунки фақат дар муҳити оила, бо ёрию кӯшишҳои зиёди падару модар, хешу табор насли наврас ба воя мерасад ва тарбия мегирад.

Аз он ҷумла дар оила ҳамдигарфаҳмию меҳрубонии зану шавҳар ба тарбияи фарзанд таъсир расонда, боиси хушбахтии онҳо мегардад. Дар оила бояд фазои орому солими психологӣ бошад, чунки ин муҳит барои ба воя расидани фарзанд таъсир мерасонад. Зеро оила аввалин мактаби тарбияи фарзанд мебошад, ки тавассути он инсон дар ҷомеа мақоми худро пайдо мекунад.

Падару модар ва аъзоёни калонсоли оила дар ташаккул ва инкишофи хонандагон, ҳамчун як шахси ибратомӯз таъсир расонида метавонанд. А.С. Макаренко гуфта буд, ки бачагон ва наврасонро ҳама: одамон, чизҳо, ҳодисаҳо тарбия менамоянд. Вале пеш аз ҳама ва бештар аз ҳама онҳоро одамон тарбия хоҳанд кард. Аз байни онҳо дар ҷойи аввал падару модарон меистанд, ки бо ахлоқ ва симои маънавии худ ҳамеша ба бачагон ва наврасон таъсир мерасонанд. Ҳангоми шарҳи рафтори худ бачагон одатан ба ахлоқи калонсолон такя менамоянд. Онҳо, пеш аз ҳама, ба падару модарон, бародарон ва хоҳарони калонсолашон тақлид мекунанд. А.С.Макаренко ба падару модарон мурочиат карда гуфта буд: «Гумон набаред, ки шумо танҳо ҳангоми бо бача гап задан, насиҳат кардан ё фармоиш додан ӯро тарбия мекарда бошед. Шумо ӯро дар ҳар як лаҳзаи ҳаётатон, ҳатто вақте ки дар хона нестед, тарбия хоҳед кард. Тарзи либоспӯшии шумо, оҳанги гапзании шумо бо дигар одамон ва оид ба дигар одамон, шодию ғами шумо, муносибати шумо бо дӯстон ва душманон, тарзи хандаи шумо, газетахонии шумо ин ҳама барои кӯдак аҳамияти калон дорад. Кӯдак хурдтарин тағйироти оҳанги муносибатро ҳис мекунад, тамоми паҳлуҳои фикри шумо бо роҳҳои ноаён ба ӯ маълум мешаванд, шумо инро ҳис намекунед. Агар шумо дар хона дағалӣ, худситоӣ, бадмастӣ ва бадтар аз ҳама, модарро таҳқир кунед, шумо аллакай фарзандони худро тарбия кардед ва бад тарбия кардед» [10,с. 347].

А.С.Макаренко ахлоқи ҳаррӯзаи падару модаронро ҳамчун воситаи ҳалкунандаи тарбияи бачагон дар оила аз назар мегузаронид. Аз ин рӯ, ба ташкили ҳаёти оилавӣ, ахлоқи ҳаррӯзаи падару модарон диққати калон медод.

Оила ин як иттифоқи озод, баробарҳуқуқи байни марду зан аст мебошад, ки дар асоси муҳаббату эҳтироми тарафайн бо мақсади ташкили хонавода барои давоми насли

инсон ташкил карда мешавад.

Муҳити солими оилавӣ бисёртар аз ҳамгироии фазандон вобастагӣ дорад. Мутаассифона, ин ҷиҳат аз ҷониби омӯзгорон ва падару модар хеле кам омӯхта мешавад, ки аз норасиҳоии калон дар тарбияи оилавӣ ба ҳисоб меравад. Робитаи байни фарзандон дар оила хеле мураккаб аст ва сарфи назар кардани он ба натиҷаҳои манфӣ меорад.

Нуқтаи асосии муносибати байниоилавӣ, аз як тараф, муносибати падару модар нисбат ба фарзандон бошад, аз тарафи дигар, муносибати фарзандон ба падару модар дониста мешавад. Яъне, агар падару модар нисбат ба фарзандони худ муносибати хуб дошта бошанд, фарзандон низ нисбати онҳо муносибати самимӣ хоҳанд дошт. Муносибати бади падару модарон боиси муносибати дағалонаи фарзандон мегардад, ки ба зиндагии ояндаии онҳо таъсир мерасонад.

Барои муваффақиятнокии тарбияи фарзанд зарур аст, ки падару модар ва аъзоёни дигари оила ҳамдигарро ҳурмату эҳтиром кунанд, бо рафтору одобу муносибати худ диққати онҳоро ҷалб намоянд ва аз ҳама ҷиҳат намунаи ибрат бошад. Майлу хоҳишу супоришҳои волидайн ба фарзанд дар ин ё он масъала бояд одилона бошанд ва якдигрро дастгирӣ намоянд.

Падару модар нисбати фарзандон бояд серталабу боадолат бошанд. Хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусоли ба ҳисоб гиранд, мавқеи худро ҳамчун волидайн донанд. Бо ҷангу хархашаҳои бемаънӣ дар назди фарзандон қадру қимати худро паст нанамоянд, фарзандонро аз ҳад зиёд сарзаниш накунанд, ҷазои ҷисмониро истифода набаранд. Дар оила фарзандонро ҳақгӯ, ростқавл, далеру нотарс қавиирода, дорои сифатҳои неки инсони тарбия диҳанд.

Чи тавре ки ба мо маълум аст, оила асоси давлатро ташкил менамояд. Нисбати тарбияи фарзанд ҳар як падару модар вазифадоранд, ки ғамхорӣ намоянд ва онҳоро ҳамчун шахсони арзандаи ҷомеа ба воя расонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала диққати махсус дода шудааст. Волидайн фарзандони худро дар руҳияи муҳаббат ба Ватан, ифтихори миллӣ, эҳтироми калонсолон ва дигар арзишҳои миллӣ тарбия менамоянд.

Аммо дар баробари ин оилаҳое ҳастанд, ки ба тарбияи фарзанд он қадар аҳамият намедиҳанд, аз рафти донишандӯзӣ, интихоби касб, мақсаду орзуҳои онҳо огоҳ нестанд ки ин албатта, ба ташаккули шахсияи онҳо таъсири манфӣ мерасонад ва тарбияи минбаъдаи онҳо хеле мушкил мешавад.

Мақсад, вазифа ва роҳҳои амалӣ намудани онро ба хубӣ иҷро намоянд, аз усулҳои дурусти тарбия истифода намуда, нисбати кӯдак талаботи ягона дошта бошанд, дар рафтору кирдору ва гуфтори худ дар назди фарзандон бояд намуна бошанд. Муносибати падару модар ва фарзандонро бояд муҳаббат ба боварӣ, эҳтироми тарафайн асос ёфтааст ташкил намояд.

Муҳити солим, муносибати дӯстона ва ҳамдигарфаҳмию боварӣ дар оилаҳое ҳукумфармост, ки барои тарбияи фарзанд заминаю имкониятҳои хуб муҳайё намудаанд. Чунки чунин оилаҳо бештару бештар аз муҳаббату вафодорӣ, масъалаҳои тарбиявию ахлоқӣ суҳбат намуда, олами ботинии кӯдакро аз муҳаббату вафодорӣ бою ғанӣ мегардонанд. Муҳити солими оилавӣ бисёр аз ҳамгироии фарзандон вобастагӣ дорад. Мутаассифона, ин ҷиҳат аз ҷониби омӯзгорон ва волидайн кам омӯхта мешавад, ки яке аз норасоиҳои асосӣ дар тарбияи оилавӣ ба ҳисоб меравад. Робитаи байни фарзандон дар оила хеле мураккаб ҳаст ва сарфи назар кардани он намояд.

Унсурулмаолии Кайковус дар "Қобуснома" дар бахши «Ҳақиқати фарзанд» гуфтааст: «Бояд ҳар чӣ бошад аз фазлу ҳунар, фарзандро биёмӯзад, то ҳаққи падариву шавқати падарон ба ҷо оварда бошӣ, ки аз ҳаводиси олам эмин натавон буд ва натавон донист, ки бар сари мардумон чӣ гузарад. Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас, дар ҳунар омӯхтан тақсир набояд кард" [14, с. 94].

Яъне, Унсурулмаолии Кайковус дар таълим ва тарбияи насли наврас пеш аз ҳама, падару модарон ва омузгоронро масъул дониста, яке аз вазифаҳои асосии падарро таълиму омӯзондани илму дониш ва ҳунару пешаҳои зарурӣ ба фарзанд мешуморад ва ӯро

ба иҷрои ин вазифа даъват менамояд.

«Фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар» мегӯяд мақоли халқ. Аз ин рӯ, кори муҳимми хонавода тарбия намудан ҳамчун як инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба воя расонидани фарзанд мебошад. Ин вазифаи муҳим ва масъулиятнок дар назди оила мебошад. Фарзандро тайёр намудан ба ҳаёти мустақилона, пеш аз ҳама, вазифаи худи хонавода мебошад. Бояд волидайн бо такя ба анъанаҳои миллӣ фарзандони худро тарбия намоянд.

Оила таҳкурсиест, ки ҷомеаи бузурги инсонӣ дар он устувор аст. Аъзоёни оила дар инкишофи равобити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва рушду нумуи ҷомеа нақши бунёдӣ доранд. Аз ин рӯ, оила на фақат аз шаклҳои умумияти таърихии робитаи зану мард ба хотири таваллуду идомаи насл, балки восита ва заминаи тарбияи ҷисмониву маънавии инсон низ ба ҳисоб меравад. Оила мактаби олии аввалини таълиму тарбия, муҳити ташаккулдиҳандаи қобилияту истеъдоди инсонӣ, забон, тафаккур, ирода, шаку ҳавас, урфу одат, ахлоқ, расму оин ва анъанаҳо ба шумор меравад. Оила барои ҳамаи аъзоёни он ягона фазое мебошад, ки қисмати зиёди умри ҳар яке аз онҳо дар он мегузарад. Оила мураббии аввалин, роҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи ҳар як кӯдак ба шумор меравад. Кӯдакон дар он тарзи дурусти зиндагӣ, муҳаббату меҳрубонӣ ва хислатҳои ҳамидаи инсониро метавонанд аз худ кунанд. Рафтору муносибатҳои калонсолони оила барои фарзандон намунаи ибрат аст.

Абуалӣ ибни Сино дар асари худ “Тадбири манзил” оид ба ҳусни тадбир, пайдоиш ва нақши хонаводаи инсонӣ, сифатҳои занон, одоби зисту зиндагии инсон дар ҷомеа маълумот додааст. [3,с. 13-28].

Вақтҳои охир оилаҳои ҷавон зиндагиро оғоз намуда, тез хонавайрон мешаванд, ки бештари онҳо никоҳи хешутаборӣ мебошанд. Албатта, сабабгори асосӣ падару модар мебошанд, ки аз даврони кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ фарзандонро ба зиндагӣ омода накардаанд. Барои пешгирии ин хонавайрониҳо дар вақти хонандаи мактаб будан, бояд омӯзгорони мактаб низ ҳиссаи худро гузоранд.

Падару модарон вазифаҳои гуногуни тарбиявиро иҷро менамоянд ва ин аз нақшаҳои иҷтимоии онҳо вобаста аст, инкишофи ҳиссӣ-ахлоқии кӯдак қабл аз ҳама ба модар вобаста аст.

Омода намудани насли наврас барои ҳаёти мустақилона як ҷанбаи муҳимми таълиму тарбияи ҷавонон мебошад. Дар китоби дарсӣ масъалаҳои муҳимми, одоби рӯзгордорӣ инҳо номбар шудаанд:

- махсусиятҳои одоби рӯзгордории духтарону писарон;
-роҳҳои ободонии хона, ҳавлӣ ва атрофи он;
- усули ороиши дастархон;
- оини меҳмоннавозӣ;
- одоби ташкили тӯю маъракаҳо;
- оини дахлу харҷ;
- аҳамияти сарфа ва эҳтиёткорӣ дар рӯзгор;
- риояи тартибу интизом, реҷа дар оила. [12,с. 9-10].

К.Д. Ушинский дар асараш «Инсон ҳамчун предмети тарбия» чунин навишта буд: «Санъати тарбия чунин хусусияте дорад, ки он қариб ба ҳама шинос ва фаҳмо, ҳатто, ба баъзеҳо кори осон менамояд. Ҳар қадаре ки одам бе он аз ҷиҳати назариявӣ, ё амалӣ камтар шинос бошад, ба назараш ҳамон қадар фаҳмо ва осонтар менамояд. Қариб ҳама эътироф менамоянд, ки тарбия сабру тоқатро тақозо мекунад; баъзеҳо гумон мекунанд, ки ба ин қобилият ва маҳорати модарзод, яъне малака бояд дошт, аммо қисми хеле ками одамон ба хулосае омаданд, ки ғайр аз сабру тоқат қобилият ва малакаи модарзод, боз дониши махсус доштан лозим аст» [6,с. 41].

Дар оила майлу рағбат, ҷанбаҳои психологии насли ҷавон ташаккул меёбад. Ҳамин аст, ки хонандагони синну соли калони мактабӣ аз рӯйи марому мақсади худ, кӯшишу муносибатҳои нисбат ба одамон доштаи худ,пеш аз ҳама хислатҳои падару модарро такрор мекунанд.

Ба хонандагони синну соли калони мактаби, синфҳои 10-11, дар хусуси худро идора карда тавонистану интихоби касб ва интихоби роҳи зиндагӣ ёрӣ расонидан лозим аст. Дар тарбияи оилавӣ, инчунин ҷинсият, яъне тарбияи писару духтарро ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Дар ташаккули ахлоқи духтарон нақши модарон ниҳоят бузург аст.

Модарон аз овони хурдсолии духтарон ба онҳо тибқи табиату сиришташон муносибат мекунанд ва кӯшиш менамоянд, ки дар онҳо сифатҳои шарму ҳаё, лутфу марҳамат, меҳру муҳаббат, озодагӣ, вафодорӣ, хирадмандӣ ва сабру таҳаммулро парваранд. Аз он ҷумла муоширaт дар хона, мактаб, бо шиносу бегонагон, одоби хоновадагӣ, дарздӯзӣ, пухтупаз, тоза озода нигоҳ доштани сару либос, оростани дастархон ва ғайраро меомӯзанд.

Дар рисолаи "Ахлоқи Носирӣ"- и Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ва "Ахлоқи Ҷалолӣ" - и Ҷалолиддини Давонӣ масъалаҳои занон ва одоби онҳо, оини сухангӯӣ, хӯрокхӯрӣ ва амсоли он баррасӣ шудаанд.

Зан поягузори вуҷуди ҳаёти одамӣ аст. Дар пайрезии асос ва сохтори шахсияти инсон, зан меъмори нақшофарин аст. Дар мактаби ҳаёт нақши аввал дар ташаккулёбии сохтори шахсияти кӯдак ба уҳдаи модар мебошад, ки ба ояндаи ӯ маънӣ мебахшад. Волидайнро зарур аст, ки ба тарбияи фарзандон, махсусан духтарон, диққати ҷиддӣ диҳанд [1,с. 301].

"Он падару модароне ба эҳтироми бузург сазоворанд, ки ҳамаи имкониятҳои афзудаистодаи маънавӣ ва мадании оиларо барои дар бачагон ташаккул додани талаботҳои васеи маънавӣ ба меҳнат, одаткунонӣ, хоксорӣ ва талаботҳои дӯстӣ тарбияро истифода мебаранд, муҳаббати падару модаронро бо талаби қатъӣ ва ҷавобгарӣ пайваст карда метавонад [11,с. 3].

Таъсири тарбиявии ибрати шахсии калонсолон аз бисёр ҷиҳатҳо ба эътибори онҳо вобаста аст. Мактабиён ба калонсолон замоне тақлид мекунанд, ки онҳо эътибор дошта бошанд. Ҳар қадар эътибори калонсолон баланд бошад, ҳамон қадар онҳо бештар ба шуур ва ахлоқи хонандагон таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, сазовори эътибор гардидани омӯзгорон ва падару модарон яке аз шартҳои муҳимтарини баланд бардоштани қувваи тарбиявии ибрати шахсии онҳо мебошад.

Шарти муҳимтарини баланд бардоштани қувваи тарбиявии ибрати шахсии омӯзгорон, падару модарон ва умуман калонсолон, ягонагии рафтору кирдори онҳо мебошад. Агар калонсолон дар сухан аз бачагон ростӣ, поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ, талаб карда, вале дар амал худ ин талаботҳоро иҷро нанамоянд, самараи таъсири гуфтори онҳо хеле паст хоҳад шуд [9,с. 253-254].

Оила дар ташаккули шахсияти фарзандон нақши беандоза бузург дорад. Волидайн дар тарбияи фарзандонаш аз роҳу усулҳои самарабахш истифода бурда бояд, фарзандони хешро дар роҳи ватандӯстӣ, инчунин баҳри пешравии оила, ҷомеа ва давлату миллати хеш ба воя расонанд. Метавон якчанд роҳу воситаҳоро барои боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ мондани таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин ташаккули дурусти шахсияти онҳо аз ҷониби аъзоёни оила пешниҳод намоем.

Ба падару модар омӯзондани малакаҳои тарбиявӣ, фаҳмондани хусусиятҳои ркшди ҷисмонӣ ва психологии кӯдакон, шинос намудани онҳо бо бухронҳои синнусолӣ, метавонанд ба раванди ташаккулёбии шахсияти кӯдак таъсири мусбӣ расонанд.

Ба падару модар зарур аст, ки мустақилиятро дар кӯдакон аз хурдиашон тарбия намоянд.

Падару модар ва дигар аъзоёни оила бояд дарк кунанд, ки кӯдакро дар ҳеҷ давру замон ба воситаи ҷазо ва тарсонидан ислоҳ кардан мумкин нест.

Методҳои тарбия дар оила роҳҳое мебошанд, ки бо ёрии онҳо таъсири мақсадноки педагогии волидайн ба шуур ва рафтори хонандагон ба роҳ монда мешавад, ба монанди боварӣ, фаҳмондан, маслиҳат додан, таърифу таъсиф, ҳавасмангардонӣ ва ғайра.

Вақте ки ба масъалаи таълиму тарбия рӯй меоварем, масъалаҳои норавшан, саволҳои беҷавобе дар назди мо пайдо мешаванд, ба монанди барои чӣ ҳамаи шароити мувофиқро

барои таълиму тарбияи фарзанд муҳайё месозем, ба ин нигоҳ накарда онҳо каҷрафтор мешаванд. Ин ҳама моро водор месозад, то ин ки ба масъалаи таълиму тарбия бештар диққат диҳем.

Муҳаммад Ғазолӣ ба ҷавонон чунин муроҷиат кардааст: "Бидон, ки ҳаққи эшон азимтар аст, ки наздикии эшон бештар аст. Расул гуфт: "Накуӣ кардан бар модару падар фозилтар аз намозу рӯзаву ҳаҷ ва умраву ғазо." Яъне, ҷавонон ҳурмати волидонро аз ҳама зарур донанд [2,с. 669].

**Муқарриз: Тошзода С.- н.и.п., ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. "Ахлоқи Носирӣ"-и хоҷа Насируддин Тӯсӣ ва "ахлоқи Ҷалолӣ"-Ҷалолиддини Давонӣ. - Душанбе Ирфон, 1998. - с. 301.
2. "Кимиёи соадат"-и Муҳаммад Ғазолӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – Ҷ 1 – 669 с.
3. Абуали ибни Сино. Тадбири манзил //Осори мунтахаб. Ҷилди дуюм. Душанбе: Ирфон, 1980. – С. 13-28. Марҳилаи аввали инкишофи педагогикаи халқи тоҷик. Душанбе: "Эр-граф." 2003
4. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. - Ҷ 3. - Душанбе: Ирфон,1964. -526 с.
5. Ғиёсиев Меҳриддин. Марҳилаи аввали инкишофи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе: "Эр-граф" 2003.
6. К.Д. Ушинский. Мунтахаби осор - Ҷ. 8. – с 41.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистин "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд." Душанбе. 02.08.2011,№762.
8. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам. - Душанбе: Дониш, 1997. – С. 150.
9. Калинин М.И. О воспитании и обучении. Избранные статьи и речи. М: Учпедгиз. 1957 - С. 253-254.
10. Макаренко соч 4. саҳ.347.
11. О реформе обобразовательной и профессиональной школы, сборник документов и материалов. – М.:Политиздат, 1984 - С.3.
12. Одоби муоширати ва рӯзгордорӣ. Душанбе. маориф.2017сх. 9-10 А.А.Рахмонзода, Х.М.Зиёев, Н.Н.Содиқова ва дигарон
13. Подласый И.П. Педагогика: Учебник для вузов в 2 книгах, Москва. 1999 г. - 574.
14. У.К.Кайковус. «маориф ва фарҳанг» ш.Душанбе.сх.94
15. Ҷанбаҳои тарбиявию таълимии миқдорӣ ва пешгирии зӯроварии оила ва дар Ч.М. Дастури методӣ. - Д-бе, 2018. - с.19.


### НАҚШИ ОИЛА ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ- ФАРҲАНГӢ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН


Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" руҳияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ҳисси накукорӣ ва муносибати боэҳтиромона тарбия намуданӣ фарзандонро ба уҳдаи падару модар мегузорад. Вобаста ба дараҷаи тараққиёт ва пешравии ҷомеаи муосир қабули ин қонун талаботи ҷомеа аст, зеро бо дарназардошти мушкилоти нав ба нави замона бояд, раванди таълиму тарбия боз ҳам пурзӯр карда шавад. Оила ва муносибатҳои дохилии он аз унсурҳои зиёд иборат мебошанд, ки хангоми тарбияи фарзанд ҳар як хонвода бояд инро ба эътибор гирад. Яъне, ба он маъно, ки аҳли оила ба ҳамдигар таъсири мутақобила мерасонанд. Оила яке аз рукунҳои муҳим ва асоси ҷомеъа ба ҳисоб меравад. Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ муносибатҳои зану шавҳар, хешу табор, муносибатҳои иқтисодии оилавӣ, ташаккул ва рушди шахс, масъулият ва уҳдадории байни аъзоёни оиларо дар асоси қоидаҳои одобу ахлоқ ва талаботи муайяни қонунгузорӣ ба танзим медарорад. Инсон нахустин асосҳои феълу атвор, рафтор, кирдор муносибат ба худ ва дигарон, муносибат ба меҳнат, муносибат ба ҳаёти ҷомеаро маҳз дар оила меомӯзад. Фарзанд аввалин маротиба дар оила мафҳумҳои Ватан, озодӣ, падар, модар дӯст доштан, меҳрубон будан нисбат ба якдигарро дарк менамояд. Тарбияи оилавӣ асоси ҳама намудҳои тарбия мебошад, чунки фақат дар муҳити оила бо ёрию кӯшишҳои зиёди падару модар, хешу табор насли наврас ба воя мерасад ва тарбия мегирад. Оила ин як иттифоқи озод, баробарҳуқуқ байни марду зан аст, ки дар асоси муҳаббату эҳтироми тарафайн бо мақсади ташкили хонавода барои давоми насли инсон, мешавад.



**Калидвожаҳо:** оила, масъулият, устувории ҷомеа, фарзанд, падару модар, одобу ахлоқ, тарбияи меҳнатӣ, инкишофу такомул, тарбия, муҳити мусоид.


### РОЛЬ СЕМЬИ КАК СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНОЕ ЯВЛЕНИЕ В ВОСПИТАНИИ МОЛОДЕЖИ


Принятие Закона Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за воспитание и образование детей» означает отвественность рожителей за психическое здоровье ребенка в семье и обязывает их воспитывать детей в духе патриотизма, человечности, доброты и уважения. В зависимости от уровня развития и прогресса современного общества принятие этого закона является требованием общества, поскольку, учитывая новые

вызовы времени, необходимо дальнейшее усиление процесса образования. Семья и ее внутренние отношения состоят из множества элементов, которые каждая семья должна учитывать при воспитании детей. Это означает, что члены семьи влияют на поведение друг друга.Семья - одна из важнейших и фундаментальных опор общества, включая социальные, экономические, правовые, моральные и гражданские отношения. Семья как социальное явление регулирует отношения супругов, родственников, семейные экономические отношения, формирование и развитие личности, обязанности и обязательства между членами семьи на основе определенных этических норм и требований законодательства. Именно из семьи человек впервые познает основы поведения, взглядов, поступков, отношения к себе и другим, отношения к работе, отношения к обществу.Впервые в семье ребенок понимает понятия Родина, свобода, отец, мать, любовь и доброта друг к другу, вырастает в семейной среде в труде и нравственном воспитании. Семейное воспитание - основа всех видов воспитания, потому что только в семейной среде с помощью родителей и родственников подрастающее поколение вырастает и воспитывается морально, физически, эстетически, усердно познавая добро и зло.Семья - это свободный, равноправный союз между мужчиной и женщиной, основанный на взаимной любви и уважении с целью создания семьи для продолжения рода человеческого, которым является ребенок, и который находится под защитой в нашем государстве.

**Ключевые слова:** Семья, ответственность, социальная стабильность, ребенок, родители, этика, трудовое воспитание, развитие, воспитание, окружающая среда, благоприятность.

**FAMILY AS A SOCIAL AND CULTURAL PHENOMENON IN THE UPBRINGING OF YOUTH**

The adoption of the Law of the Republic of Tajikistan "On the responsibility of parents on the upbringing and education of children" requires the physical and mental health of the child in the family and obliges parents to be brought up in the spirit of patriotism, humanity, kindness and respect. Depending on the level of development and progress of modern society, the adoption of this law is a requirement of society, since, given the new challenges of the time, it is necessary to further strengthen the education process. The family and its internal relationships consist of many elements that each family must take into account when raising children. This means that family members influence each other's behavior. The family is one of the most important and fundamental pillars of society, including social, economic, legal, moral and civil relations. The family as a social phenomenon regulates the relations of spouses, relatives, family economic relations, the formation and development of personality, duties and obligations between family members on the basis of certain ethical norms and legal requirements. It is from the family that a person first learns the basics of behavior, attitudes, actions, attitudes towards oneself and others, attitudes towards work, attitudes towards society.For the first time in a family, a child understands the concepts of Motherland, freedom, father, mother, love and kindness to each other, grows up in a family environment in work and moral education. Family education is the basis of all types of education, because only in a family environment, with the help of parents and relatives, the younger generation grows up and is educated morally, physically, aesthetically, diligently, knowing good and evil. The family is a free, equal union between men and women, based on mutual love and respect with the aim of creating a family for the continuation of the human race, which is a child, and which is protected in our state.

**Keywords:** Family, responsibility, sociality, social stability, the best school, child, parents, ethics, labor education, development, upbringing, environment, favorableness.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гайратова Кибриё Асламшоевна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **+992 908286868**. E- mail: **khayri.nazarova** i@mail.ru

**Сведение об авторе:** ***Гайратова Кибриё Асламшоевна*** - Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 908286868**. E-mail: **khayri.nazarova** i@mail.ru

**Information about the author:** ***Gayratova Kibrie Aslamshoevna*** - Tajik National University, candidate of the University-wide Department of Pedagogy. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: +992 908286868**. E-mail: **khairi.nazarova i@mail.ru**

УДК: 373.3(575.3)

# ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ МАЪНАВӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАВАССУТИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

*Ҷалилова Мушки, Досаков Мумин*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар шароити кунунӣ, пас аз ба даст овардани истиқлолият дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи маориф дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Вобаста ба тағйироти нави сиёсию иҷтимоӣ фаъолияти мактабу маориф комилан ба таври нав ҷараён гирифт. Раванди таълиму тарбияро тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки фарзандони мо на фақат таълиму дониш гиранд, балки баробари омӯзиши асосҳои илм беҳтарин сифатҳои инсониро низ доро бошанд, шаҳрвандони аз ҷиҳати маънавӣ комил, хештаншинос инсони эҷодкору сарбаланд тарбия ёбанд. Дар мактаб, пеш аз ҳама, бояд шахсият, инсони мустақил, инсони озоду эҷодкор ва соҳибихтиёр ба камол расад. Дар Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳнамои асосии омӯзгорон дар соҳаи тарбияи насли наврас мебошад, ин нуқта ба таври зайл таъкид шудааст: «Умдатарин вазифаи мактаб ба инсон рӯ овардан аст, ки дар мафҳумҳои таълиму тарбия, инкишофи малакаву маҳорат, қобилияту истеъдоди инсони соҳибмаърифату фаъол, сиҳатию саломатии ӯ ташаккули шахс муносибати инсон ба табиату ҷамъият, сарфарозии ӯ аз мавҷудияти худ таҷассум меёбад» [1, с.46].

Тарбия ва ташаккулёбии шахсият масъалаи хеле мураккаб ва серпаҳлу аст. Гарчанде ҷараёни таълим дар ҳалли ин масъала ҷой намоёнро ишғол намояд ҳам, вобаста ба сабабҳои гуногун дар раванди он ҳамаи паҳлуҳои тарбия ва ташаккулёбии шахсияти хонандагонро ҳал кардан имконнопазир мебошад. Аз ин лиҳоз зарурати ба таври мунтазам гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва берунамактабӣ ба миён меояд.

Корҳои беруназсинфӣ воситаи тавонои тарбияи хонандагон ба ҳисоб рафта, машғулиятҳои муташаккилонаю мақсадноке мебошанд, ки аз тарафи мактаб дар вақтҳои беруназдарсӣ бо хонандагон гузаронида мешаванд.

Вазифаҳои асосии корҳои беруназсинфӣ ҳаматарафа инкишоф додани қобилияту истеъдоди хонандагон, дар онҳо ташаккул додани фаъолиятнокии ҷамъиятӣ, дониш, майлу рағбат ба касбу меҳнат мебошад.

Корҳои беруназсинфиро дар синфҳои ибтидоӣ худи муаллим мегузаронад. Роҳбари синф шахси бомаълумоту кордон, маҳорати баланди педагогӣ дошта ба ҳисоб меравад. Ӯ равоншиноси нозук ва педагоги кордон аст. Роҳбари синфи дорои донишҳои назариявию амалӣ ва фаҳмишҳои хуби педагогӣ буда, бо осонӣ ба хонандагон, ҳамкасбон, падару модарони шогирдон робитаю ҳамкорӣ барқарор менамояд. Ин сифатҳо ба ӯ имконият медиҳанд, ки нақшаи мукаммали корҳои беруназсинфиро бо шогирдон тартиб диҳад, то ин ки мақсаду вазифаҳои системаи тарбияи хонандагонро, ки асоси онро тарбияи ҳаматарафаи шогирдон ташкил медиҳад, созад.

Аҳамияти корҳои беруназсинфӣ аз он иборат аст, ки дар он мақсади умумии системаи тарбияи хонандагон татбиқ мегардад, барои ба таври оммавӣ ба намудҳои гуногуни фаъолият ҷалб намудани хонандагон шароиту имкониятҳои зарурӣ пайдо мешаванд.

Ҳар як хонанда барои рушди истеъдоду қобилиятҳои худ имконият пайдо мекунад. Корҳои беруназсинфӣ, инчунин, барои комилу мукаммал гардидани дониши хонандагон ёрӣ мерасонанд, ба онҳо таъсири баланди тарбиявӣ мерасонанд. Самтҳои асосии корҳои беруназсинфии хонандагони синфҳои ибтидоӣ инҳо мебошанд: фаъолияти маърифатӣ, фаъолияти эстетикӣ, фаъолияти меҳнатӣ, бозӣ ва фаъолияти варзишӣ.

Арзандагии фаъолияти маърифатӣ аз он иборат аст, ки ба воситаи он ҳаваси фардии

хонандагон ба соҳаҳои гуногуни дониш қонеъ мегардад, қобилияти эҷодиаш рушд мекунад, дар хонандагон мушоҳидакорию донишдӯстӣ тарбия меёбад ва қобилияти фикрии онҳо инкишоф меёбад.

Дар фаъолияти маърифатии беруназдарсӣ он масъалаҳоеро ба миён гузоштан фоиданок аст, ки ба васеъ гардонидани ҳаҷми донишҳои дар дарс гирифтаи хонандагон кумак расонида, онҳоро нисбат ба омӯзиши ҳаёти гирду атроф ҳавасманд мегардонад.

Шаклҳои фаъолияти маърифатӣ-коллективӣ ва инфиродӣ мешавад. Дар фаъолияти маърифатии коллективии беруназсинфӣ дар назди гурӯҳи хонандагон супоришҳои умумӣ гузошта мешаванд.

Шаклҳои фаъолияти маърифатии беруназдарсии хонандагон назар гуногун мебошанд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар гузаронидани озмунҳо, виктаринаҳо, бозиҳои дидактикӣ иштирок мекунанд, оид ба илму техника суҳбатҳо мешунаванд, китобҳои бачагонаи хондаашонро, кинофилмҳои тамошо кардаашонро муҳокима мекунанд ва ғайраҳо.

Дар фаъолияти меҳнатӣ бошад, хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар мактаб бо намудҳои гуногуни меҳнат шинос мешаванд.

Ахбороти сиёсӣ низ яке аз шаклҳои оммавии корҳои беруназсинфӣ ба ҳисоб рафта, бо хонандагони сифҳои 3-4 гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст. Ин шакли кор бо мақсади ташаккул додани фаҳмишу ақидаҳои сиёсӣ ва фаъолиятнокии ҷамъиятии хонандагон гузаронида мешавад. Ахбороти сиёсӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба тарзи суҳбат, хондани мақолаҳо аз рӯзномаю маҷаллаҳо, ахбороти муаллим гузаронида мешавад. Дар ахбороти сиёсӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ оид ба Парчам, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеаҳои асосие, ки дар ҳаёти кишварамон ва берун аз он ба амал меоянд, мувофиқ ба синну соли онҳо маълумот дода мешавад.

Мушоҳидаҳои мо нишон доданд, ки асосан хонандагони синфҳои ибтидоӣ кунҷкоб мебошанд. Ҳатто одитарин амал диққати онҳоро ҷалб мекунад. Аз ин рӯ онҳо ба падару модар, омӯзгорон бисёр саволҳои гуногун медиҳанд. Барои чунин гурӯҳи хонандагон хуб мешавад, ки дар мактаб як маҳфили «Барои чӣ?» таъсис карда шавад. Мақсади асосии ин маҳфил рушди майлу рағбати хонандагон, нисбат ба масъалаҳое, ки диққаташонро ҷалб менамоянд, ба фикркунӣ маҷбур мекунад, дар онҳо кунҷкобиро бедор менамояд, мебошад.

Бо мақсади тарбияи ватандӯстӣ дар мактабҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташкил намудани маҳфили «Муҳофизониояндаи Ватан» зарур аст.

Яке аз шаклҳои корҳои беруназсинфӣ ин суҳбатҳои ахлоқӣ мебошанд. Суҳбатҳои ахлоқӣ дар синфҳои ибтидоӣ вобаста ба масъалаҳои ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, дӯстию рафоқат, масъулиятшиносӣ, тарбияи эстетикӣ, меҳнатӣ, ғоявӣ, сиёсӣ, ҷисмонӣ низ, васеъ гузаронида мешаванд.

Дар рафти суҳбатҳои ахлоқӣ зарур аст, ки худи хонандагон дар муҳокимаи масъалаҳои ахлоқӣ фаъолона иштирок намуда, хулосаҳои даркорӣ бароранд, фикру андешаҳои худро баён намоянд ва рафиқонашонро бовар кунонанд.

Таҷриба собит намуд, ки муваффақияти суҳбати ахлоқӣ аз муносибати хонандагон ба мавзуи ба муҳокимаи онҳо пешниҳод гардида, аз майлу хоҳиши хонандагон дар муҳокимаи масъалаҳо иштирок кардан, аз истифодабарии далелҳо аз ҳаёти синфу инсонҳои намоён гирифта шуда вобаста мебошад.

Бо маслиҳати мо муаллимони синфҳои озмоишӣ сараввал дар синфҳои як дар мавзуи «Хуб чисту бад чист?» суҳбат гузарониданд.

Суҳбат дар асоси принсипи индуктивӣ бо чунин тарз гузаронида шуд:

Дар аввал ба хонандагон бо чунин савол мурочиат карда шуд: Бачаҳо шумоён медонед, ки хуб чисту бад чист? Хонандагон баъзе ҳолатҳоро номбар карданд. Вале маълум гардид, ки ҳоло фаҳмишу тасаввуротҳои онҳо дар бораи мафҳумҳои ахлоқии хуб чисту бад чист аниқу мушаххас нест.

Сипас, саволу ҷавоби байни муаллимону хонандагон бо тартиби муайян давом ёфтан гирифт.

Савол: Бачаҳо! Самад нопурсида аз ҷузвдони ҳамсинфаш Акрам хомаашро гирифт. Ин кори хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: Ин бад аст.

Савол: Шариф Зарифро таъкид кард, ки дар болои миз хат накашад. Ин хуб аст, ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: Ин хуб аст.

Савол: Мирзо бо ҳамсинфонаш бозӣ кардан намехоҳад. Ин хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: Ин бад аст.

Савол: Шодӣ аз ҳамсинфонаш хоҳиш намуд, ки якҷоя футбол бозӣ кунанд. Ин хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: Ин хуб аст.

Савол: Назира аз мактаб омаду ба модараш гуфт, ки ман имрӯз се баҳои аъло гирифтам. Вақто ки модараш фаҳмид, ӯ се баҳои 3 гирифтааст. Ин хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: ин бад аст. Мо бояд падару модарамонро фиреб надиҳем.

Савол: Муҳаммад давиду афтид ва либосҳояш хоколуд шуд. Шукрона тез ӯро аз замин бардошту либосҳояшро афшонда, тоза кард. Ин хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: Ин хуб аст.

Савол: Модараш аз Гулсара пурсид, ки чаро либосҳояшро ба тартиб намегузорад. Ӯ чунин ҷавоб дод: Гулӯям дард мекунад. Модар фаҳмид, ки Гулсара дурӯғ гуфтааст. Ин хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: Ин бад аст.

Савол: Муйсафеде дар дасташ бор дошт, монда шуда буд ва мунтазири ёрӣ буд. Умару Самир ба мӯйсафед салом доданду борашро бардошта бурданд. Ин хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: Ин хуб аст.

Савол: Дар деҳа кампире зиндагӣ мекардасту ёрдамчие надоштаст. Аз кӯдакони ҳамсоя илтимос кардааст, ки барояш аз чашма об биёранд. Вале онҳо хоҳиши кампирро рад карданд. Ин хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: ин бад аст?

Савол: Бачаҳо баъзе одамони калонсол ҳамдигарро дашном мекунанд, фиребгарӣ мекунанд, дурӯғгӯӣ мекунанд. Рафтори инҳо ба шумо маъқул аст?

Ҷавоби бачаҳо: Ин хел рафтор кардан бад аст.

Савол: бачаҳо, медонед дирӯз чор писарбача аз бозор харбуза дӯздиданд. Савдогар онҳоро дастгир кард. Ин хуб аст ё бад!

Ҷавоби бачаҳо: Ин бад аст.

Савол: Дар кӯчаи ба номи Сомонии шаҳр се нафар одамони маъюбу бекас зиндагӣ мекунанд. Хонандагони ҳамин кӯча бо навбат ба онҳо ёрӣ мерасонанд. Ин кори онҳо хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: Ин кори онҳо хуб аст.

Савол: Бачаҳо шумо мебинед, ки бисёр одамон ба ҳамдигар салом медиҳанд, якдигарро оғӯш мекунанд, аҳволпурсӣ мекунанд. Ин кори онҳо хуб аст ё бад?

Ҷавоби бачаҳо: Ин кори онҳо хуб аст.

Савол: Панҷ нафар хонанда бо мақсади дуздидани мева ба бозор рафтанд. Яке аз онҳо гуфт: Ин кори хуб нест, намедӯздем пул дорем, мехарем, дигарҳо розӣ шуданд. Таклифи ин хонандаро қабул кардани дигарон хуб аст ё бад!

Ҷавоби бачаҳо: Хуб аст.

Ҳамин тавр саволу ҷавоб боз давом дода шуд.

Дар охир дар асоси ҳамкории тарафайн ва муҳокимаронии мустақилона хонандагон ба чунин хулосаҳои ҷамъбастӣ омаданд: таъкид дар болои миз хат накашидан, хоҳиши якҷоя бозӣ кардан, либосҳои хоколуди Муҳаммадро тоза кардани Шукрона, ба мӯйсафед салом додану ба ӯ ёрӣ расонидани Умару Самир, ёрӣ расонидан ба одамони маъюбу бекас, ба ҳамдигар салом додан, оғӯш кардан, аҳволпурсӣ кардан, таклифи хуби ҳамроҳояшонро қабул кардани ҳамсинфон, надуздидан, ҳамаи ин хислатҳо хуб мебошанд.

Нопурсида гирифтан, бо рафиқон, ҳамсинфон хоҳиши бозӣ накардан, ба модар дурӯғ гуфтани Нодира, модарро фиреб кардани Гулнора, ба кампир ёрӣ нарасонидан,

ҳамдигарро дашном додан, фиребгарӣ кардан, дуруғгӯӣ, дуздиданро хонандагон хислатҳои бад номиданд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ин суҳбат дар хонандагон оид ба сифатҳои хуб ва хислатҳои бади инсонӣ фаҳмишу тасаввуротҳои дуруст пайдо гардид.

Дар нақшаи корҳои тарбиявии беруназсинфии роҳбари синф тарбияи шаҳрвандию ахлоқии хонандагон бояд дар ҷойи аввал гузошта шавад ва чорабиниҳои мушаххас, шаклҳою методҳои гузаронидани онҳо аниқ муайян бошанд.

Дар корҳои беруназсинфии хонандагон, чи тавре ки тадқиқот нишон дод, ҳамаи методҳою шаклҳои тарбияро аз ҷумла, суҳбат, ҳикоя, лексия, мисол, ҳавасмандгардонӣ, мубоҳиса, вохӯриҳо ва ғайраро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад. Тадқиқот ва мушоҳидаҳои мо собит намуданд, ки дар ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии хонандагон ҷараёни таълим нақши басо муҳим мебозад. Вале бо сабабҳои воқеию субъективӣ, аз ҷумла маҳдуд будани вақт сифатҳои ахлоқии хонандагонро дар ҷараёни таълим пурра ташаккул додан аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, ба таври воқеӣ талабот ба истифодабарии корҳои беруназдарсӣ ба миён меояд.

Ба мақоми тарбия дар тараққиёту ташаккулёбии шахсият, ки сифатҳои ахлоқӣ ҷузъи ҷудонашаванда ва муҳити шахсият аст, баҳо дода А. С. Макаренко чунин гуфтааст: «Ман ба бузургии таъсири бефосилагии тарбия боварии комил дорам. Ман боварӣ дорам, ки агар одам нодуруст тарбия гирифта бошад, дар ин бечуну чаро мураббиён гунаҳкоранд. Агар кӯдак дуруст тарбия ёфта бошад, ин ҳам ба шарофати тарбияю кумаки худи ӯ вобаста аст» [6, с.32].

Педагогикаи муосир аз он нуқтаи назар баҳо медиҳад, ки мафҳуми ҷараёни тарбия на таъсиррасонии рӯирост, балки ҳамкории махсуси педагогу тарбиягирандаро, муносибатҳои тараққиёфтаистодаи онҳоро инъикос менамояд. Он мақсадҳое, ки педагог дар наздаш мегузорад, онҳо ҳамчун намудҳои маҳсули фаъолияти хонанда баромад мекунанд. Чараёни ба даст овардани ин мақсадҳо низ ба воситаи ташкили фаъолияти хонандагон ба даст меояд.

Мо дар ҷараёни тадқиқот он қонуниятро ба асос гирифтем, ки ҳама гуна ҷараён маҷмуи амалиётҳои мунтазам ва баанҷомрасида буда, ба ноил гардидан ба натиҷаҳои хубу муайян равона карда шудааст. Аз ин рӯ, ҳамаи чорабиниҳои беруназдарсӣ бо мақсади ба даст овардани муваффақиятҳо дар ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ равона карда шудаанд.

**Муқарриз: Иззатова М.- д.и.п., профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**


**АДАБИЁТ**

1. Вулфов Б. З. Организатор внеклассной и внешкольной воспитательной работы / Б. З.Вулфов, М. М. Поташник. –М., 1981.
2. Воспитательные работы с учащимися вне школы. Под ред. Л. М. Николаевой. –М., 1981.
3. Кутьев В. О. Внеклассная деятельность школьников / В. О. Кутьев. –М., 1983.
4. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2006.
5. Лутфуллоев М. Педагогикаи шафқат / М.Лутфуллоев. –Душанбе, 1994.
6. Макаренко А. С. Книга для родителей. Соч. в 7 т. -Т. II / А. С. Макаренко. –М., 1957.
7. Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов. –Душанбе, 1997.
8. Раҳимов Х. Педагогика / Х.Раҳимов, А.Нуров. –Душанбе, 2000.
9. Скаткин М. Н. Проблемы современной дидактики / М. Н. Скаткин. -М., 1984.
10. Удалова Т. А. Работа с детьми разных образовательных потребностей // Дополнительное образование и воспитание. - 2014. - № 8. - С. 19-21.
11. Юнусов И. Педагогика / И.Юнусов. - Душанбе, 2005.
12. Шатохина Г. Н. Праздник Медовый Спас // Дополнительное образование и воспитание. - 2014. - № 7. - С. 49-51.
13. Ямшинина С. Научные клубы младших школьников // Народное образование. - 2009. - N 9. - С. 169-172.
14. Ярошевская И. Х. Новые формы и методы работы с детьми во внеурочное время // Дополнительное образование и воспитание. - 2012. - № 9. - С. 13-17.


## ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ АХЛОҚӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАВАССУТИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ


Дар мақолаи мазкур муаллифон баъзе роҳҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагонро дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ муайян намудаанд. Муаллифон барои дар хонандагон ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ аз усулҳои махсуси ташаккули тафаккури эҷодии пурмаҳсул истифода бурданро

тавсия додаанд. Оиди раванди эҷодиёт ва раванди таҳсил сухан ронда, таъкид намудаанд, ки муҳайё сохтани шароитҳоеро, ки барои ташаккули хусусиятҳои дар боло зикршуда мусоидат менамоянд, набояд фаромӯш кард. Агар оиди эҷодиёт дар раванди корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ сухан ронем, бояд эҷодиёти ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро ба инобат гирем. Дар қисмати аввал омӯзгор бояд, пеш аз ҳама, ба он кӯшиш намояд, ки хаёлоти шогирдон ғанӣ гардад, ҷаҳонбиниашон васеъ, тафаккури эҷодии онҳо ташаккул ёбад, доираи тасаввуроти шогирдон васеъ гардад. Маҳаки ин кор, пеш аз ҳама, муносибати хайрхоҳона ба шогирдон, хоҳиши ёрӣ додан, шавқу рағбат ва ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ мебошад. Мақсади корҳои беруназсинфӣ рушди қобилияту истеъдоди хонандагон, дониш, майлу рағбат ба касбу ҳунар ва ғайра мебошад.

**Калидвожаҳо**: корҳои беруназсинфӣ, тарбия, таълим, мақсад, касб, тараққиёт, фаъолиятҳои гуногун, принсипҳои педагогӣ.

**РАЗВИТИЕ НРАВСТВЕННО-ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ ПОСРЕДСТВОМ ВНЕУРОЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

В данной статье авторы предлагают некоторые способы формирования творческих способностей учащихся во внеурочной деятельности и на внеклассных занятиях а также формирования читателей творческих способностей в результате применения специальных методов формирования мышления, использования продуктивного творчества. Не следует забывать о творческом процессе и процессе обучения речи, об условиях формирования вышеперечисленных признаков; Внеаудиторная и аудиторная речь должна быть творческой. Обращать внимание и на учителей, и на учеников. Учитель должен, в первую очередь, стараться стимулировать воображение учащихся, обогащать их, расширять мировоззрение и формировать творческое мышление, расширять кругозор учащихся. Суть этой работы заключается в доброжелательном отношении к ученикам, желании помоч мотивировать и развивать творческие способности. Цель внеурочной деятельности – развитие навыков и умений, талантов учащихся, формирование у них чувства познания по отношению к разным сферам общественной деятельности, знаниям, склонностям, интерес к профессии и регулярная работа в нерабочее время способстеующие развитию личности.

**Ключевые слова:** внеучебная деятельность, образование, обучение, цели, профессия, развитие, различные виды деятельности, педагогические принципы.

**DEVELOPMENT OF MORAL AND CREATIVE ABILITIES OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS THROUGH EXTRA-COURSE ACTIVITIES**

In this article, the authors offer some ways to form the creative abilities of students in extracurricular activities and in extracurricular activities, as well as the formation of readers' creative abilities as a result of the use of special methods for the formation of thinking, the use of productive creativity. We should not forget about the creative process and the process of teaching speech, about the conditions for the formation of the above features; Extracurricular and classroom speech should be creative. Pay attention to both teachers and students. The teacher should, first of all, try to stimulate the imagination of students, enrich them, expand their worldview and form creative thinking, expand the horizons of students. The essence of this work lies in a friendly attitude towards students, the desire to help motivate and develop creative abilities. The purpose of extracurricular activities is the development of skills and abilities, talents of students, the formation of their sense of knowledge in relation to various areas of social activity, knowledge, inclinations, interest in the profession and regular work after hours that contribute to the development of the individual.

**Key words:** extracurricular activities, education, training, goals, profession, development, various activities, pedagogical principles.

**Маълумот дар бораи муаллифон:*Ҷалилова Мушки-*** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, саромӯзгори кафедраи биология. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров,16. Телефон**: +988) -62-78-20**
***Досаков Мумин -*** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биология. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров,16. Телефон:: **+988-47-41-17.**

**Сведение об авторах: *Джалилова Мушки*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, старший преподаватель кафедры биологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова,16. Телефон: **+988 -62-78-20**
***Досаков Мумин*** – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент кафедры биологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова,16.
Телефон: *:* **+987 47-41-17.**

**Information about the authors: *Dzhalilova Mushki*** - Kulyab State University. A. Rudaki, Senior Lecturer, Department of Biology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **+988 -62-78-20**
***Dosakov Mumin*** - Kulyab State University. A. Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Biology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16.
Phone: : **+987 47-41-17.**

УДК: 373:004

# РАВИШҲОИ ТАШКИЛИ ОМӮЗИШИ БОСАМАРИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР СИНФИ 5 БО ЁРИИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ

*Қодирзода Р.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таваҷҷуҳ ба омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ бештар ба он вобаста аст, ки баргузории дарсҳои таълимӣ чӣ гуна сурат мегиранд. Ҳатто дар беҳтарин дарсҳои омӯзгор низ истифодаи унсурҳои уҳдадорӣ метавонад боиси коҳишёбии ҳаваси хонандагон нисбат ба омӯзиши фанни таълимӣ гардад. Бинобар ин, дар дарсҳои фанни мазкур то ҳадди имкон зарур аст, ки бештар аз технологияҳои нави таълимӣ, хусусан усули бозиҳои дидактикӣ истифода шавад [1-3; 7; 10-14].

Машғулиятҳои дарсии ба унсурҳои бозӣ нигаронидашудаи фанни технологияи иттилоотӣ дар синфи 5 ба монанди ҳама гуна машғулиятҳои дарсии фанҳои таълимии дигари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаш марҳила ташкил ва гузаронида мешаванд [4-6; 8-9; 15-18]:

1) интихоби навъи бозӣ, мувофиқан ба мавзуи дарс;

2) пешниҳоди бозии навъи интихобшуда ба хонандагон;

3) ҷудокунии хонандагон ба дастаҳои (гурӯҳҳои) бозингарон ва тақсим намудани нақшҳо дар байни онҳо;

4) ба бозӣ даъват намудани дастаҳои бозингарон;

5) таъсирбахш ва пурмазмун ташкил кардани раванди баргузории бозӣ ва пайваста такмил додани вазъиятҳои он;

6) одилона ҷамъбаст намудани натиҷаҳои бозӣ.

Зимни интихоби навъи бозӣ ба назар гирифтани шахсияти кӯдак, майлу рағбат ва ниёзҳои ӯ нисбат ба бозӣ ва инчунин маҷмуи масъалаҳои тарбиявие, ки бо истифода аз усулҳои бозӣ бояд ҳал карда шаванд, бисёр муҳим дониста мешаванд. Дар интихоби навъи бозӣ, ғайр аз ин, муҳим аст, ки вақти баргузории он, шароити табиию иқлимӣ ва атрибут (махсусият)-ҳояш ба назар гирифта шаванд.

Атрибутҳои бозӣ бояд гигиенӣ, бехатар, роҳатбахш ва эстетикӣ бошанд. Ба ҳеҷ ваҷҳ ба бозӣ унсурҳоеро роҳ додан ҷоиз нест, ки ба саломатии кӯдак хатар эҷод кунанд, шаъну шарафи ӯро паст зананд. Ҳатто барои кӯдакони бозибохта низ, бозӣ бояд руҳияи эҳсосотӣ (эмотсионалӣ) бахшад.

Ҳангоми ташкил ва баргузории бозӣ, қобилияти ҳар як кӯдакро ба эътибор гирифтан, ӯро ҳамчун фарди мустақил ё шахсияте муаррифӣ кардан, ки метавонад имконоти ҷисмонӣ, ақлонӣ, эҷодӣ ва чусту чолокии шахсиашро озодона ба маърази тамошои ҳамсинфони худ гузорад, аҳамияти хосса пайдо мекунад.

Дар машғулиятҳои дарсӣ бештар бозиҳои дастаҷамъона (коллективона) гузаронида мешаванд. Дар ин ҳолатҳо ба назар гирифтани ҳайати шахсии бозингарон, хусусиятҳои синнусолии онҳо, инкишофи зеҳнӣ, шавқу рағбат ва сатҳи муносибату муошират байниҳамдигарии онҳо бисёр муфид арзёбӣ мегардад.

Ҳадафҳо ва натиҷаҳои бозӣ метавонанд дар шакли ҳама гуна ашё ва маснуот, аз қабили тамсилаҳо, бозичаҳо, маҳсулоти ҳунармандӣ, қолабҳо, расмҳо, лӯхтакчаҳо, маҳоратҳои конструкторӣ ва инчунин, дар шакли донишҳои нав ифода ёбанд.

Дар вақти бозӣ иваз гардидани роҳу равиш (мотив)-ҳои он як амри табиӣ мебошад. Кӯдакон ба бозӣ, пеш аз ҳама, баҳри ҳаловат бурдан ворид мешаванд. Аммо, зимни иҷрои амалҳои бозӣ онҳо беихтиёр метавонанд ба натиҷаҳои созандагӣ (конструкторӣ, бинокорӣ, меъморӣ, рассомӣ ва ғайра) дастёб гарданд. Бозӣ, инчунин, метавонад ҳамчун воситаи ба даст овардани мукофот роҳандозӣ гардад, гарчанде манбаи ангезиши онро супоришҳои ихтиёран бадӯшгирифта, руҳияи эҷодӣ ва рақибгароии кӯдакон ташкил медиҳанд.

Аз андешарониҳои болоӣ маълум мешавад, ки беҳдошти низоми таҳсилоти ибтидоиро бе коркарди равишҳои комилан нави назариявӣ, амалӣ ва методологии идоракунии раванди таълим, ки ба истифодаи васеи технологияҳои бозиҳои дидактикӣ асос ёфтаанд, дар ҳоли ҳозир ба роҳ мондан ғайриимкон аст [4-6; 8-9; 15-18].

Таҳлилҳо собит месозанд, ки татбиқи бозиҳои дидактикӣ дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 5 самаранокии равандҳои омӯзиш ва таълимро дучанд боло бурда, фосилаи вақти омӯзиши маводҳои таълимиро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд ва ҷараёни донишандӯзиро ба як машғулияти эҷодӣ ва шавқовар табдил медиҳанд.

Зимни бозии дидактикӣ кӯдакон ҳадафҳои бисёрсатҳаи ба ҳам алоқамандро амалӣ мегардонанд.

Ҳадафи сатҳи аввал, ин лаззат бурдан аз худи раванди бозӣ мебошад. Дар ин ҳадаф муқаррароте ҷой дода шудааст, ки омодагии бозингарро ба фаъолияти суруру фараҳбахшанда равона месозад.

Ҳадафи сатҳи дуюм характери функсионалӣ дошта, ба иҷрои қоидаҳои бозӣ, сюжетҳо ва нақшҳо алоқамандӣ дорад.

Ниҳоят, ҳадафи сатҳи сеюм, вазифаҳои эҷодии бозингарро инъикос менамояд: пай бурдан, дарёфтан, кушодан, ба натиҷа расидан ва ғайра [18].

Қадами муҳимми оянда пас аз марҳилаи интихоби навъи бозӣ, пешниҳоди худи бозӣ ба хонандагон аст. Ҳангоми пешниҳоди бозӣ ба хонандагон вазифаи асосии омӯзгор аз он иборат аст, ки шавқу рағбати кӯдаконро ба бозӣ бедор кунад. Масъалагузориро бояд тарзе ба роҳ монад, ки мақсадҳои ӯ ва хоҳишҳои кӯдакон ба ҳам мувофиқ оянд.

Навъи бозиро тавассути паёмҳои шифоҳӣ, овезаҳои иттилоотӣ, эълонҳои радиоӣ ва ғайра ба хонандагон расонидан мумкин аст. Бо ёрии ҳар гуна бозичаҳо, ашё ва маснуот майли кӯдаконро ба бозӣ боз ҳам бештар моилтар гардонидан мумкин аст.

Ба марҳилаи пешниҳоди навъи бозӣ, инчунин, шарҳи қоидаҳо ва тарзи иҷрои амалҳои бозӣ низ дохил мешаванд. Қоидаҳои баргузории бозиро ба хонандагон мухтасар фаҳмонидан лозим аст. Барои он ки хонандагон тавзеҳоти тарзи баргузории бозиро фаромӯш насозанд, беҳтар он аст, ки ин амал пеш аз оғози бозӣ анҷом дода шавад.

Тавзеҳоти қоидаҳо ва амалҳои бозӣ бояд фарогири номи бозӣ, баёни мазмуну мундариҷаи он, шарҳи қоидаҳои асосӣ ва дуюмдараҷаи он, аз ҷумла вазифаҳои бозигарон, шарҳи абзори дар бозӣ истифодашаванда, шартҳои ғалаба ва ғайра бошанд [18].

Аммо, бозӣ набояд бо эълон намудани ном ё баёни муҳтавояш оғоз гардад. Зеро, дар ин маврид, таваҷҷуҳи хонандагон ба бозӣ коҳиш меёбад. Беҳтар он аст, ки шарҳи бозӣ бо ягон сарсухане оғоз гардад. Сарсухан бояд ба мавзуи ягон иде, шоме, машғулияте ё вазъи бозие алоқаманд бошад. Варианти беҳтарин, шарҳе ба ҳисоб меравад, ки он дар ҷараёни бозӣ ё дар раванди ташкили дастаҳои бозингарон ва мухлисони бозӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар марҳилаи пешниҳоди бозӣ ҳамчунин зарур аст, ки ба хонандагон доир ба макони баргузории он, лавозимоти дар он истифодашаванда, архитектура ва таҷҳизоти майдончаи бозикунӣ маълумот дода шавад.

Ҷойи баргузории бозӣ бояд бо сюжет ва мазмуну мундариҷаи он, андозааш – бо шумораи бозигарон мувофиқат кунад. Инчунин, ҷойи бозӣ бояд бехавф, аз ҷиҳати гигиенӣ ба меъёр мувофиқ, барои кӯдакон созгору бароҳат ва аз омилҳои диққатро ба дигар тараф ҷалбкунанда (гузаргоҳи одамони бегона, макони баргузории машғулиятҳои калонсолон ва кӯдакони дигар) орӣ бошад [18].

Таҳти мафҳуми архитектураи майдончаи бозӣ он гуна коркард ва ороиши майдонча фаҳмида мешавад, ки ба асосҳои конструктивии бозиҳои кӯдакона мувофиқат дошта бошад, дорои нақшаи эстетикӣ ва ба талаботи синнусолии кӯдакон ҷавобгӯ бошад, майлу хоҳиши онҳоро ба ҷаҳони дурахшон, паҳновар, қаҳрамонӣ, романтикӣ ва афсонавӣ наздиктар барад.

Зимни фаҳмонидани моҳияти бозӣ, маҳорати омӯзгор на танҳо дар ташкил карда тавонистан ва муҳайё сохтани фароғати кӯдакони иштирокчии бозӣ равшан мегардад, балки ин маҳорат ба он далел низ алоқамандӣ дорад, ки фароғати мухлисон чӣ гуна ташкил карда мешавад.

Технологияи фаҳмонидани моҳияти бозӣ бояд ба як қатор талаботҳо ҷавогӯ бошад. Масалан, возеҳ ва дақиқ баён намудани мақсади бозӣ, ба таври муассир, мухтасар, шунаво, ошкор, шаффоф, нишонрас ва боэҳсос фаҳмонидани мазмуну муҳтавои бозӣ, новобаста ба шумораи бозигарон. Ин амалҳоро метавонад худи омӯзгор ё ягон хонандаи фаъол анҷом диҳад [15].

Пас аз интихоби навъи бозӣ ва пешниҳоди он ба кӯдакон, бозингарони дастаҳо ба майдончаи бозӣ даъват карда мешаванд. Азбаски ҳар як навъи бозӣ, ба истиснои бозиҳои оммавӣ, шумораи муайяни иштирокчиён, яъне ҳайати дастаҳои бозингаронро тақозо дорад, бинобар он, ба майдончаи бозӣ бояд маҳз ҳайати интихобшудаи дастаҳо ҳозир шаванд.

Аз рӯйи хоҳиши хонандагон ба бозӣ даъват кардани онҳо мувофиқи мақсад шуморида намешавад. Зеро ин амал метавонад вазъиятеро ба миён оварад, ки беш аз миқдори муайяншудаи дастаҳо, кӯдакон хоҳиши дар бозӣ иштирок карданро изҳор намоянд ё, баръакс, аз байни хонандагон ягон нафар хоҳишманди дар бозӣ иштирок кардан пайдо нашавад. Бинобар ин, қабл аз оғози бозӣ, ҳамон миқдор бозингарро интихоб кардан лозим аст, ки барои баргузории он басанда бошад.

Роҳу равишҳои ба бозӣ даъват кардани хонандагон метавонанд гуногун бошанд. Масалан:

– пеш аз оғози бозӣ ба ҳамаи хонандагон тақсим кардани нишона (жетон)-ҳои ранга. Онҳое, ки дорои нишонаи ранги интихобшуда (масалан, сурх, зард, сабз, кабуд ва ғайра) мебошанд, ба бозӣ даъват карда мешаванд;

– пеш аз оғози бозӣ ба ҳамаи хонандагон тақсим кардани кортҳои рақамдор. Онҳое, ки масалан, дорои кортҳои рақамашон ҷуфт (ё тоқ) мебошанд, ба бозӣ даъват карда мешаванд;

– пеш аз оғози бозӣ ба ҳамаи хонандагон пешниҳод кардани якчанд савол ё чистоне, ки ёфтани ҷавобашон чандон кори саҳл нест. Онҳое, ки ба саволҳо ҷавобҳои дуруст пешниҳод карда метавонанд, иштирокчии бозӣ дониста мешаванд;

– пеш аз оғози бозӣ ба тарафи хонандагон якчанд маротиба, пайдарпай тӯб партофтани омӯзгор. Ҳар нафаре, ки тӯбро дошта метавонад, иштирокчии навбатии бозӣ ҳисобида мешавад [4].

Баъд аз ин озмоишҳои кӯтоҳ хонандагон ба дастаҳо ҷудо карда шуда, байни онҳо нақшҳо тақсим карда мешаванд. Ба дастаҳо ҷудо намудани иштирокчиён тибқи риояи этика ва аз рӯйи муносибатҳои дӯстию рафоқати байни ҳайати дастаҳо, доштани ҳусни таваҷҷуҳ ё, баръакс, нафрат дар байни онҳо амалӣ гардонида мешавад.

Дар амалияи бозиҳои кӯдакона намунаҳои зиёди ба таври демократӣ (қуръакашӣ, рақамшуморӣ ва ғайра) ба дастаҳо тақсим намудани бозигарон маълум ва маъмул аст [5].

Зимни байни бозингарон тақсим намудани нақшҳо, гуногунрангии хусусиятҳои онҳо, мувофиқ ё наздик буданашонро бо характери бозингарон ба эътибор гирифтан лозим аст. Нақшҳо метавонанд фаъол ё ғайрифаъол, асосӣ ё дуюмдараҷа бошанд. Аммо, дар тақсимоти нақшҳо набояд ҷинси кӯдакон, синну сол ва имкониятҳои ҷисмонии онҳо ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар аксари бозиҳои даставӣ нақшҳо аз рӯйи дараҷаи мураккабиашон бо ҳам баробарвазн мебошанд. Дар ин гуна бозиҳо ҳалли масъалаи тақсимоти нақшҳо ягон мушкилӣ пеш намеорад. Вале дар баъзе бозиҳо, тибқи сюжети бозӣ, ба хонандагон иҷрои нақшҳои роҳбарикунанда, масалан, капитан, роҳбалад, фармондеҳ ва ғайра супурда мешавад. Дар ин гуна мавридҳо омӯзгор аз усулҳои зерин истифода бурда, барои ҳар як бозингар нақши созгортар, муфидтар ва мувофиқтарро муайян ва таъмин сохта метавонад:

–мустақиман аз ҷониби омӯзгор ба нақшҳо таъин шудани бозингарон;

–ба воситаи роҳбар (капитан, роҳбалад)-и даста ба нақшҳо таъин шудани ҳайати бозингарон;

–аз рӯйи натиҷаҳои озмун (лоиҳаи беҳтарин, сарулибоси намунавӣ, сенарияи мукаммалтарин ва ғайра) соҳиби нақшҳо гардидани хонандагон;

–бо хоҳиши худи кӯдакон ба онҳо додани нақшҳои муайян дар бозӣ;

–аз рӯйи навбат иҷро намудани нақши мушаххас дар бозӣ ва ғайра.

Ҳангоми ба нақшҳои роҳбарикунанда таъин намудани бозингарони даста, боварӣ бояд ҳосил кард, ки ин амал ба нафъи ҳамаи иштирокчиёни бозӣ аст. Нақш метавонад нуфузи бозингаронро боло барад, ғайрифаъолонро фаъол гардонад, бетамизонро муташаккилу боинтизом кунад, дӯстии байни хонандагони нав ва пешинро мустаҳкам намояд.

Дар ҳамаи ҳолатҳо омӯзгор бояд пайваста аз болои амалҳои иштирокчиёни бозӣ назорат барад, то ки зимни баргузории бозӣ дар характери кӯдакон аломатҳои мағрурӣ пайдо нагардад, волоияти нақшҳои роҳбарикунанда бар нақшҳои дуюмдараҷа аз ҳад зиёд назаррас нагардад, ҳар як нақш мавқеи мушаххаси худро дошта бошад, ҳангоми бозидани нақшҳо амалҳое иҷро карда шаванд, ки мутлақо барои ҳамин нақшҳо пешбинӣ шуда бошанд ва ғайра.

Кӯдаке, ки дар нақшаш иҷрои ягон амали фаъол пешбинӣ нашудааст, аз бозӣ зуд дилгир мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми сохтани сенарияи бозиҳо диққати асосиро ба он равона кардан лозим аст, ки нақшҳо асосан характери фаъол дошта бошанд. Дар бозиҳои кӯдакона, инчунин, пешбинӣ шудани нақшҳои манфӣ низ чандон ба фоидаи кор намебошад. Ин гуна нақшҳоро дар саҳнаҳои ҳаҷвӣ истифода бурдан муфидтар аст.

Такмили вазъияти бозӣ маънои тағйир додани мавқеи бозингарон, мураккаб гардонидани қоидаҳои бозӣ, иваз кардани муҳити бозӣ, пуртаъсир ва пурмазмунтар гардонидани амалҳои бозиро дорад. Яке аз сабабҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар бозӣ бисёр фаъол будани иштирокчиён дар он дониста мешавад, ки ҳеҷ кадоми онҳо ба пурраги тамоми усулҳо ва амалҳои иҷрои вазифаҳои функсионалии худро намедонанд. Механизми таъминкунандаи шавқу завқ ва лаззатбарии кӯдакон аз бозӣ низ, маҳз дар ҳамин усулҳои бозӣ ва вазифаҳои функсионалии бозингарон ниҳон аст [15; 18].

Дар бозӣ аз тавaққуфҳои ноҷо канорагирӣ кардан зарур аст. Бисёр муҳим аст, ки суръати амалишавии он танзимшаванда бошад. Бозиро бо табъи кушода, бо табассум оғоз ва баргузор намудан лозим аст.

Давомнокии вақти бозӣ ба таваҷҷуҳи тамошобинон бастагӣ дорад. Агар захираҳои намоишии бозӣ ба охир расида бошанд, бояд масъалаҳо ё супоришҳои он аз маърази тамошо бардошта шаванд ё бо дигар масъалаю супоришҳо иваз карда шаванд.

Дар тамоми ҷараёни бозӣ омӯзгор бояд иштирокчиён, яъне ҳайати дастаи бозингаронро бо нидоҳои «ташаккур», «офарин», «қанд занед», «доноякони ман» ва ғайра руҳбаланд намояд ва аз тамошобинон хоҳиш кунад, ки бо қарсакҳои худ ба бозингарон ҷасорат бахшанд.

Ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои бозӣ эҳтимоли амалишавии вариантҳои зерин имконпазир аст:

– агар бозӣ бозии мавзуӣ бошад ва дар он ду ва ё зиёда даста иштирок кунанд, он гоҳ ҳатман бояд ҳайати ҳакамон ташкил карда шавад, ки ба мусобиқаҳо (озмунҳо) баҳои ҳақиқӣ ва холисона диҳанд. Дар ин маврид, натиҷаи мусобиқаҳоро метавон аз рӯйи системаи холгузорӣ арзёбӣ кард;

– шакли дигари баҳогузорӣ ба бозӣ метавонад системаи нишонаӣ (жетонӣ) бошад. Ин шакли баҳодиҳӣ зимни баҳисобгирии фаъолнокии иштироки шахсии бозингарон, масалан, дар викторинаҳо, озмунҳо, консертҳо, олимпиадаҳо ва ғайра муфид арзёбӣ мегардад. Дар ин маврид, иштирокчии ҷавоби дуруст пешниҳодкарда бо нишона (жетон) қадр карда мешавад. Дар интиҳои бозӣ иштирокчии аз ҳама бештар нишонадошта ғолиб дониста мешавад;

– тартиби мукофотонидани ғолибон низ аз аҳамият холӣ нест. Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар ибтидои ҷоизасупорӣ нисбат ба дастаҳои мағлуб низ чанд сухани нек гуфта мешуд ва баъд, ғолибон бо мукофотҳо сарфароз гардонида мешуданд. Мукофотҳои дастаҳои ғолиб набояд баробарарзиш бошанд. Барои мухлисон ва тамошобинони фаъол низ дар шакли вимпелҳо, нишонаҳои сарисинагӣ, мусавваpаҳо, бозичаҳо ва ғайра ҷоизаҳои гуногунро фикр карда баромадан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, равишҳои ташкили омӯзиши босамари фанни технологияи иттилоотиро дар машғулиятҳои дарсии синфи 5 бо истифода аз методикаи бозиҳои дидактикӣ баррасӣ ва ҷамъбаст намуда, хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки раванди омодасозӣ ва баргузории ин гуна дарсҳо машғулияти эҷодӣ, самарабахш, вале заҳматталаб мебошад. Барои таъмини омӯзиши босамари фанни мазкур, баҳисобгирии марҳилаи мушаххаси дарс муҳим шуморида мешавад, ки амалигардонии навъи муайяни бозии дидактикӣ дар он ба нақша гирифта шудааст. Нақшаи машғулияти дарсӣ низ бояд тарзе тарҳрезӣ карда шавад, ки зимни баргузории дарс дар он унсурҳои бозиро беҳтар татбиқ кардан имконпазир бошад.

**Муқарриз: Комилиён Ф.С. – д.и.ф.м., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Комилиён, Ф. С. Амсилаи консептуалии низоми иттилоотии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ / Ф.С. Комилиён, З.Ф. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 3. – С. 127-135.
2. Комилиён, Ф. С. Амсиласозии компютерии системаи хизматрасонии шабакавии дар вақти дискретӣ бо тартиби инверсионӣ ва афзалияти тасодуфӣ амалкунандаи ПД КОА / Ф.С. Комилиён, М.Р. Ёров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. – 2020. – № 2. – С. 68-79. – EDN: AJPQAI.
3. Комилиён, Ф. С. Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Ф.С. Комилиён. – Душанбе: Матбааи ВМИ ҶТ, 2018. – 64 с. – EDN: QFPZQP.
4. Комилиён, Ф. С. Бозиҳои дидактикии компютерӣ дар машғулиятҳои таълимии хонандагони хурдсол / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Самтҳои муосири татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар рақамикунонии таҳсилот, илм ва истеҳсолоти саноатӣ» (ДССХ, 27-уми ноябри соли 2021). – Душанбе: ҶДММ «Мулквар», 2021. – С. 11-13.
5. Комилиён, Ф. С. Истифодаи бозиҳои дидактикии компютерӣ дар машғулиятҳои таълимии фанни Технологияи иттилоотӣ дар синфи 5 / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2021. – № 3 (35). – С. 146-154. – EDN: XZYFBD.
6. Комилиён, Ф. С. Мушкилоти раванди иттилоотонӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» дар мавзуи «Омӯзиш ва татбиқи технологияҳои иттилоотии муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ». – Душанбе, 2021. – С. 8-11.
7. Комилиён, Ф. С. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ барои синфи 5-ум / Ф.С. Комилиён, С.Р. Қурбонов, И.М. Саидов. – Душанбе: Маориф, 2018. – 116 с. – ISBN 978-99947-852-8-5. – EDN TIAKWT.
8. Комилиён, Ф. С. Роҷеъ ба гузариши муттасил аз амсилаи тафаккури хаттӣ ба амсилаи тафаккури шабакавӣ бо образҳои маҷозӣ дар раванди таҳсили хонандагони синфҳои поёнӣ / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 9. – С. 320-326. – EDN: PJPTMR.
9. Комилиён, Ф. С. Таъсири барномаҳои компютерӣ дар ташаккули фаъолияти омӯзишии универсалии хонандагони синфҳои поёнӣ / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2020. – № 3 (36). – С. 91-101. – EDN: GHDTRI.
10. Комилиён, Ф. С. Технологияи бозиҳои педагогӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими системаҳои ҳисоб. Дастури таълимии иловагӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 11 / Ф.С. Комилиён, Ш.Х. Тағоев, А.Ш. Комилӣ. – Душанбе: ҶДММ «Ганҷи хирад», 2019. – 120 с. – ISBN 978-99975-356-3-4. – EDN: OCXYDL.
11. Комилиён, Ф. С. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Ф.С. Комилиён. – Душанбе: ҶДММ «Офсет», 2018. – 160 с. – EDN: PNSAQL.
12. Комилов, Ф. С. Андешаҳо перомуни муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев, Ф.Р. Файзуллоев, Ҷ.Х. Мирзоев, Д.С. Шарапов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2018. – № 1-1 (51). – С. 162-169. – EDN: XVQQIX.
13. Комилов, Ф. С. Истифодаи технологияи бозии таълимии рангпуркунӣ / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2019. – № 3 (32). – С. 63-69. – EDN: PJGFAL.
14. Комилов, Ф. С. Роль мультимедийных игровых технологий в образовательной среде виртуального общения / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тагоев // Вестник педагогического университета. – 2015. – № 6 (67). – С. 60-66. – EDN: WDHEHB.
15. Қодирзода, Р. С. Вазъи муосири татбиқи барномаҳои компютерӣ дар синфҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон / Р.С. Қодирзода, Ф.С. Комилиён // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ. – 2020. – № 2. – С. 126-135.
16. Қодирзода, Р. С. Истифодаи барномаҳои компютерӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагони синфҳои поёнӣ / Р.С. Қодирзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов. – Бохтар: ДДБ, 2020. – С. 163-164.
17. Қодирзода, Р. С. Ташаккули салоҳиятҳои таълимии хонандагони синфи 5 тавассути фанни технологияи иттилоотӣ / Р.С. Қодирзода // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Самтҳои

муосири татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар рақамикунонии таҳсилот, илм ва истеҳсолоти саноатӣ» (ДССХ, 27-уми ноябри соли 2021). –Душанбе: ЧДММ «Мулквар», 2021. – С. 27-29.
18. Қодирзода, Р. С. Хусусиятҳои таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфи 5 ва роҳҳои ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагони хурдсол / Р.С. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. – № 1-4 (68). – С. 199-204. – EDN: JWCKSY.

## РАВИШҲОИ ТАШКИЛИ ОМӮЗИШИ БОСАМАРИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР СИНФИ 5 БО ЁРИИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ

Мақола ба таҳқиқи равишҳои ташкили босамари таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфи 5 бо истифода аз методикаи бозиҳои дидактикӣ бахшида шудааст.Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо ёрии бозиҳои дидактикӣ дар синфи 5 омӯзиши фанни технологияи иттилоотиро бо равишҳои гуногун ташкил кардан мумкин аст. Раванди омодасозӣ ва баргузории ин гуна дарсҳо машғулияти эҷодӣ, самарабахш, вале бисёр заҳматталаб аст. Барои таъмини эътимодбахш ва босамари омӯзиши фанни мазкур баҳисобгирии марҳилаи мушаххаси дарс муҳим шуморида шудааст, ки дар он навъи муайяни бозии дидактикӣ бояд амалӣ гардонида шавад. Нақшаи машғулияти дарсӣ бояд тарзе омода карда шавад, ки зимни баргузории дарс дар он унсурҳои бозиро беҳтар татбиқ кардан имконпазир бошад.

**Калидвожаҳо:** фанни технологияи иттилоотӣ, равиши ташкили омӯзиш, методикаи бозиҳои дидактикӣ, хонандаи синфи 5, унсури бозӣ, марҳилаи дарс, нақшаи машғулияти дарсӣ.

## МЕТОДЫ ОРГАНИЗАЦИИ ЭФФЕКТИВНОГО ИЗУЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В 5 КЛАССЕ С ПОМОЩЬЮ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР

Статья посвящена исследованию эффективных методов организации обучения информационным технологиям в 5 классе с использованием дидактических игр. Анализ показывает, что с помощью дидактических игр в 5 классе можно организовать изучение информационных технологий разными методами. Процесс подготовки и проведения таких занятий – творческое, эффективное, но очень трудоемкое занятие. Для обеспечения надежного и эффективного изучения данного предмета считается важным учитывать конкретный этап урока, на котором должен быть реализован тот или иной вид дидактической игры. План урока должен быть составлен таким образом, чтобы можно было лучше применить элементы игры во время урока.

**Ключевые слова*:*** предмет информационных технологий, подход к организации обучения, метод дидактических игр, ученик 5 класса, элемент игры, этап урока, план урока.

## METHODS OF ORGANIZING THE EFFECTIVE STUDY OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN GRADE 5 WITH THE HELP OF DIDACTIC GAMES

The article is devoted to the study of effective methods of organizing training in information technology in the 5th grade using didactic games.Analyzes show that with the help of didactic games in the 5th grade, it is possible to organize the study of information technology from different approaches. The process of preparing and conducting such classes is a creative, effective, but very time-consuming exercise.

To ensure a reliable and effective study of this subject, it is considered important to take into account the specific stage of the lesson at which one or another type of didactic game should be implemented. The lesson plan should be drawn up in such a way that it is possible to better apply the elements of the game during the lesson.

**Keywords:** subject of information technology, approach to the organization of learning, method of didactic games, 5th grade schoolchild, element of the game, stage of the lesson, lesson plan.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қодирзода Рисолат Сияршо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи информатика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдаки,17. Телефон: **(+992) 905037788**; E-mail: **kodirzodar@bk.ru.**

**Сведение об авторе:** ***Кодирзода Рисолат Сияршо*** – Таджикский нацiолнальный университет, соискатель кафедры информатики. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 905037788**; E-mail: **kodirzodar@bk.ru.**

**Information about the author:** ***Kodirzoda Risolat Siyarsho*** – Tajik National University, title seeker of the Informatics Department . **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone**:(+992) 905037788**; E-mail: **kodirzodar@bk.ru.**

УДК:372.857

# ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ФАЪОЛИЯТИ ТАДҚИҚОТИИ ОНҲО ДАР ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

***Баротзода К.А.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Мавқеи иҷтимоии омӯзгор ва талабот ба дараҷаи тайёрии касбию методии ӯ дар шароити ҳозираи тараққиёти ҷамъият хеле меафзояд. Дар даҳсолаҳои охир сифати тайёрии касбӣ ва методии омӯзгори ояндаи биология дар донишгоҳ бо истифода аз технология ва воситаҳои гуногун амалӣ гардонида мешавад ва он ба талаботҳои стандартҳои давлатии таълимӣ, ки онҳо мазмун, мақсад ва вазифаҳои таълмии фанро муайян менамоянд, бояд мутобиқат кунад.

Амалигардонии вазифаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методии таълими фаннӣ пешниҳод гардидаанд, муносибат ва таваҷҷуҳи хоссаро талаб менамояд.

Ба андешаи олимон В.М.Манахов, М.Нугмонов, С.А. Муханов, Г И. Сарансев ва дигарон, ки талаботи муҳимми стандартҳои давлатии таҳсилотӣ ҳамчун тайёрии методии донишҷӯён бо ташаккули махорати касбиву фаъолияти тадқиқотии онҳо бевосита алоқаманд аст. Муваффақияти ташаккули навъҳои мушаххаси қобилият ва маҳорати илмиву методии омӯзгорони ояндаи биология ба истифодаи ҳама шаклҳои кори донишҷӯён дар донишгоҳ, аз ҷумла кори мустақилона алоқаманданд.

Донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои аз худ намудани дониш аз рӯйи фанҳои дар барномаҳо пешбинишуда ташаккулдиҳии маҳорату малака бо истифода аз роҳу методҳои гуногун кӯшиш намуда, ба мустақил гирифтани донишҳои илмӣ имконият доранд. Дар адабиёти илмӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълими биология таҷрибаи кориву амалии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ карда шуданд, ки онҳо барои иҷрои супоришҳои амаливу корҳои мустақилона таҳти роҳбарии устодон ба азхудкунии маданияту фарҳанги муносибати муоширaт, истифодаи оқилонаи вақт ва ғайраҳо мусоидат менамояд. Банақшагирӣ ва иҷрои корҳои мустақилона аз ҳамаи фанҳои таълимӣ барои тарбия ва ташаккулёбии малакаҳои корҳои тадқиқотӣ мусоидат менамояд.

Олимон Ю. Бабанский, В.К. Буряк, Л. Вяткина, В.Г. Дайри, В.Н. Есипова, Л.В. Жарова, Р.М. Микелсон, О.А. Нилсон, П.И. Пидкасистий, Т.И., Шамов У. ва дигарон ин мафҳумро хамчун метод ва воситаи таълим, шакли ташкил ва ниҳоят як намуди фаъолияти таълиму тарбиявӣ медонанд. Муҳаққиқ Л.Г. Вяткин паҳлуҳои гуногуни кори мустақилонаро ҳамаҷониба таҳлил намуда, онро чунин тавзеҳ додааст: кори мустақилона намуди фаъолияти донишомӯзон мебошад, ки дар он вазифаҳои таълимӣ хамчун хислатҳои шахсияти донишомӯзон зоҳир гардида, ба азхудкунии бошуурона ва доимии дониш, маҳорату малака мусоидат менамояд. Бо ёрии бевоситаи омӯзгор дар ин раванд иҷрои вазифаи донишомӯз амалӣ мегардад.

Таҳлили таҳқиқоти олимон оид ба масъалаи ташкилу роҳбарии таълими кори мустақилона дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба мо имкон медиҳад, ки муқаррароти асосиеро, ки ба ин падидаи педагогӣ марбутанд, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ-таълимӣ баррасӣ намоем. Кори мустақилонаро ҳамчун як намуди фаъолияти маърифатии донишомӯзон дар дарс ва дар хона бештари муҳаққиқон ҳамчун иҷрои супориши омӯзгор, вале бе иштироки бевоситаи ӯ тавсиф намудаанд.

Барои ҳаматарафа инкишоф ёфтани шахсияти донишҷӯён ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониши онҳо дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилона нақши басо бузург дорад. Бо мақсади дар донишҷӯён тарбия намудани маҳорату малакаи мустақилона азхудкунии дониш ин низом ҳатмӣ мебошад. Кори мустақилона имконият медиҳад, ки аввалан, дар тафаккури донишҷӯён маърифати мустақилият инкишоф дода шавад, сониян,

ба донишҷӯён омӯзонидани роҳу методҳои мустақилона тавассути роҳнамоии омӯзгор дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявии андӯхтаашон ниҳоят муҳим мебошад.

Кори мустақилона фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯи макотиби олӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онон зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилона бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд.

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мақоми хосса дошта, дар тайёрии касбии омӯзгорони оянда ва баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ нақши ниҳоят калонро мебозад.

Иҷрои кори мустақилона низ асоси фаъолияти илмии донишҷӯён буда, он ба ташаккули хислатҳои муҳимми шахсиятӣ, аз қабили фаъолияти маърифатӣ ва фикрронии мустақилона, муносибати эҷодӣ ба меҳнат мусоидат мекунад. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона бояд мақсади ҳар як вазифаи инфиродӣ муайян карда шавад, ки онро донишҷӯён дар асоси донишу малакаи фаннӣ, таҷрибаи омӯзиши фанҳои муайян ва ҳамзамон қобилияти истифодаи воситаҳои таълим, адабиётҳои илмӣ ва ғайра дар фаъолияти таълимӣ ва иҷрои супоришҳои таълимиву тадқиқотӣ баррасӣ намоянд.

Барои иҷрои кори мустақилона донишҷӯён бояд маҳорату малакаҳои иҷрои супоришҳои таълимӣ дошта бошанд, ки ба ташкили оқилонаи он дар шакли зерин мусоидат намоянд:

- қобилияти аниқи пешниҳод намудани вазифаҳо, банақшагирии он ва ҷудо кардани маводи асосӣ дар он;
- қобилияти интихоб кардани роҳҳои зудтари ҳалли ин мушкилот;
- зуд ва моҳирона супоришро иҷро намуда, дурустии онро назорат карда, ислоҳоти дахлдор ворид карда тавонанд;
- аз уҳдаи таҳлили натиҷаи иҷрои кор, муқоисаи натиҷаҳо, муайян кардани сабабҳои роҳ додан ба камбудиҳо ва усулҳои бартараф намудани онҳоро ҳангоми иҷрои кор баромада тавонанд.

Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки новобаста ба ҷорӣ гардидани ин низом ҳоло ҳам аксари омӯзгорон ба тарзи дуруст ташкил намудани кори мустақилонаи донишҷӯён аҳамият намедиҳанд.

Яке аз сабабҳои асосӣ надонистани методикаи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот мебошад.

Олимон С.И. Архангелский, М. Гарунов, Е. Голант, Б.Г. Йоганин, С.И. Зиновев, А.Г. Молибог, Р. Низомов, Н. Никандров, П. Пидкасисти ин масъаларо дар робита ба тайёрии касбии мутахассисон дар таҳсилоти олӣ омӯхта, мафҳуми «кори мустақил»-ро тавсиф карданд, ки онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

Ба ақидаи олими маъруф С.И. Архангелск, кори мустақилона ин азхудкунии дониш ва истифодаи онҳо барои ҳалли масъалаҳои касбии таълимию илмӣ.

А.Г. Молибог тасдиқ менамояд, ки кори мустақилона- фаъолияти унсурҳои дарки маводи таълимиро дар бар мегирад ва онро донишҷӯён ҳангоми лексия, омодагӣ ба имтиҳонҳо аз худ намуда, ба таври эҷодӣ барои иҷрои корҳои курсӣ ва рисолаи хатм истифода бурда тавонад.

Тибқи назари Р.А. Низомов кори мустақилона ин намудҳои фаъолияти гуногуни гурӯҳӣ ва инфиродиро дар назар дорад, ки онҳо дар дарс ё ҳангоми фаъолиятҳои маърифатии беруназсинфӣ таҳти роҳбарии омӯзгор иҷро карда мешаванд.

Б.Г. Йоганин кори мустақилонаро чунин пешниҳод менамояд: дар макотиби олӣ ҳамчун системаи тадбирҳои таълиму тарбиявии фаъолият, ташкили кори мустақилона оид ба ташаккули малака ва маҳорати ба даст овардани иттилооти оқилонаи муфид.

В.Граф, И.И. Илёсов ва В. Лаудис кори мустақилонаро ҳамчун системаи ташкили шароити педагогӣ, ки дар ғайби омӯзгор сурат мегирад ва идоракунии фаъолияти тарбиявиро таъмин менамояд, тавсиф намудаанд.

С.И. Зиновев чунин мешуморад, ки худомӯзӣ кори мустақилонаро ифода карда метавонад. Аз тафсир ва фаҳмишҳои дар боло овардашуда дида мешавад, ки аз як тараф, кори мустақилона ҳамчун як намуди фаъолияте баррасӣ мешавад, ки фаъолияти донишомӯзон, шавқу рағбати маърифатӣ ва мустақилияти онҳоро ифода менамояд, аз тарафи дигар, он чунин фаъолияти мустақилона ба ҳисоб меравад, ки системаи шароит ва фаъолиятҳои педагогиро барои фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён роҳнамоӣ мекунанд. Дигар далелҳоро овардан мумкин аст, ки равишҳои мухталифи дарки роҳҳо ва норавшании тафсири истилоҳи «кори мустақилонаи донишҷӯён» ва ташкили онро нишон медиҳанд.

Дар системаи мафҳумҳои дидактикаи муосир мафҳуми кори мустақилона яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳамин аст, ки педагогону методистон доир ба мафҳуми кори мустақилона фикру андешаҳои зиёдеро пешниҳод сохтаанд. Чунончи, методистони бузурги рус А.В. Усова ва З.А. Вологодская корҳои мустақилонаро ҳамчун методи таълим маънидод намуда, қайд намудаанд, ки тавассути иҷро намудани корҳои мустақилона толибилмон донишҳои нав гирифта, маҳорату малакаи нав пайдо мекунанд, дар онҳо хусусиятҳои мустақилият, фаъолнокӣ, боиродагӣ ва ғайраҳо инкишоф меёбанд.

Ба ақидаи Б.П. Есипов, кори мустақилона тарзи иҷрои амалест, ки дар рафти иҷрои он омӯзгор иштирок намекунад, лекин аз рӯйи супориши ӯ дар муддати муайяншуда вазифаи таълимӣ иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат донишҷӯён кӯшиш менамоянд, ки супоришро бошуурона иҷро кунанд. Натиҷаҳои бадастоварда бо кадом роҳе ки набошад қобилияти фикрӣ ва сарфи қувваи ҷисмонии онҳоро ошкор месозад.

Омӯзгор дар рафти иҷрои кори мустақилона иштирок накунад ҳам, муваззаф аст, ки ҷараёни фаъолияти омӯзиши донишҷӯро дар китобхонаҳои Донишгоҳ, лабораторияҳо, озмоишгоҳҳо, кабинетҳои методӣ назорат намояд ва дар дафтари кафедра доир ба ин масъала қайд гузорад. Мутаассифона, ҳамин ҷиҳати иҷроиши кор дар Донишгоҳ пурра амалӣ намешавад ва он бояд минбаъд дар асоси дастури мазкур иҷро гардад.

К.У. Ушинский чунин меҳисобид, ки фикррониии мустақилонаи толибилм ҳангоми бевосита иҷро намудани кори мустақилона ташаккул меёбад; мустақилият дар омӯзиш диққати толибилмро зиёд ба худ ҷалб мекунад ва ӯ маводро бодиққат хонда, сатҳи фикррониии худро фаъол мегардонад ва нисбат ба кор масъулият ҳис мекунад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки кори мустақилонаи донишҷӯ фаъолияте мебошад, ки бе ёрии устод иҷро гардида, вале аз тарафи ӯ назорат карда мешавад ва дар охир ба дараҷаи дониш, маҳорат, малака ва расидан ба мақсади гузошташуда баҳо дода мешавад.

Мақсади кори мустақилонаи донишҷӯён дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисониояндаи соҳаи омӯзгорӣ мутобиқи талаботҳои имрӯзаи ҷомеа ва ҷавобгӯ ба стандартҳои давлатӣ буда, дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва касбӣ ёрӣ расонидан аст.

Дар бораи тавсифи пешниҳоднамудаи П.И. Пидкасистӣ ба истилоҳи «кори мустақилона» муфассалтар таваққуф кардан лозим аст, зеро таърифи ин олим, ба андешаи мо, оид ба кори мустақилонаи донишҷӯёни донишгоҳ бештар мувофиқ аст. Ӯ чунин мешуморад, ки татбиқи кори мустақилона дар мактабҳои олӣ воситаи мушаххаси идоракунии фаъолияти мустақилона дар ташкили ҷараёни таълим мебошад.

Ба андешаи олим, аз як тараф, кори мустақилона объекти фаъолияти донишҷӯён мебошад, ки омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ онро ба зиммаи худ мегирад ё метавонад дастури барномарезишударо пешниҳод намояд. Аз тарафи дигар, он иҷрои вазифаи дахлдори тарбиявие мебошад, ки бо тарзи муайяни фаъолият, аз ҷумла фаъолияти тадқиқотӣ ё аз худ намудани донишҳои амиқ равона карда шуда, иҷрои он аз рӯйи мазмуни маълум ва тартиби он сурат мегирад.

Дар зери кори мустақилона М. Гарунов «иҷрои вазифаҳои гуногун, аз қабили таълимӣ, истеҳсолӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва худомӯзӣ, ки ҳамчун роҳҳои азхудкунии маҳорати касбӣ амал мекунанд", дар назар дорад, яъне кори мустақилона воситаи азхудкунии донишҳои касбӣ ва системаҳои онҳо; методҳои фаъолияти маърифатӣ; ташаккули маҳорату фаъолияти эҷодиро дар бар мегирад.

П.И. Пидкасисти ва М.Г.Гарупов, ки фаъолияти илмии донишҷӯёнро таҳқиқ намудаанд, ба кори мустақилонаи донишҷӯён хусусиятҳои зеринро мансуб донистаанд:

- ҳаҷм ва сатҳи зарурии дониш, қобилият ва маҳорати донишҷӯёнро барои масъалаҳои маърифатӣ ташаккул ва такмил медиҳад;

- малакаи донишҷӯро оид ба самти иттилооти илмӣ инкишоф медиҳад;

-барои ба низом даровардани донишҳои гирифташуда тафаккури донишҷӯёнро ташаккул медиҳад;

-донишомӯзон методҳои фаъолияти касбиро аз худ намуда, дар онҳо худидоракунии шинохту рафтор таъмин мегардад;

-дар раванди худмуайянкунии касбӣ идоракунии фаъолияти мустақили илмию истеҳсолӣ ва маърифатӣ таъмин мегардад.

Ба андешаи мо, кори мустақилонаро як навъ фаъолияти маърифатӣ донистан лозим аст, ки он ба таълими махсуси касбӣ, тарбиявӣ ва роҳнамоии омӯзгорон нигаронида шудааст. Барои мо кори мустақилона аз рӯйи ихтисос бо омӯхтану таҳлили адабиёти илмӣ мароқи махсус доштани донишомӯзро нишон медиҳад, зеро ташкилу назорат намудани иҷрои он ба кори касбию методии омӯзгорони донишгоҳ бевосита дахл дорад.

Бояд таъкид кард, ки фаъолияти бомуваффақияти касбии омӯзгорони донишгоҳ на танҳо сатҳи баланди тахассусии донишҷӯёнро таъмин карда метавонанд, инчунин фаъолияти онҳо бевосита аз қобилияти коркард ва истифода бурдани иттилооти илмӣ дар фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ ва инчунин ба такмили доимии донишҳои илмиву методии онҳо вобаста аст. Ба даст овардани маълумоти зарурӣ дар бораи имконияти интихоби кофии соҳаи фаъолияти таълимӣ, тақсимоти вақт, гузоштани ҳадаф, системаи худидоракунӣ, аз худ кардани системаи самараноки технологияи тадқиқотиро аз омӯзгорон талаб мекунад.

Ба фикри А.Г. Молибог, ташкил ва роҳбарӣ ба кори мустақилонаи донишҷӯён яке аз вазифахои асосии кори илмию педагогии омӯзгорони донишгоҳ мебошад. Зеро дар донишгоҳ ташкили илмии меҳнат ба ташаккули мутахассиси соҳаи касби педагогӣ вобаста ба ҳаҷми афзоиши талабот ба иттилооти илмиро талаб менамояд. Вобаста ба он ба фаъолияти педагогӣ ворид намудани шаклу методҳои таълимӣ зарур аст. Дар донишгоҳ кори мустақилона ҳамчун қисми таркибии ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён мувофиқи принсипҳои муайян танзим карда мешавад ва муваффақияте, ки дар шаклҳои алоҳида таъмин мекунанд, ба сифати раванди таълим таъсир мерасонад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки кори мустақилонаи донишҷӯ фаъолияте мебошад, ки иҷрои он бо ёрии устод назорат карда мешавад ва дар он дараҷаи дониш, маҳорат, малака ва расидан ба мақсади гузошташуда таҷассум меёбад.

А.Г. Молибог ба принсипҳои ташкили он чунин ишора мекунад: фароҳам овардани шароит ва идоракунии кори мустақилонаи донишҷӯён, танзими намудҳои корҳои мустақилона аз рӯйи вақт ва ҳаҷм, дар ҳоле ки ду гурӯҳи омилҳоро ҷудо кардан мумкин аст: методӣ ва ташкилӣ.

Ба гурӯҳи омилҳои ташкилӣ иншооти таълимию лабораторӣ, адабиёти таълимӣ ва илмӣ дохил мешаванд. Роҳбарии кори мустақилонаи донишҷӯён ба омилҳои методӣ дохил мешаванд. А.Г. Молибог омилҳоро ба гурӯҳҳои дорои характери калону гуногуншакл ҷудо менамояд, ки онҳо кори мустақилонаи донишҷӯёнро аз тарафҳои гуногун фаро гирифтаанд ва бо ҳам мантиқан муттаҳид менамояд. Вале мо зарур мешуморем, ки

омилҳои мушаххасе муайян карда шаванд, ки ташкили самарабахши фаъолияти таълимии донишҷӯёнро зимни кори мустақилона муайян ва баҳодиҳӣ намоянд.

Дар факултети биология кори мустақилонаи донишҷӯ дар синфхона бо роҳбарии бевоситаи омӯзгор аз рӯйи фанҳои тахассусӣ ва методӣ гузаронида мешавад.

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот расман ба ду намуд, яъне кори мустақилонаи аудиторӣ ва беруназаудиторӣ ҷудо карда мешавад. Мо дар назди худ мақсад гузоштем дар тадқиқоти худ шарҳи кори мустақилонаи донишҷӯро берун аз аудитория мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳем.

Кори мустақилонаи донишҷӯ (минбаъд КМД), ки барои омӯзиши мустақилонаи мавод пешбинӣ шудааст, ба сарбории омӯзгор дохил намешавад. Иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯ аз рӯйи феҳристи муайяни мавзуъҳое, ки барои омӯзиши мустақилона пешбинӣ шудаанд, бо истифодаи адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳои зарурие тавсия карда мешаванд, ки онҳо дастраси донишомӯзон бошанд. Назорати он аз ҷониби омӯзгор дар шакли қабули тестҳо, бозпурсиҳо, коллоквиумҳо, рефератҳо, эссе ва ҳисобот татбиқ гардида, вобаста ба сатҳи дониши донишҷӯ натиҷагирӣ карда мешавад.

Бинобар ин, дар ҷараёни таълими низоми кредитии таҳсилот ба кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД) диққати асосиро равона намуда, танҳо дуруст ва босамар гузаронидани машғулиятҳои семинариву дараҷаи мустақилона азхудкунии маводи таълимӣ ба ҳисоб гирифта мешавад .

Мақсади кори мустақилонаи донишҷӯён дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати тайёр намудани мутахассисониояндаи соҳаи омӯзгорӣ мутобиқи талаботҳои имрӯзаи ҷомеа ва ҷавобгӯ ба стандартҳои давлатӣ буда, барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва касбӣ ёрӣ расонидан аст, яъне он барои аз худ намудан ва амалӣ гаштани мақсадҳои зерин аз тарафи донишҷӯён равона карда шудааст:

– ба низом даровардан ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ;

– тавсеа додани донишҳои назариявӣ;

– ташаккули малакаҳои кор бо адабиётҳои меъёрии ҳуқуқӣ, илмӣ, таълимӣ, методӣ ва махсус;

– рушди қобилиятҳои фикриву маърифатӣ, фаъолиятмандӣ, ташаббуси эҷодӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ ва муташаккилона кор кардан;

– ташаккули мустақилона фикр карда тавонистан, қобилиятҳои худро инкишоф додан ва дар амал татбиқ карда тавонистани дониш, маҳорату малака, худтакмилдиҳӣ ва ғайра;

– ташаккули малакаву маҳорати амалии умумитаълимӣ ва умумикасбӣ;

– рушди маҳорату малакаҳои илмӣ-тадқиқотӣ;

– пайдо намудан ва такмил додани малакаҳои фаъолияти мустақилонаи касбии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ.

Ҳангоми иҷрои кори мустақилона бояд талаботҳои зерин риоя карда шаванд:

–мувофиқ будани мазмуни кори мустақилона бо талаботҳои барномаи таълимӣ;

– ба имконияти донишҷӯ мувофиқ будани кори мустақилона;

– риоя кардани принсипи бошуурона ҳангоми иҷрои кори мустақилона;

– ба таври бонизом ташкил намудани иҷрои кори мустақилона;

– аз омӯзгор талаб намудани тайёр намудани донишҷӯён ба иҷрои кори мустақилона, ки он иҷрои вазифаҳои зеринро талаб менамояд:

а) дар бораи мақсад ва вазифаҳои кори мустақилона дастури аниқу дақиқ ва мухтасар манзур намояд;

б) донишҷӯёнро бо малакаҳои зарурии техника ва ташкилии иҷрои кори мустақилона мусаллаҳ гардонад;

в) дар назди донишҷӯён гузоштани вазифаҳое, ки ҳаллашон аз онҳо саъю кӯшиши фикриро талаб менамояд;

г) риояи муҳлате, ки барои иҷрои кори мустақилона ҷудо карда шудааст.

Бояд зикр кард, ки аз тарафи омӯзгор рафти иҷрои кори мустақилона назорат карда мешавад ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бояд барои расидан ба ҳадафҳои зерин мусоидат намояд:

– дониши дар синф гирифтаи донишҷӯёнро васеъ ва мустаҳкам намояд;
– барои ба даст овардани донишҳои нав имконият диҳад;
– инкишофи муносибати эҷодкоронаи донишҷӯро ба ҳалли мушкилоти гузошташуда таъмин карда тавонад;
– ба рушди шахсияти донишҷӯ мусоидат намояд;
– малакаи воқеии донишҷӯро барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда ташаккул диҳад.

Дар шароити низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён фарогири амалҳои зерин мебошад:

– омодагӣ ба машғулиятҳои аудиторӣ ва иҷрои супоришҳои омӯзгор, яъне тайёрӣ ба дарсҳои лексионӣ, амалӣ, лабораторӣ, конференсияҳои интернетӣ, ки коркард ва аз худ намудани маводи лексионӣ, омӯзиши адабиёти тавсияшуда, қайди мазмуни мухтасари қисмҳои алоҳидаи адабиёти иловагӣ ва мақолаҳои бачопрасидаро дар бар мегирад;
– омодагӣ ба омӯхтани мавзуъҳои алоҳидаи фанни таълимӣ дар асоси нақшаҳои таълимӣ, барномаи таълимӣ, барномаи кории таълимӣ, ки омодасозии маъруза, такрори мафҳумҳои асосӣ, ҳалли масъалаҳо ва ғайраҳоро дар бар мегирад;
– омодагӣ ба санҷиш ва коллоквиумҳо, ки дар доираи дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ гузаронида мешаванд;
– омодагӣ барои ҷавобдиҳӣ ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тестӣ, ки омӯзиши боз ҳам амиқтари маводи мавҷуда оид ба мавзуи алоҳида ё маҷмуи мавзуъҳо, аз худ намудани мазмуни асосии мафҳумҳо, санаҳои таърихӣ, алгоритмҳо ва корҳои илмии олимонро дар ин ё он соҳа дар бар мегирад;
– омодагӣ ба кори санҷишии аудиторӣ, ки омӯзиши методи ҳалли масъалаҳоро барои баҳисобгирии натиҷаҳо ва шарҳ дода тавонистани мазмуни нишондиҳандаҳои ҳисобкардашударо дар бар мегирад;
– кори санҷишии хонагӣ ба мақсади назорати коркард ва омӯзиши мавзуъҳое, ки устод барои кори мустақилона пешкаши донишҷӯён намудааст;
–иҷрои мунтазами вазифаи хонагӣ, ки иҷрои ҳама гуна корҳои таълимие, ки аз тарафи устод пешниҳод мешаванд, фаро мегирад (ҳалли масъалаҳо, навиштани рефератҳо ва ғ.);
– фаъолият дар ҷамъиятҳои донишҷӯӣ ва маҳфилҳои илмию эҷодӣ;
– иштирок дар дарсҳои факултативӣ ва семинарҳои махсус;
– иштирок дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ, илмию амалӣ;
- иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ дар сатҳи донишгоҳ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;
– навиштани рефератҳо, яъне мухтасаран навиштани мазмуни мавзуи муайян оид ба ин ё он мушкилот дар асоси омӯхтан ва таҳлили адабиёти илмию тахассусӣ ё таҳлили сарчашмаҳо, ки мақсади он ба донишҷӯён омӯзонидани тарзи истифодаи адабиёт, муносибати интиқодӣ ба назария ва амалияи мушкилоти муҳокимашаванда, риояи баёни мантиқии мавод ва ғайраро дар бар мегиранд;
– тайёр намудани маърузаҳои илмӣ, ки онҳо моҳиятан ба реферат монанд буда, аз ҷиҳати маҳдудияти доираи саволҳои дарбаргиранда фарқ мекунанд. Тайёр намудани маъруза ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки мазмуни мавзуъро мухтасар баён намуда, оид ба паҳлуҳои алоҳидаи он баҳс кунад, малакаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба даст орад;
– навиштани эссе, яъне фикрронии мухтасари донишҷӯ доир ба мавзуи муайян мебошад. Ҷиҳатҳои фарқкунандаи эссе аз фардӣ будан, зарурати мустақилона, эҷодкорона дарк намудани проблемаҳоеро, ки устод гузоштааст, иборатанд. Мавзуъҳои эссе, ки барои кори мустақилонаи донишҷӯён пешниҳод мешаванд, саволҳои мушаххасро аз фанни омӯхташаванда дар бар мегиранд. Устод мехоҳад фикри шахсии донишҷӯро оид ба ин ё он масъала фаҳмад;
– омодагирӣ ба иҷрои машқҳо, ки онҳо тақсимоти мавзуъҳои илмӣ ва ҷамъоварии маводи заруриро талаб менамояд. Барасмиятдарории иҷрои ин амал ибрози муносибати шахсӣ ба маҷмуи илмӣ, таҳлили далелҳо, ҷамъбаст, хулосабарорӣ ва пешниҳоди тавсияҳоро тақозо мекунад;
– навиштани кори курсӣ, яъне тадқиқоти мустақилона доир ба мавзуи муайян мебошад, ки дар раванди он донишҷӯ малакаи кор бо адабиёти илмӣ, таълимӣ ва

тахассусӣ, ҳуҷҷатҳо, маълумотномаҳо ва маводи осорхонаро пайдо мекунад, методҳои фаъолияти ҷустуҷӯйӣ, коркард, ҷамъбаст ва таҳлили ахборро аз худ мекунад, ҷаҳонбинии худро васеъ менамояд;

– омодагӣ ҷиҳати ширкат дар таҷрибаомӯзӣ ва иҷрои супоришҳое, ки бо таҷрибаомӯзӣ марбут мебошад;

– ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ, ки он банизомдарории маводи воқеан омӯхташуда ва хулосабарориро дар бар гирифта, дар замимаҳои он ҳуҷҷатҳои асосӣ, фармонҳо, тавсифнома, нақшаҳои тақвимӣ, нақшаи дарс ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурии дархостшаванда оварда мешаванд;

– омодагӣ ба аттестатсияи ниҳоии давлатӣ, аз он ҷумла барои иҷрои рисолаи тахассусии хатм, ки он шакли аз ҳама муҳимми кори мустақилонаи ҷамъбастии донишҷӯ буда, мувофиқати сатҳи дониши хатмкунандаро ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ифода мекунад.

Дар баробари истифодаи шаклҳои номбаршуда кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД) дар шакли тақризнависии тарафайн ба рефератҳои ҳамдигар, тартиб додани луғат ва кроссвордҳо аз мафҳумҳои фанни омӯхташаванда, таҳияи маълумотномаҳои фаннӣ, кор кардан ва ҷустани мавод дар Интернет ва ғайра метавонад, сурат гирад.

Корҳои мустақилонаи беруназсинфии банақшагирифташудаи таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ бо супориш ва роҳбарии омӯзгор, вале бе иштироки бевоситаи ӯ берун аз синф аз тарафи донишҷӯён иҷро карда мешаванд. Кори мустақилонаи донишҷӯёни факултети биологияи Донишгоҳи давлатии педагогии С. Айнӣ метавонад, дар соатҳои беруназсинфӣ амалҳои зеринро пешбинӣ намояд:

-таҳия ва омӯзиши маводи лексионӣ аз фанни «Методикаи таълими биология», ки бояд кори мустақилонаро ташкил диҳад ва донишҷӯ бо адабиёти илмиву методӣ кор карда бошад;

- омодагӣ ба кори мустақилона аз фанни «Методикаи таълими биология» дар шакли тайёрӣ ба семинарҳо ва дарсҳои лабораторӣ - амалӣ;

- вазифаҳое, ки дар дарсҳои амалӣ аз фанни « Методикаи таълими бииология, ҳалли масъалаҳои биологӣ» дода шудаанд, ки бояд ҳал шаванд ва ба ин васила донишҷӯён ба корҳои мустақилонаи назоратӣ омода карда шаванд;

- иҷрои намудҳои гуногуни корҳои курсии инфиродӣ, ки дар нақшаи таълим аз рӯйи ихтисосҳои «Биология», «Биология-химия», «Биология-экология», ки онҳо барои донишҷӯён – хатмкунандагон пешбинӣ шудаанд.

Корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ки дар вақти дарс иҷро мешаванд, хеле гуногунанд ва марҳилаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- кор бо адабиёти илмӣ-методӣ аз рӯйи фанҳои сикли методӣ, ки метавонад корро бо маълумотномаҳои адабиёт таъмин намояд;

- иҷрои корҳои назоратӣ бо истифода аз расмҳо, тартиб додани ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва тасвири графикӣ дар шакли диаграмма ва ғайраҳо.

Муҳофизати корҳои анҷомдодашуда марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

- фронталӣ - амалиётӣ, яъне тадқиқоти ҷорӣ, ки онҳо аз рӯйи мавзуъҳои алоҳида ва аз рӯйи фанҳои сикли методӣ омӯхта мешаванд;

- мубоҳисаҳо, суҳбат, бозиҳои дидактикӣ, конференсияҳо;

- санҷиш, иҷрои тестҳо ва ғайраҳо.

Намудҳои вазифаҳо барои аз худ кардани корҳои мустақилона метавонанд, аз инҳо иборат бошанд:

- мутолиаи матнҳо аз китобҳои дарсӣ, сарчашмаҳои илмӣ ва адабиёти иловагӣ;

- аз матнҳо гирифтани маълумоти зарурӣ ва қайд кардани онҳо;

- бо истилоҳоти биологӣ ва маълумотномаҳо бо роҳи мустақилона кор кардан ва тартиб додани луғат (истилоҳот);

- шиносоӣ ва омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф;
-тартиб додани нақшаи конспекти матнҳо дар шакли мақола ва корҳои илмӣ-методӣ;
- тасвири графикии сохтори матн ва муаррифии онҳо ба воситаи технологияи муосир;
- истифодаи интернет, сабти аудио, видео ва технологияи компютерӣ;
-кор бо маводҳои матбуоти даврии педагогӣ (рӯзнома, маҷаллаҳои соҳавӣ, маҷмуи мақолаҳо).

Барои ба низом даровардан ва муттаҳид сохтани дониши илмӣ иҷрои чунин корҳо пешбинӣ шудаанд:

- коркарди конспектҳои лексияҳо;
– такрори мавод тавассути китобҳои дарсӣ, сарчашмаҳо, адабиёти илмию методӣ, сабти аудио ва видео;
- тартиб додани ҷадвалҳои гуногун барои ба низом даровардани донишҳо оид ба маводи таълимии омӯхташуда;
- ҷавобҳо ба саволҳои назоратӣ ва дигар корҳо;
- омодагӣ ба маъруза дар семинар ё конфренсия дар шакли иттилооти ҷолиб ва беҳтар;
- навиштан ва омода намудани реферат ва маърузаҳо аз рӯйи мавзуъҳои пешниҳоднамудаи омӯзгорон тибқи барномаи таълимӣ;
- санҷиш, тартиб додан ва ҳалли кроссвордҳои мавзуӣ аз рӯйи ихтисос;
- тартиб додани библиография дар шакли дуруст бо назардошти тамоми талабот оид ба ташаккули малакаи кори илмӣ;
- иҷрои машқҳо аз рӯйи намуна ва ҳалли масъалаҳо, ҳамчунин тағйирпазирии онҳо;
- қобилияти таҳия ва баррасӣ намудани диаграммаҳо, расмҳо ва тасвири графикӣ;
- омодагӣ ба бозиҳои дидактикии таълимии мутааллиқ ба ҳалли вазифаҳои касбӣ;
- тарҳрезӣ ва моделсозии фаъолияти касбӣ бо истифода аз намудҳо ва ҷузъҳои гуногуни он;
-таҳия ва иҷрои корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва корҳои таҷрибавӣ;
- истифода аз технологияҳои аудиоӣ ва видеоӣ ва сабти инъикоскунанда ва муаррифишаванда (презентатсия).

Дар Донишгоҳи омӯзгорӣ қариб ҳамаи қисматҳои сикли фанҳои методии биология дар шакли дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ гузаронида мешаванд, ки дар онҳо чунин намудҳои кор истифода бурда мешаванд:

- иҷрои ҳисобҳои намудҳои типӣ;
-дарсҳои лабораторӣ, корҳое, ки асосан хусусияти таълимӣ доранд, яъне санҷиши донишҳо дар лексияҳо, семинарҳо ва корҳои мустақилона;
-таҳлили мантиқии мавзуъҳои дарсӣ аз фанни биологияи мактабӣ ва таҳлили вазифаҳои таълимии онҳо дар мактаб;
- қобилияти истифодаи ВТТ (воситаҳои техникии таълим) дар дарсҳои биология .

Шаклҳои дарсҳои амалии методикаи таълими биология метавонанд, гуногун бошанд:

– тартиб додан ва таҳия намудани нақшаҳои тақвимӣ, барномаҳо ва чорабиниҳои махсуси тарбиявӣ дар раванди таълим бо хонандагон;
- ҳалли масъалаҳои тадқиқотӣ ва амалӣ;
- мушоҳида, омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи педагогӣ.

Хусусиятҳои интихоби шаклҳои дарсҳои амалии курси методикаи таълими биология дар донишгоҳи омӯзгориро вазифаҳо ва мақсадҳои он муайян мекунанд.

Корҳои лабораторӣ шакли самаранок ва васеъ паҳншудаи тайёр кардани омӯзгорони ояндаи биология мебошанд. Аҳамияти махсуси корҳои лабораторӣ аз он иборат аст, ки дар раванди он донишҷӯён иҷрои супоришҳоро меомӯзанд, таҷрибаҳо мегузаронанд, мушоҳида ва таҳқиқ мекунанд, ҳамзамон аз адабиётҳо истифода бурда, фикру андешаи худро тавассути таҳияи нақлҳои мустақилона, таҳияи расму ҷадвалҳо, тасвири схемаҳо ва

ғайраҳо баён намуданро меомӯзанд. Инчунин, ҳангоми иҷрои корҳои лабораторӣ дар донишҷӯён мустақилият ба фаъолияти илмӣ, ташаббускорӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ ташаккул меёбад.

Ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии муосир омӯзгоре лозим мешавад, ки тавонад дар равандҳои инноватсионӣ ширкат варзида, қобилияти фардии хонандагонро омӯзад ва дар асоси ин сифатҳо раванди маърифатӣ-таълимӣ ва тарбиявиро тарҳрезӣ ва ташкил намояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор-мутахассиси оянда бояд ҳам ба корҳои ташкилӣ-тарбиявӣ ва ҳам илмӣ-тадқиқотӣ омода бошад, ки он имкон диҳад, дар фаъолияти касбӣ худро амалӣ гардонад.

Фаъолияти касбии омӯзгор дар муҳити муосири таълимӣ бояд ба имконият ва неруи зеҳнии ӯ мувофиқ бошад. Хусусияти субъективии омӯзгор дар имконияту шароитҳои кории ӯ татбиқ карда шавад. Айни замон зарурияти муайянсозии мавқеъ ва аҳамияти субъективии фаъолияти илмии омӯзгор ба миён меояд, ки мо онро мехоҳем мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Дар як қатор асарҳои олимони маъруф ҷузъҳо ва сохторҳои функсионалӣ, ки ба фаъолияти касбии омӯзгор дохил мешаванд, таҳлил ва муайян карда шудаанд. Олимон аз мавқеъҳои гуногун объекти омӯхташаванда, моделҳо ва сохторҳои дар онҳо баррасишударо фарқ ва тавсиф кардаанд. Инчунин, бисёр олимон дар тадқиқоти илмӣ-методӣ таркиб ва сохтори фаъолияти касбии омӯзгори биологияро борҳо баррасӣ кардаанд.

Масалан, М.А. Худойқулов таҳияи модели сохтории маҳорати касбии омӯзгори риёзиёт ва тахассуси онҳоро баррасӣ менамояд, ки дар он гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шудаанд: умумӣ-илмӣ; махсус; психологию педагогӣ; иҷтимоӣ - сиёсӣ; касбӣ-методӣ. Дар навбати худ, касбӣ-методӣ ба зергурӯҳҳо тақсим шудааст: стандартизатсияшуда; мушаххас, ки методи умумӣ ва методи хусусӣ мебошанд.

Дар асарҳои олимон Е. И. Ляшенко, К.В. Зобков профессиограммаи муаллими математикаи мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ бо забони фаҳмо тартиб дода шудааст, ки барои баҳодиҳӣ ба донишу малакаи омӯзгори математика зарур аст. В.И. Земсова бошад, чор блоки модели нормативии фаъолияти омӯзгори физикаро тартиб додааст, ки инҳоро дар бар мегирад:

1) психологию педагогӣ, ки дорои хусусиятҳои соҳаи фаъолият ва вазифаи омӯзгор – тарбиятгар мебошад;

2) дониш ва маҳорат дар соҳаи сикли илмҳои психологию педагогӣ ва ҳатман сифатҳои эҳсосӣ ва ихтиёрӣ;

3) блокҳои фаннӣ-методӣ ва мушаххас, ки мазмуни он талаботро ба донишу маҳорати омӯзгори физика ва методикаи таълим, инчунин ба фаъолияти ӯ бевосита инъикос менамоянд;

4) блоки умумии фарҳангӣ, ки талаботро нисбат ба омӯзгор ҳамчун зиёӣ дар бар мегирад, яъне сифатҳои фарҳангӣ, хислатҳои шаҳрвандӣ ва ахлоқии шахсияти эҷодии омӯзгор.

Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки дар тадқиқоти гуногун талабот ба омодагии касбии мутахассис тавассути низоми вазифаҳои касбӣ ва низоми фаъолият, системаи азхудкунии дониш ва малакаҳои зарурӣ пешниҳод шудаанд.

Аз тарафи дигар, вазифаи маъмулии касбӣ метавонад ҳамчун асос ба мазмуни фаъолияти таълимии донишҷӯён, ҳамчун асоси дидактикӣ баромад кунад. Дар педагогика ва методологияи фаннӣ ҳоло чунин ақида муқаррар шудааст, ки барои омодагии касбӣ тавсифи талабот танҳо бо номбар кардани донишу малакаҳо дар маҷмуъҳои зарурии равишҳои дар боло зикршуда басанда ҳисобида намешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки таркиби талабот ба омодагии касбии омӯзгор дар марҳалаи ҳозира муайян карда шавад, ки бояд инҳоро дар бар гирад:

– таҳлили вазифаҳои функсионалии омӯзгор ва дар асоси он муайян намудани таркиби фаъолияти касбӣ-ҳамчун ҳадафҳои пешбарии амалиётӣ ва натиҷаи банақшагирифташудаи таълим;

-маҷмуи дониш, маҳорат ва ғояҳои зарурии хатмкунандагони донишгоҳҳо;

- мазмуни таълим, ки тавассути номгӯйи вазифаҳои таълимӣ барои ташаккул ва инкишофи донишҷӯён заруранд.

Барои таснифи фаъолияти касбии омӯзгори биология ва сохтори он асосҳои гуногунро ҷудо кардан мумкин аст, ки дар асоси ду равиш: аз рӯйи сохтори равонии ин ё он фаъолият онро дар шакли формулаи зерин ифода мекунем: мотив → мақсад → нақшаи амалӣ → натиҷа → инъикос; табиати мутақобилаи фаъолият, яъне омӯзгор - донишҷӯ; омӯзгор — захираҳои моддӣ; омӯзгор — омӯзгорон.

Асоси дуюми фарзияи таъсири бевоситаи объекти фанҳои алоҳида, фаъолияти касбии омӯзгори фанҳои таълимӣ ва омӯзгори биология, он далелҳоро инъикос мекунад, ки хусусияти ин объектҳо ва фанҳо ба таври назаррас ба раванди мутақобила таъсир мерасонад. Ин кор бо объектҳо, масалан, таҷҳизоти идоравӣ, дигараш робита бо хонандагон ва сеюм - муошират бо ҳамкоронро дар бар мегирад. Ҳангоми нишон додани самтҳои асосии фаъолияти касбии омӯзгори биология мо ҳамин нуктаҳоро инъикос кардем:

-фаъолияти таълимию методӣ, аз ҷумла гузаронидани машғулиятҳои синфӣ (аудиторӣ) ва беруназсинфӣ (беруназаудиторӣ) ва тамоми корҳои омодагӣ барои самаранок омӯхтани фанни биология;

- хамаи он чизе, ки ба таъмини фаъолияти заминавии омӯзгор вобаста аст, яъне маводҳои дидактикӣ, китобхона, инчунин кабинет бо ташкили базаи моддӣ ва ғайраҳо;

- такмили доимии ихтисоси омӯзгор, худомӯзӣ ва фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, ки ба хусусияти фанни таълимӣ вобаста аст.

Дар асархои олимон А. Бодалева, Т.Е. Климова, И Ю Кулчуткина, О.Е. Лебедева, А.Е. Марон, П.И. Пидкасистий, Г. Сухобская, Е.П. Тонконогов, Н. Тонконогова, Н. Хоп ва ғайра қайд карда мешавад, ки худомӯзии касбии омӯзгор ҳам худтакомули шахсӣ ва ҳам касбӣ мебошад, ки онҳо бояд ба иҷрои вазифаҳои зеринин нигаронида шаванд: ҷустуҷӯи идеяҳои нави методӣ; ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу методҳои нави кории касбӣ; таҳлили таҷрибаи худ ва ҷамъбасти он; омӯхтан, таҳлил ва татбиқи дастовардҳои нави назариявӣ ва методии муосир дар фаъолияти касбии худ; омӯзиши таҷрибаи ҳамкасбони бузургсол ва истифодаи методҳои интерактивии таълим дар асоси онҳо.

Т.Э. Климов қайд намудааст, ки ҳамаи ин вазифаҳо характери тадқиқотӣ доранд ва аз ин рӯ, аз худ намудани методҳои нави фаъолияти илмии педагогиро талаб мекунанд.

Азбаски банақшагирӣ ба таври куллӣ такмил наёфтааст, таҳияи дақиқи мақсадҳоро дар бар мегирад, дар ҳолати унсурҳои аввал, ба монанди ангеза ва мақсад дар шакли камкардашуда ба «нақша» дохил мешаванд. Натиҷаи ин марҳилаи фаъолият таҳия намудани нақшаи кори дар пешистодаро дар ҳар вариант талаб менамояд, мазмуни фаъолияти ин марҳила таъмин намудани амалҳо мебошад.Татбиқи нақшаи пешбинишуда худи марҳилаи оғози татбиқро дар бар мегирад.

Ба сифати унсурҳои охирини натиҷаи фаъолият дар марҳилаи умумӣ худомӯзӣ ва фаъолияти таҳқиқотӣ эътироф мешаванд. Таҳлили фаъолияти касбии омӯзгори биология дар ҷадвали 1 оварда шудааст. Ҷадвал дар ҳама гуна унсури раванди таълим фаъолияти касбии омӯзгорро аз курси пурраи биология дар аввал чун маҷмуъ ва дар давоми фаъолият то порчаи алоҳидаи дарс инъикос мекунад.

**Ҷадвали 1. Таҳлили фаъолияти касбии омӯзгори биология**

| Марҳила | *Фаъолият* | | |
|---|---|---|---|
| | Кори таълимию методӣ | Кор бо ташкили базаи моддӣ | Худомӯзӣ ва фаъолияти тадқиқотӣ |
| 1 | **2** | 3 | 4 |
| *БА НАҚШАГИРӢ* | 1. Мақсадҳои муайян ва мураттабшудаи таълим (мувофиқ ба нақшаи таҳияшуда)<br>2. Муайян кардани мазмуни маводи таълимӣ ва сохтори он.<br>3.Интихоби методҳо, шаклҳои ташкили фаъолияти хонандагон (барои ҳама унсурҳои фаъолият).<br>4.Ҳамкории хонандагон ва омӯзгорон, пайдарпайии ҳама амалҳо ва иҷроиши онҳо.<br>5. Интихоби воситаҳо, методҳо, иҷроиш, муқаррар кардани натиҷаҳо | 1.Муайян намудани маҷмуи мақсаду вазифаҳои ташкил намудани кабинети биология дар асоси заминаҳои мавҷуда<br>2. Интихоби мазмун ва пайдарпайии кор барои амалӣ гардондани супоришҳо тибқи нақшаи рушди фаъолияти кабинет.<br>3. Интихоби воситаҳои зарурӣ барои кору фаъолияти таълимӣ дар кабинети биология | 1. Муайян намудани мавзуъ ва низоми иҷрои мақсад ва вазифаҳои худтакмилдиҳӣ, болобардории рейтинги онҳо.<br>2. Интихоби мазмун ва пайдарпайии амалҳо оид ба иҷрои вазифаҳо.<br>3. Интихоби методҳо, шаклҳои фаъолият ва муайян кардани натиҷаҳо барои ҳар як марҳила.<br>4.Ҷудо кардани маблағи зарурӣ |
| *ДАР АМАЛ ТАТБИҚ НАМУДАН* | 1. Муайян намудани системаи маблағҳое, ки барои иҷрои нақша заруранд.<br>2.Омодагии амалии воситаҳои интихобшуда барои истифода дар раванди таълим.<br>3.Гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ.<br>4. Ба роҳ мондани корҳои беруназзинфӣ бо хонандагон | Системамизатсия ва нигоҳ доштани масолеҳу таҷҳизот,<br>харидорӣ ва афзун намудани аёниятҳо, маводҳои таълимии намоишӣ, аудивизуалӣ ва ғайраҳо | 1. Омӯзиши адабиётҳои тахассусӣ.<br>2. Таҳлили таҷрибаи кории худ.<br>3. Омӯхтани таҷрибаи кори ҳамкасбон.<br>4.Таҳия, барқарор кардани шаклҳо, методҳо,<br>воситаҳои зарурии фаъолият ва тасдиқи натиҷаҳо.<br>5.Апробатсияи (таҷрибаи педагогӣ)<br>6.Такрори иҷрои корҳои амалӣ |
| *НАТИҶА* | 1.Муқарраркунии дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда дар давоми фаъолияти касбӣ.<br>2. Тартиб додани супоришҳои нав ва натиҷагирӣ аз онҳо.<br>3.Тартиб додани хулосаҳо, тавсияҳои психологӣ, педагогӣ ва методӣ барои ҳамкасбону хонандагон. | 1. Муайянкунии ҳолати базаи моддӣ баъди кор.<br>2.Таҳлил, муқоиса бо коркарди нави мақсадҳо, муайян кардани мушкилоти ҳалнашуда ва ҷустуҷую дарёфти мушкилот | 1.Ислоҳ кардани камбудию норасоиҳо, мутобиқати фаъолият.<br>2.Натиҷагирӣ аз иҷрои вазифаҳо.<br>3.Таҳлили методҳо ва воситаҳои истифодашаванда.<br>4.Тартиб додани хулосаҳо ва банақшагирии фаъолияти оянда. |

Бояд қайд кард, ки фаъолияти ақливу зеҳнӣ дар пешравии илм нақши асосиро дорад. Вале аз тарафи олимон фаъолияти равонии риёзии хонандагон дар зинаҳои таҳсилот аниқ муайян карда нашудааст, ҳол он ки ҳадди ақали кашфиёту омилҳои ҳавасмандкунанда гуногунанд. Вақте ки хонандаи МТМУ дар вазъияти махсуси педагогӣ барои худ чизе

кашф мекунад, вайро ҳамчун кашфкунанда эътироф менамоянд.Фаъолияти омӯзгорони биология дар синфҳои 5-11 аз дараҷаи умумии воситаю методҳои махсуси истифодашаванда дар раванди таълим ва услуби фаъолияти касбӣ аз дигар омӯзгорони касбӣ фарқ мекунад. Дар ин ҷо интихоби истифодаи унсурҳои интихобшудаи фаъолият муҳим мебошад, ки онҳо барои сохтани нақшаҳои умумӣ ва иҷрои онҳо имконият медиҳанд.Фаъолияти касбии омӯзгори биология ҳадди ақали иҷрои ҳама намудҳои фаъолияти касбиро муқаррар намуда, ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои муайянро талаб мекунад, ки тавсифи онҳо унсурҳои интихобшудаи фаъолиятро мушаххас мекунад. Хусусияти сохтори фаъолияти омӯзгори биология дар ду зинаи зерин ифода ёфтааст: 1) дар таъмин ва ташкили базаи моддӣ; 2) дар мазмун ва хусусиятҳои методҳои фаъоли касбӣ, яъне кори таълимӣ-методӣ, инчунин шаклҳои ташкили раванди таълим. Барои омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ бештар тафаккури бинарӣ (аз равиши бинарӣ) ба назар мерасад, зеро онҳо сирф дар шахсияти педагогӣ ё худ инсонӣ, объектҳои табиати атроф, фарқияти калонтарини ин объекту амалҳо, методҳои ба онҳо амалкуниро тасаввур намуда, робитаи индуктивӣ ва мантиқии онҳоро нигоҳ медоранд.Бояд гуфт, ки қисматҳои фаъолият ҳамчун унсурҳои асосӣ, дар фаъолияти омӯзгорӣ зарурӣ мебошанд ва маҳорати касбии ӯро дар сатҳи «усто – ҳунарманд» таъмин мекунанд. Ин аст, ки дар тайёрии касбии омӯзгори фанни биология ба ин самти фаъолият эътибори аввалиндараҷа дода мешавад.Омодагӣ ба фаъолияти таҳлилӣ-синтетикӣ барои омӯзгори табиатшиносӣ аз сабаби хусусияти фанни ӯ ҳамчун илми замонавӣ хеле муҳим аст ва аз ин рӯ ҷузъи мантиқие, ки онҳоро ба фаъолияти тадқиқотӣ наздик мекунад, ин соҳаҳои татбиқи он мебошад.Дар баробари ин, фаъолияти омӯзгор чун дар тадқиқоти илмӣ дар ҳар як унсур сохтори умумиро нигоҳ медорад, ки мо онро дар ҷадвали №2 тасвир намудем.

**Ҷадвали 2.**

| Фаъолияти омӯзгор | Фаъолияти тадқиқотӣ |
|---|---|
| Муайян намудани мақсадҳои мушаххас, вазифаҳои марҳилаи фаъолият.<br>Интихоби мундариҷа, сохтору мазмуни фаъолият.<br>Интихоби методҳо, шаклҳои фаъолият.<br>Амалӣ намудани қисмҳои раванди таълим.<br>Муайян кардани дастовардҳо дар иҷрои<br>вазифаҳо дар давоми раванди таълим ва баъд аз анҷоми он.<br>Таҳлили методҳо ва воситаҳои истифодашаванда.<br>Муқоисаи вазифаҳо ва натиҷаҳо.<br>Тартиб додани хулосаҳо (мақсад барои<br>марҳилаи оянда). | Интихоби объекти, раванди таълим ва мушкилоти он.<br>Таҳияи ҳадафҳо, фарзияҳо ва вазифаҳои тадқиқотӣ.<br>Банақшагирии тахминӣ.<br>Интихоби методҳо ва воситаҳои ҳалли масъалаҳо барои иҷрои вазифаҳои интихобшуда.<br>Амалӣ намудани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ барои иҷрои вазифаҳои интихобшуда.<br>Муайян кардани натиҷаи амалии тадқиқот барои иҷрои ҳар як вазифаи минбаъдаи тадқиқотӣ.<br>Таҳлили модел, методҳо ва воситаҳои кори тадқиқотӣ.<br>Тафсири натиҷаҳо ва таҳлили мушкилоту камбудиҳо.<br>Тартиб додани хулосаҳо. |

Ба андешаи мо, аз нуқтаи назари психологӣ ҷадвал сохтори умумии ҳар гуна фаъолиятро инъикос менамояд, ки онро аз муқоисаи сохторҳои дар боло зикршуда дидан мумкин аст. Таркиб ва пайдарпайии амалҳо амалан дар як сатҳ қарор доранд ва якхелаанд. Аммо дар рафти тадқиқоти илмӣ татбиқи мақсаду вазифаҳо аз амалиёти

омӯзгор кам фарқ менамоянд. Ин тафовутҳоро дар мақсадҳо, объектҳо ва воситаҳои амалӣ кардан дидан мумкин аст. Объекти фаъолияти тадқиқотӣ метавонад, ҷанбаҳои алоҳидаи объектҳои педагогӣ ва ҳама гуна объекти воқеияти педагогӣ бошад. Мақсадҳои фаъолияти педагогии омӯзгорро интихобу истифодаи воситаю методҳои зарурӣ, таҳия ва татбиқи онҳо дар таълим, тарбия ва инкишоф, воситаю методҳои таъсиррасонии касбии омӯзгор дар дониш ва малакаҳои зарурии ҳаётӣ инъикос меёбанд. Қисмати назарраси дониш ва малака, чунонки таҳлили онҳо нишон дод, дар объекти мушаххаси таълимӣ ва натиҷагирӣ аз фаъолияти касбии омузгор ифода мегардад. Аз ин ҷост, ки маҷмуи маҳорати касбии анъанавии омӯзгор метавонад заминаи минималии фаъолияти эҷодии педагогии ӯ гардад, ки ҳангоми татбиқи фаъолияти касбии ӯ дар ҳамбастагӣ бо равиши пажӯҳишӣ дар сатҳи баланд аз худ карда мешавад.

Равиши тадқиқотӣ, ки маҷмуи маҳоратҳои махсуси таҳқиқотии омӯзгорро дар бар мегирад, ба таъмини сатҳи зарурии дониш ва истифодаи ҳамаи технологияҳои дигари педагогӣ мусоидат мекунад.

**Муқарриз: Умаров У.- н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования / О.А. Абдуллина. – М.: Просвещение, 1984. – 208с.
2. Андреев В.И. Педагогика высшей школы. Инновационно-прогностический курс: Учебное пособие / В.И. Андреев. – Казань: Центр инновационных технологий, 2005. – 500 с.
3. Анисимов О.С. Методологическая культура педагогической деятельности и мышления / О.С. Анисимов. – М.: Экономика, 1991. – 415 с.
4. Архангельский С.И. Учебный процесс в высшей школе, его закономерные основы и методы / С.И. Архангельский. – М.: Высш. шк., 1080. – 368 с.
5. Бухвалов В.А. Алгоритмы педагогического творчества: Книга для учителя / В.А. Бухвалов. - М.: Просвещение, 1993. - 96 с.
6. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход / А.А. Вербицкий. – М.: Высшая школа, 1991. - 207 с
7. Вяткин Л. Г. Самостоятельная работа учащихся на уроке / Л. Г. Вяткин. - Саратов: Изд-во. Сарат. ун-та. 1978. - 110 с.
8. Гарунов М.Г. Пидкасистый. Самостоятельная работа студентов / М.Г. Гарунов. - М.: Знание, 1978.
9. Молибог А.Г. Вопросы научной организации педагогического труда в высшей школе / А.Г. Молибог. – Минск: Высшей школа, 1975. – 288 с.
10. Земцова В.И. Теоретические основы методической подготовки учителя физики: Дисс. д-ра пед. наук / В.И. Земцова. - СПб, 1995. -310 с.
11. Кудайкулов М.А. Дидактические проблемы: формирования основ профессионально-методических умений у будущего учителя. Автореф. дисс. … д-ра. пед. наук / М.А. Кудайкулов. – Киев, 1997. – 49 с.
12. Лабораторные и практические работы по методике преподавания математики / Е.И. Лященко, К.В. Зобкова и др. Под ред. Е.И. Лященко. – М.: Просвещение, 1988. – 223 с.
13. Левчук З.С. Формирование готовности к профессиональному творчеству у студентов педвуза: Дисс. … канд. пед. наук / З.С. Левчук. – Минск, 1992. – 178 с.
14. Лозовой А.Ю. Развитие исследовательской компетенции студентов / А.Ю. Лозовой // Перспективные информационные технологии и интеллектуальные системы. – 2009. - № 1. – С. 58-60.
15. Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе: Кн. Для учителя / М.И. Махмутов. – М.: Просвещение, 1977. – 240 с.


## ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ФАЪОЛИЯТИ ТАДҚИҚОТИИ ОНҲО ДАР ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Мавқеи иҷтимоии омӯзгор ва талабот ба дараҷаи тайёрии касбию методии ӯ дар шароити ҳозираи тараққиёти ҷамъият меафзояд. Дар даҳсолаҳои охир сифати тайёрии касбӣ ва методии омӯзгори ояндаи биология дар донишгоҳ бо истифода аз технология ва воситаҳои гуногун амалӣ гардонида мешавад ва он ба талаботҳои стандартҳои давлатии таълимӣ, ки онҳо мазмун, мақсад ва вазифаҳои таълмии фанро муайян менамоянд, бояд мутобиқат кунад. Амалигардонии вазифаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методии таълими фаннӣ пешниҳод гардидаанд, муносибат ва таваҷҷуҳи хоссаро талаб менамояд. Муваффақияти ташаккули навъҳои мушаххаси қобилият ва маҳорати илмиву методии омӯзгорони ояндаи биология ба истифодаи ҳама шаклҳои кори донишҷӯён дар донишгоҳ, аз ҷумла кори мустақилона алоқамандананд. Донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои аз худ намудану гирифтани дониш аз рӯйи фанҳои дар барномаҳо пешбинишуда, ташаккулдиҳии маҳорату малака бо истифода аз роҳу методҳои гуногун кӯшиш

намуда, ба мустақил гирифтани донишҳои илмӣ имконият дорад. Дар адабиёти илмӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълими биология таҷрибаи кориву амалии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ карда шуданд, ки онҳо барои иҷрои супоришҳои амаливу корҳои мустақилона таҳти роҳбарии устодон азхудкунии маданияту фарҳанги муносибати муошират, истифодаи оқилонаи вақт ва ғайраҳо мусоидат менамоянд. Банақшагирӣ ва иҷрои корҳои мустақилона аз ҳамаи фанҳои талимӣ барои тарбия ва ташаккулёбии малакаҳои корҳои тадқиқотӣ мусоидат менамояд. Худи мафҳуми «кори мустақилона» серпаҳлу буда, табиист, ки дар осори педагогӣ ва адабиёти бадеӣ як фаҳмиши умумӣ дар бораи он вуҷуд надорад.

**Калидвожаҳо**: омӯзгори оянда, методикаи таълими биология, кори мустақилона, тайёрии касбӣ ва методии омӯзгори оянда, дидактикаи муосир, фаъолияти илмии омӯзгори оянда, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.

## САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ БИОЛОГИИ, КАК ПРОЯВЛЕНИЕ ИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПЕДАГОГИЧЕСКОМ ВУЗЕ

Социальное положение педагога и востребованность уровня его профессиональной и методической подготовки в современных условиях развития общества повышаются. В последние десятилетия качество профессионально-методической подготовки будущего учителя биологии в вузе реализуется с использованием различных технологий и средств и должно соответствовать требованиям государственных образовательных стандартов, определяющих содержание, цель и воспитательные задачи предмета. Реализация задач, предложенных в программно-методических документах технического образования, требует особого подхода и внимания. Успешность формирования конкретных видов умений и научно-методических умений будущих учителей биологии связана с использованием в вузе всех форм работы студентов, в том числе и самостоятельной.Студенты высших профессиональных учебных заведений имеют возможность приобретать знания по предметам, предусмотренным в программах, развивать умения и навыки различными способами и методами, самостоятельно приобретать научные знания. В научной литературе по педагогике, психологии и методике преподавания биологии были рассмотрены труды и практический опыт преподавателей учреждений высшего профессионального образования и учреждений общего среднего образования, пособия и др. которые оказывает помощь в планировании и выполнении самостоятельных работ по всем учебным дисциплинам для обучения и развития исследовательских навыков. Понятие «самостоятельная работа» очень многогранно, и в связи с этим естественно, что оно не получило общего понимания в педагогических трудах и художественной литературе.

**Ключевые слова:** будущий учитель, методика преподавания биологии, самостоятельная работа, профессиональная подготовка и методика будущего учителя, современная дидактика, научная деятельность будущего учителя, учреждение высшего профессионального образования, средние общеобразовательные школы.

## INDEPENDENT ACTIVITY OF FUTURE BIOLOGY TEACHERS AS A MANIFESTATION OF THEIR RESEARCH ACTIVITIES IN A PEDAGOGICAL UNIVERSITY

The social position of the teacher and the demand for the level of his professional and methodological training in modern conditions of the development of society are increasing. In recent decades, the quality of professional and methodological training of a future biology teacher at a university is implemented using various technologies and means and must comply with the requirements of state educational standards that determine the content, purpose and educational tasks of the subject. The success of the formation of specific types of skills and scientific and methodological skills of future biology teachers is associated with the use of all forms of student work at the university, including independent work. Students of higher professional educational institutions have the opportunity to acquire knowledge in the subjects provided for in the programs, develop skills and abilities in various ways and methods, independently acquire scientific knowledge. In the scientific literature on pedagogy, psychology and methods of teaching biology, the work and practical experience of teachers of institutions of higher professional education and institutions of general secondary education, manuals, etc. were considered. Provides assistance in planning and performing independent work in all academic disciplines for teaching and developing research skills. The concept of "independent work" is very multifaceted, and in this regard, it is natural that it has not received a common understanding in pedagogical works and fiction.

**Keywords:** future teacher, methodology of teaching biology, independent work, professional training and methodology of the future teacher, modern didactics, scientific activity of the future teacher, institution of higher professional education, secondary schools.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиѐбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Сведение об авторе:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Information about the author:** ***Barotzoda Kamoliddin Ashur*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, associate professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121..: **(+992) 934050446**.

**УДК:373.21**

# ШИНОС КАРДАНИ ХОНАНДАГОН БА ОФАТИ ТАБИИИ «ЛАҒЖИШИ ЗАМИН (ЯРЧ)» ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ҚУВВАҲОИ СОИШ» ДАР СИНФИ Х

*Мирзоев А.М.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи СадриддинАйнӣ**

Дар тадқиқоти муҳаққиқон С.Д. Абдурахманов [1], В.Л. Булат [5], А.Г. Бичук [6], А. Илин [7], Н. Қодиров ва Р. Ибрагимова [6], Ф.В. Рабиза [14], Г. Райхардт [15], Л.Л. Сикорук [18], Л.В. Тарасов [19] ва дигарон масоили шинос кардани хонандагон ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо инъикос ёфтаанд. Доир ба проблемаи тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов, Р.Б. Тоҳирова [26], А.М. Мирзоев ва У.С. Умаров [9], А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров, [10, 11, 12, 13], У.С. Умаров [22], У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова [3, 4, 23, 24], У.С. Умаров, Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.Х. Раҷабов [25] ва дигарон тадқиқот бурда, мақолаву дастурҳои методиву таълимӣ нашр кардаанд. Аз ҷумла дар мақолаи мо [9] имкониятҳои барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба шинос кардани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо маълумот гирд оварда шудааст. Инчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар [9, 10, 11, 12, 13, 14] доир ба шинос кардани хонандагон ба масоили офатҳои табиӣ ва роҳҳоӣ паст кардани хатари онҳо ҳангоми омӯзиши физика маълумот пешниҳод гардидааст. Бо назардошти он ки физика ҳодисаҳои табиатро меомӯзад ва офатҳои табиӣ низ ҳодисаҳои табиатанд, бинобар ин ҳангоми таълими курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шинос намудани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо муфиду осон аст. Барои паст кардани хатари офатҳои табиӣ донистани сабабҳои ба амал омадани онҳо зарур аст. Дар курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии бошад, сабабҳои ба амал омадани аксари офатҳои табиӣ омӯхта мешаванд. Аз тарафи дигар, шинос намудани хонандагон бо роҳҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ баҳри тарбияи экологии эшон мусоидат мекунад.

Баҳри амалӣ гардонидани фикрҳои боло барномаи таълими физика барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [2] имконияти хуб медиҳад. Самаранок истифода бурдани он ба маҳорат ва қобилияти эҷодии омӯзгор вобаста аст. Акнун дар мисолҳои мушаххас нишон медеҳем,ки дар дарсҳои физика хонандагонро ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо ҷи тавр шинос кардад имконпазираст.

Масалан, омӯзиши мавзӯи «Қувваҳои соиш»-ро (синфи Х) дар робита бо офати табиии «лағжиши замин (ярч)» ба тариқи зайл тавсия медиҳем.

**Мақсади дарс:** ташаккули мафҳуми қувваи соиш; нишон додани сабабҳои пайдоиши соиш; муқоисаи қувваи соиш бо қувваҳои дигар; шарҳи мафҳуми соиши лағжиш, ғелиш ва оромӣ; нишон додани аҳамияти соиш дар табиат ва техника, ташаккули маҳорат ва малакаҳои татбиқи донишҳо дар шарҳи ҳодисаҳои табиӣ ва техника; ташаккули қобилиятҳои мушоҳидакорӣ; бодиққатӣ ва навҷӯӣ, тавассути омӯхтани мавзӯъ шинос кардани хонандагон бо офати табии лағжиши замин, сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои паст кардани хатари ин офат.

**Мақсадҳои мушаххас.** То интиҳои дарс хонандагон метавонанд:

- сабабҳои пайдоиши соишро муайян намоянд;
- формулаи қувваи соишро нависанд ва шарҳ диҳанд:
- қувваи соишро бо қувваҳои дигар муқоиса кунанд;
- аҳамият ва зарари соишро дар табиат ва техника нишон диҳанд;
- соишро бо офати табиии лағжиши замин алоқаманд кунанд:
- сабабҳои ба амалоии лағжиши заминро шарҳ диҳанд;

**Воситаҳои аёнӣ:** китоби дарсии Физика-10 [16]; овезаҳо [21]; як миқдор қум; шишаи тирезаи андозаҳояш 20х30 см; қутии гӯгирд, ки тамсилаи хона аст; зарфи (баклашкаи) обдори 0,5 литра; пораи лавҳаи полиэтилении рангаш сиёҳ (борхалтаи полиэтилении

кӯҳнаро истифода кардан мумкин), ки сӯрохиҳои хурд дорад; лавҳаи полиэтилении яклухт; вараҡи коғаз.

**Донишҳои зарурӣ:** мафҳумҳои қувва, қувваи соиш, соиши лағжиш, соиши ғелиш, соиши оромӣ, ҳамвории моил, кунҷи моилӣ, коэффитсиенти соиш, вазни ҷисм, намнокӣ, мушоҳидаи хонандагон аз муҳити зист.

**Санҷиши дониш:** пурсиши умумии мавзӯи «Қувваҳои чандирӣ» [16, §16], санҷидани натиҷаи ҳалли масъалаи 6-и машқи 10, [16, с. 45].

***Водоркунӣ***

**Мазмуни мавзӯи дарс:** дар ибтидои дарс омӯзгор ба донишҳои хонандагон доир ба мавзӯи қувваҳои соиш аз курси физикаи синфи 7 такя намуда, дар муддати хеле кӯтоҳ бо истифода аз расмҳои 35 (а, б, в) ва 36-и китоби дарсӣ [16, с. 45] мавзӯъро мефаҳмонад.

Пас аз ин барои алоқаманд намудани мавзӯи мазкур бо офати табиии лағжиши замин (ярч) ва роҳҳои паст кардани хатари ин офат ба хонандагон ҳалли масъалаи зеринро пешниҳод менамояд.

***Саволгузорӣ тавассути ҳал кардани масъала +қайди ҷавобҳои ҷолиб дар тахта*** бо мақсади ҷалби диққат ва мустаҳкамкунии донишҳо.

**Масъала.** Сабаб чист, ки роҳи хокӣ баъди борон хеле лағжонак мешавад? [20]

**Ҳал.** Об дар сатҳи замин ҳамчун равғанмолӣ хизмат мекунад ва аз ин рӯ, коэффитсиенти соиш кам мешавад. Кам шудани коэффитсиенти соиш боиси лағжонак шудани роҳи хокӣ мегардад.

Пас аз ҳалли масъалаи мазкур омӯзгор ба хонандагон чунин нақл мекунад.

***Даркнамоӣ***

***Минилексия.***

**Омузгор.** Теппаҳои хокӣ, ки дар наздикии канал ё дарёҳо воқеъанд (ва ё ҳангоми боронҳои дарозмуддат) тавассути ҳодисаи капиллярӣ намии (оби) зиёдро ба худ ҷаббида мегиранд. Дар натиҷа теппаи хокӣ аз ҳад зиёд тар ва хоки он лағжонак шуда, коэффитсиенти соиш кам мешаваду массаи хеле зиёди лой лағжида ба поён ҳаракат мекунад. Ин боиси лағжиши замин (ярч) мегардад [25].Пас аз нақл омӯзгор бо мақсади ошкор кардани фикру андешаҳои хонандагон оид ба лағжиши замин (ярч) чунин саволҳо пешниҳод менамояд:

**Омӯзгор.** Оё Шумо чунин ҳодисаро дар маҳалли зистатон мушоҳида намудаед?

**Хонандаи 1.** Баҳорон ҳангоми боронҳои пай дар пай ман мушоҳида намудам, ки аз теппаи хокии поёни деҳа як қисми он лағжида поён рафтааст.

**Хонандаи 2.** Аз болои замини корами мо, ки дар теппаи хокӣ воқеъ аст, ҷӯйи об мегузарад. Охирҳои фасли тобистон ман мушоҳида намудам, ки як қисми замини мо лағжида поён рафтааст. Ман акнун сабаби инро фаҳмидам.

**Хонандаи 3. Омӯзгор**, ба фикри ман лағжиши замин, ки дар мавзеи Шарора (соли 1989) ба амал омада буд, сабабаш он будааст, ки аз болои теппаи хокии болои деҳа канали об мегузаштааст.

**Омӯзгор.** Фикру андешаҳои хонандагонро тақвият дода, ба онҳо пешниҳод менамояд, ки биёед акнун ҳамин ҳодисаро мушоҳида менамоем.

**Озмоиши 1. Омӯзгор** бо ёрии яке аз хонандагон каме хокро гирифта, ба он об рехта лойи суст тайёр менамояд. сипас лойи сустро ба болои шишаи нисбат ба ҳамвории мизи намоишӣ моил гузошташуда, мегузорад ва диққати хонандагонро барои мушоҳида намудан, ҷалб мекунад.

Хонандагон мушоҳида менамоянд, ки лойи суст аз рӯйи шиша лағжида ба поён ба рӯйи селофани дар сатҳи миз паҳн кардашуда ҳаракат мекунад. Аз мушоҳидаи таҷрибаи мазкур хонандагон ба хулосае меоянд, ки дар ҳақиқат яке аз сабабҳои ба амал омадани лағжиши замин (ярч) ин аз ҳад зиёд тар будани хок, яъне хурд будани коэффитсиенти соиш будааст.Ин ҷо омӯзгор тавассути сӯҳбат бо ёрии хонандагон роҳҳои паст кардани хатари чунин офатро ошкор менамояд. Аз сӯҳбат хонандагон ба хулосае меоянд, ки роҳҳои паст кардани хатари чунин офат инҳоянд:дар наздикии теппаҳои хокӣ насохтани хонаҳои истиқоматӣ;аз болои теппаҳои хокӣ нагузаронидани каналу ҷӯйборҳо;дар сатҳи поёнии теппаҳои хокӣ кофтани ҷӯйӣ заҳбӯрҳо;ба боғи дарахтзор табдил додани теппаҳои

хокӣ, яъне дар теппаҳои хокӣ шинондани дарахтҳо.Ин ҷо омӯзгор қайд мекунад, ки мо бо яке аз сабабҳои лағжиши замин (ярч) ва бо баъзе роҳҳои паст кардани хатари ин офат шинос шудем ва хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо намуда, иҷро кардани чунин озмоишҳоеро пешниҳод мекунад, ки лағжиши замин (ярч)-ро таҷассум намуда, сабабҳои пайдоиши дигар дошта, ба мавзӯъ алоқамандaнд.

**Кори гурӯҳӣ.**

**Гурӯҳи 1. Озмоиши 2.** Хоки нимтарро (на он қадар тарро) ба болои шишаи тиреза гузошта, онро оҳиста фишор диҳед. Як тарафи шишаро чунон моил кунед, ки кунҷи моилии он бо ҳамвории мизи намоишӣ 70-80$^0$ –ро ташкил намояд. Дар ин маврид хоки нимтар намелағжад. Пас аз ин бо мушт ба сатҳи миз сахт зарба занед. Чиро мушоҳида кардед? Онро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 2. Озмоиши 3.** Хоки нимтарро (на он қадар тарро) ба болои лавҳаи фанерӣ гузошта, онро оҳиста фишор диҳед. Як тарафи лавҳаро чунон моил кунед, ки кунҷи моилии он бо ҳамвории мизи намоишӣ 70-80$^0$ –ро ташкил намояд. Дар ин маврид хоки нимтар намелағжад. Пас аз ин бо мушт ба сатҳи миз сахт зарба занед. Чиро мушоҳида кардед? Онро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 3. Озмоиши 4.** Ба рӯйи шишаи дар ҳамвории сатҳи мизи намоишӣ гузошташуда, як миқдор қуми хушк резед. Як тарафи шишаро мунтазам ба боло бардоред. Чиро мушоҳида кардед? Онро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4. Озмоиши 5.** Ба рӯйи лавҳаи фанерии дар ҳамвории сатҳи мизи намоишӣ гузошташуда, як миқдор қуми хушк резед. Як тарафи лавҳаро мунтазам ба боло бардоред. Чиро мушоҳида кардед? Онро шарҳ диҳед.Аз намоиши озмоишҳои мазкур хонандагон ба хулосае меоянд, ки сабабҳои дигари ба амал омадани лағжиши замин (ярч) сахт такон хӯрдани замин ё зилзила ва аз ҳад зиёд будани нишебии теппаҳои хокӣ будааст.

***Минилексия.*** Ин ҷо омӯзгорро зарур аст, ки чунин далелро ба хонандагон фаҳмонад:

Лағжиши замин (ярч) –ро шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- ✓ хеле хурд (ҳаҷмаш аз 5 м$^3$ камтар);
- ✓ хурд (ҳаҷмаш 5-50 м$^3$);
- ✓ миёна (ҳаҷмаш 50-1000 м$^3$);
- ✓ бузург (ҳаҷмаш аз 1000 м$^3$ зиёд) [25].

***Мулоҳизаронӣ***

**Ҷамъбасти дарс.** Омӯзгор ба донишҳои азхуднамудаи хонандагон такя намуда, барои ҷамъбаст кардани дарс дар тахтаи синф чунин нақшаро тасвир мекунад ва аз онҳо хоҳиш менамояд, ки онро пур кунанд (хонандагон метавонанд дар нақша тағйирот ворид намоянд).



**Сабабҳои ба амал омадан**

1. Аз ҳад зиёд тар будани хоки теппаи хокӣ, дар натиҷаи боришоти дарозмуддати пай дар пай.
2. Хурд будани коэффитсиенти соиш.
3. Калон будани кунҷи нишебӣ.
4. Такони замин (зилзила).
5. Суст шудани мустаҳкамии ҷинсҳои кӯҳӣ дар натиҷаи шамолбарӣ ва шусташавӣ.
6. Дар таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ зиёд мавҷуд будани гил.
7. Табдилёбии ҷиснҳои кӯҳии тарнашаванда ба ҷинсҳои таршаванда.
8. Буридани ҷангалзор ва буттаҳо аз теппаҳои хокӣ.
9. Гузаронидани корҳои таркишӣ.
10. Шудгор кардани теппаҳои хокӣ ва аз меъёр зиёд объёрӣ кардани он.
11. Вайрон кардани теппаи хокӣ бо кандани хандакҳо.
12. Пур шудани заҳбурҳои дар поёни теппаҳои хокӣ кандашуда.
13. Сохтани хонаҳои истиқоматӣ ва иншооти саноатӣ дар теппаҳои хокӣ, ки ба вайроншавии теппаҳо ва калон шудани қувваи вазнинӣ мусоидат менамояд.

**Роҳҳои паст кардани хатари он**

1. Дар теппаҳои хокӣ шинондани дарахтҳои бемева, вале сахту мустаҳками ба камобӣ тобовар.
2. Тоза кардани (ё кандани) ҷӯйу заҳбӯри дар поёни теппаи хокӣ воқеъбуда.
3. Дар теппаҳои хокӣ нагузаронидани корҳои таркишӣ.
4. Набуридани ҷангалзор ва буттаҳои теппаҳои хокӣ.
5. Ба қоидаҳои агротехникии шудгоркунӣ ва объёрии теппаҳои хокӣ риоя кардан.
6. Дар теппаҳои хокӣ накандани хандакҳо.
7. Насохтани хонаҳои истиқоматӣ ва иншооти саноатӣ дар теппаҳои хокӣ.

**Супориши хонагӣ:** хондани §17-и китоби дарсӣ [16, с. 45] ва ба саволҳои зерин ҷавоб ёфтан:

1. Дар маҳалли зисти шумо теппаҳои хокии хавфнок мавҷуданд ё на?
2. Баҳри бартараф намудани хатари лағжиши замин (ярч) аз чунин теппаҳои хокӣ дар маҳалли зисти шумо чӣ тадбирҳо андешида шудааст?
3. Шахсан худи шумо баҳри паст кардани хатарилағжиши замин (ярч) чӣ тадбирҳо андешида метавонед.

**Муқарриз: Умаров У.- н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдурахманов С.Д. Исследовательские работы по физике в 7-8 классах сельских школ: Кн. для учителя: Из опыта работы. / С.Д. Абдурахманов. – М.: Просвещение, 1990. – 110 с.
2. Барномаи физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004, - 48 с.
3. Бобониёзова Г.А., Умаров У.С. Алоқаманд намудани маълумотҳо доир ба офатҳои табиӣ ва паст кардани хатари онҳо бо мавзӯъҳои барномаи физикаи мактабӣ // «Маърифати омӯзгор». - №7-8. – 2013. - С. 64-69.
4. Бобониёзова Г.А., Умаров У.С. Зилзила ва эҳтиёт аз он (шиносоӣ бо хатарҳои зилзила зимни омӯзиши мавзӯи «Маркази вазнинӣ. Устувории ҷисмҳо» (синфи 10)). // Маърифати омӯзгор, - №8. – 2012. - С. 32-35.
5. Булат В.Л. Оптические явления в природе. – Москва: Просвещение, 1974. -150 с.
6. Бычук А.Г. Урок-эксперимент по теме: "Происхождение обвалов и оползней". с сайта http://mini-soft.net.ru/.
7. Ильин А. Школа выживания при авариях и стихийных бедствиях. / А. А. Ильин. — М. : Эксмо, 2003. – 384 с.
8. Кодиров Н., Ибрагимова Р. Масъалаҳои паст кардани хатари офати табиӣ дар таълими география. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география. – Душанбе: 2010. – 72 с.
9. Мирзоев А.М. Шинос кардани хонандагон ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо тибқи барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии физика / А.М. Мирзоев, У.С. Умаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. (Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ). – 2021. – №5-6 (9-10). – С.127-137.
10. Мирзоев А.М. Шинос кардани хонандагони имконияти маҳдуди саломатидошта ба офати табиии «Раъду барқ» зимни омӯзиши мавзӯи «Мавҷҳои садо» (синфи IX). / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Мушкилоти муосири рушди илмҳои табиӣ-риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе: ДДОТ, 2019. - С. 149-151.

11. Мирзоев А.М. Шинос намудани бачагони имконияташон маҳдуд бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо ҳангоми омӯзиши физика. / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Таълими салоҳиятнокӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони фанҳои умумитехникӣ» бахшида ба соли рушди сайёҳӣ, хунарҳои мардумӣ ва мақоми байналмилалӣ гирифтани чакан. – Душанбе: ДДОТ, 2019. - С. 21-25.
12. Мирзоев А.М. Имкониятҳои барномаҳои фанҳои табиӣ барои шинос кардани хонандагони имконияти маҳдуди саломатидошта ба офатҳои табиӣ ва паст кардани хатари онҳо. / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров // Конференсияи илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ–риёзӣ: воқеъият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии он» ба муносибати 30–солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ДДОТ, 2019. - С. 8-16.
13. Мирзоев А.М. Шинос кардани хонандагони имконияти маҳдуди саломатидошта ба офати табиии «Раъду барқ» ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Электрнокшавӣ дар табиат ва техника» дар синфи VIII зимни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими физика / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров // Таҳқиқи таълими тафриқа: маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсиси кафедраи “Методикаи таълими химия” дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 80-солагии академик Убайд Зубайдов. – Душанбе: Ирфон, 2019. - С. 122-126.
14. Рабиза Ф.В. Опыты без приборов. - М.: «Детская литература», 1988. - 64 с.
15. Райхардт Г. Стихийные бедствия. Перевод с немецкого Б.И. Залесской. - М.: Изд. «Слово», 1994.
16. Раҳимов Б., Шукуров Т., Раҷабов П. Физика. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 10. Душанбе: Матбуот, 2006. – 270 с.
17. Рымкевич А.П. Маҷмӯаи масъалаҳо аз физика. Душанбе: Маориф, 1989. – 176 с.
18. Сикорук Л.Л. Физика для малышей. Иллюстрации Е.Агафоновой. – Петразаводск: Изд. «Кругозор», «БНП», 1996. – 128 с.
19. Тарасов Л.В. Физика в природе: Кн. для учащихся. М.: Просвещение, 1988. - 351 с.
20. Тульчинский М. Е. Качественные задачи по физике в средней школе. Пособие для учителей. -М.: Просвещение, 1972.
21. Умаров У. С., Раҷабов У. Х. Ҷадвалҳои (плакатҳои) таълимӣ аз физика. Душанбе, 2008, -130 номгӯй.
22. Умаров У.С. Шинос намудани кӯдакони имконияташон маҳдуд бо масоили паст кардани хатари офатҳои табиӣ. (Дастури таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони физика). – Душанбе: КҲФ, 2017. - 100 с.
23. Умаров У.С., Бобониёзова Г.А. Ба худмуҳофизаткунию худнаҷотдиҳӣ омода кардани хонандагон мавриди таҳдиди хатари офатҳои табиӣ дар дарсҳои физика. Дар маҷмӯаи «Маводи якумин конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш -асоси солимии миллат», бахшида ба 41-умин солгарди таъсисёбии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов. – Душанбе: ДТҶТ, 2012. - С. 17-20.
24. Умаров У.С., Бобониёзова Г.А., Раҷабов У.Х. Шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиии обхезию сел ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Энергияи об ва шамол. Осиёи обӣ» (синфи 7) // Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Химия, технология ва экологияи об» бахшида ба соли «Ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва 55-солагии кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ. – Душанбе: ҶДММ «Дақиқӣ», 2013. - С. 147-152.
25. Умаров У.С. Масъалаҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ дар таълими физика. Дастури таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони физика / У.С. Умаров, Ҳ.Ҷумъаев, У.Х. Раҷабов– Душанбе, ДҶТИБКМ, 2011.
26. Ҷумъаев Ҳ.Қ. Шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо дар машғулиятҳои беруназсинфӣ аз физика / Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов, Р.Б. Тоҳирова // Конференсияи илмӣ-методии байналхалқӣ дар мавзӯи «Такмили мазмун, методҳо ва васоити омӯзиш дар раванди таълими фанҳои табиию риёзӣ», бахшида ба 20 - солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 80 - солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 40 - солагии факултети физика, ёдбуд ва 70 - солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи методикаи таълими физика Барот Мирзоев. – Душанбе: ДДОТ, 2011. - С. 12-19.

## ШИНОС КАРДАНИ ХОНАНДАГОН БА ОФАТИ ТАБИИИ «ЛАҒЖИШИ ЗАМИН (ЯРЧ)» ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ҚУВВАҲОИ СОИШ» ДАР СИНФИ X

Ба андешаи муаллиф омӯзиши роҳҳои паст намудани хатари офатҳои табиӣ имкон медиҳад, ки оқибатҳои онҳоро сабук гардонида, фарҳанги муносибати хонандагон ба муҳити зист ва ҳодисаҳои дар он рухдиҳанда баланд бардошта шавад. Дар мақола доир ба шинос кардани хонандагон ба офати табиии «лағжиши замин (ярч)» зимни омӯзиши мавзӯи «Қувваҳои соиш» дар синфи X ва роҳҳои паст кардани хатари он маълумот гирд оварда шудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили барномаи таълим ва китоби дарсии амалкунандаи физикаи синфи X, адабиёти педагогӣ, методӣ, таълимӣ ба хулосае меояд, ки барномаи таълими физика ва китобҳои дарсии амалкунанда баҳри шинос кардани хонандагони ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо шароити хубе муҳайё сохтаанд. Шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ дорад. Бо назардошти он ки физика ҳодисаҳои табиатро меомӯзад ва офатҳои табиӣ низ ҳодисаҳои табиатанд, бинобар ин ҳангоми таълими курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шинос намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо муфиду осон аст. Барои паст

кардани хатари офатҳои табиӣ донистани сабабҳои ба амал омадани онҳо зарур аст. Дар курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии бошад, сабабҳои ба амал омадани аксари офатҳои табиӣ омӯхта мешаванд. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, муаллифон зимни омӯзиши мавзӯи «Қувваи соиш» дар синфи X хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо офати табиии «Лағжиши Замин (ярч)» шинос мекунад. Аз тарафи дигар, шинос намудани хонандагон бо роҳҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ баҳри ташаккули маҳорат ва малакаҳои татбиқи донишҳо дар шарҳи ҳодисаҳои табиӣ ва техника мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** мафҳумҳои қувва, қувваи соиш, соиши лағжиш, соиши ғелиш, соиши оромӣ, ҳамвории моил, кунҷи моилӣ, коэффитсиенти соиш, вазни ҷисм, намнокӣ, ярч, офатҳои табиӣ хатари офатҳои табиӣ.

## ОЗНАКОМЛЕНИЕ УЧАЩИХСЯ СО СТИХИЙНЫМ БЕДСТВИЕМ «ОПОЛЗЕНЬ» ПРИ ИЗУЧЕНИИ ТЕМЫ «СИЛА ТРЕНИЯ В X-ОМ КЛАССЕ

По мнению автора , изучение способов снижения угроза стихийных бедствий поможет смягчить их последствия и повысить культуру отношения учащихся к окружающей среде и явлениям, которые в ней происходят. В статье представлены сведения по ознакомлению учащихся со стихийным бедствием «Оползень» при изучении темы «Сила трения» в 10-ом классе и способами снижения его угрозы. В результате анализа существующей учебной программы и учебников по физике, педагогической, методической, учебной литературы автор приходит к выводу, что текущая учебная программа и учебники по физике создают хорошие условия для учащихся, чтобы узнать о стихийных бедствиях и способах снижения их риска. Знакомство учащихся со стихийными бедствиями и способами снижения их риска имеют большое образовательное и воспитательное значение. Учитывая, что физика изучает природные явления и стихийные бедствия также являются природными явлениями, полезно и легко познакомить учащихся средних общеобразовательных учреждений со стихийными бедствиями и способами снижения их угрозы во время школьных занятий по физикое Чтобы снизить угроз стихийных бедствий, необходимо знать причины их возникновения. В школьном курсе физики изучается причины большинства стихийных бедствий. Учитывая все это, авторы при изучении темы «Сила трения» в 10-ом классе знакомят учащихся средне общеобразовательных учреждений со стихийным бедствием «Оползень». С другой стороны, знакомство учащихся со способами снижения угроз стихийных бедствий способствует развитию умений и навыков знаний в объяснении явлений природы и техники.

**Ключевые слова:** понятия сила, сила трения, трения скольжения, трения качения, трения покоя, наклонная плоскость, угол наклона, коэффициент трения, весь тела, влажность, оползень, угрозы стихийного бедствия.

## INTRODUCING STUDENTS WITH THE NATURAL DISASTER "LANDSLIDE" WHILE STUDYING THE THEME "FRICTION FORCE" IN THE XTH CLASS

According to the author, the study of ways to reduce the threat of natural disasters will help mitigate their consequences and increase the culture of students' attitudes towards the environment and the phenomena that occur in it. The article provides information on familiarizing students with the natural disaster "Landslide" when studying the topic "Friction Force" in the 10th grade and ways to reduce its threat. As a result of the analysis of the existing curriculum and textbooks in physics, pedagogical, methodical, educational literature, the author comes to the conclusion that the current curriculum and textbooks in physics create good conditions for students to learn about natural disasters and ways to reduce their risk. Familiarization of students with natural disasters and ways to reduce their risk is of great educational and educational value. Considering that physics studies natural phenomena and natural disasters are also natural phenomena, it is useful and easy to introduce students of secondary educational institutions to natural disasters and ways to reduce their threat during school physics classes To reduce the threat of natural disasters, it is necessary to know the causes of their occurrence. In the school physics course, the causes of most natural disasters are studied. Considering all this, the authors, when studying the topic "Friction Force" in the 10th grade, introduce students of secondary educational institutions to the natural disaster "Landslide". On the other hand, familiarizing students with ways to reduce the threat of natural disasters contributes to the development of skills and knowledge in explaining natural phenomena and technology.

**Key words:** concepts force, friction force, sliding friction, rolling friction, static friction, inclined plane, angle of inclination, coefficient of friction, whole body, humidity, landslide, natural disaster threats.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзоев Абдулазиз Маҷидович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори кафедраи методикаи таълими физика. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: (+992) **934 31 07 72**

**Сведение об авторе:** ***Мирзоев Абдулазиз Маджидович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант кафедры методики преподавания физики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: (+992) **934 31 07 72**

**Information about the author:** ***Mirzoev Abdulaziz Majidovich*** – Tajik State Pedagogical University named by S. Aini, doctorant of the Department of Physics Teaching Methods. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 121. Pone: (+992) **934 31 07 72**

УДК: 94,372-893

# БОНУИ ҲУНАРМАНД ВА РУШДИ ЭҲЁИ СӮЗАНИДӮЗӢ

*Ҳошимова Ш.Ф.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Фаъолгардонии шуғли занон, нақши онҳо дар бозорҳои меҳнат ва бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани занону духтарон дар меҳвари сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хоса Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Бо мақсади фароҳам овардани шароит ва имкониятҳои иқтисодии занон ва иштироки онҳо дар ҳаёти ҷомеа, баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат ва эҳёи ҳунарҳои миллии ниёгон тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ карда шудаанд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба рушди ҳунарҳои дастӣ дар сатҳи давлатӣ эътибор дода мешавад. Зеро бо ин роҳ фарҳанги миллиамон ҳифз мегардад. Ба тавсиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунарҳои дастӣ ” (аз якуми августи соли 2003, №43), қабул гаштани Барномаи рушди ҳунарҳои дастӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 (аз 31 октябри соли 2008,№513) такони ҷиддӣ дар ин самт мебошад [4].

Сарвари давлатамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсияти фарҳангдӯст буда, дар самти эҳё ва дастгирии анъанаҳои миллии ниёгон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд. Эҳёи намунаҳои беҳтарини суннатҳо ва анъанаҳои аҷдодӣ дар замони истиқлол суръати хос пайдо кардааст. Ҳамин аст, ки зина ба зина номгӯйи анъаноту суннатҳои мардумӣ эҳё ва густариш меёбад. Махсусан солҳои охир намунаҳои беҳтарини фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии миллӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар инкишоф меёбад, ки аз воситаҳои беҳтарин дар мусоидат барои пешрафти маънавии ҷомеа ба шумор меравад [15,с. 4].

Гулдӯзии (кашидадӯзии) тоҷикон, ҳунари нафисаи қадима буда, ҳамчун навъи зуҳуроти муҳимми ҳаёти инсоният ва як намуди санъати амалию ороишии мардумӣ, қисми муҳимми мероси фарҳанги умумиҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки намунаҳои волои гулдӯзии тоҷикиро дар аксари осорхонаҳои Тоҷикистон ва инчунин дар баъзе осорхонаҳои машҳури олам, аз ҷумла Чину Ҳиндустон дидан мумкин аст. Оғози пайдоиши гулдӯзӣ ба давраи аввали ҳаёти инсонӣ, яъне асри санг мансуб дониста шудааст. Зеро дӯхтан ва кӯк задан ҳангоми аз пӯсти ҳайвонҳо либос омода намудани инсони ҳаминдавра пайдо шуда, бо гузаштан аз истифодаи бигисҳои сангӣ, яъне сӯзанҳои он замона, ба устухонӣ ва дертар аз сӯзаниҳои устухонӣ ба сӯзанҳои фализӣ, биринҷӣ, оҳанӣ, фулодӣ, инчунин бо пайдо шудани бофандагию рангпадозии он, минбаъд рушду камол ёфтааст. Ба ҳайси ресмон дар давраҳои гуногуни таърихӣ, пашм, пахта, абрешим сонияти зару нуқра низ, ки омили пайдоиши ҳунари зардӯзӣ гардидаанд, истифода шудаанд [6, с.30].

Бинобар нисбатан осон будани ҳунари гулдӯзӣ он аз даврони қадим то имрӯз ҳамчун ҳунари мардум боқӣ монда, аҳамияти худро гум накард ва ҳоло ҳам як қисми муҳимми ороиши либос ва манзили зисти тоҷикон мебошад, ки намуду санъати ороишӣ дар шаҳру вилоятҳои қадимаи тоҷикони Хуросони бузург, аз ҷумла дар Балх, Ҳирот, Бадахшон, Суғд, Хатлон, Ҳисор, Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Конибодом, Исфара ва ғайра ривоҷ ёфта буд ва то имрӯз идома дорад. Намунаҳои қадим ва асримиёнагии

гулдӯзии тоҷикон аз ёдгориҳои Бостон, аз қабили Бохтар, Бухуро, Кӯҳи Муғ, Панҷакент, Самарқанд, Марв ва ғайра ёфт шуда, ҳамзамон онҳо дар деворнигораҳои ёдгориҳои гуногуни меъморӣ минокориҳо тасвир шуда, дар осори хаттӣ низ тавсиф ёфтаанд [6, с.25].

Бояд қайд кард, ки таркиби санъати гулдӯзӣ, кашидадӯзии (тоҷикӣ) нақшу нигори он мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки дар нақшу нигори гулдӯзиҳои тоҷикон манзараи сарзамини таърихӣ ва имрӯзаи онҳо, ҷаҳонбинӣ, анъана, афкори таърихӣ, зебопарастӣ, орзую омол, ҳамчунин чигунагии таъсири равандҳои таърихӣ ба ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти амалии онҳо таҷассум ёфта, дар навбати худ, нақши гулдӯзиҳо ба сарчашмаҳои муҳимми илмӣ ва фароғати маънавии инсони муосир мубаддал гаштааст.

Нақши гулдӯзиҳои тоҷикӣ мавриди омӯзиши як зумра олимон, аз қабили А.Бобринсикий, М.П.Винокурова, Н.Белинская, Н.Ершов, З.А.Широкова, О.А.Сухарева, Н.Юнусова, М.Рӯзиев, Л.Додхудоева ва дигарон қарор гирифта, онҳо дар гулдӯзиҳо 700 намуди нақшу нигорро муайян намудаанд. Дар асоси ақидаи олимон, нақши гулдӯзиҳо монанди аксари нақшҳои ороишӣ ба се гурӯҳи асосӣ: ислимӣ, ҳандасавӣ ва хаёлӣ (тахайюлӣ) ҷудо мешаванд. Сӯзанӣ бо сернақшии худ танҳо як воситаи ороишии манзилгоҳҳои тоҷикон набуда, балки ифодагари ҳаёти баланди маънавӣ ва ифтихори онҳост, ин навъи гулдӯзӣ ҳамчун намунаи эҷози дасти инсон бо зебоӣ ва ҳашамати худ аз фаршу қолинҳои машҳур камӣ надорад. Ҳаҷми маъмулии сӯзаниҳо дар Суғду Хатлон ба ҳисоб 200х300 см;, 300х400 см; ва 500х300см мешаванд. Нақшҳои косагулӣ қисми асосии нақши сӯзаниҳоро ташкил менамояд. Дар сӯзаниҳо аз як то 12 косагул духта мешавад, ки атрфои косагулҳо бо ҳошияҳои зебо зиннат дода мешавад [10, с.9].

Санъати ороиши кашидадӯзӣ - сӯзанӣ яке аз беҳтарин ороишоти миллии фарҳанги тоҷикон ба шумор меравад. Сӯзанӣ аз гурӯҳи кашидадӯзиҳои миллии тоҷик ба шумор рафта, яке аз сернақшунигортарин офарадиҳои ҳунарҳои дастии гулдӯзии занон мебошад. Сӯзаниро асосан дар тӯйҳои арӯсӣ, барои ороиши зебопарастӣ дар хонаю деворҳо, ҳангоми тантанаи ҷашнҳои миллӣ ва авлодиву оилавӣ истифода мебаранд. Сӯзаниро якчанд нафар дӯзандагон гурӯҳ – гурӯҳ шуда медӯзанд. Онро дар рӯйи матои карбос, матин, шоҳию бахмалҳои ранги сабзаш баланд, сиёҳ, гӯлас, гулдӯзӣ мекунанд ва барои бадоштӣ ба пасаш астар кашида, дар атрофаш шероза медавонанд [6, с.13].

Тарз ва услуби дӯхти сӯзании ҳар маҳал гуногун мебошад. Тарзи дӯхти сӯзании шаҳри Хуҷанд фосилаи байни гулҳояш васеъ буда, аз шохаҳо, буттаҳо гулдоираҳо иборат мебошад. Ҳунармандон асосан дар рӯйи сӯзанӣ нақши анор, корд, қаланфурро кашидадӯзӣ мекунанд. Масолеҳи сӯзаниро худи занҳо ва духтарон аз пилла ресмон тайёр намуда, онро рангубор мекарданд. Баъзан матоъҳоро харида, дар рӯйи он кашидадӯзӣ менамоянд [12, с.15].

Бо вуҷуди гуногунрангии композитсияи сӯзанӣ, тарзу нақши он бояд ба талаботи гулдӯзӣ қатиян мувофиқат намояд, ва дӯзандаҳо аз он набояд андаке бошад ҳам дур раванд. Дар ороиши сӯзаниҳо гулдоираҳо ва акси буттаи растанӣ фаровон истифода мешавад. Гулдоира аз ороиши бузурги гирдшакл иборат буда, марказашро асосан гули хурд ё нақши гирд ташкил медиҳад [10, с.9]. Хушбахтона, ки сӯзанидӯзӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ ва дигар суннатҳои миллӣ дар қолабиқадимӣ ва шаклу услуби нави миллӣ эҳё ва дар пайи рушд қарор доранд. Санъати амалӣ ва ороишӣ аз қадимулайём писандидатарин соҳаи ҳунари тасвирии тоҷикон буд. Пурнурӣ ва бикрияти таркибҳои наққошии гулдӯзӣ, нафосату зарофати наққошӣ ва наҷҷорӣ, зарробии филизӣ, зебоии зебу зиннати ҷавоҳиротӣ ва хусусияти хосси сафолгарии миллӣ барои фарзандон оҳангҳои ҳайратангез,

шаклҳои тааҷҷубовар ва ҳикоятҳои аҷибро доир ба ҳаёти халқ, таърих ва фарҳанги он нигоҳ доштаанд [3, с.8].

Гулдӯзӣ ба таври доимӣ ҳиссаи асосии зебу ороиши либос ва бошишгоҳи тоҷиконро ташкил медод. Дар ҳар хонадон, албатта, ягон анвои гулдӯзӣ мавҷуд аст, ки онро соҳибхона бо меҳру муҳаббат нигаҳбонӣ мекунад. Ҳунари оро додани матоъҳо дар байни тоҷикон асрҳои аср вуҷуд дорад. Ҳафриёти бостоншиносии қалъаи суғдии асрҳои VII-VIII мелодӣ инро ошкор сохт [2, с.27].

Ҳунари гулдӯзӣ дар ҳаёти тоҷикон вазифаи муҳимро адо карда, онҳоро аз хурдсолӣ ба олами зебоӣ наздик менамояд. Бисёр тааҷҷубангез аст, ки дар гузашта ҳарчанд ҳунарҳои дастӣ ва дӯзандаҳои чирадаст бори машаққат ба дӯши худ доштанд, осори онҳо ҳамеша бо хусусияти дурахшони ҳаётдӯстона ва хушбинона фарқ мекард.

Марказҳои гулдӯзии халқӣ дар бисёр шаҳру навоҳии кишвар амал мекунанд, ки дар байни онҳо Хуҷанд, Истаравшан, Самарқанд, Бухоро, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвозро номбар кардан мумкин аст. Одатан курта, сӯзанӣ, болишт, ҷойпӯш, зардеворӣ, тоқӣ, гавҳорапӯшак, чойхалта, камарбанд, хурҷинча, ҷойнамоз ва ғайра гулдӯзӣ карда мешавад. Ҳар нақши дар болои матоъ духташуда “гулдӯзӣ” ном дорад. Чунончи, косагул, аштак, гули анор, барги бед, “маҷнунбек”, бодомак, ислимӣ, каҷҷак, лола, райҳон, тоҷи хурӯс, булбул, думи товус, морпечон, моҳу ситора, пойи гунҷишк ва ғайраҳо мебошанд [11, с.10]. Дар байни гулдӯзиҳои калонҳаҷми тоҷикӣ сӯзанӣ, ҷои махсусро ишғол менамояд.

Сӯзанӣ матоъест, ки нақшу нигори рӯяш бо ресмонҳои рангоранг гулдӯзӣ шудааст. Одатан, онро барои зиннати деворҳо чун қолин ба кор мебаранд. Барои дӯхтани сӯзанӣ бештар сатин, шоҳӣ ва махмалро истифода мебаранд. Тарҳи сӯзанӣ ислимиву паргорӣ иборат буда, аксар дар мобайни худ гули доирамонанд ва канорҳояш ҳошияҳо доранд. Сӯзанидӯзӣ дар байни халқи тоҷик ривоҷ ёфта, ҳар ноҳия усули нигориши хосси худро дорад. Маҳсули ҳунари чеварони Самарқанду Бухоро Хуҷанду Ӯротеппа, Кӯлобу Бадахшон, ҳар яке бо вуҷуди умумиятҳо, байни худ фарқ мекунад [2, с.15].

З.А.Широкова дар мақолаи «Вышивка таджиков Верхнего Зеравшана» менависад, ки санъати гулдузӣ дар минтақаи Зарафшони Боло дар ҳама ҷо якхела нест. Дар деҳаҳои Шинг, Моҳиен, Кштут гулдузӣ хеле паҳн шудааст, дар баъзе вақтҳо ҳунари дастии қуроқ сузанӣ ҳам машҳур аст [7, с.12].

Аз байни онҳо шаҳри Хуҷанд бо хосиятҳои услубии худ аз ин ё он марказҳои бадеӣ фарқ мекунад. Дар ин ҷо Мафтуна Пӯлотова фаъолияти ҳунари дастидӯзӣ дорад, ки содиқи касбӣ аст. Маҳсули омодакардааш хонаи мардумро оро медиҳад. Мафтуна Пӯлотова дар маркази таҳсилоти иловагии вилояти Суғд ба ҳайси роҳбари маҳфили сӯзанидӯзӣ фаъолият мебарад. Тавре худи ҳунарманд қайд мекунад, “...ба технологияи суғдӣ кори худро омода мекунам. Гулдӯзӣ заҳмат, маҳорат аст, ки заҳмати зиёдро талаб мекунад. Масалан, барои тайёр кардани як таксарӣ 12 рӯз лозим аст. Барои дӯхтани нақш хоҳиши харидорони маҳсулотро ба назар мегирем” [12].

Аз маҳсулоти дастии ин бонуи ҳунар маълум мешавад, ки таксариҳо бо эҳёи унсурҳои миллӣ омода мегарданд. Дар яке аз таксарҳо нақши офтоб тасвир шудааст. Ин нақшу нигор аз Зулфия Баҳриддинова мерос мондааст.Ҳунарманди машҳури санъати гулдӯзӣ дар шаҳри Хуҷанд Зулфия Баҳриддинова, ки бо сӯзанидӯзӣ дар олам машҳур буданд, санъати волоро ин дузандаи моҳири тоҷик, тамоми ҳиссиёт, орзу ва ақидаҳои худ ва ҷомеаро дар бораи нақшу нигори сӯзаниҳо ифода мекард, бо вуҷуди он қодир буд, ки

дар тасвирот ва ороишоти бойи худ, дар бораи ҳаёти инсон нақшҳои хеле гуногун офаранд [14]. Мафтуна Пӯлотова нақшу нигор аз гулҳои сӯзанӣ тасвир кардаи Зулфия Баҳриддиноваро хурд карда, барои таксарӣ омода мекунад. Дар сӯзаниҳо нақшҳои даврагӣ зиёдтар тасвир мешаванд. Нақши даврагӣ ҳаёт, умр, ситора, гардиши дунёро тасвир мекунад.

Дар яке аз таксариҳои Мафтуна Пӯлотова анор тасвир шудааст. Анор бо шохаҳояш чун модар, донаҳояш чун фарзандон мебошад. Туҳфаи чунин таксариҳо дар хонадони тоҷик хурсандӣ меорад. Нақши қаланфур дар сӯзанӣ нишони эмин аз чашми бад мебошад. Мафтуна Пӯлотова дар вақти дӯхтани сӯзанӣ меҳру муҳаббати худро изҳор мекунад. Ӯ мегӯяд, ки дар хона нигоҳ доштани лавозимотҳои дастидӯхт ба хонадон энергияи мусбӣ меорад. Ин ҳунарманди асил аз хурдӣ ҳунари бофандагиро омӯхта буд. Интихоби рангубор гуногун аст. Устоди вай дар ҳунари сӯзанидӯзӣ Ҳурматой Мамадҷонова мебошад. Мавсуф аз ҳунармандони вилояти Суғд, шогирди Зулфия Баҳриддинова аст. Мафтуна Пӯлотова худ хатмкардаи факултети филологияи рус мебошанд. Аз касби интихобкардаи худ мефахрад. Шукр мегӯяд, имрӯз ҳукумат ба рушди ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳи зиёд дода истодааст. Ҳунари дӯзандагӣ нозукиҳои худро дорад. Аз назари Мафтуна Пӯлотова, ҳунарманд бояд рассом, соҳиби асабҳои мустаҳкам, босабру таҳаммул бошад. Зеро барои омода кардани сӯзанӣ тоқати зиёд лозим аст. Як сӯзанӣ дар муддати 50 рӯз дӯхта мешавад.

Гулдӯзӣ дар сӯзанӣ такрор паси ҳам омада аз андозаи хурд ибтидо гирифта, торафт калонтар мешавад, билохира намуди нақшу нигорро мураттаб месозад.

Шакли аз ҳама бештар паҳншудатарини компазитсияҳо аз 6 то 9 гулдоира иборатанд, ки дар симетрии қатъии ҳамдигар қарор гирифтанд. Онҳо метавонанд мисли хонаҳои шоҳмот навбат ба навбат бо буттаҳо ё гулҳои намуду шакли ҳархела дошта ва каҷакҳо такрор шаванд [12]. Сӯзаниро дар девор меовезанд ё бо он болои сандуқро ороиш медиҳанд. Мафтуна Пӯлотова чи тарз дӯхтани сӯзанӣ ва чӣ хел арзиш доштани онро қайд намудааст: “Аз қадим дар урфияти тоҷикон омадааст, ки дар оилае, ки духтар таваллуд мешавад, бо умеде ки тез ба воя расад ва худ соҳибхоназан шавад сӯзанӣ дӯхтанро оғоз мекунанд, ки дар муддати як-ду моҳ то баромади чиллаи кӯдак - 40 рӯз баъд аз таваллуд, дӯхтани сӯзаниро ба охир мерасонанд. Аммо баъзан сӯзаниҳо дар арафаи тӯйи духтар ба анҷом расонида мешавад” [12].

Аз гуфтаҳои ҳунарманд бармеояд, ки сӯзанӣ меҳнату вақти зиёд ва масъулияти баландро талаб мекунад. Арзиши сӯзанӣ дар бозори имрӯза вобаста ба тарзи дӯхтанаш аз 500 - 800 сомон то 3000- 4000 сомонро дар бар мегирад.

Чуноне ки Мафтуна Пӯлотова қайд мекунад, барои дӯхтани сӯзанӣ танҳо ресмонҳои пахтагин, абрешиминро истифода мебарад. Ороиши сӯзаниро амаки ӯ -наққоши машҳур Усмонҷон Ҳомидов ба анҷом мерасонад.

“Агар сузанидӯз маҳорати рассомӣ дошта бошад, ӯ худаш метавонад сӯзаниро ороиш диҳад. Ин аз қобилияти эҷодкории ӯ вобаста аст. Ӯ бояд худаш намудҳои гуногуни ороиши сӯзаниро тасвир карда тавонад” – қайд мекунад Мафтуна Пӯлотова ва иқрор мешавад, ки нақшҳои амакаш ба ӯ бисёртар писанд меояд [12]. Дар асоси талабот ва фармоиш сӯзаниҳои ин бонуи ҳунарманд ба бозорҳои Аврупо, Амрико, Душанбе ба фурӯш мераванд.

Мафтуна Пӯлотова дар муддати 8-10 соли фаъолияти корӣ зиёда аз 40 шогирдро тарбия кардааст. Тайёр кардани шогирд вобаста ба завқаш аст. Мафтуна мегӯяд, ки ҳар як

шахс бояд ҳунар омӯзад. Духтароне, ки хислатҳои ором доранд, шогирди хуб мешаванд ва дар зиндагӣ зани хуб, модари хуб шуда метавонанд. Модарони имрӯзаро зарур аст, ки духтарони худро ҳунар омӯзонанд. Ба ғайр аз санъати сӯзанидӯзӣ, Мафтуна Пӯлотова боз дӯзандаи моҳир будааст. Либосҳои духтаи худро ӯ ба сомонаҳои иҷтимоӣ, махсусан Facebook, ки дар он ҷо бисёр миҷозон ӯро мешиносанд, ворид мекунад. Ба гуфтаи ӯ, бисёртар ба ӯ курта, ҷойнамоз ва рӯйҷо фармоиш медиҳанд. “Фармоишро бисёртар қабул менамоям, зеро назар ба сӯзанӣ дӯхтани куртаҳои миллӣ вақти на он қадар зиёдро талаб мекунад ва арзиши баланд ҳам надорад” – мегӯяд Мафтуна Пӯлотова [12].

Корҳои Мафтуна Пӯлотова аллакай дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ шинохта шудаанд. Масалан, дар фестивали ҷумҳуриявии “Андалеб” корҳои ӯ баҳои баланди аъзои ҳакамон ва иштирокчиёнро гирифтаанд.

Занони сӯзанидӯз, ки табиатро хеле нозук эҳсос мекунанд, дар гулдӯзии хеш, олами рангини атрофи худро ба таври хосса инъикос карда, ҳиссиёт ва таассуроташонро дар он баён месозанд. Дар ҳар хонадони тоҷик сузанӣ мавҷуд аст, ки онро соҳибхона бо меҳру муҳаббат нигоҳ медорад. Дар айёми туйю сур пушидани руйи деворҳо, пироҳанҳои арӯс оро дода, зеби хонаро дучанд мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳунари сӯзанидӯзӣ рӯз аз рӯз рушд мекунад. Ҳунарҳои дастӣ пайвандагари наслҳост. Эҳёи ҳунарҳо асосан бо шарофати соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон роҳандозӣ гашт. Иқдомҳои неки Сарвари давлатамон барои рушду тараққӣ ёфтани касбу ҳунарҳои суннатӣ ҳамарӯза эҳсос мегардад.

Сӯзанидӯзӣ як намуди волои мероси умумбашрӣ маҳсуб ёфта, қисми асосии онро ҳамчун санъати нафис нақшу нигор ташкил медиҳад, ки олами пурғановати маънавӣ, зебописандиву созандагӣ ва соҳиби таъриху фарҳанги оламгир будани тоҷиконро ифода менамояд.

**Муқарриз: Раҳимов Н.Т.- профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Азизи Ф. Санъати суннатии гулдӯзӣ (албом бо забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ). – Душанбе, 2012. -С.120.
2. Винокурова М.П. Ткани из замка на горе Муг / М.П. Винокурова // Известия АН Тадж. ССР. – 1957. - №14. – С.27-32.
3. Гулдӯзии тоҷикӣ. Дар зери таҳрири Н.Нурҷонов. – М.: Искусство, 1979. – 120 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунарҳои дастӣ ” (аз якуми августи соли 2003, №43).
5. Массов Р. Санъати мардуми Тоҷикистон / Р. Массов. –Душанбе, 2005.-С.13.
6. Маҳмудова М. Эҳёи ҳунарҳои тоҷикӣ / М. Маҳмудова. – Хуҷанд, 2016. – 34 с.
7. Муҳаммадова Р. Сеҳри сӯзану ришта / Р.Муҳаммадова //Рӯзномаи “Нилуфар”.-№11, аз 07.03.2002.
8. Рӯзиев М. Гулдӯзии тоҷикӣ / М Рӯзиев. – Душанбе, . -С. 179.
9. Рӯзиева М.Д. Технологияи коркарди матоъ / М.Д. Рӯзиева. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 110 с.
10. Рӯзиева М.Д. Зардӯзӣ / М.Д.Рӯзиева, И.М.Мухаммедсаидова // Нури маърифат. – Хуҷанд, 2019. –С. 195.
11. Сухарева О.А. Ходженская сузанӣ / О.А. Сухарева //Этнография Таджикистана. – Душанбе, 1985. -С.29.
12. Суҳбат бо Мафтуна Пӯлотова аз 20 октябри соли 2021.
13. Хижняк Ю.Н. Нақшу нигори тоҷикӣ / Ю.Н. Хижняк. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 48 с.
14. Хуршедаи Содиқ. Сеҳри сӯзаниҳои Зулфия Баҳоваддинова. - Хуҷанд, 2007. 34с.
15. Ҷӯразода Ҷ.Ҳ. Аз таърихи ҳунарҳои мардумӣ / Ҷ.Ҳ. Ҷӯразода, Ҷ.Б.Исомаддинов, И.У. Раҳимов. – Хуҷанд, 2021. – 239 с.
16. Широкова З.А. Декоративные вышивки таджиков верховьев Зеравшана// История и этнография народов Средней Азии(сборник статей) / З.А. Широкова.– Душанбе: Дониш, 1981.- С.129.


**БОНУИ ҲУНАРМАНД ВА РУШДИ ЭҲЁИ СӮЗАНИДӮЗӢ**


Мақола ба эҳёи ҳунари дастӣ дар кишвари мо, ки ҳамчун пайвандгари наслҳои муосиру оянда, нишондиҳандаи занони ҳунарманди тоҷик хизмат мекунад, бахшида шудааст. Дар мақола оиди рушди ҳунарҳои дастӣ маълумот дода шудааст. Чуноне ки қайд шудааст, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба

рушди ҳунарҳои дастӣ дар сатҳи давлатӣ эътибор дода мешавад. Эҳёи намунаҳои беҳтарини суннатҳо ва анъанаҳои аҷдодӣ дар замони истиқлол суръати хос пайдо кардааст. Дар ҳар хонадон, албатта, ягон анвои гулдӯзӣ мавҷуд аст, ки онро соҳибхона бо меҳру муҳаббат нигаҳбонӣ мекунад. Ҳунари зебу оро додани матоъҳо дар байни тоҷикон асрҳои аср вуҷуд дошт. Ҳунари гулдӯзӣ дар ҳаёти тоҷикон вазифаи муҳимро адо карда, онҳоро аз хурдсолӣ ба олами зебоӣ наздик менамояд. Дар мақола оиди як зани тоҷик Мафтуна Пӯлотова сухан меравад. Нақши зани ҳунарманд дар ҷомеаи имрӯза баланд аст. Мафтуна Пӯлотова яке аз эҳёкунандагони ҳунари дастии сӯзанидӯзӣ мебошанд. Мафтуна Пӯлотова дар вақти дӯхтани сӯзанӣ меҳру муҳаббати худро изҳор мекунад. Ин ҳунарманди асил аз хурдӣ ҳунари бофандагиро омӯхта буд. Устоди вай дар ҳунари сӯзанидӯзӣ Ҳурматой Мамадҷонова мебошад. Аз касби интихобкардаи худ мефахрад. Шукр мегӯяд, имрӯз Ҳукумат ба рушди ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷӯҳи зиёд дода истодааст. Аз назари Мафтуна Пӯлотова, ҳунарманд бояд рассом, соҳиби асабҳои мустаҳкам, босабру таҳаммул бошад. Зеро барои омода кардани сӯзанӣ тоқати зиёд лозим аст.

**Калидвожаҳо**: ҳунарҳои дастӣ, сӯзанидӯзӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ, наққошӣ, фарҳанги моддӣ, соҳибхона, ороиш матоъ.

### ЗНАМЕНИТАЯ МАСТЕРИЦА И ВОЗРОЖДЕНИЕ ИСКУССТВА СУЗАНИ

Статья посвящена возрождению народных промыслов в нашей стране, которые, являясь связующим звеном между современным и будущими поколениями, отражают трудолюбие нации и таджикских женщин-мастериц. В статье рассказывается о развитии ручных ремесел. Как отмечается в статье, в независимом Таджикистане развитие народных ремесел осуществляется на государственном уровне. Возрождение лучших примеров традиций и обрядов предков в период независимости обрело особое значение. В каждой семье, конечно, есть один пример вышивки, который хозяйка оберегает с любовью. Ремесло украшения ткани среди таджиков существовало веками. Ремесло вышивания играет важную роль в жизни таджиков, сближает их с младенчества с мирам красоты. В статье рассказывается об одной таджикской женщине, Мафтуне Пулотовой. В сегодняшние дни роль женщины-ремесленницы очень высока. Мафтуна Пулотова - одна из возрождателей ручного вышивания. Мафтуна Пулотова в вышевке выражает свою любовь. Это талантливая ремесленница с детства изучала ремесло вышивки. Её наставницей в ремесле вышивки является Хурматой Мамаджонова. Она гордится своей профессией. Она выражает благодарность правительству за то, что оно уделяет особое внимание развитию народных промыслов. Как говорит Мафтуна Пулотова, ремесленница должна быть художником, обладать устойчивостью, терпением, потому что, чтобы создать ” сузани” требуется большое терпение.

**Ключевые слова**: ручные промыслы, вышивка, золотшвейное мастерство, вышивание, материальная культура, домохозяйка, оформление ткани.

### FAMOUS CRAFTSWOMAN AND THE REVIVAL OF SUZANI

The given article deals with the developing handcrafts, which shows the ability of Tajik women in our country. The author notes, that in independent Tajikistan the great attention is paid to the development of handcrafts at the state level. The revival of the best example of ancestral traditions and customs has gained momentum since independence. There is a kind of embroidery in every Tajik house, of course, which is lovingly careal for by the host. The art of weaving fabrics has existed among Tajik people for ages. Embroidery plays an important role in the Tajic’s life, bringing them closer to the beautiful world. The article speaks about Maftuna Pulotova. As we know the role the mistress in our life is very high. Maftuna Pulotova is one of the revivals of needlework. She expresses her love while sewing a needle. This craftsman has learned weaving from her early ages. Her master in needlework is Hurmatoy Mamadjonova. Maftuna is proud of her chosen profession. She is very pleased that – today our government pays much attention to the development of handcrafts. Maftuna thinks that the craftsman should be a strong-willed, patent and tolerant, because it takes a lot of patience to prepare a needlework.

**Key words**: handicrafts, needlework, painting, embroidery, material culture, housewife, fabric decoration.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳошимова Шафоат Файзуллоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б., дотсенти кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков. E-mail: **shafoat2603@mail.ru**. Телефон: **(+992) 92-990-14-45**

**Сведение об авторе:** ***Хошимова Шафоат Файзуллаевна*** **-** Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, доцент кафедры методики преподавания истории и права. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, переулок Мавлонбекова, E-mail: **shafoat2603@mail.ru**.
Телефон: **(+992) 92-990-14-45**

**Information about the author:** ***Hoshimova Shafoat Fayzullaevna*** - Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov docent of department of Methods of Teaching History and Law Address:735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlombekov lane, E-mail: **shafoat2603@mail.ru**. Phone: **(+992) 92-990-14-45**

**УДК 373:054**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ МОДЕЛҲОИ ГУНОГУН ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Бурҳонов Қ.Т., Юсупова З.А.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Истилоҳи "модел" дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон васеъ истифода бурда мешавад. Мафҳуми «модел» дар раванди омӯзиши таҷрибавии ҷаҳон пайдо шуд ва калимаи «модел» аз калимаҳои лотинии «modus», «modulus», ки маънои андоза, тасвир, усулро дорад, гирифта шудааст.

Дар бораи мафҳуми «модел» нуқтаи назари гуногун мавҷуданд. Ҳамин тариқ, В. А. Штоф зикр менамояд, ки модел чунин як системаи ақл ё тасаввуроти аз ҷиҳати моддӣ даркшуда мебошад, ки объектро намоиш ва таҷдид мекунад, то омӯзиши он дар бораи ин объект маълумоти нав пешниҳод кунад.

Моделҳо ва моделсозӣ дар барномаи таълимии мактабҳо ба таври васеъ пешниҳод карда шудаанд. Моделҳои оддии математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омӯзиши арифметикӣ пайдо мешаванд. Дар оянда шумораи моделҳо меафзояд, моделҳо мураккаб мегарданд. Моделҳо дар чунин фанҳо, ба монанди математика, биология, ҷуғрофия, химия ва ғайра мавҷуданд.

Моделсозӣ тули солҳои дароз равандҳои омӯзишро ҳамроҳӣ мекунад. Аммо азбаски усули таълими моделсозӣ нисбатан ба наздикӣ шинохта шудааст, мафҳуми илмии модел ва моделсозӣ то ҳол ба методологияи таълими математикаи мактаб ба таври кофӣ ворид нашудааст.

Дар илми методологӣ таърифҳои гуногуни моделсозӣ мавҷуданд**.** «Моделсозӣ ин ҷараёни ташаккул додани моделҳо барои ҳама гуна ҳадафҳои маърифатӣ мебошад. Модел объект ё системаест, ки омӯзиши он ба воситаи ба даст овардани маълумот дар бораи объекти дигар - аслӣ хизмат мекунад» [7,с.10].

Усули аёният дар таълимро Я. А. Коменский асос гузошта, «қоидаи тиллоӣ» номида буд. И.Г. Песталотси дертар усули аёниятро ба воситаи асосии таълим мубаддал гардонд. К.Д. Ушинский навишта буд, ки бачагон ба воситаи образҳои маълум фикр мекунанд, аз ҳамин сабаб такя ба маърифати ҳиссиётӣ шарти зарурии таълим мебошад.

Аёният дар таълим гуфта, ташкили кори ҳиссиёти хонандагонро дар донишгирӣ мефаҳманд. Ин чунин маъно дорад, ки хонандагон олами воқеиро бо ёрии ҳиссиёт дар шакли эҳсосот, идрок, тасаввурот, тафаккури образӣ қабул мекунанд. Талаба бо ёрии аёният дар хусуси ҳайвоноту растаниҳо, мусиқӣ, меҳнат ва рӯзгори одамон тасаввуроти нав пайдо менамояд, ки сабаби инкишофи маълумоти умумиаш мешавад.

Психологҳо исбот кардаанд, ки моделсозӣ барои корҳои таълимӣ аҳамияти муҳим дорад. Натиҷаи муҳимтарини таҳқиқоти психологӣ барои илми методӣ ин хулоса буд, ки **ҳатто** хонандагони синну соли мактаби ибтидоӣ метавонанд барои омӯзиши объектҳои ба онҳо додашуда амали моделсозиро анҷом диҳанд. Ҷанбаҳои гуногуни раванди татбиқи моделсозӣ дар зинаҳои гуногуни рушди таълими ибтидоӣ баррасӣ карда шуданд. Бо вуҷуди ин, моделсозии графикӣ асосан бо масъалаи омӯзиши ҳалли матн алоқаманд буд.

Дар таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ, принсипи визуализатсия яке аз принсипҳои асосии таълим мебошад, ки мувофиқи он таълим ба тасвири мушаххаси хонандагон асос ёфтааст. Ин ба он вобаста аст, ки дар ҷараёни зиндагӣ, омӯзиш се навъи тафаккур дар кӯдак пайдарпай ташаккул меёбад: визуалӣ-таъсирбахш, визуалӣ-тасвирӣ ва абстрактӣ-назариявӣ, дар ҳоле ки онҳо дар ҳамбастагии зич бо ҳамдигар инкишоф меёбанд.

Ҳамин тариқ, идеяи моделсозӣ моҳияти худи принсипи визуализатсияро ифода мекунад.

***Моделсозӣ*** ин ивазкунии як ашё ба сӯйи дигар барои гирифтани маълумот дар бораи хусусиятҳои муҳимтарини объекти аслӣ бо истифода аз объекти моделӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ***моделсозиро*** ҳамчун нишон додани як объект аз ҷониби модел муайян кардан мумкин аст, ки он дар бораи ин объект тавассути гузаронидани таҷрибаҳо бо модели он ба даст оварда шавад. Назарияи иваз кардани баъзе объектҳо (аслӣ) ба дигар объектҳо (моделҳо) ва омӯзиши хосиятҳои объектҳо дар моделҳои онҳо назарияи моделсозӣ номида мешавад.

Ҳамин тариқ, модел як пешниҳоди визуалии мавзуи омӯзиш мебошад.

Дар марҳилаи кунунии таълим, таълими рушд ба таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба усулҳои умумии фаъолияти ақлӣ ва дар математика ба усулҳои умумии азхудкунии мафҳумҳои риёзӣ дахл дорад. Ин раванд метавонад дар як низоми анъанавии омӯзиш барои ҳалли масъалаҳои математикӣ бо истифода аз усули моделсозӣ татбиқ карда шавад. Он хонандагони мактабро ба фаъолияти ҷустуҷӯӣ таҳрик медиҳад, дар ташаккули чунин усулҳои фаъолияти руҳӣ, ба монанди абстраксия, таҳлил, синтез кумак мекунад; тафаккури математикиро инкишоф медиҳад. Моделсозии супоришҳо ба хонандагони хурдсол имкон медиҳад, ки ба як зинаҳои баланди абстрактӣ гузаранд.

Масъалаи матнӣ як модели шифоҳии вазъи муаммовӣ мебошад. Барои ҳалли масъала, онро ба забони амалҳои математикӣ тарҷума кардан лозим аст, яъне сохтани модели математикӣ. Тарҷумаи матн аз забони табиӣ ба забони математикӣ раванди мураккаб мебошад. Пас ҷараёни ҳалли масъаларо метавон ҳамчун гузариш аз як модел ба модели дигар баррасӣ кард: аз модели шифоҳӣ ба модели ёрирасон, аз он ба модели математикӣ, ки дар он масъала ҳал карда мешавад. Модели математикӣ тавсифи равандҳои воқеӣ дар забони математикӣ мебошад.

Чунин равиш дар ҳалли масъала аз ҷониби равоншиносон ҳамаҷониба дастгирӣ карда мешавад. Онҳо боварӣ доранд, ки раванди ҳалли масъала ин ҷараёни ҷустуҷӯи системаи моделҳо мебошад. Ҳар як модел ҳамчун яке аз шаклҳои инъикоси моҳияти масъала амал мекунад ва табдилёбии он бо роҳи тадриҷан ҷамъбасткунӣ, абстраксия ва дар ниҳояти кор, сохтани модели математикии он идома меёбад. Ҳамин тавр, барои ҳалли масъала, яъне, ба модели математикӣ сохтани модели фосилавӣ - ёрирасон зарур аст.

Масъалаҳо ҳам як намуди машқ мебошанд ки мазмуни математикии онҳо ба воситаи матн ифода меёбад, ба сифати як намуди муҳимми машқҳои математикӣ қабул намудани масъалаҳои математикӣ боиси он мегарадад, ки масъалаҳо дар таълими математика мавқеи мустақил пайдо намекунанд ва ҳамчун воситаи ёридиҳанда ҳангоми таълими ҳамаи мавзуъҳо мемонанд. Вобаста ба мақсади ҳар лаҳзаи таълим ба сифати машқ ҳамин хел масъалаҳои матниро интихоб намудан мумкин аст, ки бо ёрии онҳо вазифаи гузошташудаи таълими иҷро мешавад.

Қисми муҳимми таркибии барномаи математикаи мактабии синфҳои ибтидоӣ, маҷмуиададҳои бутуни ғайриманфӣ, ифодаҳои математикӣ оид ба чор амали арифметикӣ, бузургиҳо, ҳисса, каср ва масъалаҳо мебошанд.

Оғози ҳалли масъалаҳо дар синфи як аз рӯйи расмҳо (модел) ба хонандагон шинос карда мешавад, масалан: [13, с.84]




Масъалаи 1.10 – то тухм буд ва яктояш тухм шикаст. Чандто тухм монд?
Д.Ш.А.
Буд – 10 то тухм
Шикаст – 1 то тухм
Монд - ?
Ҳ а л :
10 – 1 = 9 (тухм).
Ҷавоб: Дар табақ 9 – то тухм монд.

Масъалаи 2.Дар дасти Ҳикмат чорто гули сурх буд ва дугонаш Меҳринисо боз 5-то гули сурх дод. Дар дасти Ҳикмат чандто гули сурх шуд?
Д.Ш.А
Ҳикмат – 4-то гули сурх
Меҳринисо – 5 –то гули сурх дод.
Ҳамагӣ - ?
Ҳ а л :
4 + 5 = 9 (гули сурх)
Ҷавоб: дар дасти Ҳикмат 9-то гули сурх шуд.
2. Адади 9 : 9 Адади 6: 6 Адади 10: 10
4 5 2 4 8 2

Яке аз воситаҳои ҳал намудани масъалаҳо модели графикӣ мебошад. Дар доираи модели графикӣ тасвири амалиёт бо ёрии графикӣ на танҳо объекти тадқиқот, баъзе аз хосиятҳо ва муносибатҳои худро бозмегардонад, балки барои омӯзиши минбаъдаи онҳо низ имкон медиҳад.

Сохтори масъаларо бо истифодаи моделҳои графикӣ дида мебароем.

“Карим 5 дарахтро тасвир кард, Воҳид бошад 3- то зиёд дарахтро тасвир кард. Воҳид чанд дарахт тасвир кард? ”

**Расм :** К. ♣ ♣ ♣ ♣ ♣
В. ♣ ♣ ♣ ♣ ♣ ♣ ♣ ♣
?
Нақша **:** К. ○ ○ ○ ○ ○
В. □ □ □ □ □ □ □ □
?
**Нақша:** 5д.
К. 3д.
В.



?
**Нақшаи схемавӣ: **



5д.
К. 3 д.

В.
?



Кор аз рӯйи моделсозӣ аз синфи 1 оғоз меёбад. Аввал, бо истифода аз нақшаҳо ва нақшаҳои схемавӣ масъалаҳо модел карда мешаванд.

**Масъалаи № 1**: Писарак 3 тӯби сурх ва 2 тӯби кабуд дошт. Писарак ҳамагӣ чандто тӯб дошт?




**Масъалаи № 2** :Саид 6-то себ дорад. Ӯ 2-тояшро ба хоҳараш дод. Дар дасти Саид чандто себ монд?




Моделсозӣ равандест, ки берун аз синну соли ибтидоии мактаб ва дар дигар намудҳои фаъолияти инсон сурат мегирад ва ба сатҳи нави рушди он мерасад. Бо истифода аз моделсозӣ, мо метавонем таҳқиқотро аз сода ба мураккаб, ба омӯзиши ҳамаҷониба расонем. Моделсозӣ ба хонандагон чӣ фоида меорад?

Якум, ворид намудани мафҳумҳои моделӣ ва моделсозӣ ба мундариҷаи таълим мавқеи хонандагонро нисбати ин мавзуъ ба куллӣ тағйир медиҳад, фаъолияти таълимии онҳоро боз ҳам самарабахштар мекунад ва боиси ҳисси муваффақият мегардад.Дуюм, таълими мутамарказ ва муназзам дар усули моделсозӣ хонандагонро бо усулҳои донишҳои илмӣ наздиктар месозад ва рушди зеҳнии онҳоро кафолат медиҳад.Сеюм, моделсозӣ усули ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон буда, фаъолияти зеҳниро зиёд мекунад.Аз ин рӯ, моделсозӣ дар таълими математика як усули систематикӣ мебошад, ки ин усули ташаккули мафҳумҳои риёзӣ дар байни хонандагон ва ҳавасманд кардани онҳо ба иҷрои қоидаҳои риёзӣ, инчунин истифодаи моделҳо ҳамчун дастгирии берун ҳангоми ҳалли масъалаҳои матн мебошад. Ҳалли ягон масъала бо усули математикӣ бо интихоби тартиби ҳисоб алоқаманд аст, ки дар натиҷаи он ба савол ҷавоб дода мешавад. Барои осон кардани ҷустуҷӯи модели математикӣ истифодаи моделҳои ёрирасони навъҳои гуногун зарур аст. Муаллими синфҳои ибтидоӣ бояд маҳорати хонандагонро дар ҳалли муаммо ташаккул диҳад. Инро барнома талаб мекунад. Барои дарёфти ҳалли ин муаммо усулҳои ташкили корҳои таълимиро истифода бурдан лозим аст.Яке аз муаммоҳои таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ин мустақилона ҳал карда натавонистани масъалаҳои матнӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад. Яке аз воситаҳои ҳалли ин муаммо ҳал кардани масъалаҳои матнӣ тавассути моделсозии графикӣ мебошад. Дар ҷараёни қабули қарор, хонандагон бояд аз як шакли сабт ба шакли дигар гузаранд ва байни онҳо беҳтаринҳоро пайдо кунанд. Раванди моделиронии графикии масъалаи матн фаъолияти зеҳнии хонандагонро афзун мекунад, ба рушди тағйирёбандаи тафаккур мусоидат мекунад ва ин маънои ҳалли масъаларо ҷолибтар ва содатар месозад.

**Масъалаи № 3** Дар се қуттии якхела 21 кг афлесун. Дар 8 қуттӣ чанд килограмм афлесун ҳаст? "

| Массаи афлесун дар 1 қуттӣ | Шумораи қуттиҳо | Вазни умумӣ |
|---|---|---|
| якхела | 3 то<br>8 то | 21 кг<br>кг |




Массаи як қуттӣ




Тибқи ин модел, роҳи ҳалли масъала ба ҳама хонандагон маълум аст: барои муайян кардани он, ки дар 8 қуттӣ чанд килограмм афлесун ҳаст, донистан лозим аст, ки дар як қуттӣ чанд килограмм афлесун ҳаст. Моделсозӣ дар ҳалли масъалаҳои ҳаракат нақши муҳимро мебозад. Бояд худи хонандагон бо роҳбарии омӯзгор моделҳо эҷод кунанд. Як мисоли чунин моделсозиро дида мебароем.

**Масъалаи № 5.** Аз ду шаҳр, ки масофаи байнашон 520 км буд, ду қатора ба пешвози якдигар баромада, пас аз 4 соат вохӯрданд. Суръати қатораи якум 60 км/соат буда, суръати қатораи дуюмро ёбед?




Аз хонандагон талаб карда мешавад, ки ҳалли масъаларо худашон нависанд. Хонандагон бо ду роҳ ҳал карда метавонанд:Тарзи I: (520 - 60 * 4): 4 = 70 (км / соат)Тарзи II: 520 : 4 - 60 = 70 (км / соат)

Истифодаи моделҳои гуногун дар ҳалли масъалаҳои синфҳои ибтидоӣ аҳамияти калони таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Он ба инкишофи тараккур, нутқ, тасаввур, диққат ва хотираи хонандагон мадад мерасонад. Дар ҷараёни ҳал кардани масъалаҳо мафҳум дар бораи алоқаи байни бузургиҳо ташаккул ёфта, малакаҳои ҳисобкунӣ такмил меёбанд.Ҳал кардани масъалаҳо дар хонандагон мақсаднокӣ, суботкорӣ, сарфакорона интихоб намудани воситаҳо барои ба мақсад ноил шудан, бо нақша кор кардан, амалиёти худро асоснок ва таҳлил карданро меомӯзонад.

**Муқарриз: Мирзоев А.Р.- д.и.п., профессори ДБССТ**

**АДАБИЁТ**

1. Бантова М.А. Методика преподавания математики в начальных классах / М.А. Бантова и др. -М., 1989. – 450 с.

2. Белошистая Анна Витальевна. Методика обучения математике в начальной школе. (Курс лекций) / А.В.Белошистая. -М., 2006 г.- 454 с.
3. Истомина, Н.Б. Математика. 2 класс: Учебник для четырёхлетней начальной школы / Н.Б.Истомина, И.Б. Нефёдова. – Смоленск, Издательство «Ассоциация XXI век», 2001. – 176 с.
4. Истомина, Н.Б. Методика обучения математике в начальных классах / Н.Б. Истомина. - Москва, 1992. – 251с.
5. Лавриненко, Т.А. Как научить детей решать задачи: Методические рекомендации для учителей начальных классов / Т.А. Лавриненко. – Саратов: Лицей, 2000. – 136с.
6. Нищева Н.В. Играйка. Игры и упражнения для формирования и развития элементарных математических представлений и речи дошкольников / Н.В. Нищева. - СПб.: Детство-пресс, 2003.-125с.
7. Осимов Қ.У. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ. Дастур барои муаллим / Қ.У.Осимов, Л.М. Фридман. – Душанбе: Маориф, 1987.- 208с.
8. Перова М.И. Дидактические игры и упражнения по математике для работы с детьми дошкольного и младшего школьного возраста / М.И. Перова. - М.,1996. -123с
9. Сербина Е.В. Математика для малышей / Е.В. Сербина. – М.: Просвещение, 1992.- 231с
10. Фридман, Л.Д. Психолого-педагогические основы обучения математике в школе / Л.Д. Фридман. – М.: Просвещение, 1983. – 160с.
11. Ҳамидова А. Математика. Барои синфи 3 / А.Ҳамидова ва диг.–Душанбе: Собириён, 2012.-196 с.
12. Ҳамидова А. Математика. Барои синфи 4 / А. Ҳамидова ва диг. – Душанбе: Собириён, 2012.- 238с.
13. Шуайбова О. Математика. Барои синфи 1 / О. Шуайбова ва диг. – Душанбе: Собириён, 2012.- 207 с.
14. Шуайбова О. ва диг. Математика. Барои синфи 2 / О. Шуайбова ва диг. – Душанбе: Собириён, 2012.- 207 с.
15. Эрднеев, П.М. Теория и методика обучения математике в начальной школе / П.М. Эрднеев. – М: Педагогика, 1988- 60с.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ МОДЕЛҲОИ ГУНОГУН ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақола муаллифон асосҳои назариявии истифодаи моделҳои гуногунро дар ҳалли масъалаҳои синфҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Муаллифон қайд менамоянд, ки дар ин замина олимони сершумор, ки таҳқиқоти психологӣ ва физиологии раванди таълимии кӯдакони синни томактабӣ ва ибтидоиро анҷом додаанд ва самаранокии намудҳои гуногуни усулҳои моделсозиро барои рушди тафаккури кӯдакон ва ташаккули фаъолияти пурраи омӯзишӣ дар онҳо исбот кардаанд. Инчунин ишора мегардад, ки истифодаи моделсозӣ низ зиддияти бо он алоқамандро ҳал мекунад. Дарки пешбарандаи аксарияти мактаббачагони ибтидоӣ дарки визуалӣ мебошад, зеро навъи пешрафтаи тафаккур визуалӣ-маҷозист. Модел ҳамчун системаи аз ҷиҳати равонӣ пешниҳодшуда ё аз ҷиҳати моддӣ амалишаванда дарк карда мешавад, ки объекти тадқиқотро ифода ва таҷдиди он метавонад дар шароити муайян онро иваз кунад, то омӯзиши он дар бораи ин объект маълумоти нав диҳад.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, модел, аёният, тасвир, расм, адад, таркиби адад, амал, барнома, мактаб.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ РАЗЛИЧНЫХ МОДЕЛЕЙ ПРИ РЕШЕНИИ ЗАДАЧ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

В статье авторами рассматриваются теоретические основы использования различных моделей при решении задач в начальных классах. Авторы отмечают, что ученые, проводившие психологические и физиологические исследования процесса обучения детей дошкольного и младшего школьного возраста доказали эффективность методов моделирования различных видов для развития мышления детей и формирования у них полноценной учебной деятельности. Также авторы указывают на то, что применение моделирования решает и противоречие, связанное с тем, что учителю младших классов часто приходится работать с информацией «на слух», т.к. лишь немногие дети хорошо читают в 1 классе, в то время как доля детей в начальной школе с аудиальным восприятием невелика. Ведущим восприятием большинства младших школьников является визуальное восприятие, т.к. ведущий вид мышления – наглядно-образный. Под моделью понимают мысленно представленную или материально реализованную систему, которая, выражая и воспроизводя объект исследования, способна замещать его при определенных условиях так, что изучение ее дает новую информацию об этом объекте. Модель в самом широком смысле – это любой мысленный или знаковый образ моделируемого объекта (оригинала).

**Ключевые слова:** понятия, модель, наглядность, изображение рисунка, число, составное число, действие, программа, школа.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Бурҳонов Қурбонбой Турсунраҷабович*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи табиӣ – риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими онҳо. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.E-mail: **kurbon1953@mail.ru**Телефон: **918 – 90 – 91- 72**
***Юсупова Замира Аюбовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, омӯзгори кафедраи табиӣ – риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими онҳо. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: **92-7080169**

**Сведение об авторах:** ***Бурханов Курбонбой Турсунраджбович***– Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры естественно –математических дисциплин, эстетического воспитания и их преподавания. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1. E-mail: **kurbon1953@mail.ru** Телефон **918 – 90 – 91- 72**
***Юсупова Замира Аюбовна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, преподаватель кафедры естественно –математических дисциплин, эстетического воспитания и их преподавания. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1. Телефон: **92-7080169**

**Information about the authors:** ***Burkhanov Kurbonboy Tursunrajbovich*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Natural and Mathematical Disciplines, Aesthetic Education and Their Teaching. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **kurbon1953@mail.ru** Phone **918 – 90 – 91-72**
***Yusupova Zamira Ayubovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, teacher of the Department of natural and mathematical disciplines, aesthetic education and their teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.Phone: **92-7080169**

УДК:373.2

# ШАКЛҲОИ АЁНӢ – ИТТИЛООТИИ ТАШКИЛИ МУОШИРАТИ ОМӮЗГОРОНУ ВОЛИДАЙН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

*Раҷабов В.Д.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Шаклҳои аёнӣ–иттилоотии ташкили муошироти омӯзгорону волидайн масъалаи шиносоии волидайнро бо шароит, мазмуну усулҳои тарбияи кӯдакон дар шароити муассисаи таълимии томактабӣ ҳал мекунанд, ба дуруст арзёбӣ намудани фаъолияти омӯзгорон, таҷдиди методу усулҳои тарбияи хонаводагӣ, нигоҳи объективӣ ба фаъолияти мураббӣ имкон медиҳанд. Дар навбати худ, онҳо ба иттилоотӣ – шиноскунӣ ва иттилоотӣ – маърифатӣ ҷудо мешаванд. Дар кори худ "Боғчаи кӯдакон ва оила: методикаи кор бо волидайн" [1. с. 90] Е. С. Евдокимова, Н. В. Додокина ва Е. А. Кудрявсева се гурӯҳи шаклҳои ҳамкориро ҷудо мекунанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Шаклҳои ҳамкорӣ**

| Омӯзиши имкониятҳои тарбиявии боғчаи кӯдакон ва оила | Ҳамкориҳои иттилоотӣ – маърифатӣ | Фаъолияти якҷояи омӯзгорон ва волидайн |
|---|---|---|
| Ташриф ба оила<br>Суҳбат<br>Назарпурсӣ<br>Иншо<br>Мусоҳиба<br>Шиносномаи оила<br>"Рӯзи дарҳои кушода"<br>Вохӯрӣ – шиносоӣ | Суҳбатҳои инфиродӣ<br>Маслиҳатҳо<br>Маҷлиси падару модарон<br>Гӯшаҳо<br>Маълумотномаҳо<br>Буклетҳо<br>Рӯзномаҳои деворӣ<br>Маҷаллаҳои шифоҳӣ<br>Мукотибаи омӯзгорон бо волидайн<br>"Қуттии почта"<br>Намоишгоҳҳо | Саҳифаҳо<br>Шоми мусиқӣ ва назм<br>"Меҳмонхонаи оилавӣ"<br>Рӯзи оила<br>Клубҳо<br>Идҳо дар кӯдакистон<br>Саёҳати муштараки омӯзгорон, кӯдакон ва волидайн<br>Фаъолияти лоиҳавӣ<br>Театри оилавӣ |

Аз маълумоти мазкур аён аст, ки муаллифон се шакли асосии ҳамкориро пешниҳод кардаанд. Дар шакли омӯзиши имкониятҳои тарбиявии кӯдакистон ва оила муаллифон методҳои гуногунро баррасӣ менамоянд. Аввалин маротиба таҳқиқи системавии майлу рағбат ва шуғли волидайну кӯдакони синни томактабӣ пешниҳод гардидааст. Ба шакли дуюм – иттилоотӣ – маърифатӣ – шаклҳои ҳамкорӣ бо оила, ин анъанавӣ гаштаанд, дохил карда шудаанд. Шакли сеюм ба фаъолияти муштарак асос ёфтааст. Муаллифон ҷузъҳои навро илова мекунанд: театри оилавӣ, саҳмҳо, клубҳо ва фаъолияти лоиҳавӣ.

Дар дастури методии "Ҳамкориҳои педагогӣ дар кӯдакистон" зери таҳрири Н. В. Микляева [12, с. 68] таснифи зерини шаклҳо, ки асосашонро кушодагӣ, самимият, дасткашӣ аз танқиди ҳамшарикони муошират ташкил медиҳанд, пешниҳод гардидааст (расми 2).

**Ҷадвали 2. Таснифи шаклҳои ҳамкорӣ**

| | | |
|---|---|---|
| Таснифи шаклҳои ҳамкорӣ | Шаклҳои маърифатии ташкилот | Мубоҳиса |
| | Шаклҳои ғайрианъанавии муошират бо волидайн | Машварат |
| | | Иттилоотӣ – шиносоӣ |
| | Шаклҳои аёнӣ – иттилоотии ҳамкорӣ | Иттилоотӣ – маърифатӣ |
| | Шаклҳои фароғатии ташкили муошират<br>Шаклҳои инфиродии муошират бо волидайн | Чорабиниҳои муштараки мураббиён, волидайн ва кӯдакон |
| | Шаклҳое, ки бо ҷалби волидайн баидоракунии МТТ алоқаманданд | Чорабиниҳои муштараки мураббиён ва волидайн |

Баланд бардоштани маданияти психологӣ – педагогии волидайн, тағйирдиҳии ақоиди педагогии онҳо мақсади шаклҳои маърифатии кор бо волидайн мебошад. Ба онҳо мансубанд: мубоҳиса, машварат, инчунин шаклҳои иловагии анъанавӣ (ба ақидаи Л. В. Островская), яъне бозиҳои таълимӣ, семинарӣ – практикумҳо ва ғайра.

Шаклҳои аёнӣ – иттилоотии ҳамкорӣ, аз як тараф, ба ҷамъоварӣ, коркард ва истифодаи маълумот дар бораи оилаи тарбиягирандагон, сатҳи умумифарҳангии волидайн, мавҷудияти донишҳои зарурии педагогӣ дар онҳо, аз тарафи дигар, ба шиносоии волидайн бо шароит, мазмун ва методҳои тарбияи кӯдакон дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ нигаронида шудаанд.

Дар тафовут аз корҳои муаллифони пешина (Е. С. Евдокимова, Н. В. Додокина ва Е. А. Кудрявсева) дар дастури методӣ зери таҳрири Н. В. Микляева шаклҳои аёнӣ – иттилоотӣ шартан ба ду зергурӯҳ ҷудо карда шудаанд [12, с. 68]: иттилоотӣ – шиноскунанда – шиносоии волидайн бо муассисаи таълимии томактабӣ, бо вижагиҳои амали он, бо фаъолияти омӯзгорон: иттилоотӣ – маърифатӣ, ки ба ғанигардонии донишҳои волидайн дар бораи хусусиятҳои рушд ва тарбияи кӯдакони синни томактабӣ равона аст.Махсусияти онҳо чунин аст: муошибати омӯзгорон бо волидайн дар ин ҷо на бевосита, балки бавосита – таввасути рӯзномаҳо, ташкили намоишгоҳҳо ҷараён мегирад, бинобар ин онҳо ба зергурӯҳи алоҳидаи мустақил ҷудо карда шудаанд.

Муаллифон, мисли Т. В. Кротова [7, с. 56], шаклҳои фароғатии ташкили муоширатро ҷудо мекунанд. Агар мураббиён ба мазмуни педагогии чорабинӣ диққати кофӣ диҳанд, шаклҳои фароғатии ташкили муошират самаранок шуда метавонанд.Чун яке аз шаклҳои нав муаллифон шаклеро ҷудо мекунанд, ки бо ҷалби волидайн ба идоракунии муассисаи томактабӣ алоқаманд аст. То он лаҳза идоракунии муассисаи таълимии томактабӣ танҳо вазифаи маъмурият ва коллективӣ буд. Муаллифон пешниҳод менамоянд, ки волидайнро ба гузаронидани мунтазами конференсияҳои падару модарон бояд ҷалб кунанд. Дар сатҳи қабл аз ҳамидоракунии муассисаи таълимии томактабӣ муҳаққиқон ду намуди кори якҷояро қайд мекунанд:

- чорабиниҳои муштараки мураббиён ва волидайн: маҷлисҳои падару модарон, конференсияҳо, машваратҳо, суҳбатҳо, шабнишиниҳо, маҳфилҳо барои волидайн, намоишгоҳҳо, мубоҳисаҳо, шуроҳои омӯзгорӣ, вохӯрӣ бо маъмурият, мактаб барои волидайн, ташриф ба оила, кумитаи падару модарон;
- чорабиниҳои якҷояи мураббиён, волидайн ва кӯдакон: рӯзи дарҳои кушода, маҳфилҳо, маҳфили зарифон, викторинаҳо, идҳо ва ғайра.

Яке аз шаклҳои дигари муҳимми ҳамкорӣ, ки онро замони муосир талқин менамояд, сомонаи муассисаи таҳсилоти томактабӣ мебошад. Инро Н. В. Микляева низ тасдиқ

мекунад [12, с. 68]. Ӯ механизмҳои зерини фаъолгардонии ҳамкориҳои шабакавии оила ва кӯдакистонро, ки блокҳоро дар бар мегиранд, пешниҳод мекунад:

1. Блоки дастгирии иттилоотии оила. Он вазифаҳои зерини ҳамкориҳоро дар бар мегирад: ҳифз ва мустаҳкамкунии саломатии кӯдакон; функсияи рушддиҳанда, функсияи ҳамоҳангсозанда, ки иттилоотро дар бораи кӯдакистон, дар бораи ҳайати кадрӣ ва махсусият фаро мегиранд.

2. Блоки воридсозии оила ба фазои иттилоотии кӯдакистон. Ин блок вазифаҳои зерини ҳамкориҳои кӯдакистон ва оиларо пайгирӣ мекунад: иртиботӣ, ташхисӣ ва ислоҳотӣ, сохторӣ – ташкилӣ.

3. Блоки фаъолгардонии мавқеи иҷтимоӣ ва педагогии оила дар ҷараёни ҳамкорӣ бо кӯдакистон. Ба ин вазифа вазифаи худтакмилдиҳии педагогӣ илова мегардад.

Н. В, Микляева шакли инноватсионии ҳамкорӣ бо волидайн – “Академияи волидайн”–ро дар интернет пешниҳод менамояд. Ӯ се муодили интернет – академияро мисол меорад. Муодили якум – ташкили саҳифаи махсус дар сомонаи кӯдакистон, ки видеожурналҳо барои волидайн “Рӯзи ман дар кӯдакистон”, мактуби овозӣ барои кӯдакон “Модарам дар барам”, бахши ёрии машваратӣ – методӣ, ҳар гуна пурсишҳо, иттилоот дар бораи озмунҳо ва монанди инҳоро дар бар мегирад.

Муодили дуюм ба фаъолгардонии муошерати интерактивии волидайну омӯзгорон равона аст. Муодили сеюмро муаллиф барои волидайне, ки кӯдаконашон ба кӯдакистон намераванд, пешниҳод менамояд. Он ба муодилҳои пешина асос ёфтааст. Муаллиф дар кори худ “Сомонаҳо – барномаҳо чун воситаи татбиқи амсилаи инноватсионии ҳамкории кӯдакистон ва оила” шакли инноватсионии ҳамкорӣ – интернет - клубро тасвир менамояд [12, с. 52].Тамоми таснифоти мавҷударо таҳлил карда, маҷмуи шаклҳои ҳамкориҳои педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила бо ҷудокунии ҳафт блоки асосии ҳамкориҳо таҳия карда шуд:

1. Блоки шаклҳои аналитикӣ, ки мақсади он ошкорсозии тавсифномаи иҷтимоии оила, принсипҳову анъанаҳои тарбияи оилавӣ, манфиатҳо, дархостҳои оилаи тарбиягиранда, сатҳи огоҳии волидайн доир ба масъалаи мазкур мебошад. Инчунин, волидайн бояд кори муассисаи таълимиро омӯзад. Вобаста ба мақсадҳо дар блоки мазкур шаклҳои омӯзиши ҳамдигарии волидайн ва педагогҳо муайян карда шудааст.

2. Блоки корҳои маърифатӣ – равшаннамоӣ, ки мақсади он васеъсозии донишҳои волидайн дар соҳаи педагогика, психология, методикаҳо: аз тарафи онҳо дарк гардидани нақши асосии худ дар тарбияи кӯдак. Блоки мазкур ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: шаклҳои инфиродӣ ва коллективӣ, зеро ки корро ба таври тафриқавӣ бо такя ба вижагиҳои инфиродии оила гузаронидан зарур аст.

3. Блоки фаъолияти якҷояи фароғатӣ ба барқарорсозии муносибати боваринок байни оила ва муассисаи таълимии томактабӣ дар фазои ғайристандартӣ ва ғайрианъанавӣ.

4. Блоки шаклҳои аёнии ҳамкорӣ, ки асоси он – шиносоии волидаён бо кори кӯдакистон, ғанигардонии донишҳои волидайн оид ба масъалаи марбута.

5. Блоки интернет–ҳамкориҳо, ки мақсади он на танҳо кори маорифпарварона бо волидайн ё дастгирии иттилоотии оила, балки дохилшавии оила ба фазои иттилоотии кӯдакистон, ҷалби онҳо ба ҳамкории фаъол мебошад. Дар ҷомеаи иттилоотии муосир интернет – технологияҳо, вақте ки тютер қариб дар ҳар як хона мавҷуд аст, метавон онлайн – семинарҳо, веб – конференсияҳо баргузор намуд.

6. Блоки шаклҳои ғайрианъанавии кор, ки тағйирот дар ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодии дар даҳсолаҳои охир рӯйдода барои пайдошавии он замина гардидаанд. Мақсади он – “ба дохил кушодашавӣ”, яъне озод, мавзун, тафриқанок намудани раванди педагогӣ. Шаклҳои ғайрианъанавӣ барои фароҳам овардани шароит барои рушди омодагии шахсии волидайн ба ҳамкорӣ мусоидат мекунанд.




7. Блоки шакли ҷалби волидайн ба идоракунии муассисаи таҳсилоти томактабӣ. Дар он тамоми шаклҳои чунин кор муттаҳид карда шудаанд. Мақсади ин шакли ҳамкорӣ – расонидани кумак ба педагогҳо, чунки комитети падару модарон шохаи

алоқамандсозанда байни волидайну мураббиён, муассисаи томактабӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, сол то сол шаклҳои ҳамкорӣ тағйир меёфтанд ва васеъ мегаштанд. Омилҳои асосие, ки тағйирёбии онҳоро муайян мекунанд, таъсири замон, сохти иҷтимоӣ, пешрафти илму техника ва вазъи иқтисодии ҷомеа мебошанд, гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, мо хулосаи зерин бароварда метавонем: барои самаранок иҷро кардани вазифаи педагогӣ муассисаи таҳсилоти томактабӣ мундариҷа ва сифати кории таълимӣ бо кӯдаконро бояд аз нав дида бароояд, роҳҳои таъсири бештарро ба ҳар як кӯдак ҷустуҷӯ кунад, ин коллективи педагогии муассисаи томактабиро водор месозад, ки дар симои оила дар тарбияи кӯдак иттифоқчӣ, ҳамфикрро ҷустӯҷу кунад. Ҳоло дар педагогикаи ватанӣ шаклҳои гуногуни ҳамкории кӯдакистон бо оила таҳия карда шудаанд. Аксари онҳо аллакай самаранокии худро нишон додаанд. Барои амалигардонии муносибати мазмуну тафриқавӣ ба оилаи тарбиягирандагон маҷмуи шаклҳои ҳамкории педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила таҳия карда шуд.

Таҳаввули мафҳуми “ҳамкорӣ”, шаклҳои ҳамкории коллективи педагогӣ бо волидайни тарбиягирандагони муассисаи таълимии томактабӣ, муносибати педагогҳои таҷрибадор ба масъалаи ҳамкорӣ ба баровардани хулосаҳои зерин имкон медиҳад.Дар асоси таҳлили мафҳуми ҳамкорӣ, ки аз мавқеи фалсафӣ, сотсиологӣ, психологӣ ва педагогӣ баррасӣ гардидааст, муқаррар карда шудааст, ки ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила ба таъсири дутарафа ба шуур ва рафтори субъектҳои ҳамкорӣ, ки ба тағйирёбии рафтори тарафҳо, дарки арзишҳои маънавии ташаккули шахсияти кӯдак дар маҷмуъ оварда мерасонад, асос меёбад.

Яке аз сабабҳои асосии ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила шаклҳое буданд, ки дар рушди худ роҳи дурударозеро тай кардаанд: аз маҳви бесаводӣ, шиорҳо ва суҳбатҳои инфиродӣ то дарсҳои намунавӣ, тренингҳо, интернет – ҳамкориҳо, ҳамроҳикунии тютерӣ, таҳаввули онҳо бо афкори ҷомеа, сохти иқтисодӣ ва иҷтимоии он, пешрафти техника, ҳолати геополитикӣ асоси он гардида буд. Кӯшишҳои таснифу банизомдарории таҷрибаи ғуншуда натиҷаи рушди шаклҳои ҳамкорӣ ҳисоб меёфтанд. Дар оғоз шаклҳо дар асоси мавқеи шуморагии дарк (инфиродӣ – коллективӣ) ва баъдан аз мавқеи дарки иттилоот (маърифат, аёнӣ – иттилоотӣ, таҳлилӣ ва ғайра) гурӯҳбандӣ карда мешуданд. Баландшавии маданияти педагогии волидайн, тағйирёбии ақидаҳои педагогии онҳо ба пайдошавии шаклҳои нави ҷалби оила ба раванди педагогӣ оварда расониданд. Дар натиҷа блокҳои асосии ҳамкории волидайн бо коллективи педагогӣ ошкор гадиданд ва такмил ёфтанд: блоки шаклҳои аналитикӣ (таҳлилӣ), блоки корҳои маърифатӣ – равшаннамоӣ, блоки фаъолияти якҷояи фароғатӣ, блоки шаклҳои аёнии ҳамкорӣ, блоки ҳамкорӣ тавассути интернет, блоки шаклҳои ғайрианъанавии кор, блоки шаклҳои ҷалби волидайн ба идоракунии муассисаи таълимии томактабӣ.Таҳлили интишороти педагогҳои таҷрибадор аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи ҳамкории самаранок на танҳо барои шаҳру минтақаи алоҳида, балки барои тамоми мамлакат дар маҷмуъ муҳим мебошад. Роҳбарони ҳозираи муассисаҳои томактабӣ ва педагогҳо мубрамияти мавзуи муҳокимашавандаро эътироф мекунанд ва кор бо волидайнро яке аз самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти хеш мешуморанд. Илова бар ин, онҳо сатҳи маданияти психологии волидайн, майлу рағбати онҳоро ба ҳамкорӣ хеле баланд арзёбӣ менамоянд. Ҳамзамон, онҳо омода набудани аксари педагогҳоро ба ҳамкории босифату самаранок қайд

мекунанд, дар педагогҳо тасаввуроти қолабӣ дар бораи бесалоҳиятии волидайн ва хоҳиш надоштани онҳо ба тарбия кардани фарзанди худ ба вуҷуд омадааст.

Дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX масъалаи ҳамкориҳои педагогҳо ва волидайн муҳим мегардад. Онро чун раванди мураккаб, ки дар он педагогҳо ва волидайн дар тарбияи кӯдаки синни томактабӣ ҳуқуқи баробар доранд, баррасӣ мекунанд. Ба ин давра мубоҳисаҳо, конференсияҳо, мизҳои мудаввар хосанд. Вижагии солҳои 90-уми асри XX давраи оромӣ мебошад, ки бо тағйироти иқтисодӣ ва сиёсӣ алоқаманд аст. Мусоҳибаҳо, рӯзномаҳо, овезаҳо шаклҳо асосии ҳамкорӣ мегарданд.

Аммо, аллакай дар оғози асри XXI масъалаи истифодаи шаклҳои самараноктари ҳамкории коллективи педагогӣ бо волидайн хусусиятҳои хосеро ба худ касб мекунад. Маҳз дар ин давра таҷрибаи дар давоми даҳсолаҳо ҷамъовардашударо ҷаъмбасту тасниф кардан зарур буд. Чунончи, О. Л. Зверева ва Т. В. Кротова (2007) дар асари худ "Муоширати педагог бо волидайн" шаклҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии муоширати педагогҳо бо волидайни кӯдакони синни томактабиро ҷудо кардаанд. Шаклҳои анъанавӣ ба қисмҳои зерин ҷудо мешаванд [2, с. 60]:- коллективӣ – ҷаласаҳои падару модарон (ҳам гурӯҳӣ 3-4 маротиба дар 1 сол, ҳам умумӣ бо ҳамаи волидайни тарбиягирандагон дар аввал ва охири сол гузаронида мешавад), машваратҳои гурӯҳӣ, конференсияҳо;- инфиродӣ – маслиҳатҳо, мусоҳибаҳои инфиродӣ;- аёнӣ – иттилоотӣ – "ҷузвдонҳои сайёр", намоишгоҳҳо, суратҳо, рӯзҳои дарҳои кушода.

Т. В. Кротова (2007), муаллифи аксари дастурҳои илмӣ-амалӣ оид ба кор бо волидайн, таснифи анъанавиро васеъ ва шаклҳои ғайрианъанавии ҳамкориро ҷудо мекунад. Аз шаклҳои аёнӣ – иттилоотӣ шаклҳои иттилоотӣ-аналитикиро ба гурӯҳи алоҳида медарорад. Ҳамчунин, шаклҳои фароғатӣ ва маърифатиро ба гурӯҳҳои алоҳида тақсим мекунад [3, с. 64].

Мақсади шаклҳои маърифатӣ – шиносоии волидайн бо вижагиҳои рушди синнусолӣ ва психологии кӯдакон, методу усулҳои оқилонаи тарбия барои дар волидайн ташаккул додани малакаҳои амалӣ. Чунин шаклҳои коллективии муошират, машваратҳои гурӯҳӣ ва ғайра нақши асосиро мебозанд. Ин шаклҳо пештар ҳам мавриди истифода қарор меёфтанд. Аммо ҳоло принсипҳое, ки дар асоси онҳо муоширати педагогҳо ва волидайн ба роҳ монда мешавад, тағйир ёфтаанд. Ба онҳо муошират дар асоси муколама, самимият дар муошират, дастакашӣ аз танқид ва баҳодиҳӣ ба ҳамсуҳбат мансубанд. Оилаи рушдёфта бар хилофи оилаи муаммодор маконест, ки дар он ҳар аьзои оила муҳаббат ҳамдигарфахмӣ ва дастгириро пайдо мекунад [8, с. 34].

**Муқарриз: Ашурова Ш.К.- н.и.п., дотсенти ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Евдокимова, Е. С. Детский сад и семья: Методика работы с родителями / Е.С. Евдокимова, Н.В. Додокина, Е.А. Кудрявцева. – М.: Мозаика-Синтез, 2007. – 144 с.
2. Зверева, О. Л. Общение педагога с родителями в ДОУ / О.Л. Зверева, Т.В. Кротова. – М.: ТЦ Сфера, 2007. – 80 с.
3. Кротова, Т. В. Взаимодействие с родителями воспитанников в летний период / Т. В. Кротова, И. А. Иванцова // Справочник старшего воспитателя дошкольного учреждения. – 2007. -№ 4. – С. 64 – 68.
4. Кадыров К.Б. История воспитания, школы и педагогической мысли таджиков с древних времен до возникновения ислама: Дисс. на соиск. уч.степени доктора педагогических наук. – Душанбе, 1999.
5. Книга для родителей Т. 2. – Москва, 1957.
6. Коменский Я. А. Материнская школа / Я. А. Коменский. Пер. с. Нем. М. Н. Воскресенской. -М.,1992. – 64с.
7. Кочеткова, В.Г. Социальное партнерство ДОУ с родителями в рамках ФГТ / В.Г. Кочеткова // Воспитатель дошкольного образовательного учреждения. – 2013. – № 8. – С. 6–10.

1. Маҳмадулло Давлатов. Оила ва рушди шахсияти фарзандон (дар ҳошияи андешахои Фатҳуллоҳ Гюлен). – Душанбе: Ирфон, 2014.

2. Общение и речь: развитие речи у детей в общении со взрослыми. Под.ред. М.И.Лисиной. -М., 1985. – 208 с. 107.
3. Одинаев Е.К. Одоби муоширати муосир. Этикети муосир / Е.К. Одинаев. Муҳаррир Ҷ. Шарипов. - Душанбе, 2010. – 316 с. 108.
4. Одоб ва суннатҳои зиндагӣ. -Душанбе, 2015. – 98 с. (бо забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ).
5. Педагогическое взаимодействие в детском саду. Под ред. Н.В. Микеляевой. - М.: ТЦ Сфера, 2013. - 128с.
6. Сухомлинский В. А. Родителская педагогика / В. А. Сухомлинский. – Москва, 1981.
7. Сухомлинский В.А. Мудрая власть коллектива / В. А. Сухомлинский. - М., 1975 – 240 с.
8. Хушвактов Н. Х. История образовательной системы в медресе Мирзо Улугбека / Н. Х. Хушвактов //Молодой учёный. – 2016 – №14 (118). -С.491- 492.
9. Ҳазратқулов М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам / М. Ҳазратқулов. – Душанбе, Ифрон, 1986. – 127 с.
10. Шарифзода Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А. М. Миралиев. Зери назари академик М. Лутфуллоев. -Душанбе: Ирфон, 2012. - 562 с.

## ШАКЛҲОИ АЁНӢ– ИТТИЛООТИИ ТАШКИЛИ МУОШИРАТИ ОМӮЗГОРОНУ ВОЛИДАЙН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Муаллиф оид ба шаклҳои аёнӣ – иттилоотии ташкили муоширати омӯзгорону волидайн дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таҳқиқоти илмӣ гузаронида, дар таълифоти хеш ин масъаларо хело ҳам муҳим арзёбӣ кардааст. Дар мақола қайд шудааст, ки таълиму тарбияи тарбиягирандагон танҳо вазифаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ набуда, волидайн низ дар ин самт саҳмгузори асосӣ буда, дар баргузории конференсияҳо, вохӯрию чорабиниҳо ва ободонию пешравии кори муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ масъул мебошанд. Аз ин рӯ, муаллиф дар мақола ҳамкориро байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила нигаронкунанда арзёбӣ намудааст. Бояд қайд кард, ки роҳбарону масъулони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ кор бо волидайнро яке аз самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти хеш мешуморанд. Бо дарназардошти проблемаҳои ҳозираи ҳамкорӣ бояд қайд кард, ки кор танҳо дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар худи волидайн иштирокчиёни фаъоли ҷараёни таҳсилот бошанд. Бинобар ин, ташаккули мавқеи фаъоли волидайн вазифаи муҳимми коллективи муассисаи таҳсилоти томактабӣ ҳисоб меёбад. Дар мақола се шакли асосии ҳамкориҳо пешниҳод шудааст. Дар шакли якум таҳқиқи системавии майлу рағбат ва шуғли волидайну кӯдакони синни томактабӣ пешниҳод гардидааст. Ба шакли дуюм – иттилоотӣ – маърифатӣ шаклҳои ҳамкорӣ бо оила, дохил карда шудаанд. Шакли сеюм ба фаъолияти муштарак асос ёфтааст. Баланд бардоштани маданияти психологӣ – педагогии волидайн, тағйирдиҳии ақоиди педагогии онҳо мақсади шаклҳои маърифатии кор бо волидайн мебошад.Шаклҳои аёнӣ – иттилоотии ҳамкорӣ, аз як тараф, ба ҷамъоварӣ, коркард ва истифодаи маълумот дар бораи оилаи тарбиягирандагон, сатҳи умумифарҳангии волидайн, мавҷудияти донишҳои зарурии педагогӣ дар онҳо, аз тарафи дигар, ба шиносоии волидайн бо шароит, мазмун ва методҳои тарбияи кӯдакон дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ нигаронида шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ташкили муоширати омӯзгорону волидайн, шаклҳои ҳамкориҳои педагогӣ, ҳамкориҳои муассисаи таълимии томактабӣ ва оила, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, оила, ташаккул, тарбия, инкишоф, шаклҳои маърифатӣ, коллективи педагогӣ ва волидайн, ҳамкории тарбиявӣ, соҳаи илмҳои педагогӣ, шаклҳои аёнӣ.

## НАГЛЯДНО – КОММУНИКАТИВНЫЕ ФОРМЫ ОРГАНИЗАЦИИ ОБЩЕНИЯ МЕЖДУ ПЕДАГОГАМИ И РОДИТЕЛЯМИ В ДОШКОЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Автор проведя научное исследование о наглядно – коммуникативных формах организации общения между педагогами и родителями в дошкольных образовательных учреждениях, даёт высокую оценку решению этой проблемы в своём сочинении.В статье отмечается, что обучение и воспитание воспитанников не является только задачей дошкольных образовательных учреждений, родители также вносят свой вклад в этом направлении. В проведении конференций, встреч и мероприятий особую ответственность несут дошкольные образовательные учреждения. Поэтому автор в своей статье оценивает не высоко сотрудничество между дошкольными образовательными учреждениями и семьёй.Следует отметить, что руководители и ответственные лица дошкольных образовательных учреждений работу с родителями считают одним из приоритетных направлений в своей деятельности. С учётом современных проблем сотрудничества нужно отметить, что работа только в том случае станет эффективной, когда сами родители будут активно участвовать в учебном процессе. Поэтому формирование активной позиции родителей считается важнейшей задачей коллектива дошкольного образовательного учреждения.В статье предложены три основные формы сотрудничества. В первой форме предложено системное исследование стремления и занятия родителей и детей дошкольного возраста. Во вторую форму входят коммуникативно - познавательные формы сотрудничества. Третья форма основывается совместной деятельностью.Повышение психолого - педагогической культуры, воздействие на их педагогические взгляды является целью познавательных форм работы с родителями.Наглядно – коммуникативные формы сотрудничества, направлены, с одной стороны, на сбор, обработку и использование информации о семье воспитанников, об

общекультурном уровне родителей, о существовании необходимых педагогических знаний у них, во вторых, - на знакомство родителей с условиями, содержанием и методами воспитания детей в условиях дошкольных образовательных учреждений.

**Ключевые слова**: организация общения между педагогами и родителями, формы педагогического сотрудничества, сотрудничество дошкольных образовательных учреждений с семьёй, дошкольные образовательные учреждения, семья, формирование, воспитание, развитие, познавательные формы, педагогический коллектив и родители, сотрудничество в сфере воспитания, сфера педагогических наук, наглядные формы.

**VISUALLY - COMMUNICATIVE FORMS OF ORGANIZING COMMUNICATION BETWEEN TEACHERS AND PARENTS IN PRESCHOOL EDUCATIONAL INSTITUTIONS**

The author, having conducted a scientific study on the visual-communicative forms of organizing communication between teachers and parents in preschool educational institutions, highly appreciates the solution of this problem in his essay.The article notes that the education and upbringing of pupils is not only the task of preschool educational institutions, parents also contribute in this direction. In holding conferences, meetings and events, preschool educational institutions have a special responsibility. Therefore, the author in his article does not appreciate the cooperation between preschool educational institutions and the family.It should be noted that the leaders and responsible persons of preschool educational institutions consider work with parents to be one of the priorities in their activities. Taking into account the modern problems of cooperation, it should be noted that the work will only become effective when the parents themselves are actively involved in the educational process. Therefore, the formation of an active position of parents is considered the most important task of the staff of a preschool educational institution.The article proposes three main forms of cooperation. In the first form, a systematic study of the aspirations and activities of parents and children of preschool age is proposed. The second form includes communicative-cognitive forms of cooperation. The third form is based on joint activity.Improving the psychological and pedagogical culture, influencing their pedagogical views is the goal of cognitive forms of work with parents.Visually - communicative forms of cooperation are aimed, on the one hand, at collecting, processing and using information about the family of pupils, about the general cultural level of parents, about the existence of the necessary pedagogical knowledge they have, and secondly, to familiarize parents with the conditions, content and methods of education children in preschool educational institutions.

**Key words:** organization of communication between teachers and parents, forms of pedagogical cooperation, cooperation between preschool educational institutions and families, preschool educational institutions, family, formation, upbringing, development, cognitive forms, teaching staff and parents, cooperation in the field of education, the sphere of pedagogical sciences, visual forms.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович-*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, докторанти Ph.D-и кафедраи педагогика ва психология. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 93 - 158 - 75 – 79.**

**Сведение об авторе:** ***Раджабов Вайсиддин Давлатбекович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, докторант Ph.D кафедры педагогики и психологии.**Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Бохтар, ул. Айни 67. Телефон: **(+992) 93-158-75-79**

**Information about the author:** ***Radjabov Vaisiddin Davlatbekovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, doctoral student Ph.D Department of Pedagogy and Psychology**. Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar city, st. Aini 67, Pone: **(+992) 93-158-75-79.**

УДК:373.21

# МАВҚЕИ ИНТЕРНЕТ ДАР ТАШКИЛИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

*Раҷабова Н.С.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Эълон гардидани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” кулли кормандони соҳаи маориф, алалхусус омӯзгорони ин фанҳоро вазифадор менамояд, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи сифати таълим роҳу усулҳои гуногунро истифода намоянд. Маълум аст, ки технологияи компютерӣ алҳол чун воситаи таълим васеъ татбиқ мегардад ва дар ин раванд истифодаи мақсадноки интернет муҳим аст.

Дар ҳақиқат, имрӯзҳо технологияҳои интернетӣ қариб дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон мавқеи баландро ишғол менамояд ва он барои дарёфт ва интиқоли маълумот аз масофаи дур, ба як воситаи беназир табдил ёфтааст.

Рушди бениҳоят бомуваффақияти интернет ба он вобаста аст, ки дар нимаи дуюми солҳои 2010-ум, шабакаи умумиҷаҳонӣ воқеан ҷойгузини ҳама асбобҳои классикии ба даст овардани иттилоот ва иртибот гардид, яъне одамон метавонанд бе мушкилӣ маводи лозимиро аз ннтернет дастрас намоянд.

Дар давраи пандемияи коронавируси COVID-19, хизматрасониҳои гуногун, ба монанди: дарсҳои онлайн, хизматрасонии онлайнӣ барои дастрас намудани лавозимот, мағозаҳои онлайн, кинотеатрҳои онлайнӣ, барномаҳои видеоконфронс ва ғайра маъруфияти васеъ пайдо карданд, ки имкон медиҳанд ҳадди ақал қисман тарзи муқаррарии зиндагиро пурра кунанд.

Яъне, интернет дар самтҳои рушди иқтисодӣ, рушди фарҳангӣ, интегратсия иҷтимоӣ, дониш ва азхудкунии малакаҳои нав саҳмгузор аст. Ба воситаи интернет ҳазорон коргарони соҳаҳои воситаҳои ахбори омма ва миллионҳо оилаҳоро бо кор таъмин намудан мумкин аст. Интернет бо нақши хоссааш метавонад боиси афзоиш ва тарғиби фарҳанги бештари ҷомеа гардад. Ҳар қадар гардиши иттилоот дар ҷомеа бештар гардад, ҳамон қадар ҷомеа фаъолтар ва раванди эҷодкорӣ афзун мегардад.

Аз дидгоҳи равоншиносии иҷтимоӣ, интернет барои фароҳам овардани фазои солими муколамаи тамаддунҳо, ба роҳ мондани равобити байни кишварҳо ва дар натиҷа, паст шудани шиддати фарҳангӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ мусоидат мекунад [7, с.4].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳангоми истифодаи интернет шахс бояд фарҳанги истифодабарии иттилоотро донад, чи тавре ки устод Комилиён Ф.С. оиди Фарҳанги иттилоотии инсони муосир қайд менамоянд [1, с.448]:

“Барои дар сели иттилоотӣ озодона муайян кардани мавқеи худ, одам бояд молики фарҳанги иттилоотӣ бошад. Фарҳанги иттилоотӣ бо табиати иҷтимоии инсон алоқаманд аст. Вай маҳсули эҷодии истеъдодҳои гуногуни инсон буда, дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

- малакаи мушаххаси истифодабарии таҷҳизоти техникӣ, аз телефон то компютери фардӣ ва шабакаҳои компютерӣ;
- қобилияти дар фаъолияти касбии худ истифода бурда тавонистани технологияи иттилоотии компютерӣ, ки қисми таркибии пойгоҳи онро маҳсулоти барномаҳои мухталиф ташкил медиҳанд;

- маҳорати ҷудо карда тавонистани иттилоот аз ҳар гуна сарчашмаҳо, чи аз матбуоти даврӣ ва чи аз системаҳои коммуникатсионии электронӣ;
- пешниҳод карда тавонистани иттилоот, дар шакли фаҳмо ва самаранок истифода бурдани он;
- донистани асосҳои таҳлилии коркарди иттилоот;
- маҳорати корбарӣ бо иттилооти табиати гуногундошта;
- донистани хусусияҳои селҳои иттилоотӣ дар соҳаи фаъолияти худ".

Вақтҳои охир аксар вақт чунин ақидаҳоро мешунавем, ки кӯдаконро аз истифодабарии интернет манъ кардан лозим аст, чунки он ба рушд ва омӯзиши кӯдакон халал мерасонад ва ба саломатии онҳо зараровар аст. Дар сомонаи рӯзномаи "Коммерсант" чунин қайд шудааст: "Кӯдаконе, ки бо интернет кор мекунанд, нисбат ба кӯдаконе, ки интернетро истифода намебаранд, дониши зиёдтар гирифтаанд". Тадқиқот ба ин натиҷа расидаанд, ки то кадом андоза истифода аз Интернет ба "инкишофи функсияҳои маърифатӣ" дар кӯдакони синну соли гуногун мусоидат мекунад. Вақти оптималии истифодабарии интернетро олимони рус Г.Солдатова ва А. Вишнева барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва наврасони синну соли гуногундошта муайян намуда, натиҷаи тадқиқоти худро дар конфронси байналмилалӣ чунин муаррифӣ намуданд [10, с.5]:

Тибқи натиҷаҳои бадастомада чунин муқаррар шудааст:

- барои кӯдакони 5 то 6 сола вақти истифодабарии интернет то 1 соат дар як шабонарӯз;
- барои хонандагони аз 7 то 11- сола вақти истифодабарии интернет аз 1 то 3 соат дар як шабонарӯз;
- барои хонандагони 12 то 13- сола вақти истифодабарии интернет аз 3 то 5 соат дар як шабонарӯз.

Баъзе хусусиятҳои интернетро ба назар гирифта, аҳли маориф ва падару модарон нисбат ба истифодаи дурусти он бояд назоратро ҷиддӣ ба роҳ монанд. Дар ҳақиқат, агар волидайн нисбати фарзандаш дар истифодабарии шабакаҳои интернет бемасъулиятӣ нишон диҳанд, яъне аз кору рафтори фарзандашон огоҳ набошанд, он хатари ҷиддӣ ба рафтор, гуфтор ва кирдори кӯдакон расонида метавонад. Яъне, кӯдакон ҳар гуна наворҳоро тамошо мекунанд ва ҳар хел гуфторҳои ноҷоро мехонанд, ки ин боиси дигаргунии рафтори онҳо мегардад. Бояд интернетро барои ташаккул ва рушди шахсият бо хислатҳои ҳамида истифода намуд.

Ҳама хизматрасониҳои интернетиро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: пахш, интерактивӣ, ҷустуҷӯӣ ва се марҳилаҳои бо имкониятҳои дидактикии шабака вобастабуда.

Интерактивӣ -("интер"- байни ва "актив"-фаъол, самаранок) дарбаргирии унсур бо ҳамкории корбар, тамошобин ё хонанда мебошад.

Дар раванди таълим, омӯзгор метавонад аз ин се намуди хизматрасониҳо истифода барад:

- Хадамоти пахш:

интернет радио ва телевизион; интернет барои паҳн кардани рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо; дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои бойгонишуда (китобхонаҳои электронӣ, китобҳои инфиродӣ ва адабиётҳои методӣ дар шакли электронӣ, маводи аудио ва видео дар шакли файлҳои бойгонишуда); низомҳои иттилоотӣ; пойгоҳи маълумотҳо; китобҳои дарсии электронӣ.

• Хизматрасониҳои интерактивӣ:

почтаи электронӣ; телеконференсияҳо (ҳамоишҳо); каналҳои IRC (чатҳо);

видеоконфронс; видео мувофиқи талабот; таълими фосилавӣ, санҷиши фосилавӣ; барнома-тренажёрҳо; харитаҳои сатҳи замин дар вақти воқеӣ.

• Хизматрасониҳои ҷустуҷӯӣ:

Чи тавре ки дар боло қайд гардид, яке аз ин хизматрасониҳои интерактивӣ почтаи электронӣ мебошад.

Бо ёрии E-mail (почтаи электронӣ) истифодабаранда метавонад ахбори худро фиристонад ё ахбори фиристодашударо қабул намояд. Почтаи электронӣ инчунин ахбороти мухталиф, хабарҳои ҳарсоата, телеконференсияҳо, фиристодани китобҳои электронӣ ва ғайраҳоро иҷро намуда, ба воситаи он хабарҳо бо факс, пейҷер, телефони дастӣ ва ғайраҳо фиристода ва қабул карда мешаванд.

Ирсоли мактубҳо дар интернет бе иштироки шахс ба вуқуъ меояд. Барои он ки адресат мактубатонро гирад, зарур аст, ки вай ба шуъбаи алоқаи худ дар тамос бошад.

Суроғаҳои почтаҳои электронӣ аз ду қисм иборат аст, ки бо аломати **at «@»** аз ҳамдигар ҷудо карда мешавад. Аз тарафи рости ин аломат суроғаи компютер, ки дар шуъбаи алоқаи муштарӣ ҷойгир аст, меистад. Адреси мазкур ба монанди номи **доменӣ** ташкил меёбад. Аз тарафи чапи аломат номи муштарӣ ҷойгир мешавад. Масалан: Donichju@**mail.ru** [9,с.208].

**Омӯзиши фосилавӣ**-низ ба хизматрасониҳои интерактивӣ дохил мешавад. Омӯзиши фосилавӣ раванди таълимиест, ки бо истифода аз технологияҳо муоширати байни донишҷӯён ва омӯзгорро дар фосилаи дур бидуни тамоси мустақим таъмин мекунад. Омӯзиши фосилавӣ барои нафарони имконияташон маҳдуд хеле қулай аст [8,с.121].

Омӯзиши фосилавӣ метавонад, хусусиятҳои мусбат ва манфии худро дошта бошад. Муҳаққиқон оид ба ин масъала ба хусусиятҳои мусбати таълими фосилавӣ чунин нисбат медиҳанд:

1. Раванди таълим бо истифода аз технологияи муосир сурат мегирад, ки он барои дастрасии васеи бойгониҳо иттилооти гуногуни таълимиро бо истифода аз шабакаҳои компютерӣ фароҳам меорад, ки он таҳсили фосилавиро самараноктар мекунад [8,с.121].
2. Таҳсилоти фосилавӣ имкон медиҳад, ки манзили худро тарк накарда, таҳсил кунанд [11, с.91].
3. Барои машварат намудани хонанда ё донишҷӯ бо омӯзгор ба воситаи шабакаи интернет ҳангоми нафаҳмидани дарсҳои асосӣ [8,с.121].

Бояд қайд намуд, ки ташкили таҳсилоти фосилавӣ дар замони муосир талаби рӯз аст. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш ба ифтихори Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ зикр намуд, "...вақти ҷорӣ намудани низоми таҳсили фосилавӣ кайҳо расидааст. Баъзе аз муассисаҳои таълимӣ аллакай ба дастовардҳои муайян ноил шудаанд. Аммо ҷараёни татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар умум суст буда, дар ин самт ташаббускорӣ миёни муассисаҳои олии таълимӣ кам ба мушоҳида мерасад. Ин тарзи таҳсил имкон медиҳад, ки бо нигоҳ доштани сифати таълим хароҷоти зиёдатӣ барои як донишҷӯ то 2-3 баробар кам шавад ва шахс истеҳсолотро тарк накарда, аз тариқи интернет соҳиби дониш ва ихтисоси зарурӣ гардад" [2].

Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ донишҷӯёни оянда ба ҳисоб меравand, аз ин лиҳоз бояд дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ аз истифодабарии

интернет ва омӯзиши фосилавии донишгоҳу донишкадаҳо маълумот дошта бошанд, то ин ки дар оянда ба мушкилиҳо дучор наоянд.

Аз ин бармеояд, ки ТИК ва интернет ҳамчун китобхонаи электронӣ ва таъминкунандаи барномаҳои компютерӣ назар ба корҳои синфӣ бештар дар корҳои беруназсинфӣ истифода бурдан бамаврид аст, чунки соатҳои дарсии нақшавӣ аз маҳдудиятҳо иборатанд. Соатҳои дарсҳои беруназсинфӣ аз рӯйи хоҳиши хонандагон сурат мегиранд, бинобар ин қисме аз вазифаҳои худро хонанда ба хона гирифта бурда он ҷо иҷро мекунад, маълумоти иловагию масофагӣ мегирад; оиди мафҳумҳое, ки нофаҳмо аст, на ба омӯзгор, балки ба компютер ва системаҳои ҷустуҷӯии интернетӣ рӯ меоварад, аз барномаи тарҷумонӣ истифода мебарад ва ғайра. Пас, ТИК ва интернет дар раванди дарс ва корҳои беруназсинфии хонандагон мавқегузор мебошад [12, с.374].

Вазифаи асосии машғулиятҳои беруназсинфӣ ҳаматарафа инкишоф додани қобилияти хонандагон мебошад. Рушди яктарафаю маҳдудияти хонанда, ҳангоме ки ӯ нисбат ба ягон фан қобилият зоҳир менамояду дар айни замон нисбат ба ҳамаи боқимонда тамоман бепарво мемонад, дуруст нест. Албатта, шавқу ҳавасе, ки бо қобилият алоқаманд аст, бояд ҳукмрон монад, вале муаллим, дар баробари ин, ба рушди ҳаматарафа ва мутаносиби шахсияти хонанда ва васеъ гаштани ҷаҳонбинии ӯ кӯшиш кунад [15, с. 38].

Дар марҳилаҳои кунунии рушди низоми маориф сифати таълим, омӯзиш ва хизматрасониҳои таҳсилотӣ, бемуҳобот, аз тарзи истифодабарии дурусти ТИК вобастагии калон дорад. Дар шакли фосилавии таълим бо истифода аз хадамоти интернетӣ ба донишҷӯён барномаҳои таълимӣ, машваратҳои омӯзгорон, ҳама гуна маводи матнӣ, аудиоӣ ва видеоии омӯзишӣ пешниҳод карда мешаванд [3, с. 86].

Имкониятҳои функсионалии хизматрасониҳои таълимӣ чунинанд:

- конфронсҳои аудио-видеоӣ (Web-камера бо гӯшмонак ва микрофон);
- боргирии ҷараёни дарс бо ёрии тахтаи электронӣ ва рӯнамо;
- сабти раванди дарс ва такрори лаҳзаҳои он дар интиҳои дарс бо мақсади мустаҳкамкунии хотира;
- истифодаи чат (англисӣ-to chat, тоҷикӣ-суҳбат) дар машғулиятҳо (имконияти саволу ҷавоб ва муколама кардан дар давоми дарс);
- муайянкунии супоришҳои мавзуӣ барои мустаҳкамкунии маводи дарсӣ ва тестсупорӣ;
- истифодаи низоми кори худназоратӣ, пайгирӣ аз анҷоми ҳар як супориши омӯзишӣ;
- курсҳо, барномаҳо ва китобҳои дарсии электроние, ки барои худомӯзӣ пешбинӣ шудаанд (масалан: Alif.academy, Skillbox.tj);
- олимпиадаҳои омӯзишӣ, олимпиадаҳои байналмилалӣ дар асоси илм (urfodu.ru/ru/) тестҳо, санҷишҳои онлайн ва ғайрирасмӣ (масалан: nts.tj, mir-oiymp.ru, oiymp.educa.ru);
- ассотсиатсияҳои илмӣ (барои хонандагон ва муаллимон);
- китобхонаҳои виртуалӣ (Масалан: www.btsu.tj).

Тавре ки маълум аст, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба намудҳои гуногуни фаъолияти касбӣ: омӯзгорӣ, илмӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ, тарбиявӣ, фарҳангию маърифатӣ, идоракунӣ машғуланд. Вобаста ба намуди муайяни фаъолият усулҳои гуногуни истифодабарии технологияҳои интернетӣ вуҷуд доранд, ки имкон медиҳанд, ки иттилоот қабул ва интиқол дода шавад ва инчунин анҷом додани алоқаро фароҳам оваранд [4,с.26].

Истифодаи технологияи интернет, аз қабили WWW ё шабакаҳои умумиҷаҳонӣ, ки аз миллионҳо сайтҳои иттилоотӣ, ки бо абарпайванд алоқаманданд, дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ ва корҳои беруназсинфии фан чунин имкониятҳои васеътари омӯзишро фароҳам меорад:

-интиқоли фаврии иттилоот дар ҳаҷм ва намуд ба дилхоҳ масофа;

-дастрасӣ ба манбаъҳои гуногуни иттилоот.

**Абарпайванд (гиперссылка)** -сохтори махсуси забони **HTML** буда, бо ёрии он абарматни як санад имкони бо абарматнҳои санадҳои дигар пайваст шуданро пайдо менамояд.

**Абарматн (Гипертекст)**-матни санадест, ки бо матни санадҳои дигари шабакавӣ пайванд ва омезиш ёфта, ниёзи корбарро қонеъ мегардонад [1, с.345].

Ҳангоми истифодаи захираҳои иттилоотии интернет, ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон, гузаронидани корҳои беруназсинфӣ хусусияҳоти синнусолии онҳо ва сатҳи омодагӣ ба шароити мавҷударо ба назар гирифтан зарур аст. Илова бар ин, ҳавасмандии омӯзиши мавод дар сурате муваффақтар мешавад, ки дар назди хонандагон вазифаҳои мушаххас ва амалан муҳим гузошта шаванд, ки ба ҳалли онҳо технологияҳои гуногуни иттилоотӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар барномаи фанни технологияи иттилоотӣ барои синфҳои 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши технологияҳои интернетӣ ва забони нишонагузории HTML пешбинӣ гардида, дар як ҳафта як соат ҷудо карда шудааст ва он барои пурра аз худ намудани мавзуъҳо басанда нест. Барои боз ҳавасманд намудани хонандагони синфҳои 9 барои дарсҳои беруназсинфӣ барномаи курс бо номи “Веб-дизайнер” таҳия намуда, пешниҳод менамоем. Дар курси иловагӣ хонанда метавонад аз бартариҳо ва зарари шабакаи интернет, бақайдгирӣ ва истифодаи дурусти почтаи электронӣ ва сохтани вебсаҳифаҳоро дар барномаи стандартии “блокнот” ва дигар барномаҳои барои сохтани вебсаҳифаҳо пешниҳодшуда омӯзад.

Бо рушди Интернет дар тамоми ҷаҳон талабот ба касби WEB-дизайнер пайдо шудааст. WEB дизайнер (ороишгар) – шахси дорои завқи бадеӣ, донандаи технологияи интернетӣ буда, WEB – саҳифаҳоро таҳия мекунад ва онҳоро дар WEB сайт муттаҳид месозад.

Дар курси дар боло қайдгардида мо сохтори ҳуҷҷат дар **HTML**-ро ба хонандагон баён менамоем. Бо HTML, тарҳҳои гуногун, тасвирҳо ва дигар объектҳоро, аз қабили шаклҳои интерактивии веб метавонанд дар саҳифаи пешниҳодшуда ҷойгир кунанд. HTML воситаҳоро барои сохтани сарлавҳаҳо, параграфҳо, рӯйхатҳо, истинодҳо, иқтибосҳо ва дигар элементҳо таъмин мекунад. Сохторҳои асосии забон тегҳо мебошанд. Ҳама тегҳои HTML бо “<” (қавси кунҷии тарафи чап) оғоз меёбад ва бо “>” (қавси кунҷии тарафи рост) анҷом меёбад. Одатан, теги оғоз ва теги анҷом мавҷуд аст. Теги <title>....</title>- барои гузоштани сарлавҳаи ҳуҷҷат, теги анҷом аз теги оғоз бо хатти пеш аз матни дохили кавс фарқ мекунанд [13,с. 5]. Тегҳои <img/> ва <input/> мундариҷаро мустақиман ба саҳифа ворид мекунад. Дигар тегҳо, ба монанди <p> матн, дар дохили худ иҳота мекунанд ва сабк мекунанд ва метавонанд тегҳои дигарро ҳамчун зерэлементҳо дар бар гиранд. Браузерҳо тегҳои HTML-ро намоиш намедиҳанд, аммо онҳоро барои тафсири мундариҷаи саҳифа истифода мебаранд. Ҳуҷҷатҳои матние, ки дорои аломатгузории HTML мебошанд (ин гуна ҳуҷҷатҳо одатан васеъшавиро доранд .html ё .htm) тавассути барномаҳои махсус коркард карда мешаванд, ки ҳуҷҷатро дар шакли форматаш намоиш медиҳанд. Чунин

барномаҳо "браузерҳо" ё "браузерҳои интернетӣ" номида мешаванд. Одатан, онҳо барои истифодабаранда интерфейси (interface-англисӣ, интерфейс барои таъмин намудани интиқоли иттилоот байни истифодабаранда ва барномаҳои компютер) қулайро барои дархости веб саҳифаҳо, дидани онҳо (ва намоиши онҳо дар дигар дастгоҳҳои беруна) ва дар ҳолати зарурӣ фиристодани маълумоти аз ҷониби корбар воридшударо ба сервер таъмин мекунанд. Браузерҳои маъмултарини имрӯза Google Chrome, Mozilla Firefox, Opera, Internet Explorer ва Safari мебошанд [5].

Ба хонандагон маълумот медиҳем, ки моҳи марти соли 1989 дар лабораторияи физикаи амалии Аврупо (CERN) консепсияи шабакаи ҷаҳонии Интернет ба вуҷуд омад. Онро олими машҳури британиёӣ Тим Бернерс-Ли пешниҳод кардааст. Вай инчунин протоколи HTTP, забони HTML ва URI-ро дар тули ду сол таҳия кардааст. Ҳаммуаллифи Тим Бернерс-Ли оид ба таҳияи ҳадафҳо ва вазифаҳои лоиҳаи шабакаи ҷаҳонии Интернет дар CERN, пажӯҳишгари Белгия Роберт Кайо, баъдтар ақидаи худро дар бораи пайдоиши лоиҳа пешниҳод намуд. Маҳз маҷмуи веб-протоколи Тим Бернерс-Ли, имкони муоширатро ва браузери Марк Андриссен (Mosaic) интерфейси корбарии функсионалии мукаммалро фароҳам овард [14].

Имрӯзҳо намудҳо ва номгӯйи барномаҳо барои сохтани WEB-саҳифаҳо **HTML** ҳуҷҷатҳо сохта шудаанд, ба монанди дастаи касбии пуриқтидори FrontPage, Dreamweaver, Атом, Sublime text ва оилаи машҳури таҳриргарони матнии WordPad, Microsoft Word, Corel WordPerfect. Барои омӯзиши кор бо **HTML** дилхоҳ таҳриргари матнӣ, масалан “Блокнот”-и барномаи стандартии СО Windows-ро метавон истифода бурд. Ҳангоми таҳияи WEB-саҳифа дар барномаи стандартии “Блокнот” истифодабаранда зуд ва қулай тегҳоро аз худ мекунанд**.** Баъд аз пурра аз худ намудани тегҳо омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ метавонад дар яке аз барномаҳои зикршуда тарзи таҳияи WEB-саҳифаро омӯзонад.

**Тег (Tag)**-аз калимаи англисӣ гирифта шуда, маънояш нишон, ё ин ки аломат мебошад, ки бо ёрии он WEB-саҳифаҳо месозанд.

Акнун нақшаи намунавии яксоата барои гузаронидани курси WEB-дизайнер барои синфҳои 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро пешниҳод менамоем.

<u>Мавзуи дарс:</u> Асосҳои забони HTML, ё ин ки чӣ гуна дар барномаи Sublime text саҳифаи WEB-саҳифаро месозанд

<u>Мақсад:</u>

1.Шинос намудани хонандагон бо забони нишонагузории HTML, шиносоӣ бо тегҳои асосии HTML дар барномаи намоишномавӣ; омӯзонидани хонандагон барои сохтани WEB-саҳифа дар барномаи Sublime text.

2. Инкишофёбӣ: Инкишоф додани малакаҳои фикрронӣ, ҳавасмандгардонӣ, кор бо компютер, ҳосил намудани шавқ ба хондан, талабот ба худтасдиқкунӣ, масъулиятнокӣ ба натиҷаи корҳои иҷро кардаи худ, мустақилият пайдо намудан, омода будан, худидоракунӣ.

3. Тарбия намудани хонандагон дар самти дуруст нигоҳ доштан ва ҳифз кардани ашёҳои мактаб, техникаи ҳисоббарор ва дигар лавозимоти ёрирасони таълим; нигоҳ доштани интизом ва меҳнатдӯстӣ.

<u>Ашёи айёнӣ:</u> тахтаи синф, нақшаи яксоатаи дарс, компютер, барномаи Microsoft PowerPoint 2010, барномаи Sublime text, браузерҳо, карточка-супориш барои кори амалӣ.

<u>Рафиши дарс:</u>

<u>Қисми ташкили дарс:</u>

- Одоби саломро ба ҷо овардан;

• ҳозирғоиб намудан;
• фаҳмонидани равиши дарс.
Пурсиши вазифаи хонагӣ:
• хонандагонро пурра пурсидан.
Баёни мавзуи нав:
Асосҳои забони HTML, ё ин ки чӣ гуна саҳифаи WEB-саҳифаро месозанд.

Хонандагонро бо барномаи нишонагузории **HTML** шинос карда, оид ба таърихи **HTML** маълумот медиҳам. Бо слайдҳо намоиш медиҳем.

Мустаҳкамкунии донишҳои азхудкарда:

Тарзи сохтани **WEB**-саҳифаро ба хонандагон дар амал омӯзонанд, ки дар барномаи “Блокнот” онро иҷро карда тавонанд ва сипас онро дар барномаи Sublime text иҷро кунанд.

| | |
|---|---|
| *Слайди 1-ум*<br><br> | *Слайди 2-ум*<br><br> |
| <br><br>*Слайди 3-ум* | <br><br>*Слайди 4-ум* |
| <br><br>*Слайди 5-ум* | *Слайди 6-ум* |
| *Слайди 7-ум* | *Слайди 8-ум* |






*Слайди 9-ум*

Слайди 10-ум










*Слайди 11-ум*




*Слайди 12-ум*




*Слайди 13-ум*




*Слайди 14-ум*




*Слайди 15-ум*




Слайди16-*ум*




*Слайди 17*




*Слайди 18*




*Слайди 17-ум*




Слайди 18-ум

Кори амалӣ «Чӣ гуна саҳифаи WEB-саҳифаро месозанд»

Супориш. Саҳифаи аввалини худро дар барномаи Sublime text созанд.

Баъд аз худ намудани тегҳо омӯзгор метавонад бо хонанда бо яке аз ин барномаҳо кор кунад.

Тарзи кор кардан дар барномаи Sublime text-ро пешниҳод менамоем. Барномаи Sublime text ройгон аст. Инчунин, кор дар барномаи Sublime text хеле осон ва қулай аст.Чӣ тавр аввалин саҳифаи **HTML-и** худро эҷод кардан мумкин аст?Инро дар барномаи Sublime text дида мебароем.

✓ Қадами аввал, барномаро аз шабакаи интернет дастрас карда, онро дар компютери худ васл кунед.

✓ Қадами дуюм, дар ҷойи мувофиқ (масалан дар мизи корӣ) ки дар он лоиҳа нигоҳ дошта мешавад, ҷузвдон созед. (Слайди 5).

✓ Қадами сеюм, тарзи кушодани барномаи Sublime text бо воситаи банди Оғоз “Пуск” (Слайди 6).

✓ Қадами чорум, барномаро фаъол мегардонед ва монанди барномаи “Блокнот”, бо пахши тугмаҳои Ctrl+S сабт (сохранить) кунед, ки он дар слайд нишон дода шудааст. Равзани баромаи Sublime text дар слайди 7. Тарзи сабт “Сохранить” намудани барнома дар слайди 8.

✓ Қадами панҷум, барномаро кушода, аввалин тегро ворид менамоем, яъне теги <html>. Бартарии ин барнома дар он мебошад, ки ҳангоми ворид намудани теги аввалин, тегҳои лозимӣ бо тарзи худкор намоён мешаванд. Мо фақат матнро дар тегҳои вобаста ҷой мекунем ва бо пахши тугмаҳои Ctrl+S сабт (сохранить) мекунем. (слайди 9).

✓ Қадами шашум, дар дохили теги **<body>…</body>** мантро ворид мекунем. (Слайди 10).

✓ Қадами ҳафтум, аз ҷузвдони “Сомонаи аввалин” браузерро мекушоем. Натиҷааш дар слайди 11 намоиш дода шудааст.

✓ Қадами ҳаштум, ба таҳриргари матнӣ тағйирот медарорем (слайди 15 ва натиҷааш дар слайди 16 дида мешавад).

✓ Қадами нуҳум, зам намудани тэгҳо ба таҳриргари матнӣ аз ҷадвали слайди 17, дар барнома дар слайди 18 ва натиҷааш дар слайди 19 намоиш дода шудааст.

**Муқарриз: Сатторов А.Э.- д.и.п., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

## АДАБИЁТ


1. Комилов Ф.С. Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ / Ф.С. Комилов. - Душанбе: Душанбе принт, 2016. -480 с.
2. Суханрониҳои Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. -2015// Нашрияи Ҷумҳурият. Санаи нашр: 2.09.2015. -№: 178.
3. Файзализода Б.Ф. Эффективность реализации дидактического обеспечения на основе ИКТ в образовательном процессе ССПМО / Б.Ф. Файзализода, М.М.Нуралиев, Ж.А.Курбанов, Р.К. Файзиев // Сборник научных статей по итогам национальной научно-практической конференции “Наука и практика в решении стратегических и тактических задач устойчивого развития России” Центр системного анализа, 30-31 января 2019 г- Санкт-Петербург, 2019. -С.86-87.
4. Мустафина К.Р. Интернет-технологии в педагогической деятельности учителя. Дисс... канд. пед. наук / К.Р. Мустафина. - Махачкала, 2009. - 76 с.
5. [Манбаи электронӣ]. https:// ru.m.wikipedia.org
6. Михайлова Г.С. Применение интернет-технологий во внеурочной образовательной деятельности учащихся. [Манбаи электронӣ]. https: // urok. 1Sept. ru/ person/ 102-427-032
7. Солиҳов Н. Интернет-бузургтарин пойгоҳи иттилоотӣ / Н. Солиҳов //Омӯзгор-нашрияи Вазорати маориф ва илми ҶТ. -№5 (12333), 3.02.2022.
8. Мазько А.Ю. Новые технологии обучения (дистанционное обучение) / А.Ю.Мазько, В.Б.Поповская // Альманах современной науки и образования, № 3-3-Тамбов: Общество с ограниченной ответственностью. - Издательство “Грамота”, 2007. –С. 121-122.
9. Қосимов И.Л., Асосҳои информатика ва технологияҳои компютерӣ / И.Л.Қосимов, Ш.Ш. Зиёев. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. - 227 с.
10. Михальченко Е. Газета “Коммерсант”. - №182/П от 7.10.2019
11. Блоховцова Г.Г. Перспективы развития дистанционного обучения / Г.Г. Блоховцова и др. // Новая наука: стратегии и векторы развития, № 118-3 – Уфа: Общество с ограниченной ответственностью «Агентство международных исследований», 2016. – С. 89-92.
12. Раҷабова Н.С. Нақши технологияҳои муосир дар баландбардории завқи худомӯзии хонандагон ҳангоми иҷрои корҳои беруназсинфӣ аз информатика / Н.С.Раҷабова, А.Э.Сатторов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №10/2020. - С- 374-377, ISSN 2074-1847.
13. Зудилова Т.В. Web-программирование HTML /учебное пособие / Т.В.Зудилова, М.Л. Буркова. - Санкт-Петербург, 2012. - 70 с.
14. https://www.w3.org/History/1989/proposal.html
15. Сатторов А.Э. Ташкили корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика. Дастури методӣ / А.Э.Сатторов, Н.С. Раҷабова. – Душанбе, 2020. -131 с.

**МАВҚЕИ ИНТЕРНЕТ ДАР ТАШКИЛИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ**

Дар мақолаи мазкур мавқеи интернет дар ташкили корҳои беруназсинфӣ, методҳо ва шаклҳои истифодабарии он баррасӣ шудаанд. Ҳадаф ва вазифаҳои таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ баён гардида, мавқеи истифодабарии интернет дар раванди дарсҳои беруназсинфӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ баҳо дода шудааст. Мавқеи хизматрасониҳои интернетӣ дар корҳои беруназсинфии хонандагон баҳо дода шуда, усулҳои истифодабарии технологияҳои интернетӣ пешниҳод мегарданд. Инчунин, оиди шаклҳои хизматрасониҳои интерактивии он, оиди почтаи электронӣ ва таълими фосилавӣ маълумот дода шудааст.Дар мақола, инчунин, нақшаи намунавии яксоата барои гузаронидани курси WEB-дизайнер барои синфҳои 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оварда шудааст, ки хонандагонро бо барномаи нишонагузории HTML ва таърихи он шинос менамояд. Инчунин, бо ёрии барномаи Sublime text "Саҳифаи аввалин" сохта шудааст, ки дар намуди дарси намоишӣ ва қадам ба қадами амалӣ дода мешавад, ки аз намунаи дарс-намоиш дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, махсусан дар дарсҳои беруназсинфӣ истифода намудан бамаврид аст.

**Калидвожаҳо**: интернет, худомӯзии беруназсинфӣ, хонанда, дониш, олами электронӣ, таҳсилоти фосилавӣ, почтаи электронӣ, бартариҳо ва зарари интернет.

**МЕСТО ИНТЕРНЕТА В ОРГАНИЗАЦИИ ВНЕКЛАССНОЙ РАБОТЫ**

В данной статье рассматривается место Интернета в организации внеурочной деятельности, способы и формы его использования. Описаны цели и задачи образования в общеобразовательном учебном заведении, а также оценено место использования сети Интернет в процессе внеурочных занятий в области информационных технологий. Оценивается место интернет-сервисов во внеучебной деятельности студентов, а также представлены способы использования интернет-технологий. Также дана информация о формах его интерактивных сервисов, об электронной почте и дистанционном обучении.Также в статье приведен примерный часовой план проведения курса WEB-дизайнера для 9 класса общеобразовательных учреждений, который будет познакомить учащихся с программой разметки HTML, и ее история кажется знакомой. Также с помощью программы Sublime text создана «Первая страница», которая дается в виде практического пошагового демонстрационного урока, который следует использовать как демонстрационный урок в общеобразовательном учреждении. , особенно на внеклассных занятиях.

Ключевые слова: Интернет, внеаудиторная самостоятельная работа, студент, знания, электронный мир, дистанционное обучение, электронная почта, преимущества и недостатки Интернета.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабова Нодирамо Сайдаҳмадовна*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
E-mail: **n_rachabova@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-89-07-67**

**Сведение об авторе:** ***Раджабова Нодирамо Сайдахмадовна*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры , преподаватель кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67**.** E-mail: **n_rachabova@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-89-07-67**

**Information about the author:** ***Rajabova Nodiramo Saydahmadovna*** - Bokhtar State Univercity named after Nosiri Khusrav, assistant at the Department of Information Technologies and Methods of Teaching Computer Science. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67.
E-mail: **n_rachabova@mail.ru**. Phone: **(+992) 919-89-07-67**

**УДК: 372.853:510.5**

# ТАТБИҚИ АЛГОРИТМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА МАВЗУИ «ҚОНУНИ БАҚОИ ЭНЕРГИЯИ МЕХАНИКӢ» ДАР СИНФИ X

***Раҷабов У.Х., Умаров У.С.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Алгоритм ҳамчун маҷмӯи муқаррароти тарҳрезишудае мебошад, ки иҷрои пайдарпайии он барои ҳал кардани ягон масъалаи мушаххас имконият фароҳам меорад. Доир ба аҳамияти алгоритмҳо муҳаққиқони зиёд тадқиқот бурдаанду бештари омӯзгорон онҳоро барои самаранок ва ташаккул додани маҳорату малакаҳои ҳал кардани масъалаҳо истифода мекунанд. Мутаассифона, таҳлили натиҷаҳои корҳои санҷишии аз хонандагони як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гирифташуда ва имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар аксари муассисаҳои таълимӣ хонандагон доир ба алгоритмҳо маълумот надоранд ва ҳатто бо методҳои одитарини муҳокимаронҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои маъмули паҳншуда тасаввурот надоранд. Он имкониятҳои фаровоне, ки дар маҷмуи алгоритмҳо оид ба ҳалли масъалаҳо ҷой доранд, дар амалияи кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода намешаванд.

Таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи кори омӯзгорони физикаи як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор сохт, ки доир ба методикаи ҳалли масъалаҳо дар таълими физика олимон Бугаев А.И. [8], Каменетский С.Е., Орехов В.П. [11], Балаш В.А. [4], Умаров У.С., Раҷабов У.Х., Бобониёзова Г.А. [18], Усова А.В., Тулкибаева Н.Н. [20] ва доир ба татбиқи қонуни бақои энергия дар курси физикаи мактабӣ бошад, муҳаққиқон Аникин А.Е. [3], Дидович Н.Н. [10], Мякишев Г.Я. [13], Соколовский Ю.И. [17], Файнберг Г. ва Голдхабер М. [21], Чижевский Е.А. [22], Юскович В.Ф. [24] дигарон тадқиқот бурда, рисолаҳои илмӣ, мақолаву дастурҳои методиву таълимӣ нашр кардаанд. Доир ба татбиқи алгоритм дар ҳалли масъалаҳои физикӣ муҳаққиқон Аксененко Н.И., Бит-Давид Е.Л., Кревчик В.Д. [1, 2], Гутман В.И. ва Мошанский В.Н. [9], Бит-Давид Е.Л. [6, 7] дар мақолаву дастурҳои методиашон фикрҳои худро иброз намудаанд, ки дар онҳо доир ба мавзуи тадқиқотӣ маълумоти кам дарёфт кардан мумкин аст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки то ба ҳол ягон дастури методии мукаммале ба забони тоҷикӣ оид ба татбиқи алгоритми ҳалли масъалаҳои физикӣ доир ба мавзуи «Қонуни бақои энергия» вуҷуд надорад. Ҳол он ки китоби дарсии физикаи синфи X [15, с. 60] ва барномаи таълимии амалкунандаи физика [6] барои ин шароити мусоид фароҳам меоранд. Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, ки оид ба татбиқи алгоритми ҳалли масъалаҳо доир ба мавзуи «Қонуни бақои энергия» дар синфи X тавсияҳо пешниҳод намоем.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки дар дарсҳои физика ба таври мусалсал истифода кардани алгоритмҳо дар ҳалли масъалаҳои физикӣ фаъолияти маърифатии хонандагонро ташаккул дода, бахри рушди қобилияти эҷодиву тафаккури мантиқиву физикии хонандагон, татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал кумак мерасонад.

Муваффақияти ҳалли ҳар гуна масъала бо методи энергетикӣ асосан бо он муайян карда мешавад, ки мафҳумҳои энергетикӣ ба таври назариявӣ чӣ гуна ворид карда шудаанд. Бинобар ин, пеш аз ҳама, биёед муоина намоем, ки дар азхудкунии мафҳумҳои энергетикӣ ва татбиқи онҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳо хонандагон ба чӣ гуна камбудиҳо роҳ доданашон имконпазир аст? Дар ҷараёни дарсҳо ин мафҳумҳоро чӣ тавр бояд ворид намуд ва барои ислоҳи камбудиҳои хонандагон чӣ тадбирҳо андешид?

Барои фаҳмидан ва татбиқ намудани мафҳумҳои «кор» ва «энергия» чунин камбудиҳо рух доданашон имконпазир аст:

1. Азбаски ҳангоми тартиб додани масъалаҳо, одатан, мафҳуми «ҳолати системаи механикӣ» дохил карда намешавад, бинобар ин байни вожаҳои «энергия» ҳамчун тавсифоти «ҳолат» ва «кор» ҳамчун тавсифоти раванд тафовут гузошта намешавад. Аз ин ҷо хонандагон дар бораи «захираи кор» ва шарҳ додани бузургии $\Delta A$ ҳамчун «тағйирёбии

кор» тасаввурот пайдо мекунанд. Вобаста ба ин хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳо бо методи энергетикӣ аксар вақт намефаҳманд, ки пеш аз ҳама ду ҳолатро интихоб кардан ва дар онҳо энергияи пурраи механикиро муқоиса намудан лозим аст.

2. Азбаски дарки мафҳуми «қувваҳои потенсиалӣ» ба хонандагон душвор аст, бинобар ин онҳо чӣ будани энергияи потенсиалиро возеҳ тасаввур карда наметавонанд ва ба саволи «ҷисмҳо дар кадом ҳолат соҳиби энергияи потенсиалӣ мешаванд?» аксар вақт ҷавоб медиҳанд, ки: «ҳангоме ки ҷисм ба ягон баландӣ бардошта шудааст» ва намефаҳманд, ки ҳангоми ба ягон чуқурӣ фуровардани ҷисм ҳам, он нисбат ба ибтидои системаи сарҳисоби интихобшуда соҳиби энергияи потенсиалӣ мегардад. Мавриди ҳалли масъалаҳо ибтидои системаи сарҳисоб барои энергияи потенсиалӣ аз ҷониби хонандагон аксар вақт нодуруст интихоб карда мешавад.

3. Қонуни бақои энергияи механикиро аксаран барои системаҳои сарбаста иҷрошаванда мешуморанд ва онро бо таъсири қувваҳои потенсиалӣ (консервативӣ) алоқаманд намекунанд. Дар ҳамин асос хонандагон ба татбиқи қонуни мазкур ҳангоми ҳалли масъалаҳо на ҳамеша дуруст муносибат мекунанд.

Чунончи, ҳодисаи зарбаи ғайричандириро муоина карда (масалан, дар масъала доир ба раққосаки баллистикӣ сухан меравад) дар асоси сарбаст будани система, доир ба имконияти ба таъсироти мутақобили тиру қуттӣ қонуни бақои энергияро татбиқ кардан, хулосаи нодуруст мебароранд, ҳол он ки барои таъсироти мутақобила бояд қонуни бақои импулсро истифода барем ва танҳо пас аз ин, ҳангоми муоинаи ҳаракати системаи «тир – қуттӣ» дар майдони потенсиалӣ, қонуни бақои энергияро татбиқ намоем.

Умуман, масъалаҳо доир ба татбиқи қонунҳои энергетикиро хонандагон бо душвориҳои зиёд ҳал мекунанд.

Акнун мебинем, ки тавассути ворид намудани баъзе тағйирот ҳангоми тафсири мафҳуми энергия дар курси физикаи синфи X чӣ тавр ин камбудиҳоро пешгирӣ кардан имконпазир аст. Ҳамчунин, ин имкон медиҳад, ки мазмун ва сабабҳои татбиқ намудани алгоритми зер аз ҷониби хонандагон хубтар дарк карда шавад.

Ҳолати системаи механикӣ ва тавсифоти он. Азбаски мафҳуми «ҳолат» дар курси физикаи синфҳои X-XI васеъ истифода мешавад, аз ин рӯ аллакай дар синфи VII мафҳуми «ҳолати системаи механикӣ»-ро бо такя ба истифодаи истилоҳи «ҳолат» дар рӯзгор дохил кардан мумкин аст. Таҳти мафҳуми «ҳолати объект» онро фаҳмидан мумкин аст, ки дар лаҳзаи додашудаи вақт «объект» «ҳамон вазъ»-ро дорад. Масалан, ҷумлаи «объект (нуқтаи материалӣ) дар ҳолати мазкур воқеъ аст», маънои онро дорад, ки он дар лаҳзаи муайяни вақт бо бузургиҳои муайян – параметрҳои ҳолат (механикӣ) тавсиф карда мешавад. Муайян кардани «ҳолати системаи механикӣ» – маънои муайян кардани параметрҳои онро дорад: қиматҳои лаҳзавии координат ва суръат. Агар «объект» дар ҳамин ҳолат бошад, ин маънои онро надорад, ки «объект» ором аст. Ин ҳолат оромӣ нест, балки лаҳзаи ҳаракатро тавсиф мекунад.

На ҳамаи бузургиҳои физикӣ «ҳолат»-ро тавсиф карда метавонанд. Як қатор бузургиҳо на худи «ҳолатро», балки раванди тағйирёбии онро дар ягон фосилаи вақт тавсиф мекунанд. Мисоли ин гуна бузургиҳо кӯчиш, суръат, импулси қувва, миқдори гармӣ (барои ин бузургиҳо қимати лаҳзавиро гузоштан имконнопазир аст) буда метавонанд.

Кори қувва. Бо дохил кардани мафҳуми «кори қувва» (онро ба маънои истилоҳи номафҳуми «кори ҷисм» истифода кардан мумкин нест) ҳамчун ҳосили зарби модули қувва ба модули кӯчиш ва косинуси кунҷи байни кӯчишу қувва, қайд кардан лозим аст, ки «кори қувва» тавсифоти «ҳолат» набуда, балки раванди тағйирёбии онро тавсиф медиҳад, чунки оид ба кори дар ҳамин лаҳза, дар ҳамин ҳолат иҷрошаванда сухан гуфтан маъно надорад. Кӯчиш дурудароз идома ёфта метавонад ва танҳо доир ба кори дар ягон кӯчишу ягон фосилаи вақт иҷрошуда сухан гуфтан равост. Бинобар ин, бузургии $\Delta A$–ро ҳамчун «тағйирёбии кор» ҳангоми гузариш аз як ҳолат ба ҳолати дигар (одатан кори одиро чунин ишора мекунанд) фаҳмидан лозим нест.

Кори қувваҳои гуногун. Сипас (чи тавре ки дар китоби дарсии физикаи синфи X пешниҳод шудааст), кори навъҳои гуногуни қувваҳо ҳангоми аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштан, муоина гардида, натиҷаҳои зеринро ҳосил мекунанд:

а) кори қувваи баробартаъсиркунандаи қувваҳои дилхоҳ:

$$A_{12} = \frac{m\vartheta_1^2}{2} - \frac{m\vartheta_2^1}{2} = \Delta\left(\frac{m\vartheta^2}{2}\right);$$

б) кори қувваи вазнинӣ:

$$A_{12} = -(mgh_2 - mgh_1) = -\Delta(mgh);$$

в) кори қувваи чандирӣ:

$$A_{12} = -\left(\frac{kx_2^2}{2} - \frac{kx_1^2}{2}\right) = -\Delta\left(\frac{kx^2}{2}\right);$$

г) кори қувваи соиш ҳангоми аз ҳолати 1 ба ҳолати 2 аз рӯйи хатти рости дарозиаш $s$ ва аз мавқеи $s_1$ ба мавқеи $s_2$-и роҳи каҷхатта гузаштан:

дар ҳолати якум:

$A_{12} = -F_c s$ ва

дар ҳолати дуюм:

$A_{12}' = -F_c(s_1 + s_2)$ мешавад,

ки дар ин ҷо $s \neq s_1 + s_2$ ва $A_{12}' = A_{12}$ мебошанд.

Ҳангоми ҳалли ин масъалаҳо хулоса мебароранд, ки дар муқоиса бо кори қувваи соиш, кори қувваҳои ҷозибаю чандирӣ аз шакли траектория, ки аз рӯйи он гузариш аз як ҳолат ба ҳолати дигар ба амал меояд вобаста нестанд. Қувваҳое, ки кори онҳо аз шакли траекторияе, ки аз рӯйи он гузариш аз як ҳолат ба ҳолати дигар ба амал меояд вобаста нест, қувваҳои потенсиалӣ меноманд. Қувваҳои ҷозиба ва чандирӣ дар фарқият аз қувваи ғайрипотенсиалии соиш, қувваҳои потенсиалӣ мебошанд.

Инчунин, ба хонандагон нишон додан лозим аст, ки кори қувваҳои реаксия (масалан, қувваи реаксияи такягоҳ) ҳангоми набудани соиш, ҳамеша ба сифр баробар мебошад, пас қонунҳои энергетикиро истифода карда, қувваи реаксияро ба инобат нагирифтан мумкин аст.

Энергияи механикӣ ва навъҳои он. Натиҷаи ҳисоби кори навъҳои гуногуни қувваҳо, ки дар боло нишон додаем, таҳлилу муқоиса карда мешаванд. Умумияти натиҷаҳо дар бахшҳои а), б) ва в) оварда шудаанд. Дар онҳо доир ба тағйирёбии ҳолат, ки ба кори тағйирёбии якчанд бузургӣ – $\frac{m\vartheta^2}{2}, mgh, \frac{kx^2}{2}$ баробар мебошад, тавсиф дода мешаванд. Ин бузургиҳо аз параметрҳои ҳолат (координата ва суръат) вобаста буда, дар ҳолатҳои гуногун ҳархеланд. Ин имкон медиҳад, ки як ҳолат аз дигараш фарқ карда шавад, яъне онҳоро навъҳои гуногуни ягон тавсифоти ҳолат, ки энергияи механикӣ номида мешавад, ҳисобидан мумкин аст.

Энергия тавсифоти ҳолат буда, аз параметрҳои ҳолат вобастагӣ дошта, тағйирёбии он бо бузургии «кор» муайян карда мешавад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин бузургиҳо новобаста ба умумияташон аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд. Бузургии $\frac{m\vartheta^2}{2}$ аз суръат вобаста буда, аз таъсири навъи муайяни қувваҳо алоқаманд нест. Бузургиҳои $mgh$ ва $\frac{kx^2}{2}$ аз координата вобаста буда, ба таъсиркунии қувваҳои потенсиалӣ алоқаманданд.

Бузургии ҳолати ҷисми ҳаракаткунандаро тавсифдиҳанда аз суръати ҷисм вобаста буда, тағйирёбии ин бузургӣ ба кори қувваи баробартаъсиркунанда баробар аст ва онро энергияи кинетикӣ меноманд.

Бузургии тавсифдиҳандаи ҳолати ҷисмро, ки ба он қувваҳои потенсиалӣ таъсир мекунанд ва аз мавқеъ (координата) –и ҷисм вобаста буда, тағйирёбии он бо кори қувваҳои потенсиалӣ муайян карда мешавад, энергияи потенсиалӣ меноманд.

Ҳамин тариқ, агар ҷисм ҳаракат кунад, он дорои (ҳолати онро тавсифдиҳанда) энергияи кинетикӣ мебошад ва агар ба ҷисм қувваҳои потенсиалӣ таъсир намоянд, он соҳиби (ҳолати онро тавсифдиҳанда) энергияи потенсиалӣ мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар дарсҳо муҳимаш на дар хотир нигоҳ доштани ин таърифҳо, балки азхудкунии ҳамаи нишонаҳову тарафҳои асосии ин мафҳумҳо мебошад.

Сипас, нишон дода мешавад, ки энергияи потенсиалӣ – энергияи таъсироти мутақобил буда, барои муайянкунии қимати он ибтидои системаи сарҳисобро интихоб кардан лозим аст. Инро бо тарзҳои гуногун амалӣ кардан мумкин аст ва аз интихоби ибтидои системаи сарҳисоб қимат ва аломати энергияи потенсиалӣ вобастагӣ дорад. Бояд гуфт, ки кори қувваҳои потенсиалӣ ҳамеша ба тағйирёбии бо аломати акс гирифташудаи энергияи потенсиалӣ баробар аст, яъне $A_{пот} = -\Delta E_p$.

Вобаста ба ин, агар ҷисм аз ҳолати 1 ба ҳолати сифрӣ гузарад, он гоҳ $A_{10} = E_{p1}$ мешавад, яъне дар ин ҳолат энергияи потенсиалӣ ба кори қувваҳои потенсиалӣ ҳангоми гузариши ҷисм аз ҳолати мазкур ба сифрӣ баробар аст.

Дар хотимаи ин боб мафҳуми энергияи пурраи механикӣ дохил карда мешавад ва қонунҳои тағйирёбӣ ва бақои энергия асоснок карда мешаванд.

Ба монанди оне, ки ҳангоми омӯзиши мавзуи қонуни бақои импулси ҷисм иҷро карда шуда буд, мавриди омӯхтани ин мавзуъ ҳам ба хонандагон фаҳмонидан лозим аст, ки дар механика ду қонуни ба ҳам алоқаманди энергия мавҷуд аст: а) қонуни тағйирёбии энергияи механикӣ $\Delta E = E_2 - E_1 = A_{гайрипот}$ ва б) қонуни бақои он $\Delta E = E_2 - E_1 = 0$. Якум, мавриди амали қувваҳои ғайрипотенсиалӣ ва дуюм – дар ҳолати амали танҳо қувваҳои потенсиалӣ эътибор доранд.

Инро ба таври зайл фаҳмонидан мумкин аст.

Бигзор нуқта аз ҳолати 1, ки бо бузургиҳои $E_{k1}$ ва $E_{p1}$ тавсиф мешавад, ба ҳолати 2-и бо бузургиҳои $E_{k2}$ ва $E_{p2}$ тавсифшаванда мегузарад ва ба нуқта ҳам қувваҳои потенсиалӣ ва ҳам ғайрипотенсиалӣ таъсир мекунанд. Дар ин ҳолатҳо доир ба энергияи механикии умумӣ чӣ гуфтан мумкин аст?

Кори баробартаъсиркунандаи ҳама гуна қувваҳо ба $А_{12} = А_{пот} + А_{гайрипот} = \Delta E_k$ баробар аст, аммо чӣ тавре ки нишон дода шуда буд, $А_{пот} = -\Delta E_p$ ва аз ин рӯ, $А_{12} = -\Delta E_p + А_{гайрипот} = -\Delta E_k$ мешавад. Аз ин ҷо, $\Delta E = E_2 - E_1 = A_{гайрипот}$ ва агар танҳо қувваҳои потенсиалӣ таъсир кунанд, он гоҳ $A_{гайрипот} = 0$ ва $\Delta E = E_2 - E_1 = 0$ мешавад, яъне қонуни бақои энергияи механикӣ иҷро мегардад.

Тарзи фавқуззикри фаҳмонидани мафҳумҳои энергетикӣ, мантиқи қабулшудаи фаҳмонидани ин мафҳумҳоро дар синфи VII комилан тағйир намедиҳад, вале аниқиву амиқии таърифи ин мафҳумҳоро таъмин менамояд. Чи тавре ки таҷрибаи чандинсолаи омӯзгории мо собит намуд, ин метод бо методи энергетикӣ аз ҷониби хонандагон ҳал кардани масъалаҳоро осон мегардонад. Бар замми ин, чунин тафсир хонандагонро ба омӯзиши физика дар синфи даҳум бештар тайёр мекунад. Дуруст аст, ки дар нашрҳои охири китоби дарсии амалкунанда, қонуни тағйирёбии энергияи механикӣ дар шакли $\boldsymbol{\Delta E = A}_{гайрипот}$ – равшан ифода карда нашудааст, вале муодилаи

$$\frac{m\vartheta_2^2}{2} - \frac{m\vartheta_1^2}{2} = A_с$$

оварда шудааст ва онро барои ҳалли як қатор масъалаҳое, ки муаллифони китоби дарсӣ барои ҳалли мустақилона пешниҳод кардаанд, истифода кардан мумкин аст. Чунин ба назар мерасад, ки ифодаи возеҳи он дар курси механика хеле муфид аст, чунки, чи тавре ки мо қаблан нишон додем, ин корро ба осонӣ иҷро кардан мумкин аст. Мавриди зикр аст, ки ин қонунро надониставу наомӯхта, дар дарсҳои иловагӣ ҳал кардани масъалаҳо имконнопазир аст. Аз ин рӯ, дар боло мо нишон додем, ки ин қонунро ҳадди ақал дар дарсҳои иловагӣ чӣ гуна ҷорӣ кардан имконпазир аст. Бо вуҷуди ин, минбаъд алгоритми ҳалли масъалаҳоеро меорем, ки танҳо бо истифода аз қонуни бақои энергия ҳал карда мешаванд.

Мафҳумҳо ва муқаррароти дар боло зикргардида доираи донишҳоеро ташкил

медиҳанд, ки муваффақияти хонандагонро дар ҳалли масъалаҳо бо татбиқи методи энергетикӣ таъмин менамояд.

Навъҳои масъалаҳое, ки ҳангоми омӯхтани ин мавзуъ ҳал кардан тавсия дода мешаванд, инҳоянд:

1) ҳисоб кардани кори навъҳои гуногуни қувваҳо (аз ҷумла ҳисоб кардани кори барои тағйир додани энергия иҷрошуда);

2) танҳо дар асоси қонуни бақои энергия ҳал карда мешаванд;

3) ҳам бо методи динамикию ҳам энергетикӣ ҳал карда шуда, афзалияти методи энергетикиро нишон медиҳанд;

4) барои халли онҳо на танҳо методи энергетикӣ, балки дигар қонунҳои механика (муодилаҳои кинематика ва динамика)-ро низ истифода кардан лозим аст;

5) дар асоси истифодаи ҳарду қонуни бақо (ҳам қонуни бақои импулс ва ҳам қонуни бақои энергия) ҳал карда мешаванд.

Ин навъи масъалаҳо бо пайдарпайие пешниҳод мешаванд, ки онҳоро ҳамон пайдарпайи ҳал кардан тавсия дода мешавад.

Пеш аз асоснок кардани методи энергетикии ҳалли масъалаҳои дар алгоритм ифодаёфта, ба хонандагон ҳисоб кардани кори қувваҳо ва қиматҳои энергияи потенсиалӣ ва кинетикиро омӯзонидан лозим аст. Барои он ки хонандагон тарзи ҳисоб кардани кори қувваҳоро ёд гиранд, бояд омӯзанд, ки кор танҳо дар ҳолати бо таъсири ягон қувва ҷой иваз (кӯчиш) кардани ҷисм иҷро мешавад.

Ҳисоб кардани энергияи кинетикӣ дар чаҳорчӯбаи истинодҳои интихобшуда душвор нест, аммо ҳисоб кардани энергияи потенсиалӣ баъзан вобаста ба интихоби нуқтаи сифрии (ибтидои) системаи сарҳисоби интихобшуда душвориҳо ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ҳисоб кардани энергияи потенсиалии ҷисм нисбат ба нуқтаҳои гуногуни сифрӣ муфид аст. Барои ин ҳал кардани чунин масъала тавсия карда мешавад.

Масъалаи 1. Дар балкони ошёнаи сеюми баландиаш аз сатҳи Замин 12 м, ҷисми массааш 5 кг қарор дорад. Энергияи потенсиалии онро нисбат ба сатҳи Замин, нисбат ба ошёнаи панҷум, ки баландиаш 18 м аз сатҳи Замин аст ва нисбат ба қаъри чоҳ, ки 4 м чуқур аст, ҳисоб кунед.

*Дода шудааст*
$m = 5$ кг
$h_1 = 12$ м
$h_2 = 4$ м
$h_3 = 18$ м

$E_p - ?$

**Ҳал.** Азбаски ба ҷисм қувваи потенсиалӣ (қувваи вазнинӣ) таъсир мерасонад, аз ин рӯ он соҳиби энергияи потенсиалӣ мебошад, ки ба баландии ҷисм нисбат ба ибтидои системаи сарҳисоби интихобшуда вобаста аст.

Энергияи потенсиалӣ ба кори иҷрокардаи қувваи потенсиалӣ ҳангоми аз нуқтаи додашуда ба нуқтаи сифрӣ гузаштани ҷисм, баробар аст.

Нисбат ба сатҳи Замин, ҷисм соҳиби энергияи потенсиалии зерин мебошад:
$E_{p1} = A_{10} = F_c h_1 \cos 0 = mgh_1 = 600$ Ҷ.

Нисбат ба қаъри чоҳ, энергияи потенсиалии он ба
$E_{p2} = F_т(h_1 + h_2) \cos 0 = mg(h_1 + h_2) = 800$ Ҷ баробар мешавад.

Нисбат ба ошёнаи панҷум энергияи потенсиалии ҷисм ба
$E_{p3} = F_c(h_3 - h_1) \cos 180^0 = -300$ Ҷ баробар мешавад.







Расми 1 Расми 2

Ҳамин тариқ, қимати энергияи потенсиалӣ ва аломати он ба интихоби нуқтаи сифрии системаи сарҳисоби интихобшуда вобаста буда, бо кори иҷрокардаи қувваҳои потенсиалӣ ҳангоми гузаштан ба нуқтаи сифрӣ муайян карда мешавад.

Пас аз он ки хонандагон тарзи ҳисоб кардани бузургиҳои кор ва энергияи механикиро омӯхтанд, масъалаҳоеро ҳал карда метавонем, ки асоси онҳоро моҳияти методи энергетикӣ дар шакли алгоритм ташкил медиҳад. Ба ин гуна масъалаҳо инҳо дохил мешаванд:

Масъалаи 2. Ҷисм аз сатҳи Замин таҳти кунҷ ба уфуқ бо суръати $\boldsymbol{\vartheta_0}$ партофта мешавад. Агар муқовимати ҳаво ночиз бошад, суръати онро дар ягон баландии h муайян кунед.

| ***Дода шудааст*** | |
|---|---|
| $h$ | $\vartheta_0$ |
| $\vartheta-?$ | |

**Ҳал.** Пеш аз таҳлили равандҳои баамаломада системаи сарҳисоб интихоб кардан лозим аст. Сипас, бо мақсади ҳалли масъала бо методи энергетикӣ, қонуни бақоро татбиқ мекунем ва барои ин бояд

энергияро дар ин ё он ду ҳолат муайян намоем. Бинобар ин, пеш аз ҳама, ин ҳолатҳоро интихоб кардан лозим аст. Табиист, ки ҳолатҳо тавре интихоб карда мешаванд, ки параметрҳои он ҳам бузургиҳои маълум ва ҳам матлубро дар бар гиранд. Дар ин маврид, инҳо ҳолатҳои 1 ва 2 мебошанд, ки дар расми 2 нишон дода шудаанд.Азбаски минбаъд энергияи потенсиалиро муайян кардан лозим меояд, пас нуқтаи сифрии системаи сарҳисоби интихобшударо муайян кардан лозим аст. Ҳамин тариқ, мо сатҳи Заминро ҳамчун нуқтаи сифрии системаи сарҳисоб интихоб мекунем.Барои татбиқи қонуни бақои энергияи механикӣ муайян кардан лозим аст, ки кадом қувваҳо ба ҷисм таъсир мерасонанд – потенсиалӣ ё ғайрипотенсиалӣ. Мувофиқи шарти масъала ба ҷисм танҳо қувваи потенсиалӣ – қувваи ҷозиба таъсир мекунад. Аз ин рӯ, мо қонуни бақои энергияи механикиро истифода мебарем. Онро дар шакли зерин менависем: $\boldsymbol{E_2 = E_1}$. Қиматҳои $\boldsymbol{E_1}$ ва $\boldsymbol{E_2}$ – ро ҳисоб карда, онҳоро ба муодилаи қонуни бақои энергия гузошта, ҳосил мекунем:

$$\frac{m\vartheta_0^2}{2} = \frac{m\vartheta^2}{2} + mgh.$$

Аз ин ҷо,

$$\vartheta = \sqrt{\vartheta_0^2 - 2gh} \text{ мешавад.}$$

Қайд бояд кард, ки масъалаи мазкурро бо гузоштани кунҷи α ба таври кинематикӣ низ ҳал кардан мумкин аст, аммо ин тарзи ҳал душвортар мебошад.

Пас аз ҳалли масъалаи мазкур, бояд дар якҷоягӣ бо хонандагон муҳокима намоем, ки дар ҷараёни ҳалли он кадом қадамҳои (амалҳои) асосӣ иҷро шуданд. Бо истифода аз қадамҳо, масъалаи навбатиро ҳал мекунем, то фаҳмем, ки оё ин қадамҳо (амалҳо) низ дар ҳалли масъалаҳои дигар татбиқ мешаванд ё не.

**Масъалаи 3.** Ҷисмро аз қуллаи ҳамвории моили баландиаш h ва дарозиаш $l$ тела дода, ба он суръати $\vartheta_0$ бахшиданд. Соишро ба эътибор нагирифта, суръати ҷисмро дар охири ҳамвории моил муайян кунед.

***Дода шудааст***

$\vartheta_0$

$h$

$l$

$\vartheta$—?

**Ҳал.** Чи тавре ки дар расми 3 нишон дода шудааст, системаи сарҳисоб интихоб мекунем. Агар масъаларо бо методи энергетикӣ ҳал кунем, он гоҳ бояд ду ҳолатеро интихоб намоем, ки дар онҳо муқоисаи энергия ҷоиз аст. Ҳамин тариқ, мо мавқеи ҷисмро дар қуллаи ҳамвории моил ва дар поёни он интихоб мекунем.

Асоси ҳамвории моилро ҳамчун нуқтаи сифрии системаи сарҳисоб (барои ҳисоб кардани энергияи потенсиалӣ) интихоб мекунем.

Азбаски ба ҷисм танҳо қувваи потенсиалӣ таъсир мерасонад (соишро ба эътибор намегирем), он гоҳ қонуни бақои энергияи механикиро татбиқ намудан мумкин аст, яъне $E_1 = E_2$. Қимати энергияи кинетикӣ ва потенсиалии ҷисмро барои ҳар як ҳолат ҳисоб карда, қонуни бақои энергетияро дар шакли зайл навиштан мумкин аст:

$$\frac{m\vartheta_0^2}{2} + mgh = \frac{m\vartheta^2}{2};$$

Аз ин ҷо,

$$\vartheta = \sqrt{\vartheta_0^2 + 2gh} \text{ мешавад.}$$




Расми 3

Ҷараёни мулоҳизаронииҳои ҳалли масъалаҳои 2 ва 3-ро муқоиса намуда, умумияти амалиёти иҷрошударо муайян карда, дар асоси онҳо алгоритми зерини ҳалли масъалаҳоро бо татбиқи қонуни бақои энергияи механикӣ пешниҳод мекунем:

*1. Системаи сарҳисобро интихоб кунед.*

*2. Ду ва ё зиёда ҳолатҳои ҷисмҳои системаро интихоб кунед, ки параметрҳои онҳо ҳам қиматҳои маълум ва ҳам матлубро (ҷустуҷӯшавандаро) дар бар гиранд.*

*3. Нуқтаи сифрии системаи сарҳисобро барои муайян кардани энергияи потенсиалӣ интихоб кунед.*

*4. Муайян намоед, ки ба ҷисмҳои система кадом қувваҳо таъсир мекунанд – потенсиалӣ ё ғайрипотенсиалӣ.*

*5. Агар ба ҷисмҳои система танҳо қувваҳои потенсиалӣ таъсир кунанд, қонуни бақои энергияи механикиро дар чунин шакл нависед:* $E_1 = E_2$.

*6. Қиматҳои энергияро дар ҳар як ҳолат муайян карда, онҳоро ба муодилаи қонуни бақои энергия гузошта, муодиларо нисбат ба бузургии матлуб (ҷустуҷӯшаванда) ҳал кунед.*

Барои нишон додани бартарии методи энергетикӣ, минбаъд ин масъаларо бо методи динамикӣ низ ҳал кардан аз аҳамият холӣ нест.

Суръати ниҳоии ҷисмро бо истифода аз муодилаи

$$\boldsymbol{\vartheta^2 = \vartheta_0^2 - 2al}$$

муайян кардан мумкин аст.

Шитобро бо истифода аз қонуни дуюми Нютон муайян мекунем, ки барои ҳолати додашуда чунин шакл дорад:

$$\boldsymbol{\vec{F_c} + \vec{N} = m\vec{a}.}$$

Аз ин ҷо, барои проексияҳои қувваҳо дар тири координатии $Ox$ ҳосил мекунем:

$$\boldsymbol{mgsin\alpha = ma} \text{ ва } \boldsymbol{a = gsin\alpha}$$

Бо назардошти он ки $\boldsymbol{sin\alpha = \frac{h}{l}}$ аст, мо суръати ниҳоии ҷисмро меёбем:

$$\vartheta = \sqrt{\vartheta_0^2 - 2g\frac{h}{l}l} = \sqrt{\vartheta_0^2 - 2gh}\,.$$

Аз таҳлили ҳарду роҳи ҳалли масъалаи мазкур равшан мегардад, ки ҳалли он бо методи энергетикӣ осону содда аст ва бояд афзалтар дониста шавад.

Азбаски қонуни бақои энергияи механикӣ дар ҳолати таъсири қувваҳои чандирӣ низ иҷро мешавад, пас ақаллан як масъала ҳал кардан лозим аст, ки дар он ҷисм аз ҳисоби таъсири қувваҳои чандирӣ соҳиби энергияи потенсиалӣ гардад.

**Масъалаи 4.** Дар пружинаи наёзандаи сахтиаш k, бори массааш m –ро овехтанд. Ёзиши максималии пружинаро муайян кунед (чунин шуморед, ки бор аз ҳолати оромӣ ба ҳаракат оғоз кардааст).

**Дода шудааст**
$k$
$m$
$\Delta x_{max}$ –?




Расми 4

**Ҳал.** Чунонки дар расми 4 нишон дода шудааст, системаи сарҳисоб интихоб мекунем. Ба сифати ибтидои системаи сарҳисоб нуқтаеро интихоб мекунем, ки дар он пружина дароз карда нашудааст (наёзидааст) ва суръати бор $\vartheta_1 = 0$ мебошад. Инро ҳолати ибтидоии система ва нуқтае, ки ба дарозшавии максималии пружина $\Delta x_{max}$ мувофиқ меояд, ҳолати дуюми система қабул мекунем. Суръати бор дар ин нуқта низ ба $\vartheta_2 = 0$ баробар мешавад. Мавқеи борро дар ҳолати ибтидоӣ нуқтаи сифрӣ интихоб мекунем. Азбаски ба бор танҳо қувваҳои потенсиалӣ (қувваҳои вазнинӣ ва чандирӣ) таъсир мерасонанд, пас қонуни бақои энергияи механикиро татбиқ мекунем, яъне $E_1 = E_2$.

Маълум аст, ки энергияи кинетикӣ дар ҳарду ҳолат ба сифр баробар аст. Энергияи потенсиалӣ низ дар ҳолати якум ба сифр баробар буда, дар ҳолати дуюм бошад, ба суммаи энергияи чандиран деформатсияшуда – $\frac{k\Delta x_{max}^2}{2}$ ва энергияи потенсиалии ҷисми (бори) аз сатҳи Замин боло бардошташуда, баробар мешавад. Охирин ба кори қувваи вазнинӣ ҳангоми аз ҳолати дуюм ба ҳолати сифрӣ гузоштани ҷисм баробар буда, кор бошад, ба $A_{20} = mg\Delta x_{max}\,cos180^0 = -mg\Delta x_{max}$ баробар мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳосил мекунем:

$$\frac{k\Delta x_{max}^2}{2} - mg\Delta x_{max} = 0.$$

Аз ин ҷо:

$$\Delta x_{max} = \frac{2mg}{k} \text{ мешавад.}$$

Пас аз ҳал кардани масъалаи мазкур, ҳал кардани як ё ду масъалаи ба он монанд аз манфиат холӣ нест. Барои ин масъалаҳоеро интихоб кардан лозим аст, ки дар шарти онҳо ба ғайр аз қонунҳои энергетикӣ боз қонунҳои динамикаро низ татбиқ кардан, талаб карда шавад. Ба ин, чунин масъалаҳо дохил шуда метавонанд: а) масъала оид ба ҳаракати саққо аз рӯйи ҳалқаи дар ягон баландӣ воқеъ буда, ки аз нуқтаи баландтарини он саққо ҳоло канда нашудааст; б) масъала доир ба муайян кардани қувваи тарангии ресмон ҳангоми аз ҳолати уфуқӣ ба амудӣ гузаштани бори нӯги он. Сипас, нишон дода мешавад, ки бештари масъалаҳо аз фасли механика дар асоси татбиқи танҳо қонунҳои бақои энергия ва импулс ҳал карда мешаванд.Ҳамаи гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, алгоритми ҳалли масъалаҳо доир ба мавзуи «Қонуни бақои энергияи механикӣ»-ро чунин пешниҳод намудан мумкин аст. Барои таҳияи алгоритми мазкур мо аз [18, с. 93] истифода намудем:

1. Бодиққат хондани шарти масъала.
2. Фаҳмонидани тамсилаи физикии (моҳияти физикии) масъала.
3. Таҳлили масъала.
4. Тартиб додани тамсилаи математикии ҳодисаи дар шарти масъала инъикосёфта.
5. Интихоб кардани системаи сарҳисоб.
6. Ҷудо кардани ду ва ё зиёда ҳолатҳои ҷисмҳои система, ки параметрҳои маълуми онҳо бо параметрҳои номаълумашон мувофиқ бошанд.
7. Интихоби сатҳи сифрии (нули) сарҳисоби энергияи потенсиалӣ.
8. Муайян кардани қувваҳои ба ҷисмҳои система таъсиркунанда (потенсиалӣ ва ғайрипотенсиалӣ).
9. Агар ба ҷисмҳои система фақат қувваҳои потенсиалӣ таъсир кунанд, навиштани қонуни бақои энергияи механикӣ дар шакли $E_1=E_2$.
10. Муайян кардани қимати энергия барои ҳар як ҳолат ва гузоштани он ба муодилаи қонуни бақои энергия.
11. Нисбат ба бузургии матлуб дар шакли умумӣ ҳал кардани системаи муодилаҳо (ҳосил кардани формулаи корӣ).
12. Санҷидани дурустии ҳалли масъала дар намуди умумӣ тавассути иҷрои амалҳо бо воҳидҳои бузургиҳои дар формулаи корӣ мавҷудбуда.
13. Дар ҳалли умумии масъала (формулаи корӣ) гузоштани қиматҳои бузургиҳои додашуда бо воҳидашон дар Системаи байналмилалӣ (СБ) ва ҳисоб кардан.
14. Таҳлили ҳалли масъала.

Барои мустақилона ҳал кардани масъалаҳо ва мустаҳкамкунии мавод доир ба мавзуи «Қонуни бақои энергия» ба хонандагон мутолиаи адабиёти [12, 16, 19, 23] тавсия карда мешавад.

**Муқарриз: Мухамедшин Р.А. – к.пн. доцент ТГПУ имени С.Айни**

**АДАБИЁТ**


1. Аксененко Н.И. Общий алгоритм решения задач по физике / Н.И. Аксененко, Е.Л. Бит-Давид, В.Д. Кревчик // Актуальные вопросы преподавания физико-технических дисциплин: Межвузовский сборник научных трудов. – Пенза: ПГПУ, 2004. – С. 184 - 187.
2. Аксененко Н.И. Развитие общих умений по решению задач с помощью алгоритмов / Н.И. Аксененко, Е.Л. Бит-Давид, В.Д. Кревчик // Повышение эффективности подготовки учителей физики и информатики в условиях модернизации российского образования: Материалы Всероссийской научно-практической конференции. – Екатеринбург: УрГПУ, 2003. – С. 38-41
3. Аникин А.Е. Законы сохранения в курсе физики средней школы: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02 / А.Е. Аникин. – Коломна, 1975. – 184 с.
4. Балаш В.А. Задачи по физике и методы их решения / В.А. Балаш. –М.: Просвещение, 1983. – 184 с.
5. Барномаи физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004. – 48 с.
6. Бит-Давид Е. Л. Методика применения алгоритмов решения физических задач, обеспечивающая повышение уровня развития абстрактно-логического мышления учащихся старших классов общеобразовательных школ: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02 / Е.Л. Бит-Давид. – Москва, 2004. – 204 с.

7. Бит-Давид Е.Л. Роль алгоритмов решения физических задач в развитии мышления учащихся /Е.Л. Бит-Давид // Десятая Всероссийская научная конференция студентов-физиков и молодых ученых: Тезисы докладов. - Екатеринбург-Красноярск: АСФ России, 2004. – С. 1082-1083.
8. Бугаев А.И. Методика преподавания физики в средней школе /А.И. Бугаев. – М.: Просвещение, 1981. – 288 с.
9. Гутман В.И. Алгоритмы решения задач по механике в средней школе: Кн. для учителя / В.И. Гутман, В.Н. Мощанский. – М.: Просвещение, 1988. – 95 с.
10. Дидович Н.Н. Обобщение и систематизация знаний учащихся на основе понятия энергия и закона ее сохранения: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02 / Н.Н. Дидович. – Киев, 1979. – 169 с.
11. Каменецкий С.Е. Методика решения задач по физике в средней школе/ С.Е. Каменецкий, В.П. Орехов. – М.: Просвещение, 1987. – 335 с.
12. Методика преподавания физики в средней школе. Частные вопросы. Под ред. С.Е. Каменецкого, Л.А. Ивановой. – М.: Просвещение, 1987. – 335 с.
13. Мякишев Г. Я. О законе сохранения энергии в механике / Г.Я. Мякишев // Квант. – 1997. -№3. – С. 52-59.
14. Раҳимов Б. Физика. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 10 / Б. Раҳимов, Т. Шукуров, П. Раҷабов. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 272 с.
15. Рымкевич А.П. Маҷмӯаи масъалаҳо аз физика / А.П. Рымкевич. – Душанбе: Маориф, 1989. – 176 с.
16. Современный урок физики в средней школе. Под ред. В.Г. Разумовского, Л.С. Хижняковой. – М.: Просвещение, 1983. – 224 с.
17. Соколовский Ю.И. Понятие работы и закон сохранения энергии / Ю.И. Соколовский. – М.: Изд. АПН РСФСР, 1962. – 344 с.
18. Умаров У.С. Практикуми ҳалли масъалаҳои физикӣ / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова, У.Х. Раҷабов. – Душанбе: ДДОТ, 2018. – 110 с.
19. Умаров У.С. Таълими физика дар синфи 10 / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова, А. Сафаралӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айни, 2015. – 128 с.
20. Усова А.В. Практикум по решению физических задач: - Учебное пособие для студентов физико-математических факультетов / А.В. Усова, Н.Н. Тулькибаева. – М.: Просвещение, 1992. - 208 с.
21. Файнберг Г. Законы сохранения в физике / Г. Файнберг, М. Гольдхабер // Вопросы философии, 1964. - №10. – С. 93-100.
22. Чижевский Е. А. Изучение энергетических понятий в курсе механики средней школы: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.00 / Е.А. Чижевский. – Ленинград, 1971. – 161 с.
23. Эвенчик Э.Е. Методика преподавания физики в средней школе. Механика: Пособие для учителя / Э.Е. Эвенчик, С.Я. Шамаш, В.А. Орлов. Под ред. Э.Е. Эвенчик. - 2-е изд., перераб. - М.: Просвещение, 1986. - 240 с.
24. Юськович В.Ф. Об изучении в школе закона сохранения и превращения энергии / В.Ф. Юськович // Физика в школе, 1979. -№5. – С. 81-82.

## ТАТБИҚИ АЛГОРИТМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА МАВЗУИ «ҚОНУНИ БАҚОИ ЭНЕРГИЯИ МЕХАНИКӢ» ДАР СИНФИ X

Дар мақола натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидаи муаллифон дар бораи аҳамият ва истифодаи алгоритми ҳалли масъала доир ба мавзуи «Қонуни бақои энергияи механикӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оварда шудаанд. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти соҳавӣ муаллифон таърифи алгоритмро дар шакли зайл пешниҳод кардаанд, ки он айни замон мавриди истифода қарор дорад: «Алгоритм ҳамчун маҷмуи муқаррароти тарҳрезишудае мебошад, ки иҷрои пайдарпайии он ба ҳал кардани ягон масъалаи мушаххас имконият фароҳам меорад». Инчунин, муаллифон дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи кори худу омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор кардаанд, ки олимони хориҷи кишвар ва ватанӣ доир ба проблемаи методикаи ҳалли масъалаҳо дар таълими физика мақолаву дастурҳои методиву таълимӣ нашр кардаанд, аммо доир ба татбиқи алгоритм дар ҳалли масъалаҳои физикӣ, аз ҷумла доир ба мавзуи "Қонуни бақои энергияи механикӣ" дар синфи X муҳаққиқон кам таваҷҷуҳ намудаанд. Доир ба мавзуи мазкур ба забони тоҷикӣ то ҳол ягон мавод нашр нашудааст. Бинобар ин, муаллифон ҳамаи гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, дар намунаи ҳалли ду масъала бо татбиқи алгоритм тавсияҳои судманд пешниҳод кардаанд. Аз ҷумла, хонандагон пеш аз ҳал кардани масъала бояд чӣ гуна дониш, маҳорату малакаҳоро соҳиб бошанд ва дар марҳилаҳои иҷрои ҳар як банди алгоритми ҳалли масъала ба кадом нуктаҳо бояд диққат диҳанд.

**Калидвожаҳо:** физика, методикаи омӯзиши физика, ҳалли масъала, алгоритм, алгоритми ҳалли масъала, энергия, қонуни бақои энергия, энергияи кинетикӣ, энергияи потенсиалӣ, қувваи потенсиалӣ, формула, масъала, системаи сарҳисоб.

## ПРИМЕНЕНИЕ АЛГОРИТМА РЕШЕНИЯ ЗАДАЧ ПО ТЕМЕ "ЗАКОН СОХРАНЕНИЯ ЭНЕРГИИ В МЕХАНИКЕ" В X –ОМ КЛАССЕ

В данной статье представлены результаты исследования авторов о значении и применении алгоритмов решения задач по теме «Закон сохранения энергии» в средних общеобразовательных учреждениях. В результате изучения и анализа литературы авторами предложено определение алгоритма, которое используется в настоящее время: «алгоритм – это совокупность разработанных правил, последовательное выполнение которых позволяет решить любую конкретную задачу». А также авторы, в результате анализа научной, методической,

педагогической, психологической литературы и своего опыта и опыта работы ряда учителей физики в средних общеобразовательных учреждениях было установлено, что зарубежными и отечественными учёными опубликованы статьи и методические пособия по методике решения задач в обучении физике. Но применением алгоритма при решении физических задач, в том числе по теме «Закон сохранения энергии» в X классе, занималось мало исследователей. Материалы на эту тему на таджикском языке пока не публиковались. Поэтому, учитывая все вышеизложенное, авторы дают полезные рекомендации, как решить задачи с помощью алгоритма. В частности, какими знаниями, навыками и умениями должны обладать обучающиеся перед решением задачи, и на какие моменты следует обратить внимание при выполнении каждого пункта алгоритма решения задачи.

**Ключевые слова:** физика, методика обучения физике, решение задач, алгоритм, алгоритм решения задач, энергия, закон сохранения энергии, кинетическая энергия, потенциальная энергия, потенциалная сила, формула, задача, система отсчета.

## APPLICATION OF THE PROBLEM SOLVING ALGORITHM ON THE TOPIC "THE LAW OF ENERGY CONSERVATION IN MECHANICS" IN THE X-CLASS

In this article presenting the results of the study of the authors about the importance and application of algorithms for solving the problem on the topic of "energy conservation law" in secondary educational institutions. As a result of studying and analyzing literature, the authors proposed the definition of an algorithm that is currently used: "The algorithm is a set of developed rules, the consistent execution of which allows you to solve any specific task." As well as the authors, as a result of the analysis of scientific, methodological, pedagogical, psychological literature and their experience and experience, a number of physics teachers in secondary educational institutions have been established that articles and methodological guides on the method of solving problems in teaching physics have been published by foreign and domestic scientists. But on the use of the algorithm in solving physical problems, including the topic of the "law of conservation of energy" in the X class, few researchers were engaged in this subject. Materials on this topic in Tajik language have not yet been published. Therefore, given all the above, the authors give useful recommendations, how to solve problems with the help of the algorithm. In particular, what knowledge, skills and skills should have students before solving the problem, and at what points should pay attention to the execution of each item of the problem solving algorithm.

**Keywords:** physics, technique of teaching physics, solving problems, algorithm, algorithm for solving problems, energy, energy conservation law, kinetic energy, potential energy, potential force, formula, task, reference system.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҷабов Умед Хушвакович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физика. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 933 21 17 21**.
***Умаров Умар Сулаймонович*** – директори Институти илмӣ-тадқиқотии «Илмҳои табиӣ-риёзӣ ва такмили методикаи таълими онҳо» дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 933 94 93 28.**

**Сведение об авторах:** ***Раджабов Умед Хушвакович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент кафедры методики преподавания физики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон.: **(+992) 933 21 17 21.**
***Умаров Умар Сулаймонович*** – Научно-исследовательский Институт «Естественно-математических наук и совершенствование методики их преподования» при Таджикском государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, директор. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 933 94 93 28.**

**Information about the authors*:*** ***Radjabov Umed Khushvakovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Physics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. Phone: **(+992) 933 21 17 21.**
***Umarov Umar Sulaimonovich*** - Research Institute "Natural and Mathematical Sciences and Improving the Methods of Their Teaching" at the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, director. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki avenue 121. Phone: **(+992) 933 94 93 28.**

УДК 519.7

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТЕХНИКӢ ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАЪЛИМ

***Нугмонов М., Раҳимов А.А., Одилов З.Р.***

**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд**

Дар шароити имрӯза бе донистани технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ ва ташаккули донишҳои техникӣ пеш рафтан ғайриимкон аст. Бинобар ин, мақсади омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои олии техникӣ, бахусус, "Дар бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшинсӣ, дақиқ ва риёзӣ", тавассути муносибати босалоҳият баланд бардоштани омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ мебошад [13, с.212].

Чун анъана, сатҳи таҳсилот бо маҷмуаи дониш, малака ва қобилиятҳое, ки хатмкунанда бояд дошта бошад, муайян карда мешавад. Имрӯз чунин раванд нокифоя аст. Ҷамъият ба хатмкунандагоне ниёз дорад, ки қобилияти ба фаъолиятҳои минбаъдаи ҳаёт шомил шудан ва ҳал намудани мушкилоти касбиро дошта бошанд. Ва ин ҳама аз дониши азхудкардаи онҳо вобастагӣ дорад, зеро истифодаи мафҳумҳои "салоҳият" ва "малака" дар ҳаёти муосир нақши муҳим дорад.

Дар адабиёти педагогӣ мафҳуми салоҳият ва салоҳиятнокӣ аксар вақт истифода мешавад. Бояд қайд кард, ки истифодаи васеи онҳо комилан асоснок аст.

Баррасии адабиёти психологиву педагогӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ, ки ба масъалаҳои ҷорӣ бахшида шудаанд, нишон медиҳад, ки дар мафҳуми "салоҳияти касбӣ" якчанд равиш вуҷуд дорад. Масалан, муҳаққиқони хориҷӣ аксар вақт ин мафҳумро "дониши амиқ", "ҳолати дуруст анҷом додани вазифаҳо", "қобилияти иҷрои фаъолияти воқеӣ", "самаранокии амалҳо" баррасӣ мекунанд.

Мувофиқи таъбири Э.Ф. Зеер, салоҳияти касбӣ маҷмуи дониш, малака ва усулҳои иҷроиши фаъолияти касбӣ мебошад. Ҳамин тариқ, ӯ таъкид мекунад, ки салоҳияти мутахассис як системаи салоҳиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва шахсан омӯхташуда мебошад, ки он дар соҳаи касбӣ инъикос карда мешавад.

**Салоҳият** маҷмуаи сифатҳои шахсии донишҷӯ (самтҳои арзандаи донишҷӯ, дониш, қобилият малака) мебошад, ки дар таҷрибаи фаъолияти ӯ дар соҳаи муайяни иҷтимоӣ ва шахсӣ аҳамияти муҳим дорад.

**Салоҳият** – самти асосии дониш, маҳорату малакаест, ки аз ҷониби шахс пешниҳод карда мешавад, ҳамчун қобилияти омодагии шахс ба вазифаи интихобнамуда дар соҳаи худ самаранок истифода бурда мешавад.

Ҳамин тариқ, мафҳумҳои салоҳият ва салоҳиятнокӣ нисбат ба мафҳумҳои дониш, малака, маҳорат хеле васеътаранд зеро онҳо самти шахс (ҳавасмандӣ ва арзишнокӣ ва ғайра) – ро ва қобилияти шахсро барои бартараф намудани стереотипҳо, эҳсос намудани мушкилот, нишон додани фаҳмиш, чандирии тафаккур, сифатҳои иродаи қавӣ доштанро дар бар мегирад [15].

Истифодабарии компютерҳои ҳозиразамон дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ барои ба даст овардани муваффақиятҳои назаррас кумак мерасонад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ компютерро воситаи асосии кории иқтисодчӣ, агроном, муҳандис,

духтур ва ғайраҳо ҳисобида, онро барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ дар ҳалли масъалаҳои соҳавӣ истифода намудан мумкин аст. Мутахассиси замонавӣ аз технологияи иттилоотии имрӯза истифода бурда, онро барои дастрас намудани технологияҳои навтарин дар соҳаҳои гуногун истифода карда метавонад [17, с.5].

Фанни технологияи иттилоотӣ аз нигоҳи салоҳиятнокӣ дар донишгоҳҳои олии техникӣ ба фанни информатика сахт алоқаманд аст. Технологияи иттилоотӣ маҷмуаи мушаххаси воситаҳои техникӣ ва таъминоти барномавӣ буда, барои гузаронидани амалиёти гуногуни коркарди иттилоот дар самтҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ пешбинӣ шудааст.

Раванди муносибати босалоҳият нисбати таълим талаботи замона буда, он ба сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон созгор аст ва мақсадаш баланд бардоштани сатҳу сифати донишу малакаю маҳорати наврасону ҷавонон мебошад [14].

Дар шароити ҳозира, дар бозори меҳнат баланд бардоштани сифати таълим ва омода кардани кадрҳои баландихтисос, инчунин дар донишгоҳҳои олии техникӣ омӯзиши фанҳои техникӣ ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ хеле зарур мебошад [13, с.213], [3].

Вазифаи асосии муассисаи таҳсилоти олӣ ташаккул додани шахсияти эҷодкоронаи мутахассиси қодир ба рушди худ, худомӯзӣ ва навоварӣ мебошад. Ҳалли ин мушкилот танҳо тавассути додани дониш аз тарафи омӯзгор ба донишҷӯ имконпазир аст. Донишҷӯ бояд ба созандаи фаъоли дониш табдил ёбад, ки қодир аст, масъала таҳия кунад, роҳҳои ҳалли онро таҳлил кунад, натиҷаи оптималӣ ёбад ва дурустии онро исбот кунад [12, с.276].

Пеш аз он ки дар бораи муносибати босалоҳияти фанни технологияи иттилоотӣ сухан кунем, бояд мафҳуми информатикаро дониста бошем. Информатика бо маҷмуи илмҳое алоқаманд мебошад, ки онҳо ба омӯзиши хосиятҳо ва тарзҳои ҷамъкунӣ, нигоҳдорӣ, тасвир, коркард ва ирсоли информатсия тавассути воситаҳои техникӣ сарукор доранд. Мисол, дар тамоми дунё барномаҳои иҷтимоие мавҷуд мебошанд, ки аз он инсон самаранок истифода мебарад, аз ҷумла барномаҳои WeChat, Viber, WhatsApp, QQ, IMO, Telegram, FB Messengers, МобиГап, OK ва ғайра. Асосҳои назариявии муносибати босалоҳияти информатикаро гурӯҳи илмҳои бунёдӣ (фундаменталӣ) ташкил менамоянд, ки онҳоро дар як сатҳ ҳам ба математика ва ҳам ба кибернетика мансуб шумурдан мумкин аст: назарияи информатсия, назарияи алгоритмҳо, мантиқи математикӣ, назарияи забонҳои формалӣ ва грамматикӣ ва ғайра. Фанни информатика ба омӯзиши сохтори компютер, системаҳои оператсионӣ, барномаҳои компютерӣ, забонҳои барномасозӣ ва дигар самтҳои технологияҳои информатсионӣ мансуб мебошад.

Худи калимаи информатика аз фаронсавии Informatique гирифта шуда, аз ду калима иборат аст: Information (иттилоот) ва Automatique (автоматика). Информатика бо техникаи ҳисоббарор, бо системаҳои компютерӣ ва шабакаҳо зич вобастагӣ дорад, чунки фақат компютерҳо коркарди автоматии иттилоотро ба миқдори бениҳоят калон ва бо суръати баланд иҷро карда метавонанд. Объекти информатика компютерҳо, техникаи телекоммуникатсионӣ, системаҳои иттилоотӣ мебошанд, ки вазифаҳои гуногун доранд. Информатика ҳамаи тарафҳои коркард, банақшагирӣ, сохтан, таҳлил кардан ва дар амал татбиқ карданро меомӯзад [6].

Дар замони тавассути компютер масъалаҳои математикӣ, иқтисодӣ, муҳандисӣ, молиявӣ, илмӣ, ҳисобкуниҳои оморӣ, молиявӣ ва ғайраҳо ҳал карда мешаванд. Татбиқи

босалоҳияти истифодабарии компютерҳо дар соҳаҳои гуногун аз донишу малакаи истифодабарандаи он вобастагӣ дорад.

Технологияҳои иттилоотии замонавӣ дар соҳаҳои гуногун татбиқи худро васеъ ёфта истодаанд, ба туфайли онҳо шароит ва сатҳи зиндагии одамон баланд гардида, қувваҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ ба куллӣ тағйир меёбанд. Агар мошинҳои муқаррарӣ имкониятҳои ҷисмонии одамро васеъ гардонанд, компютер неруи ақлонию зеҳнии онҳоро баланд мебардорад. Гарчанде мошинҳои ҳисоббарории ҳозиразамон аз ҷиҳати намуд гуногун бошанд ҳам, вале тарзи истифодабарӣ, асоси кори онҳо ба ҳамдигар монанд аст.

Зимнан, муносибати босалоҳияти мундариҷаи таълимро дар мактабҳои олӣ дида мебароем. Барномаи таълимӣ аз фанни информатика (барои донишҷӯёни ғайриихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016, ба чоп тавсия шудааст.

Омӯзиши фанни мазкурро дар донишгоҳи олии техникӣ аз нигоҳи салоҳиятнокӣ дида мебароем. Мафҳуми салоҳиятнокӣ дар омӯзиши технологияи иттилоотӣ – мақсади фанни мазкур дар шароити омӯзиши анъанавӣ барои гирифтани донишу малакаҳо, ки барои хатмкунанда зарур аст, дар шароити ҳозира нокифоя мебошад. Дар раванди таълим барои омӯзиши фанҳои техникии ихтисосҳои муҳандисӣ, дохил кардани салоҳиятнокии фан барои пешбурди масъалаҳои ҳаётиву касбӣ ва сифати баланди омӯзиш мафҳуми салоҳиятнокӣ истифода бурда мешавад.

Дар адабиёти педагогӣ, одатан, мафҳуми салоҳиятнокиро истифода мебаранд. Татбиқи мафҳуми салоҳиятнокӣ дар омӯзиши фан, махсусан барои алоқамандии мундариҷаи таҳсил васеъ истифода бурда мешавад [16, с.31].

Муносибати босалоҳият маънои қадам ба қадам рушд намудани таҳсил, илм ва дониш, ба шакл даровардани дониш, гирифтани маҷмуаи дониши босалоҳиятро дорад, ки мафҳуми иқтидори хатмкарда ва устувории фаъолияти он дар шароити ҳозира бо омилҳои сиёсӣ – иҷтимоӣ, иқтисоди бозоргонӣ ва фазои техникиву иттилоотӣ вобастагӣ дорад.

Салоҳият набояд ба дониш, малака ва маҳорат мухолиф бошад. Мафҳуми салоҳият нисбат ба салоҳиятҳои дониш, маҳорат ва малака васеътар мебошад, ки он мафҳумҳоро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, мафҳуми салоҳият ҷузъи маърифатӣ ва амалиётӣ – технологӣ, ҳавасмандгардонии техникӣ, иҷтимоӣ ва рафторӣ мебошад. Он натиҷаи омӯзиши (донишҳо ва малакаҳо) системаи равишҳои арзиш, одатҳо ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, ҷанбаи марказии салоҳият қобилияти иҷрои ҳамагуна фаъолият, ҳам шинос ва ҳам нав дар асоси дониш, малака, таҷриба, муносибатҳо ва ғайра мебошад. Дар назарияи байналмилалии муосир мафҳуми салоҳият чунин фаҳмида мешавад [16; 13].

Баъзе муаллифон ақида доранд, ки салоҳияти касбӣ дорои сифатҳои шахсӣ, ба монанди ташаббус, масъулият, меҳнатдӯстӣ, мақсаднокӣ, боварӣ ба худ доштан мебошад. Ҳамин тариқ, ҷузъи номбурдаи салоҳияти касбӣ дар асл камолоти шахсро дар фаъолияти касбӣ, дар муошврати касбӣ шахтисияти ӯро ифода мекунад [17; 16].

Ташаккули салоҳияти касбии техникӣ оянда тавассути мундариҷаи таълим амалӣ карда мешавад. На танҳо рӯйхати фанҳои таълимӣ, балки малака ва маҳорати касбиро дар раванди азхудкунии фан, инчунин тавассути мавқеи фаъолияти донишҷӯ дар ҳаёти иҷтимоӣ - сиёсӣ ва фарҳангӣ ташаккул медиҳад [16].

**Салоҳиятҳои таълимӣ** аз инҳо иборат мебошанд:

**Омӯзиш:**аз таҷриба истифода бурда тавонистан;дониши худро ташаккул дода, онро ба тартиб даровардан;усулҳои омӯзишии худро ташкил намудан;масъалаҳоро ҳал карда тавонистан;мустақилона ба таҳсили худ машғул шудан.

**Ҷустуҷӯ:**ҷустуҷӯи пойгоҳҳои гуногун дар муҳити атроф;машварат бо мутахассис;гирифтани маълумот;бо ҳуҷҷатҳо кор карда тавонистан ва тасниф намудани онҳо.

**Фикр рондан:** ба тартиб даровардани робитаҳои гузашта ва оянда;ба номуайянӣ ва мураккабӣ муқовимат карда тавонистан;дар муҳокима мавқеи муайянеро ишғол намуда, андешаи худро баён карда тавонистан;аҳамияти муҳити сиёсию иқтисодиеро, ки дар он таълим ва меҳнат суръат мегирад, дида тавонистан.

Ҷузъи асосии мафҳуми салоҳиятро шарҳ медиҳем:

1. **Дониш** – дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ ба даст оварда мешавад. Бояд қайд кард, ки равиши ба салоҳият асосёфта ҳеҷ вақт нақши донишро паст намекунад, баръакс омӯхтани дониш барои амали сохтани фаъолият ва ҳам барои омӯзиши минбаъда зарур аст.
2. **Маҳорат** – иҷрои мақсад, амалро пешбинӣ мекунад.
3. **Муносибатҳо** – ҳамчун муносибат ба объект ва субъекти фаъолият, муносибати байни субъектҳои фаъолият, инчунин муносибати корманд ба худ, рушди шахсӣ ва касбии ӯ дар касбаш фаҳмида мешавад.
4. **Таҷриба** – ба он мундариҷаи ҳаётан муҳим ва касбӣ дохил мешавад, ки аз ҷониби шахс дарк ва худомӯзӣ карда мешавад.

Ҳадафҳо ва салоҳиятҳои инфиродиро дар умум метавонад дар шакли диаграмма бо зинаҳои зерин нишон дод, ки дар расми 1 оварда шудааст:




**Расми 1. Мақсад ва салоҳиятҳои инфиродӣ ва коллективӣ**

Омӯзиши салоҳиятнокии фанни технологияи иттилоотӣ аз нигоҳи салоҳиятнокӣ дар низоми кредитии таҳсили донишгоҳи олии техникӣ, дар ҷадвали 1 ва расми 2 оварда шудааст.




**Расми 2. Салоҳиятнокии омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим**

Асосҳои педагогии салоҳиятнокӣ дар омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ – дар таксаномияи Блум.Дар барномаи таълимии фанни технологияи иттилоотӣ аз рӯйи баксаномияи Булум се дараҷа -дониш, фаҳмиш ва татбиқ дар назар дошта шудааст.

**Ҷадвали 1**

| **Мисоли омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ аз нигоҳи салоҳиятнокӣ дар нимсолаи якум ва дуюм** | |
|---|---|
| Дониш | ✓ Донишҷӯ ба мафҳумҳои асосии технологияи иттилоотӣ – компютер, иттилоъ, барнома, клавиатура, муш, монитор, блоки системавӣ, микропротсессор, хотира, диск, принтер, файл, ҷузвдон, мизи корӣ, равзана, меню, панел ва ғайраҳо сарфаҳм меравад.<br>✓ Соҳаҳои истифодабарии захираҳои иттилоотӣ, шабакаи Internet ва бастаи барномаҳои «MS Office»-ро номбар карда метавонад.<br>✓ Доир ба технологияҳои иттилоотӣ ва нақши онҳо дар тараққиёти ҷамъият мисолҳои мушаххас оварда метавонад. |
| Фаҳмиш | ✓ Принсипҳои нигоҳдории маълумоти матнӣ ва графикиро дар МЭҲ дарк карда, фаҳмонида метавонад;<br>✓ Намуди беруна ва тавсифҳои асосии объектҳои системаи амалиётии Windows - ро тағйир дода метавонад.<br>✓ Сохтан, тағйир додан, сабт кардан, ирсол намудани ҳуҷҷатҳои содда ва мураккабро дар барномаи MS Word анҷом дода метавонад.<br>✓ Истифодаи имкониятҳои бастаи барномаҳои MS Office – ро дар вақти тартиб додани ҳуҷҷат нишон дода метавонад. |
| Татбиқ | ✓ Донишҳои андухтаро барои ҳуҷҷатгузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ, дар соҳаи илм ва техника ва умуман дар тамоми соҳаҳо истифода бурда метавонад.<br>✓ Шабакаи компютериро сохта ва истифода бурда метавонад.<br>✓ Ба воситаи забонҳои барномарезӣ барномаҳои гуногун сохта метавонад. |

Кори мустақилона дар макотиби олӣ воситаи махсусгардонидашудаи ташкил ва идоракунии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён дар раванди таълим, воситаи худсомондиҳӣ ва интизомнокии донишҷӯён дар азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо мебошад [8, с.279;10, с.282].

Яке аз омилҳои асосие, ки ба касбияти донишҷӯён дар оянда таъсир мерасонад, таҳсилоти мақсадноки босифат мебошад. Мустақилият – нишондиҳандаи барорнокии таҳсилот мебошад, ки ҳам дар раванди омӯзиш ва ҳам дар оянда дар раванди паси сар намудани мушкилоти таълимӣ зарур аст [9, с. 279].

Хулоса.

Муносибати босалоҳият нисбати таълим имконияти дар бозори меҳнат баланд бардоштани рақобатпазирии хатмкунандагони мактабҳои олиро баланд мебардорад. Тибқи ин муносибат мундариҷа, ҳаҷми соатҳо, раванди таълим масъалаи калидӣ набуда, натиҷаҳои ниҳоии таълим (дониш ва маҳорату малака) муҳим арзёбӣ мегарданд. Моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим афзун намудан ва инкишоф додани маҷмуи салоҳиятҳои калидии донишҷӯён маҳсуб ёфта, мутобиқшавии бомуваффақияти онҳоро дар ҷамъият муайян месозад.

Татбиқ кардани муносибати босалоҳият дар раванди таълим ба баланд шудани рақобатпазирии мутахассисони оянда мусоидат мекунад.

**Муқарриз: Ғуломнабиев С.Г.– н.и.ф.-м., дотсенти ДП ДТТба номи академик М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд**

**АДАБИЁТ**


1. Аслонова Х.М. Информатика / Х.М.Аслонова, А.Г. Солиев. – Душанбе: Хикмат, 2009. - 85с.
2. Капустина Т. В. Теория и практика создания и использования в педагогическом вузе новых информационных технологий на основе компьютерной системы Mathematica (Физико-математический факультет): Дис. ... д-ра пед. наук
3. Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании / О.Е. Лебедев // Школьные технологии. – 2004. - № 5.
4. Мақсудов А.Т. Такя ба компетенсия омили асосии воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ/ А.Т. Мақсудов, Х.Т. Мақсудов // Маводи конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои интегратсияи макотиби олии мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ба фазои ягонаи таҳсилотӣ ва илмии ҷаҳонӣ». Хуҷанд, 2014. -С.3- 8.
5. Матросов А.В. Maple 6. Решение задач высшей математики и механики / А.В. Матросов. – С.Пб.: БХВ-Петербург, 2001. – 528 с.: ил.
6. Нугмонов М. Методические основы организации индивидуальных работ студентов по математике в условиях кредитного обучения в техническом вузе. Монография / М.Нугмонов, А.А.Рахимов. – Худжанд, 2021. – 231 с.
7. Петровская Л.А. Компетентность в общении. Социально – психологический тренинг / Л.А. Петровская. – М.: Издательства МГУ, 1989.
8. Рахимов А.А. Технологияҳои педагогии ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз рӯи фанни математикаи олӣ дар макотиби олии равияи техникӣ / А.А. Рахимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикситон (Маҷаллаи илмӣ). -Душанбе, 2020. - №3 -С.279 - 283.
9. Рахимов А.А. Технологияҳои педагогии ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз рӯйи фанни математикаи олӣ дар макотиби олии равияи техникӣ / А.А. Рахимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). -Душанбе, 2020. - №3 -С.279 - 283.
10. Рахимов А.А. Использование программ Mathcad и Multisim в процессе обучения математической модели сложной функции электрических цепей по предмету математика для инженеров / А.А. Рахимов, Д.Н. Мирзоев, Н.О. Бободжонова // Вестник Таджикского националного университета. Серия: Педагогика. – 2021. – №5. – С. 282-290.
11. Рахимов А.А. Организация и формы самостоятельных работ студентов по высшей математике в техническом вузе в условиях кредитной технологии обучения / А.А. Рахимов, М.М. Рахматуллоева // Вестник Челябинского государственного университета. 6/2012. С. 105- 114. –Челябинск, 2012.
12. Раҳимов А.А. Самаранокии кори мустақилонаи назоратшавандаи (КМН) донишҷӯён аз фанни математикаи олӣ ҳангоми омӯзиши мавзуи “Лимити функсия ва бефосилагии он” дар МТОК техникӣ/ А.А. Раҳимов, Н.О. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). –Душанбе, 2021. - №4. – С. 276-283.
13. Раҳимов А.А. Асосҳои психологӣ-педагогӣ ва методии муносибати босалоҳият дар таълими фанни информатикаи муассисаи олии техникӣ / А.А. Раҳимов, З.Р. Одилов // Маҷаллаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. –Душанбе, 2021.- №4 (36). -С.212-217.

14. Сафаров М.С., Бобохонова З.И. Рушди салоҳиятҳои хонандагон дар раванди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ / М.С.Сафаров, З.И. Бобохонова //Маҷаллаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.- №2 (29). – 2019.
15. Федоров А.Э. Компетентностный подход в образовательном процессе. Монография / А.Э.Федоров, С.Е.Метелев, А.А.Соловьев, Е.В. Шлякова. - 2012.
16. Хуторской, А. В. Ключевые компетенции как компонент личностно ориентированного образования / А. В. Хуторской // Народное образование. - 2003. - № 2.
17. [Электронный ресурс]. https://research-journal.org/pedagogy/ osobennosti - obucheniya-informatike-st/

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТЕХНИКӢ ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Дар ин ҷо мафҳуми салоҳиянокӣ дар раванди таълим ва шаклҳои асосии он баррасӣ шудаанд. Барои баланд бардоштани савияи омӯзиши ин фанҳо дар “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ", тавассути муносибати босалоҳият диққати ҷиддӣ дода шудааст. Дар замони муосир тавассути компютер масъалаҳои математикӣ, иқтисодӣ, муҳандисӣ, молиявӣ, илмӣ, ҳисобкуниҳои оморӣ, молиявӣ ва ғайраҳо ҳал карда мешаванд. Татбиқи салоҳиятнокии истифодабарии компютерҳо дар соҳаҳои гуногун аз донишу малакаи истифодабарандаи он вобастагӣ дорад.Дар мақола оид ба омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ дар ду нимсолаи таҳсил аз рӯйи муносибати салоҳиятнокӣ ба таври умумӣ маълумот дода шудааст. Бо мақсади бардоштани савияи дониши донишҷӯён дар давоми таҳсил аз рӯйи муносибати босалоҳият, таксаномияи Блум (равияи дониш, фаҳмиш ва татбиқ) истифода шудааст.

**Калидвожаҳо:** салоҳиятнокӣ, назария, таҳсилот, намудҳои таълим, технологияҳои иттилоотӣ, таксаномияи Блум, таҳсилоти олӣ, технологияи кредитӣ, муассисаҳои техникӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА В ОБУЧЕНИИ ИНФОРМАЦИОННЫМ ТЕХНОЛОГИЯМ В ВЫСШИХ ТЕХНИЧЕСКИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБУЧЕНИЯ

В данной статье рассматриваются теоретические основы компетентностного подхода в преподавании информационных технологий в высшей школе. Рассмотрено понятие компетентности в процессе обучения и ее основные формы. В последние двадцать лет изучению и развитию естествознания, точных наук и математики на основе компетентностного подхода уделялось большое внимание. Изучение компетенции учебного предмета информационных технологий широко используется в различных сферах.В настоящее время математические, экономические, инженерные, финансовые, научные, статистические, финансовые и многие другие задачи решаются с помощью компьютера. Грамотное использование компьютеров в различных сфеерах зависит от компетентности его пользователей.В статье представлен общий обзор обучения информационным технологиям в течение двух семестров на основе компетенций. С целью повышения уровня знаний студентов в процессе обучения был использован компетентностный подход с использованием таксономии Б. Блума (уровни знания, понимания и применения).

**Ключевые слова:** компетентность, теория, образование, виды образования, информационные технологии, таксономия Блума, высшее образование, кредитные технологии, технические вузы.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE COMPETENCE-BASED APPROACH IN TEACHING INFORMATION TECHNOLOGIES IN HIGHER TECHNICAL INSTITUTIONS IN THE CONDITIONS OF THE CREDIT EDUCATION SYSTEM

This article discusses the theoretical foundations of the competency-based approach in teaching information technology in higher education. The concept of competence in the learning process and its main forms are considered. To improve the level of education in these disciplines in the last twenty years, much attention has been paid to the study and development of natural sciences, exact sciences and mathematics based on a competency-based approach. The study of the competence of the subject of information technology is widely used in various fields.Currently mathematical, economic, engineering, financial, scientific, statistical, financial and many other tasks. solved with a computer. Proper use of computers in various fields depends on the competence of its users.The article presents a general overview of training in information technology for two semesters based on competencies. In order to increase the level of knowledge of students in the learning process, a competency-based approach was used using B. Bloom's taxonomy (levels of knowledge, understanding and application).

**Key words:** competence, theory, education, types of education, information technologies, Bloom's taxonomy, higher education, credit technologies, technical universities.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нугмонов Мансур*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Телефон: **938-64-76-29.** E-mail: **nugmonov@mail.ru**
***Раҳимов Амон Акпарович*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, дотсенти кафедраи физика ва химияи факултети информатика ва энергетика. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226.
E-mail: **amon_rahimov@mail.ru** Телефон: **+992927212607**
***Одилов Зухриддин Раҳимҷонович*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, омӯзгори калони кафедраи математикаи олӣ ва информатика факултети муҳандисӣ - иқтисодӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. . E-mail: **zzuhriddin.87@mail.ru** **Тел: +992928799162**

**Сведение об авторах:** ***Нугмонов Мансур*** **–** Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, член.- корр. АОТ, доктор педагогических наук, пофессор. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **938-64-76-29**. E-mail: **nugmonov@mail.ru**
***Рахимов Амон Акпарович*** - Политехнический институт Таджикского технического универистета имени академика М.С. Осими в г.Худжанде, кандидат педагогических наук, и.о. доцента кафедры физики и химии факультета информатики и энергетики. **Адрес:** 735700, Тажикистан, город Худжанд, проспект Исмоила Сомони, 226. E-mail: **amon_rahimov@mail.ru**
***Одилов Зухриддин Рахимджонович*** - Политехнический институт Таджикского технического универистета имени академика М.С. Осими в г.Худжанде, старший преподаватель кафедры высшей математики и информатики инженерно-экономического факультета. **Адрес:** 735700, Тажикистан, город Худжанд, проспект Исмоила Сомони, 226. E-mail: **zzuhriddin.87@mail.ru** **Тел: +992928799162**

**Information about the autbor**: ***Nugmonov Mansur*** – Tajik state pedagogical university named after S. Aini. member-corr. AET, doctor of pedagogical sciences, professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 121. Phone: **938-64-76-29.** E-mail: **nugmonov@mail.ru**
***Rakhimov Amon Akparovich*** - Polytechnic University of the Tajik Technical University. M.S. Osimi, Khujand, Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer, Department of Physics and Chemistry, Faculty of Informatics and Energy. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Ismoili Somoni Avenue, 226. E-mail: **amon_rahimov@mail.ru**. Phone**: +992927212607**
***Odilov Zuhriddin Rahimjomovich*** - Polytechnic Institute of Tajik Technical University by academician M. Osimi in Khujand, senior lecturer of high mathematics and informatics in economic department. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Ismoili Somoni Avenue, 226. E-mail: **zzuhriddin.87@mail.ru**
Phone**: +992928799162**

УДК: 372.851+378(575.3)

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИДОШТА ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ ОЛӢ БА ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСИ ИҚТИСОДӢ

*Солиев М.Н.*
**Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон**

Рушди илми муосири иқтисодӣ бо татбиқи васеи методҳо ва моделҳои математикӣ тавсиф карда мешавад. Методҳои математикӣ яке аз қисмҳои таркибии методҳои ҳамаи илмҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла назарияи иқтисодӣ ва омори математикӣ ба шумор меравaнд. Бо истифодабарии методҳо ва моделҳои математикӣ дар якҷоягӣ бо таҳлилҳои пурраи иқтисодӣ имконоти нав ошкор мешаванд. Ва он имкон медиҳад, ки тафаккури математикии донишҷӯёнро ташаккул диҳад. Дар чандин ҳуҷҷатҳои таърихӣ вазифаҳои зерин дар назди маориф ва илм гузошта шудаанд: рушд додани назарияи математикӣ бо мақсади дар амалия дар сатҳи баланд самаранок истифода бурдани он, такмилдиҳии техникаҳои ҳисоббарор, унсурҳои он ва таъминоти математикӣ.

Комплекси илмҳои иқтисодӣ ва математикиро дар якҷоягӣ ҳанӯз дар солҳои 60–уми асри гузашта академик В.С. Немчинов методҳои иқтисодӣ математикӣ номида буд. Бинобар ин, рушди илми иқтисодиётро бе методҳо ва моделҳои математикӣ таҳлил ва тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Рушди равандҳои иқтисодӣ аз тағйирёбии омилҳои ба онҳо вобаста алоқамандӣ дорад. Ва ин равандҳо метавонанд аз як ё якчанд тағйирёбандаҳо вобастагӣ дошта бошанд. Истилоҳи вобастагӣ дар математика бо мафҳуми функсия ифода меёбад.

Дар зер мавзуи ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар раванди таълими математикаи олӣ вобаста ба функсияи бисёртағйирёбандаро дида мебароем.

Пеш аз он ки бо донишҷӯён масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидоштаро вобаста ба алоқамандӣ-вобастагиҳо дида бароем, дар ибтидо ба мафҳуми математикии он шинос мешавем.

Ба функсияҳои бисёртағйирёбанда функсияи ду ва аз он зиёд тағйирёбандадор мисол шуда метавонанд.

• Агар ба ҳар як ҷуфти $(x, y) \in D$ мувофиқи ягон қонун ё қоидаи $f$ ягона адади ҳақиқии $z \in Z$ мувофиқ гузошта шавад, он гоҳ мегӯянд, ки функсияи тағйирёбандаи $z = f(x; y)$ дар маҷмуи $D$ дода шудааст. Тағйирёбандаҳои новобастаи $x$ ва $y$ - аргументҳо, тағйирёбандаи вобастаи $z$ - функсия номида мешаванд. Маҷмуи $D$ соҳаи муайянии функсия ва маҷмуи $Z = \{z\}$ соҳаи қиматҳои функсия ном доранд. Аргументҳои функсияҳои истеҳсолӣ ҳамеша қимати ғайриманфӣ қабул мекунанд, бинобар ин, қимати функсияҳои истеҳсолӣ низ ғайриманфӣ мебошад.

• Агар ба ҳар як $n$-то тағйирёбандаи $(x_1, x_2, x_3, ..., x_n) \in D$ мувофиқи ягон қонун ё қоидаи $f$ ягона адади ҳақиқии $z \in Z$ мувофиқ гузошта шавад, он гоҳ функсияи $z = f(x_1, x_2, x_3, ..., x_n)$ дар маҷмуи $D$ муайян аст. Тағйирёбандаҳои новобастаи $x_1, x_2, x_3, ..., x_n$ - аргументҳо, тағйирёбандаи вобастаи $z$ - функсия номида мешаванд.

Донишҷӯён бо якчанд функсияҳои бисёртағйирёбанда шинос ҳастанд.

Аз он ҷумла:

а) ҳаҷми параллелепипеди росткунҷа $V = abc$, ки дар ин ҷо $a, b, c$-мувофиқан дарозӣ, бар ва баландии параллелепипед мебошанд. Яъне, ҳаҷми параллелепипеди росткунҷаро ҳамчун функсияи сетағйирёбанда дида баромадан мумкин будааст.

б) мувофиқи формулаи Герон, масоҳати секунҷа ба $S = \sqrt{p(p-a)(p-b)(p-c)}$ баробар аст, ки дар ин ҷо $a, b, c$- дарозии тарафҳои ин секунҷа буда, $p = \frac{a+b+c}{2}$ – нимпереметр мебошад. Яъне, масоҳати секунҷа ҳамчун функсияи сеаргумента (дарозии се тарафи он) ифода намудан мумкин аст;

в) қувваи гравитатсионии кашиши байни ду ҷисм $F = \frac{\gamma m M}{R^2}$ , ки дар ин ҷо $m$, $M$-мувофиқан массаи ҷисмҳо, $R$-масофаи байни онҳо ва $\gamma$- доимии гравитатсинӣ мебошанд.

Ҳама инҳо мисолҳои функсияҳои сеаргументаи новобаста ва ё сетағйирёбанда мебошанд.

Бо баъзе мисолҳои одии функсияҳои бисёртағйирёбандаи иқтисодӣ шинос мешавем:

а) корхона $n$ намуди маҳсулотро истеҳсол намуда, мувофиқан бо нархҳои $p_1, p_2,\dots p_n$ мефурӯшад. Агар ҳаҷми фурӯши маҳсулот ба $x_1, x_2,\dots, x_n$ баробар бошад, он гоҳ даромад аз фурӯши маҳсулот ба

$$W = p_1x_1 + p_2x_2 + \cdots + p_nx_n ,$$

баробар мешавад;

б) муайянкунандаи $\Delta(A)$-и матритсаи квадратии андозааш 2, функсияи ҳамаи чор элементи ин матритса мебошад. Бигзор матритсаи $A = \begin{pmatrix} 0,2 & 0,6 \\ 0,9 & 0,3 \end{pmatrix}$ дода шуда бошад, он гоҳ

$$\Delta(A) = a_{11}a_{22} - a_{12}a_{21}$$

мешавад;

в) маблағи иҷорапулӣ аз масоҳати умумии хона, шумораи истиқоматкунандагон, аз тарифи барқ, газ, оби хунук ва гарм, аз имтиёзҳое, ки истиқоматкунанда дорад, вобастагӣ дорад. Яъне, маблағи иҷорапулӣ, функсияи аз нишондиҳандаҳои ишорарафта вобастабуда мебошад;

г) андозе, ки ширкат пардохт менамояд, аз рӯйи методикаи махсус ҳисоб карда мешавад ва агар нишондиҳандаҳои ду ширкат якхела бошанд, он гоҳ андози онҳо ҳам як хел мешавад. Яъне, бузургии андоз, функсия аз ин нишондиҳандаҳо вобастабуда мебошад.

Тавре ки маълум карда будем, ҳалли масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидоштаро ба се зина ҷудо кардан мумкин мебошад [11].

Дар зинаи якум, зинаи формализатсия (башаклдарорӣ) - гузариш аз вазъи воқеӣ, ки бояд мо онро ҳал намоем, ба сохтани модели математикӣ мебошад. Дар зинаи дуюм бошад, модели математикии тартибдодашуда, ки айнан вазъи воқеиро ифода менамояд, ҳал карда мешавад. Дар зинаи сеюм, шарҳдиҳии (интерпретатсияи) ҳалли бадастовардашудаи масъала аз рӯйи модели математикиаш, барои муайян намудани мувофиқоии он ба вазъи ибтидоиаш тадқиқ карда мешавад. Ин гуна ҷудокунӣ ба формулаи дарккунии дунёи воқеӣ мувофиқат менамояд. Татбиқи ба ин гуна зинаҳо ҷудокуниро дар ҳалли масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидошта ҳангоми омӯзиши татбиқи функсияи бисёртағйирёбанда дида мебароем.

Бояд қайд намуд, ки агар ягон тасдиқот барои функсияи дутағйирёбанда дуруст бошад, он гоҳ он барои функсияи дутағйирёбандааш ихтиёрӣ низ дуруст мебошад. Бинобар ин, мо барои осонии кор ва фаҳмотар будани баён фикру андешаҳоямонро барои функсияи дутағйирёбанда дида мебароем.

**Фоидаи максималӣ аз фурӯши молҳои гуногун**

Бигузор $X, Y$– миқдори маҳсулот, $p_1$, $p_2$,– нархи ба ин молҳо мувофиқоянда бошанд. Он гоҳ функсияи хароҷот бо

$$C = C(X, Y),$$

функсияи истеҳсолӣ бо

$Q = f(X;Y)$ ,

функсияи фоида бо

$\pi = f(X;Y) - C(X, Y)$

ифода мешаванд.

Барои ёфтани фоидаи максималӣ қадамҳои зеринро иҷро мекунем:

1. Ҳосилаҳои хусусии ин функсияро меёбем.

2. Ин ҳосилаҳоро ба сифр баробар намуда, нуқтаҳои ба экстремум шубҳанок (статсионарӣ) - и функсияро меёбем.

3. Шарти кифоягии экстремуми функсияро месанҷем.

4. Экстремуми функсияро дар нуқтаи статсионарӣ тадқиқ мекунем.

5. Фоидаи максималиро меёбем.

**Масъалаи 1.** Функсияи истеҳсолӣ (бо ифодаи пулӣ) намуди $Q(x, y) = 60x^{\frac{1}{2}}y^{\frac{1}{3}}$ –ро дорад, дар ин ҷо $x$-миқдори воҳиди захираи якум, $y$- миқдори воҳиди захираи дуюм мебошанд. Арзиши як воҳиди захираи якум -10 сомонӣ ва дуюм - 20 сомонӣ мебошад. Фоидаи максималӣ бо истифодабари аз ин ду намуди захираҳо ёфта шавад.

**Зинаи формализатсия.** Пеш аз ҳал намудани масъала, устод бо донишҷӯён баъзе мафҳумҳои иқтисодиро вобаста ба шарти масъала бо тарзи саволу ҷавоб хотиррасон менамояд.

**Устод:** Функсияи истеҳсолӣ гуфта, чиро мефаҳмед?

**Донишҷӯи А.:** Функсияи истеҳсолӣ гуфта вобастагии ҳаҷми истеҳсоли молро аз омилҳои истеҳсолӣ фаҳмидан мумкин аст.

**Устод:** Дуруст. Боз кӣ чӣ гуна шарҳ дода метавонад?

**Донишҷӯи Б.:** Функсияи истеҳсолӣ танҳо миқдори баромадро нишон медиҳад, ки як ширкат метавонад ҳамчун вазифаи миқдори захираҳои истеҳсолӣ истеҳсол намояд. Шакли функсионалии функсияи истеҳсолӣ вобаста ба равандҳои технологӣ ва истеҳсолот, ки ширкат истифода мебарад, вобаста аст.

**Устод:** Офарин. Дуруст. Канӣ, кӣ мегӯяд, захира гуфта, чиро меноманд?

**Донишҷӯи В.**: Дар назарияи иқтисодӣ мафҳуми «захираҳо» гуфта, маҷмуи унсурҳои гуногуни истеҳсолотро мефаҳманд, ки дар ҷараёни тайёр намудани неъматҳои моддӣ ва маънавӣ истифода бурда мешаванд.

**Устод:** Дуруст. Ба захираҳои иқтисодӣ кадом намуди захираҳо дохил мешаванд?

**Донишҷӯи В.**: Захираҳои табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ.

**Устод:** Дуруст. Фоида чист?

**Донишҷӯи А.**: Фоида гуфта, фарқи байни даромади умумӣ аз тамоми хараҷотро меноманд.

**Устод:** Офарин. Канӣ, кӣ мегӯяд, даромад ва хароҷот гуфта, чиро мегӯянд?

**Донишҷӯи Б.**: Даромади умумӣ гуфта, маблағеро меноманд, ки пас аз фурӯши тамоми маҳсулоти истеҳсолшуда ба даст оварда мешавад.

Хароҷоти истеҳсолӣ гуфта, маблағеро меноманд, ки барои истеҳсоли маҳсулот сарф шудааст.

**Устод:** Дуруст. Акнун ба қисми моделсозӣ ва ҳалли масъала шуруъ мекунем.

Функсияи истеҳсолӣ бо ифодаи пулӣ ба даромад аз истифодаи пурраи захираҳо баробар мебошад. Он гоҳ, хароҷот барои ашёи хоми якум ба $10x$ ва ашёи хоми дуюм ба $15y$ баробар буда, хароҷот барои ҳарду ашёи хом ба суммаи онҳо баробар мешавад:

$$K(x, y) = 10x + 15y.$$

Фарқи байни даромади умумӣ аз тамоми хароҷотро, ки фоидаро ифода мекунад, дар шакли модели математикии зерин навиштан мумкин аст:

$$\pi(x, y) = Q(x, y) - K(x, y).$$

Аз ин ҷо, бо назардошти гуфтаҳои боло

$$\pi(x, y) = 60x^{\frac{1}{2}}y^{\frac{1}{3}} - (10x + 15y) = 60x^{\frac{1}{2}}y^{\frac{1}{3}} - 10x - 15y$$

мешавад.

**Зинаи ҳалли модели математикӣ**

Мувофиқи шарти масъала қимати фоидаи максималӣ бо истифодабарӣ аз намуди захираҳо бояд ёфта шавад. Бо ин мақсад ҳосилаҳои хусусии функсияи $\pi(x, y)$-ро меёбем:

$$\pi(x, y)'_x = \left(60x^{\frac{1}{2}}y^{\frac{1}{3}} - 10x - 15y\right)'_x = 60 \cdot \frac{1}{2}x^{\frac{1}{2}-1}y^{\frac{1}{3}} - 10 = 30x^{-\frac{1}{2}} \cdot y^{\frac{1}{3}} - 10;$$

$$\pi(x,y)'_y = \left(60x^{\frac{1}{2}}y^{\frac{1}{3}} - 10x - 15y\right)'_y = 60\cdot\frac{1}{3}x^{\frac{1}{2}}y^{\frac{1}{3}-1} - 15 = 20x^{\frac{1}{2}}\cdot y^{-\frac{2}{3}} - 15;$$

Ин ҳосилаҳоро ба сифр баробар намуда, нуқтаҳои ба экстремум шубҳанок (статсионарӣ) - и функсияро меёбем.

$$\begin{cases}30x^{-\frac{1}{2}}\cdot y^{\frac{1}{3}} - 10 = 0\\ 20x^{\frac{1}{2}}\cdot y^{-\frac{2}{3}} - 15 = 0\end{cases} \Rightarrow \begin{cases}30x^{-\frac{1}{2}}\cdot y^{\frac{1}{3}} = 10\\ 20x^{\frac{1}{2}}\cdot y^{-\frac{2}{3}} = 15\end{cases} \Rightarrow \begin{cases}3x^{-\frac{1}{2}}\cdot y^{\frac{1}{3}} = 1\\ x^{\frac{1}{2}}\cdot y^{-\frac{2}{3}} = \frac{3}{4}\end{cases} \Rightarrow\Rightarrow \begin{cases}3x^{-\frac{1}{2}}\cdot y^{\frac{1}{3}} = 1\\ x^{\frac{1}{2}} = \frac{3y^{\frac{2}{3}}}{4}\end{cases} \Rightarrow \begin{cases}x = 144\\ y = 64\end{cases}$$

Ҳосилаҳои хусусии тартиби дуюми онро меёбем:

$$\pi(x,y)''_{xx} = \left(30x^{-\frac{1}{2}}\cdot y^{\frac{1}{3}} - 10\right)'_x = -15x^{-\frac{3}{2}}y^{\frac{1}{3}};$$

$$\pi(x,y)''_{yy} = \left(20x^{\frac{1}{2}}\cdot y^{-\frac{2}{3}} - 15;\right)'_y = -\frac{40}{3}x^{\frac{1}{2}}y^{-\frac{5}{3}}$$

$$\pi(x,y)''_{xy} = \pi(x,y)''_{yx}$$

$$\pi(x,y)''_{xy} = \left(30x^{-\frac{1}{2}}\cdot y^{\frac{1}{3}} - 10\right)'_y = 10x^{-\frac{1}{2}}y^{-\frac{2}{3}};$$

$$\pi(x,y)''_{yx} = \left(20x^{\frac{1}{2}}\cdot y^{-\frac{2}{3}} - 15;\right)'_x = 10x^{-\frac{1}{2}}y^{-\frac{2}{3}}$$

$$\pi(x,y)''_{xy} = \pi(x,y)''_{yx}$$

$$\Delta = \pi(x,y)''_{xx}\cdot\pi(x,y)''_{yy} - \left(\pi(x,y)''_{xy}\right)^2 = 100x^{-1}y^{-\frac{4}{3}} > 0;\ \pi''_{xx} < 0.$$

**Зинаи шарҳдиҳӣ**

Аз ин ҷо нуқтаи ёфташуда нуқтаи максимум мебошад. Қимати функсияи фоида мувофиқан дар ин нуқта ба

$$\pi(x,y) = 60x^{\frac{1}{2}}y^{\frac{1}{3}} - 10x - 15y = 480\text{ в.п.}$$

баробар мешавад.

**Масъалаи 2.** Бузургиҳои талаботи $x_1$ ва $x_2$ ба молҳои нархашон мувофиқан ба 5 ва 8 сомона баробар буда ёфта шавад, агар буҷети харидор ба 1000 сомонӣ баробар буда, вай функсияи фоидаи

$$\Phi(x_1,x_2) = 10x_1^{\frac{1}{4}}\cdot x_2^{\frac{3}{4}}$$

–ро максимизиронидан хоҳад.

**Зинаи формализатсия**

**Устод:** Дар шарти масъала мо бо мафҳумҳои иқтисодии талабот, нарх ва фоида вохӯрдем. Бинобар ин мо пеш аз ҳал намудани масъала бо мазмуни иқтисодии мафҳумҳои иқтисодии номбурда ба таври мухтасар шинос мешавем.

Канӣ, кӣ мегӯяд талабот чист?

**Донишҷӯи А.:** Талабот ин эҳтиёҷоти фарди алоҳида, гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷамъият ба ягон чизе мебошад, ки барои нигаҳдории фаъолияти зист равона карда шудааст.

**Устод:** Дуруст. Боз кӣ чӣ хел таъриф дода метавонад?

**Донишҷӯи Б.:** Талабот - ин хоҳиш ва имкониятҳои истеъмолкунандагон барои харидани ягон мол бо нархи муайян, дар ҳаҷми муайян ва дар ҷойи муайян мебошад.

**Устод: Офарин.** Канӣ, кӣ қонуни талаботро боз шарҳ медиҳад.

**Донишҷӯи С.:** Чунин қонуни талабот амал мекунад: байни нарх ва ҳаҷми талабот мутаносибии чаппа мавҷуд ҳаст, яъне ҳангоми баланд шудани нарх талабот ба мол кам мегардад ва баръакс, ҳангоми паст шудани нарх талабот ба мол меафзояд.

**Устод:** Нарх чист?

**Донишҷӯи С.:** Нарх ин ифодаи пулии арзиши мол мебошад. Ва ё категорияи иқтисодӣ, ки барои чен кардани бузургии вақти кори зарури ҷамъиятӣ, ки барои истеҳсоли мол сарф карда мешавад, бевосита хизмат мерасонад.

**Устод:** Дуруст. Фоида чист?

**Донишҷӯи А.**: Фоида гуфта, фарқи байни даромади умумӣ аз тамоми хароҷотро меноманд.

**Устод:** Дуруст. Акнун ба қисми моделсозӣ ва ҳалли масъала шуруъ мекунем.

**Зинаи моделсозӣ.** Аз маҳдудияти табиӣ аз шарти масъала бароянда, маълум мегардад, ки хароҷот барои хариди мол аз маблағи нақдӣ зиёд шуда наметавонад. Яъне:

$$\begin{cases} 5x_1 + 8x_2 \le 1000 \\ x_1 \ge 0;\ x_2 \ge 0 \end{cases}$$

Дар мавриди функсияи фоида қимати калонтаринро қабул кардан, бузургии талаботро ёбед.

Ҳал. Соҳаи D бо ёрии системаи нобаробариҳои

$$\begin{cases} 5x_1 + 8x_2 \le 1000 \\ x_1 \ge 0;\ x_2 \ge 0 \end{cases}$$

дода шудааст (расми 1).



Расми

$$A = \frac{1000}{5} = 200;\ B = \frac{1000}{8} = 125.$$

1) $$\begin{cases} \frac{\partial \Phi}{\partial x_1} = \left(10x_1^{\frac{1}{4}} \cdot x_2^{\frac{3}{4}}\right)' = \frac{10}{4} x_1^{-\frac{3}{4}} \cdot x_2^{\frac{3}{4}} = \frac{5}{2}\sqrt[4]{\left(\frac{x_2}{x_1}\right)^3} \\ \frac{\partial \Phi}{\partial x_2} = \left(10x_1^{\frac{1}{4}} \cdot x_2^{\frac{3}{4}}\right)' = 10x_1^{\frac{1}{4}} \cdot \frac{3}{4} x_2^{-\frac{1}{4}} = \frac{15}{2}\sqrt[4]{\frac{x_1}{x_2}} \end{cases}$$

2) $$\begin{cases} \frac{\partial \Phi}{\partial x_1} = 0 \\ \frac{\partial \Phi}{\partial x_2} = 0 \end{cases}$$

Системаи додашуда ҳал надорад. Дар дохили соҳаи D-функсияи фоида экстремум надорад.

Ҳудуди соҳаи D-ро тадқиқ мекунем.

Дар хатти рости ОА: $x_2 = 0$.

Дар хатти рости ОВ: $x_1 = 0$.

Аз ин ҷо, дар хатҳои рости $OA$ ва $OB$ функсияи $\Phi(x_1; x_2) = 0$ мешавад.

Функсияи фоидаи $\Phi(x_1; x_2)$ қимати максималиро фақат дар хатти рости $AB$ қабул карда мешавад, ки муодилаи он намуди зеринро дорад:

$$5x_1 + 8x_2 = 1000$$

Аз муодилаи ҳосилгардида тағйирёбандаи $x_2$-ро ба воситаи $x_1$ ифода менамоем:

$$8x_2 = 1000 - 5x_1$$

$$x_2 = \frac{1000 - 5x_1}{8}$$

Барои ёфтани қимати калонтарини функсияи фоида, қимати ҳосилкардаи $x_2$-ро ба функсияи $\Phi(x_1; x_2)$ гузошта, функсияи яктағйирёбандаи

$$f(x_1) = 10x_1^{\frac{1}{4}} \cdot \left(\frac{1000 - 5x_1}{8}\right)^{\frac{3}{4}}$$

-ро ҳосил менамоем. Функсияи яктағйирёбандаи ҳосилшударо табдил дода, ба функсияи

$$f(x_1) = \frac{5}{8 \cdot \sqrt[4]{2}} \cdot \frac{1000 - 20x_1}{\left(1000x_1^{\frac{1}{3}} - 5x_1^{\frac{4}{3}}\right)^{\frac{1}{4}} \cdot x_1^{\frac{2}{3}}}$$

-ро доро мешавем.

Қимати калонтарини функсияро меёбем. Аз шарти $f'(x_1) = 0$ истифода мебарем:

$$\frac{5}{8\cdot\sqrt[4]{2}}\cdot\frac{1000-20x_1}{\left(1000x_1^{\frac{1}{3}}-5x_1^{\frac{4}{3}}\right)^{\frac{1}{4}}\cdot x_1^{\frac{2}{3}}}=0$$

$$1000-20x_1=0$$

$$x_1=50$$

Нуқтаҳои критикии функсия $x_1=50$ будааст. Акнун аломати ҳосиларо дар атрофи нуқтаи критикӣ месанҷем.




Барои ин мақсад, аломати ҳосиларо дар нуқтаҳои $x_1=27$ ва $x_2=64$ месанҷем.

$$f'(27)=\frac{575}{36\sqrt[4]{311}}>0 \text{ ва } f'(81)=-\frac{350}{231{,}04}<0$$

гардиданд.

Азбаски ҳосилаи функсия аломатро дар атрофи нуқтаи критикии $x_1$=50 аз + ба - табдил дод, бинобар ин функсияи $f$ ($x$) дар нуқтаи $x_1$=50 қимати максимумро қабул менамояд. Акнун қимати $x_2$-ро меёбем:

$$x_2=\frac{1000-5\cdot 50}{8}=\frac{1000-250}{8}=\frac{750}{8}=93{,}75.$$

Ҳамин тариқ, функсияи фоидаи $\Phi(x_1;x_2)$ қимати максималии худро барои қиматҳои $x_1=50, x_2=93{,}75$ қабул менамояд.

$$\Phi(50;\ 93{,}75)=801{,}2 \text{ в.ш.}$$

Хулоса, мо бо масъалаҳое вохӯрдем, ки онҳо мазмуни иқтисодӣ дошта, бо ёрии татбиқи ҳосилаҳои хусусӣ иҷро карда мешаванд тафаккури математикии донишҷӯёнро ташаккул медиҳанд.

**Муқарриз: Раҳимов Р.М.- профессори ДДМИТ**

**АДАБИЁТ**

1. Апанасов, П.Т. Методика решения задач по математике с экономическим содержанием / П.Т.Апанасов. - М.: Просвешение, 1976. – 65 с.
2. Высшая математика для экономистов: Учебн. пособие для вузов/ Н.Ш.Кремер, Б.А. Путко и др. Под ред. проф. Н.Ш.Кремера.-М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 1997.-439.
3. Высшая математика для экономистов: Учебн. пособие для вузов/ Серия «Высшее образование». –г. Ростов н/Д:феникс, 2004.-640с.
4. Гейл Д. Теория линейных экономических моделей / Д.Гейл. - М., Изд-во. иностранной литературы, 1963г. -418с.
5. Раҳимов, Р.М. Мисолҳои гуногуни шарҳи мазмуни иқтисодии мафҳуми ҳосила ва татбиқи он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ / Р.М.Раҳимов, М.Н.Солиев // Паёми ДМИТ. – 2014. – №2. – С.131-136.
6. Солодовников А.С. Руководство к решению задач по курсу «Математика в экономике» / А.С.Солодовников, И.Г. Шандра. - М.,1996г.
7. Солиев, М.Н. Татбиқи теоремаи Ферма барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ / Солиев М.Н. // Тезисы докладов Республиканской конференции «Проблемы совершенствования бухгалтерского и налогового учета в соответствии с требованиями международных стандартов и финансовых отчетов», посвященной 70-летию заслуженного деятеля науки и техники РТ, д.э.н., профессора Уракова Дустмурода. – Душанбе: ТНУ, 2012. - С. 248-250. - 0,2 ҷ.ч.
8. Солиев, М.Н. Интихоби масъалаҳои иқтисодӣ-математикӣ вобаста ба самтҳои касбии мутахассис-иқтисодчиёни оянда / М.Н.Солиев, Р.М.Раҳимов // Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон. - №6. – Душанбе: ДМИТ, 2017. - С. 86-91. - 0,25 ҷ.ч.
9. Солиев, М.Н. Нақши ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули тафаккури математикии бакалаврҳо ҳангоми омӯзиши ҳосила ва татбиқи амалии он / М.Н.Солиев, Р.М.Раҳимов // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва бакалаврҳои ДДМИТ таҳти унвони "Таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии ҶТ дар шароити муосир: муаммоҳо ва дурнамо" бахшида ба соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021). - Душанбе: ДДМИТ, 2019. – С. 292-294. - 0,25 ҷ.ч.
10. Солиев, М.Н. Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули тафаккури математикии бакалаврҳо ҳангоми омӯзиши муодилаҳои хаттии дифференсиалӣ / М.Н.Солиев, Р.М.Раҳимов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масоили мубрами математика ва таълими он"

бахшида ба “20-солагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (ва ба 70-солагии профессор А.Э. Сатторов),(05.12). – Бохтар: ДДБ, 2020. - С. 251-254. - 0,25 ҷ.ч.
11. Солиев М.Н. Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули тафаккури математикии бакалаврҳо ҳангоми омӯзиши интеграли муайян / М.Н.Солиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISSN 2074 -1847). - №1. – 2019. – С. 303-307. - 0,25 ҷ.ч.
12. Сасова, И.А. Теория и практика экономической подготовки школьников к труду в новых условиях хозяйствования: Автореф. дис. канд. пед. наук / И.А.Сасова. – М., 1990. - 36 с.
13. Тошматов, А. Интернациональное воспитание учащихся V-VIII классов в процессе преподавания таджикской литературы: Дис. канд. пед. наук / А.Тошматов. – Душанбе, 1979. - 222 с.
14. Файзуллаев, Ш.Н. Подготовка студентов педвузов к работе по экологическому воспитанию школьников: Дис. канд. пед. наук / Ш.Н.Файзуллаев. – Ташкент, 1991. - 250 с.
15. Файзуллаев, Ш.Н. Подготовка студентов педвузов к работе по экологическому воспитанию школьников: Дис. канд. пед. наук / Ш.Н.Файзуллаев. – Ташкент, 1991. - 250 с.
16. Шпак, А.Т. Совершенствование организации экономического образования и воспитания старшеклассников: Автореф. дис. … канд. пед. наук / А.Т.Шпак. – Киев, 1984. - 25 с.

## ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИДОШТА ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ ОЛӢ БА ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСИ ИҚТИСОДӢ

Рушди илми муосири иқтисодӣ бо татбиқи васеи методҳо ва моделҳои математикӣ тавсиф карда мешавад. Методҳои математикӣ яке аз қисмҳои таркибии методҳои ҳамаи илмҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла назарияи иқтисодӣ ва омори математикӣ ба шумор мераванд. Бо истифодабарии методҳо ва моделҳои математикӣ дар якҷоягӣ бо таҳлилҳои пурраи иқтисодӣ имконотҳои нав ошкор карда мешаванд.Ҳамаи фанҳои таълимӣ, дар маҷмуъ, як чизи бутун - табиати атрофу инкишофи ҷамъияти инсониро меомӯзанд. Ба сифати мисол алоқаи байниҳамдигарии фанҳои математикаю иқтисодӣ.Амиқу бошуурона аз худ кардани асосҳои фанни математика на фақат ба омӯзиши минбаъдаи худи фан асоси устувор мегузорад, балки татбиқи амалии математика имконияти дуруст ба роҳ мондани таълими фанҳои дигари донишгоҳиро, ба монанди фанҳои тамоили иқтисодӣ дошта бештару хубтар мегардонад. Дар ҳақиқат, математика аслиҳаи тавоноест дар роҳи ҳалли масъалаҳои марбут ба иқтисодиёти муосир. Методҳои математикӣ кайҳо боз дар ҳалли масъалаҳои муҳимми иқтисодиёт истифода мешаванд. Дар раванди ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодӣ дошта, донишҷӯён донишҳои иқтисодии худро ҳангоми таҳлилу муҳокимароніҳои гуногуни математикӣ сайқал дода, ба ҳалли масъалаҳои мушкилтар беш аз беш омода мегарданд.Алоқаи математика ва фанҳои тамоили иқтисодӣ дошта дар шаклу вазъиятҳои гуногун ба амал баровarda мешавад.

**Калидвожаҳо:** тарбияи иқтисодии донишҷӯён, ҷараёнҳо, ҳодисаҳои иқтисодӣ, моделҳои математикӣ, алоқамандии байни фанни математика бо фанҳои иқтисодӣ, дифференсиал, кам кардани ҳаҷми хараҷотҳо-захираи музди меҳнат, арзиши аслӣ-ҳосилнокии меҳнат, ҳаҷми маҳсулот, ҳаҷми даромад.

## РЕШЕНИЕ ЗАДАЧ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОДЕРЖАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ВЫСШЕЙ МАТЕМАТИКИ СТУДЕНТАМ ЭКОНОМИЧЕСКИХ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ

Развитие современной экономической науки характеризуется широким применением математических методов и моделей. Математические методы являются одной из составляющих методов всех экономических наук, в том числе экономической теории и математической статистики. Использование математических методов и моделей в сочетании с тщательным экономическим анализом раскрывает новые возможности.Все учебные предметы изучают в целом одно - природу окружающей среды и развитие человеческого общества. Например, взаимосвязь математики и экономики. Глубокое и осознанное овладение основами математики не только закладывает прочную основу для дальнейшего изучения самого предмета, но и применение математики позволяет правильно и лучше преподавать другие вузовские предметы, например, экономические. На самом деле, математика — мощное оружие в решении проблем, связанных с современной экономикой. Математические методы уже давно играют важную роль в решении важных экономических задач. В процессе решения задач экономического содержания студенты оттачивают свои экономические знания в ходе различных математических анализов и дискуссий и становятся все более готовыми к решению более сложных задач.
Связь между математикой и экономическими предметами осуществляется в разных формах и ситуациях.

**Ключевые слова:** математическое мышление, дифференциал, формализация, математическая модель, экономические интерпретации, себестоимость, производительность труда, заработная плата, объём производства, объём прибыли.

## SOLVING PROBLEMS OF ECONOMIC CONTENT IN THE PROCESS OF TEACHING HIGHER MATHEMATICS TO STUDENTS OF ECONOMIC SPECIALTIES

The development of modern economic science is characterized by the wide application of mathematical methods and models. Mathematical methods are one of the components of the methods of all economic sciences, including economic theory and mathematical statistics. Using mathematical methods and models in combination with thorough economic analysis, new opportunities are revealed.All educational subjects study one thing as a whole - the nature of the environment and the development of human society. As an example, the relationship between mathematics and economics. Deep and conscious mastering of the basics of mathematics not only lays a solid foundation for the further study of the subject itself, but the application of mathematics makes it possible to properly teach other university subjects, such as

economic subjects, more and better. In fact, mathematics is a powerful weapon in solving problems related to modern economics. Mathematical methods have played a role in solving important economic problems for a long time. In the process of solving problems of economic content, students polish their economic knowledge during various mathematical analyzes and discussions and become more and more ready to solve more difficult problems. The connection between mathematics and economic subjects is carried out in different forms and situations.

**Key words:** Mathematical thinking, differential, formalization, mathematical model, economic interpretations, cost, labor productivity, wages, production, arrived.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Солиев Мирзон Норович* –** Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи математикаи олӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **777071906**

**Сведение об авторе:** ***Солиев Мирзон Норович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры высшей математики. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **777071906**

**Information about the author:** ***Soliev Mirzon Norovich* -** Tajik State Financial and Economic University, Senior Lecturer of the Department of Higher Mathematics. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. E-mail: **mdanayeva0408@mail.ru.** Phone: **777071906**

**МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ**

**ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ**


***Мирзоев Н.М.*** Ҳолат ва дурнамои робитаҳои Тоҷикистон ва Россия дар даврони муосир *5*

***Саидов Х.С., Шарипов М. Ф.*** Тағйиротҳои сиёсӣ дар оғози солҳои 30-юми қарни XX дар Афғонистон ва ташаккули фаъолияти қонунгузорӣ доир ба муосирсозии идоракунии давлатӣ: ҷанбаҳои таърихию назариявӣ……… *12*


**ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ**


***Аминов Ф.А.*** Эвалд Иленков: «Феномени Ҳелен Келлер» ва қобилияти маърифатии инсон……………… *18*

***Амондуллоев Б.С.*** Баррасии мухтасари назарияи қиёс дар мантиқи Ибни Сино………… *26*


**ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ**


***Шарифзода Файзулло, Лутфуллоев Махмадулло, Негматов С.Э.*** Деятельность инновационных учебных заведений в образовательном процессе………… *35*

***Каримова И.Х., Кадырова М.Б.*** Качество образования: взгляд на оценивание…………… *41*

***Ибрагимова И.А.*** Применение различных технологий обучения русскому языку на факультете управления и экономики………… *48*

***Курбонхолов Т.Т.*** Деятельность Физико-технического института имени С.У. Умарова в годы государственной независимости Республики Таджикистан (1991-2012 гг.)………… *54*

***Кубланов А.М.*** Профессиональная подготовка и перспективы трудовой деятельности спортивных тренеров и преподавателей физической культуры *65*

***Метинбоева Н.К.*** Педагогическое проектирование деятельности учителя по педагогическому общению………… *71*

***Ахророва М.Х., Махмудова Н.Н.*** Введение единой многофункциональной школьной формы в Республике Таджикистан………… *77*

***Сабуров У.С.*** Теоретические и практические предпосылки трудового воспитания в системе этнопедагогики *83*

***Бабаджанов Б.М.*** Педагогический синкретизм и когнитивная модель специалиста гуманитарных наук цифровой эпохи………… *90*

***Давлатов М.И.*** Приемы различения глаголов совершенного и несовершенного вида на занятиях русского языка………… *97*

***Ҳусейнов Н.М.*** Принсипҳои ахлоқи умумибашарӣ дар ашъори суфиёнаи Ҷалолуддини Балхӣ *104*

***Азизов С. Н.*** Муруре ба масоили тадриси худшиносӣ ва арзишҳои миллӣ дар педагогикаи муосир *111*

***Species Бобоҷонова Н.Д., Мансурова А.Р.*** Ташхиси мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон........ *118*

***Раҳимова Г., Манонова Р.А., Аюбова Д.А., Раҷабова Н.Р.*** Ақоиди педагогӣ дар шоҳасарҳои «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ………… *127*

***Ҷӯраева М.З.*** Низоми арзишҳо дар тарбияи хонандагони муосир………… *133*

***Малолай Дақиқ*** Истифодаи технологияҳои модулӣ дар машғулиятҳо аз фанни география…………….. *138*

***Сафия Султонӣ*** Методикаи таълими биология ҳамчун фанни таълимӣ………… *143*

***Тайиба Фазлӣ*** Таърихи рушди донишҳои ҷуғрофӣ………… *149*

***Уроқов М.Д.,Бобоев Б.Ҷ.*** Ташаккули фаъолияти касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар таълими фанни химия………… *154*

***Қосимова Ф.Ҳ.*** Инъикоси ғояҳои таълими рушддиҳанда дар ақидаҳои педагогии олимони асри XX......... *160*

***Сафаров Ш.А., Миралиён Хайрулло Абдусалим*** Масъалаҳои омодасозии донишҷӯён ба истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди тарбияи ҷисмонӣ………… *167*

***Шарипов Ш.Б.*** Мавқеъ ва нақши бонувон дар рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Тоҷикистон *175*

***Каримова М.М.*** Оила ҳамчун сарчашмаи таълиму тарбия ва ҷузъи асосии ҷомеа дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ………… *183*

***Садуллаева Маҳина*** Ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии мултилингвиалӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот бо назардошти низоми кредитии таҳсилот………… *191*

***Ғайратова К.А.*** Нақши оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ- фарҳангӣ дар тарбияи ҷавонон………… *198*

***Ҷалилова Мушки, Досаков Мумин*** Ташаккули қобилияти маънавӣ ва эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ........ ***204***

***Қодирзода Р.С.*** Равишҳои ташкили омӯзиши босамари фанни технологияи иттилоотӣ дар синфи 5 бо ёрии бозиҳои дидактикӣ ........ ***209***

***Баротзода К.А***. Фаъолияти мустақилонаи омӯзгорони ояндаи биология ҳамчун зуҳуроти фаъолияти тадқиқотии онҳо дар донишгоҳи омӯзгорӣ........ ***216***

***Мирзоев А.М.*** Шинос кардани хонандагон ба офати табиии «лағжиши замин (ярч)» зимни омӯзиши мавзӯи «қувваҳои соиш» дар синфи Х........ ***230***

***Ҳошимова Ш.Ф.*** Бонуи ҳунарманд ва рушди эҳёи сӯзанидӯзӣ........ ***236***

***Бурҳонов Қ.Т., Юсупова З.А.*** Ҳалли масъалаҳои синфҳои ибтидоӣ........ ***242***

***Раҷабов В.Д.*** Шаклҳои аёнӣ – иттилоотии ташкили муошироти омӯзгорону волидайн дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ........ ***249***

***Раҷабова Н.С.*** Мавқеи интернет дар ташкили корҳои беруназсинфӣ........ ***257***

***Раҷабов У.Х., Умаров У.С.*** Татбиқи алгоритми ҳалли масъалаҳо доир ба мавзуи «қонуни бақои энергияи механикӣ» дар синфи Х........ ***268***

***Нугмонов М., Раҳимов А.А., Одилов З.Р.*** Асосҳои назариявии муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар шароити низоми кредитии таълим........ ***279***

***Солиев М.Н.*** Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар раванди таълими математикаи олӣ ба донишҷӯёни ихтисоси иқтисодӣ........ ***287***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания **(**www.vestnik-tnu.com**).**

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2022. №9**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 15.11.2022 г.**